Это все говорит о том, что форма общего падежа английских имён существительных для выражения всех падежных отношений русского языка не обладает соответствующими падежными флексиями, кроме функции родительного падежа. То же самое можно говорить о нулевой форме имён существительных таджикского языка. Специального анализа требуют форма притяжательного падежа английских имён существительных и её соответствия в таджикском языке. В этой статье будут рассмотрены два значения этой категориальной формы. Первым основным значением формы генитива или притяжательного падежа английских имён существительных является значение принадлежности к какому- нибудь предмету или предметам. Например: The teacher rejected John s answer. Муаллим чавоби Ҷонро рад кард. Как видно между существительным John и answer обнаруживается значение принадлежности, то есть, ответ принадлежит Джону. Данное категориальное значение выражено морфологическим показателем апострофа-s. Если сравнить словосочетание Джон s answer с таджикским эквивалентом ҷавоби Ҷон становиься

ясно, что таджикские имена существительные Ҷон и ҷавоб, находясь в атрибутивном отношении связаны при помощи изафета–и. Разница между словосочетаниями английского и таджикского языков заключается в том, что формант притяжательного падежа присоединен к слову Ҷон, тогда как таджикский эквивалент этого форманта – и- присоединен не к слову он, а к данному существительному в английском языке препозитивно.

Анализ многочисленных переводных примеров с английского на таджикский язык свидетельствует о том, что почти во всех случаях выражения значения принадлежности английский формант притяжательного падежа апостроф's соответствует таджикскому изафету –и-. Разница в том, что формант' s считается падежной флексией, тогда как таджикский изафет не входит в парадигму падежа имён существительных. Так как в категории падежа в таджикском языке отсутствует -и –таджикский -и- считается единицей синтаксического падежа служащей для установления синтаксической связи между определением и определяемым. У формы притяжательного падежа есть и другое значение, в котором свидетельствует следующей пример. Officer 's caps are sold in this shop. Дар ин магоза кулоҳҳои аскариро мефурӯшанд. Как видно между словами officer 's и caps обнаруживается не значение принадлежности, т.е. это словосочетание не предлагает значения принадлежности шапок к офицеру. Здесь подразумевается значения относительности, что подтверждается следующей трансформацией этого словосочетания: caps for officers: отсутствие значение принадлежности наблюдается и в таджикском переводе этого словосочетания, в котором предполагается то же самое значение, что и в английском языке. Очень свидетельствует следующая трансформа кулоҳ, барои аскарон. Обращает на себя внимания и форма таджикского ссловосочетания, в котором в отличие от предыдущего случая, изафет –и- соединяет не два существительных, а существительное кулоҳ и относительное прилагательное кулоҳ и относительное прилагательное аскарӣ. Исходя из этого можно прийти к заключению, что английский апостроф'-s- может выражать значение относительности, которое передается на таджикский язык, не только изафетом, но также и производным прилагательным, образованным от имени существительного афсар и словообразовательной морфемы и имен прилагательных, И в этом случае структура словосочетания образованного при помощи апострофа's в английском и изафета –и- в таджикском резко противоположны друг другу. В английском языке определение стоит перед определяемым словом, тогда как в таджикском наоборот.

Таким образом, английский формант –s- обладает двумя категориальными значениями принадлежности и относительности. Первое значение выражается таджикским изафетом –и, а второе изафетом, а также словообразовательной морфемой имён прилагательных. Позиции компонентов словосочетаний образованных при помощи апострофа 's изафетом -и- резко противоположны друг другу, что зависит от синтаксических особенностей этих двух языков.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Gvishiani N.B. Modem English Studies. Lexicology/ N.B.Gvishiani.- Moscow, 2002.
2. Bloomfield L. Language/ L. Bloomfield. -N.Y. 1933.
3. Burlakova V. Contribution of English and American Linguists to the Theory of Phrase/ V.Burlakova.- Moscow, 1971.
4. KaushanskayaV.L. A Grammar of the English Language/ V.L.Kaushanskaya, R.L.Kovner. - Moscow, 2008.

О ДВУХ ЗНАЧЕНИЯХ ПРИТЯЖАТЕЛЬНОГО ПАДЕЖА АНГЛИЙСКИХ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ И ИХ ТАДЖИКСКИЕ СООТВЕТСТВИЯ ''

В данной статье рассмотрены способы *выражения* притяжательного падежа английских существительных и их таджикские соответствия *и* особенности построения падежей в таджикском и английском языках, которой предварялись некоторые теоретические вопросы образования свободных глагольных словосочетаний с объектными отношениями. Анализ многочисленных переводных примеров с английского на таджикский язык свидетельствует о том, что почти во всех случаях выражения значения принадлежности английский формант притяжательного падежа апостроф's соответствует таджикскому изафету –и-.

Ключевые слова: особенности построения падежей в таджикском и английском языках, переводные примеры с английского на таджикский язык, способы выражения притяжательного падежа.

THE TWO VALUES OF POSSESSIVE CASE OF NOUNS AND THEIR TAJIK COMPLIANCE

This article deals with the ways of expressing of English nouns and their Tajik compliance and the characteristics of building of cases in Tajik and Russian languages, which were preceded by some theoretical issues of free verb phrases with object relations. The analysis of numerous examples from English into Tajik language indicates that in almost all cases, the expression values of formants English possessive apostrophe's mortality corresponds to the Tajik-and-izafetu.

Key words: characteristics of building cases in the Tajik and Russian languages, translated examples from English to Tajik language, ways of expressing a possessive case.

Сведение об авторе: ***Ходжаева С.О.*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков, Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции,
Телефон: **(992) 919-29-11-20.** E-mail: **surayohon8008gmail@com.**

ВИДЫ ЗАНЯТИЙ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ В НАЧАЛЬНОЙ ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ

З. А. Абишова
Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде

Программой по русскому языку для нерусской начальной школы предусмотрены следующие виды занятий:

1. Развитие речи
2. Чтение
3. Письмо
4. Словарная работа.

Остановимся кратко на каждом из указанных видов занятий.

I. Развитие речи. Работа по развитию речи должна занимать при изучении языка исключительно важное место, начиная с добукварных занятий и кончая последним классом средней школы.

Развитие речи имеет целью:

а) накопление необходимого запаса слов,
б) усвоение их значений,
в) выработку правильного произношения,
г) усвоение строя русской связной речи,
д) усвоение грамматических форм и их связи в предложении,
е) работу над построением предложения.

В основу первоначального обучения языку кладётся устная речь учащихся. Добукварный период посвящён исключительно разговорным урокам (16 часов). Они являются основной формой непосредственного практического усвоения учащимися русской разговорной речи.

В добукварный период учащиеся знакомятся с небольшим запасом (до 150) слов, с правильным их произношением и пониманием, с простейшими грамматическими формами.

Вот примерный объем знаний и навыков, которые учащиеся должны получить к концу добукварного периода. Они должны научиться:

а) различать по слуху отдельные слова в несложной русской речи (анализ речи);

б) делить слова на слоги (слоговой анализ) и правильно ставить ударения в заученных словах;

в) выделять из слогов и односложных слов отдельные звуки (звуковой анализ);

г) различать гласные и согласные звуки и выделять их из слов по заданию;

д) понимать различие между звуком и буквой;

е) правильно (к месту) ставить вопросы: **кто это? что это?** и давать на них положительные ответы: ***Это ученик. Это парта и т. д.;***

ж) давать отрицательные ответы с добавлением слов **нет** и отрицания **не:** ***Нет, это не стол;***

з) давать отрицательно-положительные ответы:

***Нет, это не стол, это парта. Нет, это парта*;**

и) понимать вопросы: **Кто тут? Кто там? Что тут? Что там?** и отвечать на них фразами: ***Тут Умар. Там Карим. Тут парта. Там стол:***

к) понимать вопрос**: где?** в двух значениях: **на чем? в чем?** и отвечать на этот вопрос с добавлением слов (предлогов) **на, в**: ***на парте, в сумке:***

л) понимать вопросы учителя: **Что ты делаешь? Что вы делаете?** И отвечать на них: ***Я пишу. Мы пишем:***

м) понимать вопрос **что делает?** Уметь ставить этот вопрос в нужных случаях и отвечать на него**: *Учитель говорить. Ученик пишет:***

н) понимать обращение – распоряжение учителя: ***встань, встаньте, сядь, сядьте, иди сюда, иди к доске, читай, повтори и т. п.***

о) построить простую фразу типов:

1. **Название предмета и слова, указывающие его место:** ***Мел на доске. Книга на столе.***

2. **Название предмета и его действия:** ***Ученик пишет.***

3. **Название предмета, действия предмета и объекта действия (предмет, на который переходит действие).** ***Ученик читает книгу.***

В дальнейшем, с переходом к чтению по букварю и после букваря, работа по развитию речи связывается с чтением, с письмом и усвоением грамматических форм.

Уроки по развитию речи в добукварный период проводятся в форме бесед об окружающих предметах и по картинкам, а с переходом к чтению – по содержанию прочитанного текста. После прочтения текста учитель ставит вопросы, ученики отвечают, обращаясь в затруднительных случаях к словам и тексту книги.

II. Чтение. Чтение наряду с работой по развитию речи в процессе освоения русского языка имеет огромное значение. Поэтому чтению программой отводится центральное место. Владея техникой чтения и понимая читаемый текст, учащийся без посторонней помощи вполне самостоятельно расширяет и углубляет свои знания по языку. Читая, учащийся усваивает: а) новые слова, б) их грамматические формы, в) предложения, г) смысловую и грамматическую (формальную) связь слов в предложении, д) связную русскую речь.

Короче, посредством чтения он учится говорить правильным литературным русским языком.

Учебным планом и программой по русскому языку для нерусских начальных школ и соответствующих классов для чтения отводится 50% времени, положенного в этих школах на изучение русского языка.

Задача учителя русского языка в нерусской школе сводится к тому, чтобы научить учащихся:

а) технике чтения и б) сознательному чтению по-русски.

Техникой чтения требуется:

1. чтение без пропусков и без перестановки букв в словах;
2. чтение без искажения слов (недоговаривание, прибавление лишних звуков);
3. чтение без повторения слова или его части (запинки при чтении);
4. чтение с соблюдением интонации (не монотонное);
5. чтение с соблюдением пунктуации (точка, вопросительный и восклицательный знаки).

Чтение, удовлетворяющее указанным требованиям, называется выразительным чтением.

Овладеть техникой чтения-это значит научиться выразительному чтению. Выразительное чтение лежит в основе сознательного чтения: без выразительного чтения нельзя научить сознательному чтению нерусского учащегося.

Сознательное – это такое чтение, при котором учащийся в процессе чтения понимает и усваивает смысл прочитанного.

Сознательное чтение требует от учащегося, чтобы он:

1. понимал значение каждого слова отдельно и в контексте;
2. понимал смысловую связь слов в предложении;
3. понимал строй связной русской речи.

Требование программы «научить понимать русскую речь» значит: научить **выразительному** и **сознательному** чтению.

Тому и другому нужно учить одновременно: это две внутренне связанные между собой стороны единого процесса чтения.

Как этого добиться?

Ещё в период добукварных занятий нужно начать, а в дальнейшем, на всех уроках по развитию разговорной речи учащихся, систематически проводить работу:

а) по разъяснению и уточнению значения русских слов;

б) по разъяснению значения тех же слов в связной речи - в различных сочетаниях их с другими словами;

в) по ознакомлению учащихся с ударениями и их значением в русских словах;

г) по выправлению речи [выработка навыка правильного (фонетического) с соблюдением ударений произношения слов и предложений с этими словами];

д) по ознакомлению с построением предложений;

е) по упражнению в правильном интонационном произношении предложений повествовательных, вопросительных и восклицательных.

При переходе к чтению, продолжая ту же работу над словом и предложением, нужно обратить особенное внимание на смысловую связь предложений, описывающих отдельный эпизод, картину или явление.

Нужно объяснить учащимся, как обозначаются ударения в словах, и настойчиво добиваться чтения с соблюдением ударений.

Нельзя оставлять ни одной ошибки без исправления в произношении слов и в чтении предложений, т. к. неисправленная ошибка воспринимается, усваивается и запоминается учащимися как факт, не подлежащий сомнению, а это ведёт к накоплению в речи учащихся неправильностей, с которыми в дальнейшем уже трудно бороться.

Для упражнения в развитии техники чтения нужно давать заранее объяснённый со стороны содержания текст.

При этом нельзя ограничиваться одним только чтением, а исчерпывать подходящими вопросами смысл отдельных предложений и содержание прочитанного в целом, не прибегая к переводам.

Нужно оставить совершенно вредную практику переводить каждое слово или целое предложение на родной язык вслед за их прочтением, т. к. в этом случае у недостаточно овладевших языком изучаемый язык заслоняется переводом, а дословный перевод русских предложений, кроме того, искажает правильное построение предложений на родном языке.

Прямой и обратный переводы, как отдельный от чтения вид занятий, необходимо вводить в практику, когда учащиеся будут к этому достаточно подготовлены, т.е. когда они в достаточной степени овладеют грамматикой родного языка и элементарным кругом знаний по грамматике русского языка.

В начальной школе и соответствующих классах в качестве проверки правильного понимания содержания прочитанного вместо перевода, необходимо практиковать свободный пересказ прочитанного на родном языке.

Учитель должен учитывать все отмеченные моменты и самым тщательным образом готовиться к проведению уроков чтения. Со стороны техники он должен сам давать образцы правильного чтения учащимся.

III. Письмо. При обучении русскому языку письмо нужно рассматривать с двух сторон: а) со стороны техники и каллиграфии и б) как особый вид занятий по укреплению орфографических навыков и по развитию письменной речи учащихся.

Относительно техники письма программа требует: «Надо, чтобы, помимо усвоения звуков и правильного чтения слов и фраз, ученики усвоили за букварный период правильное каллиграфическое написание всех букв (больших и малых) и могли свободно и правильно без отрыва руки написать слова и короткие фразы».

А в указаниях к составлению учебников для начинающих классов обусловлено, чтобы авторы отводили не менее 100% объёма учебников образцам каллиграфически правильного письма.

К сожалению, в подавляющей массе нерусских школ не только с русским письмом, но и с письмом на родном языке дело обстоит весьма плохо. Поэтому на обучение технике

письма следует обратить самое серьёзное внимание, для чего самому учителю необходимо прежде всего выправить с каллиграфической стороны своё собственное письмо: плохо пишущий учитель не может научить правильному письму учеников.

Орфографические упражнения и умение выражать мысли в письменной форме во всех классах начальной школы должны сопутствовать чтению и развитию речи.

Виды письменных работ по русскому языку в начальной школе:

а) списывание слов и предложений с печатного и рукописного текста (с книги, с доски, с таблицы); б) списывание упражнений со вставками пропущенных букв в словах и слов в предложениях;в) подписывание картинок (рисунков) одним словом и целым предложением по содержанию картинки;

г) списывание с доски коллективно составленного рассказа или описание картинки;

д) запись вопросов и ответов на них после предварительной устной проработки;

е) запись устно составленных по данному образцу предложений;

ж) запись слов в рабочие словари с переводом на родной язык;

з) запись слов и предложений под диктовку.

Виды диктантов

1. Слуховой (письмо по слуху слов и коротких предложений, написание которых не расходится с произношением).

2. Зрительно-слуховой (письмо по слуху, после предварительной записи слов и предложений на доске и разбора их со стороны орфографии).

3. Слуховой с предупреждением ошибок.

4.В последнюю четверть в III классе и в течение всего года в IV классе нужно проводить проверочные диктанты на хорошо усвоенные орфографические правила и на знакомом учащимся словарном материале.

Все письменные работы нужно давать ученикам только после предварительного объяснения и под наблюдением учителя.

Выполненные работы непременно проверять и исправлять.

Исправленные учителем работы учащиеся должны переписывать целиком, а не только слова, в которых сделаны ошибки.

При всех видах диктантов, кроме проверочного, практиковать анализ речи, слоговой и звуковой анализы; при проверочных диктантах такую же работу проводить при разборе ошибок.

В случаях расхождения правописания слов с их произношением нужно выписывать такие слова на доске, обращая внимание на буквенный их состав и обозначаемые буквами звуки.

При диктантах научить записывать слова и предложения после предварительного повторения их учениками.

Предложения до 5 слов диктовать не по слову, а целиком, и приступать к записи их в тетради после того, как учащиеся повторят их правильно.

Диктуемые предложения, до их написания, должны быть разобраны со стороны содержания и орфографии.

Во II-х и III-х классах уроки по языку нужно планировать так, чтобы на каждом уроке имели место упражнения в развитии речи, чтении и письме.

ЛИТЕРАТУРА

1. Амонашвили Ш.Л. Здравствуйте дети!/ Ш.Л. Амонашвили.– М.: Просвещение, 1988-208с.
2. Берталанфи Л. Общая теория. Исследование по общей теории систем/ Л. Берталанфи. -М.: Прогресс.-1969.- С.520.
3. Герасимова Н.Н. Объединенный урок по чтению и русскому языку/ Н.Н. Герасимова //Нач. школа.-1991.-№2-18-20.
4. Головинская Е., Лазарев Д. Опыт ведения интегрированного курса естественных наук / Е. Головинская, Д. Лазарев // Перспективы.-1986.- №8.-С.25-28.

ВИДЫ ЗАНЯТИЙ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ В НАЧАЛЬНОЙ ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ

Уроки по развитию речи в добукварный период проводятся в форме бесед об окружающих предметах и по картинкам, а с переходом к чтению – по содержанию прочитанного текста. После прочтения текста учитель ставит вопросы, ученики отвечают, обращаясь в затруднительных случаях к словам и тексту книги.

Ключевые слова: урок, развития, речи, картинка, текст.

TYPES OF CLASSES IN RUSSIAN AT ELEMENTARY TAJIK SCHOOL

Lessons of speech development during the dobukvarny period are conducted in the form of conversations about surrounding subjects and of pictures, and with transition to reading – according to contents of the read text. After text reading the teacher raises questions, pupils answer, addressing in zatrudknitelny cases to words and the book text.

Key words: урок, развития, речи, картинка, текст.

Сведения об авторе: ***З. А. Абишова*** **–** аспирантка ТГИЯ им. Сотима Улугзаде

УСУЛҲОИ КОРБУРДИ МУРОДИФОТИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АСАРҲОИ АБДУЛҲАМИД САМАД

Нуралӣ Саидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муродифот ё синонимҳои фразеологӣ як қисми муҳимми таркиби луғавии забонро ишғол менамоянд, ки ҳангоми эҷоди ин ё он асар нависанда метавонад аз ин хазинаи бебаҳои забон истифода барад.

Дараҷаи умумияти маъно ва ё наздикмаъноии муродифоти фразеологӣ ба якдигар мутаносиб бошад ҳам, мо маънои муродифоти фразеологиро айнан якхела гуфта наметавонем, зеро одатан онҳо бо тобишҳои маъноӣ ва ё обуранги услубӣ ва ҳиссӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Ба ибораи дигар, "*танҳо ҳамон ифодаҳое синоним шуда метавонанд, ки аз рӯйи маъно ба якдигар наздик ва монанд буда, вале аз ҳамдигар бо тобишҳои ҷузъии маъноӣ ва ҷиҳатҳои услубӣ фарқ мекунанд*" [2,236].

Абдулҳамид Самад дар забони асарҳояш муродифоти фразеологиро бо усулҳои гуногун корбаст намудааст. Нависандаи хушзавқ муродифоти луғавию фразеологиро дар матн пайиҳам истифода намудааст. Агар баъзеи онҳо ҳамчун "эҳтирози нависанда аз такрор" дониста шавад: "*Муродифоти луғавию фразеологиро майли эҳтирози нависанда аз такрор бо роҳҳои гуногуни ифодаи як мафҳум, ки воҳиди луғавӣ нестанд, ба ҳам наздик месозанд*" [3,88], пас аксарият бо мақсади пурра ифода гардидани фикр ва таъсирбахш тасвир намудани ҳолати рӯҳии қаҳрамон якҷо оварда шудаанд:

Ибораҳои фразеологие, ки баъд аз синонимҳои лексикӣ кор фармуда шудаанд. Дар чунин тарзи ифода синонимҳои лексикӣ пеш аз ибораҳо омада, барои фаҳмидани маънои ибораҳои фразеологӣ имконият медиҳанд: Он вақт ситоиши онҳо ба ӯ *нафорид*, ***ба дилаш нанишаст***, балки ғашу аламашро овард (Мб.,с.8). Шояд бачаҳо ҳатто милисаҳо пай намебурданд, ки ӯ *хонагурез*, *маҳалбезор* аст; ***пояш ба хона намекашад***; хона ӯро тазйиқ медиҳад... (Мб.,с.36). Албатта, хурдсолон аз пазироиву бахшиш *шоду мамнун* ***дар курта намегунҷанд*** (Гд.,с.98). ...ӯ даме *хомӯш мемонад*, балки ***ба сукут фурӯ рафта***, гӯё *ҳалли муаммои бузург*, *кушодани кӯргиреҳи ниҳоят мушкилеро* меандешид (Гд.,с.54). *Вай ранҷид, сахт ранҷид,* ***дуд аз димоғаш баромад***. Чеҳрааш тира шуд (Кд.,с.15). Ошноҳояш ҳам *хафа, хомчанг* шуданд. ***Об аз гулӯяшон намегузарад***. Мотам гирифтанд ошноҳояш (О.см., с.312). Аз ин ҳангома мӯйсафед *карахт шуд*, балки ***ҷон аз дасту пояш баромад*** (Мс.,с.140).

Дар ҷумлаи чаҳорум ибораи фразеологии ***ба сукут фурӯ рафтан*** бо тобиши маънои *ба фикру хаёл фурӯ рафтан* [10,113] бо феъли *андешидан* (*...меандешид*) ҳаммаъност. Инчунин ибораҳои озоди *ҳалли муаммои бузург* ва *кушодани кӯргиреҳи ниҳоят мушкил* дар матн хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир кардаанд. Ҳамзамон лозим ба ёдоварист, ки воҳидҳои фразеологии матнҳои охир нисбат ба муродифоти луғавиашон матлабро барҷаста ифода намуда, ҳолати рӯҳии қаҳрамону персонажҳоро таъсирбахшу ифоданок инъикос кардаанд.

Пеш аз синоними лексикӣ омадани ибораи фразеологӣ: ...Лек раиси Усмон мисле ***ба даҳон об гирифта бошад***, хаёливу *хомӯш менишаст* (Мф., с.329). Вай пай ҳам намебурд, ки таърифҳои пай дар пайи ӯ ***ба дили бачаҳо задааст***, ба онҳо *намефорад*, ғашовар аст (Бсп,с.10). – Э Дилёб, – мӯйсафеди Некном воре одами боҳунару бобараката дар олам кам меёбӣ. ***Дасташ гул аст***, ***гул***. *Усто*, *шикастабанд*, *пайвандгар*... (Гд.,с.222). ***Димоғи Ҳасан сӯхт***, балки ӯ сахт *ранҷид* (Мш.,с.194).

Дар забони қиссаву ҳикояҳои А.Самад пеш ва баъд аз ибораҳои синтаксисӣ омадани воҳидҳои фразеологӣ низ мушоҳида мегардад. Забоншинос Б. Камолиддинов дар ин хусус чунин иброзн андеша кардааанд: «*Тағйирот дар истеъмоли воҳидҳои фразеологӣ дар услуби бадеӣ ба тарзҳои гуногун сурат мегирад. Нависанда ҳангоми баёни воқеа ибораҳои рехтаро бо ифодаҳои озоди ҳамшакл дар як ҷо кор мефармояд, дар натиҷа байни ифодаҳои аслию маҷозӣ робитаи маъноӣ барқарор гардида, маънои аслии ҷузъи маҷозан кор фармудашудаи воҳиди фразеологӣ аз сари нав «зинда» мешавад ва ба мундариҷаи умумии ифодаи рехта як навъ тозагӣ ва тароват мебахшад*» [10,93].

Чунончи, пеш аз ибораҳои синтаксисӣ корбаст гардидани ибораҳои фразеологӣ: Лекин бо одамони одӣ нишастану холисона суҳбат оростан *губори дил* ё чӣ хел мегӯянд, ***занги дилро мешустааст***, *табъро хуш мегардондааст* (Мф.,с.131). Дар кӯҳистон, дур аз шаҳру деҳ даҳмардаҳои ҷавону чӯпондухтарҳо ба якдигар чунон ***дил бой медиҳанд***, *чунон ишқбозӣ мекунанд*, ки ҳаваси кас меояд (Кд.,с.142). Чи фоида аз он дидорбинӣ, ки ***ба дили гармат оби сард резад***, *эътиқодатро аз олам биканад* (Пш.с.252).– Писар бадхоҳи падар шуд, ***бародар ташнаи хуни бародар***, *ҳамсоя дар қасди ҷони ҳамсоя афтод*. Пах, дили одам аз одам монд, – бо овози хиррӣ гуфт мӯйсафед... (Гд.,с.184). Ному насаби бадхоҳони писар аҳён-аҳён Шоҳид аз забони дигарон мешунид. Мегуфтанд, ки яктааш Абдувалист, ки ***мӯяшро дар кори савдо сафед карда***. *Марди пухта*, нармтабиат, соҳибдастархон, лек бо рақиб оштинопазир... (Мс.,с.138-139). – Ку ҳавасу ҳавсалаи саҳроравӣ? Дигар худам ба худам ***дарди сар***, *бори зиёдатӣ шудаам* (Гд.,222).

Дар мисолҳои фавқ ибораҳои синтаксисии *табъро хуш кардан, ишқбозӣ кардан, эътиқод аз олам канда шуд*, *ҳамсоя дар қасди ҷони ҳамсоя афтод*, *марди пухта*, *бори зиёдатӣ* ҳамчун синоними ибораҳои фразеологӣ омада, барои шарҳу эзоҳ ва натиҷаи онҳо хизмат кардааанд.

Ибораҳои синтаксисие, ки ба сифати синонимҳои фразеологизмҳо пеш аз онҳо истеъмол шуда, маънои пас аз худ омадаро пурра мегардонанд: Писар паҳлу мегашту нақша мекашид, ки бо чӣ роҳе аз нозанин *ниқор гираду* ***ҳисоб баробар шавад*** (ҳисобро баробар кардан ба маънои *қасоси худро аз касе гирифтан*, [10,613] (А.о.,с.151). Вале ӯ бо андешаи “обрӯям дар деҳа нарезад, Раис хафа нашавад”, – ***роз ниҳон медошту*** ба Зокир таъкид мекард, ки ***сир бой надиҳад*** (Мф.,с.336). Гуфтору рафтори Гавҳару Сифат *нусхаи ҳамдигар*, ***як себи ду тақсим аст***... (Гд.,с.97).

Пайиҳам кор фармудани ибораҳои фразеологии синонимӣ. Дар ин маврид муродифҳои фразеологӣ маънои ҳамдигарро пурра мекунанд, тасвири ҳолат барҷаста ва таъсирбахш мегардад. “Пай дар пай омадани ибораҳои фразеологии синонимӣ дар асарҳои бадеӣ яке аз ҷиҳатҳои характерноки истеъмоли фразеологизмҳо мебошад. Ин гуна ибораҳо дар забони нависанда (бештар) ва нутқи персонажҳо барои ифодаи равшани маъно, инъикоси пурраи характеристикаи воқеа ва персонажҳо бо обуранги баланди бадеӣ ва ҳаяҷонбахш тасвир намудани ҳодисаю воқеаҳо хизмат менамоянд. Дар чунин тарзи истеъмоли ибораҳои фразеологии синонимӣ маҳорату забондонӣ ва услуби хоси эҷодии нависанда зоҳир мегардад” [11,213].

– Фаҳманд, ки оянда ҷояшонро мегирӣ, бо ҳар баҳона *ба решаат теша мезананд*. Оҳо, *миёнатро чунон шикананд*, ки як умр хеста натавонӣ…(Сл., с.57). Ин ибораҳо дар нутқи персонаж тобиши маънои ба сари касе мусибате овардан, касеро ба ғаму ғусса гирифтор кардан, ба касе зарбаи рӯҳию равонӣ заданро ифода менамоянд. Ибораи якум аз калимаҳои асосию ҳамвазни *реша* ва *теша* иборат буда, дар ин асос бо санъати саҷъ бунёд гардидааст. Дар байни ибораи фразеологии *миёни касеро шикастан* ва ифодаи *як умр хеста натавонистан* водоркунии маъноӣ дида мешавад, зеро бо таъсири ибораи маҷозии миёни чизеро (дар матн *миёни касеро*) шикастан ифодаи баъдӣ маънои маҷозии пас аз вайронӣ ва ё шикасте кору бори худро аз нав ба роҳ монда натавонистан; пешрафт, тараққӣ накардани кору фаъолияти касеро ифода намудааст. Ҳамзамон дар як ҷо кор фармуда шудани ибораи рехта бо ифодаи озод маънои аслии ҷузъи маҷозан кор фармудашудаи воҳиди фразеологиро аз сари нав «зинда» кардааст, яъне пас аз миён шикастан аз ҷой бархестан, ба по рост шудан, роҳ гаштан ғайриимкон мегардад.

– Ҳа, ба касе *хушомад намезанам*, пеши касе *сар хам карда*, *дум намеликконам*... (Мб.,с.23).

Дар матни фавқ се ибораи фразеологӣ пайиҳам истеъмол гардидааст, ки ба як маънӣ далолат мекунад, аммо аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол, тобиши маъно ва обуранги ҳиссӣ тафовут доранд. *Сар хам кардан* – ВФ сермаъно буда, ду маъниро дарбар мегирад: изҳори итоат кардан ва қоил шудан [10,62]. Дар ифодаи маънои дуюм *сар хам кардан* бо ибораҳои *гардан додан*, *тан додан* наздикмаъно аст. Дар навбати худ ***гардан додан*** бо тобиши маънои *розӣ шудан* ва ***тан додан*** *–изҳори итоат кардан*, *таслим шудан* истеъмол меёбанд: Чанд рӯз боз ҳучбемор мегаштам. Ҳарчанд сусту беҳол будам, ба дард *тан надодам* (Кд.,с.77). Ибораи *сар хам кардан* дар шакли "*сари таслим хам кардан*, *сари таъзим фуруд овардан*" низ мустаъмал аст.

Ибораи *дум ликкондан* ба гурӯҳи воҳидҳои фразеологии адабии гуфтугӯйӣ дохил шуда, асоси ҳаётӣ дорад. Он нисбат ба ибораҳои *хушомад задан*, *сар хам кардан* маъниро бо обуранги ҳиссии хоса ва ифоданок инъикос менамояд. Ибораи *дум ликкондан* (хушомадгӯйӣ кардан) ба образи думликконии саг алоқамандӣ дорад. Дар ибораи озоди синтаксисии матни зайл ин нукта баръало мушоҳида мегардад: – Даҳони маро танҳоӣ дарондааст. Ту дар барам бошӣ, ин мардаки лаин аз тарс *саг барин дум меҷунбонад*... (С-с., с.130)

Дар мисолҳои дигар муродифоти фразеологии пай дар пай барои таъкид ва пурра гардонидани маънои якдигар дар сухани муаллиф корбаст гардида, амалу ҳолатҳои гуногунро ифода кардаанд. Ба маънои хафа, ғамгин шудан: *Ҳай дилаш ганда шуд, ҳай димоғаш сӯхт*, гӯё ӯро аз деҳа меронданд, сараш хам, ҷиготҳояш сар ба сар, лабу лунҷаш овезон намегиристу халос (А.о., с.143). Ба маънои бисёр зӯр задан, ҷидду ҷаҳд кардан: Барои табобаташ хуб *ҷон коҳонданд*; табиб оварданду *сар ба сангҳо зада* дору пайдо карданд… (Хаз.,с.105). Ба маънои ҳайрон шудан, дар тааҷҷуб мондан: Фарзандону наберагон *ангушти ҳайрат газиданду* шиносу ҳамсояҳо *гиребони тавба доштанд* (Ом.,с.148). Ба маънои меҳнат накардан, заҳмат накашидан, танбалӣ кардан: Одаме, ки тамоми умр *даст ба оби сард намезад*, балки *об дар шикамаш намеҷунбид*у сараш офтобро намедид, якбора ба азобу шиканҷа ва кори сангин рӯ ба рӯ омад (Мб.,с.21).

Абдулҳамид Самад аз ҷилоҳои маъноӣ ва имконоти услубии муродифот хеле моҳирона истифода намудааст. Корбурди бомаврид ва фаровони воҳидҳои фразеологии синонимӣ аз забондонии нигоранда шаҳодат медиҳад. Нависандаи хушзавқ муродифоти фразеологиро бамавқеъ истеъмол намуда, барои таҳвияти фикр баъзан тасвироти ҷолиб ва имконоти дигари забонро низ дар баробари воҳидҳои

фразеологӣ фаровон ба кор бурдааст. Ҳамин тариқ, муродифоти фразеологии дар забони асарҳои Абдулҳамид Самад мустаъмал ба мақсади эҷодии адиб ва мазмуну муҳтавои матнҳои таҳлилшуда мутобиқати пурра дошта, чун воситаи муассири услубӣ ва тасвирӣ хидмат намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Голева Г.С. Фразеология современного персидского языка / Г.С. Голева. – М.: Муравей, 2006. – 223с.
2. Ефимов А.И. Стилистика художественной речи / А.И. Ефимов. –М.: Изд-во МГУ, 1957. – 256с.
3. Камолиддинов Б. Ҳусни баён / Б.Камолиддинов. – Д.: Маориф, 1989. –118с.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Д., 1982. –104с.
5. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. –Д.: Деваштич, 2006. –406 стр.
6. Талбакова Ҳ. “Хусусиятҳои лексикӣ ва фразеологии “Маъвои дил”-и Раҳим Ҷалил”. Рис. ном. илм. филол. / Ҳ. Талбакова –Д., 1978. –165с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М.:Сов.Энцик., 1969. –Ҷ.1.–951с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М.:Сов.Энцик., 1969. –Ҷ.2.–947с.
9. Фозилов М.Фарҳанги ибораҳои рехта / М. Фозилов. –Д.: Нашр.дав.тоҷ., 1963. Ҷ.1 – 952с.
10. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта / М. Фозилов. –Д.: “Ирфон”, 1964. Ҷ.2–802с.
11. Ҳасанов И. Лексика ва фразеология. Дар асоси материали романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ / И. Ҳасанов. – Д., 1966. – 252с.
12. Шанский Н. М. Фразеология современного русского языка / Н. М. Шанский. –М.: Высшая школа, 1972. –156 с.

МЕТОДЫ ПРИМЕНЕНИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ СИНОНИМИЙ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ А. САМАДА

В данной статье исследуются фразеологическая синонимия в произведениях А. Самада, прежде всего разные методы их применения. Писатель одновреммено употребил с фразеологическими синонимами равнозначные слова и синтаксические словообразования. Для характерного описания обстоятельств и их точного и полноценного выражения писатель применил фразеологическую синонимию последовательно.

Ключевые слова: фразеологические единицы, образность, выражение, фразеологическая синонимия, свободное словообразование, методы применения, оттенки слов, индивидуальный стиль писателя.

THE METHODS OF USING PHRASEOLOGICAL SYNONYMS IN PRODUCT A. SAMAD

In given article are researched phraseological synonyms in product A. Samad, first of all different methods their using. The author has simultaneously used near by phraseological synonym of the equivalent words and free syntax word-buildings. For typical and affecting description circumstance and their exact and full-fledged expression writer has used the phraseological synonyms consecutively.

Key words: phraseological units, figurativeness, free word-building, phraseological synonymy, methods of using, tone of the words, the individual style of the writer.

Сведения об авторе: ***Саидов Н.*** – аспирант факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 938808347**

ПОЭТОНИМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ НОМИ ПЕРСОНАЖҲОИ АСОТИРӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Сомон Қурбонмамадов
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Тавре маълум аст, «Шоҳнома» асарест, ки дар он асотири бостонӣ бо ҷилою дурахши сухани шоирона ба қалам дода шудааст. Бисёре аз мазмунҳо ва қаҳрамонони асотирӣ маҳз тавассути «Шоҳнома» умри дубора ёфтаанд. Вақте сухан аз персонажҳои асотирӣ меравад, қабл аз ҳама мо ба мадракҳои таърихӣ муроҷиат мекунем, зеро бархе аз шахсиятҳои таърихӣ тавассути мазмунҳои асотирӣ ва бархи дигар тавассути сарчашмаҳои хаттӣ то замони мо омада расидаанд. Бинобар ин, мо таҳти унвони антропонимияи асотирӣ он номҳоеро дар назар дорем, ки на танҳо дар «Шоҳнома», балки дар дигар осор низ маълуму машҳуранд. Мо дар ин бахш муайян намудани мавқеи корбурди онҳо дар «Шоҳнома», корбурди ин ё он ном ва мақсади муаллифро аз истифодаи он равшан менамоем.

Пеш аз таҳлилу баррасии номҳои асотирӣ мехостем онҳоро ба қисматҳои зерин ҷудо намоем:

а) Аҳриман ва Аҳурамаздо чун тимсоли некӣ ва бадӣ;
б) номи девҳо;
в) номи ашхоси бадкеш;
г) номи фариштаҳо, парӣ;
г) дигар номҳо.

а) Аҳриман ва Аҳурамаздо

Аҳриман дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар чанд ҷой истифода шудааст. Ин вожа дар шакли «Аҳриман», «Оҳарман» ва «Оҳармано» омада, ҳамчун тимсоли бадӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ӯ худ сарчашмаи қувваи бадӣ ба ҳисоб рафта, ба муқобили Аҳурумаздо-қувваи некӣ ҳамеша дар муқовимат мебошад.

Дар забони авестоӣ дар шакли Angra mainyu омада, маънои «вайронкунанда, харобкунандаи рӯҳ, ҷон»- ро дорад [11, 104]:

*Бирафт, **Аҳриманро** ба афсун бубаст,*
Чу бар тезрав борагӣ барнишаст (1,58).

Аз назари шоир Аҳриман шахси зиндааст, ки ҳаракат мекунад, ҳарф мезанад, амалиёт мегузаронад ва амалҳоеро ба иҷро мерасонад, ки хоси инсони зиндаанд. Дар асар Аҳриман образи бадеӣ аст, ки ба мақсади ифодаи ҳадафи бадеию маърифатӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст:

Ба тадбири нахчири Кашмеҳан аст,
*Шабу рӯз дастураш **Оҳарман** аст (7,552).*

Аҳурамаздо - худои некӣ, ки ҳамеша бо Аҳриман дар муқовимат буд ва мехост ҷаҳонро аз бадӣ, аз ҳар гуна қувваҳои бадӣ нигоҳ ва пок дорад. Дар «Шоҳнома» дар шакли Ҳурмуз истифода шудааст [10, 483]:

Сари соли нав Ҳурмузи фарвадин,
Баросуда аз ранҷ тан, дил зи кин (1,64).

Яҷуҷу Маҷуҷ **-** дар афсона навъе аз махлуқот, ки бадиовар ҳисоб меёбанд [14-638].

*Зи **Яҷуҷу Маҷуҷ** хастадилем,*
Чунон шуд, ки дилҳо зи тан бугсилем (7,126).

б) номи девҳо

Фирдавсӣ ҳангоми тасвири ҳодисаҳои гуногун дар «Шоҳнома» ҳамчунин номҳои зиёди девҳоро низ ба қалам додаст, ки дар ин ё он воқеа ширкат доштаанд ва ё ин ки ҳодисаҳо вобаста ба амалиёти онҳо нақл карда мешуданд. Маънои луғавии калимаи «дев» дар фарҳангҳо чунин шарҳ дода шудааст: ***дев*** – ғӯл, махлуқе зиштрӯ ва қавиҳайкали афсонавӣ [10,127].

Дев-вожаи қадима буда, то имрӯз дар забони форсӣ-тоҷикӣ бо каме тафовути овозӣ ҳифз шудааст. Чунончи, ин вожа дар паҳлавӣ ба гунаи *dev*, дар авестоӣ *daēva*, ҳиндии бостон *dēva* корбурд доштааст. Вожаи *dev* дар қадим ба гурӯҳе аз парвардигорони (худоёни) ориёӣ шинохта мешудааст. Аммо пас аз зуҳури Зардушт ва муаррифии Аҳурамаздо парвардигорони аҳди қадим ё девон гумроҳкунандагон ва шаётин хонда шуданд, вале калима ё мафҳуми дев дар назди ҳамаи аквоми ҳиндуаврупоӣ ба истиснои эрониён маънои аслии худро нигоҳ доштааст. Дар «Шоҳнома» фаъолияти девон ва париён бо достони «Каюмарс» ва кушта шудани Сиёмак оғоз мешавад. Баъдан, Таҳмурас девонро ба корҳои мухталиф вомедорад. Сипас, Заҳҳок мехоҳад, лашкаре аз деву парӣ фароҳам оварад ва онҳоро бо мардумон даромезад ва ба ҷанги Фаридун равад. Аммо ҳузури девон дар «Шоҳнома» дар давраи паҳлавонии Рустам бештар ба мушоҳида мерасад.

Аржанг- номи як деви Мозандарон, ки Рустам ӯро куштааст [13,82]. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст:

Супурд он чӣ дид аз карон то карон,
*Ба **Аржанг** – солори Мозандарон* (2, 48).

Пӯлоди Ғандӣ - номи деве, ки Рустам вайро кушт, Ғандӣ падари Авлод ва Пӯлод дев будааст [10, 464]. Фирдавсӣ мегӯяд:

*На **Аржанг** монам, на Деви Сапед,*
На Санҷа, на Пӯлоди Ғандӣ, на Бед (2, 53).

Санҷа – номи деве (12,320). Дар «Шоҳнома» омадааст:

*Зи девон ба пеш андараш **Санҷа** буд,*
Ки ҷону дилаш з-он сухан ранҷа буд (2, 44).

Деви Сапед- номи деве. Ҳангоми ёдоварӣ аз номи девҳо Фирдавсӣ барои бархе аз онҳо номҳои хос оварда, қисми дигарро тавассути вожаҳои мураккаб ва ибораи изофӣ зимни иловаи калимаи дев овардааст (Аквондев, Деви Сапед, Пӯлод, Санҷа, Аржанг, Пӯлоди Ғандӣ, Бед ва амсоли инҳо).

*Бад-ӯ гуфт рав назди **Деви Сапед**,*
Чунон рав, ки бар чархи гарданда шед (2,44).

Аквондев- номи деве дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (2-52).

*Ки он чашмае буд, ки **Аквондев**,*
Ҷаҳон гашт аз ӯ пурфигону гирев (4,271).

Бед – 1) дарахти бесамари соядор, ки шохаҳои росту баланд дорад, бештар дар ҷойҳои сернам меруяд, хелҳои зиёд дорад; 2) шакли кӯтоҳшудаи бувед; 3) номи деви афсонавӣ дар Мозандарон [13,169]:

На Аржанг монам, на Деви Сапед,
*На Санҷа, на Пӯлоди Ғандӣ, на **Бед** (2,53).*

в) номи ашхоси бадкеш

Заҳҳок– номи подшоҳи бостонии Эрон [12,155]. Заҳҳок – 1) хандон, серханда; 2) номи подшоҳи золим дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ [13,447]:

*Набера, сипаҳдор **Заҳҳок** буд,*
Шунидам, ки Кокӯйи нопок буд (1,207).

*Ҷаҳонҷӯйро ном **Заҳҳок** буд,*
Далеру сабуксору нопок буд (1,68).

г) номи фариштаҳо, малика;

Иблис – Яке аз фариштаҳое, ки аз оташ офарида шуд, лекин ба ҳазрати Одам, ки Аллоҳ аз мушти хок офарида буд, саҷда наовард ва барои ҳамин амалаш аз олами малакут ронда шуд. Барои қасос тавассути мор ӯ Одаму Ҳавворо розӣ сохт, ки аз меваи мамнӯи биҳишт истеъмол кунанд ва ин боиси аз ҷаннат рондани онҳо гардид. Аз ҳамон давра Иблис, ки ба вай қувваҳои гуногуни бадӣ – шайтонҳо кӯмак мерасонанд, ҳамаҷониба кӯшиш мекунад, ки ба одамон зарар оварад ва ба гуноҳ тела диҳад:

*Чунон буд, ки **Иблис** рӯзе пагоҳ,*
Биёмад ба сони яке некхоҳ…

*Чу **Иблис** донист, к-ӯ дил бидод,*
Бар афсонааш гашт наҳмор шод (2,58).

Суруш – малика, малоика, паёмовар [12,344]. Суруш ҳамчун фаришта алоқаи байни офаринандаи олам ва мардумонро таъмин намуда, он ҳама дастуру илҳомҳои илоҳиро ба замин мерасонд. Суруш дар забони авастоӣ sraospa буда, аз решаи sra (srav) - «шунидан» гирифта шудааст [10,102]:

*Дуруд оваридаш хуҷаста **Суруш**,*
К-аз ин беш махрӯшу боз ор ҳуш (2,102).

Сарофил – фаришта Исрофил, ки ба ақидаи динӣ бо дамидани сур дар рӯзи қиёмат мурдагонро зинда мекардааст [10,326]:

***Сарофилро** дид суре ба даст,*
Барафрохта сар зи ҷойи нишаст (1,326).

Ё ки:

Фаришта бад-ӯ гуфт: «Номам Суруш,
Чу эмин шудӣ, дур бош аз хурӯш (9, 161).

Ҷабраил - (Ҷабраил, Ҷабрил ибрӣ; Gabri'el – марди худо) – Яке аз чаҳор фаришгаи муқарраби Ислом, ки оварандаи ваҳйи шоҳӣ бар пайғамбарон аст [12, 425]:

*Ба тан жандапилу ба ҷон **Ҷабраил**,*
Ба каф абри баҳман, ба дил рӯди Нил (1,44).

Персонажҳои асотирӣ як қисмати муҳимми персонажҳои «Шоҳнома» мебошанд, зеро қисмате аз достонҳои «Шоҳнома» заминаи мифологӣ дошта, дар асоси асотири мардуми ориёӣ эҷод гардидаанд. Ҳангоми таълифи асар шоир бархе аз номҳоро ба мазмуну мундариҷаи достонҳо мувофиқ намуда, ба аҳдофи услубӣ ба кор бурдааст.

Дар асотири қадими ориёӣ тафаккури динӣ ва дарки олами атроф бо тобишҳои гуногун инъикоси худро ёфтааст ва дар баъзе маворид дар «Шоҳнома» таҷаллии шоирона ёфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.2
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.3
4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.4
5. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.5
6. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.6
7. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7
8. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8
9. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – Ҷ.9
10. Ализода И. Фарҳанги мухтасари Шоҳнома/ И. Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.
11. Касимов Олимджон Хабибович. Картина животного мира в Шахнаме Абулькасима Фирдоуси/ Касимов Олимджон Хабибович.- Душанбе: Дониш, 2011. – 135 с.
12. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ /Муҳаммад Муин.– Теҳрон, 1375. – ҷилди панҷум.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилди якум / дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А.Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ., - Москва: Советская Энциклопедия, 1969. – 952с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ / дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А.Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – Москва: Советская Энциклопедия; ҷ. 2.,1969. – 948с.

ИМЕНА МИФИЧЕСКИХ ПЕРСОНАЖЕЙ «ШАХНАМЕ» АБУЛЬКАСИМА ФИРДОУСИ

Имена мифических персонажей «Шахнаме» Фирдоуси берут свое начало с мифологии индоиранских народностей. В «Шахнаме» в поэтической форме отражены роль мифических персонажей и подобраны их имена, которые соответсвует идейно-художественному концепцию поэта.

Ключевые слова: «Шахнаме» Фирдоуси, имена мифических персонажей «Шахнаме», роль мифических персонажей, идейно-художественная концепция поэта.

NAMES OF MUTHICAL CHARACTERS TO SHAKHNAMA FIRDOUSI

Names of muthical characters to Shakhnama Firdousi originate from mythology of the Indo-Iranian nationalities. In Shakhnama in a poetic form are reflected a role of muthical characters and their names which correspond to the ideological and art concept of the poet are picked up.

Keywords: "Shahname" Firdousi, the names of mythical characters "Shahnameh", the role of the mythical characters, ideological and artistic concept of the poet.

Сведения об авторе: ***Сомон Ҝурбонмамадов*** – преподавателькафедры таджикского языка Хорогского государственного университета им.М.Назаршоева. Телефон: **(+992) 935160148**

БАЛОҒАТУ ФАСОҲАТИ СУХАН ДАР ТАСВИРИ ҲУСНУ ҶАМОЛ ВА ЛАТОФАТУ МАЛОҲАТИ ЗАН ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Г. Сафарова

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Абулқосим Фирдавсӣ дар асари безаволи худ «Шоҳнома» ба тасвири ҳаёту зиндагӣ ва кору пайкори замон низ таваҷҷуҳи хосе намудааст. Хусусан, ӯ бо истифода аз саноеи баланди бадей тасвирҳои пурмазмун, муассир ва дилкашу марғуби ҳусну ҷамол, латофату малоҳат ва назокати занонро бо маҳорати фавқулоддаи шоирӣ қаламдод кардааст.

Аз кулли анвои саноеи бадей дар ин мавзӯъ шоир бештар аз ташбеҳу истиора истифода намудааст.

Ташбеҳу истиороти ба тасвири зан ва ҳусну ҷамоли ӯ корбастнамудаи шоир хеле табиӣ, ҷаззоб ва шевою дилназиранд.

Фирдавсӣ зан, маҳбуба ва тамоми узвҳо, хислату хӯ ва мақому мартабаи онҳоро ба ин ё он ашё, чиз ё амалу ҳолате монанд кардааст, ки ҳар яке ба вожаю ибораҳо ва таркиботи махсусе ифода ёфтаанд.

Вобаста ба ашёи ташбеҳшаванда чунин ташбеҳотро ба гурӯҳҳои зиёде ҷудо кардан мумкин аст:

1.Гурӯҳи ташбеҳоте, ки ашёи ташбеҳшаванда зан, духтар, маҳбуба мебошанд. Чунин ташбеҳот бо калимаю таркибу ибороти зиёде ифода ёфтаанд, ки дар матнҳои зерин ишора карда мешаванд:

Ба сони яке турк шуд хубрӯй,
Чу дебои чинӣ руху мушкбӯй (15,225).
Бутон дид чун луъбати Қандаҳор,
Биёроста ҳамчу хуррам баҳор (13,305).
Яке духтаре дид бар сони моҳ,
Фурӯ ҳишта аз чарх давле ба чоҳ (16,244).
Агар ё бошад маро ҳуру моҳ,
Камонаш биёрам ба наздики шоҳ (9,147).
Паси парда андар яке моҳрӯй,
Чу хуршеди тобон пур аз рангу бӯй (11,196).
Ба пеши падар шуд чу хуршеди Шарқ,
Ба ёқути зард андарун гашта ғарқ (10,301).
Ту бонуи шоҳиву хуршеди гоҳ,
Сазад, к-аз ту н-ояд бад-ин сон гуноҳ (12,34).
Чу бишнид Хоқон дилаш гашт х(в)аш,
Бихандид хотуни хуршедфаш (17,256).
Бутонро ба шоҳи навоин намуд,
Ки буданд чун гавҳари нобисуд (12,28).
Ба сарви сиҳӣ гуфт: -Бардор чанг,
Ба пеши Гушасп ой бо бӯю ранг.
Биёмад бари подшо чангзан,
Хиромон ба сони Суҳайли Яман. (16,509).
Паси пардаи Қайсар он рӯзгор
Се духтар будаш чун гул андар баҳор (15,23).
Биёроста ҳамчу боғи баҳор,
Саропой пуррангу бӯю нигор (10,255).
Або ёраву тавқу бо гӯшвор,
Зи дебову гавҳар чу боғи баҳор (1987,275).
Буторой чун ӯ набинад ба Чин
Миёни бутон чун дурахшон нигин (15,502).

2) Ташбеҳоте, ки ба рӯйи зан бахшида шудаанд.

Дар «Шоҳнома» барои ифодаи рӯй, инчунин вожаҳои рух, рухсор, рухсорагон, чеҳр, чеҳра, дидор ва ғайра истифода шудаанд, ки дар ҳар ҳар кадоме ташбеҳоти рӯй бо вожаҳои хуршед, бут ифода ёфтаанд:

Ба болой сарву чу хуршед рӯй,
Фурӯ ҳишта аз мушк то пой мӯй (15,225).
Се бутрӯй бо ӯ ба як ҷо буданд,
Суманпайкару сарвболо буданд (10,328).

Ташбеҳоти рухи зан вожаҳою ибороти беҷода, баҳор, гулистон, хун, ақиқи яманӣ, дебои чинӣ мебошанд.

Куҷо номи он румӣ Озода буд,
Ки ранги рухонаш чу беҷода буд (16, 385).
Се духтар барои ӯ нишаста чу оҷ,
Ба сар барниҳода зи пирӯза тоҷ.
Ба рух чун баҳору ба боло баланд,
Ба абрӯ камону ба гесӯ каманд (16,494).
Яке духтаре дорад он номдор,
Ба болой сарву ба рух чун баҳор (15,501).
Биёмад ба наздики Исфандиёр,
Ду рух чун гулистону гул дар канор.(15,233)
Ду чашмаш чу ду наргиси обгун,
Лабонаш чу буссад, рухонаш чу хун (10,270).
Ду рух чун ақиқи яманӣ ба ранг,
Даҳон чун дили ошиқон гашта танг (11,196).
Ба сони яке турк шуд моҳрӯй,
Чу дебои чинӣ руху мушкбӯй.
Ба болой сарву чу хуршед рӯй,
Фурӯ ҳишта аз мушк то пой мӯй (15,225).

Барои калимаи «рухсор» (рухсора) вожаи «лола» ташбеҳ шудааст:

Ду ҷодуш пурхобу пуроб рӯй,
Пур аз лола рухсору чун мушк мӯй (10,263).
Ду рухсора чун лола андар чаман,
Сари ҷаъди зулфаш шикан бар шикан (10,275).

Ба муродифи дигари рӯй вожаи дидор калимаи моҳ ташбеҳ шудааст:

Ба боло чу сарву ба дидор моҳ,
Нашоист кардан бад-ӯ дар нигоҳ (12,8).

Дар адабиёти форсу тоҷик ба кори ташбеҳ намудани зан, маҳбуба, инчунин рӯйи ӯ хеле маъмул аст.

Дар «Шоҳнома» чун ташбеҳи зан овардани вожаи «парӣ» серистеъмол аст. Ҳамин аст, ки дар асар вожаҳои паричеҳра ва парирӯй бисёр вомехӯранд.

Чу Рустам бад-он сон паричеҳра дид,
Зи ҳар донише назди ӯ баҳра дид (11,198).
Парирӯйи гулрух, бутони тироз
Бирафтанду бурданд пешаш намоз (10,265).

Чунон, ки маълум гардид, вожаҳои моҳ, гул, гулнор, гулистон, хуршед, парӣ асосан ташбеҳкунандаи орази зан, маҳбуба мебошанд. Фирдавсӣ ин калимаҳоро дар чун ташбеҳи рӯйи мардон низ истифода намудааст, ки ҳодисаест нодир. Чунончӣ:

Нахустин шоҳаншоҳро чонагӯй
Чунин гуфт, к-эй Хусрави моҳрӯй.
Намонӣ магар бар фалак моҳро,
Нашои магар Хусрави чоҳро.
Ба дидор моҳу ба болой соҷ,
Бинозад ба ту тахти шоҳиву тоҷ.
… Ба гулнор монад ҳаме чеҳри ту,
Ба шодӣ бихандад дил зи меҳри ту (16,497).

Дар тавсифи Зол:

Ки ҳаргиз надидем з-ин гуна шед,
Рухи ҳамчу гул рӯю мӯяш сапед.
Барафрӯхт Рудобаро дил зи меҳр,
Ба умеди он, то бубинад-ш чеҳр (10,269).
Ки марде гузин кард аз он анҷуман,
Ба боло чу сарви саҳӣ дар чаман.
Ба рух чун гулистону бо ёлу китф,
Ки ҳар к-аш бубинад, бимонад шигифт (15,516).

Судоба ба Сиёвуш:

Нагӯйи маро то муроди ту чист,
Ки бар чеҳри ту фарри чеҳри парист.
Ҳар он кас, ки аз дур бинад туро,
Шавад беҳушу баргузинад туро (12,29).

3. Шоир пусти бадани занро дар сафедӣ бо оҷ-устухони фил, ки маҷозан ба маънои сафед меояд, монанд кардааст:

Ки моҳест меҳробро дар сарой,
Ба як сар зи шоҳи ту бартар ба пой.
Ба болой соҷ асту ҳамранги оҷ
Яке эзадӣ бар сар оҷ мушк тоҷ (10,262).
Се духтар бари ӯ нишаста чу оҷ,
Ба сар барниҳода зи фирӯза тоҷ (16,494).

4.Қомати маҳбуба бо калимаи боло ифода шудааст ва ташбеҳоти махсусе дорад, ки бо вожаҳою иборати сарв, сарви баланд, сарви сиҳӣ, сарви озод, соҷ (дарахти баланди рост) ифода ёфтаанд.

Яке духтаре дорад он номдор,
Ба болой сарву ба рух чун баҳор (9,145).
Ба боло ба кирдори сарви баланд,
Лабонаш чу писта, даҳонаш чу ҷанд (11,217).
Ки моҳест Меҳробро дар сарой,
Ба як сар зи шоҳи ту бартар ба пой.
Ба болой соҷ асту ҳамранги оҷ,
Яке эзадӣ бар сар аз мушк тоҷ (10,262).

Баромад сияҳчашми гулрух ба бом
Чу саври сиҳӣ бар сараш моҳи том (10,272).
Зи пайванди Рустам дилаш шод гашт,
Ба сони яке сарви озод гашт (11,198).

Шабоҳат додани бадан, пайкару тани зан ҳам аз назари шоири дақиқбаёну мӯшикоф дур намондааст. Шоир бару пайкари занро ба гули сафедбарги хушбӯй, ки номаш суман аст, ташбеҳ додааст:

Се бутрӯй бо ӯ ба як ҷо буданд,
Сутунпайкару сарвболо буданд (10,328).
Чу бедор шуд Бежану хуш ёфт,
Нигори суманбар дар оғӯш ёфт (13,310).

Таъкид бояд кард, ки Абулқосим Фирдавсӣ зебоию нафосати қомати мардро низ кам аз зебоию латофати қомати зан намеҳисобад. Бинобар ин, шоир дар тавсифи қади мардон низ вожаю иборати соҷ ва сарви сиҳиро корбаст намудааст:

Нахустин шоҳаншоҳро чонагӯй
Чунин гуфт, к-эй Хусрави моҳрӯй,
Намонӣ, магар бар фалак моҳро,
Нашоӣ магар Хусрави чоҳро
Ба дидор моҳу ба болой соҷ,
Бинозад ба ту тахти шоҳиву тоҷ (16,4976).
Ки мардест бар сони сарви сиҳӣ,
Ҳамаш зебу ҳам фарри шоҳаншоҳӣ (10,270).

5.Шоир дар ташбеҳи рангу мӯйи маҳбуба вожаи «мушк»-ро ба кор бурдааст:

Ду ҷодуи пурхобу пуроб рӯй,
Пур аз лола рухсору чун мушк мӯй (10,263).
Се духтар бари ӯ нишаста чу оҷ,
Ба сар барниҳода зи фирӯза тоҷ.
Ба рух чун баҳору ба боло баланд,
Ба абрӣ камону ба гесӯ каманд (16,494).

6. Ташбеҳи лаззати гуворои даҳони маҳбуба вожаи қанд буда, тангии даҳонаш ба ибораҳои дили мустаманд ва дили ошиқон ифода ёфтааст:

Ба боло ба кирдори сарви баланд,
Лабонаш чу писта, даҳонаш чу қанд (11,217).
Ду рух ақиқи ямонӣ ба ранг,
Даҳон чун дили ошиқон гашта танг (11,196).
Сари зулф чун ҳалқаи пойбанд
Даҳонаш ба тангӣ дили мустаманд (10,263).

7.Вожаҳои буссад (марҷон) ва писта, ки дар ин вазифа хеле маъмул аст, ташбеҳоти лаби зан мебошанд:

Ду чашмаш чу ду наргиси обгун,
Лабонаш чу буссад, рухонаш чу хун (10,270).
Ба боло ба кирдори сарви баланд,
Лабонаш чу писта, даҳонаш чу қанд (11,217).

8.Ташбеҳи тобандагии баногӯши (нармии гӯши) зан калимаи хуршед аст:

Баногӯш тобанда хуршедвор,
Фурӯҳишта з-ӯ ҳалқаи гӯшвор (11,196).

9.Тобу печидагии зулфи зан низ ба ашёҳои гуногуне шабоҳат дорад, ки ба калимаи каманд ва таркибу ибораҳои гирех бар гирех, шикан бар шикан ва ҳалқаи пойбанд, мушкин зирех ифода гардидаанд:

Ду зулфайни мушкини чун ду каманд,
Бибурид он моҳ в-аз бун биканд (12,222).
Сари зулфи ҷаъдаш ду мушкин зирех,
Фикандаст гӯйӣ гирех бар гирех (9,216).
Ду рухсора чун лола андар чаман,
Сари ҷаъди зулфаш шикан бар шикан (10,275).
Даҳонаш ба тангӣ дили мустаманд,
Сари зулф чун ҳалқаи пойбанд (10,263).

10.Вожаи камон ва ибораи симин қалам дар ташбеҳи абрӯи маҳбуба корбаст гардидаанд:

Ду абрӯ камону ду гесӯ каманд,
Ба боло ба кирдори саври баланд (11,196).
Ду наргис дижаму ду абрӯ ба хам,
Сутуни ду абрӯ чу симинқалам (10,263).

11.Ташбеҳоти дилфиребию ҷаззобӣ ва рамандагию таҳрики дидагони маҳбуба вожаи гавазн ва ибораи наргиси обдор мебошанд:

Ду чашмаш гавазну ду абрӯ камон,
Ту гуфтӣ, ҳаме бишкуфад ҳар замон (11,217).
Ду чашмаш чу ду наргиси обгун,
Лабонаш чу буссад, рухонаш чу хун (10,270).

12.Ибораи «симин қалам» ташбеҳи ангуштони зан аст:

Даҳ ангушт бар сони симин қалам,
Бурун карда аз ғолия даҳ рақам (10,267).

13.Ташбеҳи накҳату бӯйи хуми зан, ки басо марғубу дилосо асту ба машом гуворо мерасад, ба вожаҳои мушк ва хуррамбаҳор ифода шудааст:

Ба сони яке турк шуд хубрӯй,
Чу дебои чинӣ руху мушкбӯй (15,225).
Бирафтанд ҳар панҷ то рӯдбор,
Зи ҳар бӯю ранге чу хуррамбаҳор (10,260).

14.Ташбеҳоти амал ва ақидаю афкори зан ҳам мушоҳида шуданд.Чунончи, зани маҳкам иродаю меҳрубон ва дар ақида устувор ба ашхосе,ки чунин сифатҳоро доро мебошанд, монанд карда шудааст.Ба ин мақсад шоир ибораҳои Рӯдобаи хубчеҳр ва Синдухтии борою меҳрро интихоб намудааст:

Яке ҳамчу Рӯдобаи хубчеҳр,
Яке ҳамчу Синдухти борою меҳр (10,255).

15.Зан бузургтарин ва арзишмандтарин офаридаи Худованд аст. Аз ин рӯ, бузургтарин инсон ба ӯ сучуд меорад, хоса дар мавриде ки он зан модар бошад. Абулқосим Фирдавсӣ ҳам ба эътибори ин занро ба қиматтарин чизи инсон, ки унвонаш ҷон аст, баробар донистааст:

Шабу рӯз чун ҷон гиромиш дор,
Ки чун ҷон бипарвардат андар канор (2,7).

16. Мавқею мартабаи зан чӣ дар ҷомеа ва чӣ дар доираи ҳамҷинсон калон аст. Ба чунин занон шоир ташбеҳе дар шакли ибораи шамъи Ховар ва вожаи афсар эҷод намудааст:

Ҳамон духтарат шамъи Ховар бувад,
Сари бонувонро чу афсар бувад (16,620).

Дар “Шоҳнома” барои ифодаи зан ва узвҳои он вожаю ибороти зиёде чун истиора корбаст гардидаанд.

Таъкид бояд кард, ки аксари истиораҳо, ки номи ҷирмҳои осмонӣ ва ашёи зебою нафису латифи табиат мебошанд, барои ифодаи зан ва узвҳои бадани ӯ, ки дар назокату дилангезӣ беназиранд, омадаанд.

Гурӯҳбандии ин қисмати луғати “Шоҳнома”бад-ин минвол аст:

Истиораҳое, ки умуман, занро ифода менамоянд. Дар навбати худ ин гурӯҳи маъной-луғавӣ ба чунин зергурӯҳҳо тасниф мешаванд:

а). Истиораҳое, ки мафҳумҳои табииро мефаҳмонанд.Чунончӣ, зебоиву таровати зан ба вожаи навбаҳор, ба ибораҳои гули навбаҳор, фурӯзандаи бӯстон ифода ёфтаанд:

Чу огаҳ шуд аз оммаи шаҳриёр,
Куҷо Нӯша буд номи он навбаҳор (16,313).
Чу аз бор пардохта шуд шаҳриёр,
Ба наздики ӯ шуд гули навбаҳор (16,319).
Ба Лӯҳросп гуфт: - Ин бутони мананд,
Фурӯзандаи бӯстони мананд (14,473).

б).Истиораҳое, ки дар ифодаи зебоию таровату нурпошии ҳусну ҷамоли зан ва дар заминаи ба ҷирмҳои осмонӣ шабоҳат додани онҳо пайдо шудаанд. Аз ҷумла вожаи моҳ, ки ба ин маънӣ хеле серистеъмол аст. Вожаҳои хуршед, офтоб, тобандамоҳ ва ибораҳои моҳи нав, моҳи фархундапай, ва моҳи пурнигор чун истиораҳои зан истифода шудаанд:

Шабе хуфта буд моҳ бо шаҳриёр

Пур аз гавҳару бӯю рангу нигор. (15,504).
Ҳамон ин се духтар парастандаанд,
Ба пеши ту бар пой чун бандаанд.
Парастандагонро писандид шоҳ,
Бар ин сон чу аз дур дид ин се моҳ (16, 498).
Набошад ба ҷуз духти Афросиёб,
Чунон чун бувад моҳ бо офтоб (13, 69).
Чу равшан бувад рӯй хуршеду моҳ,
Ситора чаро барфарозад кулоҳ? (11, 203).
Дари ҳуҷра букшоду андар шуданд,
Парастандагон достонҳо заданд.
Ки онро, ки акнун ту бинӣ ба роҳ,
Ситора надиду на хуршеду моҳ...
Паричеҳра бар чоҳ биншаст панҷ
Ҳама дар сар он тоҷу дар зер ганҷ (17,253).

Вожаи моҳ чун истиора барои ифодаи мард ҳам омадааст:

Ба болои ту бар замин шоҳ нест,
Ба дидори ту бар фалак моҳ нест (16,519).

Вожаи бут. (бутон), ки ҳаммаънои санам, маъшуқа, зани зебову дилбар мебошад, ва ибораҳои «бутони навоии» (зебо ва ороста), «бутони тироз» (тироз-зеб, ороиш; нақшу нигор) ва вожаҳои «буторой», «бутистон», ки ба вожаи «бут» нисбат доранд, истифодаи зан, маъшуқа мебошанд:

Бутонро ба шоҳи навоин намуд,
Ки буданд чун гавҳари побисуд (12,28).
Бифармуд, то ходимони сипоҳ
Баранд он бутонро ба мушкӯи шоҳ (16,468).
Ба пешаш бутони навоин ба пой,
Ба гуфтӣ биҳишт аст коху сарой (12,27).
Парирӯйи гулрух, бутони Тироз
Бирафтанду бурданд пешаш намоз (10,265).
Буторой чун ӯ набошад ба Чин,
Миёни бутон чун дурахшон нигин (15,502).
Бутистони Чин бо чиҳил устод
Ҳамеронд аз пеш Меҳронситод (9,8).

Вожаи парӣ дар ифодаи зебоию малоҳати зан низ истиора аст;

Бад-он гаҳ, ки бошад писандаш барӣ,
Киро баргузинад парӣ озарӣ;
Ба боло ба монанди озодасарв,
Хиҷил гардад аз рафтани ӯ тазарв (12,25).

2.Вожаю ибороти гул (гулой), ғунча, лолабарг, бут моҳ, суҳайл ёқут истиораҳои рӯйи зан мебошанд:

Бифармуд, то духтараш рафт пеш,
Ҳаме даст барзад ба рухсори хеш.
Ду гулро ба ду наргиси обдор
Ҳамешуст, то шуд гулон тобдор (10,292).
Баромад сияҳчашми гулрух ба бом
Чу сарви сиҳӣ бар сараш моҳи том (10,272).
Зи шабнам шуд он ғунчаи тоза пур
Ва ё Ҳуққаи лаъл шуд пур зи дур (р) (11,199).
Чунон нангаш омад зи кори ҳазир,
Ки шуд лолабаргаш ба кирдори хир (11,213).
Се бутрӯй бо ӯ ба як ҷо буданд,
Суманпайкару сарвболо буданд (10,128).
Ду ёқут рахшон, ду наргис дижам,
Сутуни ду абрӯ чу симинқалам (11,128).

3.Истиороти чашмони зан бо вожаҳои ҷоду, наргис, (дар таркиби ибораҳои наргиси обдор, наргисони дижам) ифода ёфтаанд:

Ду ҷодуш пурхобу пуроб рӯй,
Пур аз лола рухсору чун мушк мӯй (10,263).

Бифармуд, то духтараш рафт пеш,
Ҳама даст барзад ба рухсори хеш.
Ду гулро ба ду наргиси обдор
Ҳамешуст, то шуд гулон тобдор (10,292).

4.Ибораҳои оби меҳр ва хуни ду наргис истиораи сиришки зан шудаанд:

Фурӯ рехт аз дидагон оби меҳр,
Ба хуни ду наргис биёрост чеҳр (10,293).

5.Ибораи «ҳуккаи лаъл» дар ифодаи даҳони маҳбуба омадааст:

Зи шабнам шуд он ғунчаи тоза пур
Ва ё ҳуккаи лаъл шуд пур зи дур (р)? (11,199).

6.Дар байти боло вожаи дур (р) истифодаи дандонҳои маҳбуба мебошад.

7.Дар «Шоҳнома» як гурӯҳ вожаҳои иборот ҳам ба ҳайси ташбеҳ ва ҳамчун истиора истифода шудаанд. Чунончи, дар банди 9-и ин нигошта ташбеҳоти қади зан, ки бо калимоту ибороти сарв, сарви баланд, сарви саҳӣ, сарви озод, соҷ, ки одатҳои ба кирдорӣ, ҳамрангӣ, чу, ба сони бар ин гувоҳанд, мавриди таҳлил қарор ёфта буданд. Шоир ин вожаю иборотро чун истиораи қади зан истифода намудааст. Аз ҷумла мутаваҷҷеҳ бошед ба корбурди вожаю ибороти сарвбун, сарви баланд, сарви сиҳӣ, сарви тироз, сарви симин, сарви симинбар:

Миёни сипаҳдору он сарвбун,
Зане буд гӯянда ширинсухун (10,289).
Каманде кушод ӯ зи саври баланд,
Кас аз мушк з-он сон напечад каманд (10,273).
Ба саври сиҳӣ гуфт: -Бардор чанг,
Ба пеши Гушасп ой бо бӯю ранг.
Биёмад бари подшо чангзан,
Хиромон ба сони Суҳайли Яман (16,509).
Парастанда рафту хабар дод боз,
Биёмад ба наздики саври Тироз (10,271).
Се дигар чу Рӯдобаи хубрӯй,
Яке саври симини борангу бӯй (10,266).
Сипаҳбад чунин гуфт бо моҳрӯй,
Ки эй сарви симинбару мушкбӯй (10,275).

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ/ С.Анварӣ.- Душанбе, 1994.
2. Исматов С. М. Тоҷ андар «Шоҳнома»/ С. М. Исматов. -Душанбе, 2009.- С.166.
3. Касимов О. Картина животного мира в «Шохнаме» Абулкосима Фирдоуси/ О. Касимов.- Душанбе: Дониш, 2011.
4. Мирзо Муллоаҳмад. Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем/ Мирзо Муллоаҳмад.- Душанбе: Шуҷоиён, 2011.- С.169.
5. Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ)/ Риёҳӣ Муҳаммадамин.- Душанбе: Шуҷоиён, 2010- С.338.
6. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар/ С.М.Сабзаев.- Душанбе: Маориф, 1991.- С.80.
7. Фазлиддинзода А. Даме бо «Шоҳнома»/ А.Фазлиддинзода.- Душанбе: Адиб, 1992.
8. Абулқосим Фирдавсӣ Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ Фирдавсӣ.- Душанбе: Адиб, 1987. -Ҷ. 1.-
9. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. -Душанбе: Адиб, 1987.- Ҷ. 2.-
10. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ.- Душанбе: Адиб, 1988. -Ҷ. 3.-
11. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1988. -Ҷ. 4.
12. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ.- Душанбе: Адиб, 1989. -Ҷ. 5
13. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1989.- Ҷ. 6
14. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1989.- Ҷ. 7
15. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ.- Душанбе: Адиб, 1990. -Ҷ. 8.-
16. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. -Ҷ. 9.
17. Шофакирова Р. М. Образ женщины- матери в «Шахнаме»- Фирдоуси/ Р. М. Шофакирова.- Душанбе, 2004.

СОВЕРШЕНСТВО РЕЧИ В ИЗОБРАЖЕНИИ КРАСОТЫ, ЖЕНСТВЕННОСТИ И ИЗЫСКАННОСТИ ЖЕНЩИН В «ШАХНАМЕ» АБУЛЬКАСИМА ФИРДОУСИ

«Шахнаме» Фирдоуси считается одним из шедевров мировой литературы и среди её тем важное место уделяется образам женщин посредством художественного изображения, литературных и языковых норм. В данном произведении Фирдоуси при изображении женских образов воспользовался такими

языковыми средствами как заимствования, аллегория и иносказания, что делает язык произведения более красочным.

Ключевые слова: «Шахнаме» Фирдоуси, образы женщин в «Шахнаме», изображение женских образов, языковые средства изображения, аллегория, метафора.

THE PERFECTION OF SPEECH IN THE IMAGE OF BEAUTY, FEMININITY AND ELEGANCE OF WOMEN IN "SHAHNAME" ABUL'KASIMA FIRDOUSI

"shahname" Firdousi is considered one of the masterpieces of world literature and among her so prominently on the images of women through artistic images, literary and linguistic norms. This work of Ferdowsi in the representation of female images took advantage of language features such as borrowing, allegory and mythology that makes works more colorful language.

Key words: "Shahname" Firdousi, images of women in "Shahnameh", the image of women's images, image language, allegory, metaphor.

Сведения об авторе: ***Г. Сафарова*** **–** аспирантка ТГПУ им.Садриддина Айни

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГЛАГОЛОВ С ЯДЕРНОЙ СЕМЕМОЙ «ПРЕДСТАВЛЯТЬ» В РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Ф. Давлатов
Кулябский государственный университет им.А.Рудаки

Семантическая структура глаголов интеллектуальной деятельности, куда входит ЛСГ глаголов мышления, довольно часто является объектом лингвистических исследований (ЛМ. Васильев, Г.Г. Сильницкий, Т.П.Желонкина, Е.В. Скворецкая, Ю.Д.Апресян, И.Б. Шатуновский, Н.К. Рябцева, Е.Р. Иоанесян, Б. Левин, Ч. Мейер, Я. Свартвик, Дж. Урмсон, 3. Вендлер и др.). Из названных авторов, кроме Л.М.Васильева, все авторы затрагивали частично проблемы лексической семантики или исследовали вопросы прагматики и синтагматических связей данной ЛСГ глаголов с другими конституэнтами предложения (Т.В. Булыгина и А.Д. Шмелев, Н.Д. Арутюнова, А.А. Зализняк, М.А. Дмитровская, Е.В. Падучева и др.). Итогом элементарных процессов мышления, результатом первого этапа обобщения ощущений и восприятий в нашем сознании являются представления, занимающие промежуточное положение между ощущениями и восприятиями, с одной стороны, и понятиями, с другой. Поэтому глаголы, обозначающие представления (процессы и их результаты) тесно связаны и с семантическими классами поля чувств (особенно глаголами восприятия) и с семантическими классами поля интеллектуальной деятельности.

К глаголам представления, объединенным общим значением "иметь (хранить) в сознании результаты (образы) чувственной деятельности", относятся ядерные члены группы: представлять что-либо, иметь представление о чем-либо - сов. представить imagine, fancy, see и их синонимы с дифференциальной семой "творчески перерабатывая чувственные образы": воображать - вообразить conceive; "мысленно (= на основании образов, хранящихся в сознании)": мыслить, рисовать (перен.) - сов. помыслить, нарисовать visualize, envisage, picture, think up; "в общих чертах, схематично": схематизировать schematize, chart; "лучше, чем есть в действительности": идеализировать, поэтизировать idealize, poeticize; "воспроизводя в сознании зрительный образ кого/ чего-либо": видеть, созерцать - сов. увидеть see, contemplate.

К семантической группе со значением представления близки глаголы мечтать, фантазировать dream, let one's imagination run away with one (разг.), fancy и подобные. Они употребляются в двух основных значениях: 1) пребывать, находиться в мечтательном состоянии и 2) создавать в своем воображении желаемые образы. Первым значением обладают глаголы: мечтать, фантазировать, предаваться/ отдаваться мечтам (фантазиям) (к оппозиции по семам бытийности/ становления эти выражения нейтральны), витать в облаках, между небом и землей dream, think of, think up, make up, let one's imagination rub away with one, например: Он все время **мечтает.** Many people **dream of** living on island in the South Seas. Глагол **мечтать** в русском языке употребляется и в безличной форме: На природе лучше **мечтается.** Второе значение присуще глаголам мечтать, фантазировать, строить воздушные замки build castles in the air/ in Spain в конструкциях типа: Он любит **мечтать.** Scientists now have wonderful drugs of which no one could have **dreamed** years ago.

Where did you **dream up** that idea? (Где вы взяли [выдумали] эту идею?). В сочетании с аспектуальными приставками рассмотренные глаголы дополняются семами начинательности: замечтать (разг.), зафантазировать (разг.) indulge oneself in day-dreaming, lose oneself in a dream, be day-dreaming, fall into a reverie; усилительности: размечтаться, расфантазироваться be lost in day-dreams (разг.); чрезмерной интенсивности: замечтаться (разг), зафантазироваться (разг.) give oneself up to dreams; определенной ограничительности: промечтать; неопределенной ограничительности: помечтать, пофантазировать.

Глаголы с ядерной семемой "полагать". Семантическая группа, идентифицируемая ядерной семемой "полагать", включает глаголы: полагать (считать), признавать, предполагать suppose, think, consider, hold, admit, acknowledge, believe, reckon, conjecture, surmise и другие, семантическим ядром которых является инвариантное значение "иметь мнение".

Значение "иметь какое-либо мнение/ точку зрения" на что-либо как результат собственных размышлений, входящее в ядерные идентифицирующие значения других семантических групп рассматриваемой семантической парадигмы, объединяет глаголы: полагать, располагать (устар.), считать, ставить, думать, мыслить (устар.) intend (+ inf, + ger.) (уст.), believe, suppose, make it a rule, make it one's aim, set oneself smth. as an object, think, assume, presume, opine (книжн.), а также их синонимы с дифференциальной семой "в результате анализа, оценки своих суждений о ком/ чем- либо": судить, разуметь (устар.), трактовать (устар.,шутл.), рассматривать (перен.) view, judge, assess, treat, reckon, understand, mean, deem; "опираясь на результаты чувственных восприятий": смотреть (перен.), усматривать, видеть - сов. посмотреть, усмотреть, увидеть see, perceive, feel; "опираясь на найденное решение": находить - сов. найти find, find out, consider; "на основании веры во что-либо": веровать (устар.) believe; "иметь высокое мнение о себе самом": много/ высоко мечтать/ мнить, воображать, думать о себе think too much of oneself, think, imagine, think a lot of oneself, have a high opinion of oneself, get a swelled head (разг.).

Семема "считать, полагать кого/ что-либо каким-либо" является также ядром глаголов с атрибутивными дифференциальными семами "(считать) отвечающим, соответствующим каким-либо требованиям, т.е. нужным полезным, правильным, законным и т.д.": признавать кого/ что-либо- сов. признать (антонимичное значение имеет глагол отрицать) hold, account, count, deem, regard, consider, think, see fit, deny, negate, disclaim; "(считать) более соответствующим каким-либо требованиям": предпочитать кого-что кому-чему, отдавать предпочтение, преимущество кому-чему перед кем/ чем - сов. предпочесть, отдать предпочтение (преимущество) prefer; "(считать/ признавать) ценным, важным, имеющим значение, достойным внимания": ценить, ставить высоко (перен.) кого/ что-либо, дорожить кем/ чем-либо, придавать цену/ важность, значение/ кому/ чему-либо, знать (обычно в отрицательных оборотах) - сов. придать цену/ важность, значение/ value, estimate, think much/ highly of, appreciate, prize, gauge, figure, look on/ upon, reckon, - антонимичное значение имеют фразеологизмы: ни в грош не ставить, ни во что не ставить not care/ not give a pin/ damn for smb, not give a brass for thing/ for smb; "(считать) менее ценным, чем на самом деле": недооценивать- сов. недооценить set little by, underrate, underestimate; "(считать, признавать) главным, особо важным": ставить (класть) во главу угла, ставить в центре внимания что-либо - сов. поставить (положить) во главу угла, поставить в центре внимания regard as of paramount importance, assign primary importance to, set much by; "(считать, признавать) недостойным, не заслуживающим внимания": пренебрегать кем / чем, презирать кого/что - сов. пренебречь, презреть neglect, disregard, scorn, despise, hold smb in contempt, to think scorn of; "(считать, признавать) хорошим, правильным, неправильным, при этом выражая свое согласие или осуждение": одобрять, принимать, утверждать, осуждать- сов. одобрить, принять, утвердить, осудить approve (офиц.), assert, consider, take, condemn, blame, censure и другие глаголы.

Инвариантное значение "считать, полагать так или иначе заранее, до осуществления чего-либо, то есть иметь предварительное мнение об осуществлении того, что ожидается" и включающее в качестве ядра семему "считать, полагать", объединяет глаголы: предполагать, делать предположение, строить предположение suppose, presuppose, reckon (разг.), conjecture (офиц.), assume, presume, surmise (офиц., книжн.), expect (разг., особ,

брит.) и их синонимы с дифференциальной семой "(предполагать) на основании анализа, предварительных расчетов": рассчитывать, строить расчеты calculate on/ upon, count on/ upon, reckon on/ upon; "(предполагать) на основании интуиции, догадки": догадываться, подозревать, предчувствовать, предощущать (книжн., устар.), чуять (разг.) guess, suspect of, to become suspicious, to be/ feel suspicious off about, have a presentiment/ foreboding/ misgiving/ premonition/ hunch, feel, sense. Семема "предполагать" является, в свою очередь, ядром инвариантного значения "предполагать сделать что-либо (=иметь предварительное мнение о плане осуществления какого-либо действия)", идентифицирующего глаголы: намереваться, думать, мыслить (разг.), полагать, иметь в виду intend, mean, propose, purpose (офиц.), to be out to do smth, think и их синонимы с дифференциальной семой "через определенный отрезок времени после принятия решения": предполагать, располагать (устар.), воображать (устар. и простор.); "готовясь к осуществлению какого-либо намерения ": собираться, рассчитывать intend, to be about; "имея в виду какую-либо цель": намечать, планировать plan, aim, design.

Таким образом, лишь семой становления от рассмотренной группы отличаются глаголы: намереваться, вознамериться, задумывать, замышлять, затевать - сов. вознамериться, задумать, подумать, замыслить, возыметь намерение, затеять mean, conceive a design/ idea, have the intention of, venture (разг.), undertake, have in store smth. for smb; "готовясь к чему-либо практически или мысленно; иногда, время от времени; неожиданно": собраться; подумывать, помышлять; вздумать (разг.), найти (разг), возомнить (устар.) take it into one's head, intend, be about, make up one's mind, consider, find, get a false idea of one's own importance, have too high an opinion of oneself и другие.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Азнаурова Э.С. Коммуникативно-прагматический аспект лексического значения слова/ Э.С.Азнаурова.– Волгоград, 1990. – с. 23-31. (В: Межвуз. сб. научных тр.)
2. Баудер А.Я. Части речи структурно-семантические классы в современном русском языке/ А.Я.Баудер. – Таллин: Валгус, 1982. –154с.
3. Долинина И.Б. Синтаксически значимые категории английского глагола/ И.Б. Долинина. – Л.: Наука, 1989.-216с.
4. Морослин, П.В. Семантическая структура глаголов мышления и их функция в тексте: (На материале рус. и англ. яз.): автореф. дис. на соиск. учен. степ. к.филол.н.: Спец. 10.02.19 / П.В.Морослин. – Рос. акад. наук, Ин-т языкознания. – М.: 2001. – 22 с. 5.
5. Сильницкий Г.Г. Семантические ситуации и семантические классы глаголов // Проблемы структурной лингвистики. – М.: Наука, 1973. – С. 373 – 380. Тиунова С.П. Русские аналоги английских глаголов начала/ С.П.Тиунова // Русский глагол. Волгоград, 1988.-е. 149 – 159.
6. Dowty D. Towards a Semantic Analysis of Verb Aspect and the English Imperfective Progressive/ D. Dowty // Linguistics and Philosophy. 1977. – Vol. 1.

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГЛАГОЛОВ С ЯДЕРНОЙ СЕМЕМОЙ «ПРЕДСТАВЛЯТЬ» В РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена исследованию специфики семантической структуры глаголов мышления с ядерной семемой «представлять» в русском и английском языках.

Ключевые слова: глаголы мышления, семема «представление», английский язык, русский язык, семантическая структура, интеллектуальная деятельность, семантическая группа, семантический класс.

STRUCTURAL AND SEMANTIC FEATURES OF VERBS WITH A NUCLEAR SEMEME “REPRESENT” IN RUSSIAN AND ENGLISH LANGUAGES

this article focuses on the research of specific semantic structure of verbs of thinking with nuclear sememe "represent" in Russian and English languages.

Key words: verbs of thinking, sememe “represent”, Russian language, English language, semantic structure, cognition, semantic group, semantic class.

Сведения об авторе: ***Ф. Давлатов*** - соискатель Кулябского государственного университета им.А.Рудаки

ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАКУНАНДАИ БАЪЗЕ КАТЕГОРИЯҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР «СИЁСАТНОМА»-И НИЗОМУЛМУЛК

Ш.И. Ҳаитова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Сиёсатнома» ба эътирофи бисёр донишмандон, на танҳо барои илми ҳуқуқшиносӣ, балки барои забоншиносии муқоисавӣ ва таърихӣ низ ҳамчун як сарчашмаи муҳим аз арзиши баланди илмӣ бархурдор мебошад. Услуби баён ва забони ин асар, бо вуҷуди орӣ набуданаш аз унсурҳои иқтибосӣ, ҳам барои мутахассисони соҳаи забоншиносӣ ва таъриху ҳуқуқ, ҳам барои ҳар як хонандаи баркамоли тоҷикзабон, ҷолибу фаҳмост. Дар ин мақола баъзе истилоҳоти соҳаи ҳуқуқ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Давлат – ташкилоти ҳуқуқии сиёсӣ, таркибӣ ва ҳудудии ҷомеа.

Ва муддате шарру фасод аз рӯзгори *давлат* муқатеъ гардад ва дасти аҳли салоҳ қавӣ шавад ва мафсуд намонад ва дар ин ҷаҳон некномӣ бошад ва дар он ҷаҳон растагорӣ ва дараҷаи баланду савоби бешумор ёбад ва мардумон дар аҳди ӯ ба илм омӯхтан рағбат бештар кунанд (С.80).

Фармон - авестоӣ framana, паҳлавӣ framan, Framangar фармонбардорӣ, framay – фармудан. Ин калима дар «Сиёсатнома» зиёд истифода шудааст:

- фармонравоии шаҳр – soisrpat;
- нофармонӣ - spozgar;
- фармон нарафтан (бефармонӣ кардан);
- таҳсир накардани фармон (бефармонӣ);
- бедастурӣ (бефармонӣ).

Касоне, ки эшонро бар халқ дасте ва *фармоне* буда бошад, дастҳои ӯ баста бувад (С. 16).[2]

Ва ин аз баҳри он будааст, то чун дигарон ин ҳол бишнаванд, кас заҳра надорад, ки *дар фармони подшоҳ таҳсир кунад* (С.98).

Ва ё фармояд чун молиш додан ва гардан задан ва дасту пой буридан ва ходим кардан ва ҳар сиёсате, ки бошаду агар касе *бедастурӣ* ва фармони подшоҳ чунин чизе кунад, то дигарон хештанро бишносанд ва ибрат гиранд (С.98).

Адл – калимаи арабӣ буда, дар забони паҳлавӣ дар шакли wastdatastan истифода шудааст. Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ»: «… маъноияш адолат, адолатпарварӣ, дод, додварӣ, инсоф, қазоват аст» (С.19).

Халоиқ андар *адл* ва сиёсати ин худованд рӯзгор мегузаронанд ва ба дуои хайр машғул мебошанд (С.14).

Гуноҳ – ин вожа аслан тоҷикӣ буда, дар порсии қадим vinasaya, форсии миёна winah, *gyah, wnaskar гунаҳкор* истифода мешуд.

Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» чунин шарҳ ёфтааст: «Гуноҳ – муносибати рӯҳии шахс нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибати он буда, дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода меёбад. Гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят буда, бе он таркиби ҷиноят ҷой надорад» (С.128).

Забоншиносон В.С.Расторгуева ва Д.И. Эдельман (Этимологический словар иранских языков, с. 227) истилоҳи дигареро, ки ҳамин маъноро медиҳад, шарҳ медиҳанд. Вожаи *arna* низ маънои *гуноҳ, беадолат, ҷиноят*ро дорост ва дар забони авестоӣ дар шакли *arenatcaesa* истифода бурда мешуд. Ин вожа дар «Сиёсатнома» хеле зиёд корбурд дорад.

… ҷаҳон аз эшон холӣ ва софӣ шуд ва аз ҷиҳати шумӣ ин *гуноҳ*корон бисёре аз бе*гуноҳ*он дар он фитнаҳо низ ҳалок шаванд (С.12).

Баъзан ин истилоҳро калимаи арабии *ҷурм* низ иваз менамояд:

Бар андозаи *гуноҳ* бо эшон хитоб кунад ва эшонро бар миқдори *ҷурм*и эшон молиш фармояд (С. 12).

---

[2] Минбаъд Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Сияр-ул-мулук (Сиёсатнома).

Ҳангоме ки гуноҳ бошад, албатта, ҷазо ва бахшиш низ ҳаст. Дар «Сиёсатнома» ин вожаҳо гунаҳои худро доранд:

Ҷазо – калимаи арабӣ, дар ФЗТ ба маъниҳои *подош, сазо, мукофоти некӣ ва бадӣ* омадааст (Ҷ.2., с.768). Мувофиқи қ.1, моддаи 46-и КҶТ чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъйин карда мешавад. Инчунин дар КҶ Т, қ.1, моддаи 46 оварда шудааст: «*Ҷазо* чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад. Ҷазо нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, татбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахсе, ки дар КҶТ пешбинӣ гардидаанд, иборат мебошад» (С. 547).

Ва ин мард чун нокарданӣ бикард, *ҷазо*и хешро ёфт, пас аз ин туро фармудам, ки ҳар ки бар касе ситам кунад ва ё касеро ба ноҳақ биранҷонад, ё бар шариат истихфоф кунад ва туро маълум гардад…(С.78).

Ин истилоҳ дар асар серистеъмол буда, намудҳои он низ бо калимаву ибораҳои зерин корбаст шудаанд: молиш додан, гардан задан, дасту пой буридан, ходим кардан ва ғ.

Молиш додан – як усули ҷазо буда, дар «Сиёсатнома» хеле зиёд корбурд дорад.

Молиши балеғ – шояд ҷазои сахтарин бошад.

Он касро, ки *молиши балег* диҳанд ва агарчи аз наздикон бувад… (С.,97).

Авф – бахшидан, паҳлавӣ hilisn. Histan - авф кардан. Вожаи бахшиш аз паҳлавӣ baxsisan – додан, даєш, аз гуноҳи касе гузаштан, аз решаи авестоии bag – додан, вогузор намудан, бахшидан (ФП, 140).

Боз домани *авф* бар гуноҳи эшон пӯшонад ва аз сари он *даргузарад* (С.12).

Яке аз роҳҳои истилоҳсозии нависанда он аст, ки баъзан дар як ҷумла гунаи тоҷикии онро низ моҳирона истифода мебарад: *даргузаштан* – бахшидан, аз гуноҳ гузаштан.

Ситам - паҳлавӣ awistab, ҷабру зулм ба касе.

Малик бо куфр бипояд, вале бо *ситам* напояд (С.15).

Истилоҳи **ситамдида** handraxtag (паҳ.) низ дар асар корбурд дорад.

Дод - порсии қадим data, паҳлавӣ dad, рафтор ва довари дуруст ба манзури ҳифз ё иҷрои адолат (Фарҳанги авестоӣ, 2942). Дар «Фарҳанги Пошанг» ин истилоҳ бо каме тағйирот шарҳ дода шудааст: доварӣ, додгарӣ, дар забони авестоӣ data, дар паҳлавӣ dat = додгарӣ, порсии бостон data =дастури додгарӣ, аз решаи авестоии da – dadhaiti (с.283). Дар забони форсӣ вожаи *додпизишк* низ истифода мешавад, яъне пизишки қонунӣ.

… ҳар ҳафтае ду рӯз ба мазлум биншинад ва *дод аз бедод гар бистонад* ва инсоф бидиҳад ва сухани раъият ба гӯши хеш бишнавад (С.,18).

Дар «Сиёсатнома» ин калима дар шакли *додгар* datkar (паҳ.) ва *додкунандагон* низ истифода шудааст.

… расулуллоҳ алайҳи вассалам гуфт, ки *додкунандагон*ро андар биҳишт сароҳо бошад аз рӯшнойии адли хеш бо он касҳо, ки зери дасти эшон бошанд (С. 80).

Салоҳ – паҳлавӣ sneh**.** Ин вожа аслан калимаи арабӣ буда**,** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: *хайр, некӣ* (С.197).

Эзиди таоло маро аз ҷиҳати он офаридааст ва бар сари халқ гумошта, то муфсидонро аз рӯйи замин баргирам аҳли *салоҳ*ро нигоҳ дорам (С.88).

Ҳақ гузоридан – Ва ҳақ гузоридани подшоҳон неъмати Эзиди Таолоро, нигоҳ доштани раият аст ва доди эшон додан ва дасти ситамкорон аз эшон кӯтоҳ кардан (С.57).

Бедодгар (-ӣ) - Пас чун малик *бедодгар* бошад, лашкар ҳама бедодгар шаванд ва Худойро аззу ҷалл фаромӯш кунанд ва куфрони неъмат оранд (С. 58).

Зиён - дар форсии миёна zyan, аслан калимаи тоҷикӣ буда, маънии зарар, хисоротро дорад. Муродифи ин калима «осеб» - озоре бошад, ки аз кӯфтан ва кофта шудан, зиндон ва озурдан барояд. «Кӯфташуда» аз решаи авестоии: sad (ранҷонидан) ва аз вожаи авестоии sisra (осеб – зиён-озор-ранҷонидан) (Фарҳанги Пошанг, С.43).

Зиёновар - дар форсии миёна ба шакли padzyan .Wizudan, wizutar - зиён расонидан. Ин вожа дар «Сиёсатнома» ба шакли *безиён* – abes истифода шудааст.

Авбош – мардуми бехираду бесарупоро гӯянд. Шикастаи вожаи авестоии vasa аст. Ин вожа дигаргуншудаи «авшоб», дигаргуншудаи «вашаб», ки ба вожаи «ошӯб»-и форсӣ гардонида шудааст (ФП, с.123).

Дузд – касе, ки моли мардум бибарад, дар авестоӣ duzhdao = бадкирдор, дар паҳлавӣ ва зернавиштаи «Бурҳони қотеъ» ва «Фарҳанги Муин» duz ва duzh ва дар навиштори монавӣ dwz ва дар паҳлавӣ dwc = бадкирдор, касе, ки моли мардум бибарад (ФП, 295).

Боч – 1) мол ва асб ва ё заре, ки подшоҳи бузург аз подшоҳи кӯчак гиранд. Зару чизе, ки дуздон аз раҳгузарон гиранд; 2) боҷ аз вожаи авестоии baxzara – боҷ, аз решаи баҷ- baj – бахш; 3) боҷ, пош, воҷ, аз решаи авестоии vac- гуфтан ва дар паҳлавӣ vaj > vajak мебошад ва ҳама ситоишҳои зардуштиёнро пож гӯянд (ФПЮ, с.131). Дар ҶТ боҷи давлатӣ яке аз намудҳои андози умумидавлатӣ мебошад (банди 0, қисми 1-уми моддаи 6 – и Кодекси андози ҶТ).

Хироҷ – калимаи арабӣ, андозе, ки аз замин ва маҳсулоти заминӣ гирифта мешуд. Муродифи ин истилоҳ **андоз** дар замони муосир серистеъмол аст, яъне андоз маблағҳое мебошад, ки ба буҷети давлатӣ ё бунёди махсуси давлатӣ пардохта шуда, дорои хусусияти ҳатмӣ ва ғайриэквивалентӣ аст, аз ҷумла ҷаримаю фоизҳое, ки қонунгузории андоз пешбинӣ намудааст, ба истиснои муҷозоти пешбининамудаи қонунгузории ҷиноӣ ва ё қонунгузории маъмурӣ («Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ», с. 47).

Ва ҷаҳониён хироҷгузори ӯянд ва ба таҚаррубӣ, ки бо ӯ мекунанд, аз шамшери ӯ эминанд ва агар ба рӯзгори баъзе аз хулафо андар мулк бастатею вусъате будааст (С.14).

Дор – аз вожаи авестоии daord = дор, дарахт (як тикка аз тирчӯбе) дар паҳлавӣ dar; чӯберо гӯянд, ки гунаҳгоронро ба он овезанд (ФП,284).

Ва малик Баҳром он марди саг бар *дор* кардаро ба вақти он ки аз хаймаи ӯ берун меомад, тире аз тиркаш баркашид ва пеши он мард андохт(С.30).

Даргох – даргаҳ, пешгоҳи хонаи бузургон, боргоҳ, остонаи дар, дар паҳлавӣ dargas = даргоҳ (ФП, 293).

Номаҳо аз *даргоҳ*ҳо бисёр нависанд ва ҳар чӣ бисёр гардад, ҳурматаш набувад (С.62).

Хуни ноҳақ рехтан – бегуноҳеро куштан.

Суюфи мухталиф кашида шаваду *хунҳои ноҳақ рехта* ояд ва ҳар киро даст қавитар, ҳар чӣ хоҳад, кунад, то он гунаҳкорон андар миёни он фитнаҳои хунрез ҳалок шаванд (С.13.)

Чора набошад подшоҳро аз он, ки дар ҳафтае ду рӯз ба *мазолим* бинишинад ва дод аз бедодгар биситонаду инсоф бидиҳад ва сухани раият бишнавад бевосита (С.17).

Хиёнат кардан – вожаи **хиёнат** арабӣ буда, нақзи аҳду паймон, аҳдшиканӣ, бевафоӣ (ФЗТ, с.435); ба муқобили бехатарии давлат (м. 305-и КҶ ҶТ) пешбинӣ гардидааст.

Ҳар кӣ ба ном фирефта шавад, ба нон андар-монад ва ҳар кӣ ба нон *хиёнат кунад* ба ҷома дармонад (С.27).

Мерос мондан – вожаи **мерос** арабӣ аст. Он чи ба ирс мондааст, молу пуле, ки аз мурда ба ворисонаш мондааст (ФЗТ, с.790); гузаштани ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси фавтида (меросгузор) ба меросхӯрони ӯ. Қабули мерос ҳам аз рӯйи қонун ва ҳам аз рӯйи васиятнома амалӣ мешавад(ФИҲ, с.236).

…ман боғе доштам фохир ва аз падар маро *мерос монда* буд(С. 29).

Даъво будан – арабӣ, арз ба мақомоти судӣ барои муҳофизати ҳуқуқи поймолшуда ё манфиат (ФЗТ, с.435); воситаи ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва юридикӣ мебошад, ки ҳангоми вайрон кардан ё мавриди баҳс будани он (ҳуқуқу манфиатҳо) истифода карда мешавад (ФИҲ, с. 149).

Ин боғро фурӯхтам ва маро *даъво набошад*, ҳақ ва мулки Ростравшан аст (С.28).

Бозаргон / бозургон – вожаи аслан тоҷикӣ, савдогар, тоҷир (ФЗТ,с.217).

Дигаре гуфт: - Ман марди *бозаргон*ам ва кори ман он аст, ки ба бару баҳр мегардам ва андак мояе дорам.

Гумоштагон – тоҷикӣ, шахсони бовариноки подшоҳ; касеро ба иҷрои коре маъмур кардан, таъйин кардан (ФЗТ, с.343).

Ва дар ҳама вақт подшоҳро аз аҳволи *гумоштагон* ғофил набояд буд ва пайваста аз тарифу сирати эшон мебояд пурсид, то чун норостӣ ва хиёнате зоҳир шавад(С.32).

Вакил –вожаи арабӣ, он ки иҷрои коре аз тарафи касе ба ӯ супурда шудааст (ФЗТ, с.260).

Уммол – ҷамъи омил, амалкунандагон, корку нон (ФЗТ, с.368).

Дарҳол *вакилону уммол* зердастону хайли хешро бихонданду гуфтанд:…(С.38).

Маҷлиси олӣ – ин ҷо дар назар аст маҷлиси назди подшоҳ.

Бояд ки то муҳиме набувад, аз *маҷлиси олӣ* чизе нанависанд (С.,62).

Қасди мамлакат кардан – душманӣ варзидан нисбати мамлакат, нисбати ситеёсати дав лат.

Ва агар подшоҳе ё лашкари бегона *қасди мамлакати ӯ карда* ва аз ҳоли раоё хабарҳо додаанд ва некӯ бад ва подшоҳон тимори он бидошта(С.64).

Қатл –вожаи арабӣ, куштан, куштор: қатлу тороҷ, қатлу ғорат, майдони қатл ва ғ. (ФЗТ, с.674).

Гардан задан – як навъи қатл, ҷазои гунаҳгорон дар замони подшоҳӣ.

… то ман бифармоям шабе бист марди хуниро, ки *қатл* бар эшон воҷиб аст, ки бар пушт гиранд ва ба сарои ту оранду дар он зерзамин ниҳанд ва ба баъд аз он бифармоям, то *гарданашон бизананд*, то пӯшида монад (С.69).

Ришва (т) – пул ё чизе, ки барои пеш бурдани коре ё баровардани ҳукме бар хилофи қонун ба каси мансабдоре дода мешавад, пора (ФЗТ, с.166).

Маълум гашт, ки ҳар чи сохта дорӣ, ҳама аз моли мусулмонон асту аз *ришват* ! (С.72).

Дузд – касе, ки моли мардум бибарад. Дар забони авестоӣ duzhdao = бадкирдор, дар паҳлавӣ dus ва dush, дар навиштори монавӣ dwz, дар паҳлавӣ dwc = бадкирдор (ФП, с295). Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» омадааст: ҷиноят ба муқобили моликият, ки дар м. 244 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Ва чун ба сафар рафтам ва он чӣ бо худ доштам, дар роҳи Ҳиндустон *дузд*он аз ман биситанд (С.72).

Мушовират кардан – вожаи **мушовара** арабӣ буда, маслиҳат кардан, гуфтугузор кардан, машварат карданро мефаҳмонад (ФЗТ, с.866).

Мушовират кардан дар корҳо аз қавираъйии мард бошад ва аз тамомаҚлӣ ва биниш, ки ҳар касеро донише бошад ва ҳар касе чизе донад, яке бештару яке камтар (С.78).

Хулоса, дар «Сиёсатнома» истилоҳоти ифодакунандаи категорияҳои ҳуқуқи хеле зиёданд, ки имрӯз низ корбурд доранд ва маънии истилоҳотии худро гум накардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Фарҳанги вожаҳои авестоӣ/ Мураттиб Эҳсон Баҳромӣ. – Теҳрон,1369. –Ҷ.1.– 544 с.
2. Фарҳанги вожаҳои авестоӣ/ Мураттиб Эҳсон Баҳромӣ. – Теҳрон,1369. – Ҷ.2. – 1146 с.
3. Фарҳанги вожаҳои авестоӣ/ Мураттиб Эҳсон Баҳромӣ. – Теҳрон,1369. – Ҷ.3. – 1663 с.
4. Фарҳанги вожаҳои авестоӣ/ Мураттиб Эҳсон Баҳромӣ. – Теҳрон,1369. – Ҷ.4. – 200 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ/ зери таҳрири С. Назарзода ва [дигарҳо] – Душанбе, 2008. – Ҷ.1– 949 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ/ зери таҳрири С. Назарзода ва [дигарҳо] . – Душанбе, 2008. – Ҷ.2 – 949 с.
7. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ/ Зери таҳрири профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Маҳмудов М.А.- Душанбе, 2004. – 598 с.
8. Фарҳанги кӯчаки забони паҳлавӣ/ зери таҳрири Девид Нил Маскензӣ. Теҳрон. –2000. – 628 с.
9. Фарҳанги порсӣ ва решаёбии вожагон/ зери таҳрири Мустафо Пошанг. –Теҳрон –1377. –Чопи аввал.
10. Фарҳанги решашинохти вожаҳо ва кӯтоҳнавиштаҳои дохили урупоӣ ва амрикоӣ/ зери таҳрири доктор Ризо Зумураддиён. –Машҳад, 1384.
11. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. – Душанбе, 2001. – 400 с.
12. Саймиддинов Д. Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ/ Д.Саймиддинов. – Душанбе: Дониш, 1992.
13. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ/ Р.Ш.Сотиволдиев. – Душанбе: «Империал-Групп», 2010. – Ҷ. 1. – 484 с.
14. Султонов М. Б. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форси-тоҷикӣ/ М. Б. Султонов. – Душанбе: Дониш, 2008.

ТЕРМИНОЛОГИЯ ОБОЗНАЧАЮЩАЯ НЕКОТОРЫЕ ПРАВОВЫЕ КАТЕГОРИИ В «СИЁСАТНАМЕ» НИЗОМУЛМУЛКА

«Сиёсатнаме» Низомулмулка по признанию многих ученых является важным источником не только для правовой науки, но также и для сравнительного и исторического языкознания и имеет очень высокую научную ценность. Методы изложения и язык данного произведения, несмотря на заимствованные элементы, имеет очень важное значение и для специалистов области языкознания, истории и права и доступен для таджикского читателя. В данной статье автор подверг изучению и рассмотрению некоторые правовые термины данного произведения.

Ключевые слова: «Сиёсатнаме» Низомулмулка, методы изложения, язык произведения, терминология, языкознание, история и право, правовые термины.

TERMINOLOGY DESIGNATING SOME LEGAL CATEGORIES IN "SIYASATNAME" NIZOMULMULK

"Siyasatname" Nizomulmulka for the recognition of many scientists is an important source not only of legal science, but also for comparative and historical linguistics and has a very high scientific value. Methods of presentation and language of this work, in spite of the borrowed elements, is very important and for the field of Linguistics, history and law and available to Tajik readers. In this article, the author has examined and discussed some of the legal terms of this work.

Key words: "Siyasatname", Nizomulmulk, techniques, terminology, language, Linguistics, history and law, legal terms.

Сведения об авторе: ***Ш. Хаитова*** **–** докторант кафедры истории языка и типологии факультета таджикской филологии ТНУ. Телефон: **(+992) 918 12 39 80**

ОНОМАСТИКАИ ТОҶИК - ҶАВОНТАРИН БАХШИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

А.А. Нуров
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ономастика илми номшиносӣ буда, яке аз бахшҳои муҳимми забоншиносӣ мебошад. Ономастика номи шахсони асотириву таърихӣ, кишвару мамлакат, шаҳру ноҳия, кӯҳу дара, дарёву баҳр, халқу қавму қабилаҳо, номи забонҳо ва амсоли инро дар бар мегирад, Ономастика хусусиятҳои семантикӣ, этимологӣ, савтӣ, морфологӣ ва калимасозии номҳоро меомӯзад. Аз ҷиҳати хусусиятҳои забонӣ ономастика ба адабӣ ва лаҳҷавӣ, воқеӣ ва шоирона, таърихӣ ва муосир, илмӣ ва амалӣ ҷудо мешавад.

Ономастика ба адабиётшиносӣ, матншиносӣ, таърих ҷуғрофия, астрономия, геология, меллиоратсия (обёрӣ) низ алоқаманд аст.

Тадқиқу таҳлили лингвистии ономастикаи таърихии осори хатии асрҳои гузашта аҳамияти басо бузург дорад. Яке аз шохаҳои ономастика антропонимҳо мебошад. Антропонимҳо номи ашхоси алоҳидаи асотирӣ ва таърихиву воқеӣ, ном бо насаб, номи авлодӣ, номи мустаор, лақабу тахаллус, ном бо мансубият ба маҳал, шаҷара, ном бо нишондиҳии ҷоҳу манзалатро дар бар мегиранд. Номи одамонро дар осори асрҳои гузашта ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд.

а) Номҳои асотирӣ, ки инҳоро мифонимҳо меноманд: Одам, Ҳавво, Каюмарс, Заҳҳок, Офаридун, ё ин ки Фаридун, Оҳарман, Аҳриман, Иблис, Қорун, Азроил, Аҳурамаздо, Аноҳито, Зардушт, Зардхушт, Зардҳишт, Зартушт ва ғайраҳо.

Бар он дини Зардушти пайғамбарам,
Зи роҳи ниёкони худ нагзарам.
А. Дақиқӣ

Бархез, барафрӯз, дар қиблаи Зардушт,
Биншину барафган шиками қоҳум бар пушт.
А. Фирдавсӣ

Равшангуҳаре зи насли Одам,
Фахрулбаладиву фахри олам.
Ш. Шоҳин

Ба насаб ҳоҷа кунад фахр, маро фахр бас аст,
Дудмоне ба нубувват, ки зи Одам дорам.
Ш. Шодин

Сӯйи лашкари Офаридун шуданд,
Зи найранги Заҳҳок берун шуданд.
А. Фирдавсӣ

Шуморо кунун гар дил аз ройи ман,
Ба кажжию торӣ кашид Аҳриман.
А.Фирдавсӣ

Ҳама посухашро биёростанд,
Чу Оҳарман аз ҷой бархостанд.
А.Фирдавсӣ

б) Номҳои шахсони воқеӣ-таърихиро реалионимҳо меноманд. Реалионимҳо ному насаби шахс, тахаллус ё лақаб, номи авлодро мефаҳмонад: Муҳаммад, Искандар, Яздигурд, Нӯширавон, Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Шоҳин, Аристолис, Букрот:

Ҷавр кам кун варна аз дасти ту Шоҳин шикваҳо
Дар ҳузури шаҳриёри маъҳалатгустар занад.
Тоҷ бар Фағфур бахшад, теғ бар Қайсар занад.
Камтарин аз шаҳнагони мулки ту набвад шигифт,
Гар дуволи салтанат бар кӯси Искандар занад.

Ш.Шоҳин

в) Номи қаҳрамонони асар ё номҳои шартӣ: Лайлӣ, Маҷнун, Фарҳод, Ширин:

Дидам, ки маро намуд гардун,
Аз мотами Лайлие чу Маҷнун.

Ш.Шоҳин

Ба ғайр аз реалионимҳо ва мифонимҳо дар номи ашхос хислату хусусияти инсон, алоқамандии (мансубияти) ӯ бо волидайн, оила, авлод муайян мегардад. Ба ғайр аз ин, дар антропонимҳо ба кадом халқу миллат, қавму қабила мансуб будан, касбу кор ва машғулияту ихтисос, баромад ё мансубияти шахс ба ягон кишвар, мамлакат, вилоят, шаҳру деҳот, мансубияти шахс ба ин ё он табақаи иҷтимоӣ ифода меёбад: Баҳроми Чубина, Хусрави Парвиз, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино, Золи Зар, Фағфури Чин.

На Қайсар биҳохам, на Фағфури Чин,
На аз тоҷдорони Эронзамин...

А. Фирдавсӣ

Номи одамон дар асарҳои таърихӣ дар осори асрҳои гузашта арабӣ буданд ва номи оилавӣ ва авлодӣ асосан бо ёрии калимаҳои ибн, бинн, бинт сохта мешуданд. Дар «Шоҳнома»-ҳои А.Дақиқӣ ва А.Фирдавсӣ номи қаҳрамонҳо асосан мансуби забонҳои эронӣ мебошанд:

Ҳамон Кова он бар сари найза кард,
Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард.

А.Фирдавсӣ

Шохаи дигари ономастика топонимҳо мебошанд. Топонимҳо номи маҳал, мамлакат, вилояту шаҳр, шаҳраку деҳот, кӯҳу дара, сахрову биёбон, кулу ҷӯй, баҳру дарё, номи қасру бошишгоҳҳо, дахма, кӯчаву маҳалла ва амсоли инро ифода мекунад.

а) Номи обу дарё ва чашмаҳо:
Каъбае чун Ҳаҷаруласваду Замзам ба худ,
Аз дили сухтаву дидаи пурнам дорам.

Ш.Шоҳин

б) Номи мамлакат:
Ки гар номдоре зи Эронзамин,
Ҳазимат пазирад зи солори Чин.

А.Фирдавсӣ

в) Номи маҳал ва дарё:
Даҷла хунбор аст, з-ин пас, гар ниҳад сар дар нишеб,
Хоки нахлистони Батҳоро кунад бо хун аҷин.

С. Шерозӣ

Дили размҷӯяш бубаст андар он.
Ки лашкар кашад сӯи Мозандарон.

А.Фирдавсӣ

Бӯйи ҷӯйи Мулиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омӯю дурушти роҳи ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,
Хинги моро то миён ояд ҳаме.

А. Рӯдакӣ

Биёвард аспон зи ҳар сӯ гала
Ки буданд дар дашти Турон яла.

А. Фирдавсӣ

г) Номи кӯҳ:

Чун зи дарди Кӯҳкан бар Бесутун гиряд саҳоб,
Сурати Ширин бигардонад равон аз дида об.

Дарвеши Деҳакӣ

Дигаре аз шохаҳои ономастика этнонимҳо мебошанд. Ба этнонимҳо номи сулолаҳо, қабила, авлод дохил мегарданд. Номи сулолаҳо: Каён, Ашкониён, Сосониён, Сомонён. Инчунин номи бошандагони ягон маҳал; ҳиндувон, чиниён, туркон, ховариён, мозандарон, халулиён, барбариён…

Саъдиё, чанҳон ки медонӣ, бигӯй!
Ҳақ нашояд гуфт, илло ошкор!
Ҳар киро хавфу тамаъ дар бор нест,
Аз хито бокаш набошад в-аз татор!

С. Шерозӣ

Калимаи ***татор*** шакли сабук карда шудаи ***тотор*** буда, Саъдии Шерозӣ, муғулонро бо ҳамин ном ном мебарад:

Аз баҳри худо, ки моликон ҷавр,
Чандин накунанд бар мамолик.
Шояд ки ба подшоҳ бигӯянд:
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Номи забони халқ, миллат, қавм, қабила низ ба этнонимҳо дохил шуда лингвоним номида мешавад: Забони паҳлавӣ, забони тозӣ, забони порсӣ, забони ҳиндуӣ ва ғайраҳо.

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад ин порсӣ,

А. Фирдавсӣ

Калимаҳое, ки номи ҷирмҳои осмонӣ- сайёра ва бурҷҳои осмониро мефаҳмонанд астроним ва космонимҳо номида мешаванд; Зуҳал, Офтоб, Зуҳра, Миррих, Моҳ.

Ҳар даъвие, ки аз ту ба фазлу камол рафт,
Бирҷис мӯҳр карду Уторид навишт сак.

Ш.Шоҳин

Ба авҷи Кибриё к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ онҷо,
Сари мӯе, гар инҷо хам шавӣ, бишкан кӯлоҳ онҷо,

Бедил

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.

Абуалӣ ибни Сино

Дигар аз шохаи ономастика хрематонимҳо мебошанд. Хрематонимҳо калимаҳое мебошанд, ки номи асарҳои адабӣ-бадеӣ, илмиро дар бар мегиранд: «Қуръон», «Таврот», «Инҷил», «Забур», «Авесто», «Калила ва Димна», «Ғиёс-ул-луғот» ва ғайраҳо.

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш,
Ато гирифт ба назми «Калила» дар кишвар.

Унсурӣ

«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ
Ҳаст «Қуръон» дар забони паҳлавӣ.

Ҷ. Румӣ

Номҳое, ки ба ҳайвонҳо дода мешаванд зоонимҳо номида мешаванд: Калила, Димна, Рахш, Буроқ, Шабдиз.

Замин бандаву Рахш гоҳи ман аст,
Нигин гурзу миғфар кулоҳи ман аст.

А. Фирдавсӣ

Дар осори асрҳои гузашта антропонимҳо, реалионимҳо, мифонимҳо, топонимҳо, гидронимҳо, этнонимҳо, лингвонимҳо, астроним ва космонимҳо, хрематонимҳо, зоонимҳо хеле зиёд корбаст гардидаанд. Омӯзиш ва пажӯҳиши ономастикаи тоҷик барои олимони забоншиноси тоҷик бахши нав аст.

А Д А Б И Ё Т

1. С.Айнӣ. Куллиёт, Нашриёти Давлатии Тоҷикистон/ С.Айнӣ.– Душанбе, 1963. –ҷилди II.

2. Шамсиддин Шоҳин. Куллиёт/ Шамсиддин Шоҳин. Душанбе: Адиб, 2006.
3. ҚосимоваМ.Н. Таърихи забони адабии тоҷик/М.Н. Қосимова. –Душанбе, 2003.
4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик/ Х.Мирзозода.– Душанбе: Маориф, 1987.
5. Исматов С.М. Тоҷ андар «Шоҳнома»/ С.М.Исматов. – Душанбе, 2009.
6. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд)/ Фирдавсӣ Абулқосим.– Душанбе: Ирфон, 1964–1966.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -М.: Советская энсиклопедия, 1969– Дар ду ҷилд.
8. Фарҳанги форсӣ ба русӣ: дар ду ҷилд.-М.; Русский язык, 1985.
9. Баранов Х.К. Арабско-русский словарь/ Х.К.Баранов. -М.: Русский язык, 1985.
10. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб/ Алимӣ Ҷ. –Душанбе, 1995.

ТАДЖИКСКАЯ ОНОМАСТИКА-САМЫЙ МОЛОДОЙ РАЗДЕЛ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОЗНАНИЯ

В статье на основе многочисленных примеров из классической и современной таджикско-персидской литературы и истории изучается ономастика - наука, изучающая имена собственные и рассматривается как самый молодой раздел таджикского языкознания.

Ключевые слова: ономастика, наука, языкознание, семантика, этимология, морфология, антропонимы, топонимы, хрематонимы, зоонимы, гидронимы, мифонимы, этнонимы, лингвонимы, астронимы и космонимы.

TAJIK ONOMASTIK THE YOUNGEST PART OF THE TAJIK LINGUISTIKS

In clause on the basis of numerous examples from classical and modern Tajik of the Persian literature and history onomastic a science studying names own, considered as youngest part of the Tadjik linguistics.

Key words: onomastic, science, linguistics, semantics, etymology, morphology, antroponims, toponims, khrematonoms, zoonoms, gidronims, mifonims, etnonims, lingvonims, astronyms and kosmonims.

Сведения об авторе: ***А.А. Нуров*** **–** аспирант Кулябского государственного университета им.А.Рудаки Телефон: **(+992) 985-45-11-26**

ПАРЕМИОЛОГИЯ КОНЦЕПТА «УМ» И «ГЛУПОСТЬ» В РУССКОЙ И КИТАЙСКОЙ КУЛЬТУРЕ

М.Дж. Мамедова
Российско-Таджикский (славянский) университет

Благодаря влиянию разнородных культурных традиций китайского и русского народов, фразеологические единицы (ФЕ) китайского (КЯ) и русского (РЯ) языков приобретают национальное своебразие.

Очень информативны при исследовании концепта паремии. В них мы находим застывшие осмысления того или иного концепта, сложившиеся на протяжении длительного времени и менявшиеся в зависимости от места, времени и условий проявления концептуальных сущностей в жизни народа, отдельных групп людей, отдельного человека. Один и тот же концепт как бы поворачивается разными сторонами к разным людям, и поэтому видна его многослойность и многоаспектность.

Под паремиями понимаются устойчивые в языке и воспроизводимые в речи анонимные изречения, пригодные для употребления в дидактических целях [4]. Как правило, к паремиям относятся пословицы и поговорки. Пословицы справедливо считают сгустками народной мудрости, то есть тем самым народным культурным опытом, который хранится в языке и передается из поколения в поколение. Вот такое определение приводит В.П. Жуков: «Пословица – краткое, устойчивое в речевом обиходе, как правило, ритмически организованное изречение назидательного характера, в котором зафиксирован многовековой опыт народа; имеет форму законченного предложения» [2]. И далее: «Поговорка – краткое изречение, нередко назидательного характера, имеющее, в отличие от пословицы, только буквальный план и в грамматическом отношении представляющее собой законченное предложение» [2].

Проблема взаимосвязи и взаимодействия языка и культуры, с одной стороны, имеет давнюю традицию, а с другой, несмотря на наличие целого ряда исследований, как общего, так и частного характера продолжает оставаться недостаточно исследованной как в обще-теоретическом, так и в прикладных аспектах. Резко возросшие в наше время экономические, социальные, научные и культурные контакты стран и их народов с неизбежностью выдвигают проблему "язык и культура" в число важнейших общеязыковедческих и социолингвистических проблем. Известно, что картина мира есть

субъективный образ окружающей действительности, который опредмечивается в совокупности различных знаковых форм, при этом важным является, что образ чужой культуры не должен заслоняться своей и не терять своей "чуждости".

Объектом в данной работе мы попытались показать сопоставительнный анализ наивно-языкового представления о жизни, реконструируемого из употребления соответствующих языковых единиц в китайском (КЯ) и русском (РЯ) языках, и предметом сходства и различия языковых средств номинации и описания ума в китайском и русском паремиологических фондах. Предлагаемое исследование представляет попытку описания паремиологических средств объективации концепта «ум», в связи, с чем мы определяем цель нашего исследования как выявление и сопоставление паремиологических средств, номинирующих и описывающих концепт «ум», на материале КЯ и РЯ. Реализацию цели попытались показать путем решения: а) описать многоаспектную природу феномена «ум», его философско-этическую, социальную, психолингвистическую характеристику; б) установить культурно-этническую характеристику феномена «ум»; в) определить языковый корпус паремий, отсылающих к теме ума, в КЯ и РЯ; и г) выявить пути схождения и расхождения концепта «ум» в сознании носителей сопоставляемых языков. Актуальность, наверное данной темы объясняется тем, что для понимания культурной специфики языка необходимо прежде всего проанализировать основные ценностные ориентиры, к числу которых относится понятие ума. Данное исследование затрагивает проблемы сопоставительной лингвистики, отчасти философии, психологии. Таким образом, языковое отражение этого фрагмента внутреннего мира человека (отношение к уму) может стать частью исследования языковой картины мира в целом. Феномен «ум» становится предметом исследования в различных сферах наук: философии, психологии, лингвистики.

Слово «Культура» многозначно во всех европейских языках. Академический словарь русского языка дает семь значений этого слова, из которых нам важно первое: «Совокупность достижений человеческого общества в производственной, общественной и духовной жизни».

Язык не существует вне культуры как «социально унаследованной совокупности практических навыков и идей, характеризующих наш образ жизни» [5]. Как один из видов человеческой деятельности, язык оказывается составной частью культуры, определяемой как совокупность результатов человеческой деятельности в разных сферах жизни человека: производственной, общественной, духовной. Однако, в качестве формы существования мышления и, главное, как средство общения язык стоит в одном ряду с культурой. Если же рассматривать язык с точки зрения его структуры, функционирования и способов овладения им (как родным, так и иностранным), то социокультурный слой или компонент культуры, оказывается частью языка или фоном его реального бытия. «Язык – зеркало культуры, в нем отражается не только реальный мир, окружающий человека, не только реальные условия его жизни, но и общественное самосознание народа, его менталитет, национальный характер, образ жизни, традиции, обычаи, мораль, система ценностей, мироощущение, видение мира. Язык – сокровищница, кладовая, копилка культуры. Он хранит культурные ценности - в лексике, в грамматике, в идиоматике, в пословицах, поговорках, в фольклоре, в художественной и научной литературе, формах письменной и устной речи. Язык - передатчик, носитель культуры, он передает сокровища национальной культуры, хранящейся в нем, из поколения в поколение. Овладевая родным языком, дети усваивают вместе с ним и обобщенный культурный опыт предшествующих поколений. Язык – орудие, инструмент культуры. Он формирует личность человека, носителя языка, через навязанные ему языком и заложенные в языке видение мира, менталитет, отношение к людям и т. п., то есть через культуру народа, пользующегося данным языком как средством общения» [6].

Концепт «ум» представляется значимым как для китайцев, так и для русской культуры, однако, для китайской культуры важной характеристикой ума является его динамизм (ср.: 一举成名 yi ju cheng ming *Быстро сделать головокружительную карьеру;* 百尺竿头，更进一步baichi gantou,geng jinyibu *добиваться еще больших успехов, стремиться вперед*); для прагматической в своей основе китайской культуры ум – это, прежде всего, способ достижения и материального благополучия (夙兴夜寐suxing yemei

работать, не покладая рук; 不择手段 buze shouduan *не брезгать ничем.*); в русской культуре ум чаще всего оценивается как нечто возвышенное, заслуживающее преклонения (ср: *я преклоняюсь перед его умом; Не много думано, да хорошо сказано*) [1].

Нами рассмотренные провербиальные единицы, для исследования паремиологии концепта «ум» и связанного с ним концепта «глупость», дают возможность в результате анализа отметить следующие правила, что следует передать основное значение выражения, также сохранить, насколько это возможно, сделать выводы об изначальных, грамматических и стилистических особенностях, что основными компонентами концепта «ум», представленными в пословицах и поговорках, являются *мудрость; совет* **(***Своим умом живи, а добрым советом не пренебрегай. Кто с советом не считается, тот просчитается. Без совета жить – что без торбы по миру ходить. И мудрому человеку совет требуется. Добрый совет на приметку бери.* Ср. 从善如流congshan ruliu *прислушиваться к добрым советам*; 不经一事，不长一智 bu jing yi shi, bu zhang yi zhi *поживешь подальше – узнаешь побольше;* 大智若愚 Da zhi ruo yu - *Истинный ум всегда скромен (великий ум, как правило, отличается скромностью и простотой)***;** 多劳多得 duolao duode *кто больше трудится, тот больше получает*; *знание, труд* **(**представляется условная такая форма «ум+знания+труд (усилия) = успех»: *Кто хочет много знать, тому надо мало спать. Азбука латини не пиво в братине. Наука не медовуха: в рот не вольешь. Лежа и кнута не добыть. Лежа на пуховике не сделаешься великим* и китайский аналог大处落墨 dachu luomo *делать упор на главном, брать быка за рога;* 刀不磨要生锈，水不流要发臭 dao bu mo yao sheng xiu, shui bu liu yao fa chou *Под лежачий камень вода не течет.), усилие+ учение→ уважение; мука (*«без муки (труда) нет науки»: *Корень учения горек, да плод его сладок. Труд при учении скучен, да плод его вкусен. Без муки нет науки.* -惩前毖后chengqian bihou *извлекать урок из прошлых ошибок в назидание на будущее;* 逢人只说三分话，未可全抛一片心 feng ren zhi shuo san fen hua, wei ke quan pao yi pian xin *Разговаривая с незнакомцем, мудро быть сдержанным;* 细水长流，细吃长有 xi shui chang liu, xi chi chang you *тише едешь – дальше будешь;* 只要工夫深，铁杵磨成针 zhi yao gongfu shen, tiechu mocheng zhen *терпенье и труд все перетрут;* 少说话，慢开口，遇到问题绕道走 shao shuohua, man kaikou, yudao wenti raodao zou *поменьше говори, не спеши открыть рот, столкнешься с проблемой – иди в обход. индивидуальность, своеобразие, оригинальность ума* **(***Сто голов, сто умов. Что голова, то ум. У каждого Филата своя в уме палата. Сколько голов – столько умов. Друг он мой, а ум у него свой. Всяк живет своим умом. У всякого барона своя фантазия.*Ср. китайские аналоги: 尺短寸长chiduan cunchang *каждый хорош на свой лад*, 三个臭皮匠，合成一个诸葛亮 sange chou pi jiang hecheng yige Zhuge Liang *ум хорошо, а два лучше*; 百人百条心bairen baitiaoxin сколько человек, столько и мнений; 百人百性bairen baixing сколько людей, столько и характеров, люди все разные.

Основными компонентами концепта «глупость» на материале пословиц и поговорок явились: *короткий ум, пустая/дурная голова, алогизм (глупость в ее проявлениях, нелогичность действий), природная глупость, глупый смех (не к месту), неисправимость результатов действия дурака, дурной язык/глупые слова (речи), чванство, спесь, пустые усилия, дурной пример, лень, любопытство, ошибки, тьма.*

Проанализировав количество паремий концепта «ум» и «глупость», мы пришли к выводу, что наиболее важным моментом является реальный смысл, что о глупости в пословицах и поговорках говорится намного чаще, о различных проявлениях ума и мудрости, связанных с ним учении и науке говорится реже, достаточно часты сравнения, сопоставления и противопоставления различных проявлений ума и глупости.

Несомненно, исследование такого значимого для культуры каждого народа концепта, как «ум» требует многопланового и более детального изложения. В данной статье из-за ограниченности объема затронут лишь один аспект исследования.

Л И Т Е Р А Т У Р А
1. Большой китайско-русский словарь. - Пекин, 2004. – 1250 с.
2. Жуков В.П. Лингвистический энциклопедический словарь/ В.П. Жуков. - М., 1990. – 537 с.
3. Москвин В.П. Классификация русских метафор. Языковая личность: культурные концепты: // Сб. науч. тр. / ВГПУ, ПМПУ. — Волгоград; Архангельск: Перемена, 1996. – 259 с.
4. Савенкова Л.Б. Русская паремиология: семантический и лингвокультурологический концепты/ Л.Б. Савенкова. – Ростов-н/Д.: Изд-во Рост ун-та. 2002. – 240 с.
5. Сепир Э. Язык. Введение в изучение речи // Избранные труды по языкознанию и культурологи/ Э. Сепир– М.: Прогресс, 1993. – С. 223-247.
6. Тер-Минасова С. Г. Язык и межкультурная коммуникация: Учебн. пособие / С. Г. Тер-Минасова - М.: Слово/Slovo, 2000.
7. [Электроний ресурс]http://www.zipsites.ru/books/yazyk_i_mezhkult_kommunikatsiya .

ПАРЕМИОЛОГИЯ КОНЦЕПТА «УМ» И «ГЛУПОСТЬ» В РУССКОЙ И КИТАЙСКОЙ КУЛЬТУРАХ

В статье проанализированы и классифицированы пословицы и поговорки китайского и русского языков. Для определения основных признаков, характеризующих концепт «ум» и «глупость» были сопоставлены культура народов двух стран.

Ключевые слова: паремия; ум; глупость; концепт; смысловые компоненты.

PAREMYOLOGY OF "MIND" AND "FOLLY" CONCEPT IN RUSSIAN AND CHINESE CULTURE

The proverbs and sayings of Russian and Chinese languages are analyzed and classified. There was compared culture of people of two countries for the definition of dominant features characterizing the "mind" and "folly" concept.

Key words: paremia; mind; folly; concept; semantic components.

Сведения об авторе: ***Мамедова М. Дж***.- аспирантка кафедры теоретического и прикладного языкознания Российско-Таджикского (славянского) университета.Телефон: **(+992) 918 682669.**

ИДИОМАҲО БО УНСУРҲОИ СОМАТИКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФРАНСАВӢ

Фарзона Улфатшоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар марҳалаи имрӯзаи таҳаввул ва такомули илми забоншиносӣ зери майлони умумиҷаҳонии ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолият зарурати пажӯҳиш ва тадқиқоти масъалаҳои мухталифи забонҳои хешу бегонаро дар муқоиса бо ҳамдигар ба миён меоварад, зеро дар қабат ва соҳаҳои забони ҳар як миллат хусусиятҳои миллӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ҳуввияти он инъикос меёбад.

Дар мақола мо роҷеъ ба воҳидҳои фразеологии идиоматикие, ки дар таркибашон вожаҳои соматикӣ (аз забони юнонӣ *soma* – бадан) доранд, ҳарф мезанем. Зери мафҳуми *соматикӣ* калимаҳое дар назар дошта мешаванд, ки ифодакунандаи маънои аъзои бадан мебошанд.

Воҳидҳои идиоматикӣ гурӯҳи аз ҳама муъҷазу пуробуранг ва муассири воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, таркибан рехтаву устуворанд ва ба ҳиссаҳои маъноӣ ҷудо намешаванд. Онҳо ба образнокии баланд, рангубори миллӣ, оҳангҳои мухталифи баҳодиҳӣ соҳибанд. Оид ба ин хусусияти воҳидҳои фразеологӣ профессор Ҳ. Маҷидов чунин қайд кардааст: «Қисмати идиоматикии фонди қадими фразеологии забон, ки бо колорити миллии худ фарқ карда меистад, қариб ҳеҷ гоҳ ба забонҳои дигар намегузаранд. Дар мавриди ба забонҳои дигар тарҷума кардан матнҳое, ки чунин фразелогизмҳоро доранд, лозим мешавад, ки муодилҳои мувофиқи онҳо дар он забонҳо ҷустуҷӯ карда шаванд» [6, 74].

Тобиш ва обуранги миллӣ, инчунин хусусият ва аломатҳоии асосии идиомаҳоро забоншиносон дар китобҳо ва мақолаҳои илмии худ мавриди баҳс қарор додаанд. Дар байни воситаҳои баёни равшану фасеҳ ва таъсирнок қабати воҳидҳои фразеологӣ, бавижа, идиомаҳо, мавқеи махсус ва муҳим доранд. Хусусиятҳои хоси

миллии воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ дар таҳлили муқоисавии забонҳо равшантар зоҳир мегардад. Бинобар ин тасмим гирифтем, то ба қадри имкон ин вижагии идиомаҳоро дар мисоли забонҳои тоҷикию франсавӣ таҳлил намоем.

Забоншиноси рус Ю.П. Солодуб (ВФ) якчанд забон (русӣ, олмонӣ, англисӣ) -ро омӯхта, онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардааст: фразеологизмҳои байналмилалӣ, сирф миллӣ ва фразеологизмҳои омехта [7].

Фразеологизмҳои байналмилалӣ гуфта, ӯ ВФ-еро меномад, ки онҳо дар забонҳои гуногун таркиб ва мазмуни якхела доранд, аммо тарзи ифода ва тарҳи грамматикии онҳо аз сохти он забон вобастагӣ дорад.

Воҳидҳои фразеологии сирф миллӣ воҳидҳои аз як забон ба забони дигар тарҷиманашавандае мебошанд, ки маънои муайяни онҳо дар таркиби мушаххас танҳо хоси як забон ё гурӯҳи забонҳои хеш аст. Онҳо ба як вожа ё ибораи озоди синтаксисӣ мувофиқат мекунанд.

Идиомаҳое, ки маъноянҳон бо унсурҳои байналмилалӣ ва миллӣ ифода мегарданд, ба фразеологизмҳои омехта дохил мешаванд. Ба онҳо ВФ-ҳое дохил мешаванд, ки маънои якхела доранд, аммо образҳои фразеологии гуногун. Образнокии ин гуна воҳидҳо хусусият ва аломатҳои миллии забони муайянро ифода мекунанд, ки он ба муносибатҳои миллӣ, урфу одат ва ҷаҳонбинии соҳибони забон вобастагӣ ва алоқамандии зич дорад.

Забоншиноси дигари рус В.Г. Гак дар ин хусус назари дигаре дорад. Вай воҳидҳои фразеологии идиоматикиро таҷассумкунандаи равшани вижагиҳои миллию фарҳангии забон мешуморад. Барои ҳамин ӯ ду омили ба хусусиятҳои миллии ВФ таъсиррасонро нишон додааст: объективӣ ва субъективӣ [2].

Омили обективӣ аз воқеияти табиӣ ва маданияту фарҳанге иборат аст, ки фақат ба як халқ ё миллати ҷудогона мансуб мебошад. Барои мисол В.Г. Гак ифодаи франсавии *palecommeuneendive* –«рангпарида» (*айн.* рангаш ба монанди эндивий кандагӣ)-ро овардааст. Дар ин ҷо *эндивий* номи як растание аст, ки дар Фаронса парвариш меёбад ва танҳо образи идиомаҳои забони франсавӣ шуда метавонад.

Омили обективӣ бошад, воҳидҳои фразеологии идиоматикиеро ташкил медиҳад, ки унсурҳои асосии онҳоро дар забонҳои мухталиф воқеияти ягона созмон медиҳанд.

Чуноне ки маълум аст, дар аҳди қадим одамон олами атрофро ба воситаи узви бадан чену андоза мекарданд. Ҳангоми истифодаи вожаҳои ифодакунандаи маънои аъзои бадан ба маънои маҷозӣ шахс диққат ва эҳсосоти худро пурратар ба онҳо равона мекунад.

Аввалин бор истилоҳи «соматикӣ» -ро забоншиноси финӣ Ф. Вакк дар тадқиқоташ, ки ба ВФ-и забони эстонӣ бахшида шуда буд, истифода намудааст. Ӯ ба хулоса меояд, ки онҳо қабати бостонӣ ва асосии забонро ташкил медиҳанд [1].

Дар адабиёти забоншиносии рус ин истилоҳро Э.М. Мордкович аввалин маротиба дар мақолааш «Гурӯҳҳои маъноӣ ва мавзӯии фразеологизмҳои соматикӣ» таҳти истифода қарор додааст. Ба назари ӯ аксари идиомаҳои соматикӣ барои ифодаи маъноҳои хусусиятҳои манфидошта ба кор бурда мешаванд [4].

Дар забоншиносии тоҷик оид ба масъалаи ба маънои маҷозӣ ва сермаъноӣ кор фармуда шудани вожаҳои ифодакунандаи номи аъзои бадан мақолаю корҳои ҷудогона бахшида шудаанд, аммо нисбати онҳо истилоҳи «соматикӣ» то ҳол корбурд нашудааст.

Дар пайдоиши фразеологизмҳои идиоматикӣ нақши соматизмҳои алоқаманд бо дарки олами ҳастӣ, тағйирот ва таъсири он ҷамъият, ба эҳсосот, меҳнати ҷисмонию фикрӣ ва фитрату хислати инсон хеле назаррас аст. Ин ҳолат ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони франсавӣ ҳариф яксон аст. Идиомаҳое, ки дар таркибашон вожаҳои **сар, чашм, дил, даст, по,** ***tete, oeil, coeur, main, bras, pied, iambe*** доранд, дар ҳар ду забон зиёд дучор меоянд. Инро чунин маънидод мекунанд, ки вожаҳои

зикршуда на танҳо сермаъноянд, балки дар расму ойини мардумӣ ва миллӣ бо онҳо рамзу киноёти зиёде, ки ҳолат ва эҳсосоти муайяни инсонро ифода мекунанд, алоқамандӣ доранд.

Одатан, ҳамаи соматизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва франсавиро аз рӯйи феҳрасти умумӣ ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунанд: сар, миён, даст ва пой. Мо панҷ ҷузъи идиомаҳои соматикии забони тоҷикӣ: сар, чашм, дил, даст, по ва ҳафтто франсавӣ: *tete, oeil, coeur, main, bras, pied, jambe*–ро зери таҳлил қарор додем, ки 10 гурӯҳи луғавӣ-маъноиро ташкил додаанд: 1. Хирад / нодонӣ; 2. Хислат; 3. Ҳолати ҷисмонӣ; 4. Эҳсосоти аҳвол; 5. Эҳсоси муносибат; 6. Хусусиятҳои сифатии инсон; 7. Фаъолияти ақлӣ; 8. Симо; 9. Рафтори одам; 10. Вазъияти иҷтимоӣ.

Ҷузъи «сар» «*tete*» дар воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ дар ҳар ду забони таҳти муқоиса қарор дода шуда, ба маъноҳои *хирад / нодонӣ, хислат ,ҳолати ҷисмонӣ, эҳсосоти аҳвол ,эҳсоси муносибат, фаъолияти ақлӣ, симо, рафтори одам ва вазъияти иҷтимоӣ* кор фармуда мешаванд. Яъне қариб аксари маъноҳои дар болотар зикршударо дода метавонад, аммо қайд кардан бамаврид аст, ки барои ифодаи маънои «фаъолияти ақлӣ» ин вожа зиёдтар истифода мешавад.

Унсури чашм/ *oeil* бошад, дар ифодаи гурӯҳҳои маъноии *хислат, ҳолати ҷисмонӣ, эҳсосоти аҳвол, эҳсоси муносиб, фаъолияти ақлӣ, симо,* истеъмол мешавад.

Вожаи дил / *coeur* ҳам қариб ҳамаи гурӯҳҳои лексикӣ-маъноии зикргардидаро ифода карда тавонад ҳам, аммо он пеш аз ҳама, маъноҳои «рӯҳи инсон, муҳаббат, меҳр ва дарк» -ро медиҳад.

Дар якҷоягӣ ба маъноии маҷозӣ соҳиб шудани ҷузъҳои таркиби чунин идиомаҳо ҷараёни мадиди инкишофи тафаккури инсонҳо буда, натиҷаи муҷаррадшавии мафҳуми ашёҳои мухталиф ва ҳодисаю воқеаҳо дар онҳо мебошанд. Дар забони тоҷикӣ ба як қатор калимаҳо дучор омадан мумкин аст, ки маъноии рамзӣ-киноявии онҳо аз қадим маъруф будаанд [6,131]. Масалан, калимаи **дил** -ро одамон аз давраи қадим то имрӯз ҳамчун ифодакунандаи ҳар гуна ҳиссиёт донистаанд. Ҳар гуна тағйирот ва ҳодисаҳое, ки дар рӯҳияи онҳо ба вуҷуд меомад, ба ҳолату фаъолияти ин аъзои бадан вобаста мекарданд. Воҳидҳои идиоматикие, ки дар таркибашон калимаи **дил** мавҷуд аст, дар хазинаи фразеологии забони тоҷикӣ хеле зиёд ба чашм мерасанд. Масалан, идиомаҳои **ба дил задан**, **дил кандан**, **дил бой надодан**, **дили худро холӣ кардан**, **дили касеро ба худ кашидан**, **дили касе гарм шуд** ва монанди инҳо аз қабили чунин идиомаҳо мебошанд, ки калимаи *дил* дар таркиби онҳо омада маъноҳои ботин, хотир, фикр, андеша, мақсад, майлу хоҳишро ифода кардааст, ки образнокии он дар матн равшантару хубтар муайян мегардад [6, 177-178]:

Ман туро фарзанди худам барин дониста **дили худро** ба ту **холӣ кардам** (С. Айнӣ. Ғуломон, 47). … ба пушти девор ё ба даруни оғил ва ё ба гӯшаи ошхона ин ҳар ду бо ҳам вохӯрда **дили худро холӣ мекарданд** (С. Айнӣ. Одина, 317). … **дили худро бой надода** дуоро ба нисобаш расонда, девбанди комил шуда мебарояд (С. Айнӣ. Аҳмад, 85). … вақте ки Ризвонро харид, ҳусну ҷамоли ӯ **дили бойро** аз тарафи Қалмоқоим **ба тарафи худ кашид** (С. Айнӣ. Ғуломон, 72). Хизмати бойро бошад, аз пештара ҳам хубтар, бисёртар мекардааст, ки ӯ **дилаш гарм шуда**, зудтар тӯй карда ду дилдодаро ба муродашон расонад (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 42).

Чунин ифодаи маъноҳо дар идиомаҳои соматикии франсавӣ низ пурра вуҷуд дорад, ки дар мисоли калимаи pied он равшан ба мушоҳида мерасад:

Avoir le **pied** à l'étrier= **доим ба по будан** ба маъноии «мусофирати доимӣ".

Coup de **pied** de l'âne= **тарошаи аз бом афтодагӣ барин**, воқеаи ногаҳонӣ ба маъноии «пурра» (*айнан*, корд дар пушт задан).

Depuis les **pieds** jusqu'à la tête= **сар то по**, «пурра» (*айнан*, аз пой сар карда то ба сар).

Mettre sur le bon **pied= ба пой рост кардан**, ба маънои «ёрдам додан, тарбият кардан».

Ne pas se moucher du **pied= пойро дониста мондан**, «фикр карда кор кардан, санҷида ва бомулоҳиза кор кардан».

Remettre sur **pied= ба пой хестан** «бархостан; сиҳатшудан, сиҳат ёфтан»:

Мисолҳо:

1.Ma mère travaille dans une bureau international ,et c'est parce que elle a toujour au pied à l'étrier (Модари ман дар корхонаи байналхалқӣ кор мекунад ва барои ҳамин ӯ дар мусофирати доимӣ мебошад).

2. Mon amie a eu en accident et elle a coup le pied a l'âne et mentenant elle est à l'hopital (Дӯсти ман дар садама афтод ва нохост пояшро шикаст. Акнун ӯ дар беморхона бистарӣ шудааст);

3.Les parents de ma cuisine ont parti et je suis mets sur le bon pied fait les leçons (Волидайни амакбачаам рафтанд ва ман ба ӯ ҳангоми дарс тайёркунӣ ёрдам медиҳам).

Чунон ки аз мисолҳои боло бармеояд, унсури пой (по) ба маънoҳои «ҳаракат кардан», «муносибат», «мақсад», «устуворӣ», «мулоҳиза» ва ғайраҳо омада метавонад ва мақсади гӯяндаро равшан, пуробуранг ва образнок мекунад.

Умуман, идиомаҳое, ки ҷузъи соматикӣ (вожаҳои ифодакунандаи номи аъзои бадан) доранд, дар забонҳои тоҷикию франсавӣ фаровонанд ва дар доираи як мақола наметавон кулли онҳоро таҳлилу таҳқиқ намуд. Дар корҳои минбаъда тасмим дорем, ки дар доираи васеътару мушаххастар паҳлӯҳои дигари мавзӯи мазкурро баррас намоем.

Ҳамин тавр, воҳидҳои идиоматикии соматикӣ аз воҳидҳои рехтаву муассири забони тоҷикӣ ва франсавӣ ба шумор рафта, дар онҳо образнокии баланди бадеӣ ифода шудаанд. Рехтагӣ ва рангинӣ муассиртар баён ёфтааст ва як воситаи беҳтарини баёни фикр барои ҳар як соҳибзабон мебошад. Дар аксари ҳолатҳо маънoҳои наздикро ифода кунанд ҳам, вале дар лаҳзаҳои ҷудогона онҳо метавонанд ба маънoҳои гуногун истифода шаванд. Ин нозукиро дар вақти тарҷумаи матни бадеӣ донистан зарур аст. Бисёре аз мутарҷимони тоҷик ин хусусиятҳои воҳидҳои идиоматикиро ба назар гирифта, дар вақти тарҷумаи ибораи рехта мувофиқашро аз забонҳои тарҷумашаванда ҷустуҷӯ карда, истеъмол кардаанд, ки дар натиҷа воҳидҳои рехтаи мазкур образнокӣ ва рехтагии худро аз даст надода, ҳамчун воҳиди идиоматикӣ боқӣ мондаанд. Беҳтарин тарҷума дар ҳамон ҳолат сурат мегирад, ки воҳиди идиоматикии забони худӣ бо идиомаи забони дигар ифода шавад: «Аслан, воҳиди фразеологиро бо фразеологизми забони тарҷумашаванда баргардонидан лозим аст. Ин роҳи фразеологии тарҷума буда, тарҷумаи идеалӣ ҳисоб меёбад. Дар ҳолати дар забони тарҷумашаванда ҷой надоштани муодили мувофиқ усули дигар – роҳи ғайрифразеологии тарҷумаро ба кор мебаранд» [7, 56].

А Д А Б И Ё Т

1. Вакк Ф. О соматической фразеологии эстонского языка. (Вопросы фразеологии и составления фразеологических словарей)/ Ф. Вакк - Баку, 1968. - С. 23.
2. Гак В.Г. Особенности библейских фразеологизмов в русском языке (в сопоставлении с французскими библеизмаими).-1997. - №5. - С.55.
3. Красавский Н.А., Динамика эмоциональных концептов в немецкой и русской лингво- культурах: автореф. дис. д-ра фи- лол. наук / Н. А. Красавский. - Волгоград, 2001. – С.40.
4. Мордкович Э.М. Семантико-тематические группы соматических фразеологизмов: Актуальные проблемы фразеологии / Э.М. Мордкович. - Новосибирск, 1971. - С. 244- 245.
5. Маҷидов Ҳ. Воҳидҳои фразеологӣ ва образи бадеӣ/ Ҳ.Маҷидов // Адаб .– 1993. – № 9-10.– С.12-14.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. (Ҷилди 1. Луғатшиносӣ)/ Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007.- С.242.
7. Солодуб Ю.П. Русская фразеология как объект сопоставительного структурно-типологического исследования (на материале фразеологизмов со значением качественной оценки лица): дис… д-ра филол. Наук/ Ю.П. Солодуб – М., 1985. – С. 14.

СОМАТИЧЕСКИЙ КОМПОНЕНТ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ РУССКОГО И ФРАНЦУЗСКОГО ЯЗЫКОВ

В статье даётся определение соматического компонента фразеологизмов. Опираясь на работы таджикских и французских филологов, делаются выводы об универсальности и национальном своеобразии соматизмов в обоих сопоставляемых языках.

Ключевые слова: идиома, соматический компонент фразеологизмов**,** фразеологические единицы, соматизмы в русском и французском языках.

THE SOMATIC COMPONENT OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN RUSSIAN AND FRENCH LANGUAGES

The definition of somatic component of phraseological units is given in the article. Considering the scientific experience of Tajik and French philologists the conclusion about the similarity and national originality of somatisms on the semantic level in both compared languages is made.

Key words: idiom, somatic component of phraseological units, phraseological units, соматизмы in Russian and French languages.

Сведения об авторе: ***Улфатшоева Фарзона*** – аспирантка Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 93 300 66 11.**

ВИЖАГИҲОИ МАФЪУЛ ДАР “КАЛИЛА ВА ДИМНА”

Ҷаъфари Рӯдсаробӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Калила ва Димна” яке аз асарҳои бузурги адабиёти форсу тоҷик аст, ки ҷойгоҳи вижае дар миёни осори дурахшони адабиёти ҷаҳон дорад. Ин асари шигарф ҳам аз назари вижагиҳои бартарии адабӣ ва ҳам аз дидгоҳи маънӣ навиштае қобили тааммул ва марвориде дурахшон дар дарёи бекарони адабиёти ҷаҳон аст. Достонҳои беназир ва нигоҳи амиқи он ба дунёи пур аз рамзу рози инсонҳо, он ҳам бо баёни намодин аз забони ҳайвонот на танҳо гиройиву ҷаззобияти ин асарро боло бурда, балки бар ғинои адабӣ ва ҳамчунин умқи маънавии онро афзудааст.

Мо дар ин мақола имкони онро надорем, ки ба ин вижагиҳо бипардозем, аммо то он ҷо ки дар тавон бошад, аз вижагиҳои наҳвии ин асари бузург ва бахусус аз вижагиҳои корбурди мафъул дар ҷумлаҳои он сухан бар забон меоварем. Ҳарчанд ки то кунун дар ин маврид бисёр андак пажӯҳиш шудааст, умедворам, ки битавонам ба андозаи кофӣ он чи мавриди ниёз аст, баён намудава абъоди тозатаре аз зебоиҳои забониву дастурии “Калила ва Димна” равшан намоям.

Мафъул калимае аст, ки далолат мекунад бар касе ё чизе, ки феъл бар ӯ воқеъ шудааст [3,75]. Мафъул дар калимаҳое ба кор меравад, ки феъли онҳо мутаъодӣ аст ва ба он ниёз дорад: “Ман **<u>ахлоқи шерро</u>** озмудаам” [“Калила ва Димна”-и Насруллои Мунши. Теҳрон, 1385 шамсӣ. 100 с.][3].

Дар ин ҷумлаҳо вуҷуди мафъул илзомӣ аст ва ба ҳеч ваҷҳ наметавон онро аз ҷумла ҳазф намуд. Чунончи: “**<u>Хирадманди дурбинро</u>** мадҳуши ҳайрон гардонд” (с. 135).

Гоҳ мафъул бо ҳамроҳи нишонаи он, яъне -“ро”, ба кор меравад, ки дар ин сурат он мафъули сареҳ гуфта мешавад ва гоҳе бидуни нишонаи -“ро” дар ҷумла меояд, ки мафъули ғайрисареҳ номида мешавад. Ба назар мерасад, ки мафъули сареҳ ва ғайри сареҳ илова бар тафовут дар корбурди шакли зоҳирӣ (ро) аз назари мафҳумӣ низ мутафовит мешаванд. Ба гунае ки мафъул ҳар замон ҳамроҳ бо нишонаи -“ро” меояд, баёнгари таъкиди бештар бар он аст, ки бо наёмадани он ин таъкид ва ҳатто такяву фишор аз рӯйи мафъул бардошта мешавад. Намунаҳои мафъули сареҳ ва ғайри сареҳро аз “Калила ва Димна” мушоҳида менамоем:

“**<u>Моҳиёнро</u>** хабар карданд”.

Дар ҷумлаи фавқ мафъул ҳамроҳ бо нишонаи -“ро” омадааст, аммо дар мисоли зер мафъул бидуни ин нишона ва бевосита омадааст:

---

[3] Минбаъд дар қавс танҳо саҳифа ишора мешавад.

“Ҳаргиз **гов** надида буд”. Ҳамчунон ки аз ҷумлаи фавқ пайдост, дар тарзи ифода мафҳуми мафъул умумӣ аст.

Гоҳе мафъул дар ҷумла ба сурати исм баён шудааст, ки дар ин сурат исмҳо низ ба сурати мутафовит меоянд. Исмҳое, ки вижагиҳои мухталиферо ба худ мегиранд, аз ҷумла исми маърифа ё накира, исми хос ё ом, муфрад ё ҷамъ, исми сода, муштақ, мураккаб ва муштақи мураккаб ва ғайра. Дар “Калила ва Димна” номҳои зиёде ба сурати мафъул ба кор рафтаанд, ки аз он ҷумла метавонба намунаҳои зер ишора намуд:

Дар иборати зер мафъул исми сода ва муфрад аст: “Ҳар гоҳ, ки **моҳе** бидидӣ, гумон бурдӣ, ки ҳамон рушноӣ аст”(с. 237).

“**Моҳиёнро** хабар карданд” (с. 176).

Дар ҷумлаи фавқ исм ба сурати ҷамъи мафъул қарор гирифтааст.

Гоҳ мафъул дар ҷумла ба шакли замир баён шудааст. Дар ин сурат мафъул дар анвои замир истифода мешавад, ки аз он ҷумла метавон ба замири шахсӣ, замири ишора, замири мубҳам ва замири муштарак ва ғайра ишора намуд. Дар “Калила ва Димна” низ намунаҳои зиёде аз анвои мафъул ба шакли замир метавон мушоҳида намуд, ки дар зер ба бархе аз онҳо ишора менамоем:

Мафъул замири шахси муфрад аст: “**Маро** дар хашми ӯ афкандаанд” (с. 128).

Замири шахси мафъул воқеъ шудааст: “**Эшонро** борҳо биёзмудааст” (с. 135).

Гоҳе низ замир ба сурати муштарак (ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ) омадааст: “**Худро** бар сутун баст” (с. 125).

Дар ин ҷумла низ замири мубҳам ба кор рафтааст: “**Ҳамаро** бар адолати малик таҳзиз кардааст” (с. 243).

Дар ҷумлаи зер замири ишора ва замири мубҳам ҳароҳи якдигар дар як таркиб омадаанд: “**Ин ҳамаро** Зоҳид медид ва мешунид” (с. 234).

Вақте мафъул сифат бошад, дар ҳақиқат вижагии исме, ки бояд мафъул қарор бигирад, ба сурати сифат ба кор меравад. Албатта, ин шакли мафъул камтар аз анвои дигари мафъул дида мешавад. Дар “Калила ва Димна” низ сифате, ки мафъул бошад, бисёр нест, ки бархе аз ин анвоъро муаррифӣ менамоем:

“Ҷавонро пир мегардонад ва пирро ночиз мекунад” (с. 207).

Дар ҷумлаи фавқ ду сифат, ки мутазоди якдигар ҳастанд ва яке мафъул воқеъ шуд, дигаре дар нақши хабар омадааст.

“**Аҳмақи оқилро** зираки мутаяққиз гардонад” (с. 305).

Дар иборати фавқ низ мафъул сифат аст, аммо бо сифате дигар таркиби васфӣ сохтааст.

Гоҳе низ сифат ҷамъи мафъул қарор гирифтааст:

“Ҳамеша хоинонро ба вуболи сахт маъхуз дорад” (с. 185).

Бисёре аз ҷумлаҳое, ки феъли он мутаадӣ (гузаранда) аст, дорои мафъуле аст, ки аз гурӯҳи калима ташкил шудааст, ки таркибе аз музоф ва мазофилайҳ ё мавсуф ва сифат ва ё шаклҳои мутафовуте аз таркиби калимот аст. Дар “Калила ва Димна” низ ҷумлаҳои фаровоне дида мешавад, ки дар онҳо мафъул ба сурати гурҷӯҳе аз калимот ба кор рафтааст, ки дар зер ба намунаҳое аз он ишора менамоем:

Дар ин ҷумла мафъул таркиби мавсуф ва сифат аст:

“**Аждаҳое саҳмнок** дид” (с. 152).

Аммо гоҳе низ таркиби музоф ва музофу илайҳ мафъул воқеъ шудааст:

“Ҳеҷ хирадманд **тазйиъи умр** дар талаби он ҷоиз нашумурд” (с. 389).

Дар иборати зер ду таркиби мафъул ба сурати музоф ва музофилайҳ омадаанд:

“Ту медонӣ **савобиқи иттиҳод** ва **муқаддамоти дӯстии** ман бо худ” (с. 124).

Мафъул низ монанди аҷзои дигари ҷумла дорои ҷойгоҳи мушаххасе аст. Маъмулан мафъул пас аз ниҳод ва пеш аз феъл ба кор меравад, аммо гоҳе дар ҷумлаҳо ба иқтизои маъно ва сабки нависанда ҷойгоҳи маъмул тағйир мекунад. Масалан, дар ибтидои ҷумла пеш аз ниҳод ё пас аз феъл ба кор меравад. Дар “Калила ва Димна” низ ҷойгоҳи маъмул дар ҷумлаҳои мутафовит тағйир кардааст, ки намунаҳои ин корбурдҳоро ишора мекунем:

“**Маро** аҷал ин ҷо овард” (с. 196).

Дар ҷумлаи фавқ мафъул дар ибтидои ҷумла ва пеш аз ниҳод омадааст.

“Мебинед дар ин наздикӣ сайде то ман берун равад?” (с. 254).

Дар ин ҷумла мафъул пас аз феъл омадааст.

Дар бархе ҷумлаҳо мафъул ба сурати муфрад ба кор бурда мешавад. Дар ин ҷумлаҳо мафъул фақат яке аст, ки гоҳ як инсон ба унвони мафъул истифода мешавад ва ё ин ки як падида ва шайъ мафъул қарор мегирад. Дар сурате ки ҷамъ бошад. Бо нишонаҳои ҷамъи мутафовите ба кор меравад. Монанди: ҳо-, -он-, от-, ин-, ун ва ғайра. Гоҳе мафъул ба сурати исми ҷамъ ба кор меравад, ки дар ин сурат нишонаи ҷамъ ба кор бурда намешавад. Намунаҳои мутафовити мафъулро дар мисолҳои зер аз назари шумор мушоҳида менамоем:

“Бозаргон **мард**еро барои тааҳҳуди ӯ бигузошт” (с. 402).

Дар ҷумлаи фавқ мард мафъули муфрад мебошад.

“Ту медонӣ **савобиқи иттиҳод** ва **муқаддамоти дӯстии** ман бо худ” (с. 297).

Дар ин ҷумла **“савобиқи иттиҳод”** ва **“муқаддамоти дӯстӣ”**, ки ҳар ду ҷамъ мебошанд, мафъул қарор гирифтаанд.

Ин мақола бо таърифи мафъул оғоз шуд ва дар идома вижагиҳои он дар ҷумлаҳои мутафовити “Калила ва Димна” баён гардид. Мушаххас шуд, ки мафъул дар ин ҷумлаҳо чи навъ калимае аст. Масалан исм, замир ё сифат. Мафъул аз назари шумор (муфрад ва ҷамъ) мавриди таҷзия ва таҳқиқ қарор гирифт ва вижагиҳои он дар “Калила ва Димна” баён гардид. Мушаххас шуд, ки мафъул дар ин ҷумлаҳо замир аст ё сифат ва навъи он низ аз назари замир ва сифат рӯшан шуд.

Сохтмони мафъул мушаххас шуд, яъне муайян шуд, ки маъмулан дар “Калила ва Димна” сохтмони мафъул ба сурати як вожа ва гоҳе ба сурати маҷмӯаи вожгон ба кор меравад. Ончи дар ин мақола оварда шудааст, ишорае аст ба вижагиҳои мутафовити мафъул, ки дар “Калила ва Димна” ба кор рафтааст.

А Д А Б И Ё Т

1.Анварӣ Ҳасан, Гивӣ Аҳмад. Дастури забони форсӣ 2.- Теҳрон,1367 шамсӣ. – С. 356.
2.Деҳҳудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳҳудо.- Теҳрон, 1325-1361.- Ҷ.19. –С.1000.
3. Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури забони форсӣ. Чопи чаҳорум.- Теҳрон, 1363.- С.367.
4.Грамматикаи забони тоҷикӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ).- Душанбе, 1963.- С.182.
5.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, Ҷ.2.1987.- С.223.
6. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор.-Душанбе, 1998.-С.116.
7.Забон- рукни тоат. Маҷмӯаи мақолаҳо.- Душанбе, 2008.- С.360.
8.Хаёмпур А. Дастури забони форсӣ.- Табрез, 1388.- С.192.
9.Шариат Муҳаммадҷавод. Дастури забони форсӣ.-Теҳрон,1371.- С.459.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ДОПОЛНЕНИЯ В “КАЛИЛЕ и ДИМНЕ”

Произведение «Калила и Димна» является памятником дидактической литературы на арабском и персидском языках и воплощает ценные идеи о воспитании и нравственности. По композиционным особенностям книга восходит к древнеиндийской литературе. В данной статье автор рассматривает особенности использования дополнения в данном произведении.

Ключевые слова: произведение «Калила и Димна», дополнение, использование дополнения, структура дополнения в«Калиле и Димне».

FEATURES OF THE USE OF ADDITION IN " KALILA AND DIMNA "

Work "Kalila and Dimna" is the monument of didactic literature on the Arabic and Persian languages and incarnates valuable ideas about education and morality. On composition features a book ascends to древнеиндийской literature. In this article an author examines the features of the use of addition in this work.

Key words: work " Kalila and Dimna", addition, use of addition, structure of addition in" Kalila and Dimna".

Сведения об авторе: ***Джаъфар Рудсароби*** – соискатель Таджикского национального университета

ТАЪРИХ ВА ҲУВВИЯТИ МИЛЛИИ ЛУРҲОИ ЭРОН

Карами Алиризоӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони лурӣ. Гурӯҳҳои мухталифи мардуми лур бегумон аз он мардумоне ҳастанд, ки ҳазорон сол аст дар сарзамини густардаи худ аз соҳилҳоои Халиҷи Форс то Ҳикматона (Ҳамадон) ба зиндагии кӯчнишинӣ машғул будааанд ва доманаи чарогоҳҳо ва маҳалли истиқомати таърихии онон аз даштҳои Ҳикматона ва кӯҳҳои Исфаҳон ва Куҳгилоя, Бӯйрамад ва соҳилҳои Халиҷи Форс ва Луристон ва Илом густариш доштааст. Ва забону адаб ва фарҳанги онон яке аз деринатарин одоб ва фарҳанги эронӣ ба шумор меравад ва ба унвони мисол метавон ба унсури оташ дар фарҳанги лурҳо ишора кард, ки зарбулмасалҳо ва ибораҳои фаровоне дар муқаддас будани ин унсур дар ин фарҳанг ба ёдгор мондааст. Ҳамчунин сугвориҳо ва ҷашнҳо ва сурурҳо (хурсандиҳо) ва дигар ойинҳои устурӣ дар сарзамини лурҳо ҳикоят аз асолат ва қадимӣ будани ин қавм доранд.Забони лурӣ дар минтақаи васее аз кишвари Эрон ривоҷ дорад. Ин забон дунболаи забони порсии бостон аст. Вожаҳо ва истилоҳоте, ки дар забони мардум ҷориянд, баёнгари асил будани забони ин қавм мебошанд. Ин забон дунболаи забони паҳлавии сосонӣ низ ҳаст, ки дар ҷануб ва ҷанубу ғарбӣ ривоҷ доштааст. Ин забон чанд ҳазор соли пеш дар ҳамин марзу бум бар сари забони ниёгони мо будааст.

«Лурҳо аз хешовандони наздики қавмҳои форс ҳастанд ва забони лурӣ аз лаҳҷаҳои наздики забонҳои эронӣ ва порс аст ва ба воситаи мавқеияти географӣ ва баста (маҳдуд) будан, ин тоифа дар маҳаллҳои мушкилгузар, забони лурӣ аз омезиш бо забонҳои турку араб ҳифз монда ва мазҳаби ин тоифа шиа аст».

То кунун гӯйшҳои забони лурӣ бар асоси усули забоншиносӣ ва сохти овозӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд ва ба гуфтаи Пер Ликок, андешаманди фаронсавӣ ин гӯйшҳо ба чанд гунаи мухталиф тақсим мешаванд, ки зоҳиран то ҳудуде мутаносиб бо тақсимбандии қабилаӣ ё қавмии лур ҳастанд, ки иборатанд:

а)гуйиши бузург: гӯйши минтақаи Мамсанӣ ва Кӯҳгилуаӣ, ки дар Форс ривоҷ дорад;

б)гӯйши бахтиёрӣ, ки дар ноҳияи калонтар аз ғарби Исфаҳон то Дезфул ва Шуштар ривоҷ дорад;

в)гӯши лури кӯчак (гӯйши ҳозиразамон), ки маркази фарҳангии он Хуррамобод аст.

Вижагиҳо(хусусиятҳо)-и муштараки лурҳо:

1.Лурҳо дар паҳнаи географии худ аз соҳилҳои нилгуни Халиҷи Форс то сарзамини Ҳамадон ҳамагӣ ориёинажод ва шохаҳое аз ҷомеаи куҳани ҳинду аврупоӣ ё ҳинду эронӣ ба шумор мераванд.

2.Ин мардум бо назардошти ҳавзаи васеи географии худ, ки иртиботи ичтимоии андаке бо ҳам доранд, вале аз дидгоҳи ободу русум, суннатҳо, боварҳо ва шеваҳои зиндагӣ ҳаммонанд ҳастанд.

3.Забони мардуми лур ҳамон забони порсии бостон ва паҳлавӣ будааст.

Решаёби(ё асос)-и вожаи «лур». То нимаи дуюми асри чаҳоруми ҳиҷрии қамарӣ ҳеҷ кадом аз таърихдонон ва нажодшиносон ва ҷаҳонгардон, қавм ё аҳвомеро бо ин ном дар осори худ муаррифӣ накардааанд. Ва устоди гаронқадр доктор Амонуллоҳи Баҳорванд дар ин замина ин гуна далел меорад:«Ин қавм дар гузаштаҳои дур дорои ном ё номҳои дигаре буда, ки бо гузашти замон, номи қадимӣ, ҷойи худро ба номи навтар додааст, то ин ки саранҷом вожа ё калимаи «лур» ҷойгузини дигар номҳо гардидааст. Ҳамон гуна ки медонем, ин ҷойгузинӣ танҳо махсус ба қавли лур нест, балки номҳои қавмҳо ва сарзаминҳо бо гузашти замон дучори дигаргунӣ гаштаанд. Чунончи қавмҳое ба монанди балуч, толишӣ, гелакӣ ва ғайра аз ин амр истисно нестанд».

Метавон гуфт, ки вожаи «лур» номи нав аст, ки бозмонда ва дигаргуншудаи вожаҳои куҳан аст, ки барои мо ба мерос расидааст ва ҳатто баъзе аз шарқшиносони аврупоӣ аз асри XIX мелодӣ ба ин тараф дар бораи вожаи «лур» изҳори назар кардааанд. Ва Дубед вожаи лурро гирифташуда аз номи Луҳросб медонад. Аммо Минорески ин вожаро бо шаҳри «лур» марбут медонад. «Юстӣ» бар ин бовар аст, ки

вожаи «лур» вожаи Rudhra, яъне «сурх» ва эҳтимолан ҳамон маҳалле аст, ки Ёкути Ҳамавӣ аз он ҳамчун Rur ёд мекунад, гирифта шудааст.

Косиён. Тоифаи бузург ва қудратманде, ки миёни Мод ва Илом кӯҳҳои Загрос маскан доштаанд, қавми «косӣ» будаанд, ки онҳо аз табори лурҳо ба шумор мераванд. Ин тоифа дар матнҳои куҳан ба номи «косӣ», «кошу», «куш», «кошешу» омадааст.

Қадимитарин марҷае, ки дар онҳо зикри «косиён» ба миён омадааст, матнҳои марбут ба қарни бисту чаҳори пеш аз мелод аст, ки мутааллиқ ба даврони қабл аз мелод аст. Ошӯриён онҳоро бо номи «косӣ» мешинохтанд. Ин ном ба шакли «Кусоюӣ» ба василаи Истробун ёд шудааст. Калимаи юнонии «коситирс» ба маънои филиз (металл)-е аст, ки аз ноҳияи «Косиён» меомад. Номи Ҳамадон пеш аз замони Модҳо Аксоё буд, ки дар ошӯрӣ «кор-косӣ» ба маънои шаҳри косиён аст.

Номи Косиён чунонки баъдҳо ба василаи Истробон ёд шуда, ҳамчун меросе аст аз сукунаткунундагии бисёр қадим.

Ин ки лурҳо кистанд ва аз кучо омадаанд, яке аз муаммоҳои ҳалнашудаи таърих аст. Ин мардуми бидуни таърих ва адабиёт ва ҳатто бидуни суннат падидае арза мекунанд, ки илм дар баробари он шарманда мешавад. Оё инҳо турканд, эрониянд ё сомианд? Ҳар се фарзияҳо бо кӯмаки далелҳои саъй доранд худро матраҳ кунанд.

Ҳамчунон ки пеш аз ин гуфта шуд, нахустин ишора ба номи «лур» ё «лӯр» ба асри Х мелодӣ марбут мешавад. Чанд тан аз ҷуғрофидонони исломӣ дар фосилаҳои асрҳои баъдӣ ва пеш аз ҳуҷуми муғулҳо аз «Ал-лур», «Лир», «Лурдҷон» ном бурдаанд. Ёкут Ҳамавӣ ҳам, чунонки дар асри XIII мелодӣ дар таърихи худ тоифи «Лурё»-ро ҳамчун яке аз тоифаҳои курд шарҳ медиҳад, ки дар кӯҳҳои байни Хузистон ва Исфаҳон ва дар ноҳияе бо номи Балоди Лур ё Луристон истиқомат доранд.

Хулоса ин, ки қавми лур ҳамчун яке аз гурӯҳҳои ориёӣ, пас аз ҳаракат аз ҷойгоҳи асосиашон аз қисмати шимол сар то сари ноҳияҳои ғарбиро тай кардаанд то ба дарёи Порс расиданд. Дар ин кӯч дастаҳое аз гурӯҳҳои лур сар то сари ноҳияҳои ғарбӣ аз шимол то ҷануб дар бахшҳои гуногуни Эрон пароканда шуданд. Аз ҳамин рӯ, пайванди ногусастанӣ миёни бархе гӯйишҳои кунунӣ дар минтақаҳои Луристон, Хузистон, Куҳгилоя, Бӯйраҳмат, Форс, Бушаҳр, Кирмон, Чормаҳоли Бахтиёрӣ, Ҳурмузгон ва ғайра дида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Паёмадҳои мудерният, Антоний Гейданиз/ зери назари Муҳсин Салосӣ.–Теҳрон,1377.– С. 77.
2. Аз Нимо то рӯзгори мо/ таҳрири Яҳёи Оринпур. –Теҳрон:Заввор.– 1374.– С.450.
3. Фарҳанги омиёнаи мардуми Эрон (авсона)/ зери назари Содиқи Ҳидоят. – Теҳрон: Марказ.– С.163.
4. Алимуҳаммади Сокӣ. Сафарномаи Алмавт, Луристон ва Элом, Фурё Историк.– Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ.–1362.– С.25.
5. Карами Алиризоӣ. Этимулужии вожагонӣ аз гӯишҳои Ғарби Эрон/ Карами Алиризоӣ.– Теҳрон,1379.– С.70
6. Карами Алиризоӣ. Фарҳанги вожагони лӯрӣ ва курдӣ/ Карами Алиризоӣ.– Теҳрон: Шайдосп.– 1377.- С.5
7. Иброҳимпури Довуд. Оноҳито/ Иброҳимпури Довуд; ба кӯшиши Муртазои Гурҷӣ.– Теҳрон, 1343.– С. 34.

ИСТОРИЯ И НАЦИОНАЛЬНАЯ ИДЕНТИЧНОСТЬ ЛУРОВ ИРАНА

В данной статье автором рассматривается происхождение, история и национальная идентичность и этническое разнообразие луров - народности живущей в западном Иране, в горах Загрос. Говорят на лурско-бахтиярском языке западноиранской подгруппы иранской группы индоевропейской семьи языков. Луры сложились в результате смешения древнего эламитского населения и пришлых племён южно-иранской ветви. В прошлом преимущественно кочевники-скотоводы, луры в значительной степени перешли к оседлому земледелию. Диалекты луров принадлежат к северо - западной ветви иранских языков и занимают промежуточное положение между персидскими и курдскими диалектами. В области лексики для лурско-бахтиарских диалектов характерно сближающее их с курдским непосредственное заимствование слов из живой арабской речи, в отличие от персидского, где арабская лексика имеет книжное происхождение.

Ключевые слова: луры Ирана, лурский диалект, обычаи и культура Ирана происхождение луров, национальная идентичность и этническое разнообразие луров.

IRANIAN LURS HISTORY AND NATIONAL IDENTITY

About the origin, history and national identity and ethnic diversity of the distant past historical Lor comments so far been presented And some believe that Drmtvn historical, tribe of (male) or (statistician) Azyaran Cyrus and the tribe Rajdkrdhavlrha Know that was part Drfars Vhstnd residents. People (screw) or (statistician), one of the branches that Arya had Yyan Community Land in theneighborhood of the ancient (and Avkysan Paratakn or derived

and the Yla) and years of sitting on this land Have ruled. Yla the return line can (Anzali) stone inscription (the mountain splendor) and (Eshkoft Salman) City ize Bakhtiari, a name Azpadshahan man or (statistician) is Nyzkhvandh. Lor different groups, then people doubt Which soon spread across thousands of years of their nomadic life of the Persian Gulfcoast to Hegmataneh Have been pasture and range and their historical Khrgah Vkvhhay Hegmataneh plains of Isfahan and Khkyvlvyh and Boyer and the Persian Gulf coast Vlrstan and Elam had spread their culture of B. Wade Vzba the most Azdyrynh Customs and culture of Iran is considered as an example to the fire element of culture, noting that the Lurs multiplying Vbarat lot about the sanctity of saying this is Yadgarmandh Nsrdrayn culture as well as to mourn Vjshn Dygrayyn Vsrvrha and soon spread across to the mythic story of the origin Vqdmt Lurs are these people.

Key words: iranian lurs, lurs dialect, customs and culture of Iran origin lur, national identity and ethnic diversity lur.

Сведения об авторе: ***Карами Алиризои*** **–** соискатель Таджикского национального университета

БАРРАСИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР АШЪОРИ НОДИРИ НОДИРПУР

Хадича Меҳдизода Номӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Ибораҳои феълӣ аз ҷумлаи унсурҳои вожагони забони форсӣ мебошанд, ки ҳам фарҳангнависон ва ҳам дастурнависони эронӣ нисбатан дер ба сабт ва баррасии онҳо пардохтанд. Албатта, дар миёни ин ду гурӯҳи фазл тақдим дар баррасии ибораҳои феълӣ бо фарҳангнависон будааст. Аллома Деҳхудо ва Саид Нафисӣ аз нахустин фарҳангнависони эронӣ буданд, ки ин унсурҳоро дар фарҳангҳои худ сабт карданд. Деҳхудо дар амсоли «ал-Ҳукм» ва низ дар «Луғатнома» ва Саид Нафисӣ дар «Фарҳангномаи порсӣ» шумори зиёде аз намудҳои қадиму ҷадиди ин феълҳоро навиштаанд. Дар миёни дастурнависони дигар Парвиз Нотили Хонларӣ нахустин касе буд, ки гунаҳои низомманд ба ин афкор пардохт ва онҳоро дар канори боқӣ анвои феълҳои форсӣ кард, пас аз кори Хонларӣ се асари дигарро метавон ёд кард, ки ибораҳои феълӣ дар онҳо ба таври муфассал ва мустақил баррасӣ шудааст. Китоби Эрон Калбосӣ, бахше аз он сирфан ба баррасии ин феълҳо ихтисос дорад ва ҳамчунин китоби «Дастури таърихи феъл» Аҳмади Гевӣ бахше аз он дар бораи ибораҳои феълӣ сухан ба миён омадааст, дигар мақолае аст аз Умеди Тибзода, ки комилан дар бораи табақабандӣ ва сабти ин феълҳо аст. Албатта, ба забонҳои русӣ ва англисӣ низ таҳқиқоти бисёре дар ин замина сурат гирифтааст, ки дар ин ҷо ба хотири тӯлонӣ шудани баҳс аз муаррифии онҳо худдорӣ мекунем. Дар ин қисмат се дидгоҳи дар боло зикрнамударо дар бораи ибораҳои феълӣ баррасӣ ва муаррифӣ мекунем.

Назарияи баъзе аз дастурнависон дар бораи ибораҳои феълӣ. Хонларӣ ибораҳои феълиро дар канори дигар феълҳои форсӣ баррасӣ кардааст. Вай аз нахустин дастурнависон аст, ки ба пайванди ибораҳои феълӣ бо дигар анвои феъл дар забони форсӣ ишора карда ин феълҳоро бо номи «**Бахше аз вожагони забони форсӣ**» матраҳ сохтааст. Хонларӣ феълҳои форсиро аз назари сохт ба панҷ навъ: сода, пешвандӣ, мураккаб, ибораҳои феълӣ ва феълӣ ногузир тақсим кардааст. Ӯ дар таърифи ибораҳои феълӣ чунин овардааст: «Истилоҳи ибораҳои феълиро дар ин ҷо ба дастае аз калимаҳо итлоқ (озод) мекунем, ки аз маҷмӯи онҳо маънии воҳидӣ ҳосил мешавад ва ғолибан муодил ё мафҳуми як феъли сода ё як феъли мураккаб аст. Ин таъриф шомили ибораҳое аст, ки илова бар ин нукта дорои шароити зер бошанд: а) беш аз ду калима бошад; б) яке аз маҷмӯи калимаҳо ибораҳои ҳарфи изофа бошад: ҷ) маҷмӯи ибораҳо маънои маҷозӣ дошта бошад, маънои мафҳуми сареҳ мақсади ҳеҷ як аз ҷузъҳо набошад ё ба зеҳни шунаванда наёяд, барои мисол ибораҳои феълиро дар назар меоварем: **аз по даромадан = афтодан** аст.

Дар ин ҷо чаҳор ҷузъ ҳаст (**аз +пой+дар+омадан**), ки аз онҳо ҳарфи изофа аст (аз) ва дар маҷмӯъ онҳо на маънии «пой» манзур аст ва на маънии «**омадан**» бо «**даромадан**» ва дар маҷмӯъ ин чаҳор калима як маънои маҷозӣ дорад, ки муодили «**афтодан**» аст.

Ин гуна ибораҳои феълӣ дар форсӣ фаровон аст, ки бояд маҷмӯи онҳоро дар ҳукми як феъл шумурд, зеро ки нисбат ба маҷмӯи онҳо ба ҷузъҳои дигари ҷумла монанд нисбати як феъли сода аст [2;2, 171].

Хонларӣ дар такмили шарт (б) ва дар тавзеҳи ибораҳои феълӣ бидуни ҳарфи изофа овардааст:

«Дар баъзе аз ибораҳои феълӣ гоҳе ҳарфи изофа ҳазф ва дар натиҷаи он ибораҳои феълӣ бо феъли мураккаб шабеҳ ва яксон мешавад. Намунаҳои тамоил ба ҳазфи изофа дар куҳнатарин осори форсӣ низ вуҷуд дорад.

Эрон Калбосӣ феълҳоро аз назари сохт ба этимологӣ ба се гурӯҳ тақсим кардааст:

1) сод; 2) этимологӣ; 3) мураккаб, феълҳои сода ва этимологӣ дар тақсимбандии вай ба тартиби муодил ҳамон феълҳо сода ва пешванде дар тақсимбандии Хонларӣ аст. Ва манзури вай аз феълҳои мураккаб «афъолӣ аст» ба монанди: **кор кардан**, **аз даст рафтан**, **лаб фурӯ бастан**» [4,72]. Бинобар ин, феълҳои мураккаб дар тақсимбандии Калбосӣ муодил бо маҷмӯи феълҳои мураккаб ва ибораҳои феълӣ дар тақсимбандии Хонларӣ мебошад, зеро худи вай дар ин бора тасреҳ кардааст: «Он даста аз феълҳои мураккабро, ки унсури феълии онҳо илова бар калимаҳои дигар шомили як ҳарфи изофа низ мебошад, баъзе аз дастурнависон «ибораҳои феълӣ» номида ба монанди: **аз пой даромадан**, **ба даст овардан**, **ба даст кардан**» [4,73].

Калбосӣ феълҳои мураккабро аз назари унсури ғайрифеълӣ ба ҳашт навъ тақсим кардааст, чунонки ишора шуд, феъли мураккаб дар назари вай шомили ибораҳои феълӣ низ мегардад:

1) исм /сифат+феъл: **кор кардан, нишон додан, нигоҳ доштан, ҷамъ задан, садо кардан, дароз кашидан, ором гирифтан, гиҷ хӯрдан;**

2) исм+сифат+феъл: идома пайдо кардан, **попӯшӣ дуруст кардан, фишор ворид овардан, тавофиқ ҳосил кардан;**

3) ҳарфи изофа +исм / сифат / ҷонишин+феъл: **аз даст додан, ба ҷон омадан, ба по кардан, гӯш кардан** (ба гӯш кардан), **поин овардан,** (ба поин овардан), **ҳам кашидан** (ба ҳам кашидан) **дар ҳам кардан**, **ба худ омадан, ба худ овардан, ба танг омадан, ба танг овардан, гиҷ рафтан** (ба гиҷ рафтан).

4) исм+пешванди феълӣ+феъл: **садо даровардан, фарёд баровардан, қадам бардоштан, лаб фурӯ бастан, сар даровардан, камар барбастан**;

5) **ҳарфи изофа**+исм/ ҷонишин+ сифат+феъл: **аз сар боз кардан, аз ҳам боз кардан, аз ҳам ҷудо кардан;**

6) ҳарфи изофа+исм/ҷонишин+ (ҳарфи изофа)=пешванди феълӣ+феъл: **аз пой даромадан, аз пой даровардан, аз гурӯҳ даррафтан, ба ҳам баровардан, аз роҳ ба дар бурдан, аз роҳ ба дар шудан**;

7) исм+ҳарфи изофа+исм+пешванди феълӣ+феъл: **по ба ду гузоштан, дил ба ду гузоштан, дил ба дарё задан, по пеш гузоштан** (по бп пеш гузоштан) **ҷон ба дар бурдан**;

8) калимаи мураккаб/калимаи муштақ+феъл: **пару бол задан, сарвсурат додан, пилӣ-пилӣ хӯрдан, бодоварӣ кардан, пуштгарданӣ задан, нигаҳдорӣ кардан** [4,71-72].

Аҳмади Гевӣ ҳамчун Парвиз Хонларӣ ибораҳои феълиро дар канори боқӣ феълҳои форсӣ баррасӣ намудааст ва дар идомаи гуфтаҳои Хонларӣ баён мекунад:

«Бояд афзуд, ки аввалан дар ибораҳои феълӣ бо вуҷуди маънои маҷозӣ, ки мавриди назар аст, маънои ҳақиқӣ низ ҳамчунон бар ҷой мемонад ва монанди **аз дунё рафтан**, ки мурод аз он мурдан аст, аммо маъно аз ин дунё рафтан (ба он дунё)-ро низ камокон доро аст. Сониян, дар ибораҳои феълӣ унсурҳои ғайрифеълӣ маъмулан исм аст, ки ҳарфи изофа бар сари он меояд, ба **монанди душман аз миён рафтан**, аммо дар матнҳои қадим гоҳе ба ҷойи исм сифат омадааст, чун: «шумо гуфтугӯ дар боқӣ кунед» (Жандапил, 45).

Баъдан мавсуф гуфтаанд, ки яке аз калимаҳои ибораҳо бояд ҳарфи изофа бошад. Бояд гуфт ки он ҳарфи изофае аст, ки маъмулан дар оғози ибораҳои феълӣ меояд, чунонки ибораҳои феълии бешуморе бо ҳарфи изофаи «аз» оғоз мешавад, ки аз он ҷумлаанд: аз пой афтодан, аз пой афкандан, аз банд ҷастан, аз пой андохтан, аз ҷон гузоштан, аз ҷой баромадан, аз ҳуш афтодан ва ғайра» [2; 1, 1144].

Мақолаи Тибзода муфассалтарин аст, ки то кунун дар бораи ибораҳои феълӣ ё ба қавли худи вай «феълҳои истилоҳӣ» ба забони форсӣ нигошта шудааст. Дар ин мақола феълҳои форсӣ аз назари сохт ба се гурӯҳ: феълҳои сода, пешвандӣ ва феълҳои гурӯҳӣ тақсим шуда, феълҳои гурӯҳӣ ба ду даста феълҳои мураккаб ва феълҳои истилоҳӣ, ки ҳамон ибораҳои феълӣ мешаванд, тақсим шудааст. Ба эътиқоди Тибзода «феълҳои мураккаб ва феълҳои истилоҳӣ ду самти як тайф феълҳои гуруҳӣро ташкил медиҳанд, аз ин рӯ, барои баҳс дар бораи сохти анвои

феълҳои истилоҳӣ лозим аст тафовути онҳоро ба феълҳои мураккаб мушаххас кунем» [1;2, 50].

Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро феълҳои мураккаб ва ибораҳои феълӣ (феълҳои истилоҳӣ)-ро бояд даруни табақаи воҳиди феълҳои гурӯҳӣ қарор дод? Ва чаро набояд ҳамчун Хонларӣ феълҳои мураккаб ва ибораҳои феълиро аз ҳам ва ба унвони ду табақаи мустақил матраҳ сохт? Дар ин ҷо мекӯшем ба ин саволот посух диҳем. Миёни феълҳои мураккаб ва ибораҳои феълӣ аз назари зоҳирӣ бо сурӣ шабоҳатҳое вуҷуд дорад, ки миёни ҳеч як аз дигар навъҳои феълҳои форсӣ вуҷуд надорад. Феълҳои мураккаб ва ибораҳои феълӣ ҳарду дорои беш аз як калима унсури вожагони озод мебошанд. Масалан, дар феъли мураккаби **об кардан** ду унсури вожагонӣ «об» ва «кардан» вуҷуд дорад ва дар ибораҳи феълии **об аз гулӯи касе бурдан** низ унсурҳое чун «об», «гулӯ» ва «бурдан» вуҷуд дорад ба ин эътибор метавон ин ҳарду навъро феълҳои гурӯҳӣ номид, зеро гурӯҳе аз унсурҳои вожагонӣ озод сохта шудаанд. Дигар ин ки миёни феълҳои мураккаб ва ибораҳои феълӣ марзи зариф ва гоҳ нопайдое вуҷуд дорад, ки бар асоси он метавон ин ду навъи феълро дар сари як тайфи воҳид ва феълҳои гурӯҳӣ донист. Хонларӣ нахустин дар Эрон, ки ибораҳои феълиро дар канори дигар феълҳои форсӣ, аз ҷумлаи феълҳои мураккаб, мавриди баррасӣ қарор дод, аммо саъй накард, то тафовутҳои ин ду навъро нишон диҳад ва ҳамин масъала боис шуд, ки бинобар таърифи вай бархе аз феълҳо дар ҳайати феълҳои мураккаб ҷой гирад ва на дар ҳайати ибораҳои феълӣ [1;2, 50].

Намунаҳое аз ибораҳои феълӣ дар ашъори Нодири Нодирпур

Аз хотир рафт(фаромӯш шуд): Ҳамаро дидӣ ва номи манат **аз хотир рафт** / Ҳамаро хондӣ ва тасвири ман аз дил рондӣ (5, 339).

Аз дил рондан (пок кардан): Ҳамаро дидӣ ва номи манат аз хотир рафт / Ҳамаро хондӣ ва тасвири ман **аз дил рондӣ** (5,339).

Аз сар бурдан (дуздидан): Ин панҷа тоҷбахти ман **аз сар рабудааст** / Нигине шудааст боли ман аз хуни офтоб (5,331).

Аз ҳуш рафтан (беҳуш шудан): Дар пилае танида зи абрешими хаёл / **аз ҳуш меравам** (5,32).

Аз гардиш истодан (кор накардан): Ованги ӯ чу мардумаки чашми мурдагон / **аз гардиш истод** (с.30, 5).

Аз кор афтодан беасар шудан): Порасанге чу дил аз синаи ӯ берун ҷаст / Пеши пойи ту фуруд омад, **аз кор афтода** (5,337).

Аз сар бадар кардан (фаромӯш кардан): Гуфтам, ки шӯри ишқи вай **аз сар бадар кунам** / Аммо Худо нахоста, дареғо, Худо нахост (5,210).

Аз сар гирифтан (шурӯъ кардан): Шояд, ки ёри гумшуда боз ояд / Он моҷарои рафта **зи сар гирад** (5,107).

Аз каф додан (нотавон шудан): Рафт ва боз омад ва лаҳзид ва фурӯ афтод / Ки тавоноии худро ҳама **аз каф дод** (5,154).

Ба сар доштан (ҳамвора будан): Чун соя ғуруб **ба сар дорам** / Зоҳе, ки бар фарози сарам бол мезанад (5,883).

Ба хун сириштан (куштори бисёр кардан): Ки дар авҷи торикӣ ҷиҳилият / **Ба хун месириштанд** регги равонро (5,918).

Ба хок расидан (бечора шудан): З-он пас шубони тира бе маҳтоб / Минқори ғам **ба хок намолидам** (5,271).

Ба сардӣ гароидан (хомӯш шудан): Оташ **ба сардӣ мегиряд** дар …. / Хомӯш пушт шишта дар менишастам (5,274).

Ба хоки сиёҳ нишастан (бадбахт шудан):

Ва зи он шикоф, кавкаб танҳоии бахти ман / Чун шабнаме чакида ва **ба хоки сияҳ нишаст** (5,335).

Ба **ҳуш омадан (**ҳушёр шудан): То аз он мастӣ **ба ҳуш оям** / Бӯса лабҳои маро месӯхт (5,334).

Ба пирӣ расидан (пир шудан): Мурдаем мурда дар хун тапидаем / Мо кӯдакон зуд **ба пирӣ расидаем** (5,322).

Ба боди фано рафтан (нобуд шудан) Ситорагони тиллоичашм / Чаро **ба боди фано рафтанд** (5,341).

Ба ком расидан (муваффақ шудан): Бигӯ ба мир к-аз ин роҳ магар **ба ком расӣ** / Ки марги тоза талаб низ бо ту ҳамсафар аст.

Ба захма кӯбидан (оҳанге задан): Тори пар аз нолаам **ба захма макӯбам** / Ранҷа мадорам аз ин шиканҷа Худоро (5,215).

Ба дидагон нишондан (таваҷҷуҳ кардан): Боди сиёҳам, ки чун зи роҳ дароям / Ғайри ғуборат **ба дидагон наншонам** (5,216).

Ба интиҳо расидан (тамом шудан): Он ба ҷуз даҳӣ намонад ва ин ҳамеша монад / Ин ҳамеша монад ва **ба интиҳо расид** (5,220).

Ба гӯш омадан: шунида шудан: В-аз кӯчаҳо **ба гӯш намеомад** / Ҷуз ҳой-ҳойи зори боронҳо (5,228).

Ба дандон кандан (нобуд кардан): То **ба дандон биканд** решаи ту / Ҳаметанид дар раги ман кинаи ман (5,232).

Ба худ болидан (мубоҳот кардан): Танам з-ин сахтҷонӣ дар аҷаб монад / **Ба худ болид** ва бар ман низ болид (5,158).

Бар сина фишурдан (дар оғӯш гирифтан): Марде, ки кӯдакеро **бар сина мефишорад** / Меомаду тамоми андоми фарбеҳаш … (5,676).

Панҷа ба дил задан (умедвор будан): Оҳ чи шабҳое, ки дар шиканҷаи ҳирмон / **Панҷа ба дил мезад** иштиёқи ниҳонӣ (5,95).

Хок бар сар рехтан (бечора шудан): Наъразанон кӯфтани Шақиқа дарро / Лек туро **хоки** интизор **ба сар рехт** (5,282).

Дар дил нишастан (таъсир гузоштан): Хандид ва бими хандаи ӯ **дар дилам нишаст** (5,302).

Дар гулӯ шикастан (фарёд задан): Хандид ва бими хандаи ӯ дар дилам нишаст / Фарёди ман чун рӯза санг **дар гулӯ шикаст** (5,302).

Дар дил рехтан (таъсир гузоштан): Танини оташинаш **дар дилам мерехт** / Ҳазорон неши сӯзон дар танам мегузашт (5, 247).

Дар хок кардан (мадфун кардан): Тоҷи хурӯсҳои саҳарро буридаанд / **Дар хок кардаанд** (5,517).

Сар ба пойин андохтан (шармгин шудан): **Сар** аз шарм **пойин андохтан** / Хандаи бесабаби моҳ нахандонидаш (5,338).

Сар ба болин доштан (андӯҳгин будан): Ба зери абри мисин хуршед / Аз малол **сар ба болин дошт** (5,253).

Шуъла ба ҷон задан (умедвор будан): Он оташе, ки **шуъла ба ҷон мезад** / Дигар намешикофт ба чашмонаш (5,102).

Хулоса, истилоҳоти ибораҳои феълиро дар ин ҷо ба дастаи аз калимаҳо ҷудо мекунем, ки аз маҷмӯи онҳо маънои воҳидӣ ҳосил мешавад ва ғолибан муодил ё мафҳуми як феъли мураккаб аст, ки мебоист: а) беш аз ду калима бошанд; б) яке аз маҷмӯи калимаҳои ибораҳо зарфи изофа бошад; в) маҷмӯи ибораҳо маънои маҷозӣ дошта бошад, яъне мафҳуми сареҳ ҳеҷ яке аз ҷузъҳо мурод набошад ё ба зеҳни шунаванда наёяд, ба монанди: **аз хотир рафтан** (фаромӯш шудан) **ба пойин андохтан**, (шармгин шудан), **ба хоки сиёҳ нишастан** (бадбахт шудан) ибораҳои феълӣ низ зери маҷмӯаи феълҳои мураккаб ба ҳисоб меяод.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмади Гевӣ Ҳасан. Дастури таърихии феъл/ Аҳмади Гевӣ Ҳасан.– Қатра.– 1380.– 2. Ҷ.– 19645 с.
2. Хонларӣ Парвиз. Таърихи забон/ Хонларӣ Парвиз.–Теҳрон: Фирдавсӣ. – Ҷ.2.1388.– 5,4 с.
3. Тайибзода Умед. Табақабандии феълҳои истилоҳи форсӣ/ Тайибзода Умед. – Теҳрон: Нашри «Дониш», 1373.
4. Калбосӣ Эрон. Сохти иштиқоқи вожа дар форсии имрӯз / Калбосӣ Эрон; аз мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ.–Теҳрон, 1373.– 224с.
5. Нодирпур Нодир. Куллиёти девони ашъор/ Нодирпур Нодир. – Теҳрон: Нигоҳ, 1382. – 1000 с.

ИЗУЧЕНИЕ ГЛАГОЛЬНЫХ ОБОРОТОВ В ТВОРЧЕСТВЕ НАДИРА НАДИРПУР

В данной статье рассматриваются глагольные обороты на примере творчества Надира Надирпура. Также предоставляется сведение об первых иранских лексикографах, составителей глагольных оборотов, изучается теория некоторых ученых относительно рассматриваемого вопроса.

Ключевые слова: оборот, глагол, словарь, лексикограф, теория.

STUDY THE VERB TURNS IN CREATIVITY OF NADIR NADIRPUR

This article discusses an example verb turns creative Nadir Nadirpura. Also provides information about the first Iranian verb leksikografah, compilers, examines some theories of scientists on the issue.

Key words: traffic, verb, vocabulary, lexicographer, theory.

Сведения об авторе: ***Хадича Мехдизада Номи*** - аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИ ТАҲСИЛОТ

О.М. Қозихонова
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Мутобиқи тамоилоти низоми таҳсилоти муосир, ки имрӯз ҳақиқатан ҳам самти амалӣ-мақсаднокро касб намудааст, дар баробари дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар раванди гузариш ба низоми кредитии таҳсилот ҳаҷми машғулиятҳои мустақилонаи донишҷӯён дар муқоиса бо сарбории аудиториявии онҳо батадриҷ меафзояд. Тамоили номбурда аз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақозо менамояд, ки роҳ ва усулҳои наву самарабахши ташкил ва доир намудани раванди таълимро сари вақт аз худ кунанд ва дар фаъолияти омӯзгорӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Комилан табиист, ки дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат, моликияти ақлонӣ, технологияи таълимии ба ташаккули шахсият, шавқу завқ ва тарзи таълим гирифтани донишҷӯ нигаронидашуда, ки сатҳу сифати нисбатан баландтари донишомӯзии мустақилонаи донишҷӯёнро таъмин месозад, бештар афзалият пайдо мекунад. Чунин тарзи донишандӯзӣ ба рисолати нави таҳсил, ки талаботи он омода сохтани донишҷӯён ба фаъолияти самарабахши мустақилонаву ҷавобгӯйи меъёрҳои ҷаҳонии таълимӣ ва инкишофи мунтазами касбият маҳсуб меёбад, комилан мутобиқ мебошад.

Низоми кредитии таҳсилот ҳамчун низоми таълимӣ ба баланд бардоштани сатҳи худомӯзӣ ва азхудкунии эҷодкоронаи дониш дар заминаи фардикунонӣ ва интихоби тарзи андӯхти дониш нигаронидашуда, дар ҷараёни таълим мустақилияти бештар доштани донишҷӯёнро тақозо менамояд.

Мақсади асосии низоми кредитии таҳсилот, воридшавии системаи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Зарурати воридшавӣ аз боло бурдани манзалати дипломи макотиби олӣ ва ҷавобгӯйи меъёрҳои байналмилалӣ гардонидани сатҳи маърифати касбии хатмкунандагони макотиби олии ҷумҳурӣ бармеояд. Фақат дар ҳамин замина хатмкунандаи мактаби олӣ метавонад дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ қобилияти устувори рақобатпазириро пайдо намояд.

Аз нигоҳи таҳлилгарон ва тарафдорони низоми кредитии таҳсилот, низоми мазкур се вазифаи муҳимро ба ичро расонида метавонад:

- махсусгардонии ҳаҷми дониши андӯхта;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои фардикунонии ниҳоии таҳсил;
- тақвият бахшидан ба мақом ва самаранокии корҳои мустақилонаи донишҷӯён.

Дар ин раванд забони хориҷӣ ҳамчун як фанни таълимӣ барои рушди минбаъдаи малакаи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён имконияти васеъ фароҳам меорад.

Боиси зикр аст, ки ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар амалияи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла забони англисӣ падидаи нав нест. Зарурати ташаккул додани мустақилияти донишҷӯ дар асарҳои илмии В.В.Давыдов, Л.В.Жар, Г.Е.Ковалева ва дигарон таъкид карда мешавад. Дар як қатор сарчашмаҳо (А.А.Вербитский, Т.И.Шамов ва дигарон) имкони баланд бардоштани сатҳи маърифати касбии донишҷӯён бо истифода аз кори мустақилонаи онҳо махсусан қайд гардидааст.

Дар баробари ин, омӯзиш ва таҳлили адабиёти соҳаи равоншиносӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки дар илми муосир аллакай масъалаҳои худомӯзии шахс баррасӣ гардидаанд (А.Я.Айзенберг, В.С.Илин, Г.Н.Сериков, А.К. Громовсев ва дигарон), ҷанбаҳои таълим ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён ошкор карда шудаанд (С.И.Архангелский, В.И.Загвязинский, А.В.Усов ва дигарон), масъалаҳои фардикунонӣ ва табақабандии таълим таҳлил ёфтаанд (И.Унт, Г.К.Селевко, Ю.М.Орлов ва диг.), моҳияти мафҳумҳои «худомӯзӣ», «омода будан ба худомӯзӣ»

(М.Г.Гарунов, Е.И.Еремин, Г.М.Коджаспиров, П.И.Пидкасистий, Ю.Г.Репев, Л.М.Фридман ва дигарон), шарҳу тавзеҳи илман асоснок дода шудаанд.

Масъалаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим дар асарҳои олимони аврупоӣ ва америкоӣ Б. Андрэ, Ф. Бенсон, П. Воллер, Д. Литтл, С.Френе, А. Олек ва Л. Порше ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Олимони номбурда кори мустақилонаи донишҷӯёнро дар алоқамандӣ бо технологияи таълими фосилавӣ (автономӣ) тадқиқ кардаанд. Чунин усули тадқиқот имрӯз аз ҷониби олимони Россия А.Е. Капаева, Н.Ф. Коряковсева, Е.Н. Соловёва ва Т.Ю. Тамбовкина ва дигарон идома дода мешавад.

Бо назардошти эътирофи умум, ки «забонро таълим додан мумкин нест, забонро фақат меомӯзанд», метавон «таълим»-ро аз «омӯзиш» ҷудо намуд. Дар ин маврид мафҳуми «омӯхтан» ҳамчун фаъолияти мустақилона ва даркшудаи донишҷӯён фаҳмида мешавад, ки ба азхудкунии дониш нигаронида шудааст ва онро ба «таълимдиҳӣ», ки ҳамчун як амали расмии ба донишҷӯён додани ҳаҷми муайяни дониш, қобилият ва малака фаҳмида мешавад, муқобил гузоштан мумкин аст. Бартарии омӯхтан аз таълим гирифтан пеш аз ҳама дар он аст, ки ин усули донишгирӣ қобилияти фардии донишҷӯро тақвият мебахшад.

Аз нуқтаи назари олим К. Э. Безукладников ҳамагуна таълим, аз он ҷумла таълими забони хориҷиро метавон дар ду шакл қабул кард: мудофиавӣ ва дарккунӣ. Дар мавриди якум таҳсили забони хориҷӣ-ин як тарзи мутобиқгардии донишҷӯ ба талаботи академиявӣ ва боре ба дӯши донишҷӯ мебошад. Дар мавриди дуюм донишҷӯ мустақилона ва озодона аз пайи омӯзиш мегардад, мустақилона маводи барояш заруриро интихоб менамояд ва роҷеъ ба масъалаҳои зерини раванди фаъолияти таълимӣ тасмимоти зайлро қабул мекунад:

- чиро дар кадом ҳаҷм бояд омӯхт;
- маводи дарсиро чи тавр ва бо кадом роҳ бояд омӯхт;
- суръати омӯзиш бояд чӣ гуна бошад;
- кадом воситаҳоро метавон истифода бурд;
- маводро чӣ тавр омӯхт: инфиродӣ ё якҷо бо ҳамкурсон;
- раванди таҳсилро чӣ гуна тақсимбандӣ намуд;
- назорати фаъолияти муваффақиятнок чӣ тавр сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, донишҷӯ дар пеши интихоби озод истодааст ва барои тасмими гирифтааш масъулияти шахсӣ дорад.

Ба андешаи мо, ҷиҳати ба ҷараёни худидорашаванда табдил додани раванди донишомӯзии донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот, дар навбати аввал фаъолияти омӯзишӣ-дарккунии онҳоро тақвият бахшидан, тадбири ниҳоят зарурӣ ва самарабахш мебошад. Дар ин самт бояд ба ҳиссиёт ва қобилияти дарккунии онҳо эътибори ҷиддӣ дода шавад. Пеш аз омӯзиши мавод ё фанни таълимӣ донишҷӯ дар бораи он андеша меронад ва дар назди худ вазифаи мушаххас мегузорад. Бе андешаронӣ, дарки вазифа ва қабули қарори муайян, раванди донишомӯзии донишҷӯ самаранок намегардад. Донишҷӯ дар заминаи дарки масъулиятшиносӣ хуб хонда метавонад. Барои он ки донишҷӯ аз объекти таълимдиҳӣ ба субъекти фаъол табдил ёбад, омӯзгор бояд ӯро ба андешаронии мустақилона водор намояд. Дар ёфтани мақсади мушаххас ба ӯ кӯмак расонад ва ӯро роҳнамоӣ кунад. Дар ин сурат, донишҷӯ субъекти ташаббускор ва роҳбари комили раванди омӯзиш мегардад.Вазифаи асосии омӯзгор аз он иборат мегардад, ки донишҷӯро бо усулҳои худомӯзӣ муҷаҳҳаз гардонад ва ба донишҷӯ тарзи истифодабарии онҳоро ёд диҳад.

Албатта, гузариш ба таълими мустақилона (худомӯзӣ) дар назди омӯзгор вазифаҳои дигару комилан навро мегузорад. Омӯзгорро зарур аст, ки таҷрибаи педагогии хешро таҷдиди назар намояд, низоми дарсдиҳиро тағйиру такмил диҳад, зеро ки нақши ӯ дар ҷараёни таълим куллан тағйир меёбад.

Ба андешаи мо, вазифаҳои асосии омӯзгор дар низоми кредитии таҳсилот ва худомӯзии донишҷӯён дар айни замон аз инҳо иборат мебошанд:

- барои донишҷӯён дастрас ва фаҳмо гардонидани мазмуни барномаҳои таълимӣ, шакл ва моҳияти худназораткунӣ;
- бо назардошти талаботи рӯзмарра ва сатҳи забондонии донишҷӯён таъмин намудани онҳо бо сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ;
- бо назардошти сатҳи забондонии донишҷӯён, табақабандӣ (ба гурӯҳҳо ҷудо намудани) маводи таълимӣ-иттилоотӣ:

а) маводи барои тамоми донишҷӯён пешбинишаванда;

б) мавод барои донишҷӯёни хоҳиши амиқтар барои омӯхтани забони хориҷидошта.

Ба иҷро расонидани вазифаҳои зикргардида имкон медиҳад, ки дар заминаи пешниҳод намудани озодии нисбӣ ба донишҷӯён дар ҷараёни таҳсил ҳуқуқи интихобкунии онҳо риоя гардад.

Ҳамзамон, бо ин васила омӯзгор фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёнро ташкилу танзим менамояд ва аз як шахси интиқолдиҳандаи дониш, назораткунанда ва баҳодиҳандаи шогирдон ба мушовир, маслиҳатдеҳ ва ҳамшарик дар фаъолияти таълимӣ табдил меёбад.

Омӯзгор метавонад барномаи таълимиро дар шакли ҷадвали омӯзишӣ таҳия намояд, ки дар он номгӯйи саволҳо барои омӯзиш ва вазифадиҳӣ, инчунин маслиҳатҳо, дастурҳо барои иҷрои онҳо дарҷ карда мешаванд. Шакли намунавии он тахминан чунин аст:

Нақшаи тахминии ҷадвали омӯзишии донишҷӯ

1	Муқаддима, мавзӯъ	Иттилои мухтасар дар бораи мавзӯи омӯзонидашаванда (хабари мазкур барои бедор намудани завқи донишҷӯ хизмат мекунад).
2	Супориш	Ба ин супоришҳо, қоидаҳо, дастурамалҳо, тавзеҳот ҷиҳати иҷрои онҳо дохил мешаванд (ҷанбаи технологии фаъолияти таълимӣ).
3	Азбаркунӣ ва фаъолсозии мавод	Азбаркунӣ ва фаъолгардонии калимаҳо ва ибораҳо, инчунин тавсияҳо барои ташкили фаъолияти мазкур: зикри сайтҳои интернетӣ, номгӯйи китобҳо, ки маводи зарурӣ дар онҳо мавҷуд мебошад.
4	Корҳои хаттӣ	Тамоми корҳои хаттии талаботӣ таҳти мафҳуми корҳои хаттӣ машқҳои хаттӣ, шарҳи мухтасар, рефератҳо, иншоҳо ва ғайра фаҳмида мешаванд.
5	Баррасии натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён	Макони дарси ҷамъбасткунанда нишон дода мешавад, то ин ки донишҷӯён тавонанд корҳои мустақилонаи худро омода кунанд, барои баррасӣ пешниҳод намоянд, ба мусоҳиба ва баҳсу мунозира тайёр шаванд.
6	Нишондиҳии манбаъҳо, ВТТ	Адабиёт, маълумотномаҳо, луғатҳо, манбаъҳо ва маводи электронӣ.

Хулосаҳои зайл аз амалияи таҷрибаи омӯзгорӣ ва натиҷаҳои фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ бармеоянд:

1. Кори мустақилонаро дар аксари маврид донишҷӯёни сатҳи баланди донишдошта ҷонибдорӣ менамоянд.

2. То ҳанӯз барои аксари донишҷӯён мафҳуми «Таҳсил барои худ», меъёри таҳсил нагардидааст.

3. Дар ҷараёни вусъатбахшии корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ҳавасмандӣ, шавқу завқ ва майлу рағбати онҳо ба раванди омӯзиш ба маротиб меафзояд.

4. Тавассути пешбурди корҳои мустақилона, истифодаи самараноки воситаҳои техникии омӯзиш, таъмин карда мешавад.

5. Кори мустақилона имкон медиҳад, ки маводи таълимӣ давра ба давра ва пурра аз худ карда шавад.

6. Кори мустақилона қобилияти интихобкунии донишҷӯёнро ривоҷ медиҳад.

7. Дар заминаи ташкили корҳои мустақилона ҳисси масъулиятшиносии донишҷӯён ташаккул меёбад.

8. Корҳои мустақилонаи донишҷӯён малакаи худомӯзии онҳоро тақвият медиҳанд.

9. Тавассути корҳои мустақилона машғулиятҳои дарсӣ барои ҳар ду ҷониб- барои омӯзгору донишҷӯ ҷаззобтар мегарданд.

Ҳамин тариқ, тақвият бахшидани кори мустақилонаи донишҷӯён яке аз омилҳои асосии самаранок гардонидани ҷараёни таълим дар низоми кредитии таҳсилот мебошад.

А Д А Б И Ё Т
1. Леонтьев А.А. Школа 2100/ А.А. Леонтьев. – М.: Баллас, 2000.
2. Безукладников, К.Э. Личностно-ориентированное образование как фактор успешности формирования профессиональных компетенций/ К.Э.Безукладников. – Петрозаводск, 2006.
3. Соловова, Е.Н. Новые тенденции в развитии глобальных реформ в области образовании и подготовка учителя к новым задачам педагогической деятельности/ Е.Н.Соловова. –М.: МНОО, 2003.
4. Уровни владения языком по системе Европейского Совета. Общие европейские компетенции владения иностранным языком. Страсбург: Cambridge University Press, 2000.
5. Китайгородская, Г.А. Методика интенсивного обучения иностранным языкам/ Г.А.Китайгородская.– М., 1986.

САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА СТУДЕНТОВ ПО ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ В КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ

Характерные признаки кредитной системы обучения - кредитная система обучения является нелинейной системой обучения. Нелинейная система обучения – способ организации учебного процесса, при котором обучающиеся имеют возможность индивидуально планировать последовательность образовательного процесса;

Ключевые слова: кредитная система, индивидуальность, самостоятельность, цель, планирование, обучение.

THE STUDENT'S INDIVIDUAL WORK IN ENGLISH LANGUAGE IN CREDIT SYSTEM OF EDUCATION

The typical signs of the credit system of the education:- the credit system of the education is a nonlinear system of education. The nonlinear system of education is a way to organize the scholastic process under which, the student has a possibility individually to plan the sequence of the educational process.

Key words: credit -system of education, individual work, individuality, aim, planning.

Сведения об авторе:***Қозихонова О.М.*** –преподаватель ТГУК Телефон: **(+992) 93 4444181**

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИИ ҚАСОИДИ АҲМАДИ УНСУРӢ

Истадой Гулова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ошкор сохтани вижагиҳои осори ҳар як адиб барои бахши лексикалогия хеле муҳим буда, манзараи таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикро равшан менамояд. Мақолае, ки ҳоло мавриди назар қарор дорад, баъзе паҳлӯҳои вожаҳои аслии забони тоҷикӣ, калимаҳои арабӣ ва чанде калимаҳои муродифии қасидаҳои Аҳмади Унсуриро дар бар мегирад. Солҳои охир аз тарафи олимон ва муҳаққикони тоҷик дар соҳаи хусусиятҳои лексикӣ ва семантикии осори адибони тоҷик тадқиқоти илмии назаррас ба майдон омадаанд, аммо осори Аҳмади Унсурӣ бори нахуст мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Доир ба лексикаи забони шоир тадқиқоти мушаххас сурат нагирифта бошад ҳам, муҳаққиқони ин соҳа дар маколаҳои ҷудогона ибрози назар кардаанд. «Ба муносибати 1005 солагии рӯзи таваллуди Унсурӣ» дар китоби «Таҳвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон барои соли 1966» [1.1.41], Мирзозода Х., Абулқосим Ҳасан бинни Аҳмади Унсурӣ (шарҳи мухтасари аҳволу осораш) [1.2.45-47], Абдуллоев А., Рӯдакӣ ва Унсурию Фаррухӣ [1.3.21], Забеҳулло Сафо, «Таърихи адабиёти Эрон» таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор [1.4.160], Девони Унсурии Балхӣ, бо кӯшиши Муҳаммад Дабир Сиёқӣ [5. 140], бо шарҳ ва тавзеҳи ӯ дарҷ гаштааст. Калимаҳои аслии тоҷикӣ аз гурӯҳҳои дигари вожаҳои таркиби луғавӣ бо қабатҳои таърихии ҳуд, хосиятҳои фарқкунандаи лингвистӣ ва мансубияти лексикиву грамматикиашон ба куллӣ фарк карда, гурӯҳи махсуси калимаҳои забонро ташкил медиҳанд [7,89].

Калимаҳои аслии забони адабии форсу тоҷикро Аҳмади Унсурӣ дар осори ҳуд бо дарку эҳсосот ва шавку завқи баланди шоирӣ истифода кардааст. Шоир дар қасидаҳояш аз як даста калимаҳои аслан тоҷикӣ ба мисли ангушт, банда, бозӯ, бузург, гавҳар, дарахт, дил, дебо, даст, зулф, канор, кин, мардум, ором, офарин, офтоб, парниён, падид, паҳно, пардоз, ранҷа, рӯз, соя, сӯз, сазо, танҳо, теғ, ҳудо, хок, хурд, хуш, хубон, ҳунар, шаб, пеша, ҷон, ҷаҳон хеле моҳирона истифода кардааст.

Чунончӣ:

Дарахт, агар **илми парниён** кушод равост,
Ки **хок** боз кашидаст, **мафраш дебо**(1).

Дар ин байти қасидаи устод Аҳмади Унсурӣ вожаҳои **дарахт, хок** калимаҳои аслии забони тоҷикӣ буда, ба вазифаи исми ҷинс ба маънои аслии худ омадаанд.

Вожаи «**хок**» дар забон, инчунин дар осори назму насри ҳамаи давру замон, соҳиби ҳам маънои аслӣ ва ҳам маъноҳои маҷозӣ буду ҳаст. Ба воситаи ин калима дар забонамон калимаҳои зиёди сохтаву мураккаб ва таркибҳо сохта шудаанд [1.4.6].

Ифодаи ибораи **илми парниён** ин ҷо омиёна буда, хоси шеваи гӯйиши шоирона аст, ба маънии ҳарири чинӣ, ки мунаққаш бошад (Uиёс-ул-луғот), дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънии ҳарир матои нафис, дебои нафиси мунаққаш, шоҳии нозуки нақшдор омадааст. Ибораи маҷозии **мафраши дебо,** яъне, киноя аз ҷойи сабзаву гулу лола, чаманзор ифода ёфтааст.

Кас аз **Худой** надорад, аҷаб агар дорад,
Ҳама ҷаҳонро андар такӣ, ҳаме танҳо(1).

Дар байти зикрёфта ифодаи **«Худо»** лексикаи динӣ буда, дар қасоиди Аҳмади Унсурӣ бо муродифҳои **«Худой»**, «**Худойир», «Худойгоно», «Худованд», «Парвардигор», «Эзид», «Эзидбар»** тасвир ёфтааст, ки яке ба дигаре монанд нест. Пӯшида нест, ки дар забони осори классиконамон синонимҳои матни хеле зиёд корбаст гардидаанд, яъне эшон дорои малакаву маҳорати баланди бадеиву адабӣ буда, як манзараро бо чанд тарз ба назари мухлисонашон ҷилвагар сохтаанд.

Дар байти дигари Аҳмади Унсурӣ ба чунин шакл акс ёфтааст:

Худой додаш ҳар чӣ он **сӯзи** ӯ хурост,
Масал зананд, ки дар худ буд**, сазо** бесазо (1).

Худойгоно ҳар ҷо, ки дар ҷаҳон мулкест,
Табиати ту гар ояд, ҳаме ба хавфу руҷо.

Дар сарабёти байти зерин ифодаи «**Худойгоно**»-ро ҳамчун синоними матнӣ барои такрор наёфтан истифода кардааст.Ҷойи дигар воҳиди фразеологии «**Парвардигори ҷону хирад**»-ро хеле моҳирона ва омиёна тасвир намудааст:

Гарчи бошад қуввати «**Парвардигори ҷону хирад**»,
Чун ба мадҳаш ранҷ бинад, **ҷони худпарвар** шавад.

Дар байти мазкур устод Аҳмади Унсурӣ санъати тазод ва муқобиларо ихтиёр карда, яъне яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвироти бадеӣ ҳамоно муқобил гузоштани ду фикр ба ҳамдигар аст ва ё бо таъбири дигар, сифати хислатҳои ду кас ва ду чизро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил гузоштан аст. Чунончи ҷойи дигар овардааст:

Ганҷи **лоғар** бо **ниҳоди ройи** ӯ **фарбеҳ** шавад,
Ганҷи фарбеҳ бо **гашоди дасти ӯ** лоғар шавад.

Дар мисоли байти боло калимаи **«лоғар»** ба **«фарбеҳ»** ва **«ниҳоди рой»** ба **«гушоди дасти ӯ»** муқобил гузошта шудааст. Шоир ду хислатеро, ки зидди якдигаранд, ба ҳам рӯ ба рӯ гузошта, натиҷаи онҳоро, ки акси ҳамдигаранд, шарҳ ва эзоҳ додааст.

Дил маро аҷаб ояд ҳаме зи кори ҳаво,
Ки **мушкбӯйи салаб шуд**, зи **мушкбӯйи сабо** (1).

Вожаи «дил», «ҳаво» дар ин байти Аҳмади Унсурӣ исми ҷинс буда, ба маънии аслии хеш омадаанд, ифодаи таъбироти **«мушкбӯйи салаб шуд»** ва **«мушкбӯйи сабо»** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 1)**мушкбӯй** -дорои бӯйи мушк, мушкин, муаттар, хушбӯ; **салаб** -навъе аз либоси ҷангӣ, ҳамчун ҷавшан ва хафтон; 2) пӯшок, либос, пӯшиш; **сабо-** боде, ки аз тарафи шарқ мевазад; шамоли форам, насими салқин шарҳ ёфтааст.

Доир ба калимаҳои аслии забони тоҷикӣ ва мавқеи онҳо дар забоншиносӣ, устод Садриддин Айнӣ [9;18], Н. Маъсумӣ [1,117], Л. Хромов [1,206], Д. Тоҷиев [1,187], Т. Зеҳнӣ [1,75], К. Тоҳирова [1,191], С. Ҳалимов [1,211], М. Н. Rосимова [1,101], М. Маҳмадиев [6,272], А. Муъминов [1,202] андешаҳои муфид баён кардаанд.

Дар байни муҳаққиқони зикршуда С. Ҳалимов чунин ишора доранд, ки «Уламои дин ва аҳли тасаввуф дидаву дониста саъю кӯшиш намудаанд, ки осори худро ба тоҷикӣ ба забони сода нависанд… Онҳо кӯшидаанд, аз калима ва истилоҳоти тоҷикӣ истифода баранд…» [1,212]. Дар қасоиди устод Аҳмади Унсурӣ дар баробари луғати гуногуни иқтибосӣ калимаҳои аслии тоҷикӣ хеле фаровон истифода шудааст. Аксарияти онҳо мафҳумҳои муҳимми ҳаётро ифодагаранд ва дар

забони имрӯзаи мо хусусияти умумиистеъмолӣ доранд. Ба монанди ором, Худой, офтоб, аҷаб, дарахт, хубон, ҳунар, пеша, ранҷа, шаб, рӯз, бозӯ, соя, ангушт.

Мадеҳ **бозӯи** кине, ки **пеши** бозӯи ӯ,
Rавитарин касе бошад, зи ҷумлаи заъфо (2).

Агарчи худ ба саховат зи қадр бар фалаканд,
Фуруди **сояи ангушти** ӯст худ ба сахо (2).

Дар мисраи байти зер ифодаи ибораи **сояи ангушт** ба маънои аслии хеш наомада, дар таркиби воҳиди фразеологӣ, дар шакли маҷозии паноҳ, ҳимоя, (дар) сояи афзол, дар паноҳи накӯӣ ва бахшишҳо, ба туфайли некиҳо, лутфу марҳамат нишон додан, илтифот кардан, таваҷҷуҳ зоҳир намудан омадааст [1,197-198].

Агар **зулфаш** барад **ороми ҷонам,**
Ки **пардози зулфи** ӯ **ороми ҳоле**(4).

Вожаи зулф, ором, ҷон, пардоз, дар ин мисраи байти қасидаи Аҳмади Унсурӣ хеле серистеъмол ва фаровон аст. Калимаи **«зулф»** ва муродифи он **«турра»** дар забони адабиёти классикӣ яке аз серистеъмолтарин калимаҳо буда, дар рӯзгори мо камистеъмол гардидааст. Ҳоло ин калима баъзан дар адабиёти бадеӣ дида мешаваду халос. Баръакс, калимаи **«зулф»** чи дар забони адабӣ ва чи дар забони гуфтугӯйӣ серистеъмол аст.

Ифодаи ибораи «**ороми ҷонам»** дар маҷмӯъ ифодагари маънои умумикунандаи тарз ва ҳолати ашё, ҳодиса, воқеа буда ба амалиёте муродиф шуда меояд. Вожаи **«ҷон»** бо **«равон»** ҳаммуродифанд, аммо дар истеъмолашон фарқ дида мешавад. Калимаи **«ҷон»** дар забони имрӯзаи тоҷик серистеъмол аст ва аз ҷиҳати калимасозию тобишҳои гуногуни маъноӣ услубӣ сермаҳсул аст: **ҷон гирифтан, ҷон доштан: ин далел ҷон дорад; ҷон коҳондан; ҷон ба лаб омадан; ба ҷон даромадан**…[11,271].

Калимаи **«равон»** дар забони насри имрӯзаи тоҷик камистеъмол аст, дар назм бештар кор бурд аст, дар забони умумии гуфтугӯӣ аз истеъмол баромадааст. Он ба ғайр аз маънои синонимӣ бо калимаҳои **«ҷон», «рӯҳ», «нафс», «ҳаёт (зиндагонӣ)»,** ҳаммуродифанд. Баъзан, калимаи **«замир»** низ бо калимаи **«ҷон»** ба шакли муродифи ҷуфт истеъмол мешавад.

Вожаи **«пардоз»** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои ороиш, зебу зинат, сайқал омада, пардоз кардан (ё сохтан), а) оро додан; б) сайқал додан ифода гашта, пардозгар - ороишдиҳанда, сайқалгар шарҳ ёфтааст.

Ҳамин тавр, мо бо овардани чанде аз калимаҳои аслии забони тоҷикӣ шоҳиди он гаштем, ки чӣ гуна дар қасоиди Аҳмади Унсурӣ мавриди бахрабардорӣ қарор доранд. Маводи гирдомада баёнгари он аст, ки устод Аҳмади Унсурӣ ба хотири бо калима ва ибораҳои тозаю пурмаъно бой кардани таркиби луғавии забон устувор доштани заминаи таҳрир, ғамхорӣ намудан ба ҳусну малоҳати табиии он кӯшиш намудааст ва ҳар як мафҳуми тозаро бо калимаю ибораҳои суфтаву равонӣ пурмаъно ифода намояд.

Калимаҳои арабии қасоиди Аҳмади Унсурии Балхӣ

Дар қасоиди Аҳмади Унсурии Балхӣ калимаҳои арабиасос хеле зиёд ба чашм мерасанд. Ин вожаҳоро низ мавриди таҳлил ва тадқиқи илмӣ қарор додем. Доир ба калимаҳои арабӣ дар эҷодиёти шоирону нависандагони чӣ классику чӣ муосир ва умуман, дар забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа тадқиқоти зиёде анҷом дода шудааст [1,5.27-30]. Профессор Ҳ. Маҷидов роҷеъ ба калимаҳои иқтибосии арабӣ чунин навиштааст: «…забони арабӣ на фақат калимаҳои фаровонро ба забонамон додааст, як андоза ба тавассути онҳо ба системаҳои овозӣ ва грамматикии забонамон таъсири худро ҳам гузоштааст» [1,6. 27-30].

Воридшавии калимаҳои арабӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо таърихи равобити ин ду халқ алоқаи ногусастанӣ дорад. Тавре ки таърих гувоҳ аст ва муҳаққиқон низ медонанд, муносибатҳои байни мардуми араб ва ориёнажод ба қаъри садсолаҳои пеш аз исломӣ рафта мерасанд [ниг.:1.243], аммо иқтибосшавии калимаҳо ба забони дарӣ пас аз зуҳури Ислом ва истилои арабҳо сурати тамоман дигар гирифт. Забоншиноси рус Л. С. Пейсиков дар бораи иқтибосшавии калимаҳои арабӣ ба забони дарӣ чунин мегӯяд: «Воридшавии қисмати асосии иқтибосоти арабӣ ба даврони ташаккулёбии забони адабии форсии дарӣ ва гулгулшукуфии адабиёти форсу тоҷик рост омад. Rайд кардан зарур аст, ки лексикаи арабӣ ба забони адабӣ тақрибан баъд аз ду асри истилои арабҳо ворид гардид» [1.153.36]. Маликушуаро

Баҳор бошад, иқтибосшавии калимаҳои арабиро ба таркиби луғавии забони форсии дарӣ ба чаҳор давра қисмат намуда, чунин меҳисобад, ки танҳо дар давраи аввал (асрҳои VII-XI) луғату истилоҳот аз рӯйи зарурат иқтибос шудаанд [ниг.: 1..243, 208-209].

Дар давраи зиндагӣ ва эҷодиёти Аҳмади Унсурӣ (асрҳои X) давраи авҷи воридшавии арабизмҳо ва таркиби луғавии забони дарӣ аст. Пас метавон гуфт, ки иқтибосоти арабие, ки дар осори Аҳмади Унсурӣ ба назар мерасанд, дар замони зиндагии ӯ аксаран оммафаҳм буданд.

Дар «Rасоиди Аҳмади Унсурӣ» гурӯҳҳои гуногуни калимаҳои арабиро дидан мумкин аст.

Калимаҳое, ки имрӯз дар забон хусусияти умумиистеъмолӣ гирифта дар калимасозиҳо иштирок мекунанд: фазл, сухан, дуо, олам, аҷаб, нақш, бадеъ, дунё, дин, қаттол, халқ, ато, саховат, қадр, сахо, табиат, малак, илм, амир, малик, ҳаво, сабо, салаб, масал, ишқ, ҳол, назо, азим, хаёл, шахс, мафраш, ҷамол, мисол.

Бояд гуфт, ки ҳамаи ин калимаҳо дар қасидаҳо ба он маъное истифода шудаанд, ки имрӯз низ доранд:

Дил маро **аҷаб** ояд зи кори ҳаво,
Ки мушкбӯйи **салаб** шуд, зи мушкбӯйи **сабо** (1).

Мадеҳ бозӯи кине, ки пеши бозӯи ӯ,
Rавитарин касе бошад зи ҷумлаи **заъфо** (2).

Худои ягона ҳар ҷо ки дар ҷаҳон **малаке** аст,
Табиати ту гарояд ҳаме ба хавфу руҷо (3).

Агарчӣ ман зи **ишқаш** ранҷа гаштам,
Хушо ранҷа, ки **нафарояд** малоле (4).

Чунон бошад ба ӯ **ишқу ҷамоле**,
Ки хубиро аз ӯ гирад **мисоле** (4).

Аксарияти калимаҳои арабие, ки мо дар мисолҳои боло овардем, дар забонамон тақрибан ҳазм гаштаанд. Ба ақидаи профессор Б. Камолиддинов: «яке аз нишонаҳои ҳазм гардидани калимаҳои иқтибосӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ васл гардида, калимаҳои нав сохтани онҳост» [1.84.49]. Дар қасидаҳои Аҳмади Унсурии Балхӣ ин ҳодиса назаррас аст, шоир ба қисмате аз калимаҳои дар боло зикрёфта калимаҳои нав сохтааст. Ба мисли бесазо, неаҷаб, қавитарин.

Ризо диҳанд бо мираш малик, в-ин **неаҷаб,**
Бад-ӯ шунид, бузург ар бад-ӯ диҳанд сазо (1).

Худое додаш ҳар чӣ он сӯзи ӯ хурост,
Масал зананд, ки дар худ буд, сазо **бесазо** (1).

Мадеҳ бозӯи кине, ки пеши бозӯи ӯ,
Қавитарин касе бошад, зи ҷумлаи заъфо (2).

Аз ин байтҳои қасидаҳо бармеояд, ки ин калимаҳо ҳанӯз дар замони зиндагии Аҳмади Унсурии Балхӣ дар забони тоҷикӣ ҳазм гаштаанд.

Ҳамин тариқ, калимаҳои аслии тоҷикию форсӣ ва калимаҳои иктибосии арабӣ дар қасоиди Аҳмади Унсурии Балхӣ мавқеи махсус дошта, истифодаи чунин калимаҳо тарзи гуфтори қасидаҳоро содаву равон ва ба ҳама фаҳмо гардонидааст.

А Д А Б И Ё Т

1.Абдуллоев А. Рӯдакӣ ва Унсурию Фаррухӣ/ А.Абдуллоев// Маориф ва маданият.– 1978.– 21.август.
2. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик/ Х.Мирзозода. – Душанбе, 1989. –R. 1. 2. – С. 45-47.
3.Камолиддинов Б. Нависанда ва иқтибоси калима/ Б. Камолиддинов // Сухандонон сухан санҷида гӯянд.– Душанбе, 2005.– 148с.
4.Rосимова М. Чор унсур: Маъниофаринӣ, калимасозӣ (дар асоси маводи «Маснавии маънавӣ»)/ М.Rосимова. –Душанбе: Деваштич, 2007.– 365 с.
5. Унсурии Балхӣ. Девон/ Унсурии Балхӣ; ба кӯшиши Муҳаммад Дабир Саёқӣ. – Теҳрон:Наврӯз, 1342 ҳиҷрӣ.

6.Забеҳуллои Сафо. Таърихи адабиёти Эрон/ Забеҳуллои Сафо; таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарипов, Абдушукури Абдусаттор. –Душанбе: Тоҷикистон Интишороти байналмилалии «Алҳудо», 2001.–160 с.
7.Муҳммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ/ М.Муҳммадиев. –Душанбе: Маориф,1993.–272с.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ)/ Ҳ.Маҷидов.– Душанбе, 2007.– Ҷ.1.–343с.
9.Маҷидов Ҳ. Мутобиқати калимаҳои иқтибосӣ бо меъёрҳои забони тоҷикӣ/ Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 2000.– №9-10.– С.27–30.
10. Muhammad Taqi-i Bahor. Sabkshinosi/ Muhammad Taqi-i Bahor.–Tehron, 2006.–jildi avval.– 462s.
11.Пейсиков Л. С. Лексикология современного персидского языка/ Л. С.Пейсиков.– М.1975.– 206с.
12.Ҳалимов С. Ҳ. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI-XII)/ С. Ҳ.Ҳалимов. – Душанбе, 2002. – 96 с.
13.Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М., 1969. –Ҷ.1.
14.Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М., 1969. –Ҷ.2.

НЕКОТОРЫЕ ЛЕКСИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭТИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ АХМАДА УНСУРИ

В статье проводится анализ и интерпретация лексических особенностей поэтического наследия Ахмада Унсури. Подробно проанализированы исконно таджикские слова, которые использованы в произведениях поэта. Также описаны лексические особенности заимствованных слов с арабского языка, которые адаптированы в речевой обиход таджикского языка и очень уместно применены в творчестве поэта.

Ключевые слова: анализ и интерпретация лексических особенностей, поэтическое наследи Ахмада Унсури, исконно таджикские слова, речевой обиход таджикского языка.

SOME ARE A LEKXICAL PARTICURITY OF THE POETICAL HERITAGE AHMADA UNSURI

In article is conducted analysis and interpreting the lexical particularities of the poetical heritage Ahmada Unsuri. Are they In detail analyzed primordial tadjik words, which are used in making the poet. Also lexical particularities of the unoriginal words is described with arabus language, which are adapted in speech everyday life tadjik langue gee and much appropriately of the poet.

Key words: analysis and interpretation of lexical peculiarities, poetic heritage Ahmad Unsuri., native Tajik words, spoken language of the Tajik language.

Сведения об авторе: ***И. Б. Гулова***- аспирантка Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 919 52 22 44.**

БАРРАСИИ СОХТВОЖАҲОИ ТАСРИФИИ ҚАЙД ДАР ГӮЙИШИ СИИСТОН ВА ТАТБИҚИ ОН БО ЗАБОНИ ФОРСИИ ЭРОН ВА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Аббос Тирафкан
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Аз он ҷо ки забонҳо ва гӯйишҳои мухталиф дар тӯли замон таҳти таъсири нуфузи забони расмӣ қарор мегиранд ва бо суръат дар ҳоли аз байн рафтан ҳастанд, баррасии забоншиносии қайдҳои муштарак ва мутафовит дар анҷоми ин пажӯҳиш метавонад омиле барои корбурди таквожаҳои тасрифии анвои қайд дар забоншиносӣ бошад. Пажӯҳишҳои анҷомшуда нишон медиҳанд, ки пажӯҳишгарон ба баррасӣ ва татбиқи сохтвожаи тасрифии қайд дар гӯйиши Сиистон, забони форсии Эрони имрӯз ва забони тоҷикӣ напардохтаанд. Дар ин пажӯҳиш саъй гардида, бархе сохтвожаҳои тасрифии қайд дар гӯйиши Сиистон бо забони форсии Эрони имрӯза ва забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ ва татбиқ қарор гирад.

Дар ин мақола ба маҷмӯае аз қайдҳо пардохта шуда, ки мавриди истифодаи гӯйишварони сиистонӣ, мардуми Эрон ва Тоҷикистон аст. Дар миёни гӯйишҳо ва забонҳо мавриди истифода қарор мегирад.

Ин пажӯҳиш метавонад намунае бошад, то забонҳо ва гӯйишҳои мухталифи кишварҳоро бо ҳамдигар аз ҷиҳати анвои сохтвожаҳои тасрифӣ мавриди баррасӣ ва татбиқ қарор диҳад.

Гирдоварии иттилоот дар мавриди сохтвожаи тасрифии қайди тафзилӣ ва қайди олӣ дар гӯйиши Сиистон, забони форсии Эрон ва забони тоҷикӣ ва моҳияти шинохти забон ва тағйироте, ки дар асрҳои мухталиф эҷод шуда, бисёр судманд буда ва метавонад гиреҳкушои пажӯҳишҳои забони оянда дар кишвари Эрон ва Тоҷикистон бошад.

Домонаи баҳс дар робита бо баррасӣ ва татбиқи сохтвожаи тасрифии қайд дар гӯйиши Сиистон, забони форсии Эрони имрӯз ва забони тоҷикӣ бисёр сареътар аз он чи дар ин таҳқиқ омада, мебошад.

Матолиби муштарак ва мабоҳиси судманд ва ҷамъоваришуда дар ин мақола бо таваҷҷуҳ ба дарёфтҳо ва истинбодҳои пажӯҳишгар ба забони сода навишта шудааст, барои донишҷӯён ва устодоне, ки ин шеваи таҳқиқ сару кор доранд, муфид аст ва метавонад манбаи хубе бошад. Дар ин пажӯҳиш анвои қайд аз назари корбурди сохтвожаи тасрифӣ мавриди баррасӣ ва татбиқ қарор мегирад.

Қайд вожае аст, ки ба мафҳуми феъл чизе изофа мекунад ва тавзеҳе дар бораи он медиҳад. Дар гӯйиши Сиистон сохтвожаҳои тасрифии «tar» ҳамроҳ бо пасванди «ak» яъне таквожаи тасрифии «tar ak» баъд аз қайд сода ва мураккаб қарор мегирад ва қайди тавзеҳии сода мураккабро ба вуҷуд меоварад ва сифати олии «tarin» баъд аз қайди сода ва мураккаб қарор мегирад. Ва қайди сода ва мураккабро ба вуҷуд меорад. «Зарф ҳиссаи мустақилмаъноии нутқ буда, ҳолат, тарз, вақту ҳангом, маҳалу макон, сабабу мақсади кору ҳаракатро шарҳу эзоҳ медиҳад» [3,344].

Зарфҳо дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати сохтор ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд. Зарфҳои сода фақат аз як реша иборат буда, мафҳумро ифода мекунанд: **зуд, пиёда** ...

Зарфҳои сохта, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба воситаи аффиксҳо сохта мешаванд: **бегонавор, оромона**. Зарфҳои мураккаб аз шумораву исм – **якпаҳлӯ, дузону**..., такрор омадани исм – **паёпай**, сифатҳои мураккаб бо пасванди «–она» **дилпурона** ... сохта мешаванд. Зарфҳои таркибӣ аз такрори исм ва пешоянд – **дар ба дар**; аз такрори ҷонишини нафсии худ ва пешоянди **ба** – **худ ба худ**; аз такрори шумораҳо ва пешоянди **ба** – **як ба як...** [3,344-372].

Анвои қайди тафзилӣ:

а) Қайди тафзилии сода бо таквожаи тасрифии «тар= tar» ва «tar ak»:

Дар забони форсии Эрон таквожаи тасрифии «тар= tar» баъд аз қайди сода қарор мегирад ва тафзилии содаро месозад, аммо дар гӯйши Сиистон таквожаи тасрифии «tar ak» ба қайд изофа мешавад ва қайди тафзилии содаро месозад.

«Гурӯҳи калони зарфҳо дараҷаи қиёсӣ доранд. Фарқи дараҷаи қиёсии зарф аз дараҷаи қиёсии сифат он аст, ки вай ба феъл вобаста шуда, онро шарҳу эзоҳ медиҳад» [3,346].

Равиши сохт: қайди сода+ тар = қайди тафзилии сода

Забони форсии Эрон	**Гӯйиши Сиистон**	**Забони тоҷикӣ**
پایین + تر = پایین تر	row- tar ak	поёнтар
بالا +تر = بالا تر	blē-tar ak	болотар
زود + تر = زودتر	zo t-tar ak	зудтар
دیر + تر = دیرتر	der- tar ak	дертар
بد + تر = بد تر	ba t-tar ak	бадтар
خوب + تر = خوب تر	xob -tar ak	хубтар
کم + تر = کم تر	kam- tar ak	камтар
بیش + تر = بیش تر	bēš tar ak	бештар
پیش + تر = پیش تر	pēš- tar ak	пештар
سریع + تر = سریع تر	sari-tar ak	тезтар
کند + تر = کند تر	kon-tar ak	оҳистатар

б) Қайди тафзилии мураккаб бо таквожаи тасрифии «тар= tar»: агар ба охири сифати пасванд «-ина»-ро изофа кунем қайди чигунагии мураккаб ба вуҷуд меояд.

Монанди:

Забони форси Эрон	**Гӯйиши Сиистон**	**Забони тоҷикӣ**
عاقلانه + تر = عاقلانه تر	âqelâne tar ak	оқилонатар
عالمانه +تر = عالمانه	âlemâne tar ak	олимонатар

تر		
دیوانه + تر = دیوانه تر	dovna tar ak	девонатар
دیوانه وار + تر = دیوانه وار تر	dovna vâr tar	девонавортар
افت و خیز + تر = افت و خیز تر	oft o xiz tar ak	афтухезтар
نال +ان + تر = نالان تر	nâ lâo tar ak	нолонтар
بیگانه + وار + تر = بیگانه وار تر	begâna vâr tar	бегонавортар

в) Қайди тафзилии мураккаб бо истифода аз вожаи «аз ҳама= az ama»: қайд аст, ки беш аз як чузъ дошта бошад ва дар гӯйиши Сиистон он аст, ки қабл ё баъд аз қайди содаи тафзилии вожаи «аз ҳама» қарор гирад, қайди тафзилии мураккаб сохта мешавад. Монанди: аз ҳама+ қайди тафзилӣ= қайди мураккаб

Забони форсии Эрон	**Гӯйиши Сиистон**	**Забони тоҷикӣ**
از همه پایین + تر = از همه پایین تر	az ama row tar ak	аз ҳама поёнтар
از همه بالا +تر = از همه بالا تر	az ama blē tar ak	аз ҳама болотар
از همه زود + تر = از همه زودتر	zo tar ak az ama	аз ҳама зудтар
از همه دیر + تر = از همه دیرتر	der tar ak az ama	аз ҳама дертар
از همه بد + تر = از همه بد تر	az ama ba ttar ak	аз ҳама бадтар
از همه کم + تر = از همه کم تر	kam tar ak az ama	аз ҳама камтар
از همه بیش + تر = از همه بیش تر	az ama bēš tar ak	аз ҳама бештар
از همه پیش + تر = از همه پیش تر	az ama pēš tar ak	аз ҳама пештар
از همه سریع + تر = از همه سریع تر	az ama sari tar ak	аз ҳама тезтар
از همه کند + تر= از همه کند تر	az ama kon tar ak	аз ҳама оҳистатар

Анвои қайди олӣ

а) Қайди олии сода бо таквожаи тасрифии **«тарин= tarin»:** қайди сода+ тарин = қайди олии сода

Забони форсии Эрон	**Гӯйиши Сиистон**	**Забони тоҷикӣ**
پایین + ترین = پایین ترین	row tarin	поёнтарин
بالا +ترین = بالا ترین	blē tarin	болотарин
زود + ترین = زودترین	zo ttarin	зудтарин
دیر + ترین = دیرترین	der tarin	дертарин
بد + ترین = بد ترین	ba ttarin	бадтарин
خوب + ترین = خوب ترین	xob tarin	хубтарин
کم + ترین = کم ترین	kam tarin	камтарин
بیش + ترین = بیش ترین	bēš tarin	бештарин
پیش + ترین = پیش ترین	pēš tarin	пештарин

سریع + ترین = سریع ترین	Saritarin	тезтарин
کند + ترین = کند ترین	Kontarin	оҳистатарин

б) Қайди олии мураккаб бо таквожаи тасрифии «тарин= tarin»: агар ба охири қайди мураккаб таквожаи тасрифии «-тарин»-ро изофа кунем қайди мураккаби олӣ ба вуҷуд меояд. Монанди:

Равиши сохт: қайди мураккаб= тарин+ қайди олии мураккаб

Забони форсии Эрон	**Гӯйиши Сиистон**	**Забони тоҷикӣ**
عاقلانه + ترین = عاقلانه ترین	âqelâne tarin	оқилонатарин
عالمانه +ترین = عالمانه ترین	âlemâne tarin	олимонатарин
دیوانه + ترین = دیوانه ترین	dovna tarin	девонатарин
دیوانه وار + ترین = دیوانه وار ترین	dovna vâr tarin	девонавортарин
نال +ان + ترین = نالان ترین	nâ lân tarin	нолонтарин
بیگانه + وار + ترین = بیگانه وار ترین	begâna vâr tarin	бегонавортарин

Хулоса, дар ин мақола ба корбурди бархе аз иштирокот ва тафовутҳои таквожаҳои тасрифии қайд, ки то кунун дар забони илмӣ ва гӯйиши мардумӣ корбурд дорад, пардохта шудааст. Бархе аз шабоҳатҳо ва тафовутҳои сохтвожаҳои тасрифии қайди тафзилӣ ва қайди олӣ аз назари (сода ва мураккаб), корбурди анвои қайди тафзилии сода, корбурди анвои қайди тафзилии мураккаб, корбурди анвои қайди олии сода, корбурди анвои қайди олии мураккаб бо истифода аз таквожаи тасрифии сифати тафзилӣ «тар= tar» дар забони форсии Эрон ва забони тоҷикӣ ва таквожаи тасрифии сифати тафзилӣ «tar ak»: дар гӯйиши Сиистон дар ҷадвалҳои марбутаи мавриди баррасӣ ва татбиқӣ қарор гирифтааст, ки пажӯҳишгар корбурди ҳар кадом аз мавзӯотро бо зикри мисол нишон додааст ва метавон гуфт, ки сохтвожаи тасрифии қайд дар гӯйиши Сиистон, забони форсии Эрон ва забони тоҷикӣ қобили баррасӣ ва татбиқи забоншиносӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Боқарӣ Меҳрӣ. Муқаддимоти забоншиносӣ/ Боқарӣ Меҳрӣ.– Теҳрон: Нашри «Қатра», 1377.
2. Ботинӣ Муҳаммадризо. Сохтмони дастурии забони форсӣ/ Ботинӣ Муҳаммадризо.– Теҳрон: Амир кабир, 1356.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология.– Душанбе: Ирфон, 1973.– 452 с.
4. Зарсанҷ Муҳаммадризо. Дастур ва нигориши форсӣ/ Зарсанҷ Муҳаммадризо.– Теҳрон: Муассисаи хадамоти фарҳангӣ, 1362.
5. Нотили Хонларӣ, Парвиз. Дастури забони форсӣ, дастури забони форси феъл/ Нотили Хонларӣ, Парвиз.– Теҳрон: Нашри «Қатра».– Теҳрон, 1384.
6. Ҳақшинос Алии Муҳаммад. Овошиносӣ (фонетика)/ Ҳақшинос Алии Муҳаммад.– Теҳрон: Огоҳ, 1374.- Ҷ.4.
7. Шариат Муҳаммадҷавод. Дастури забони форсӣ/ Шариат Муҳаммадҷавод Шариат Муҳаммадҷавод.– Теҳрон: Асотир, 1372.

ИЗУЧЕНИЕ ТИПОВ СКЛОНЕНИЯ ОБСТОЯТЕЛЬСТВА В СИИСТАНСКОМ ГОВОРЕ И ЕГО СОПОСТАВЛЕНИЕ С ПЕРСИДСКИМ ЯЗЫКОМ ИРАНА И ТАДЖИКСКИМ ЯЗЫКОМ

Данная статья посвящена изучению типов склонения обстоятельства в сиистанском говоре, также проведено его сопоставление с персидским языком Ирана и таджикским языком. Также рассмотрены некоторые сходства и их отличия в персидском и таджикском языках.

Ключевые слова: обстоятельство, структура, склонение, персидский язык, таджикский язык, сходства и различия.

LEARN ABOUT THE TYPES OF DECLENSION CIRCUMSTANCES IN SIISTANS DIALECT AND ITS COMPARISON WITH THE PERSIAN LANGUAGE OF IRAN, AND THE TAJIK LANGUAGE

This article is devoted to the study of types of declension circumstances in сиистанском dialect, also compared with the Persian language of Iran, and the Tajik language. Also examines some of the similarities and differences in the Persian and Tajik languages.

Key words: circumstance, structure, stressing, Persian, Tajik, and similarities and differences.

Сведения об авторе: ***Аббос Тирафкан*** **–** соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ.Телефон: **919997345**

ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ-ИСТОРИЗМЫ С ЛИНГВОКУЛЬТУРНЫМ КОМПОНЕНТОМ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

М.Рахимов
Таджикский национальный университет

Английский язык имеет тысячелетнюю историю. За это время в нем накопилось большое количество выражений, которые люди нашли удачными, меткими и красивыми. Так и возник особый слой языка – фразеология, совокупность устойчивых выражений, имеющих самостоятельное значение. А.В. Кунин рассматривает фразеологизмы как «устойчивые сочетания слов с осложненной семантикой, не образующиеся по порождающим структурно-семантическим моделям переменных сочетаний».

Особым пластом во фразеологической системе английского языка являются фразеологизмы, содержащие в своем составе лингвокультурный компонент. В семантике этих фразеологических единиц отражен долгий процесс развития культуры народа, они выражают национальный характер, исторический и культурный колорит.

Зачастую они представляют собой особую сложность, так как для их понимания требуются определенные знания с точки зрения истории, культуры и традиций страны изучаемого языка.

Объектом нашего исследования являются фразеологические единицы с лингвокультурным компонентом, имеющие историческое происхождение и содержащие в своем составе антропонимы и топонимы.

Например:

– a Florence Nightingale – Флоренс Найтингейл, медицинская сестра, которая отличается особой добротой и внимательностью к больным. (Флоренс Найтингейл (1820-1910) – английская медсестра, организатор и руководитель отряда санитарок во время Крымской войны 1853-1856 гг.

Г. Лонгфелло посвятил Ф. Найтингейл поэму «Святая Филомена». В настоящее время в больнице св. Фомы, в центральном Лондоне действует музей Флоренс Найтингейл. В 1883 Найтингейл была награждена Королевским Красным крестом, а в 1907 –орденом «За заслуги». В 1912 году Лига Международного Красного Креста и Красного Полумесяца учредила медаль имени Флоренс Найтингейл до сих пор самую почётную и высшую награду для сестёр милосердия во всём мире. 12 мая в день рождения Флоренс Найтингейл, мир отмечает Международный день медицинской сестры.) Страноведческая информация, передающая этот исторический факт из жизни британского народа, помогла сформировать положительную эмоциональную оценку, которую содержит этот фразеологизм.

– according to Cocker –«как по Кокеру», правильно, точно, по всем правилам (Э. Кокер, 1631-1675, автор английского учебника арифметики, широко распространенного в XVII в.);

–the Admirable Crichton [Kraitn] –ученый, образованный человек, ученый муж (по имени Джеймса Крайтона, известного шотландского ученого XVI в.) Он был человеком выдающихся способностей. Уже в десятилетнем возрасте он поступил в университет св. Андрея, где к 14 годам добился выдающихся успехов, а к двадцати годам свободно владел десятью языками. Крайтон часто поражал всех знаменитостей своим умением спорить (на разных языках) и цитировать в нужный момент латинских и церковных авторов. В

Венеции он даже побеждал местных профессоров в публичных спорах. Происхождение этого фразеологизма с выдающимися способностями этого ученого, которые вызывали всеобщее восхищение.

– King Charles's head – навязчивая идея, предмет помешательства, «пунктик» (выражение из романа английского писателя Чарльза Диккенса «Давид Копперфилд», связанное с увлечением полоумного мистера Дика Карлом I; Карл I – король Англии, Шотландии и Ирландии с 27 марта 1625 года династии Стюартов. Его политика абсолютизма и церковные реформы вызвали восстания в Шотландии и Ирландии и Английскую революцию. В ходе гражданских войн Карл I потерпел поражение, был предан суду парламента и казнён 30 января 1649 года в Лондоне, путем отсечения головы. Именно этот исторический факт лег в основу данного фразеологизма, так как сам факт казни английского короля вызвал шоковое состояние народа в то время. Диккенс по-своему обыграл его в произведении, наделив одного из героев навязчивой идеей, связанной с Карлом I).

– every Tom, Dick and Harry – всякий, каждый; первый встречный (впервые его использовал английский богослов Джон Оуэн в 1657 году, происхождение этой ФЕ он относит к временам правления Елизаветы I, когда эти имена были очень популярны); Другой вариант этого фразеологизма можно увидеть в пьесе Уильяма Шекспира "Henry IV", часть 1 (1696): "I am sworn brother to a leash of Drawers, and can call them by their names, as Tom, Dicke, and Francis."

- have kissed the blarney stone /the Blarney Stone/ –быть льстецом.

Фразеологизм основан на старинном предании, согласно которому тот, кто поцелует камень, находящийся в ирландском замке Бларни, обретает способность льстить;

–Tyburn blossom –«молодой вор, юный правонарушитель»; dance the Tyburn jig – «быть повешенным, окончить жизнь на виселице»; Tyburn tippet –«петля», напоминает о том факте, что до 1783 город Тайберн (графство Миддлсекс) являлся официальным местом проведения казней осуждённых города Лондона. Тайберн был озвучен в многочисленных поговорках, связанных со смертной казнью, и в словесных оборотах лондонцев. Так, кому желались всевозможные несчастья или предвиделась худая доля, желалось «съездить в Тайберн» ("to take a ride to Tyburn"). Тот, по ком уже плакала петля, звался «Властитель Тайберна» ("Lord of the Manor of Tyburn"). Приговорённые доставлялись к месту казни в открытых повозках, влекомых волами. От них зрители ожидали «доброго представления», под которым понималось мужественное и спокойное принятие смерти одетыми в своё лучшее платье преступниками. В этом случае публика, восхищённая их поведением, восклицала «Хорошо умер!» ("good dying!"). В случае же, если казнимый проявлял малодушие или цеплялся за жизнь, лондонцы осыпали его оскорблениями. Кроме мужественного поведения, присутствующая при казни публика обычно настаивала и на так называемом «последнем слове» ("last dying speech"), которым, как правило, пользовался осуждённый, чтобы покаяться в совершённых преступлениях и повиниться перед пострадавшими. В настоящее время о месте казни в Тайберне напоминают три латунные таблички, выложенные треугольником на мостовой угла лондонских Бейсуотер-роуд и Эджвер-роуд.

–send smb. to Coventry –бойкотировать кого-либо, прекратить общение с кем-либо (Ковентри –старинный город на востоке Англии. Во время гражданской войны, Ковентри, как парламентский город, был использован для заключенных, поддерживающих монархию);

Фразеологизм основан на переносном значении

– to fight like Kilkenny cats –Ожесточенно драться, сражаться. (Несколько солдат, из стоявшего в XVIII веке в городе Килкенни гарнизона, связали для забавы двух кошек хвостами и перекинули их через бельевую верёвку, чтобы понаблюдать за их дракой. Когда кто-то послал за офицером с просьбой прекратить эту жестокую забаву, один из солдат отрубил кошкам хвосты –и животные разбежались. На вопрос офицера, откуда появились окровавленные хвосты, кто-то ответил, что две кошки дрались до тех пор, пока не съели друг друга до хвостов.)

– Downing Street «правительство Великобритании» (На этой небольшой улице в Лондоне уже более 200 лет располагаются резиденции двух важнейших персон правительства Великобритании: в доме № 10 традиционно проживает Первый Лорд Казначейства, обязанности которого выполняет премьер-министр, а в доме № 11 –Второй Лорд Казначейства или канцлер казначейства. Таким образом, дом № 10 по Даунинг-стрит – это официальная резиденция премьер-министра Великобритании);

Как можно видеть, фразеологические единицы с лингвокультурным компонентом могут быть источником интересной и полезной страноведческой информации. Они составляют часть фоновых знаний, отражающих национальную специфику англоязычной культурно-языковой общности. Знакомство с национально-специфическими особенностями культуры, истории, быта и нравов страны помогает лучшему осмыслению значения фразеологизма, лучшему запоминанию и, в свою очередь, лучшему использованию фразеологизма в речи.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Кунин, А.В. Курс фразеологии современного английского языка / А.В.Кунин. –М.: Высшая школа, 1996. –331 с.
2. Кунин, А.В. Пути образования фразеологических единиц / А.В. Кунин // Иностранные языки в школе. – 1971. – №1. – С.8.
3. Маслова В.А. Лингвокультурология/ В.А. Маслова. – М.: Высшее образование, 2001 – 205с. [Электронный ресурс] www.twirpx.com/file/45088 (дата обращения: 07.06.2010).- 163
4. Шафрин, Ю.Д. Идиомы английского языка. Опыт использования / Ю.Д. Шафрин. – М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2003. –558 с.
5. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь/ А.В.Кунин. –М.: Советская Энциклопедия, 1967.– 1264с.

ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ-ИСТОРИЗМЫ С ЛИНГВОКУЛЬТУРНЫМ КОМПОНЕНТОМ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Английский язык имеет тысячелетнюю историю. Особым пластом во фразеологической системе английского языка являются фразеологизмы, содержащие в своем составе лингвокультурный компонент. В семантике этих фразеологических единиц отражен долгий процесс развития культуры народа, они выражают национальный характер, исторический и культурный колорит.

Ключевые слова: фразеологизм, семантика, компонент, единицы, совокупность, исследования, структура.

IDIOM-HISTORICISM WITH LINGVOCULTURECOMPONENT IN ENGLISH

A special formation of phrase logical system of Englishare idioms, containing in its composition Lingvoculturalcomponents. In the semantics of phrase logical units reflected a longthe process of cultural development of the people, they express the national character, historical and cultural flavor.

Key words: Idiom, semantics, the component units, the collection, research, structure.

Сведения об авторе: ***Рахимов М.*** – аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 918929919**.

ПОВТОР КАК СРЕДСТВО УСИЛЕНИЯ ВЫРАЗИТЕЛЬНОСТИ РЕЧИ
(на материале таджикской художественной поэзии и прозы)

Бекташ Локман
Российско-Таджикский (славянский) университет

Редупликацией в языкознании называют полное или частичное повторение корня, основы или слова. Повтор, т.е. удвоение всего слова является предельным случаем редупликации, например: охиста-охиста – ‘еле-еле’, тез-тез ‘быстро-быстро’. Иногда редупликацию считают частным случаем плеоназма. Структурно плеоназм представляет собой дублирование единицы плана содержания языка, которое может осуществляться при помощи либо повтора одной и той же единицы плана выражения (тавтология, редупликация), либо использование других языковых единиц, имеющих сходное значение (синонимический повтор, периссология) [2].

По мнению Л. Блумфильда, «конструкции сложных слов, а в известной мере и слов, производных от словосочетаний, занимают промежуточное положение между

синтаксисом и морфологией» [1,с.194]. Посредством удвоения имен прилагательных, наречий, существительных, местоимений образуются сложные формы слова, которые служат для усиления количественно-качественного признака редуплицированного слова.

Повтор в таджикском языке встречается практически во всех частях речи. Ср.:

1.**имя существительное**:

а) *қабат-қабат, кӯҳ-кӯҳ, гарам-гарам* (для обозначения репрезентативной множественности).

б) неполная редупликация: *хона-пона, чой-пой, майда-чуйда, латту пут, курта-пурта* (для выражения ассоциативной множественности).

2.**прилагательное**:

Суп-сурх, каб-кабуд, заб-зард, сап-сафед, сип-сиёҳ, кап-калон (интенсивность, насыщенность цвета, яркость красок).

Гуногун, рангоранг/ ранг-ранг, хел-хел, баланд-баланд, паст-паст (для выражения разнообразия, разноплановости, предельности)

3. **наречия**:

а) **образа действия**: *тез-тез, оҳиста-оҳиста, вазнин-вазнин, сабук-сабук, базур-базур, кам-кам, ором-ором;*

б) **времени** : *дам-дам, гоҳ-гоҳ, сол-сол*;

в**) места**: *ҷо-ҷо, дур-дур, пеш-пеш.*

Как контекстуальные средства, наречия обозначают главным образом, способ действия – кратность, длительность, отрывистость

4. **числительные**:

як-як, ду-ду, се-се, чор-чор, сад-сад (кратность) - *по 1,2, 3, 4,100 и т.п.*

4. **местоимения**:

ягон-ягон, баъзе-баъзе, ту-ту, ман-ман

5. **личные и неличные глагольные формы** :

давон-давон, давида-давида, омада-омада, омад-омад, тозон-тозон, тохта-тохта, шишта-шишта, хандида-хандида (для выражения способов действия – кратности, длительности, предельности и т.п.).

Использование удвоения в качестве определенного приема, служащего для придания слову эмоциональной окраски, получило широкое распространение во многих языках мира. Ученые утверждают, что редупликаты употребляются в языке для стилистического эффекта, в большинстве случаев для того, чтобы придать повествованию больше экспрессивности.

Для поэтического языка повтор является одним из наиболее характерных приёмов. В классической таджикско-персидской поэзии и прозе различные типы редупликаций встречаются достаточно часто. При этом можно встретить различные виды повторов: частичную и полную редупликацию, звукоподражательные слова, синонимический повтор (оба компонента имеют реальное значение и относятся друг к другу как синонимы) и так называемый антонимический повтор, т.е. редупликации, в которых сочетаются полнозначные компоненты с антонимической семантикой.

Ср. например, следующие строки из Джалолиддина Руми:

Аз ишқи рухаш гул шуд чун мутриби хуш ***қоқо,***
Аз васфи ту савсан шуд чун ғолия хуш ***қоқо,***
Аз шавқи ту зад савсан, чун мурғи саҳар ***қуқу,***
Дар Чину Хутан ***ку-ку*** *мар Руму Ҳабаш* ***қоқо,***
Дардеҳ маи соғарро шӯридан музтарро,
Хуш ҳаст қаландарро дар кисвати қаш ***қоқо.***
Аз соғари май ***бӯ бӯ****, овозаи* ***ху-ху,***
Ваз турраи май ***қу-қу*** *в-аз мижжаи ҳаш* ***қоқо.***
Чун фитнаи ушшоқӣ андар раҳи муштоқӣ,
Бе ҷоми ту зад соқӣ дар ҷӯъу аташ ***қоқо.***
Шамсулҳақи Табрезам омад, ки табат резам,
З-он хотири гулрезам бар ҷоиза ваш ***қоқо*** [29].

В приведенных строках преобладает редупликат ***қоқо***, который является основной рифмообразующей единицей. Мастер художественной речи использует как

звукоподражательные слова (*чун мурғи саҳар* ***қуқу****, овозаи* ***ҳу-ҳу***), так и редупликации для интенсификации значения (*Аз соғари май* ***бӯ бӯ***).

Ср. в следующих примерах употребление редупликаций ***зарра-зарра, рав-рав, ранг-ранг, фавҷ-фавҷ, мавҷ-мавҷ,*** которые также являются средством интенсификации значения:

Гуфто, ки ***зарра-зарраи*** *ту ошиқи мананд,*
Рав-рав*, ки ин матоъ барои мо муҳаққар аст*.(51)

Или:

Ин рухи ***ранг-ранги*** *ман ҳар нафасе чӣ мешавад?*
Беҳавасӣ макун, бубин, к-аз ҳавасе чӣ мешавад? (111)

Ҳар навоҳи ***фавҷ-фавҷ*** *андар кӯҳе ё пуштае*
Гоҳ пушта, гоҳ гӯ аз чист? Аз ғавғои дил.
Кулзуми рӯҳ аст дил ё киштии Нӯҳ аст дил,
Мавҷ-мавҷи *хун фарози ҷушишу гармои дил.* (183)

Повторы, в частности синонимические повторы достаточно часто встречаются в языке прозы классиков таджикско-персидской литературы. В произведении Носира Хусрава «Сафарнома» встречаем следующие примеры:

А) полные повторы:

ҷуфт-ҷуфт (28),
ҷудо-ҷудо (31);
сад-сад (53)

Ва он рӯз лашкари султон ҳама барнишинанд гурӯҳ-гурӯҳ ва фавҷ-фавҷ (52).

Ва чун аз Андалус ба дасти рост раванд суи шимол ҳамчунон лаб-лаби дарё ба Рум пайвандад (46).

Б) Нередки также повторы, в которых между редупликатами стоят предлоги: Рӯз ба рӯз (45) – (в русском языке также встречается данное выражение -день ото дня – для выражения непрерывности, длительности происходящего события, явления);

Или: Гирд бар гирд (49), также выражающее нарастание, интенсификацию явления, действия.

В) Встречаются также синонимические повторы, т.е редупликации, в которых оба компонента являются полнозначными и выступают по отношению друг к другу, как синонимы:

Зар тилло (41);
Ҷидду ҷаҳд (46);
Ва амиру ҳокими он шаҳр писари он Насруддавла аст, ки зикр рафт (14).

Г) Антонимические редупликации также встречаются достаточно часто в произведении:

Сардсер ва гармсер (58)
Гармову сармо (101)
Чарх мусофир зи баҳри мост шабу рӯз (104)

В «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Восифи мы также обнаружили несколько типов редупликаций:

А) редупликации -повторы:

Чук-чуқ ва гурӯҳ-гурӯҳ (20)

Б) редупликации, в которых второй компонент является словом-эхом, включающим в свой состав предлог:

Билохир, вақти баҳс-мабаҳс расида буд ва Мавлавиро дар онҷо суханон бисёр буд (39)

В) синонимический повтор:

Иззату ҳурмат (36);
Доду адл (36);
Мубоҳиса ва мунозира (36)
Акобиру аъолии маволӣ (36)
Эй Восифӣ, ба нолаву афғон дигар чунин (15).

Вақти намози ҷумъа Убайдуллохон бо ҷамеи акобир ва ашрофи Самарқанд ба масҷиди ҷомеъ ҳозир омаданд (21);

Мавлоно хоҷагӣ буд, ки эшонро аз авлоду амҷоди Мавлоно хавофи мешумурданд (22);

Дар ин шаҳр ба чидду ҷаҳди тамом ва таҳсил иштиғол менамоянд (23);

Ин лақабро ба худ мутобиқи воқеъ намебинам ва муносибу мувофиқ намеёбам (71).

Г) Встречаются также **мультипликативные синонимические повторы**, в которых для выразительности речи и интенсификации значения используются три или даже четыре полнозначных синонима:

Эътибору эъзоз ва икром (36)

Дар лаби дарёи Ҷайҳун фиғону гиряву нола ба авҷи гардун расид (19)

Алқисса, ҷаноби мударрис акобир ва аъёну аъолӣ ва ашрофи вилояти Бухороро талаб намуда, маҷмае сохт ва тарҳи таъзияте андохт ва барои Сино ба муқтазои расми замон таъзият дошт, баъд хотир ба тарбияти Абӯалӣ баргумошт (84)

В языке Ахмади Дониша также наблюдаем использование редупликатов:

А) полный повтор:

Масалан, дар ҳазар хонаҳои дӯстон ва асбобу адавоти ишон ва дар хонаи худ адавоту олот, ки бадон эҳтиёҷ меравад, ҷузв-ҷузв ва дар куҷо будани онҳо (212).

Агар аз абнои ҷинс мутаваққеи ин гирудор бошад, андаке эҳмол ва мусоҳала бинад, ҷаҳон бар чашми ӯ тира гардад ва хашм бар ӯ чира шавад, ки фалон-фалон бо ман таҳаддум кард ва ин таомам надод ё кам оварду бисёр бурд (266)

Б) редупликации, в которых второй компонент является словом-эхом, включающим в свой состав предлог:

Ҳошо, балки ишон нафас ба нафас ҷон мекананд (217)

В) Синонимический повтор:

Дар мавқеи ҷалби манофеъ чусту чолок мебудам (177)

Дар қабз андӯҳи зиёд мабаред ва дар баст фараҳ ва шодӣ макунед (165)

Г) Антонимический повтор:

Чору ночор (262)

В произведениях основоположника таджикской современной литературы Садриддина Айни используется большое количество различных видов редупликатов, которые служат средством интенсификации выразительности речи:

А) Полные повторы:

Вақте ки мо ба он ёбон расидем, ғайр аз биёбони регзор дигар чизеро надидем, дар тарафи шимоли шарқии ин ёбон хомаҳои калон - калони реги равон пайдо шуда буданд (24).

Бинобар ин вай ҳамеша дарахтонеро, ки дар онҳо мурғон мехобиданд, дидбонӣ мекард ва ғоҳ – ғоҳ ба тарафи рӯидарича рафта, роҳи омади шаҳолон гашт карда, тафтиш намуда меомад (39).

Вайро бардоштан, дар тахтапушташ,дар шикамаш ва дар бозуяш андак – андак захми дандон ва чанголи шаҳол менамуд (40).

Б) Повтор единиц плана выражения:

Садҳо нафар мардуми ҳашарчӣ ҳам ҳар ҷо – ҳар ҷо хобидааанд (51).

Инро хӯрда – хӯрда раветон ! – гуфт(20).

Мо давон – давон ба тарафи хона равон шудем, ки рӯз хеле вақт шуда буд (20).

В) Звукоподражания:

Баъзе аз инҳо, бе он ки сарашро бардорад, ё чашмашро кушояд, магасвор садои ғинг – ғинги заифе мебаровард . Дигаре аз онҳо дар ҳамон вазъият ва бо ҳамон садои " ғинг – ғинги " ӯро ҷавоб медод (84).

Дар муддати якчанд дақиқа шаҳр аз овози дамбар – дамбур, ҷаранг – ҷурунг пур гардида ба дили шунавандагон як навъ даҳшат меандохт (176).

Ман ҳеҷ имконе надоштам, ки даруни чоҳ даромада қаламдони худро гирифта барорам, ночор монанди модарони фарзандмурда, ки дар сари қабри ӯ нишаста зор – зор мегирянд, бар лаби чоҳ нишаста бо " ҳой - ҳой " ба гиря даромадам (74).

Г) Слова-эхо:

Ман ҳам ӯро " майлаш, акнун, ки ӯ ҳунарманд шудан ва одам шуданро намехоҳад, кӯр шавад, мулло – пулло шуда равад " гуфта ба хондан мондам (45).

В заключение отметим, что повтор универсален по своей природе, он обладает достаточной экспрессивностью и эмоциональностью, используется для воспроизведения

оценки изображаемых автором явлений действительности и одновременно способствует усилению выразительности и изобразительности речи, воздействуя на эмоционально-волевую сферу человека.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Блумфильд Л. Язык/ Л.Блумфильд. – М.: Изд-во АН СССР, 1968. – 424 с.
2. Искандарова Д.М. Явление и природа языковой редупликации (сопоставительный и типологический анализ)/ Д.М. Искандарова //Проблемы русского языка в контексте компаративистики. – Душанбе, 2005. - с.55-62.
3. Айни С.Ёддоштҳо/ С.Айни.- Душанбе, 1973.
4. Аҳмади Дониш. Осори баргузидаи бадеӣ/ Аҳмади Дониш. –Душанбе: Ирфон, 1976.
5. Зайниддин Маҳмуди Восифи. Бадоеъ – ул –Вақоеъ/ Зайниддин Маҳмуди Восифи. - Душанбе : Адиб, 2006.
6. Носири Хисрав. Сафарнома/ Носири Хисрав.. –Душанбе: Ирфон, 1970.

ПОВТОР КАК СРЕДСТВО УСИЛЕНИЯ ВЫРАЗИТЕЛЬНОСТИ РЕЧИ
(на материале таджикской художественной поэзии и прозы)

В статье рассматриваются различные виды редупликации – повтора, как средства усиления выразительности речи. Исследуются звукоподражания, слова-эхо, полные, синонимические и антонимические повторы на материале художественной поэтической и прозаической речи известных персидско-таджикских мастеров слова.

Ключевые слова: редупликации, повторите, повторите синонимов, звукоподражания.

REPEAT AS A MEANS TO ENHANCE THE EXPRESSIVE SPEECH
(on the material of Tajik art of poetry and prose)

The article discusses the various types of reduplication - repeat, as a means to enhance the expressiveness of speech. Investigated onomatopoeia words echo, complete, synonyms and repeat of antonymous on the material and poetic prose known Persian-Tajik wordsmiths.

Key words: reduplication, repeat, repeat of synonyms, onomatopoeia.

Сведения об авторе: ***Бекташ Локман*** - соискатель Российско-Таджикского (славянского) университета. Телефон: **(+992) 918 54 49 00**. Email: **lokmanbektas15@hotmail.com**

ҚАБАТҲОИ ЗАБОНИИ ПОЭТОНИМИЯИ «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ (ҚАБАТИ ЭРОНӢ)

Сомон Қурбонмамадов
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Равшан аён аст, ки қисмати аз ҳама бузурги поэтонимҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсиро номҳои эронӣ ташкил медиҳанд. Агар поэтонимҳое аз қабили Доро, Ардашер, Ҳушёршоҳ, Виштосп, Ҳурмуз дар матнҳои катибаҳои забони порсии бостон ба мушоҳида расанд, гурӯҳи дигар дар матнҳои «Авесто» ба назар мерасанд.

Таҳти поэтонимияи эронӣ номҳоеро дар назар дорем, ки дар заминаи забонҳои қадими эронӣ ба вуҷуд омадаанд. Иддае аз чунин номҳо дар осори хатти забонҳои давраи қадими эронӣ: форсии бостон ва «Авесто» дида мешаванд ва инчунин дар осори паҳлавӣ низ бо дигаргуниҳои шаклӣ ба назар мерасанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар байни поэтонимияи «Шоҳнома» метавон номҳоеро пайдо намуд, ки ба забонҳои қадими ғайриэронӣ тааллуқ дошта бошанд, яъне дар заминаи забонҳои қадимаи ғайриэронӣ ба вуҷуд омада, ба форсии қадим ва «Авесто» ба кор бурда шудаанд.

Чун «Шоҳнома» аз таърихи халқҳои эронинажод нақл мекунад ва ҳодисоту воқеоти давраҳои гуногуни онро дар бар мегирад, номҳои зиёди эронӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Баъзе аз ин номҳо имрӯз ҳам дар ҳамон шакл дар истеъмоланд ва бархеи дигар ба тағйироти зиёде дучор шудаанд ва то замони мо омада расидаанд.

Ҳангоми баррасии номҳои эронӣ тасмим гирифтем, ки онҳоро шартан ба ду гурӯҳ: номҳои қадима ва номҳои ҳозира ҷудо намоем.

а) номҳое, ки дар заминаи забонҳои бостонии эронӣ пайдо шудаанд: Ин гурӯҳи номҳо, ки аз номҳои қадимаи халқҳои эронӣ дарак медиҳанд, дар «Шоҳнома» зиёд истифода шудаанд. Зикр бояд кард, ки номҳои қадимаро наметавон бе истифода ва маълумоти сарчашмаҳо ва луғатномаҳо таҳлил кард. Аз ҳамин сабаб лозим

донистем, ки дар гурӯҳбандии ин номҳо ҳамчунин аз дигаргуниҳои шаклӣ ва маъноии онҳо вобаста ба маълумоти луғатномаҳои этимологӣ низ ҳарф занем.

Каюмарс – тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ, илмӣ ва адабӣ маълум аст, Каюмарс аввалин подшоҳи Аҷам мебошад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҳангоме ки ба иншои достон шурӯъ мекунад, аввалин номеро, ки дучор меоем, Каюмарс мебошад:

Чунин гуфт, к-«Ойини тахту кулоҳ,
***Каюмарс** оварду ӯ буд шоҳ* (1,46).

Каюмарс дар «Авасто» – Gaya Martan, дар забони форсии қадим – Gayamarta, дар забони форсии миёна Kaumars мебошад. Дар «Шоҳнома» низ ба сурати Каюмарс омадааст. Вобаста ба маълумоти «Ғиёс-ул-луғот» гаю – қалби гӯё ба маънои гӯянда, марта – мубаддали мард, яъне марди дорои қалби гӯё омадааст. Дар «Бурҳони қотеъ» ба маънои зиндагӯё дарҷ ёфтааст. Дар «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ бошад ба сурати зайл омадааст: Гаюмарси Гилшоҳ аввалин касе, ки подшоҳии ҷаҳон кардӣ ва ойини подшоҳӣ ва фармондиҳӣ ба ҷаҳон овард, ӯ буд ва габргон ӯро Одам Алайҳиссалом гуфтандӣ… ва ӯро Гилшоҳ гуфтандӣ, яъне подшоҳи бузург [11,143].

Чу омад мар он кинаро хостгор,
*Сар омад **Каюмарсро** рӯзгор* (1,51).

Ҳушанг – дуюмин подшоҳ, набераи Каюмарс, писари Сиёмак, ки барои қасоси падар бо девҳо ҷанг карда, онҳоро маглуб сохт. Ҳушанг дар «Авесто» – Haoušyanga, дар забони форсии миёна – Hušang, ки ба маънои ашра аввал бошад ва хуш, огаҳӣ, ақл ва хурдро низ меноманд.

Дар «Шоҳнома» низ дар шакли Ҳушанг истифода шудааст:

*Ҷаҳондор **Ҳушанг** борою дод,*
Ба ҷойи ниё тоҷ бар сар ниҳод (1,51).

Ардашер -номи подшоҳони ҳахоманишӣ ва сосонӣ. Ардашер|Ардашир – форси қадим *Ardaxshaspa*, форсии миёна Ardaxshir\ Ardashir, форсии нав, Ardasher\Ardashir– ҳокими одил (аз art – адл, инсоф ва xshasra– шоҳ, салтанат) – номи подшоҳони ҳахоманишӣ ва сосонӣ: Дар «Ғиёс-ул-луғот» номи Ардашер ба маънии шермонанд, шери хашмгин (мураккаб аз лафзи ард ба маънии хашм ва қаҳр ё лафзи урд ба маънии монанд ва назир) муайян шудааст [11,7].

Набера сарафроз Геви далер,
*Ҷаҳонгир Ширӯяву **Ардашер*** (6,71).

Таҳмурас – пас аз Ҳушанг подшоҳ буд ва ӯро Таҳмураси девбанд меномиданд, ки ӯ сӣ сол подшоҳӣ карда буд. Таҳмурас дар «Авесто» – Tahma Urupa дар забони форсии қадим – Tahmorup, ба маънои далер, пӯстирӯбоҳ пӯшида, рӯбоҳ омада, номи подшоҳест, ки иблисро маркаби худ сохтааст [12,105].

Писар буд мар ӯро яке ҳушманд,
*Гаронмоя **Таҳмураси** девбанд* (1,55).

Ҷамшед– авестоӣ Yima xšajta.- форсии қадим jama xšma, форсии миёна ва форсии нав Yamšed (аз jama – ҳамзод, ҷамъ ва xšajta – нур) - ҳамзоди нур, ҷамъи нур. Бинобар ривояти «Авесто» ва «Шоҳнома» ҳукмрони одил ва тараққидиҳандаи ҷаҳон, начотдиҳандаи халқҳо аз офат мебошад [8,9].

Дар «Форснома» чунин шарҳ ёфтааст**:** Ҷамшед ба як ривоят бародари Таҳмурас будааст… ва маънии “шед” нур ва баҳо (равнақ, дурахшандагӣ, зебоӣ) бошад ва ин ҷумлат офтобро хуршед гӯянд (11,35). Фирдавсӣ овардааст:

*Гаронмоя **Ҷамшед** фарзанди ӯй,*
Камар баставу дил пур аз панди ӯй (1,60).

Фаридун (Офаридун) – номи подшоҳи Эрон. Фаридун-Srayataona, форсии қадим Trayataona, форсии қадим ва форсии нав Faridun\Faredun\Fraydun (аз sr(i)tr(i) – се ва aytaona – айдун, инчунин) – се айдун, се инчунин; номи шоҳ аз насли Ҷамшед. Бинобар гуфтаи муҳаққиқони эронӣ Ф. Ҷунайдӣ ва Гуштоспури Порсӣ, Фаридун ба маънии давроне аст, ки дар он ориён ба се шоха тақсим гардиданд. Гуштоспури Порсӣ дар зери мафҳуми се айдун 3 писари Фаридун – Салм, Тур ва Эраҷро низ дар назар дорад [11,8].

***Фаридун** чу шуд бар ҷаҳон комгор,*
Надонист ҷуз хештан шаҳриёр (1,123).

Манучеҳр – авестоӣ Monuchisra, форсии миёна ва форсии нав Manuchehr (аз Monush– номи нажод дар наздикии кӯҳи Дамованд ва ckisra – 1) нажод, 2) рӯй, чеҳра) – нажоди Монуш; номи набераи Эрач аз тухмаи Фаридун дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

Кунун гӯш кун рафтану кори Зол,
Ки шуд зӣ ***Манучеҳри*** *фархундафол* (1,335).

Баҳром – номи шоҳони эронӣ. Баҳром- авестоӣ Veretragan, форсии миёна Bohchom, форсии нав- Bahrom (аз Veretradusd - пинҳонкунанда ва gan – задан, раҳокунанда), раҳокунанда аз Вритра. Дар Авасто лақаби худои бузург Индра аст, ки ба Вритра (дузди борон) ҳуҷум карда, аз абр борон меорад. Дар давраи миёна номи 5 подшоҳи сосонист. Дар давраи нав ба маънии фатҳ ва пирӯзӣ низ омада (Доноӣ, Фарҳанги номҳои эронӣ, 66).

Чу ***Баҳрому*** *чун Зангаи Шоварон,*
Чу Геву чу Шопуру кундоварон (3,136).

Афросиёб – номи подшоҳи Тӯрон, писари Пашанг. Афросиёб– авестоӣ Franrasyan, форсии миёна - Afrosyab, форсии нав Afrosiyob «қаҳҳор, тарсовар» (аз fran–офаранда ва syan– қаҳр, тарс), номи шоҳи Тӯронзамин дар «Авесто» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [11,7].

Зи пеши Пашанг омад ***Афросиёб****,*
Диле пур зи кина, саре пуршитоб (1,402).

Рудоба – форсии қадим *Rastawa*, форсии миёна ва форсии нав *Rudoba* (аз *rast*– болидан, рустан, пасванди мансубии – *ab* ва муаннассози –*a*) – дорои қади баланд, баландболо; номи духтари Меҳробшоҳ, зани Золи Зар, модари Рустам дар «Шоҳнома» [11,8].

Яке ҳамчу ***Рудоба****и хубчеҳр,*
Яке ҳамчу Синдухт бо рою меҳр (1,255).

Исфандиёр – 1) номи писари Гуштосп, 2) номи яке аз нақибони эронӣ дар замони Ҳурмузд. Исфандиёр дар форсии нав Spentandota, форсии миёна Isfandiyor, форсии нав Isfandiyor (аз spenta – муқаддас, чашм ва dota – дода, офарида) – офаридаи муқаддас; номи мӯбаде дар Эрони қадим; номи писари Кай Гуштосп дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки аз дасти Рустам ба ҳалокат расид.

Барошуфт хусрав ба ***Исфандиёр****,*
Сӯйи Гунбадондиж фиристод хор (6,161).

Таҳмосп - дар «Авесто» – Tumaspa, дар забони форсии қадим – Tehmas, дар забони форсии миёна дар шакли Tahmosp омада, маънои tahma – нерӯманд, aspa – асп ва дар маҷмӯъ дорандаи аспи нерӯманд мебошад.

Надиданд ҷуз пури ***Таҳмосп*** *Зӯ,*
Ки зӯри каён дошту фарҳанг ӯ (1,447).

Наремон (Наримон) - авестоӣ ва форсии қадим Naryamanah, форсии миёна ва форсии нав Nariman (аз nar - мард, қавӣ, пасванди мансубии-уа ва man-рӯҳ, андеша) – қавирӯҳ, марди қавирӯҳ, рӯҳан устувор, падари Сом – ниёи Рустам дар «Шоҳнома».

Равони ***Наремон*** *барафрӯхтӣ,*
Ҳама душманони варо сӯхтӣ (1,386).

Рустам – авестоӣ Raosastakhma, форсии қадим Raotastakhma, форсии миёна Rustaham\Rustam, форсии нав Rustam (аз raosi\raot\raosas\raotas – болидан, рустан ва тахма – қавӣ, паҳлавон) – қавиҷуссаи баланд; образи барҷастаи паҳлавониву қаҳрамонӣ дар асотири қадим ва «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ [11,8].

Чу ***Рустам*** *бипаймуд болои ҳашт,*
Ба сони яке сарви озода гашт (1,367).

Луҳросп - дар «Авесто» – Arvataspa, дар забони форсии миёна Lyhraspa мебошад, ки маънои он дорандаи аспи тезрав аст. Дар «Шоҳнома» омадааст:

Алонону Ғарча ба ***Лӯҳросп*** *дод,*
Бад-ӯ гуфт, к «-эй гурди фаррухнажод…» (5,14).

Сӯҳроб – авестоӣ Sukhrop, форсии миёна Sukhrob\Suhrob (аз sukhr– сурх ва op – доро, мансуб, нур) – дорои сурхӣ, дорои нури алвонӣ, писари Рустам дар «Шоҳнома» [11,8].

Кунун размі ***Сӯҳробу*** *Рустам шунав,*
Дигарҳо шунидастӣ, ин ҳам шунав. (Ҷ. 2,188).

Баҳман – 1) номи подшоҳи Эрон, писари Исфандиёр; 2)номи писари подшоҳ Ардавон; 3) номи мӯбаде дар замони Нӯширвон. Баҳман– Bohumanang\Bohumanah, форсии миёна Vahman\Bahman, форсии нав Bahman (аз vohu–беҳ, нек ва man–андеша, рӯҳ ва пасванди нисбии – angh) айнан хубманиш, андешаи нек, дорои рӯҳи нек; номи яке аз ёрони Аҳурамаздо дар Авесто ва номи писари Исфандиёр дар «Шоҳнома» - Фирдавсӣ [11, 7-9].

*Яке ном **Баҳман** яке Меҳрнӯш,*
Савум Озарафрӯз гурди баҳуш (6,153).

Сиёвуш – авестоӣ Syavarshan, форсии миёна ва форсии нав *Siyovakhsh\Siyovash\Siyovush* (аз syava – сиёҳ ва arshan – нар, мард) – марди сиёҳчеҳра, дар баъзе фарҳангу маъхазҳо ба маънии дорандаи аспи сиёҳ, сиёҳчашм омадааст. Дар асотири қадим ба сифати эзид, дар қисмати Яшти Авесто ҳафтумин шоҳи каёнӣ, подшоҳи одил, ҳомии одамони резишгоҳи миёна ва поёноби дарёи Ому, ки бо хиёнате аз тарафи Франрасян (Афросиёб) кушта мешавад. Дар «Шоҳнома» низ бо ҳамин симо омадааст.

***Сиёвуш** зи гуфти Гурӯҳи Зиреҳ,*
Бурӯ пур зи чин карду рух пур гиреҳ (3,176).

Виса – авестоӣ *Visja,* форсии қадим *Visa* –хонавода, деҳа, ҷамоа, дорои ҷамоа – унвони сарварони динии авлоду қабила дар Авесто; номи мушовир ва сипаҳсолори Афросиёб дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [8,7].

*Сипаҳбад-ш чун **Висаи** тезчанг,*
Ки солор буд бар сипоҳи Пашанг (1,400).

Доро – форсии қадим *Drajawahush\Daraja,* форсии миёна *Darjawa\Dorijush\Dorob\Doro* (аз *daraja* – доро ва *wahush* – некӣ) – дорои некӣ, сарватманд, номи подшоҳони сулолаи Ҳахоманишиён.

*Чу **Доро** зи тоҷи меҳӣ гашт шод,*
Ба ором дайҳим бар сар ниҳод (6,495).

Меҳроб – форсии қадим *Mitrop*, форсии миёна ва форсии нав *Mehrob* (аз *Mitra* – меҳр ва пасванди мансубии *ор*) – дорои меҳр, дорои нур; номи шоҳи Кобул – падари Рудоба дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

*Яке подшо буд **Меҳроб** ном,*
Забардасту бо ганҷу густурда ком (1,249).

Рухшона\Рахшона (**Равшанак**) – авестоӣ *Raokhshna*, форсии қадим *Raochanak* (шакли юнониаш *Rokhana*), форсии миёна *Rawshanak\ Rukhshonak\Rukhshona*, форсии нав *Rukhshona\Rakhshona\Rawshan* (аз *raochna* – равшан ва пасванди мансубии – *ak*) – дурахшон, рахшон, дорои нур; номи духтари Доро, зани Искандар дар «Шоҳнома»; дар маъхазҳои таърихӣ духтари ашрофи Суғд – Уксорт, зани Искандар [11,8].

Нависанда аз килк чун хома кард,
*Сӯи модари **Равшанак** нома кард* (7, 9).

Арҷосп - дар «Авесто» – Arčaspa, дар забони форсии қадим – Arjaspa, дар забони форсии миёна – Arjasp, забони форсии нав дар шакли Arjosp омада, маъноаш соҳиби аспи нодир ва қимматбаҳо аст. Фирдавсӣ овардааст:

Дигар Андаремон савори далер,
*Чу **Арҷосп** аспафкани наррашер* (3,123).

Кайқубод - дар «Авесто» – Kavi Kavata/Kay Kabad / Kay Kubad, маъно шоҳи одилу ҳақ бошад, ки кай ба маънои одил ва Қубод ба маънои ҳақ бошад.

*Зи тухми Фаридуни ял **Кайқубод,***
Ки бо фарру бурз асту бо расму дод (1,464).

Кайковус - дар «Авесто» – Kavi Wsan, дар забони форсии миёна дар шакли Kay Kovus омада, маъноаш одил, асилу наҷиб бошад, ки кай – маънои одил ва Ковус ба маънии асилу наҷиб ҳам омадааст.

*Бузургиву фарзанди **Ковусшоҳ**,*
Сар аз бас ҳунарҳо кашида ба моҳ (3,131).

Ё ки:

Чу омад бари тахти Ковуси кай,
Сараш буд пурхоку пур хок пай (3,248).

Кайхусрав - дар «Авесто» – Kavi Khusrava, дар забони форсии миёна дар шакли Kay Khusrav омада, маънои шоҳи баландмартаба ва одил бошаду номи шоҳи машҳури Каёнист.

Ки гуфтӣ маро: «Чанд хуспӣ? Мапой,
*Ба ҷашни ҷаҳондор **Кайхусрав** ой»* (3, 320).

Судоба–авестоӣ *Sutawanhu*, форсии қадим *Suta*, форсии миёна ва форсии нав *Sudoba* – судовар, дорои суд (аз *suta* – суд, фоида ва пасвандҳои мансубии *aw* ва *anhu)*, номи зани Кайковус дар «Шоҳнома» [11,9].

*Бад-он тахт **Судобаи** моҳрӯй,*
Ба сони биҳиште пур аз рангу бӯй (3,23).

Таҳмина – форсии қадим Tahmana, форсии нав Tahmina (аз nachma – қавӣ ва пасванди сифатии – anja) – соҳиби қувва. Таҳмина, назар ба гуфтаи А.М.Белинский, сурати эпикист; дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ - духтари шоҳи Самангон, зани Рустам ва модари Сӯҳроби гурд [11,9].

*Чунин дод посух, ки «**Таҳминаам**,*
Ту гӯӣ, ки аз гам ба ду нимаам…» (2,196).

Хисрав\Хусрав – авестоӣ Khaosrawa, форсии миёна ва форсии нав Khisraw\Khusraw – некшуҳрат, подшоҳ; номи писари Сиёвуш савумин подшоҳи каёнӣ дар Авесто ва «Шоҳнома»; номи подшоҳи сосонӣ [7,9].

Куҷо Хони Ирмон-ш хонанд ном,
*Зи Ирмониён назди **Хусрав** паём* (4,294).

Ин гурӯҳи номҳое ҳастанд ки дар заминаи забонҳои бостонии эронӣ пайдо шудаанд ва луғатномаҳои этимологӣ аз таърихи қадима доштани онҳо шаҳодат медиҳанд.

б) номҳое, ки дар заминаи забони муосири тоҷикӣ маънидод мешаванд:

Ин гурӯҳи номҳо, ки дар «Шоҳнома» мавриди истифода қарор гирифтаанд, аксарияташон аз ҷузъҳои алоҳида таркиб ёфтаанд, ки маънои луғавии онҳо равшан аст.

Гулшаҳр – номи зани Пирони Виса. Аз ду ҷузъ иборат аст: ***Гул*** – ғунча ва ё муғчаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, шукуфаи кушода, баргҳои рангини ба ҳам пайваста. ***Шаҳр*** – кишвар, мамлакат, сарзамин, марзу бум ва ҳамободии калон, ки кӯчаҳо, раставу бозорҳо ва нуфуси зиёд дорад.

Бояд гуфт, ки ҷузъи гул дар таркиби номҳои занонаи тоҷикӣ фаровон истифода бурда мешавад. Инчунин дар байни мардуми Бадахшон номи Гулша (Gulxa) чун номи мардона маъмул аст, ки шояд бо Гулшаҳр иртиботе дошта бошад.

Ҷу Пирон зи назди Сиёвуш бирафт,
*Ба наздики **Гулшаҳр** тозиду тафт* (3,133).

Озодсарв –номи касест, ки Фирдавсӣ достони марги Рустамро аз забони вай нақл мекунад ва ҳам номи мӯбаде дар замони Нӯшервон. Аз ҷузъи аввали ин поэтоним имрӯз номҳои зиёди мардонаю занона аз қабили Озода, Озод, Озодбек, Озодхон, Озодшо, Озодамо ва амсоли инҳо дар истеъмоли фаъол қарор доранд. Худи номи Озодсарв аз ҷузъи ***Озод*** – вораста, халос, фориғ аз мушкилоти рӯз ва ***Сарв*** – дарахти махрутшакли сӯзанбарги ҳамешасабз, ки қадаш рост буда, то 25 метр мерасад ва чӯбаш бисёр сахт ва гаронбаҳост.

*Яке аз радон номаш **Озодсарв**,*
Зи даргоҳи Кисро биёмад ба Марв (8,155).

Гулнор – номи канизи Ардавон (подшоҳи Эрон) мебошад. Ҷузъи аввали ин калима дар боло зикр карда шуд ва ҷузъи дуюми он «нор» мебошад, ки маънои шакли кӯтоҳшудаи анор ва ҳам оташ ё ки шуълаи оташ мебошад. Дар забони муосири тоҷикӣ ин ном ба ҳамин шакл ҳамчун номи занона васеъ истифода бурда мешавад.

*Ҷу **Гулнор** бишнид овозашон,*
Сухан гуфтан аз ахтару розашон (7,184).

Махрӯй – номи донишманде дар дарбори Шопур. Ин поэтоним низ аз ҷузъҳои маҳ – моҳ, моҳтоб ва рӯй – чеҳра, ораз, симо мебошад. Бояд гуфт, ки дар замони муосир ин ном хеле зиёд дучор меояд, вале имрӯз он дар номҳои занона дида мешавад.

*Яке мӯбаде буд **Махрӯй** ном,*
Хирадманду шоиставу шодком (7,310).

Моҳёр – яке номи мӯбади Доро, ки ӯро ба қатл расонд ва дигаре номи пирамарде дар дарбори Баҳроми Гӯр ва ҳам номи ҷавоҳирфурӯше дар замони

Баҳроми Гӯр. Аз ҷузъҳои «моҳ» ва «ёр» таркиб ёфтааст, ки маънои ҳар ду ҷузъ равшану маълум мебошад.

Ҷу бишнид гуфтори Ҷонусёр,
*Сикандар чунин гуфт бо **Моҳёр*** (6,534).

Мушкноз – номи духтари осиёбоне дар замони Баҳроми Гӯр, ки аз ду ҷузъ иборат аст: Мушк – моддаи сиёҳранги хушбӯй, ки аз нофи як хели оҳу ҳосил мешавад ва баъзе хусусиятҳои доругӣ дорад ва «ноз», ки аз феъли ноз кардан ё нозидан гирифта шудааст. Дар номномаи тоҷикӣ, аз ҷумла дар мардуми Бадахшон низ ин ном ҳамчун номи занона истифода бурда мешавад.

*Яке **Мушкнозу** дигар Мушкинак,*
Яке Нозёбу дигар Савсанак (7,466).

Орзӯй – номи зани Салм ва номи духтари Моҳёри ҷавоҳирфурӯш ва зани Баҳроми Гӯр. Маънои луғавии ин калима ҳавас, хоҳиш, майл, умед буда, дар поэтонимияи имрӯза ҳамчун номи мардона дар истифодаи фаъол қарор дорад ва бештар он дар шакли Орзӯ ва Орзумамад дучор мешавад.

*Зани Салмро кард ном **Орзӯй**,*
Зани Турро Моҳи озодахӯй (1,146).

Беҳзод –ин ном дар асари Фирдавсӣ ҳам номи аспе ҳаст ва ҳам номи яке аз наҷибони Эрон, номи яке аз асилзодагони Эрон дар аҳди Қубоди Пирӯз мебошад, ки аз ҷузъҳои «беҳ»- беҳтар, хубтар, зеботар ва «зод»-мутаваллид ё таваллудшуда таркиб ёфтааст. Имрӯз ҳам ин ном бо ҳамин шакл истифода бурда мешавад.

*Чунин гуфт шабранги **Беҳзодро**,*
Ки фармон мабар з-ин сипас бодро (3,306).

Ё худ:

Гуво кард Размеҳру Харродро,
*Фароҳину Бандую **Беҳзодро*** (8, 63).

Зирак – номи яке аз мӯбадон дар «Шоҳнома» аст ва маънои луғавии он оқил, доно, бофаросат, тезфаҳм мебошад.

*Хирадманду бедору **Зирак** ба ном,*
Аз он муъбадон ӯ задӣ пеш гом (1,86).

Тибқи қабатҳои забонӣ поэтонимияи «Шоҳнома»-ро метавон ба номҳои эронӣ, ибрӣ, арабӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ ҷудо намуд. Тавре ёдоварӣ кардем, қабати умдаи забонӣ дар асар қабати эронӣ мебошад, ки бо дарназардошти таҳаввулоти таърихии забонҳои гурӯҳи эронӣ ба чанд зерқабати дигар ҷудо мешавад. Номҳои «Шоҳнома» тӯли чандин садсолаҳо дар антропонимикони мардуми эронинажод мавқеи махсус дошта, то ба имрӯз дар номгузорӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Аз ҷумла номҳое чун Ҷамшед, Рустам, Сӯҳроб, Баҳром, Исфандиёр, Меҳроб, Хусрав, Таҳмина, Судоба ва монанди инҳо дар номгузории мардуми тоҷик корбурди васеъ доранд.

А Д А Б И Ё Т

15. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1.
16. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.2
17. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.3
18. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.4
19. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.5
20. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.6
21. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7
22. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8
23. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – Ҷ.9
24. Ализода И. Фарҳанги мухтасари Шоҳнома/ И. Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.
25. Аюбова М. Сухане чанд дар бораи этимологияи поэтонимияи қадими тоҷик /А.Аюбова// Маърифат.– 1999.–№ 7–8. – С.7-9.
26. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ (бо забони форсӣ) /Муҳаммадҳусайни Бурҳон.–Теҳрон: Интишори хурди Эрон: Нимо, 1200. – Ҷ. 1.–780 с.
27. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ/Муҳаммадҳусайни Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 1993. –Ҷ.1.

ЯЗЫКОВЫЕ ПЛАСТЫ ПОЭТОНИМИИ «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с языковыми особенностями поэтонимии «Шахнаме». Система поэтонимии произведения по языковым пластям подразделяются на иранский, арабский, гречский, иврит и т.п. Естественно, в произведении правелируют поэтонимы иранского происхождения, которые можно разделить на группы: древнеиранские, засвидательствованые в письменных источниках древнего и среднего периода, новоиранские, которые являются творением самого автора «Шахнаме».

Ключевые слова: языковые особенности поэтонимии «Шахнаме», поэтонимы иранского происхождения, письменные источники древнего и среднего периода, языковые пласты.

LANGUAGE LAYERS AN POETONIMIYA TO SHAKHNAMA FIRDOUSI

In article the questions connected with language features of an poetonimiya to Shakhnama are considered. Sustem work on language layers are subdivided on Iranian, Arab, Greek, Hebrew, etc. Naturally in work are met poetonimis of the Iranin origin which can be divied info groups; ancient Iranian, testified in written sources of the ancient and average period, new Iranian which are creations of the author to Shakhnama.

Key words: language features поэтонимии Shahnameh поэтонимы of Iranian origin, written sources of ancient and middle-age, language layers.

Сведения об авторе: ***Сомон Курбонмамадов*** - соискатель Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева

ИШҚИ ИЛОҲӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИРСАЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

К.Қодиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ишқ дар адабиёти тоҷику форс аз ҷумлаи падидаҳоест, ки бо вуҷуди башариаш таввaҷуҳи аҳли ирфонро ба худ ҷалб кардааст. Аҳли ирфон кӯшидаанд, ки то ин вазъи хоси вуҷуди инсонро таъриф кунанд. Ҳар назария дар бораи ишқ, аз тарафи аҳли ирфон ҳамчун назария дар боби ҳастии инсон дида мешавад, яъне ишқ ягона посухи кофӣ ва ақлона ба масъалаи ҳастии инсон аст.

Ишқи илоҳӣ низ ба унвони мавзӯи қобили мулоҳизаи аҳли ирфон буда, шуҳуду ҷазабаи он ормони ғами орифон аст.

Дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мавзӯи ишқи илоҳӣ ҷилва дорад, ки бо вижагиҳо ва тавонбинии амиқ печидагиҳои он таҷриба карда шудааст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ бештар вазифапазирии ишқи илоҳӣ ва ҷамоли онро дар ғазали «Нолаи оташин» тараннум кардааст:

Чун ҷамолаш таъна бар хуршеди тобон мекунад,
Офтоб аз рашки ҳуснаш рӯй пинҳон мекунад.
То парешон гашт зулфаш бар рухи чун офтоб,
Боди шавқаш абри ҷонамро парешон мекунад.
Тири ишқаш, к-аз камони абрувон гардад раҳо,
Ақлро медуздаду қасди дилу ҷон мекунад.
Сарв озодӣ кунад аз сари қадаш дар чаман,
Чун ҳавои боғи он сарви хиромон мекунад.
Нолаҳои оташинам дар фироқаш ҳар саҳар,
Қасди эҳроқи ҳуҷуб болои Кайвон мекунад.
Гар даме васлаш ба сад ҷонат муяссар мешавад,
Рав, гаронҷои макун, чун дӯст арзон мекунад.
Чарх чун тоби ғамаш н-овард з-ин рӯ ҳар замон,
Ҷони мо афсӯс бар гардуни гардон мекунад.
Ҷон, ки муште хок домангири ӯ шуд, чун сазад,
К-ӯ ба ҷуръат қасди хилватгоҳи султон мекунад.
Гар бад-ин ҷони муҳаққар аз Алоӣ қонеанд,
Хуш барафшон к-ӯ чу лутфаш кор осон мекунад [3].

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ишқи илоҳиро ба мисоли як мақоми муҳимтарини шеъри ирфонӣ тасвир кардааст. Ишқи илоҳӣ мавзӯи баёни мушаххаси шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст, ки васфи он нақши муҳим дар фаҳми ҷаҳонбинии ӯ мебошад.

Мояи ифодаи ишқи илоҳӣ дар ашъори орифон ва шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ чӣ гуна наздик шудан ба Худованд ва бо ӯ ба иттиҳод шудан аст. Олитарин ҳадафи ишқи илоҳӣ ин рӯҳи инсонро аз хоби ғафлат бедор кардан, уруҷи рӯҳро аз умури моддӣ ба сӯйи умури ақлонӣ, аз мавҷудоти махсус ба сӯйи мавҷудоти рӯҳонӣ гардонидан аст… [6]. Ишқи илоҳӣ дар шеъри ирфонӣ зебоии дарунӣ, яъне сурати рӯҳонии зебоӣ, вижагиҳои маъшуқ аст, ки дар зоти ишқ нақш бастааст.

Худованд аввалин маъшуқ («маъшуқ-ал-аввал») аст, зеро ҳамаи мавҷудот дар иштиёқи ӯянд ва ӯ маншаи онҳо, далели бақо ва камоли онҳо аст.

Васфи ишқи илоҳӣ дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ вусъат ёфтааст. Ҳол он қабл аз ӯ дар шеъри ирфонии Саноӣ, Аттор, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон назораву ишораҳо роҷеъ ба ишқ дида мешавад, ки ин назораву ишораҳо далели ишқ ба Худованд чун дастёбӣ дар бораи ишқи илоҳӣ аст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ нақши муҳим дар сохту пардохти ишқи илоҳӣ дар шеър дорад. Ӯ орифе буд, ки аз роҳи ишқ Худоро ҷустуҷӯ кард, ба ин асрор ворид ва онро бо назарияи кашфи маъшуқ барои ошиқон даромехт. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи аҳли ирфон буд, ки ишқи беғаразона ба Худованд дошт ва рухи ӯро дар шеър тасвир кардааст ва дар ғазали «Маҷлиси рӯҳониёни қудс» гуфтааст:

Эй рӯҳ, рӯҳпарварӣ рӯҳи реҳном,
Бӯйи ҳаёт аз нафасат меварзад мудом.

Ҳар субҳдам маҷлиси рӯҳониёни қудс,
Бо ташнагони шавқ диҳӣ шарбати гиром.
Бар хоки кӯйи дӯст гузашти саҳар,
К-аз лутфи ҷонфизоӣ ҳама роҳатеву ком.
Гар дар сародиқоти ҷалолаш расӣ даме,
З-ин ҷони мустаманд расонӣ яке паём.
К-он муфлиси шикастаи маҳҳури он ҷаноб,
Бар хоки роҳ ҳайрату мегӯядат салом.
Умрест то зи сидраҳи қурбат фитода аст,
Бо деви нафс дар қафас табъу бандком.
Не пойи сайру не раҳи мақсуду не қарор,
Не сабру не умед, магар раъфату каром.
Дарёи ҷудро чӣ зиён гар даме шавад,
Кори ду қавн хаста аз он як назар тамом.
Дарёи фазл мавҷи карам мезанад бар он,
Маркаб Алоиё! Магар он ҷо кунӣ мақом [3].

Дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ишқ ба Худованд маҳбубкунанда аст ва ҷойе барои ишқи дигаре ва эҳсосоти дигаре вуҷуд надорад. Барои расидан ба ин марҳала Мирсайид Алии Ҳамадонӣ пайвандҳои худро ба дунё, моддиёт дар канор гузошт ва ба сохти рӯҳоние, ки Худованд бо зебоии комили худ ошкор мешавад ниёз андохт. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар шеър, дар асрори ишқи илоҳӣ мақомоти орифонро ба чаҳор бахш тақсим кардааст: зоҳид, хуф, шавқ ба биҳишт ва ишқ, ки олитарин мақом аст. Ин Худованд аст, ки сабаби ишқварзии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба худ аст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба Худо ишқ меварзад ва Худованд ӯро барои анҷоми ин кор қодир сохтааст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар гароиши шеъри ирфонӣ инсонро олитарин мақоми ишқи илоҳӣ медонад, ки ҳанӯз дар се мақоми дигар боқӣ мемонад. Ҳама чаҳор мақом ба манбаи Нур: ситорагон (зоҳид ва хуф), моҳ (шавқ ба биҳишт) ва хуршед (ишқ ба Худованд) ташбеҳ дода мешаванд. Дар айни ҳол, ки нур хуршед, дигар манбаи нурро таҳт-ал-шуо қарор медиҳад, ба ибораи дигар дар айни ҳол, ки ишқ ба Худованд ба инсон ғалаба мекунад.

Оғози ишқ ба Худованд, дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ итоат аз ӯст («аввал ал-муҳаббата ал-тоата»). Дар ғазалиёти Мирсайид Алии Ҳамадонӣ чигунагии шинохти Худованд, итоат ба Худованд, агарчи ӯ ниёз ба инсон надорад, суруда шудааст. Ишқ бо Худовандро ба шавқи шадид («шидата ал-шавқ») ба ӯ таъриф мекунад. Тибқи ғазалиёти Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ошиқони ҳақиқӣ умед доранд, ки мушкилоти зиндагии дунёро таҳлил кунанд ва Худовандро дар охират бинанд. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ғазали «Оташи ишқи ҷонон» чунин гуфтааст:

То наяфшонӣ дар ин раҳ домани ҳол аз ҷаҳон,
Аз ҷаҳони ҷон наёбӣ файзе андар сирри ҷон.
Гар занӣ бар садди ячуҳи ҳаво як дам қадам,
Аз насими субҳи асрорӣ қадам ёбӣ нишон.
Чанд бар фавти хаёли орият нолӣ зи даҳр,
То кай аз баҳри мадори тан ба ғам дорӣ равон.
Хокдони дев бо ғулони нафсонӣ гузор,
Айш бо рӯҳониён кун бартар аз ҳафт осмон.
Рӯҳи анвори сафо аз бесафоиён маҷӯй,
Юмни асрори ҳумо аз манзари бумон мадон.
Ноларо ҳамдам гузину сояро ҳамсоя гир,
Ҷоми ғам бар рӯйи эшон нӯш мекун ҳарзамон.
Бедилонро соқӣ аз ашк асту мутриб роҳи дил,
Ошиқонро лаззат аз дард асту роҳат сӯзи ҷон.
Ишқ султон аст чун меҳмонат ояд нузли ӯ,
Хас чу дар оташ фано шуд дигар ӯро хас махон [3].

Ишқ ба Худо мутмаинтарин роҳ барои ин аст, ки нафси инсон Худовандро дарк кунад. Инсон замоне метавонад Худоро дарк кунад, ки аз гавҳари ал-ваҳии худаш, ки сурати илоҳӣ аст, огоҳ бошад. Инсон бояд нафси худро аз ҳама унсури моддӣ раҳо кунад ва ҳаёти илоҳӣ дошта бошад [9,105]. Аҳли ирфон ва Мирсайид Алии Ҳамадонӣ риояи шариатро ба инсон расидан ба ҳолати волои маънавӣ медонанд.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар «Истилоҳоти сӯфия», «Даҳ қоидаи сӯфия», «Одоб-ул-машоих», «Чиҳил мақоми сӯфия», «Рисолаи дарвешия» ва «Рисолаи футувватия», ки рисолаҳо ба усули орифона ба қалами орифе, ки худ ба дараҷаи болоӣ ба ирфони амалӣ ноил гаштааст, ишқи илоҳиро ба се бахш тақсим кардааст: а) ишқи умумии инсонҳо («муҳаббата ал-аъммата»), ки аз эҳсону шавқати Худованд ҳосил мешавад. Ин гароиши фитрӣ дар инсон аст, ки ба валинеъмати худ ишқ меварзад. Дар ин замина Мирсайид Алии Ҳамадонӣ чанд тан, монанди Шайх Яҳё ибни Маози Розӣ, Абӯҳафси Ҳаддод, Муҳаммад ибни Ҷамол, Нуриддин Солор, Абӯяъқуб ат-Табарӣ, Абӯабдуллоҳ Умар ибни Усмон ва дигарон аз бузургони ирфонро ном мебарад, ки бо «ишқ» сарукор доштанд. Онҳо ишқро эҳсоси илоҳӣ, бартар аз маърифат медонанд; б) ишқ ҳолати инсонҳои содиқ ба ҳақоиқи руҳонӣ аст, ки аз назари қолаб бо азамату қудрати худованд нишот мегирад ва аз ин рӯ инсон ба хотири сифаташ ба худованд ишқ меварзад, то ин ки аз асрори Худованд парда гирад. Ин дидгоҳро Абулҳасан Нурӣ бо истифода аз вожаи «ишқ» ба ирфон ворид кардааст [7,137]; в) ишқи содиқи орифон, ки ҳосили маърифати онон ба ишқи қадиму номаълуми Худованд нест. Дар ин ҷо таъсири масеҳият ба назарияи ишқи илоҳии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст, ки тибқи он ишқи Худованд ба инсон аз сифати сармадии ишқи ӯ ҳосил мегардад ва сабаб мешавад, ки инсон ба Худованд ишқ меварзад. Дар ирфон ва шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ишқи содиқона нест, агарчи шахс ба марҳилаи фаротар аз дидани ишқ аст аз фаноӣ, аз худогоҳӣ, мавзӯе, ки баъдҳо орифон дар шеър, дар мубоҳисаҳои ишқи илоҳӣ онро ташреҳ кардаанд. Аҳли ирфон тавзеҳ медиҳад, ки ҳама амали ошиқ бо сифоти маъшуқ таҳқиқ мешавад ва ӯ бо чашмони маъшуқ мебинад [8,144]. Орифон шомили ишқ ба итоат, ишқ ба манзалаи сарсупурдагии мутлақ ба маъшуқ, ишқ ба фаноии нафси шахсӣ ва дарёфти ҳуввияти маҳбуб мебошанд [7,53].

Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба ишқи латифӣ аст, ки Худованд ба бандагони холисаш арзонӣ мекунад ва сабаби ишқварзии онҳо ба Худованд мегардад. Ин ишқ ба маънои ишқи худҷӯш нест, зеро худованд бандагони покро дӯст медорад ва на ҳама инсонҳоро, ки хатокоранд. Дидгоҳи ишқи илоҳӣ дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ китоби муқаддаси «Қуръон» аст ва касоне, ки имон доранд, пуршӯртар ба Худованд ишқ меварзанд. «Он чӣ мегирад, ки ҳар чӣ имон афзоиш меёбад, ишқ низ фузунӣ меёбад, яъне ишқ дараҷоти мухталиф дорад, ки олитарини онҳо ба касоне муяссар мешавад, ки сифоти худовандӣ, монанди маърифат, раҳмат ва ғайра доранд».

Дар тарҳи ишқи илоҳӣ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ фазои зиёдеро дар баҳс дар бораи нишонаҳои ишқ ба Худованд ихтисос медиҳад, аз ҷумла ба ёд овардани («зикр») орзуи дидори («лиқо») ӯ, ҳатто, агар марг дар пай аст, ишқварзӣ ба суханони ӯ («каломи Аллоҳ, яъне «Қуръон»), равиши зиндагии зоҳидона («зоҳид»), таҳмили сабурона ба ӯ («сабр»), рози будан ба ҳукми ӯ («ризо»), ки ҳама нишонаҳои ишқанд. Дар ғазали «Бози авҷи кибриёӣ» гуфтааст:

Роҳат ар хоҳӣ биё бо дарди ӯ ҳамроз шав,
Давлат ар ҷӯӣ бирав дар ишқи ӯ ҷонбоз шав.
Сози роҳи ишқ сарбозию бадномӣ бувад,
Гар сари ин роҳ дори дар паи ин соз шав.
Бар тану ҷон чанд ларзӣ чун наярзӣ арзане,
Саъва бо арзан гузору бар дараш шаҳбоз шав.
То ба кай ҳамчу занон ин роҳу расму рангу бӯй,
Роҳи риндон гиру бо соҳибдилон дамсоз шав.
Ҷону тан банд асту куфру дин ҳиҷоб андар раҳаш,
Ҷумларо бар ҳам зану бо ишқ ҳамовоз шав.
Чун заган то чанд бошӣ бастаи мурдори тан,
Дар ҳавои сайри ҷон як лаҳза дар парвоз шав.
Бози авҷи кибриёӣ монда андар дому ком,
Дому дона бардару хуррам ба ҳазрат боз шав.
Гар ҳумон қофи қурбӣ боли ҳиммат баркушой,
Дар фазои ломакон бе қудсиён анбоз шав.
Қуфли он дар шуд Алоӣ калиди он ниёз,
Гар ниёзе дорӣ он ҷо бар сарири ноз шав [3].

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар «Асрор-ун-нуқта ё Тавҳиди ирфонӣ» ишқро ба панҷ навҳ тақсим кардааст. Ба ин асос, сислсилаи маротиби ошиқон дар поёнтарин сатҳ бо навҳи ҳайвонии («навҳи баҳимӣ») ишқ, ки инсон марбут аст, оғоз мегардад. Ин ишқ ишқи шаҳвонӣ аст. Болотар аз он, навҳи табиаи («навҳи табиаи») ишқ қарор дорад, ки марбут ба инсонҳои маъмулӣ аст. Навҳи сеюми ишқро Мирсайид Алии Ҳамадонӣ навҳи маънавии ишқ гуфтааст. Дараҷаи чаҳорум навҳи ақлонии («навҳи ақлӣ») ишқ аст. Дар мартабаи панҷум, ки болотарин дараҷа аст, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ навҳи илоҳии ишқро қарор медиҳад [2,21-22].

Дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ Худованд чун сурат («маънӣ»), бо номи «ҳусн» аст, ки тариқи он «сирр»-и ӯ ошкор мегардад. Бинобар ин ҳар, касе чизи зебо меёбад, маъшуқ аст, ки тибқи оёти «Қуръон» ва аҳодис зикр мешавад. Ин ҷо Мирсайид Алии Ҳамадонӣ неки ва зебоиро яксон медонад, ки ин нигориш чизҳои зебои худро аз зебоии кулл («ал-ҳусн-ал-кулл») ахз мекунад. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ғазали «Насими зулф» чунин ишора кардааст:

Ниқоби кибриёӣ рӯзе, агар аз рӯй бикшояд,
Ҳазорон волаву шайдо зи ҳар сӯйе ба рақс ояд.
Агар аз акси рухсораш шуое бар замин уфтад,
Басе анвори рӯҳонӣ, ки хоки тира бинмояд.
Насими зулфаш ар бар кӯйи муштоқон гузор созад,
Тариқи нори ҳиҷронро зи оташ роҳат афзояд.
Ба андӯҳаш бувад шодӣ, ба ёдаш аз гамозодӣ,
Ки андӯҳаш равон бахшад, зи ёдаш бӯйи ҷон ояд.
Ба сони зарра дар рақсанд дилҳо аз гами рӯяш,
Вале он шаҳ куҷо ҳаргиз дар ин зулматматсаро ояд.
Ҳазорон сар дар ин савдо, ки бӯйе аз дараш ёбанд,
Вале ҳар муфлисе ин ганҷро дархӯр намеёбад.
Ғубори дил намезебад, ки бар рӯйи гамаш бошад,
Ҳавои ҷони ҳар ошиқ хаёлашро намешояд.
Зи меҳри меҳри ӯ ёбанд ҳар, к-ӯ давлате ёбанд,
Ба бӯйи лутфи ӯ оянд ҳар бедил, ки пеш ояд.
Алӣ, чун дархури ёдаш наӣ, рав навҳа кун бар худ,
Касеро шояд ин к-ӯ дил ба ғайри ӯ наёлояд [3].

Нигориши кулл, ки Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар шеъри ирфонӣ баён мекунад, маънои онро дорад, ки зебоии кулл дар Худованд ҷой дорад, ки тибқи он ҳар ҷавҳаре ба «воҳид» наздиктар бошад, рӯҳонитар аст. Мизони зебоӣ ба зебоии куллӣ аст, аломати қурбӣ як чиз ба зебоии куллӣ, мизони латофати он аст. Ҳар чизе, ки чизи латифтар бошад, зеботар аст. Барои мисол чашм ҳассостарин ва латифтарин узв аст, аз ин рӯ, зеботарин узв аст; чашм пазиртарин узв барои зебоӣ ва амали рӯҳ пеш аз ҳар узви дигар дар чашм ошкор мешавад. Бо тавҷеҳ ба шеъри наздике ба Худованд, ақл зеботарин чиз аст, зеро наздиктарин мавҷуд ба Худост ва зебои худро бидуни ҳеҷ восита аз манбаи илоҳӣ ахз мекунад…[10,202-203].

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ монанди дигар шоирони аҳли ирфон ишқи башариро пояе медонад, ки аз он аҳли мақомот ба мартабаи ишқи илоҳӣ мерасанд. Ӯ муътақид аст, ки инсон замоне, ки ҷонаш поку латиф шавад, ба ишқи башарӣ муяссар мегардад. Зикр ба ишқи илоҳӣ ба маънои камоли нафс аст, ки баробар ба расидан ба маншаи нафс мебошад. Ин навҳи нафс танҳо пеш аз ликои Худованд оромиши худро бозмеёбад, зеро оромиши ҳар чизе тамомият ёфтааст ва тамомияти муъмин аз тариқи пайвастагӣ бо Худо ҳосил мегардад [6].

Дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ишқу маъшуқ як ҳуввиятанд, ба маънои он аст, ки сифоти дигари Худованд, назари раҳмат ва қудрат, ба инсонҳо мерасад, аммо аввалин сифате, ки дар инсонҳо ҷой дода шудааст, ишқи ҳуввияти нуронӣ ба се бахш тақсим мешавад; ишқ, маъшуқ ва ишқ, зеро ҳарфи алиф манбаи ҳама ҳуруф аст ва аз се ҳарф ташкил шудааст, яъне алиф, лом, фоӣ. Аз тарафи дигар, аввалин ҳарфро метавон бо тағйири талаффузи алиф, лом ва фоӣ «муҳаббат», «маҳбуб» ва «муҳаббата» (ишқ, маъшуқ ва ишқ) донист. Дар шакли феъл метавон онро «алифа» талаффуз кард, ба маънои «ӯ ошиқ шуд» (аҳабба) ва-лазодили ба «ишқ» аст. Ба унвони як исм: «илаф» ба маънои «як маъшуқ» аст. Феъли «аллифа» (дар луғат ба маънои «талқин кард») «дол» ба феъли Худованд байни онҳост, ки ишқ

аст. Ҳамчунин «алиф», ки як воҳид аст, аз се бахш, яъне «оҳод» (=якон), ишрат (=даҳгон), «мот» (=садгон) аст [11,525].

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар шеъри ирфонӣ ботафсил ба унвони ҳуввияти нуронӣ ба шарҳи мавзӯи ишқ пардохтааст. Ишқ дар ашъори ӯ бо сифоти ишқи Худованд аст, ки ба мартабаи ақл ва сипас ба руҳ васф карда мешавад. Ишқ дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳарчи бештар ба сатҳи нозилтаре мерасад. Бо ин тартиб, ишқ дар ҳолати гуногун ҷилва мекунад. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ғазали «Нақди худӣ» гуфтааст:

То чанд дарди ишқаш дорам нуҳуфта дар ҷон,
Пинҳон чи дорам оташ, чун дуд нест пинҳон.
Чун нест дарди ишқаш дорупазир, пас ман,
Беҳуда чанд рӯем дар орзӯи дармон.
Аз ман маҷӯй рой, чун ром нест бахтам,
Кай рой донад он, к-ӯ дар хеш гашт ҳайрон.
Доруи дарди ин реш аз ҳар табиб маяндеш,
К-инро даво наёбӣ ҷуз дарду доги ҷонон.
Идбори ҳастии мо шуд пардаи ҷамолаш,
В-арна зи роҳи таҳқиқ хуршед ҳаст пинҳон.
Даври ҳаёт ҷисме зоҳир шавад, валекин,
Набвад ҳаёт ҷонро ҳаргиз-фанои даврон.
В-ар рӯҳиёт хоҳӣ, охир шавад, валекин,
Набвад ҳаёти ҷонон ҳар к-аз фанои даврон.
Мардум, ки бе гами ӯ сад раҳ зи ҷон бароянд,
Он дам зи роҳи гайрат бар ҷони мост товон.
Бе имтисоли амраш чашми умед бикшой,
Музд он барад, ки дорад бар дида муҳри фармон [3].

Агарчи ҳадафи асосии ин баррасӣ тарҳи дидгоҳи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар хусуси ишқи илоҳӣ аст, шоёни зикр аст, ки ӯ таваҷҷуҳи моро ба осори орифон, аз ҷумла ба Ибни Арабӣ «Ихтилоф-ал-нос-фи ал-муҳаббата» ҷалб мекунад, ки инсонҳо дар таваҷҷуҳ ба зоти ишқ ба ҳафт гурӯҳ тақсим мешаванд: касоне, ки ақида доранд 1) ишқ итоат аст; 2) ишқ эҳсоси шаҳвонӣ аст; 3) ишқ ҳуввият аст; 4) ишқ маърифат аст; 5) ишқ чизи табиӣ аст; 6) ишқ ирода аст; 7) ишқ як имтизоҷ аст. Ҳар гурӯҳе ба зергурӯҳҳое тақсим мешавад. Масалан, дар аввалин гурӯҳ орифоне ҳастанд, ки муътақиданд, ки ишқ итоат аз Худованд ва кӯшидан ба хотири ӯст ва орифоне ҳастанд, ки ақида доранд, ки ишқ ба маънои сипосгузорӣ аз Худованд ба хотири алтофи ӯст [5,142].

Шарҳи ишқ дар ғазалиёту рубоиёт ва қитъоти Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, агарчи дарунмояи он ишқи илоҳӣ аст, гоҳо мисолҳои равшангаронаи ишқи ғайриқудсиро ба кор мебарад. Маънои воқеии ин ишқ итоату таслими комил нисбат ба Худованд, сарсупурдагии мутлақ ба ӯ баён мешавад ва чандгонапарастӣ (ширк) талаққӣ мегардад. «Инсон бояд маҳбубро ба ҳар чизи дигаре тарҷеҳ диҳад ва ҳар чизи дигареро ва ҳар чизи маҳбубро тарк кунад» [4,201]. Ҳамчунин ишқ ба маънои эҳсоси улфату шодӣ (сурур) фақат бо маъшуқ аст. Ишқи Худо ба инсон лутфи доим аст, ки сабаби ишқи инсон ба Худованд мешавад. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар манбаи оёти «қуръонӣ дар рисолаи «Даҳ қоидаи сӯфия» даҳ шарт барои ишқи инсон ба Худованд гуфтааст, монанди тавба, зуҳд, зикр, узлат ва монанди инҳо [2,80-84]. Дар «Даҳ қоидаи сӯфия» унсури аслии ишқ (аркони муҳаббат) сабрро ном мебарад, ки ҳақиқати он берун омадан аз нафс ва ибодат аст. «Пас ҳароина таҳаммул бар муҳаббати ибодат ва сабр бар интиқои нафс аз маълуфоти маҳбуб аст, ки муҷиби тасфияи қалб ва тазкияи рӯҳ аст, авло аст аз сабр бар азоби ҷовидонӣ» [2,83].

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ маҳз дар ғазалиёташ шарҳи комили ишкро додааст, ки ишқ ба Худованд ҳадафи олии ҳама мақомот аст. Ақида ба ишқи Худованд нодир аст ва маънии ишқи илоҳӣ танҳо итоат ба худованд аст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар баёни ишқи қудсӣ фармудааст, ки ишқ ба Худованд фарз аст, ишқ шарти лозимӣ ва боварӣ ба Худованд, ки дар охират иллати саодат аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон (Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд)/ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ.– Душанбе: Ирфон, 1994. – Ҷилди 1.

2. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон (Осори минтахаб иборат аз чаҳор ҷилд)/ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ.– Душанбе: Ирфон, 1995. – Ҷилди 2.
3. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Ғазалиёт/ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. – Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами 546,(дастхат).
4. Абдураҳмон бинни Муҳаммад Ансорӣ. Китоб машориқ анвори ал-қулуб ва мафотеҳ асрор ал-ғайб/ Абдураҳмон бинни Муҳаммад Ансорӣ. – Бейрут, 1959.
5. Ихвон -ас-сафо/ Расоил. –Бейрут, 1957.
6. Иброҳимов Б. Ишқи илоҳӣ дар ирфони исломӣ/ Б.Иброҳимов. – Теҳрон, 1388ш.
7. Schimmel A. Mystical Dimensions of Islam/ A.Schimmel – New York, 1972.
8. Trans S. Pines (The Ciude of the Perplexed)/ S.Trans – Chicago and London, 1963.
9. Zachner R.C. Hindu and Muslim Mysticism/ R.C. Zachner. – New York, 1972.
10. Schlegell B.R. Principles of, Sufism. Mizan Press/ B.R. Schlegell– Berkeley, 1990.
11. Ritter.H.Das Meer de Seele, Mensch,Welt, and Gott in den Geschichten des Fariduddint Attar/ H.Ritter. – Leiden, 1978.

БОЖЕСТВЕННАЯ ЛЮБОВЬ В ГАЗЕЛЯХ МИРСАЙИДА АЛИ ХАМАДОНИ

Мирсайид Али Хамадони дал в своих газелях исчерпывающее толкование любви и в них любовь к Богу является наивысшей целью. По его мнению любовь к Богу - это стремление к тому чтобы существовать на благо только Богу, что и воспевает он в своих газелях.

Ключевые слова: любовь к Богу, божественная любовь, настоящий влюбленный, отказ от земных ценностей, возвышенная любовь к Богу, самопожертвование, объект любви. естественные чувства.

DIVINE LOVE IN THE GHAZALS MIRSAID ALI HAMADONI

Mirsaid Ali Hamadoni gave in his ghazals of a comprehensive interpretation of love and their love to God is the highest goal. According to him the love of God is striving to ensure that exist for the benefit of the only God, and that he sings in his ghazals.

Key words: love of God, the divine love, real love, renunciation of earthly values, sublime love of God, the sacrifice, the object of love. natural feelings.

Сведения об авторе: ***К.Ҳодиров*** **–** заведующий общеуниверситетской кафедрой педагогики ТНУ.
Телефон: **(+992) 985192225.**

ҚАСИДА ВА МАҚОМИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ АМИР ХУСРАВ

Р.Тагоймуродов
Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Қасида яке аз муҳимтарин ва роиҷтарин қолабҳои шеър дар адабиёти араб ва форс-тоҷик аст. Ин жанр тибқи андешаи Зарқонӣ «ҳазору чаҳорсад сол аст, дар арсаи офаринишҳои адабӣ ҳузур дорад» [5, 265]. Калимаи қасида арабӣ буда, маъноях қасдкардашуда, ироаи мақсади хосе, нияту майл ва таваҷҷуҳ кардану рӯй овардан ба касе, чизе ва ё чое аст. Ҳамчун истилоҳи адабӣ навъи ашъоре аст, ки дар як вазну қофияи собит, бо матлаи мусарраи марбут ба якдигар роҷеъ ба мавзӯъ ва мақсуди муайян аз қабили мадҳ, мавъизат, васф, зуҳд, ривоят, таҳнияти ҷашну ид, фатҳномаи ҷанг, шукру шикоят, фахр, ҳаҷв, вазъи ҳол, ахлоқ, иҷтимоъ, ирфон, фалсафа, панду андарз, васфи манзараҳои табиат, шодбош, таъзият, тавсифи анбиё ва авлиё, дину мазҳаб ва монанди инҳо суруда мешавад.

Қасида дар адабиётшиносии гузашта мушаххасан адабиёти араб, маъмулан ба маънии умумии шеър корбурд мешуд ва ин жанр василае буд, ки ба туфайли он пояи тавоноӣ ва нерӯи сухандонии шоир мавриди озмоиш қарор мегирифт. Қасида дар шеъру адаби форс «модарқолаб» дониста шуда, барҳе қолабҳои дигар ба манзалаи «фарзандон»-и ҳамин қолаб ҳастанд. Ин жанр аз лиҳози сохтори шакливу маъноӣ ба куллияи аҷзои худ бояд иртиботи қавие дошта бошад, ки дар он ҳатто порае бе рабту парешон набошад. Шеъри васфию ситоиширо дар адабиёти паҳлавӣ **чома** ё худ **чакома** меномиданд.

Шумораи абёти ҳадди ақали қасидаро суханшиносони гузашта 14-15 ва ҳадди миёнаи онро 50-60 байт муқаррар кардаанд, вале барои таъйини ҳадди аксари он марзеву ҳудуде нагузоштанд, ки ин аз номаҳдуд будани миқдори абёти қасида гувоҳӣ медиҳад. Дар масъалаи вазн низ қасида маҳдудият надорад.

Чунонки қаблан ишора шуд, байти аввали қасида мусарраъ аст, ки онро маъмулан ҳусни матлаъ низ меноманд. Мисраъҳои завҷ ё дуюми қасида дар қофия ва радиф бо байти нахуст яксон буда, шакли аа, ба, ва, га… ва ғайраро дороанд.

Назарияшиносони гузашта муътақиданд, ки агар матлаи қасида мусарраъ набошад, онро қитъа хонанд, на қасида [11, 165].

Қасида аз ҷиҳати сохтор ду навъ дорад: қасидаи комил ва қасидаи маҳдуд. Қасидаи маҳдудро муқтазаб низ меноманд. Муқтазаб калимаи арабӣ буда, маъноаш бозбурида аст [13, 110; 15, 182]. Агар мақсаду матлаби шоир дар қасида бидуни заминагузориву муқаддима шурӯъ шавад, дар ин сурат қасида маҳдуд ё муқтазаб аст, вале агар шоир қабл аз баёни матлаби асливу асосӣ дар қасида муқаддимае изофа кунад, ки дар он сухан роҷеъ ба ҳусну ҷамоли маҳбуб, ҷавонӣ, ишқ, ҳикояти ҳоли ошиқ, васфи манзараҳои табиат, фаслҳои сол аз қабили баҳору хазон, тулӯъ ва ғуруби офтобу моҳ, ситорагон, дашту даман, кӯҳу дарё, гулу сабза ва монанди инҳо рафта бошад, ин навъ қасидаро қасидаи мукаммал меноманд ва он қисмати муқаддимавиро бо истилоҳоти «ташбиб», «насиб», «тағаззул» ном мебаранд.

Ин се калима дар аксар луғатҳо муродифи якдигар буда, бо маънии ғазал гуфтану суруди ошиқона сурудан тафсиру тавзеҳ шудааст. Дар истилоҳоти адабӣ бошад, қисмати муқаддимавии қасидаро, ки дар баёни ҳусну ҷамоли маҳбуб, ҳолу аҳволи ошиқ, васфи манзараҳои табиат, фаслҳои сол, ҷашнҳои миллӣ, ситоиши маю бода ва амсоли инҳо сурат гирифтааст, аксаран чун насибу тағаззул мавриди корбурд қарор медиҳанд. Калимаи ташбиб ба андешаи адабиётшиноси тоҷик Х. Шарифов аз калимаҳои насибу тағаззул ба андозае тафовут дорад, чунончи:

«Ташбиб дар мавриди оғозу даромади наср низ истифода мешавад ва бо ҳамин аз насибу тағаззул фарқ мекунад, зеро ин ду фақат дар мавриди шеър истифода мешаванд» [15, 182-183].

Дар қасидаҳои мукаммал баъд аз ташбибу насибу тағаззул қисмати дигаре оварда мешавад, ки он пайвандгари муқаддима бо қисмати асосӣ (маъмулан, мадҳ ё мақсуди аслии шоир) аст ва ҳамин қисматро ҳусни тахаллус, хурӯҷ ё гурез меноманд.

Тахаллус дар шеър маъмулан, ба ду маънӣ истифода мешавад, яке номи шеърии шоир, дигаре яке аз аркони муҳим дар қасида, ки ҳамчун пул муқаддимаро бо қисмати асосӣ пайванд мезанад, яъне шоир аз ҷаҳони сирф шоиронаи худҷӯш ба ҷаҳони сохтакорӣ мегузарад. Офаридани ин рукни қасида амали душвору заҳматталаб буда, аз шоир ҳунару тавоноӣ ва маҳорати махсусро тақозо менамояд, зеро ду мавзӯи мазмунан ва мутаносибан аз ҳамдигар дуру берабтро бо ҳам алоқаманд кардану таносуб бахшидан кори саҳл нест. Дар бораи аҳамияти ҳусни тахаллус (гурезгоҳ) донишманди эронӣ Ҷалолуддини Ҳумоӣ чунин менигорад:

«Тахаллус низ монанди ташбиб яке аз аркони муҳимми қасида ва маҳалли ҳунарнамоии шоир аст ва бад-ин сабаб ҳусни тахаллусро яке аз саноеи муҳимми бадеъ шумурдаанд» [15, 99].

Пас аз қисмати гурезгоҳ ё тахаллус бахши асосӣ ва меҳварии қасида, ки аслан мадҳ аст, шурӯъ мешавад. Шоир дар ин қисмат ба мадҳи мамдӯҳ пардохта, муболиғаомез ӯро ба сурати як инсони хориқуллода, мавҷуди фавқуттабиӣ, ҳамчун як қаҳрамони ҳамосӣ тавсифу тасвир мекунад, ки ё амали ҳайратовареро анҷом додааст ва ё дар шуҷоату далерӣ, нотарсӣ, ҳиммату ато, мардумнавозию раиятпарварӣ ва монанди инҳо назире надорад. Дар ин маврид забони шеър аз ҳолати тасвирӣ ва истиорӣ ба сохтагиву киноявӣ мунтақил мешавад.

Рукни дигаре, ки маъмулан дар сохтмони қасидаҳои мадҳӣ ба кор рафтааст, бахши шарита мебошад. Шарита қисмати охири қасидаи мадҳӣ буда, онро суханшиносони гузашта зимни баёни ҳусни мақтаъ тавзеҳ додаанд. Ҳадафи шарита иборат аз он аст, ки шоир дар абёте чанд дар ҳаққи мамдӯҳ дуои неку хайр мекунад, ба ӯ умри абадиву ҷовид хоста, баъдан аз ӯ чизе талаб мекунад. Умри ҷовидона хостани шоир ба мамдӯҳ маъмулан ба шарте вобастагӣ доштааст. Дар ин хусус адабиётшиноси эронӣ Сируси Шамисо чунин менависад: «Аммо ваҷҳи тасмияи шарита ин аст, ки дуоро ба сурати ҷумалоти шартӣ баён мекарданд. Масалан, мегуфтанд, то хуршед дар осмон метобад, мамдӯҳ дар ҷаҳон сарафроз зиндагӣ кунад, чунонки Унсурӣ гӯяд:

То ҷаҳон боқӣ бувад, бодат бақо, то илмро
Поя бифзоиву кори мулкро сомон кунӣ» (14, 278).

Дигар аз хусусиятҳои қасида он аст, ки бархе шоирон дар як қасида бо риояи ҳамон вазну қофияи матлаи нахуст байти мусарраъ мегӯянд. Ин амал дар истилоҳи адабӣ таҷдиди матлаъ ном дошта, чанд маротиба тозаву нав кардани он дар қасида

ҷоиз дониста мешавад. Мақсаду ҳадафи даст задани шоирон ба ин амалро Ҷалолуддини Ҳумоӣ чунин тавзеҳ медиҳад:

«Таҷдиди матлаъ бештар барои он аст, ки бихоҳанд аз матлабе ба матлаби дигар интиқол кунанд, хоҳ аз тағаззул ба мадҳия бошад, ё аз мадҳ ба тағаззул, ё дар умури дигар аз қабили ашъори васфӣ ва ахлоқиву ирфонӣ ва шикво ва амсоли он. Бад-ин сабаб доираи таҷдиди матлаъ аз ҳусни тахаллус васеътар ва маворидаш мутанаввеътар аст» [13, 114].

Аз лиҳози миқдор баробар будани теъдоди абёти таҳти ҳар як матлаъ қарордошта бо якдигар амри ҳатмӣ нест, яъне як матлаъ зери худ метавонад 10-12 байт дошта бошад, матлаи дигари ҳамин қасида имкон дорад аз 40-50 байт иборат бошад. Зиёда аз ин, маъмулан дар урфи адабӣ такрор омадани қофия дар як қасида, ҳарчанд тӯлонӣ ҳам бошад, айб дониста мешавад, вале қасидае, ки дорои бештар аз як матлаъ аст, истифода аз қофияҳои қаблӣ иҷозат аст, ба шарте ки аз ҳадди эътидол нагузарад.

Ба назар чунин мерасад, ки тозаву нав кардани матлаъ дар қасида аз вижагиҳои адабиёти форс-тоҷик буда, дар адабиёти араб ривоҷ надорад. Забони арабӣ вобаста ба қавонини дохилии худ имконоти фаровони калимасозӣ дошта, мавҷудияти луғати зиёд ва вусъати лафз дар он барои осонии кори шоир дар корбурди қофия, ҳатто дар шеъри тӯлонӣ ҳам мусоидат менамояд, аммо забони форсӣ-тоҷикӣ ба танҳоӣ ин имкониятро надорад. Аз ин рӯ, шоири форсигӯ ҳангоми эҷоди шеъри тӯлонӣ, бахусус қасида ногузир аст, ки ё аз луғати ғариб ва камкорбурди араб истифода барад ва ё даст ба ибдои таҷдиди матлаъ занад.

Барои ҳамин ҳам метавон гуфт, ки мубтадеъ ва мухтареи тарзи истифодаи навкарди матлаъ дар қасида суханварони форс-тоҷик мебошанд, на арабҳо. Аксар суханшиносони гузашта ва муҳаққиқони муосир Хоқониро дар корбасти ин усул устоди моҳир медонанд ва таҷдиди матлаъро аз вижагиҳои шеваи ӯ дар қасида қаламдод мекунанд. Аз ҷумла, Шамси Қайси Розӣ мегӯяд:

«... Бошад, ки қасидаро чанд матлаъ кунанд, чун аз сифате ба сифате дигар нақл кунанд. Аз ҷумлаи шуаро Хоқонӣ бад-ин шева мувалеътар будааст ва чанд қасидаи бисёрматолеъ гуфта» [11, 336].

Дар мавриди ин масъала метавон гуфт, ки роҷеъ ба тамоми ҷузъиёт ва вижагиҳои навкарди матлаъ дар қасида таҳқиқи мушаххасе арзи ҳастӣ накардааст. Он чӣ, ки дар ин мавзӯъ баррасӣ гардид, натиҷаи омӯзишу дарёфтҳои мо ба таври муқаддимотиву умумиянд, ки дар таълифоти гузаштагону муосирон низ мавҷуданд, вале арзёбии мухтассоту мушаххасоти ин масъала ба таҳқиқи густурдаву фарогире ниёз дорад, ки он кори оянда хоҳад буд, аммо айни замон се омилро метавон сабаби ба навкарди матлаъ даст задани шоирон донист, ки иборатанд аз:

а) идома доштани матлабу мақсуди шоир;

б) гузаштан аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар;

в) маҳдуд ва тангнои қофия дар забони форсӣ-тоҷикӣ.

Бар замми он чӣ гуфта шуд, қасоиди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз лиҳози қофия ва радиф, аз назари мавзӯъ ва мазмуни муқаддимаҳо, аз ҷиҳати мавзӯъ ва мазомини қисмати асосӣ ба таври махсус таснифу номгузорӣ шудаанд. Масалан, агар қофияи қасида бо ҳарфи «алиф» хатм шуда бошад, онро «алифия» ва агар бо ҳарфи «бо» - «боия» мегӯянд. Ҳамчунин аз ин даст қасоиде бо унвонҳои «тоия», «роия», «ломия», «нуния» ва амсоли инҳо дар адабиёти мо зиёд аст. Агар қасида дорои радиф бошад, онро мураддаф меҳонанд. Агар ташбибу насибу тағаззули қасидаҳо дорои ҳар мавзӯе, ки бошанд, ҳамон унвонро мегиранд. Масалан, агар ташбиби қасида дар васфи баҳор бошад, онро, «баҳория», дар васфи шароб бошад, «хамрия» ва монанди инҳо меноманд. Агар дар қисмати асосии қасидаҳо ғарази аслии шоир мадҳ бошад, қасидаро, «мадҳия» ва агар шикоят бошад, «шиквоия» ва ғайра ном мебаранд. Вобаста ба мавзӯи аслӣ қасидаҳоро ба ҳабсия, фахрия, рисоия, ирфонӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо низ ҷудо кардаанд, ки намунаҳои онҳо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ хеле зиёданд.

Шаклу қолаб, тарзи қофиябандӣ ва махсусан мазмуну муҳтавои қисмати меҳварии қасида, ки дар ибтидо аслан мадҳ буд, гувоҳ бар он аст, ки ин навъи адабӣ яке аз қадимтарин ва маъмултарин жанрҳои адабиёти араб будааст. Дар ҳоле, ки ховаршиноси маъруфи рус Е.Э. Бертелс ҳангоми таҳқиқу баррасии достони қадима ва машҳури адабиёти форсӣ-тоҷикӣ-«Ёдгори зарирон» бо таваҷҷуҳ ба манзараҳои

разму набард ва дигар хасоиси ҳамосӣ, ки муҳтавиёти онро ташкил медиҳад, ба натиҷае мерасад, ки жанри қасида дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз адабиёти араб нагузашта, балки маншаи эронӣ дорад. Аз ҷумла:

«Қасида дар шеъри форсӣ аз адабиёти араб ворид нашуда, балки муҳимтарин хусусиятҳои жанрии он аз назари мазмуну муҳтаво дар адабиёти гуфториву навиштории пешазисломии Эрон вуҷуд дошт» [3, 74].

Адабиётшиноси тоҷик У. Тоиров дар мақолае таҳти унвони «Заминаҳои пайдоиши қасидаи тоҷик» андешаҳои Е.Э. Бертелсро комилан ҷонибдорӣ мекунад ва қобили қабул медонад [12, 14-23].

Дигар адабиётшиносони тоҷик аз қабили К. Айнӣ, М. Муллоаҳмадов, Ш. Раҳмонов, И. Икромов ва дигарон ба маншаи форсӣ-тоҷикӣ доштани қасида муътақиданд [ниг.:1, 4; 7, 74-75; 8, 13; 10, 24; 6, 11-12].

Бо назари инҷониб нахустин шоирони давраҳои баъдазисломии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шакли қасидаро аз шеъри арабӣ тақлид кардаанд, вале пасон шоирони форс-тоҷик ба муҳтаво ва сохтори ин жанр дигаргуниҳое ворид кардаанд, ки мунтаҳо миёни қасоиди арабӣ ва қасидаҳои форсӣ-тоҷикӣ ифтироқу ҷудоӣ ба вуҷуд омад. Дар ин бора адабиётшиноси тоҷик устод Х. Шарифов чунин менигорад:

«Шакли қасида аз адабиёти араб истиқбол шуда, шоирони форсигӯй аз ҷиҳати мавзӯъ онро вусъат дода, ба сохту таркибаш ҳам такмилу тозагиҳо ворид кардаанд» [15, 211].

Мадҳ яке аз мавзӯоти ҳоким дар қасидаи адабиёти араб ба шумор мерафт, вале баъдан дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бинобар сабаби таҳаввулоти адабиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фалсафӣ ба ин мавзӯъ мавзӯоти дигаре илова шуданд, ки тадриҷан майдони мадҳро маҳдуд карданд.

Сарфи назар аз ин, қолаби қасидаро марҷаъ ва маншаи жанрҳое чун ғазал, қитъа ва мусаммат бояд донист, ки баъдтар дар адабиёт ривоҷи бештаре пайдо карданд. Шояд ба сабаби ташбибу тағаззулоти қасида бошад, ки имрӯз аксар муҳаққиқон, новобаста ба мавзӯи асливу меҳвариаш, онро ба гурӯҳи жанрҳои ҷинси ғиноӣ шомил месозанд.

Ба назари мо чунин тасниф чандон саҳеҳ нест, зеро қолаби ин жанр дар ибтидо аслан махсуси мадҳ буд. Мадҳ бошад, маъмулан як амри сохтаву қарордодист, яъне аввалан, шоир барои васфу ситоиши мамдӯҳ на аз эҳсосоту отифат, ки ба таври худҷӯш сурат мегирад, истифода мекунад, балки аз рӯйи ғаразу ҳадафи муайяне ин навъи адабиро ба таври қарордодӣ, сохтакорона ва хеле ҳунармандона меофарад. Сониян, дар қасидаи мадҳӣ рӯҳи паҳлавониву қаҳрамонӣ хеле қавӣ буда, мо дар муҳтавои он ба қаҳрамоне рӯ ба рӯ мешавем, ки худ тани танҳо лашкари азимеро ба шикаст мувоҷеҳ месозад, набардҳои ӯ аксаран ҷанбаи милливу мазҳабӣ дорад, мухолифони вай ё кофиронанд ва ё мақсади ғорати кишварро доранд.

Хулоса, қаҳрамони қасидаи мадҳӣ як амалеро ба анҷом мерасонанд, ки хеле ҳам ҳайратовару фавқулоддаанд. Дуоеро, ки шоир дар қисмати шарита ба қаҳрамони мадҳӣ раво мебинаду арза медорад, бозтоби абадияту ҷовидонагии ӯст. Бо вуҷуди он ки амалу корнамоиҳои қаҳрамони қасидаҳо ҳақиқиву воқеӣ не, балки тавсифу тасвири дурӯғин аст, аксар хусусиятҳои умдаи ҳамоса дар онҳо вуҷуд дорад. Махсусан, дар қасоиди муқтазаби мадҳӣ вижагиҳои ҳамоса зиёдтаранд. Дар иртибот ба ин хусусиятҳо донишманди эронӣ Сируси Шамисо роҷеъ ба қасидаи мадҳӣ чунин менигорад: «Бад-ин тартиб, бисёре аз мухтассоти умдаи ҳамоса дар қасида ҳаст ва бад-ин тартиб аст, ки мо қасидаро як навъи адабӣ маҳсуб медорем, зеро ҳам ба лиҳози шакл (қасида) ва ҳам ба лиҳози маънӣ (ҳамоса) вазъи мушаххасе дорад» [14, 278].

Ҳамин тариқ, жанри қасидаро бо таваҷҷуҳ ба мавзӯъ ва мазомини қисмати асосӣ метавон навъе маҳсуб донист, ки ҳам дорои вижагиҳои ҳамоса, ҳам ғиноӣ ва ҳам таълимию дидактикист. Ин жанрро танҳо ба гурӯҳи адаби ғиноӣ мунҳасир донистан мунсифона ба назар намерасад.

Қасида шурӯъ аз ибтидои асри Х то поёни қарни XII яке аз жанрҳои роиҷ ва ҳоким дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Баъд аз истилои муғул дар асри XIII ин навъи адабӣ рӯ ба завол оварда, тадриҷан ҷойи худро ба ғазал дод. Ҳарчанд қасидапардозӣ дар адабиёти асри XIII форсӣ-тоҷикӣ рӯ ба инҳитот оварда бошад ҳам, комилан аз байн нарафт. Дар асрҳои XIII-XIV ба осори шоироне дучор мешавем, ки онҳо вобаста ба шароиту имконоти мавҷудаи кишварҳои ба сар

мебурдаашон ба қасидапардозӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, бо офаридаҳои хеш хисороти бавуҷудомадаи ин навъи адабиро ба андозае ҷуброн кардаанд. Амир Хусрав як тан аз ҳамин қабил адибонест, ки қасида дар эҷодиёти ӯ нақши боризе дорад. Мувофиқи нишондоди муҳаққиқи Амир Хусрав, донишманди тоҷик-М. Бақоев миқдори қасидаҳои ин шоир дар панҷ девон 273 адад аст. Аз ҷумла, девони «Туҳфат-ус-сиғар»-37 қасида, «Васат-ул-ҳаёт»-58 қасида, «Ғуррат-ул-камол»-92 қасида, «Бақияи нақия»-63 қасида ва «Ниҳоят-ул-камол»-23 қасидаро доро буда, миқдори умумии онҳо тақрибан 10100 байтро ташкил медиҳанд [2, 189].

Чи хеле ки қаблан изҳор доштем, мухтассоту мушаххасоти қасоиди Амир Хусрав бо тамоми ҷузъиёташ таҳқиқоти муфассалу вижаеро тақозо дорад. Азбаски ҳамаи девонҳои Хусрав дастраси мо нашуданд ва таҳқиқи мо танҳо дар доираи муайяну мушаххас кардани сохтори жанрии анвои шеъри ин шоир сурат мегирад, мо пажӯҳишро роҷеъ ба қасоиди ӯ дар заминаи се девони дастрасшудаи Амир Хусрав-«Васат-ул-ҳаёт», «Ғуррат-ул-камол», «Ниҳоят-ул-камол» ва нусхаи қаламии «Қасоид»-и шоир, ки дар ибтидои асри XVI аз девонҳои ӯ мунтахабу китобат шудааст, анҷом хоҳем дод. Дар мавриди дастхати мазкур бояд афзуд, ки он аз 90 варақ иборат буда, санаи китобаташ дар охир, яъне дар варақи 90б, соли 954 (1548) нишон дода шудааст. Ин китоб таҳти рақами 323 дар китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст.

Таҳқиқ дар қасоиди се девони дар дастрасии мо қарордоштаи Амир Хусрав комилан собит сохт, ки омори М. Бақоев дар қазовати миқдор ва ҳаҷми абёти ин навъи адабӣ дар осори Хусрав дуруст аст. Дар девони «Васат-ул-ҳаёт» миқдори қасидаҳо 58 адад буда, маҷмӯан аз 2041 байт иборатанд. Аз ин миқдор 31 қасида мураддаф ва 27 қасидаи дигар бо қофия хатм шудаанд. Девони «Ғуррат-ул-камол» шомили 92 қасида буда, ҳаҷми онҳо 3430 байтро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 63 қасида дорои радиф ва 29 қасида бидуни радифанд. Дар девони «Ниҳоят-ул-камол» низ теъдоди ин навъи адабӣ дар муқоиса бо омори М. Бақоев як адад зиёд аст, яъне дар ин девон 24 қасида мавҷуд буда, ҳаҷми умумии онҳо аз 1200 байт иборат аст. Аз 24 қасида 15-тоаш мураддаф ва 9-тоаш бо қофия анҷом ёфтааст.

Бар замми ин, дар маҷмӯаи мунтахаби «Қасоид»-и Амир Хусрав, ки зикраш қаблан рафт, 49 қасида мавҷуд аст. Аз ин миқдор 14 қасида ба девони «Васат-ул-ҳаёт» ва 19 қасида ба девони «Ғуррат-ул-камол» тааллуқ дорад. Дар ин маҷмӯа аз девони «Ниҳоят-ул-камол» ягон қасида ҷой дода нашудааст. Бинобар ин, 16 қасидаи дигарро ба девонҳои «Туҳфат-ус-сиғар» ва «Бақияи нақия» мансуб донистан шоиста ба назар мерасад. Аз ин 16 қасида 9-тоаш дорои радиф ва 7-тоаш бидуни радиф буда, маҷмӯан 610 байтро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, теъдоди умумии қасидаҳои се девон ва маҷмӯаи мунтахаби «Қасоид»-и Амир Хусрав дар маҷмӯъ 174 ададро ташкил дода, ҳаҷми умумии онҳо аз 7281 байт иборат мебошад. Аз 174 қасида 109-тои он мураддаф ва 65-тои он бидуни радиф эҷод шудааст. Агар миқдори қасидаҳои девонҳои «Туҳфат-ус-сиғар» (37 адад) ва «Бақияи нақия» (63 адад) ба ин се девон илова карда шавад, бидуни шубҳа миқдори қасоиду теъдоди абёти онҳо бо омори бадастовардаи М. Бақоев комилан сидқ пайдо мекунад.

Омӯзишу таҳқиқ дар сохтори жанрии қасоиди Амир Хусрав нишон дод, ки ӯ дар ин навъи адабӣ асосан ба устодони қабл аз хеш, аз ҷумла Анварӣ, Саноӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Заҳири Форёбӣ, Камол Исмоил, Хоқонӣ ва дигарон, ки дар ин навъи шеър устод буданду ибтикорот доштанд, тақлиду пайравӣ кардааст. Аз ин ҷиҳат донишманди Ҳинд, муаллифи китоби «Шеър-ул-аҷам»-Шиблии Нуъмонӣ ба маҳорати Амир Хусрав дар қасида чунин баҳо медиҳад:

«Дар қасида дорои услуб ва тарзи хосе нест, балки муқаллиди Камол Исмоил ва Хоқонӣ ва Анварӣ мебошад» [9, 120].

Ин баҳои Шиблии Нуъмонӣ ба қасоид ва тарзи қасидасароии Хусрав чандон воқеӣ ба назар намерасад, чунки Амир Хусрав, ки қариб дар ҳама анвои адабӣ ибтикорот дорад, мумкин нест, ки дар қасида як муқаллиди одӣ бошад. Сабаби ба қасоиди пешгузаштагон пайравӣ кардани вай ба назари мо нишон додани маҳорату истеъдод ва изҳори баробариву бартарӣ бо бузургони пешин дар ин жанр аст. Татаббӯъ ва пайравӣ ба ашъори шоирони бузурги пешин, ки дар адабиёт собиқаи дерина дорад, як навъ қувваозмоии шоирон барои ба намоиш гузоштани маҳорату истеъдоди хеш маҳсуб мешавад. Амир Хусрав дар қасида бештар аз ҳама ба Хоқонӣ

пайравӣ карда, ӯро дар ин навъи адабӣ устоди худ эътироф мекунад. Қасидаҳои ҷавобияи Хусрав аз назари ҳаҷми абёт ва корбурди қофия аз қасидаҳои пешгузаштагон ҳаҷиму тӯлонитаранд.

Гузашта аз ин, агар қасоиди Амир Хусрав дар доираи камолоти балоғату фасоҳат намебуд, баъдан боиси татаббӯъ ва пайравии шоирон қарор намегирифт. Мувофиқи иқрори шарқшиноси шинохтаи рус Е.Э. Бертелс бинобар сабаби дар қасида дасти тамом доштани Амир Хусрав қасоиди ӯ аз ҷониби шоироне чун Сайфи Исфарангӣ, Урфии Шерозӣ, Замони Шерозӣ, Низоми Муаммоии Мозандаронӣ, Сидқии Бухорӣ, Амир Муизӣ, Саид Ҳасани Ғазнавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мавлоно Зоҳидӣ, Мавлоно Абулваҳҳоби Исфароинӣ, Мирхонд, Фузулӣ ва дигарон мавриди татаббӯъ ва пайравӣ қарор гирифтааст [4, 38].

Роҷеъ ба теъдод, ном, мазмуну муҳтаво, мамдӯҳон ва дигар масоили қасидаҳои Амир Хусрав донишманди тоҷик М. Бақоев таваққуф карда, маҳорати ӯро дар эҷоди ин навъи адабӣ хеле барҷаста баррасӣ кардааст ва ӯро дар қасидасароӣ устод қаламдод мекунад, аз ҷумла: «Амир Хусрав дар соҳаи қасидасароӣ устод аст. Хусусан, дар махлас (гурез), яъне аз ташбиби қасида ба мақсад гузаштан ӯ устодии худро зоҳир намудааст» [2,199].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки андешаи Шиблии Нуъмонӣ роҷеъ ба вижагиҳои қасоиди Амир Хусрав ба таври умумӣ чандон сидқ надорад, вале нуқтаи назари ин донишманд дар бораи қасидаҳои мадҳии шоир чандон бемаврид нест. Ӯ дар ин хусус чунин менависад:

«Дар миёни қасоиди вай (Амир Хусрав -Р.Т.) мазомини мадҳия ҳамеша номатбӯъ ва бемаза аст ва иллаташ ин аст, ки мадҳу мадҳиясароӣ қаблан писандаш намеомада, балки ба воситаи зарурати маош тан ба ин мазаллат дар медодааст…» [9, 121].

Дар ҳақиқат, Амир Хусрав ба сурудани мадҳ чандон майл надорад, худи ӯ мадҳи дурӯғину иғроқомезро дар дебочаи девонҳо, маснавиҳо ва қитъаҳояш амали норавову ношоиста арзёбӣ мекунад, вале ашъори мадҳии ӯро куллан «номатбӯъ» ва «бемаза» қаламдод кардан чандон саҳеҳ нест. Ҳарчанд вай аз рӯйи зарурат ва мавқеи ишғолкардааш дар дарбор ба ин амал даст задааст, дар ин ҷода низ ҳеҷ гоҳ ба саҳлангорӣ роҳ надодааст. Бо вуҷуди он ки аксар маврид дар мадҳ қаламаш ҳарфи дилаш нест, вале завқу истеъдоди фитриаш дар намоиши камолот, тавоноӣ ва ҳунармандона офаридани ҳама гуна мавзӯъ ӯро ҳамроҳӣ мекунад. Истифода аз забони асил, бархурдорӣ аз эҷоз, интихоби калимаву вожаҳои муносиб, риояти эътидол дар истифодаи ороясҳои адабӣ, гузиниши қофия ва радифҳои хубу дилпазир, корбурди авзони хушоянду тараннумӣ, мавриди истеъмол қарор додани алфози содаву наздик ба фаҳми умум, парҳез аз такаллуфу сохтакорӣ, комилан риоя шудани таносуб миёни авзону муҳтаво ва амсоли инҳо яке аз вижагиҳои кори Амир Хусрав дар офаридани қасида мебошад. Навиштани абёти силсила дар девонҳо ва ба таври мухтасару фишурда дар як байт баррасӣ кардани мазмуну муҳтавои ин ва ё он навъи адабӣ, махсусан қасида, ки то Хусрав дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ назир надошт, аз ибтикороти вай аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ К. Қасида дар осори Рӯдакӣ/ К. Айнӣ// Дирӯз ва имрӯз. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 288 с.
2. Бақоев М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ/ М. Бақоев. – Душанбе: Дониш, 1975. – 282 с.
3. Бертелс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. Избранные труды в 5-ти томах. – Т.1/ Е. Э. Бертельс. – Москва, 1960. – 556 с.
4. Бертелс Е.Э. Навои и Джами. – Избранные труды/ Е. Э. Бертельс. – Москва: Наука, 1965.
5. Зарқонӣ С. Бутиқи классик. Баррасии таҳлилӣ-интиқодии назарияи шеър дар манобеи фалсафӣ/ Сайид Маҳдии Зарқонӣ. – Теҳрон: Сухан, 1390. – 359 саҳ.
6. Икромов И. Мақоми Анварӣ дар таърих ва инкишофи жанри қасида/ И. Икромов. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 224 с.
7. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1987. – 487 с. – Китоби 1.
8. Муллоаҳмадов М. Фаррухии Сиистонӣ/ М. Муллоаҳмадов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 124 с.
9. Нуъмонӣ Ш. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон /Шиблии Нуъмонӣ; тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ.. – Теҳрон: Ибни Сино, 1368. Ҷ.1.;Ҷ. 2 – 564 с.
10. Раҳмонов Ш. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ/ Ш. Раҳмонов.. – Душанбе:Адиб, 1988. – 143 с.
11. Розӣ. ал- Муъҷам/ Шамси Қайси Розӣ; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров.- Душанбе: Адиб, 1991.- 464 с.

12. Тоиров У. Заминаҳои пайдоиши қасидаи тоҷик/ У. Тоиров// Маҷмӯаи филологӣ. –Душанбе:УДТ, 1971. – С. 14-23.
13. Ҳумоӣ Ҷ. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ/ Ҷалолуддини Ҳумоӣ.- Теҳрон: Ҳумо, 1386.- 424 с.
14. Шамисо С. Анвои адабӣ/ Сируси Шамисо. – Теҳрон: Митро, 1387. – 356 с.
15. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ/ Х. Шарифов.- Душанбе: Ирфон, 2002.- 278с.
16. Шарифов Х. Назмшиносӣ./ Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.

КАСЫДА (ОДА) И ЕГО РОЛЬ В ТВОРЧЕСТВЕ АМИР ХУСРАВА

В статье подтвергается анализу одна из малоизученных тем в творчестве Амир Хусрава Дехлави, т.е. касыда (ода). Автор для оценки основной темы, излагает свою точку зрения на специфику жанра касыды, рассматривая теоретические особенности в арабской и персидско-таджикской литературе. По содержанию статьи можно будет проследить вклад Амир Хусрава Дехлеви, который компенсировал некоторые потери постигшие этот жанр в конце XIII века. Особый акцент делается на его нововведения в совершествовании этого жанра.

Ключевые слова: творчество Амир Хусрава Дехлави, арабская и персидско-таджикская литература, совершенствование жанра.

KASIDA (ODE) AND ITS ROLE IN CREATIVITY OF AMIR HUSRAV'S

In article is exposed to the analysis one of little studied them that in creativity of Amir Husrav Dehlavi, i.e. kasida (ode). Author for an estimation of the basic theme, states the point of view on specificity of a genre kasida, considering theoretical features in the Arabian and persian-tajik literature. Under article maintenance it will be possible to track the contribution Amir Husrav Dehlevi who compensated, some losses comprehended this genre in the end of XIII century. The special accent becomes on its new conducting in perfection this genre.

Key words: creativity Amir Nosiri Khusrav district Дехлави, Arab and Persian-Tajik literature, improvement of the genre.

Сведения об авторе: ***Р.Тагоймуродов*** – докторант Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрава. Телефон: (+992) **917-57-55-22.**

ҶОЙГОҲИ АДАБИЁТИ ИСМОИЛӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ В.А. ИВАНОВ

Ҳоким Қаландаров
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Истилоҳи "адабиёти исмоилӣ" ё "адабиёти исмоилия" барои илми адабиётшиносии тоҷик ба тариқи пурра шинос нест ва аз он кам истифода шудааст. Ҳатто таърихшиносоне чун Б.Ғафуров ва Н.Неъматов, файласуфоне чун Х.Додихудоев, Н.Арабзодаву А.Шохуморов, адабиётшиносоне чун Х.Шарифов ва А. Абдусаттор, ки бевосита ё бавосита ба масъалаҳои умда ё ашъори намояндагони алоҳидаи ин равия дахолат намудаанд, аз истифодаи истилоҳи мазкур сарфи назар кардаанд. Сабаби сарфи назар намудан аз истилоҳи мазкурро дар он дидан лозим, ки муаррихину файласуфон ба таъриху фалсафаи масъала бештар диққат медоданд ва гузоришҳову афкори намояндагони ин равияро ба тариқи интихобӣ ба унвони мисол аз ин ё он маҳсулашон овардаанд.

Дар масъалаи адабиёт бошад, олимони номбурда ва инчунин, дигар ҳаводорон масъаларо асосан дар партави ҳаёту эҷодиёти шоир ва адибе чун Носири Хусрави Қубодиёнӣ мавриди баррасӣ қарор медоданд ва бештар ҷанбаи мазҳабии онро бо исмоилиён алоқаманд мекарданд, на сарчашма ва ҷанбаи адабиашро.

Фикри ғолиб ин аст, ки истилоҳоти "адабиёти исмоилӣ", "адабиёти исмоилия" ва "мероси адабии исмоилия"-ро мусташриқ ва исломшиноси шаҳир Владимир Алексеевич Иванов (1886-1970) дар осори тадқиқотиаш мавриди истифода қарор дода, онро ба таври васеъ ба таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ пешниҳод намудаст. Дилбастагии қавӣ ба омӯзиши таърих ва маҳсули фарҳангӣ, илмӣ ва фалсафии намояндагони равияи исмоилия ва дигар ҳаводорони ин фарҳанг боис гардид, ки муҳаққиқ дар кашфи тарафҳои нохондаву номунташирёфтаи ин тариқа саҳми беандозаро дошта бошад ва аз худ мероси мондагореро ба ҷо монад.

Фарҳод Дафтарӣ яке дигар аз муҳаққиқони чирадасти таърихи исмоилия дар сарсухани асараш "Адабиёти исмоилӣ" доир ба рушди тадқиқот дар ин самт ҳарф зада, яке аз сарчашмаи ин рушдро ба даст омадани дастхатҳои зиёде дар адабиёти ба тариқаи исмоилӣ мутааллиқ ё марбут вобаста медонад. Чунончи: "Дар асри ХХ-ум омӯзиши адабиёти исмоилӣ равнақ ёфт ва ин равнақи омӯзиш асосан дар заминаи ба даст омадани дастхатҳои зиёде аз Ҳинду Осиёи Марказӣ, Сурияву Яман ба вуҷуд омад" [2, xii]. Муҳим ин аст, ки муаллифи асар васеъ ва пурра шудани дониши хеш ва

дигаронро дар соҳаи таҳқиқи исмоилия ва таъриху фалсафаи он ба фаъолият, аниқтараш ба маҳсули илмии В.А.Иванов мансуб медонад. Ӯ менависад: “яке аз таҳлилҳои муқоисавие, ки дониши моро дар хусуси мутуни исмоилӣ ва кашфи онҳо васеъ намуд, асари «Раҳнамоӣ ба адабиёти исмоилӣ» (A Guide to Ismaili Literature)-и В.Иванов (1886-1970), ки қисман дар асоси “Феҳраст-ал-Мачдӯъ» соли 1933 мураттаб гардида ва албатта, таҳрири дуюми он ба унвони «Адабиёти исмоилӣ: Таҳқиқоти библиографӣ” (Ismaili Literature: A Bibliographical Survey, Tehran, 1963) мебошанд” [2, xi-xii].

Аз нахустин маҳсули тадқиқотии В.А.Иванов маълум мешавад, ки ӯ истилоҳи “адабиёти исмоилӣ” ё “исмоилия”-ро чун истилоҳи тадқиқотӣ, аниқтараш чун истилоҳи адабиётшиносӣ ба кор мебарад. Истилоҳи “адабиёти исмоилӣ" асоси унвони асарҳои тадқиқотии муаллифро фароҳам оварда, мақсади асари асосиашро пешниҳоди маълумоти ҳарчи бештару ҷузъӣ ба донишҷӯён дар самти мероси адабии исмоилия қайд мекунад [4, 4]. Моли кулли Ислом будани мероси адабӣ ва илмии исмоилиёнро қайд карда, муаллиф инчунин «адабиёти даврони Фотимиёнро дар асрҳои X–XI манифестатсияи баландтарини свилизатсияи Ислом» номидааст [4, 4]. Дар ин ҷумла ва дар ҷумлаҳои дигар, олим “адабиёти исмоилӣ” гуфта, он адабиётеро дар назар дорад, ки ба ин ё он тарз ба исмоилиён алоқамандие дошта бошанд. Ба сухани дигар, мафҳуми адабиёти исмоилӣ дар тафаккур ва осори В.Иванов тамоми он маъхазҳоро, ки аз тарафи исмоилиён ва ғайриисмоилиён, олимони соҳаҳои гуногун, сайёҳону нависандагон, шоирону файласуфон ба бахшҳои мухталифи таърих, ақоид, фалсафа, эътиқод ва тарзи зиндагию тафаккурронии исмоилиён ихтисос дода шудаанд, ифода мекунад.

Вобаста ба чунин мафҳум муҳаққиқ дар заминаи таҳлили таърихи рушди исмоилиён ва ташаккули ақоиди мазҳабии онҳо адабиёт ва мактабҳои онҳоро системабандӣ намудааст, ҳарчанд худ мегӯяд, ки табақабандии мушаххаси ин таърих аз имкон берун аст [4, 6].

Табақабандии адабиёти исмоилӣ аз тарафи В.Иванов ба ин тарз сурат гирифтааст:

1.Фаза ё давраи ибтидоии адабиёти исмоилӣ. Ба қавли В.Иванов арзи ҳастӣ намудани ягон навъи адабиёт, ки метавон онро ба тариқаи исмоилиён, ки баъдтар пайдо шуданд, нисбат дод, ки он нисбатан шубҳанок менамояд. Ананаҳои динӣ бошанд, дар хусуси қисматҳое апокрифӣ (ғайриэътимод), ки бо назм, ҳидоятҳои Мавлоно Алӣ ибни Абӯтолиб ва маҳсули тасдиқшудаи имомон оғоз мегарданд, маълумот медиҳанд. Эҳтимол меравад, ки нахустосори ин равия, ки шояд асосан ба қалами Сайидано Абдон-доии Месопотамия, ки дар соли 899 ба қатл расида буд, тааллуқ доштааст. Ин давраро дар таърих бо номи қарматия, ки ба сарвари он Ҳамдони Қармат марбут буд, ёд мекунанд ва пас аз ҷудошавии равияҳои исмоилия ва қарматия адабиёти он дигар мавриди истифода қарор дода нашуд.

2.Мактаби пешини Яманӣ. Муҳаққиқ пайдоиш ва рушди адабиёти ин давраро ба фаъолияти Ибни Ҳавшаб, мулаққаб ба Мансур ал-Яман, ки соли 879 ба Яман фиристода шуда буд, марбут медонад. Бар замми ин, олим алоқаи қавӣ доштани қарматиёнро бо Яман зикр намуда, нақши онҳоро ба равияи исмоилияи Яман калон мешуморад. Дар ҳар сурат нақши яманиёни исмоилиро дар эҷоди адабиёт дар давоми давлатдории Фотимиён он қадар назаррас надида, В.Иванов рушди то андозаи онро ба фаъолияти Ҷаъфар ибни Мансур ал-Яман, ки шояд набераи Ибни Ҳавшаб буд ва дар охирҳои асри X эҷод мекард, марбут медонад. Олим инчунин менависад, ки кутуби яманӣ дар даврони классикии Фотимиён пайдо шуда буданд, вале аз нав пайдоиши онҳо ба асри XII, пас аз шикасти Қоҳира ҳамчун маркази ҳаракати исмоилиён рост меояд, ки онро метавон бо номи «Давраи неояманӣ» ном бурд [4, 7].

3.Давраи Фотимӣ. Муаллиф дар хусуси ин давра ҳарф зада, бар он ақида аст, ки бо вуҷуди фаъолияти пурсамари Қозӣ Нуъмон ва осори арабӣ метавон баҳс кард, ки дурахшандагии ин давра ба муаллифони баромадашон аз Форсу Осиёи Марказӣ вобастагӣ дошт. Давраи мазкур бо реҳлати Имом ал-Мустансир (1094), ҳангоме ки ҳуқуқи комили писараш Низор бар имомат аз тарафи фарзанди модарҷудои Низор – Мустаълӣ лаґв гардид, поён ёфт [4, 7].

4.Фаза ё давраи Неояманӣ ва Ҳиндӣ. Ба қавли В.Иванов қатли Халифа ал-Амрӣ дар соли 1130 дар Қоҳира ҳангомаеро барпо намуд, ки боиси қатли пайравони

тариқаи исмоилӣ шуд. Нисфе аз исмоилиён тағйири мазҳаб намуда, аҳли суннати ортодоксалиро гаравиданд ва онҳое, ки муътақид буданд, фирор намуданд. Дар ҳар сурат, дар ин давра осоре арзи ҳастӣ намуд, ки бо унвони «масоил» маълум буданд ва ҳам христоматияҳое, ки иқтибосҳои муҳимми ба замони Фотимиён тааллуқдоштаро дар худ нигоҳ дошта буданд, то ба мо омадаанд [4, 8]. Албатта, баъдтар ин адабиётро ҳар давр ба таври худаш ё таҳсин ва ё танқид мекард ва ба кор мегирифт. Аз тарафи дигар, муҳим будан ё набудани онро равияҳои мухталиф ба таври худашон муайян менамуданд.

5.Адабиёти Друзӣ. Дар хусуси адабиёти Друзӣ ҳарф зада, В.Иванов, мафҳум ва мазмуни онро ба фаҳмиши мазҳабии ин гурӯҳ, ки адабиёти баландпояи давраи Фотимиёнро асос қарор дода буданд, вобаста медонад. Аз ҷумла, мавқеъ доштани Инсон-Худо дар меҳвари ин адабиётро қайд кардааст [4, 8-9].

6.Фазаи Низорӣ. Махсусияти адабиёти давраи низории исмоилиро В.Иванов дар он мебинад, ки вай қариб сирф форсӣ буд. Ӯ дар ин хусус чунин қайд кардааст: “Чизе ки дар ин миён қайд карданаш муҳим ин аст, ки адабиёти исмоилии дар Форс ба форсӣ эҷодшуда дар асоси Низорӣ ва ҳатто охирҳои пеш аз Низорӣ нишон медиҳад, ки дар миёни он ва адабиёти Фотимиён куллан алоқае мавҷуд набуд. Ин қобили боварӣ нест, ки кутуби адабиёти Фотимӣ Форсро тасхир накарда буд. Ҳатто, дар осори Носири Хусрав, оне ки худ комилан ба даврони Фотимиён мутааллиқ буд, ба ягон асари содаи арабии исмоилӣ ишора нашудааст ва на иқтибосе мушоҳида мешавад” [4, 9].

Албатта, то андозае ба ин гуфтаҳои муҳаққиқ, агарчи воқеият ҳам доранд, розӣ шудан наметавон, зеро заминаи ин адабиётро маҳз дар мавқеияти Имом дар эътиқоди умумии исмоилиён ҷуст ва ин имкон медиҳад, то заминаҳои асосии онро дар Эрону Хуросон муайян созем. Ба назар мерасад, ки доиёни пешин ба ин заминаи хуб гузоштанд ва албатта, решаи он аз давраи Фотимиён об меҳӯрд. Дар баробари ин, решаҳои миллии ин адабиёт қавитар буданд ва аз ин хотир дар он решаҳои арабиаш камтар ба назар мерасанд. Аз тарафи дигар, чун мазҳаб доктарина ва консепсияи ягона дошт, дар он махсусиятҳои умумӣ зиёдтар ба назар мерасиданд.

Муҳаққиқ таъсири тафриқаҳо дар мазҳабро ба адабиёти мазҳабӣ махсус зикр мекунад, ки қобили дастгирист. Аз ҷумла, худи давраи Низорӣ маҳз аз ин сабаб чунин ном гирифта буд, ки пас аз реҳлати Мустансири Биллоҳ (1094) пайравони мазҳаби исмоилия ба ду шоха – Низория ва Мустаълия ҷудо гардида буданд. Худи равияи Низорӣ дар чоряки сеюми асри 14 ба ду қисмат бо номҳои Муҳаммадшоҳӣ ва Қосимшоҳӣ мунқасим гардид, ки ҳар яки онҳо дар заминаи фаҳмишу эътиқоди мазҳабии хеш адабиёти худро ба вуҷуд оварда буданд [дар ин бора ниг.: 4, 10]. Равияи Қосимшоҳӣ маҳз ҳамон равияи давомдори мазҳаби исмоилия аст, ки дар замони муосир аз тарафи Шоҳзода Шоҳкарим -ал -Ҳусайнӣ, Оғохони 4 роҳбарӣ мешавад.

7.Қисмати ҳафтуми адабиёти исмоилиро В.Иванов *“Адабиёти низории замони Сафавиён ва баъди онҳо”* номгузорӣ намудаст.

Таърих гувоҳ аст, ки Сафавиён инқилоби азими диниро дар олами Форс ба амал оварданд ва маҳз онҳо буданд, ки мазҳаби асноишариро расмӣ ва давлатӣ гардонданд. Бо расмӣ гардондани ин мазҳаб як давраи сиёҳ барои мазоҳиби дигар арзи вуҷуд кард ва пайравони мазоҳиби ғайр маҷбур шуданд, ки дар зери чодари суфиён, дарвешон ва қаландарон дасти ҳимоят ҷӯянд. Аз ҷумла, пайравони мазҳаби исмоилия, доиён, пирон ва раҳбарони он дар ниқобу либоси қаландарону сӯфиён даромаданду афкору осорашонро бо сабк, услуб ва равияи сувиёна, яъне ба тариқи рамзи куллӣ эҷод кардан гирифтанд. Дар хусуси чунин ранг гирифтани эҷоди даврони Сафавиён муҳаққиқ ҳарф зада, зарари ташхис додани адабиёти тасаввуфиро аз адабиёти исмоилӣ чунин ба қалам медиҳад: “Аксарияти маҳсули адабиёти ин давраро хонда, кас ҳар бор барои ташхиси он ба мушкилот рӯ ба рӯ мегардад, ки ин маҳсул думболи кӣ меравад, оё ин моли тасаввуфи тобиши қавии исмоилидошта аст ва ё эҷоди исмоилие, ки дар либоси сӯфиён бо чунин ғайрат ниқобпӯшӣ гардидааст” [4, 11].

8.Қисмати дигари адабиёти исмоилиро Иванов *“Адабиёти низории Ҳинд”* номгузорӣ намудааст. Муҳаққиқ аз масъалаи решаи қадимӣ доштани гинонҳоро дар тафаккур ва адабиёти исмоилиёни Ҳинд қайд намуда, онҳоро як навъ “лирикаи мазҳабӣ” ном мебарад.

9.Дар қисмати нуҳуми табақабандии адабиёти исмоилӣ муҳаққиқ аз ду сарчашмаи он ёдовар мешавад, ки онҳоро маҳсули ду равияи нисбатан калони исмоилӣ ва суфӣ медонад. Инҳо равияи ҳуруфияву нуқтавия ва равияи аҳли ҳақ ё алиуллоҳиҳо мебошанд, ки аввалиҳо ба ҳуруфи алифбо рамзҳои мазҳабӣ мебастанду дуюмиҳо адабиёти шеъри хешро куллан мазмуни пинҳонӣ мебахшиданд [4, 12-13].

Чунин табақабандии адабиёти исмоилиро муҳаққиқ дар “Сарсухан”-и китоб оварда, дар хусуси ҳар як давра маълумоти мухтасар медиҳад ва баъд аз он ба қайди номгӯйи ҳар як маҳсули адабӣ, фалсафӣ ва мазҳабии давраҳои қайдшуда мепардозад.

Аз ҷумла, қисмати аввали китоби муҳаққиқ “Адабиёти Фотимиён ва Мустаълия” унвон дошта, аз се зерқисмат иборат аст. Таҳти зерқисмати аввал “Адабиёти давраи аввал (қарматӣ)” [4,17-22] асосан ду исм зикр мегарданд, ки маҳсули ин давра асосан ба номи онҳо вобаста буд: яке Сайидано Абдон (соли қатл 899), ки Носири Хусрав ӯро “Соҳиби ҷазираи Ироқ” хондааст ва дигаре Мансур ал-Яман- Абулқосим ал-Ҳусайн ибн ал-Фараҳ ибни Ҳавшаб ал-Кӯфӣ, ки соли 879 ба Аден ҳамчун доӣ фиристонда шуд ва то охири асри IX тамоми Яманро бо даъвати хеш тасхир намуд. Ба қавли Ибни Надим осори зиёде ба Абдон тааллуқ дошт, ки дар замонашон машҳур буданд, аз ҷумла: “Китаб-ар-раҳо вад-дулоб”, “Китаб-ул-ҳудуд вал-аснод”, “Китаб-ул-илм”, “Китаб -уз-зоҳир”, “Китаб-ул-майдон”, “Китаб-ун-нирон”, “Китаб- ул-малозим”, “Китаб-ул-мақсад” ва “Рисола-аш-шамъа”, ки бо унвони “Рисола-ал-мафотеҳ” низ машҳур будааст.

В.Иванов дар асоси маълумоти яке аз сарчашмаҳои маълумотдиҳандааш то андозае шубҳаи худро дар масъалаи маҳз ба ҳамин Абдон тааллуқ доштани осори мазкур нишон медиҳад [4, 17].

Дар хусуси ба қалами Мансур ал-Яман тааллуқ доштани осори зиёди даврони Мустаълия сухан ронда, дар ин самт ҳодисаи бо номҳои машҳур эҷод намудани осорро гӯшрас мекунад. Яъне муҳаққиқ тасдиқ мекунад, ки на ҳамаи осори гуфташуда бо қалами ин шахс навишта шудаанд. Ду китоб “Китаб ул-Олим вал Ғулом” ва “Китаб ар-Рушд вал Ҳидоят” ва рисолаи машҳури “Ихвон-ус-сафо”-ро низ маҳсули ҳамин давра қаламдод кардааст. Бояд гуфт, ки рисолаи “Ихвон-ус-сафо” дар афкор ва осори бисёре аз фарзандони эрониасл таъсири худро гузошта буд.

Дар ин давра исми Ҷаъфар ибни Мансур ал-Яман, абераи доии бузург низ гирифта мешавад, ки осоре андар масъалаҳои мухталифи диниву мазҳабӣ навишта буд, ки 10 номгӯйи онҳоро муҳаққиқ овардааст ва то андозае маҳз ба қалами ин муаллиф тааллуқ доштани онҳоро зикр намудааст (“Асрор-ан-нутақа”, “Китаб-ал-кашф”, “Аш-шавоҳид вал баён фӣ исботи мақоми Амир-ал-муъминин ва-л аимма”, “Таъвил аз-закот”, “Китаб-ал-фароиз ва-л ҳудуд -ад-дин”, “ар-Ридо фил ботин”).

Бояд гуфт, ки таҳти ин зерқисмат муҳаққиқ номгӯи 23 китоб ва расоили мухталифро қаламдод мекунад, ки ҳамагӣ дар масоили мухталифи мазҳаби исмоилӣ эҷод шудаанд. Аксари ин осор хусусияти динию мазҳабӣ дошта, барои осори даврахои минбаъда заминаи муҳиммеро фароҳам овардаанд. Агарчи аксари ин осор то ба замони мо омада нарасида бошанд ҳам, номгӯйи онҳо дар осори гуногуни даврахои мухталиф зикр шудааст.

Таҳти зерқисмати дуюм, ки “Адабиёти давраи классикии Фотимӣ” ном дорад, асмои машҳуре чун Абӯабдуллоҳ ибни Аҳмад ан-Нахшабӣ (соли қатл 942) бо зикри 4 асараш (“ал-Маҳсул”, “Ихвонуддин”, “Усул аш-шар”, “Даъват ал-мунҷия”), Абӯҳотами Розӣ бо зикри 5 асараш (“Китаб аз-зинат”, Китаб ва-ислоҳ”, “Аълом -ан-нубувват”, “ар-Рачъа”, “ал-Ҷомеъ”), Абӯяъқуби Сиҷистонӣ бо асарҳои “Исбот -ун-нуббувват”, “Китаб ал-Мавозин” бо нуздаҳ мизони хеш, “Туҳфат ал-мустаҳиб”, “Китаб ал-ифтихор” ва умуман, 19 номгӯйи дигари осор, ки ин олим ва доӣ ба забони арабӣ эҷод намудааст, омадаанд.

Осори форсии Абӯяъқуби Сиҷистонӣ низ омадаст, ки аз машҳуртарини онҳо “Кашф -ул-маъҷуб” мебошад. Ба тариқи умумӣ, таҳти ин зерқисмат зиёда аз 20 нафар имомону халифаҳо, олимону нависандагон ва доиёни исмоилӣ, ки шеър эҷод намуданд, зикр мегарданд. Аз ҷумла, пурмаҳсултарин қозӣ, доӣ ва олими исмоилӣ Қозӣ Нуъмон низ бо номгӯйи 44 адад асари хеш таҳти ҳамин зерқисмат қарор гирифтааст.

Он ки Носири Хусрави Қубодиёнӣ Сайидано Абдонро “Соҳиби ҷазираи Ироқ” ва Абӯабдуллоҳ ибни Аҳмад ан-Нахшабиро “Шайхи шаҳид” хондаст, маълум

мешавад, ки доиёни гузаштаи мутазаккира дар мафкураи ин фарзанди тоҷик таассуроте азим боқӣ гузоштанд, ки бешак дар осори ӯ ҳувайдо мешавад.

Таҳти қисмати сеюм, ки «Адабиёти давраи неояманӣ» ном дорад, муҳаққиқ аз нависандагон, доиён ва донишмандоне чун ал-Хаттоб ибн ал Ҳусайн ибни Абил, Ҳуффоз ал-Ҳамдон, Дуҳайб ибни Мусо ал-Водиӣ, Иброҳим ал-Ҳусайн ал-Ҳомидӣ, Алӣ ибн ал-Ҳусайн ибни ал-Валид, Сайидно Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Иброҳим ал-Ҳорисӣ, Ҳотим ибни Иброҳим ибн ал-Ҳусайн ибни Абил Масъуд ибни Яъқуб ал-Ҳомидӣ, Алӣ ибни Ҳотам ибни Иброҳим, Алӣ ибни Муҳаммад ал-Валид, Алӣ ибни Ҳанзала ибни Абусалим ал-Маҳзуфӣ ал-Вадиӣ (доии шашум), Ҳусайн ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибн ал-Валид (доии ҳаштум), Алӣ ибни Ҳусайн ибни Муҳаммад ибн ал-Валид (доии нуҳум), Иброҳим ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибн ал-Валид (доии ёздаҳум), Абдуллоҳ ибни Фахриддин ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҳотим (доии шонздаҳум), ал-Ҳусайн ибн ал-Ҳасан, Шарафуддин Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳамза ибн ал-Ҳасан ал-Маҳфузӣ, Идрис ибн ал-Ҳасан ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҳотим (доии нӯздаҳум), Ҳасан ибни Нӯҳ ибни Юсуф ибни Муҳаммад ибни Одам ал-Ҳиндӣ ал-Баручӣ, Ҳасан ибни Идрис ибни Алӣ ибни Ҳасан, Одам Сафиюддин ибни Таййибшоҳ, Абди ат-Таййиб Закиаддин ибни Довуд ибни Қутбшоҳ, Ҳасан ибни Довуд, Одам ибни Абд ат-Таййиб, Ҳасан ибни Мулло Шамс Хон, Мулло Ҳабит ибни Валӣ Муҳаммад, Иброҳим Ваҷеҳиддин ибни Абдул Қодир, Лукмон Ваҷеҳаддин ибни Ҳабиб Аллоҳ, Шайх Қутб Бҳаӣ Бурҳонпур, Шайх Исмоил ибни Абдуррасул ибни Метҳа Хон, Шараф Алӣ Сидҳпурӣ, Абулҳусайн ибни Иброҳим ас-Сайфӣ, Муҳаммад Алӣ Ҳамадонӣ, Ҷаъфарии Начмӣ, Муҳаммад Алӣ ва осори онҳоро, ки аз 242 номгӯй иборат аст, ном мебарад. Ин давра маҳсули замони аз соли 1138, соли фавти яке аз аввалин доиёни яманӣ - Ал-Хаттаб ибн ал-Ҳусайн ибни Абил Ҳуффоз ал-Ҳамдон то ибтидои асри ХХ-ро дар бар гирифтааст [ниг.: 4, 51-101].

Албатта, ҷойи зикри махсус аст, ки доктаринаи мазҳабию мафоҳими осори пайравони Мустаълӣ пас аз тафриқаи мазҳабӣ дар соли 1094 аз исмоилиёни пайрави низорӣ самти дигар гирифт, вале бояд иқрор кард, ки решаи ягонаи онҳо ва масъалаҳои ибтидоии имомшиносиву исломшиносӣ маҳз аз як сарчашма ғизо мегирифтанд, ва новобаста ба тафриқоту мухталифоти баъдинаи назарию амалӣ инкори чунин осоре дар ислому илми исломшиносӣ дархӯрди ҳеҷ пажӯҳандае нахоҳад буд.

Сулаймония ва боҳора ду самти як равияи мустаълия мебошанд, ки сулаймония аз дуюмиҳо бо шумори доиёни хеш тафриқа доранд, на беш. Ҳар яки онҳо низ осоре дар шавоҳид ва исботи тафаккуру тасаввури мазҳабию динии хеш боқӣ монданд. Ба қайди В.Иванов 98 номгӯйи осори соҳибмуаллиф ва бемуаллиф ба пайравону доиёни Сулаймония тааллуқ доранд [ниг.: 4, 102-108].

Қисмати дигари аҳли ислом, ки ҳанӯз дар давраҳои аввали қувват гирифтани мазҳаби исмоилӣ мустақилиятро интихоб намуда буданд, дурӯзиён мебошанд, ки адабиёташонро хеле ва хеле дар пинҳонӣ ва махфӣ нигоҳ медоштанд. Муҳаққиқ 113 маҳсули мунтахаботи адабиёти дурӯзиро дар китобаш зикр намудааст, ки дар баробари масъалаҳои динию мазҳабӣ дигар масоили ҳаётиро низ дар бар гирифтаанд [ниг.: 4, 112-125].

Афкори мухтасари муҳаққиқ дар хусуси адабиёти Низорӣ, ки дар қисмати дуюми кораш таҳти сарлавҳаи «Адабиёти исмоилии Низорӣ» омадааст, қобили ҳам таҳсин ва ҳам эрод мебошад. Ба қавли ӯ таҳти ин давра ба таври куллӣ осори ба забони форсӣ офаридашударо бо назардошти ҳатто оне, ки пеш аз давраи чудошавии низорӣ – мустаълӣ арзи вуҷуд карда буд, дар назар бояд дошт [4, 127]. Дар баробари ин, муҳаққиқ тарафдори бо номи «Мактаби Аламут» ёд кардани ин давраро алво донистааст ва зикр мекунад, ки ин ғайри қобили тафаккур аст, ки то ин давра осоре ва маҳсуле ба забони форсӣ эҷод нагардида буд. Ҳамчунин, ӯ будани маҳсуле чунинро эътироф дорад ва бо ҳукми сиёсатҳо аз байн рафтани онро низ мепазирад [4, 127].

Дар гуфтаҳои болои олим ҳам тасдиқ ва ҳам инкори фикр ба назар мерасад. Аввалан, ӯ адабиёти мазкурро таҳти унвони «Адабиёти низории исмоилӣ» ном бурда, мехоҳад адабиёти пеш аз давраи низорро низ ба он мутталлиқ шуморад. Албатта, муҳаққиқ дар ин ҷо адабиёти исмоилии форсиро дар назар дорад, ки аз ибтидо майл ва равиши исмоилиёнеро инъикос менамуд, ки онҳо баъдтар бо ҳамон

равиш дар ҷараёни низории ин мазҳаб фаъолияти хешро давом дода буданд. Ин фикрро метавон бо он санад тасдиқ намуд, ки В.Иванов Носири Хусравро низ ба ин гурӯҳ дохил намудааст. Чунончи, мегӯяд: «Мо бояд ба ин гурӯҳ (адабиёти исмоилии низорӣ – Ҳ.Қ.) инчунин, осори Носири Хусравро дохил намоем, агарчи дар ягонтое аз онҳо исми Низор мавҷуд нест ва дақиқан, онҳо пеш аз вуқӯи тафриқа (тафриқа дар мазҳаб, ки соли 1094 ба вуҷуд омад – Ҳ.Қ.) эҷод гардида буданд» [4, 128]. Аз тарафи дигар, муҳаққиқ номи дигар – «Мактаби Аламут»-ро барои ин адабиёт мегузорад ва менависад: «Албатта, мувофиқтарин унвон, ки махсусияти равияи Низориро дар адабиёти исмоилӣ муайян мекунад, «Мактаби Аламут» мебошад» [4, 127].

Дар ҳар сурат, Иванов яке аз он олимони нахустине аст, ки дар масъалаи барқарор намудани хронологияи адабиёти исмоилӣ ва махсусан, адабиёти давраи низории он кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд. Муҳаққиқ осори низории «Мактаби Аламут»-ро аз маҷмуаи Фаромини Имом бо номи «Фусули Муборак» оғоз намудаст ва бо таърихи ривоятии «Гавҳаррез», ки муҳаққиқ аз дарёфти он дасткӯтоҳ будааст, хотима мебахшад. Дар ин миён ҳамагӣ номгӯйи 64 осори муаллифӣ ва ғайримуаллифиро ёдовар мешавад, ки маҳсули имомон, доиён, нависандагон ва шоирони давраи таърихи аламути исмоилия мебошанд [4, 132-156].

Қисмати дигаре, ки олим онро «Мактаби консервативӣ» ном ниҳодааст, аз исм ва осори Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва Саййид Сӯҳроб Валии Бадахшонӣ ёдовар мешавад. Дар боби Носири Хусрав муҳаққиқ асарҳои асосӣ ва инчунин осори ба ӯ нисбатдодаро зикр намудааст. Дар мавриди Сайид Сӯҳроб Валии Бадахшонӣ бошад, аз асарҳои «Сию шаш саҳифа» ва «Равзат -ул-мутааллимин»-и ӯ маълумоти мухтасар овардааст. Дар баробари ҳамаи ин, муҳаққиқ осори пайравони равияи Муҳаммадшоҳии исмоилия («Китобҳои Муҳаммадшоҳӣ», се муаллиф ва чаҳор асар) ва адабиёти Исмоилии Сурияро (33 номгӯйи осор) низ зикр намудааст. Таҳти зерқисмати панҷуми ин қисмат адабиёти исмоилии Хоҷаҳо ва Садпантиҳои Ҳинд оварда шудаанд, ки 57 асарро ташкил медиҳад.

Осори гаронмояи исмоилӣ, ба монанди «Фусули Муборак», ки Фаромини Мубораки Имомро дар бар мегирифт, «Алфози гуҳарбор»-и Мавлоно Нуриддини Муҳаммад ибни Ҳасан ало Зикриҳиссалом, «Ҳафт боби Бобо Саййидано», ки моли Ҳасани Саббоҳ шуморида мешавад, «Таърихи Исмоилия»-и Ҳасан ибни Салоҳ, «Равзат-ут-таслим», «Сайр ва сулук», «Рисола дар тавалло ва табарро», «Матлуб-ул-муъминин» ва «Миръот -ул-муҳаққиқин»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, «Девон», «Абаднома», «Маснавӣ», «Сафарнома», маснавии «Дастурнома», маснавии «Азҳар ва Музҳир», «Рубоиёт»-и Низории Қаҳистонӣ, «Пандиёти ҷавонмардӣ», ки як навъ мунтахаби пандҳои имоми давр Мустансири сониро дар бар гирифтааст, «Панҷ сухане, ки ҳазрати Шоҳ Абдуссалом фармуданд», «Фармони Шоҳ Абдуссалом»-и Мавлоно Абдуссалом ибни ал-Мустансири Биллоҳ, «Ҳафт боби Бӯ Исҳоқ», «Таърихи Қӯҳистон»-и Абӯисҳоқи Қӯҳистонӣ, «Хайрхоҳ»-и Муҳаммад Ризо ибни Султон Ҳусайн Ғӯриёнӣ Ҳаротӣ, «Каломи Пир», «Рисолаи Хайрхоҳ», «Қитъаот», «Девони Ғарибӣ», «Фасл дар баёни шинохти Имом ва ҳуҷҷат», «Баёни шариат», «Ҷангномаи Сиистон», «Чиҳил дунё», «Қасидаи чиҳил дунё ҳазрати Амиралмуъмин Алӣ», «Саргузашти Бобо Саййидно», «Гавҳаррез», ки муаллифони асосии онҳоро то ба ҳол мушаххас кардан амри маҳол аст, «Ашъори Амрӣ»-и Амрии Шерозӣ, «Девони Хокӣ», қасидаи «Нигористон», «Тарҷеъбанд», қасидаи «Баҳористон», маснавии «Тулӯи шамс»-и Хокии Хуросонӣ, «Девони Раққомӣ» ва «Қасидаи зуррия»-и Раққомии Дизбодӣ, «Қасидаи Шоҳ Низор»-и Мавлоно шоҳ Низор, «Ибратафзо» ва рисола «Дар «Инсони комил»-и Мирзо Аҳмад Виқори Шерозӣ, «Хитоботи Олия», «Рисола дар ҳақиқати дин», «Насоеҳи саркори пир»-и Шиҳобуддин Халилуллоҳ ибни Алишоҳ, «Муноҷоти Ҳусайн», «Тазйин-ул-маҷолис», «Мавъизаи шаби ялдо», «Қасида фӣ соати Наврӯзи султонӣ», «Мавъиза фи соат ал-муборак», «Қасида фӣ ид ал-Фитр», «Қасидаи ид Ул-Адҳа», «Қасида фи авродил муъминин» ва «Сифот -ул-муъминин»-и Мирзо Ҳусайн ибни Яъқубшоҳ ибни Сӯфӣ Қоонии Хуросонӣ, «Шоҳнома» ё «Ҷангнома»-и Саййид Сулаймони Бадахшонӣ, «Осори Муҳаммадӣ»-и Муҳаммадтақӣ ибни Алӣ Ризо ибни Зайнулобуддини Маҳалотӣ, «Ҳидоят -ут-толибин» ва «Ашъори Фидоӣ»-и Фидоии Хуросонӣ, «Фазилатнома»-и Ҷалоли Бухорӣ, «Девон» ва «Девони паёми Шимол»-и Саййид Нодирхон ибни Гавҳархони Каёнӣ ва ғайра маҳз он осоре мебошанд, ки ба забони форсӣ рӯйи кор омаданд ва

мутаассифона, мафҳум, мазмун ва бадеияти онҳо барои хонандаи тоҷик то ба ҳол пӯшида мондааст.

Бо чунин назари муҷмал ба таърихи иншои адабиёти исмоилӣ, ки танҳо ба таҳқиқоти як нафар олими исломшинос андохта шуд, садҳо масъаларо метавон нопажӯҳида дарёфт, ки кори ояндаи илмҳои таърихшиносӣ, диншиносӣ, китобшиносӣ ва хосса адабиётшиносӣ мебошанд. Аз ҷумла, илми адабиётшиносии тоҷикро зарур аст, мавқеи назму насри бадеии намояндагони равияи исмоилиро дар адабиёти форсии тоҷикӣ муайян намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. A Bibliography of Ismailism. Compiled and Edited by Nagib Tajdin, Caravan Books, Delmar, New York, 1985, 180 p.
2. Daftari F. Ismaili Literature/ F.Daftari. -London, 2004, 469 p.
3. Ivanov V. A Guide to Ismaili Literature/ V.Ivanov. -London: Royal Asiatic Society, 1933, 138 p.
4. Ivanov V. Ismaili Literature: A Bibliographical Survey/ V. Ivanov. -Tehran, 1963, 203 p.
5. Mumtaz Ali Tajddin Sadik Ali. Brief History of the Shia Ismaili Imams/ Mumtaz Ali Tajddin Sadik Ali. – Karachi, 2009, 176 p.

МЕСТО ИСМАИЛИТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ТВОРЧЕСТВЕ ИВАНОВА В.А.

Термин «исмаилитская литература», или «литература исмаилизма» не нашел широкого распространения в таджикском литературоведении и практически не используется специалистами-литературоведами. Автор данной статьи даёт краткий обзор творчества выдающегося востоковеда В.А. Иванова и анализирует ее теоретические положения относительно исмаилитской литературы. Наряду с этим, в статье подчеркивается важность изучения того вклада, который внесла исмаилитская литература в персидско-таджикское литературоведение.

Ключевые слова: В.А. Иванов, исмаилитская литература, персидско-таджикская литература, эпоха Фатимидов, низариты, мусталиты.

THE PLACE OF THE ISMAILI LITERATURE IN V.A.IVANOV'S WORKS

The term of "Ismaili literature" or "Literature of Ismaili" in the Tajik-scientific literary criticism is not widespread and the same way hasn't the wide range of use among the literary scholars. The article gives a brief overview of the work of the great orientalist Vladimir Ivanov relatively Ismaili literature. The author points to the need of explore the place of Ismaili literature in Persian-Tajik literary criticism.

Key words: Ivanov V.A, Ismaili literature, Persian-Tajik literature, the Fatimid era, Nizarity, Mustality.

Сведения об авторе: ***Хоким Каландаров*** – кандидат филологических наук, старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени А.Рудаки АН РТ. Телефон: (+992) 93 489 26 26.

НАҒМАИ АСБОБҲОИ МУСИҚӢ ДАР ДОСТОНҲОИ ИШҚИИ РОМАНТИКИИ АДАБИЁТИ АСРИ XV

С.Маҳкамов

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Аз мутолиаи мероси бойи адабии адабиёти классикии форсу тоҷик мушоҳида мегардад, ки аксари онҳо дар офаридани достонҳои ишқии романтикӣ аз асбобҳои мусиқии замонавӣ ёдовар шудаанд. Ҳанӯз устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар як қатор шеърҳои худ бо маҳорати баланд навохтани асбобҳои мусиқӣ, аз қабили барбат, чанг, уд, руд, даф ва монанди инҳоро қаламдод намудааст. Байтҳои зерини худи устод Рӯдакӣ далели ин даъвост:

Рӯдакӣ **чанг** бигрифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ **суруд** андохт (1,20).

Ё худ:

Соқӣ, ту бидеҳ бодаву **мутриб**, ту бизан **руд**,
То май хӯрам имрӯз, ки вақти тараби мост (1,20).

Як қатор адибони адабиёти классикии форсу тоҷики асри XV аз қабили Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ ва Мактабии Шерозӣ ғайр аз ғазалиёт, қасоид, муқаттаот ва рубоиҳои шӯрангези худ, дар достонҳои ишқии романтикии «Саломон ва Абсол», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ширин ва Хусрав» ва «Юсуф ва Зулайхо», дар баъзе ҳолатҳо, номҳои асбобҳои мусиқии замонаашонро ба қалам дода, мутрибон ва оҳангҳои мавзунонаи онҳоро ёдоварӣ намудаанд. Чунончи, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар боби «Дар сифати заъф, пирӣ ва садди боби манфиатгирӣ

аз машоир, қуво, ҷаворех ва аъзо»-и достони «Саломон ва Абсол» дар хусуси пирӣ ва сустии ҳиссиёт, шуур, қувват ва аъзои бадани қаҳрамони лирикӣ шикоят намуда, ҳангоми ифодаи фикр маҷозан ва ё барои ташбеҳ аз асбобҳои мусиқӣ, бахусус уд, ки як навъи асбоби торноки мусиқист ва он аз чӯби хушбӯйи сиёҳранг, ки одатан бо сӯзонидан дар мичмар (зарфест, ки дар он ангишт шукуфонида, уд, сипанд ва дигар хушбӯиҳоро дуд карда, давр мезанонанд) хушбӯй медиҳад ва аз чанг (яке аз созҳои тордори камоншаклу хамида) истифода мебарад:

Умрҳо шуд то дар ин кохи куҳан,
Тори назмам баста бар **уд**и сухан.
Ҳар замон аз нав навое мезанам,
Дам зи дерин моҷарое мезанам.
Рафт умру ин наво охир нашуд,
Кост ҷон в-ин моҷаро охир нашуд.
Пушти ман чун **чанг** хам гашту ҳанӯз,
Ҳар шабе дар сози **уд**ам то ба рӯз,
Уд носозасту карда рӯзгор
Дасти **мутриб**ро зи пирӣ раъшадор.
Нағмаи ин **уд** мавзун чун бувад,
Лаҳни ин **мутриб** ба қонун чун бувад.
Вақт шуд ин **уд**ро хуш бишканам,
Баҳри бӯйи хуш дар оташ афканам.
Хом бошад **уд**ро оташ задан,
Хуш бувад дар **уд**и хом оташ задан (2,170-171).

Шоир дар боби «Хабар ёфтани Азизи Миср аз мақдами Зулайхо ва ба азимати истиқбол бархостан ва лашкариёни Мисрро ба таҷаммули тамом оростан»-и достони дигар – «Юсуф ва Зулайхо» шодиву хурсандии Азизи Мисрро дар бораи омадани Зулайхо ба Миср тараннум намуда, ба истиқболи ӯ бо фармони Азизи Миср омода будани ҳама, аз ҷумла, мутрибонро таъкид месозад:

Шакарлаб **мутрибони нуктапардоз**
Ба расми таҳнят хуш карда овоз.
Муғаннӣ чанги ишрат соз карда,
Навои хуррамӣ оғоз карда,
Ба молиш дода гӯши **уд**ро тоб,
Тарабро сохта **атвор**аш асбоб.
Навои **най** навиди васл дода,
Ба ҷон аз вай умеди васл зода.
Рубоб аз тоби ғам ҷонро амон деҳ,
Бароварда **камонча** наъраи зеҳ.
Дарафканда **даф** ин овоза зад дӯст,
К-аз ӯ дар дасти раҳкӯбон бувад пӯст.
Бад-ин ойин рух андар раҳ ниҳоданд,
Ба раҳ доди нишоту айш доданд (3,193-194).

Тавре ки мебинем, дар боби номбурда мутрибон маҳорати баланди навозандагии худро нишон дода, дучанд хизмат кардаанд. Ба назар чунин мерасад, ки гӯё худи асбобҳои мусиқии номбурда нағмапардозӣ мекунанд ва барои боз ҳам хубтару гуворотар гузаронидани вохӯрии Азизи Миср бо Зулайхо ҳисса мегузоранд.

Ҳарчанд дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ доир ба истеъмоли асбобҳои мусиқӣ бинобар сабаби надоштани ҷашнҳои таърихӣ, маъракаҳои пуршукӯҳ ва лаҳзаҳои шодиву хурсандӣ боби алоҳида ҷудо нагардидааст, аммо шоир дар чанд лаҳзаҳо, амсоли ҳангоми айшу нӯши Маҷнун бо Карима пайдо шудани ҷавони либоси арғувонпӯш ва ӯро «хайра мақдам!» гуфтани гурӯҳи мардум, ҳолати нағмагарон ва мутрибонро чунин ба қалам медиҳад:

Дар **нағма** ба соқашон **халохил**,
Чун бар кафи **мутрибон ҷалоҷил** (4,24).

Дар ҷойи дигар шоир навою фиғони мурғеро баъди шунидани ғаму андӯҳ ва доду фарёди Маҷнун, ки аз таъсири он ҳатто дили санг рахна мешуд, ин тавр меофарад:

Ӯ буд дар ин, ки мурғе аз шох
Бардошт наво ба нола густох.

Мекард чунон фиғоне аз дард,
К-андар дили санг рахна мекард.
Медод зи пурхарош овоз
Чун навҳагарон таронаҳо соз.
Аз **уд**и саҳар, ки **беватар** буд,
Ҳар лаҳза ба **парда**и дигар буд.
Ҳар дам ки зи ғам задӣ **навое**,
Аз ҳар параш омадӣ **садое**.
Гӯйӣ, ки зи нолаҳои пурҳол
Мусиқориш буд ҳар бол.
Ё худ **чанг**е зи нолаи зор
Рагҳои танаш бар он чу **атвор**.
Дар ҳар нафас устухони парҳош
Мизробзананда бар **ватарҳо**ш (4,167-168).

Дар боби «Мулоқот кардани Маҷнун бо Лайлӣ дар яке аз роҳҳо ва дар интизори муроҷаати ӯ дар мақоми ҳайрат истодан ва ошён кардани мурғ бар сари вай» шоир аз номи қаҳрамони лирикӣ дар бобати таронаи хуш ва суруди дилкаш сароидан ва суханвари беҳамто будани ӯ қисса намуда, аз ҷумла мефармояд:

Ромишгари ин **таронаи** х(в)аш,
Дастонзани ин **суруд**и дилкаш
Бар **уд**и сухан чунин кашад **тор**,
К-он монда ба **чанг**и ғам гирифтор (4,208).

Ҳотифӣ дар «Оғози қисса»-и достони «Лайлӣ ва Маҷнун» дар сини даҳсолагӣ тӯйи суннатӣ намудани Қайс, аз сарҳади Кӯфа то шаҳри Бағдод хабар кардани мардум, овардани сарвари мулки араб ва зиёфати падари Қайсро тараннум намуда, нағмаи муғанниёнро ба таври самимӣ меофарад:

Бархост **навои чангу барбат**,
Гаҳ мурғ кабоб гашту гаҳ бат.
Аз **уд** ба ҷониби садояш
Шуд шоҳ раҳӣ зи **торҳо**яш.
Най баҳри **навои** рӯҳпарвар
Гардид даҳон зи пой то сар.
Баҳри **дафи** **мутрибон**и маҳфил,
Маҳ пӯшишу Зуҳра шуд **ҷалоҷил**.
Дар **нағма**и хуш, ки **чанг** бишнуд,
Дар гӯш гирифту наъра бинмуд.
Содаписарон шукуфта чун гул,
Гардида **муғанниён** чу булбул.
Ҷоми майи арғувон ниҳода,
Лаб бар лаби дилбарони сода.
Бархоста баҳри **рақс** хубон,
Бар **нағмаи чанг** пойкӯбон (5,25).

Шоир дар боби «Қирон кардани моҳи осмонсаодат ба зуҳраи хуҷастатулӯи сипехри латофат»-и достони «Ширин ва Хусрав» шодиву хурсандӣ ва мастии шоҳи гетӣ – Хусравро пеш аз расидан ба висоли Ширин ба таври зайл тараннум мекунад:

Нишаст он шоҳи гетӣ хурраму шод,
Ба май хӯрдан салои хусравӣ дод.
Ҳарифон соғари май баргирифтанд,
Нишоту хушдилӣ аз сар гирифтанд.
Гул афшонанду май дар ҷом карданд,
Узори соқиён гулфом карданд.
Баромад **нолаи чангу чаґона**,
Тараннумҳои мутриб шуд баҳона (6,99).

Мутрибӣ низ дар базми май саҳм гузоштани Навфал ва Маҷнун, сӯзи мутриб ва маҷозан истифода шудани асбобҳои мусиқиро дар боби «Маҷлиси Навфалу ҳоли Маҷнун»-и достони «Лайлӣ ва Маҷнун» хеле табиӣ ба риштаи назм мекашад:

Рӯзе худу Навфал аз саҳаргоҳ
Буданд ба **базм**и май ба хиргоҳ.
Базме ба тарозуи ду олам,

Нозу наами биҳишт аз ӯ кам.
Гуфтӣ қаламаш, ки нақши он кард,
Аз нақши биҳишт имтиҳон кард.
Даф доира буду **чанг** – паргор,
Дил нуқтаву дар миён гирифтор.
Дилҳо чу магас кашида **оҳанг**,
Аз **парда**и анкабутии **чанг**.
Ное, ки зи **най** кашида овоз,
Чун булбуле аз пайи **наво** соз.
Мутриб чу гирифт **удр**о даст,
Аз сӯзи дарун рагаш ҳаме ҷаст.
Гесӯи **камонча** аз **тараннум**,
Савдо шуда дар димоғи мардум (7,129).

Ба ин маънӣ, нағмаи асбобҳои мусиқӣ барои пуробурангии достонҳои ишқии романтикии «Саломон ва Абсол», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ширин ва Хусрав» ва «Юсуф ва Зулайхо» ва махсусан барои барҷастагии чеҳраҳои асосии ин достонҳо то андозае кӯмак расонидаанд. Зеро пайдост, ки мутрибону навозандагон доимо дар арафаи шабҳои базму хурсандӣ, тӯйи фарзандон ва монанди инҳо ҳиссаи босазо мегузоранд. Дар арафаи базми Хусрави достони «Ширин ва Хусрав»-и Абдуллоҳи Ҳотифӣ гирд омадани мутрибу навозандагон ба ҳамин маънист. Яъне мутрибу навозандагон дар баробари дигар мухлисони ишқи озод бо навохтани оҳангу сурудани ғазалҳои шӯрангез ба подшоҳони ишқи пок – Саломону Абсол, Лайливу Маҷнун, Ширину Хусрав ва Юсуфу Зулайхо хайрхоҳӣ намуда, барои тай намудани шоҳроҳи зиндагӣ комёбиҳои беназир орзу мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абуабдуллои Рӯдакӣ. Шеърҳо /Рӯдакӣ Абуабдуллои; бо муқаддима, тартиб ва тавзеҳи У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 224 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. - (Силсилат- уз- заҳаб, Саломон ва Абсол, Туҳфат - ул - ахрор: Достонҳо) / Ҷомӣ Абдурраҳмон; ба чоп ҳозиркунандагон К. Айнӣ, А.Зуҳуриддинов. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.3 – 288 с.
3. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. (Субҳат-ул-аброр, Юсуф ва Зулайхо: Достонҳо) / Ҷомӣ Абдурраҳмон; ба чоп ҳозиркунандагон З. Аҳрорӣ, М.Мамедова. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.4. – 384 с.
4. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор (Лайлӣ ва Маҷнун, Хирадномаи Искандарӣ: /Достонҳо) / Ҷомӣ Абдураҳмон; ба чоп ҳозиркунанда А.Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.5 384 с.
5. Абдуллоҳи Ҳотифӣ. Лайлӣ ва Маҷнун / Ҳотифӣ Абдуллоҳ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи С. Асадуллоев. – Душанбе: УДТ ба номи В.И.Ленин, 1962. – 121 с.
6. Абдуллоҳи Ҳотифӣ. Ширин ва Хусрав / Абдуллоҳи Ҳотифӣ; мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ.Додалишоев. – Душанбе: Дониш, 1981. – 116 с.
7. Назриев Ҷ. Мактабии Шерозӣ ва достони ӯ “Лайлӣ ва Маҷнун”. – Душанбе: Дониш, 1983. – 188 с.

МЕЛОДИЯ МУЗЫКАЛЬНЫХ ИНСТРУМЕНТОВ В ЛЮБОВНО-РОМАНТИЧЕСКИХ ПОЭМАХ ЛИТЕРАТУРЫ XV ВЕКА

Автор в данной статье говорит о том, что персидско-таджикские поэты в своих любовно-романтических романах напоминали об использовании современных музыкальных инструментов своего времени. К ним относятся Абдуррахман Джами, Абдулло Хотифи и Мактаби Шерози, которые в своих поэмах использовали названия таких старинных музыкальных инструментов как барбат, чанг – губной музыкальный инструмент, арфа, руд – старинный струнный инструмент, флейта, бубен, рубаб, тор и т.п..

Ключевые слова: мелодия, инструмент, музыка, стихотворения, умение, игра на музыкальном инструменте, барбат, арфа, флейта, бубен, песня, музыкант, жизнь, вино, танец.

MELODY OF MUSICAL INSTRUMENTS IN LOVE-ROMANTIC POEMS LITERATURE OF THE XV CENTURY

The author of this article suggests that the Persian-Tajik poets in their love-romantic novels reminded about the use of modern musical instruments of his time. These include Abdurrahman Jami, Abdullo Хотифи and Мактаби Sherozi that in his poems used the names of such musical instruments as Barbat, Chang - mouth musical instrument, harp, ores - an ancient stringed instrument, flute, tambourine, rubab, Thor and the like.

Key words: melody instrument, music, poems, art, playing an instrument, Barbat, harp, flute, tambourine, a song, a musician, life, wine, dance.

Сведения об авторе: ***С. Махкамов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры гуманитарных наук Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования (РИПКПРСО). – Телефон:**(+992) 918-52-69-73.**

ХУСУСИЯТҲОИ АДАБӢ ВА ТАСНИФИ ОЯТҲО ДАР «ТАЪРИХНОМАИ ТАБАРӢ»

Ф. Б. Бобоев
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дар байни таълифоти зиёди фақеҳ ва муаррихи бузург Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид ибни Касир ат-Табарӣ (839-923) китобҳои «Ҷомеъ-ул-баён ан таъвили-л-Қуръон» ё «Тафсир»-и Табарӣ [6] ва «Таъриху-р-русул ва-л-мулук» ё «Таърих»-и Табарӣ [4] мақоми барҷаста доранд, зеро истеъдоду хориқаи фарҳангсолории нотакрори ӯ маҳз дар матни ҳамин асарҳо дурахши возеҳ доштааст ва онҳо «аз назари сиҳат ва иттиқони матолиб дар тамоми қуруни исломӣ пас аз муаллиф мавриди истиноду истифодаи муаррихон ва марҷаи афозилу донишмандон будааст» [10, 44].

Бояд гуфт, ки Ибни Ҷарир дар таърихномаи худ барои хусусияти воқеӣ бахшидан ба қиссаву ривоятҳо овардани ду унсури асосӣ – зикри занҷири номи ровиён ва ояти таърихдорро дар ҳар ҷо риоя кардааст. Вай зимни нақли қиссаву ривоятҳо аз сураҳои гуногун оятҳои ба матн алоқамандро истинбот карда меорад. Масалан, дар боби «Зикру амри бино-ил-байт» [4, ҷ.1, 251] муаллиф пеш аз овардани ояте, ки баъди нозил шудани он Иброҳиму Исмоил ба бино кардани хонаи Каъба пардохтанд, силсилаи исноду номи ровиён ва гунаҳои мухталифи ин ахборро ба пуррагӣ сабт менамояд. Ҳамин тавр, як оят дар ин боб зимни панҷ гунаи нақли он зикр мешавад, ки чунин аст: «Ва из бавваъно ли Иброҳима макона-л-байти» (22:26). Барои хонандаи арабизабон ин оят ба ҳеҷ тафсири иловагӣ зарурат надорад ва Табарӣ ҳам аз тафсир худдорӣ кардааст. Аммо дар тарҷумаи форсии асар иқтибоси оятҳо бояд ба сабку услуби нигориши нав мутобиқ карда мешуд. Ин кор аз ду зина иборат буд: аз як тараф, оятҳои Қуръонро дар матни асар дар асли арабии он зикр кардан ва аз тарафи дигар, маънии онро ба хонандаи даризабон бозгӯ намудан. Аз ин рӯ, ба такрор овардани оятҳову алфози қуръонӣ зимни як қисса истисно карда шуд ва дар гунаи форсӣ зарурати тарҷума ва баёни матлаби ҳар оят ба миён омад.

Муносибат ба тарҷумаи оятҳо ҳам дар «Таърихномаи Табарӣ» якранг нест. Гоҳо ҳамсони асли арабӣ овардани ояти лозима кофӣ дониста мешуд. Дар бештари ҳолатҳо барои бозгӯи маънии оят зарурати овардани тарҷумаи тафсирӣ пеш меомад. Инчунин як теъдоди муайяни оятҳо баробари зикри асли арабиаш бо як маҳорати баланд тарҷума гардидааст. Омӯзиши муқоисавии оятҳо аз матни тарҷумаи «Тафсири кабир» ва «Таърихномаи Табарӣ» собит намуд, ки онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки чанд намунааш инҳоянд:

1. «Ясъалунака ани-с-соати аёна мурсоҳо» (5:4).

Тарҷума аз тафсир: «Туро ҳамепурсанд, ки растхез кай бархезад» [5, ҷ. 6, 1616].

Тарҷума аз таърихнома: «Ё Муҳаммад, туро ҳамепурсанд аз растхез, ки кай бувад» [8, в. 14а].

2. «Қола: ҳия асоя, аттавакаъу алайҳо ва аҳушшу биҳо ало ғанами ва лия фиҳо маориба ухро» (20:18) .

Тарҷума аз тафсир: «Гуфт: «Ин асои ман аст, то бархусбам бар он ва барг бирезонам бад-он аз дарахт бар гӯспандони хеш ва маро дар он ҳоҷатҳои дигар аст» [5, ҷ. 4, 987].

Тарҷума аз таърихнома: «Гуфт ин чӯб аст ва чун гиёҳ набувад ҷойгоҳе, бад-ин асо дарахтро биҷунбонам, то барг бирезад. Ва низ ҳоҷатҳои бисёр маро бад-ин асо бувад» [8, в. 82а].

3. «Фа қуло лаҳу қавлан лаййинан лааллаҳу ятазаккару ав яхшо» (20:44).

Тарҷума аз тафсир: «Сухан нарму чарб гӯед ва сохтасозӣ макунед, то магар панд пазирад ва битарсад» [5, ҷ. 5, 1291].

Тарҷума аз таърихнома: «Шумо чун бо ӯ сухан гӯед, ба нармӣ гӯед, то бишунавад ва шумо андар пайғоми ман тақсиркарда набошед» [8, в. 84а].

4. «Қола: омантум лаҳу қабла ан озана лакум иннаҳу ла кабирукуму-л-лазӣ алламакуму-с-сиҳра. Фа ла уқаттианна айдиякум ва арҷулакум мин хилофин ва ла усаллибаннакум фӣ ҷузуъи-н-нахли ва ла таъламунна айюно ашадду азобан ва абқо» (20:77).

Тарҷума аз тафсир: «Гуфт Фираъвн: бигаравидед мар ӯро пеш аз он ки дастурӣ додам шуморо, ки устоди бузурги шумост, он ки даромӯхт шуморо ҷодуӣ. Ҳароина бибурам дастҳои шумо ва пойҳои шумо аз фово, яъне чапу рост ва бар дор кунам шуморо дар бунҳои хурмо ва то бидонед, ки кист аз мо сахттар ба азоб кардан ва боқитар» [5, ҷ. 4, 992].

Тарҷума аз таърихнома: «Шумо ба Мӯсо бигарвидед пеш аз он ки ман шуморо дастурӣ додаме ва ин худ меҳтари шумо аст ва шумо ҷодуӣ аз вай омӯхтед. Дастҳо ва пойҳоятон бибурам ва бар дор кунам, то ҳам он ҷо барбимуред» [8, в. 86б].

Ин намунаҳо гувоҳи онанд, ки сабку услуб ва роҳу равиши «Тарҷумаи тафсири Табарӣ»-ро бештар ба намунаҳои дигари тарҷума ва тафсири Қуръон таъсир гузоштааст ва «мутарҷимон баъдӣ аз ин шоҳкори забони форсӣ бахрабардории фаровон кардаанд» [1, 60]. Дар таърихнома мақсад аз тарҷума ва тафсири оятҳои қуръонӣ аслан уқдакушоии матлаби таърихӣ будааст. Вале зуҳури тарҷумаи оятҳои Қуръон дар матни асаре чун «Таърихномаи Табарӣ» чизе дигар аст. Доктор Алии Раҷоӣ, ки доир ба омӯзиши тарҷумаҳои форсии Қуръон тадқиқоти бисёре анҷом додааст, дар ин бобат ақидаи ҷолиб дорад. Ӯ он тарҷумаҳоеро меписандад, ки «барои бисёре аз алфоз ва таркиботи арабӣ вожаҳо ва баробариҳои форсӣ доранд ва маънии явмуддинро – рӯзи подошин ва рӯзи шумор ва кофирунро – ногаравидагон ва раъдро тундару баркро дурахш ва муслимро гарданниҳандаву масҷидро мазгит ё намозгоҳ овардаанд» [3, 17]. Истифода ва тарҷумаи оятҳои Қуръон дар матни ин асари тарҷумавӣ хусусусиятхои адабӣ ва бадеии ба худ хос дорад ва онҳоро ба ду гурӯҳи калон тақсим кардан мумкин аст:

1. Оятҳои тарҷуманашуда. Дар тарҷума мисли асли арабӣ зимни нақли қиссаву ривоятҳое, ки дар «Қуръон» аз он ёд мешавад, оятҳои ба он мансубро зикр мекунад. Ин иқдомро пайравӣ бо сабку услуби нигориши Табарӣ номидан мумкин аст. Ва ин услуб ба хонандагоне нигаронида шуда буд, ки аз «Қуръон» ва қиссаву ривоятҳои он огоҳӣ доштанд ва танҳо зикри оят барои донистани матлаби асосӣ кофӣ буд. Ин гурӯҳи оятҳо миқдоран зиёд нестанд ва асосан дар фаслҳои якуму дуюм бештар дучор мешаванд.

Масалан, дар фасли «Хабари Нӯҳи пайғамбар, салавоту-л-Лоҳи алайҳи» Балъамӣ меорад, ки Нӯҳ бутпараст будааст. Пас аз он чунин омадааст: «Ва Худои Таъоло ба «Қуръон» ёд карду фармуд, қавлуҳу Таъоло: «Ва қолу ло тазарунна олиҳатакум ва ло тазарунна Ваддан ва ло Сувоан ва ло Яғуса ва Яуқа ва Насро. Ва қад азаллу касиран ва ло тазиди-з-золимина илло залоло. Мимо хатиотиҳим уғриқу фа удхилу норан» (71:23-25) [9, 94]. Мақсад аз овардани ин оятҳо тасдиқ кардани он будааст, ки қавми Нӯҳ бутпараст будаанд ва Вадд, Сувоъ, Яғусу Яуқ ва Насро номи бутон аст. Ва боз дар ҳамин боб дар мавзӯи тӯфони Нӯҳ ва ғарқа шудани қавми ӯ ақидаи муаррихону муфассирон ва уламои мухталифро зикр шуда, пас аз он чунин омадааст: «Ва Худои азза ва ҷалла эдун ҳамегӯяд андар шаъни қавми Нӯҳ: «Иннаҳум кону қавма савъин фа ағрақноҳум аҷмаъин» (21:77). Ва ҳамегӯяд: «Ва ҷаъално зурриятаҳу ҳуму-л-боқина» (37:77). Гӯё чунин бармеояд, ки ояти қуръонӣ ҳамаи шакку шубҳа ва мушкилоту муаммоҳоро бартараф сохта, нуқтаи таммат би-л-хайр мегузорад.

Дар боби «Қиссаи Солеҳ-пайғамбар бо Самуд ва қавмаш» [9, 124] оятҳои қуръонӣ дар шакли муколама оварда мешаванд ва матни асар бевосита бо оятҳои қуръонӣ идома меёбанд. Агар оятҳои қуръонӣ истисно шавад, матни қисса ноқис мешавад. Вале дар асар ин оятҳо тафсиру тарҷума нашудааст: «Пас Худои азза ва ҷалла Солеҳро, алайҳи-с-салом, бад-эшон фиристод, чунон ки фармуд: «Ва ило Самуда ахоҳум Солеҳан, қола: ё қавми-ъбуду-л-Лоҳа мо лакум мин илоҳин ғайруҳу ҳува аншаакум мина-л-арзи ва-с-стаъмаракум фиҳо фа-стағфируҳу, сумма тубу илайҳи, инна Раббӣ қарибун муҷиб» (11:61). Эшон гуфтанд: «Ё Солеҳу, қад кунта фино марҷувван қабла ҳозо, а танҳоно ан наъбуда мо яъбуду обоуно» (11:62).

Ахбори Юнус ибни Маттӣ низ бо ояти қуръонӣ тамом мешавад. Фақат донишҳои қуръонӣ имкон медиҳад, ки хонанда ба кадом қиссаву ривоят алоқаманд будани ин оятҳоро муайян кунад. Дар фароварди фасли мазкури таърихномаи форсӣ чунин омадааст: «Юнус ва умматашро бипазируфт: «Фа-ҷтабоҳу раббуҳу фа ҷаллаҳу мина-с-солеҳин» (68:50). Ва Мустафоро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: «Ва ло такун ка соҳиби-л-ҳути» (68:48).

Дар фасли ба Макка сипоҳ овардани Абраҳа дар пояи ривояти китоби Табарӣ чунин нақл мешавад: «Ва ин сура дар шаъни эшон фуруд омад: «Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. А лам тара кайфа фаъала раббука би асҳоби-л-фил» (105:1). Ва сураи «Фил»-ро ба пуррагӣ дарҷ мекунад. Бо зикр кардани ин сура алоқамандии ҳаводиси таърихӣ ва каломи раббонӣ таъкид мегардад.

Айни ҳамин рафтор дар фасли оёт ва аломати муъҷизоти пайғамбари ислом ба назар мерасад. Дар он иртиботи ахбору ҳаводиси Руму Аҷам бо далолати оёти қуръонӣ тасвир меёбад. Нигориши матолиб дар ин ҷо он қадар устодона аст, ки аз матн чизеро истисно кардан номумкин аст. Зимни нақли ҳазимати Рум зикри чанд оят аз сураи «ар-Рум» иттифоқ афтодааст:

«Худои азза ва ҷалла ба сӯи пайғамбари мо, алайҳи-с-салом оят фиристоду гуфт: «Алиф лом мим. Ғулибати-р-Руму…» (30:1-2) – ило қавлиҳи «фӣ бизъа синин». Ва-л-баъзу фӣ-луғати мо фавқа-с-салосати ило-л-ашарати» [7, в. 183б].

Баррасии намунаҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки ин гурӯҳи оятҳои қуръонӣ дорои хусусиятҳои зерин аст: дар тарҷума то андозае сабку услуби нигориши Табарӣ таъсир гузоштааст, то як идда оятҳо танҳо дар асли арабӣ оварда шудааст; дар бештари ҳолатҳо зикри оёт ва сураҳои «Қуръон» алоқамандии ҳаводиси таърихӣ ва каломи раббониро таҳвият додаанд.

2. Оятҳои тарҷумашуда. Миқдори ин гурӯҳи оятҳо дар асар бисёр буда, бештар ба тарҷумаву тафсири оятҳое таваҷҷуҳ шудааст, ки чеҳраи қаҳрамонҳои асотирӣ ва таърихии он барои тамоми динҳо ва таърихи башарият умумиянд. Ин қисмати оятҳоро ба се зергурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а) Тарҷумаҳои илзомӣ. Дар таърихномаи форсӣ тарҷумаи оятҳои Қуръон вазифаи аввалиндараҷа набуд, балки барои шарҳу тафсири қиссаву ривоятҳои гуногун баъзан зарурати тарҷумаи дақиқи онҳо пеш меомад. Ин қабил тарҷумаҳо бевосита пас аз сабти гунаи арабии ояти «Қуръон» омада, баргардони онҳо басо моҳирона ва устодона анҷом пазируфтааст, ки зикри ду намуна ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунанд: «Ва лақад халақно-с-самовоти ва-л-арза ва мо байнаҳимо фӣ ситтати айёмин. Ва мо массано мин луғуб» (50:38) – «Гуфт: «Ин осмонҳо ва заминҳо ва он чи миёни ину он аст, ба шаш рӯз офаридам ва ҳаргиз наёсоям ва маро мондагӣ нарасид» [8, в. 15б]; «Иннӣ холиқун башаран мин тин» (38:71) – «Ман яке башарро хоҳам офаридан аз гил» [8, в. 19б]. Дар фасли мансуб ба офариниши оламу одам таъкиди ин оятҳо мавқеи асосӣ дорад, аз ин ҷиҳат барои хонандаи даризабон низ тарҷумаи дақиқи онҳо тақозо мешуд. Бисёр фаҳмову равон тарҷума шудани ояти «Халақтанӣ мин нор ва халақтаху мин тин» (7:12) – «Маро Ту офаридӣ аз оташ ва ӯро аз гил» [9, 42] низ ба ҳамин принсип алоқамандӣ дорад.

Бархе аз ин оятҳо ба мавзӯъҳои хусусияти умумибашарӣ дошта, ба мисли аввалин хонаи Одам дар ҷаҳон будани Каъба, далолат мекунанд, ки роҷеъ ба он дар «Қуръон» ёд мешавад: «Инна аввала байтин вузиъа ли-н-нос, ла-л-лазӣ би Бакката муборакан» (3:96) – «Нахустин хонае, ки бар замин бино карданд, хонаи Макка бувад». Айнан ҳамин тавр мукаммал дарк намудани тарҷумаи ояти зерин зарур дониста шудааст: «Фа ламмо тағашшоҳо ҳамалат ҳамлан хафифан» (7:189) – Гуфт: «Одам бо ҷуфти хеш гирд омад ва аз ӯ бор гирифт сабук». Лузуми тарҷумаи бархе дигар аз оятҳо дар ахбори Нӯҳи пайғамбар ба чашм мерасад: «Наҷҷинӣ ва ман маъия мина-л-муъминина» (26:118) – «Маро бираҳон бо ин муъминоне, ки ба мананд»; «Раббӣ, инна-бнӣ мин аҳлӣ ва инна ваъдака-л-ҳаққу» (11:85) – «Ё Раб, ин писари ман, аз аҳли ман ва ваъдаи ту ҳақ аст».

Рӯзгори Иброҳими Халил аз қиссаҳои машҳур ва дӯстдоштании ин таърихнома аст ва дар тарҷумаи оятҳо дар шакли муҳовара бисёр барҷаста омадааст: «А ло таъкулун» (51:27) – «Ин таомҳо нахӯрдед?» «Мо лакум ло тантиқун?» (38:92) – «Ва чӣ будааст, ки ҳама сухан нагӯед?» Иброҳимро биёварданду гуфтанд: «А анта фаъалта ҳозо би олиҳатино, ё Иброҳим?» (21:62) – «Ту кардӣ бо худоёни мо чунин, Иброҳим?» Гуфт, қавлуҳу Таъоло: «Қола бал фаъаллаҳу кабируҳу ҳозо. Ва-съалуҳум ин кону янтиқун» (21:63). Гуфт: «Яке кард аз меҳтарони эшон. Инак бипурседашон, агар сухан гӯянд» [9, в. 43б]. Вале тарҷумаи барҷастаи ояти «Ё нору, кунӣ бардан ва саломатан ало Иброҳима» (21:62) – «Эй оташ, сард бош бар Иброҳим сардии басаломат» маҳз ба равшан нишон додани мақому манзалат ва муъҷизоти марбут ба нубуввати Иброҳим далолат мекунад. Айни ҳамин гуна некӯ тарҷума шуданро оятҳои марбут ба Исмоилро қурбон кардани Иброҳим тақозо мекард, то воқеияти ин

қисса ба хонандагон возеҳ шавад. «Худой гуфт: «Фа башшарноҳу би ғуломин ҳалим» (37:101). Гуфто: «Иброҳимро башорат додем ба ғуломе ҳалим». Пас гуфто: «Фа ламмо балаға мааҳу-с-саъя» (37:102). Чун гуфто: «Ин писар бузург шуд, ки бо ӯ ҳампаҳлӯ тавонист буд». Қавлуҳу Таъоло: «Қола: ё бунайя, иннӣ аро фӣ-л-маноми аннӣ азбаҳука» (37:102) – «Эй писари ман, ба хоб эдун дидам, ки туро забҳ ҳамекунам». Гуфт, қавлуҳу Таъоло: «Ифъал мо туъмару» (37:102) – «Эй падар, он ки туро фармуданд, бикун» [7, в. 51б]. Дар ҷои дигари ҳамин фасл муҳовараи падару писар дар ин шакл омадааст: «Бад-ӯ гуфт: «Ё бунайя, иннӣ аро фӣ-л-маноми аннӣ азбаҳука» (37:102) – «Гуфт: «Эй писар, ман дар хоб чунин дидам, ки туро бибояд куштан». Писар гуфт, қавлуҳу Таъоло: «Ё абати, ифъал мо туъмару. Сатаҷидунӣ, ин шоа-л-Лоҳу, мина-с-собирин» (37:102). Гуфт: «Эй падар, он чи туро фармуданд, бикун. Маро аз собирон ёбӣ, агар Худой хоҳад».

Фаслҳое низ ҳастанд, ки ба бозгӯи шахсияти қаҳрамонҳои он нигоҳи некбинона ва хайрхоҳона зоҳир шудааст. Ин қабил фаслҳо афзуда ва ахбори тафсилотии зиёд доранд ва барои ноил шудан ба бадеияти бештари қиссаву ривоятҳо аксари оятҳо бо тарҷума омадааст. Ин ҳолат дар қиссаҳои Юсуф, Мӯсо ва Довуд бештар ба назар мерасад ва баръакс, дар қиссаҳои қавми Лут, Аюби Собир ва амсоли инҳо оятҳои «Қуръон» фақат дар асли арабӣ оварда мешаванд.

Дар қиссаи Юсуф зикр мешавад, ки дар Қуръон оид ба қиссаи Юсуф яксаду ёздаҳ ояти тамом мавҷуд аст. Тарҷумаи возеҳи оятҳои сураи «Юсуф» барои пурра кардани матни қисса унсури зарурӣ ҳисобида мешавад. Дар ин фасл оятҳои зерин бо тарҷума омадааст: «Лақад кона фӣ қасасиҳим ибратун ли улӣ-л-албоб» (12:111) – «Бад-он қиссаи эшон андар ибрате аст мар худовандони хирадро». Гуфто: «Наҳну нақуссу алайка аҳсана-л-қисаси би мо авҳайно илайка» (12:3) – «Қиссаҳои пешинагон бар ту бигӯем, ё Муҳаммад. Ва накӯтарин қисса ин қисса аст» [8, в. 58б]. «Юсуфро гуфт, қавлуҳу Таъоло: «Ё бунайя, ло тақсус руъёка ало ихватика. Фа якиду лака кайдан» (12:5). Гуфт: «Эй писар, ин сухан бо бародарон магӯй, ки эшон бадӣ кунанд ба ту». «Ва ахофу ан яъкулаҳу-з-зиъбу ва антум анҳу ғофилин» (12:13) – «Тарсам, ки Шумо ба коре машғул шавед ва ӯро гург бихӯрад». «Ва мо анта би муъминин лано ва лав кунно содиқин» (12:17) – «Ва ту моро устувор надорӣ ҳаргиз, ки мо ростгӯем» [7, в. 60а].

Дар фасли «Қиссаи Юсуф ва Зулайхо» пеш аз зикри ояти қуръонӣ ахбори тавзеҳотӣ ва ҳам ояти қуръонӣ дар мукаммал гардонидани матн ва бадеияти он мақоми сазовор дорад: «Ва андар ин яке сухан аст берун аз китоб: огоҳ бош, ки Юсуф дастро аз зино аз баҳри Худои Таъоло боздошт, на аз баҳри шӯи Зулайхо». «Ва лақад ҳаммат биҳи ва ҳамма биҳо, лав ло ан рао бурҳона раббиҳи» (12:24) – «Зулайхо оҳанги ӯ кард ва Юсуф низ оҳанги ӯ кард, агар на он будӣ, ки Юсуф бурҳони Худой – Худои Таъоло бидидӣ» [9, 208]. Қисме аз ин оятҳо дар шакли муҳовара бо тарҷумааш меояд: «Шаробдор нахуст ибтидо кард, гуфт: «Иннӣ аронӣ аъсиру хамран» (12:36). Шаробдор гуфт: «Ман ба хоб андар дидам, ки ҳаме ангур фишордам, шира кунам». «Ва қола-л-охару: иннӣ аронӣ аҳмилу фавқа раъсӣ хубзан, таъкулу-л-тайра минҳу» (12:36). Хонсолор гуфт: «Ман ҳам эдун дидам, ки як табақ нон бар сар ниҳодам ва мурғони ҳаво онро мехӯранд». «Наббиъино би таъвилиҳи» (12:36) – «Моро таъвили ин хоб бигӯй». «Инно нарока мина-л-муҳсинин» (12:36) – «Ки туро аз некӯкорон мешуморем» [9, 211].

Ин қабил муҳовараҳо дар қиссаи Исо низ вомехӯрад. Яке аз онҳо хабари моида аст: «Исо Эзиди Таъолоро дуъо карду гуфт: «Аллоҳумма Раббано, анзил алайно моидатан мина-с-самои» (5:114) – «Эй Худой, Моро аз осмон моида фирист. «Ва-рзуқно ва анта хайру-р-розиқин» (5:114) – «Моро рӯзӣ деҳ, ки аз ҳама рӯзидеҳон Ту беҳтарӣ». «Қола-л-Лоҳу иннӣ муназзилуҳо алайкум. Фа ман якфур баъду минкум, фа иннӣ уаззибуҳу азобан ло уаззибуҳу аҳадан мина-л-оламин» (5:115) – «Худои Таъоло гуфт: «Ман ин бифиристам туро ва ҳар ки аз он бихӯрад ва кофир шавад, ӯро азобе кунам, ки касро чунин азобе накарда бошам» [8, в. 135а].

Муносибати пухтакоронаро дар чандин намунаҳои оёти тарҷумашуда ҳам, ки ба гуфтори нубувввати пайғамбари ислом марбут аст, мушоҳида кардан мумкин аст: «Ё айюҳо-р-расулу, баллиғ мо унзила илайка мин Раббика ва ин лам тафъал фа мо баллағта рисолатаҳу ва-л-Лоҳу яъсимука мина-н-нос» (5:67) – «Эй пайғамбар, бирасон он чи ба ту фиристоданд ва агар накунӣ чунон бувад, ки пайғоми Ман ба ҳеҷ кас нарасонида бошӣ ва Худои азза ва ҷалла туро аз мардумон нигоҳ дорад» [7, в.

196а]. «Ё айюҳо-л-лазина оману кутиба алайкуму-с-сиёму камо кутиба ала-л-лазина мин қабликум» (2:183) – «Ё муъминон, рӯза бар шумо фариза кардам, ҳамчунон ки бар эшон, ки пеш аз шумо буданд» [8, в. 214а]. «Изҳаб анта ва раббука фа қотило инно ҳо ҳуно қоъидун» (5:24) – «Гуфтанд: ту бо Худоят бирав ва ҳарб кунед ва мо эдар бинишинем» [8, в.218а].

Таҳлилу баррасии тарҷумаҳои фавқуззикрро чунин ҷамъбаст намудан мумкин аст: тарҷумаи оятҳои қуръонӣ дар доираи матни умумии асари тарҷумавӣ ба вуҷуд омада, муаллиф дар назди худ ба таври махсус мақсади тарҷумаи фарогири оёти «Қуръон»-ро нагузоштааст; оятҳои тарҷумадор аслан барои пурра кардани матлаб ва бештар возеҳу равшан шудани матни асар мусоидат кардаанд. Муҳовараҳои муламмаъ дар мисоли оятҳои қуръонӣ услуби нигориш ва бадеияти асарро болотар бурдааст; дар бораи аҳамияти луғавӣ ва истилоҳоти тарҷумаи оятҳо гуфтан кофист, ки онҳо барои беҳтар ва бештар фаҳмидани матлаби мавзӯъ ва хонданӣ шудани асар сахт мусоидат кардаанд. Аз ин ҷиҳат, дар матни тарҷумаи оятҳо кӯшиши дарёфти муодилҳои форсии калимоти арабӣ кам ба назар мерасад ва дар баробари истилоҳоти форсӣ муодили арабии онҳо низ истифода шудаанд.

б) Тарҷумаи ҷузъӣ. Дар матни асар оятҳое низ ҳастанд, ки танҳо баъзе ҷумла ва ибораҳои онҳо тарҷума шудааст, ки бевосита дар атрофи он сухан доир мешавад. Аслан ин шакли тарҷума ба сабку услуби нигориши асари тарҷумавӣ бештар мувофиқ аст. Зеро барои асарҳои насрӣ дар мавзӯи таърихӣ шеваи мӯҷазбаёнӣ ва изҳори ҷавҳари матлаб барои бештар бозгӯ кардани мақсад мувофиқ аст. Масалан, дар фасли офариниши Одам ин гуна намунаҳо дучор меоянд, муаллиф онҳоро пурра не, балки қисман тарҷума кардааст: «Ва из қола Раббука ли-л-малоикати: иннӣ ҳолиқун башаран мин тин» (38:71) – «Ман башаре хоҳам офаридан аз гил» [8, в. 196а]. Ё худ дар ҷои дигар: «Пас Худои азза ва ҷалла гуфт, қавлуҳу Таъоло: «Фа-хруҷ минҳо фа иннака раҷимун ва инна алайка лаънатӣ ило явми-д-дин» (38:78). Гуфто: «Берун шав» [7, в. 20б]. Агар дар мисоли аввал барои таҳвияти сухан як ҷумлаи оят тарҷума шуда бошад, пас дар намунаи дуюм тарҷумаи як ибора барои мақсаду маънии оятро ба матн ворид намудан басанда шуморида мешавад.

Дар қиссаи Иброҳим дар боби истиғфор талабидани писар барои гуноҳони падар чунин омадааст: «Ва-ғфир ли абӣ иннаҳу кона мина-з-золлин ва ло тухзинӣ явма юбъасуна» (26:86-87) – «Гуноҳони падарам биёмурз» [8, в. 42б]. Дар қиссаи қавми Лут низ ин кор мушоҳида мешавад: «Ва ламмо ҷоат расулно Лутан сиъа биҳим ва зоқа биҳим заръан. Ва қола: ҳозо явмун асиб» (11:77) – «Имрӯз рӯзе душхор аст» [8, в. 49б]. Аз баррасии ин ду оят чунин натиҷа бармеояд, ки зимни нигориши рухдодҳо ояти қуръонии дахлдор пурра оварда мешавад, вале танҳо порчаи барои бозгӯи матлаб зарурӣ дар шакли тарҷума меояд. Дар қиссаи Юсуф ояти қуръонӣ бо тарҷумаи як ибораи аввалини он оварда мешавад: «Ва ламмо балағу ашаддаҳу, атайноҳу ҳукман ва илман. Фа казолика начзӣ-л-мӯҳсинин» (12:22) – «Пас чун солаш афзун шуд ва қувваташ биафзуд ва ба ашадд расид» [9, 205].

Аз намунаҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки оятҳои «Қуръон» бе каму кост дар шакли арабии он сабт шуда, вале дар тарҷумаи он услуби мӯҷазбаёнӣ ва дарёфти маънии аслӣ боло мегирад ва мазмуни оятҳо ба пуррагӣ не, балки қисмати барои матн бештар муҳим тарҷума шудааст. Иқтибосҳои зерин аз фаслҳои гуногун низ ин фикрро тасдиқ мекунанд: «Улқия илайя китобун карим, иннаҳу мин Сулаймона ва иннаҳу бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Ало таълу алайя ва-ътунӣ муслимин» (27:29-31). Гуфт: «Хештанро аз Ман бузургтар мадоред ва ба дини Ман андар оед» [10, 418]; «сония-снайни из ҳумо фӣ-л-ғори из яқулу ли соҳибиҳи ло таҳзан инна-л-Лоҳа маъано» (9:40) – «Ё Абӯбакр, матарс, ки Худои азза ва ҷалла бо мост» [8, в. 120б]. Ҳарчанд тарҷумаҳои ҷузъӣ дар матни асар кам вомехӯранд, вале онҳо барои ифоданок баён гардидани фикр ва фаҳмову шево шудани матн мусоидат кардаанд.

в) Тарҷумаҳои тафсирӣ. Бозгӯи тафсирии оятҳои қуръонӣ дар матни тарҷума барои бештар сайқал додани лафзи шевои порсии дарӣ мувофиқ омадааст. Дар ин қисмати оятҳои қуръонӣ асли арабӣ кам, вале тарҷума ва тафсири он бештару батафсилтар аст. Баъди матни тарҷумашудаи оят боз чанд ҷумлаи тафсирии марбут ба он оварда мешавад, ки тарҷума бе назардошти ин ҷумлаҳои тафсирӣ ноқис мемонад. Аз таҳлили ин гурӯҳи оятҳо дарёфтан мумкин аст, ки хар гоҳ пас аз оёти қуръонӣ ҷумлаҳои тафсирӣ биёянд, оят беихтиёр аз хаёли хонанда нопадид мешавад. Ин тадбир завқи хонандаро ба бадеияти оятҳои қуръонӣ баланд месозад ва то

андозае аз побанди матни таърихӣ будан берун меорад. Ин ҳолатро дар мисолҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст: «Гӯяд: «Ли-л-Лоҳи-л-воҳиди-л-қаҳҳор» (40:16) – «Ва гӯяд: мулк Худойрост – воҳид. Яке Худое, ки ӯро анбоз нест ва ёр нест. Агар ҳама халкро бимиронад, қаҳр кунад» [8, в. 18б]. Ду чумлаи охирин дар ин ҷо барои бозгӯ ва тафсири матлаб ба тафсилоти тӯлонӣ мубаддал гаштааст. «Ва ба Қуръон андар ёд кард, қавлуҳу Таъоло: «Ва аллама Одама-л-асмоа куллаҳо, сумма аразаҳум ало-л-малоикати» (2:31) – «Ҳар чи бар рӯи замин ва андар ҳаво чиз аст, ки ӯро ном аст, аз замину гавҳару обу дарёву чаҳорпой ва регу биёбону даду дому ҷаҳандаву савоиму баҳоими замин ва он чи андар осмон ва раъду барқу ҳар чизе, ки бар замин асту бар осмон ва андар ин миён ӯро ном аст аз номҳо, ӯро биёмӯхт. Ва ҳеҷ кас аз фариштагон ин намедонистанд» [9, 43]. Дар қиссаи Мӯсо бошад ин ояти машҳури қуръонӣ он қадар шевою батафсил тарҷума шудааст, ки ҳар калимаи он тафсири некӯ гирифтааст». «Ва-с-салому ало мани-т-табаъа-л-ҳудо» (20:47) – «Саломи Худо бар он кас, ки ӯ фармони Худойро мутобеъ шавад ва Худойро парастад ва аз бутону дини кофирӣ даст боздорад» [8, в. 83б].

Ҷойи дигар дар иртибот ба нубуввати Мӯсо чунин меорад: «Рабби аринӣ анзур илайка» (7:143) – «Ё Раб, бар ман фазл кардӣ ва сухани хеш маро бишунавонидӣ, ҳам ба фазли хеш маро дидор бинамой, ки қавм аз ман дармехоҳанд» [7, в. 93б]. Ин гуна тафсир дар ояти зерин низ бисёр хуб омадааст: «Ё қавми-дхулу-л-арза-л-муқаддасата-л-латӣ катаба-л-Лоҳу лакум» (5:21) – «Эй мардумон, бад-он замини муқаддас шавед ва бо он кофирон, ки андар он заминанд, ҳарб кунед, то Худой он замин Шуморо диҳад ва он душманонро ҳалок кунад, чунон ки Фиръавнро ҳалок кард ва мулки Миср шуморо дод» [8, в. 105б].

Баъзан зимни тарҷумаи ин қабил оятҳо забони тарҷума то андозае содаву шево мегардад ва ибораву калимаҳои мардумӣ истифода мешавад. Масалан, дар оятҳои зерин ин ҷиҳат барчаста баён гардидааст: «А ҷоеъун анта ам атшону, фа арвика, ам урёну, фа аксука» (4:25) – «Агар гуруснаӣ, то-т сер кунам ва агар ташнаӣ, то-т об диҳам ва агар бараҳнаӣ, то-т бипӯшам ва агар залилӣ, азизат кунам ва агар ситамрасидаӣ, то-т нусрат диҳам ва агар беморӣ, шифо фиристам» [2, 335]. «Фа қола аҳатту би мо лам туҳит биҳи ва ҷиътука мин Сабаин би набаин яқин» (27:22) – «Он бидонистам, ки ту надонистӣ ва хабари Сабо овардам ва қиссаи Балқису шаҳрҳош ва хушию ҷӯйҳову бӯстонҳош» [2, 344]. Дар хабари Юнус бошад як қисмати оят чунин тарҷума шудааст: «Ва казолика нунҷи-л-мӯъминин» (21:28) – «Ва ҳамчунин муъминонро, ҳар ки ӯро бихонад андар сахтӣ, ман ӯро фарёдрасам ва бираҳонамаш» [8, 105б].

Таҳлилу баррасии тарзи иқтибоси оятҳои қуръонӣ ва вежагиҳои тарҷумаи онҳо дар таърихномаи порсӣ бар он ишорат мекунанд, ки тамоми маводди илмӣ, таърихӣ ва адабӣ барои таъмини бадеият равона гардидааст, то дар шакли тарҷума асари мазмунан ва сифатан ҷавобгӯ ба ормонҳои аҳвоми эронитабор пайдо шавад. Тарҷумаву тафсир ва бозгӯи оятҳои «Қуръон» барои хонданӣ ва равону оммафаҳм шудани қиссаву ривоятҳои таърихӣ роҳи дуруст ҳамвор кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулманнон Насриддини Хуҷандӣ. Ошноӣ бо тарҷумаҳои форсии Қуръони карим дар Тоҷикистон ва Эрон/ Абдулманнон Насриддини Хуҷандӣ. – Теҳрон, 1385. – 155 с.
2. Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ / Бо муқаддима ва тавзеҳоти М. Умаров ва Ф. Бобоев. – Теҳрон, «Замон», 2001. – Ҷилди 1. – 817 с.
3. Матне аз қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ / Муаррифии Қуръони хаттии мутарҷами шумори 4 аз дуктур Алии Рачоӣ. – Машҳад, 1970. – 71 с.
4. Табарӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русул ва-л-мулук/ Табарӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир. –Қоҳира: Дорулмаориф, 1988. – Ҷ. 1. – 579 с.
5. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ / Ба тасҳеҳи дуктур Ҳабиби Яғмоӣ. – Теҳрон, 1342. – Дар 7 ҷ.
6. Тафсиру-т-Табарӣ ли Абиҷаъфар Муҳаммад ибн Ҷарир ат-Табарӣ (224-310 ҳ.) / Таҳқиқу-д-дуктур Абдуллоҳ ибни Абдулмуҳсин ат-Туркӣ. – Қоҳира, «Дор-ул-Ҳиҷр», 2001. – Дар 30 ҷилд.
7. Таърихи Табарии форсӣ / Дастнависи Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи акад. А. Мирзоев. – № 1039.
8. Таърихи Табарии форсӣ / Дастнависи Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи акад. А. Мирзоев. – № 2000.
9. Таърихномаи Табарӣ – гардонидаи мансуб ба Балъамӣ / Бо тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Равшан. – Теҳрон, «Суруш», 1999. – Ҷ. 1. – 682 с..
10. Шиҳобӣ А. Аҳвол ва осори Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ/ А.Шиҳобӣ. – Теҳрон, 1335. – 94 с.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ И КЛАССИФИКАЦИЯ АЯТОВ В «ИСТОРИИ ТАБАРИ»

В данной статье анализируются литературные особенности коранических отрывков и их классификации в персидской версии «Истории Табари». Каждая группа аятов Корана снабжена конкретными примерами из содержания текста книги. Коранические стихи придают весомый литературный колорит мифологическим и историческим повествованиям, а также способствуют более яркому восприятию исторической прозы.

Ключевые слова: «История Табари», цитирование коранических стихов, классификация заимствованных аятов, литературный колорит, историческая проза.

LITERARY FEATURES AND CLASSIFICATION OF QUR'ANIC VERSES IN "HISTORY OF TABARI"

The paper examines the literary features of Quranic passages and their classification in the Persian version of the "History of Tabari". Each group of Qur'anic verses is provided concrete examples from the text content of the chronicle. Quranic verses give a significant literary flavor to mythological and historical narratives, as well as contribute to a more vivid perception of historical prose.

Key words: "History of Tabari ", citing the Quranic verses, classification of the borrowed verses, literary flavor, historical prose.

Сведения об авторе: ***Файзулло Бобоев*** – кандидат филологических наук, старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ. Телефон**: (+992) 907842090.** E-mail: **arab62@mail**

АҲАМИЯТИ ПЕДАГОГИИ РОМАНҲОИ ТАЪРИХӢ

Замирахон Ӯлмасова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ҳамаи рукнҳои ҷомеа нақши худро гузошт. Дар ин давра ба туфайли вусъати худогоҳии миллӣ, вахдату ягонагӣ дар ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар мактабу мадорис дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба адабиёти навини тоҷик низ таъсири бевосита расониданд.

Вазифаи ҳар як фарди миллатхоҳи тоҷик, бахусус омӯзгор ба толибилмон таълим додани таърихи бузурги миллати хеш, дар онҳо бедор намудани шуури миллӣ, ҳифзи марзу бум, дӯст доштани ватани азиз ба ҳисоб меравад. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар пешгуфтори китоби Б. Ғафуров «Тоҷикон» чунин фармудааст: «Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки ин барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Яъне миллат бояд аз гузаштаи худ, -хоҳ дурахшон бошад, хоҳ тира, сабақ бигирад ва дурнамои ояндаашро муайян бисозад» [2,4].

Фанни таъриху адабиёт ба ҳам тавъаманд ва яке аз масъалаҳои мубрами таълим ба донишандӯз фаҳмонида тавонистани моҳияти ҳодисаҳои дар ҷомеа ба вуқӯъ омада, дарки он аст. Зеро агар кас пешгузаштагони худро надонад аз фаъолияти сиёсиву фарҳангии онҳо бархурдор набошад, «дурнамои оянда»-и худро муайян карда наметавонад. Бинобар ин, аввалан бояд таърихи миллати хешро омӯхт, дарк намуд ва баъд ба хонандагон таълим дод. Қаҳрамонони халқӣ, монанди Абӯмуслим, Муқаннаъ, Спитамен, Маздак, Восеъ, сарварони қаҳрамону фидокор ҳамчун Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, ниҳоят зиёиёни сарсупурди миллӣ, ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Аҳмади Дониш, С. Айнӣ нафаронеанд, ки бояд барои ҷавонони имрӯзи мо мояи ифтихор ва шоёни пайравӣ бишаванд. Қаҳрамонони номбурда ва дигар шахсиятҳои таърихӣ, ки дар дигаргунсозӣ, инқилоби фикрӣ ва худшносии миллии халқи тоҷик нақши муайяне гузоштааст, чи дар таърихномаҳои гузашта ва чӣ дар осори илмии донишмандони муосири тоҷик баҳои шоиста гирифтаанд.

Ин буд, ки аҳли адаби тоҷик ба дуриҳои дур назари тадқиқотӣ – бадеӣ дӯхтанд, ба таърих аз дидгоҳи нав назар афкандаанд. Ҳамаи ин боиси ба вуҷуд омадани романи таърихии сиёсӣ, романи ичтимоӣ, романи биографӣ, романи публисистӣ, романи ҳаҷвӣ, романи хамосавӣ, романи маишӣ, романи моҷароӣ гардид, ки барои ташаккул ва тафаккури миллии хонандагон нақши муҳиме гузошта метавонанд.

Воқеаҳои муҳими сиёсӣ ва фарҳангие, ки дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадаанд, доираи мавзӯъ, мазмуни ғоявӣ ва санъати сухани аҳли адабро ҳусни тоза ато карданд, ба пешрафти адабиёт, аз он ҷумла романи таърихӣ мусоидат намуданд.

Агар дар давраи шӯравӣ танҳо даҳ романи таърихӣ ва нимтаърихӣ (истилоҳи адабиётшиноси эронӣ Муҳаммад Ғулом) навишта шуда бошанд, ҳудуди бист соли истиқлол (1991-2010) зиёда аз сӣ романи таърихӣ таълиф гардид, ки ҳар яки он ба мавзӯи алоҳидаи гузаштаи халқ бахшида шудааст. Нахустин асарҳои таърихии адабиёти давраи истиқлол романҳои М. Солеҳ «Девори Хуросон» (1999), Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» (2001), А.Зоҳир «Мунтасир» ба ҳисоб мераванд, ки ба бузургдошти Давлати Сомониён ва поягузори он Исмоили Сомонӣ бахшида шудаанд. Асарҳои дар фавқ зикршуда хонандагонро дар рӯҳи ватандӯстӣ, қаҳрамонӣ, пос доштани хотираи неки гузаштагон тарбия мекунанд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ барои дониши мукаммали таърихӣ гирифтан шароити хубе фароҳам омад. Толибилмон метавонанд аз асарҳои бадеӣ – таърихӣ васеъ истифода баранд. Шахсияти дигаре, ки барои пайдо шудани романҳои таърихӣ мусоидат кардааст Искандари Мақдунист. Бояд қайд кард, ки ҳаёти Искандар дар адабиёти тоҷик мавзӯи нав нест. Он дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагони омӯзонида мешуд. Классикони назми форсӣ-тоҷикӣ Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Низомӣ дар «Искандарнома», Ҷомӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ» лашкаркашии ӯро ба Эрон ва Мовароуннаҳр тавсиф ва Искандарро ҳамчун шоҳи идеалӣ тасвир карда буданд. Манзури онҳо аз тасвири идеалии образи Искандар тавассути он тарбия кардани амирони замони худ маҳсуб мешуд, то ки онҳо адолатпарвар бишаванд.

Дар давраи истиқлолияти миллии Тоҷикистон асарҳое таълиф шуданд, ки мақсади «кишваркушоӣ»-и Искандари Мақдунӣ ва симои мураккаби ӯро дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ реалистона ба тасвир гирифтаанд. Романи таърихии Сорбон «Достони писари Худо» (2006), романи Давлатшоҳи Тоҳирӣ «Рухшона» (1999) ва ғайра ба равандҳои таърихӣ, амалиёти халқ ва шахсиятҳои намоёни он замон асосан баҳои ҳаққонӣ додаанд.

Романҳои таърихӣ оид ба Искандари Мақдунӣ ба адабиёти навини тоҷик мавзӯи хориҷии қадимро ворид кард. Ин мавзӯъ аз Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин бо романи «Зиндагиномаи Чҷан Тсян ё худ Шоҳроҳи абрешим» (2004) Чҷан Тсян дар романи «Садди Суғд» (2005) вусат ёфт. Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин замонҳои дур ва шахсиятҳои таърихиро дар иртиботи ҳамдигар тасвир карда, вобастагии тақдири халқҳоро ба якдигар нишон додаанд. Бесабаб нест, ки қаҳрамони романи «Шоҳроҳи абрешим» Чҷан Тсян дар романи «Садди Суғд» ба сифати мушовири Искандар инъикос ёфтааст. А. Ҳамдам ва Л. Чигрин кӯшиш ба харҷ доданд, ки нақши сафири Чинро на танҳо дар кушодани Шоҳроҳи абрешим нишон диҳанд, балки дар роҳи дӯстӣ ва иттиҳоди аҳвоми аҷдоди тоҷикон низ тасвир намоянд. Романҳои номбурда, аз як тараф, ба зулму таадӣ ва куштору сӯхторҳои душманони аҷнабӣ, ҳамчун Искандари Мақдунӣ тоб овардан ва ба ҳиссиёти баланди ватанхоҳӣ алайҳи ғосибон муборизе бурда, ҳастии худ ва давлати худро нигоҳ доштани аҷдоди кабири моро ба тасвир оваранд, аз ҷониби дигар, решаҳои дӯстӣ ва ҳамкории онҳоро бо мамолики хориҷӣ, аз қабили давлати бузурги Чин нишон медиҳанд. Суҷети ҳар яке аз асарҳои мазкур дар атрофи қаҳрамониҳои халқ ва шуҷоату ҷонфишониҳои фарзандони диловари он, ҳамчун Шерак ва Спитамен инкишоф ёфтаанд. Ин қаҳрамонон дар ҷангҳои нобаробар сар диҳанд ҳам сир намедиҳанд ва ҳар як ваҷаби хоки ватани худро ҳифз мекунанд. Ин рафтори қаҳрамонон ба тарбияи ҷавонони баркамол мусоидат мекунанд. Бесабаб нест, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Б. Ғафуров барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷанговарони тоҷик аз адибон эҷоди асарҳои таърихиву қаҳрамониро хоҳиш карда буд то муборизони роҳи озодӣ аз онҳо дарси ибрат омӯзанд. Ва С. Айнӣ гуфтаҳои сарвари давлати он замонро ба инобат гирифта ду очерки таърихӣ-адабиро бо номи «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ба силки тасвир кашид, то ҷанговарони миллат қаҳрамониҳои бемислу монанди Муқаннаву Темурмаликро дар худ дошта бошанд [2, 31-32].

Нависандагони тоҷик ба таърих ҳар қадар ҷарфтар сар фурӯ баранд, симоҳои бузурги таърихиро дар осори худ бештар тасвир намуда. Мазмуну моҳияти фаъолияти эшонро возеҳтар боз менамоянд. Аз ин лиҳоз романи таърихии Б. Абдурраҳмон «Куруши Кабир» (2006) ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Дар ин роман фаъолияти гуногунҷабҳаи асосгузор ва шоҳи сулолаи Ҳахоманишиён Куруши Кабир, ки бисту ҳашт сол дар сари қудрат будааст, инъикос ёфтааст. Нависанда нақши ӯро дар

вусъати марзҳои қаламрави худ бо образ ва манзараҳои бадеӣ нишон дода тавонистааст.

Романи дигари таърихӣ, ки аз тарафи нависандагон А. Ҳамдам ва Л. Чигрин эҷод шудааст «Озар аз Устурушан ё шамшери Спартак» (2007) мебошад. Дар ин асар сухан дар бораи сарнавишти аҷиб ва саргузашти оҳангар Озар, ки дар асри 1 қабл аз милод зиндагӣ кардааст, меравад. Тақдири рӯзгор шахсияти таърихиро ба Хитойи Қадим ва Рими Қадим овард, ки дар он ҷо ӯ ба ғуломӣ афтода оқибат бо талошҳои зиёд ба озодӣ баромад. Дар Рими Қадим ӯ бо лақаби «Форс» машҳур буд ва яке аз дӯстони наздики Спартак ба ҳисоб мерафт.

Бояд таъкид кард, ки муддати ҳафтод соли шӯравӣ танҳо чор романи таърихии биографӣ эҷод шудааст, дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон худшиносии миллӣ боло рафт ва панҷ романи таърихӣ – Аъзам Сидқӣ «Пайроҳаи қисмат»(1993) ва «Захми қасос» (2007), Р. Ёрмуҳаммад «Ишқи Рӯдакӣ» (2008), Сорбон «Туғрал» (2009), Шодон Ҳаниф «Беҳзод» (2007) нашр шуданд.

Таҷлили ҷашнвораҳо ба тафаккури маънавии халқ таъсири хуб расонида, маърифатнокии онҳоро баланд мебардорад. Ҷашни 1150 солагии поягузори назми форс –тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ на танҳо боиси нашрҳои тозаи «Ашъор»-и Рӯдакӣ (2007) ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (2007) аз силсилаи «Ахтари адаб» ба вуҷуд омадани тадқиқоти илмӣ, балки яке аз сабабҳои эҷоди асарҳои бадеӣ ҳам гардид. Романи нависанда Р. Ёрмуҳаммад «Ишқи Рӯдакӣ» (2008) низ ба ҳамин муносибат рӯйи чопро дидааст. Муаллиф дар ин асар кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳамаи маводи роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти Рӯдакӣ ҷамъ шударо аз ҳайси бадеӣ таҳлилу ҷамъбаст кунад, ҷараёни зиндагии шоир ва муносибатҳои тарафайни ӯро бо аъёну ашроф, амиру вазир, мардуми ранҷбар, аҳли оила, ёру дӯстон, шоирону ҳунармандон ва дигар табақоти ҷомеа нишон диҳад, образи ӯро дар замина ва алоқамандона бо вазъи сиёсию иҷтимоӣ, ҷараёнҳои динию мазҳабӣ ва майлу рағбати нерӯҳои пешқадами замони шоирро дар роҳи истеҳкоми аввалин давлати миллии тоҷикон – давлати Сомониён ба риштаи тасвир кашад. Таълими шарҳи ҳоли Рӯдакӣ, осори бозмондаи ӯ, таҳлил ва ташреҳи қасидаҳо, андарзҳои Рӯдакӣ ба барномаҳои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ворид гардидааст. Агар хонандагон дар вақти таълим бевосита аз асарҳои нависандагони тоҷик баҳрабардорӣ кунанд, он вақт омӯзиши шарҳи ҳоли сардафтари адабиёти классики форс-тоҷик Рӯдакӣ, осори пурғановати ӯ, таҳлил ва шарҳи осори бозмондаи ӯ амиқтару мукаммалтар мегардад.

Асари дигари шарҳи ҳолӣ, романи А. Сидқӣ «Пайроҳаи қисмат» мебошад, ки дар бораи яке аз ғазалсароёни машҳур, Камоли Хуҷандӣ маълумот медиҳад. Ин гуна асарҳо боиси жарфтар омӯхтани рӯзгори пурфоҷиаи шоир ва барои тадқиқи осори гаронмояи классики адабиёти форс-тоҷик мусоидат мекунад.

Асари дигари А. Сидқӣ «Захми қасос, дар асоси сарчашмаҳои муътамад – ашъори Дилшоди Барно, рисолаи ӯ «Таърихи муҳоҷирон» ва муқаддимаи Сулаймонқули Роҷӣ ба девони ин шоираи ҷасур эҷод шудааст. Табиист, ки А. Сидқӣ дар романи худ аз тахайюли бадеӣ фаровон истифода бурдааст. Он ба воқеаҳои пурфоҷиаи юриши амири Қӯқанд Умархон (1810-1822) ба вилояти Истаравшан, ғоратгарию кушторҳои бераҳмонаи ӯ ва тақдири шоираи тоҷик Дилшоди Барно бо ашъори пурифтихораш, бо иродаи мустаҳками занона, ҳифз намудани хоки Ватан, дар вақти тангдастӣ дастгири мардуми заҳматкаш шудан, пос доштани нангу номуси худ умуман бо ҳама хислату рафтори қудратмандаш боиси тарбияи насли наврас мегардад.

Яке аз нависандагони таърихнигор Сорбон «Туғрал»-ро эҷод кард. Романи мазкур асари таърихии тарҷумаиҳолӣ буда, ҷараёни зиндагӣ ва кору пайкори шоири соҳибистеъдоди тоҷик Нақибхон Туғрали Аҳрориро (1864-1919) дар бар мегирад. Роман бо воқеаҳои таърихӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии водии Зарафшон дар арафа ва солҳои Инқилоби болшевикии Русия дар соли 1917 робитаи мустаҳкм дорад, зеро фаъолияти иҷтимоии Туғрал ҳамчун раиси кумитаи замини ноҳияи Фалғар ва равнақу ривоҷи шоирии ӯ дар ҳамин давра ҷараён доштааст Аз ин рӯ, масъалаи асосии романи «Туғрал» муносибати шоир ба инқилоб ва ҳаёти нав, дӯстон ва душманони сохти нави ҷамъиятӣ ба шумор меояд. Ин асар барои шинохти шахсиятҳои алоҳида (дӯстро аз душман фарқ карда тавонистан-З.Ӯ.) мусоидат мекунад.

Дар ин давра романҳое, ба майдони адабиёт омаданд, ки як давраи муайяни таърихиро фаро гирифта, бо тахайюли бадеӣ офарида шудаанд. Дар ин навъи романҳо ҳам образҳои бофтаю сохта ва ҳам шахсиятҳои таърихӣ амал мекунанд. Нависанда А. Самад романи «Гардиши девбод» (2007)-ро, ки таҷдиди назар ба ҳаёти халқ, на танҳо дар замони шӯравӣ, балки рӯзгори мураккаби он дар се давраи таърихӣ – давраи инқилоб ва оқибатҳои он, замони ҷанги зидди фашистӣ ва барқарорсозии хоҷагии халқ, солҳои аввали муқовимати байни тоҷикон, бо нигоҳи тоза ва маҳорати баланд ба риштаи тасвир мекашад. А. Самад тамоми фоҷиаҳои дар як аср ба сари халқу мамлакат омада ҳам инқилоби сурх, ҳам таъқибу бадарға, ҳам ҷанги дуюми ҷаҳон, ҳам чанги моҷарои байни ҳамдигарии тоҷиконро «гардиши девбод» меномад. Ин гуна нависандагон бо асарҳои таърихии худ савияи дониши хонадагонро баланд бардошта барои дарки таърихи миллати хеш ҳиссагузор ҳастанд.

Асарҳои мазкур амиқрафти тафаккури таърихӣ, равнақу ривоҷи худогоҳии миллӣ, ҳиссиёти баланди ватанхоҳӣ ва ифтихори миллии халқро ифода менамояд, ва барои рушди тафаккури миллии ҷавонон хизмат мекунанд.

Чунонки аз назар гузашт, роман дар таърихи адабиёти ҳар як халқи мутамаддин, аз он ҷумла халқи тоҷик, ба туфайли ба вуқӯъ омадани воқеаҳои бузурги сиёсию ичтимоӣ ва гардишҳои намоён дар ҳаёти ҷомеа, дар натиҷаи ғалабаи ҳаёти нав ва падидаҳои тозаи он дар ҷомеа арзи ҳастӣ кардааст. Бинобар ин, аҳли адаб имконияти васеъ пайдо намуданд, ки ба таърихи миллати хеш назари тоза андӯзанд, онро таҳқиқ намоянд ва дар асарҳои худ инъикос кунанд. Бинобар ин, таълими ин гуна асарҳо, ки дар онҳо ҳифзи ватанхоҳӣ, худогоҳии миллӣ, тарбияи ҷавонон ба воситаи қаҳрамонони мусбати асар мебошад, зарур аст.

Романҳои таърихии давраи истиқлол маводи хубест барои педагогон, методистон, муаллимони таърихи халқи тоҷик.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффоров У. Алломаи замон/ У.Ғаффоров. – Хуҷанд: Вароруд, 1998. – 373 с.
2. Раҳмон Э. Сарчашмаи худшиносии миллӣ/ Э.Раҳмон // Б.Ғафуров. Тоҷикон. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С. 1-5.

ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ИСТОРИЧЕСКОГО РОМАНА

После приобретения независимости в Таджикистане наравне с другими отраслями культуры, мощный импульс получила качественно новая свободная литература. Статья посвящена проблеме роли и значения исторического романа в патриотическом воспитании молодёжи, особенно подрастающего поколения. Автор убедительно показывает, что изучение исторических романов содействует повышению самосознания, углублению исторического мышления и воспитанию молодежи.

Ключевые слова: современная таджикская литература, исторический роман, национальное самосознание, национальное историческое мышление, развитие исторического романа.

PECULIARITIES OF THE DEVELOPMENT OF A HISTORICAL NOVEL IN MODERN TAJIK LITERATURE

After gaining independence, alongside with other branches of culture in Tajikistan the qualitatively new free literature got a powerful impetus. An abrupt elevation of national self-consciousness profundity of historical thinking national pride and the sense of national unity preconditioned a demand for a historical genre in Modern literature.

The article is devoted to the problem of role and signife-cance of historical novel in patriotic npbrinqinq of youth particularly the rising generation. The author convincingly in dictates that studinq of historical novels persuades elevation of national self-consciousness deep profound of historical thinking in upbringing of youth.

Key words: modern Tajik literature, historical novel, national identity, national historical thinking, the development of historical novel.

Сведения об авторе: ***З. Ульмасова*** **–** кандидат филологических наук, доцент, докторант Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова. -Телефон: (+992) **987-04-44-70 .**

МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҚИССАИ «ШОҲИИ ЯПОН»-И ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Зебуннисо Ёрова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фазлиддин Муҳаммадиев аз зумраи нависандагони сермаҳсули адабиёти давраи нави тоҷик буда, бо асарҳои пурмазмуну баландғояаш мухлисони зиёде пайдо карда, соҳиби эҳтироми хонандагони сершумор гардида буд. Асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он низ мухлисони зиёде дорад. Зеро нависанда бо қиссаҳои «Одамони кӯҳна», «Дар он дунё», «Зайнаббибӣ», ҳикояҳои «Созе мунаввар», «Рӯзи дафни усто Оқил», «Хиёбони Нодир», романи «Палатаи кунҷакӣ» ва инчунин қиссаи «Шоҳии япон» дар насри тоҷик «насри андешаро» ворид сохт. Ҳар яке аз ин асарҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки Фазлиддин Муҳаммадиев нависандаи нозукбину нозукхаёл аст.

Офирадаҳои Фазлиддин Муҳаммадиев аз рӯзҳои аввал диққати мунаққидону олимонро ба худ ҷалб намуда, ҳар як асари нави ӯ мавриди баҳси чи мунаққидони тоҷик ва чи рус гардидааст. Мунаққидону адабиётшиносон Я. Брил [3], А. Битов [2]. Ҷ. Бақозода [1], Л. Демидчик [4], М. Муллоҷонов [5], А. Сайфуллоев [11], В Оскотский [10], Ю. Суровсев [13], М. Шакурӣ [17], С. Табаров [14], Б. Тилавов [16] ва дигарон оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ин нависандаи боистеъдоди тоҷик фикру ақоиди худро баён кардаанд.

Ба назари мо, Фазлиддин Муҳаммадиев аз он сабаб дар байни хонандагон маҳбубияти махсус пайдо кард, ки масъалаҳои асосии замони моро фикр мекард ва ин ҳам муҳим аст, ки бисёр амиқ ва аз дилу ҷон фикр мекард. Ҳар як асари ӯ хоҳ хурд, хоҳ калон маҳсули фикру андешаҳои доманадоре мебошад.

Дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев қиссаи «Шоҳии япон» яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Аз чоп баромадан ва мақбули хонандагони сершумор гардидани ин асар боз як бори дигар маҳорати баланди насрнависии муаллифро нишон дод. Фазлиддин Муҳаммадиев дар қиссаи «Шоҳии япон» образи коргари пешқадами заводи сементпазӣ Баракаро хеле реалистона тасвир кардааст. Дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев пештар аз чопи ин қисса як қатор асарҳое низ мавҷуд буданд, ки ба мавзӯи меҳнати ҳалоли синфи коргар бахшида шуда буданд. Ба ин гурӯҳ очеркҳои «Як рӯз», «Қоил ман», романи «Палатаи кунҷакӣ», қиссаҳои «Варта», «Одамони кӯҳна» ва ғайра дохил мешаванд.

Қиссаи «Шоҳии япон» низ давоми мантиқии ҳамин асарҳост. Қаҳрамони асар вобаста ба шароити давр шахси ҳамаҷиҳата пешқадам нишон дода шудааст. Қаҳрамони нависанда дар асар шахсест, ки аз камбудиҳои мавҷуда ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода намешавад. Дар қиссаи «Шоҳии япон» бисёр вақтҳо баҳсу моҷароҳои гӯё шахсӣ ба задухӯрдҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто идеологию синфӣ мубаддал мегарданд. Ахлоқу тарзи зиндагии неки инсон бо сарватҷамъкунӣ ва молимардумхӯрӣ барин хислатҳо мухолифанд.

Баъди нашри қиссаи «Шоҳии япон» дар саҳифаи матбуот мақолаҳои мунаққидон С. Табаров [14; 15], А. Сайфуллоев [11; 12], Р. Мусулмонқулов [6] аз чоп баромаданд, ки муаллифон доир ба паҳлӯҳои гуногуни асар фикру мулоҳизаҳои худро иброз доштаанд.

Аввалин маротиба доир ба повести «Шоҳии япон» мунаққид Соҳиб Табаров тақризе навишта, асарро ҳаматарафа таҳлилу тадқиқ намуда, ба он баҳои ҳаққонӣ ва некбинона додааст [15].

Бояд қайд кард, ки ин тақриз як навъ роҳнамои ояндаи мунаққидон доир ба таҳлил ва тадқиқи қиссаи «Шоҳии япон» гардид. Мо ҳам баъди мутолиаи асару тақризҳо ба чунин хулоса омадем, ки Фазлиддин Муҳаммадиев тавонистааст, образи коргари ҳаматарафа пешқадамро кашф кунад. Ба ҳамин тариқ, қиссаи «Шоҳии япон» маданияти насри тоҷикро баланд бардошта, дар қатори беҳтарин асарҳои солҳои 80-уми асри гузашта гузошта шудааст. Ин аст, ки мавзӯи синфи коргар ва симои бадеии он дар адабиёти тоҷик дар солҳои ҳаштодум бештар аҳамият пайдо кард. Ин мавзӯъ дар эҷодиёти нависандаи боистеъдоди тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев низ ҷойи асосиро ишғол мекард ва ӯ дар кашфи чунин образҳо ба муваффақият ноил гардида буд.

«Шоҳии япон» бори дигар шаҳодат медиҳад, ки Фазлиддин Муҳаммадиев камолоти одамро на дар маълумот ва ҳунар, балки дар одамгарӣ мебинад. Образи марказии асар - акаи Барака, ки шахси калонсоли наберадор аст, дар муқобили писари маълумотдор ва кордону ҳунарманди худ - Равшан гузошта шудааст. Нуктаи характернок ҳам ҳамин аст, ки на писар, балки падар инсони комил аст. Баъдан, рафтору кирдор, муносибат, ҷаҳонбинии ҳар як қаҳрамони нависанда ҳаётӣ ва боварибахшанд. Мисол, акаи Барака писарашро гӯшмол медиҳад, гӯшмоли ҳақиқие, ки «чашмони ӯ аз ашк пур шудааст». Тасаввур бояд кард, ки писар худ писардор аст, яъне шахси баркамол мебошад. Акаи Барака дар дилаш дуруст мегӯяд, ки «ба гӯшмол хӯрдани йигит ҳеҷ гоҳ дер намешавад» (8,71). Инро ҳам бояд илова кард, ки акаи Барака танбеҳи писарро тибқи анъанаи халқ, на дар ҳузури зану келинаш, балки дар танҳоӣ медиҳад. Боз акаи Барака корҳои писарашро дида, қабат-қабат гӯшт ҳам мегирад, лекин аз таъриф худдорӣ мекунад.

Дар қиссаи «Шоҳии япон» образи марказии асар акаи Барака типи коргари одист, ки бахти худро дар меҳнат мебинад. Нависанда дар ин асараш нисбат ба асарҳои пештарааш ба мавзӯи ахлоқ бо назари наве нигаристааст. Дар қиссаи «Шоҳии япон» масъалаи асосӣ ин аст, ки барои инсон фақат ҳалолкориву поквиҷдонӣ кам аст, балки бояд ӯ барои дар роҳи рост ҳидоят намудани фарзандон низ кӯшиш кунад.

Фазлиддин Муҳаммадиев дар қисса хислатҳои наҷибтарини одамони навро ба воситаи дар маркази асар гузоштани мавзӯи меҳнат ва пеш аз ҳама меҳнати ҳалоли акаи Барака ва устоди ӯ Петерс Вебер ва дигарон мекушояд. Меҳнатро бо тамоми ҷиҳатҳои дигари зиндагии ҳарсоатаю ҳаррӯзаи ин қаҳрамон пайванд месозад.

Нависанда дар асар масъалаи муҳим ва хеле мухталифи замонашро ба миён гузошта, дар бораи онҳо муҳокима меронад ва хонандаро низ водор мекунад, ки ба моҳияти ҳақиқии воқеаҳои ҳаррӯзаи зиндагӣ бо чашми хирад ва накӯкорӣ назар афканад. Хонанда ба фаъолияти меҳнатию ҷамъиятии қаҳрамонони асар шиносо гардида, дар симои онҳо таҷассум ёфтани беҳтарин хислатҳои инсонро мебинад.

Дар асар нависанда зебоию ғановати маънавии инсон, ҳаёти пурмазмуни мардуми соҳибиқболи тоҷикро тараннум намуда, камбудию нуқсонҳоеро, ки дар ҷамъият ба мушоҳида мерасиданд, мазаммат мекунад ва дар навбати худ аз ҳар шахс фаъолияти пурбаракати меҳнатӣ, серталаб буданро талаб мекунад.

Нависанда дар натиҷаи дақиқназарӣ ва бо фаросат дарёфтан аз байни воқеаҳои бисёри мураккаб яке аз онҳоро интихоб намуда, дигар воқеаҳоро тавассути ҳамин воқеаи асосӣ ба қалам медиҳад. Қиссаи «Шоҳии япон» замонавӣ буда, нависанда ҳангоми интихоби мавзӯъ ба маҳорати эҷодкорӣ ва таҷрибае, ки ҳангоми офаридани асарҳои пешина ҳосил кардааст, такя намудааст. Қиссаи «Шоҳии япон» дар адабиёти шӯравии тоҷик сухани тоза буда, аз дастовардҳои ғоявию бадеии насри он давр шаҳодат медиҳад. Дар қисса муҳимтарин равандҳои иҷтимоӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва маишӣ бо санъат ва маҳорати баланд аз назари таҳлил гузаштааст ва ба таври бадеӣ ҷамъбаст шудааст.

Мундариҷаи қиссаи «Шоҳии япон»-ро воқеаву рӯйдодҳое ташкил додаанд, ки онҳо дар рафти фаъолияти акаи Барака ва муносибати ӯ ба кору одамони гирду атроф ва оилаву ҳамкоронаш сар задаанд. Нависанда гӯё мехоҳад бигӯяд, ки фазилати шахсияти инсонӣ на бо кадом навъи фаъолиятро интихоб ва чӣ гуна мавқеъро дар ҷамъият ишғол намудани одамон, балки дар доираи муносибати бошууронаи онҳо ба ҳаёт ва идеалҳои ҳидоятгари онҳо муайян мегардад. Дар қиссаи нависанда таҳаввули характери Баракаро хеле равшан тасвир мекунад. Нависанда ҷаҳони маънавӣ, доираи назари акаи Барака, занаш, келинашро нишон медиҳад, ки онҳо одамони ниҳоят аҷиб, ҳалиму меҳрубон ва хушсуҳбатанд. Адиб ба тамоми ҳодисаву воқеаҳои бамушоҳидагирифтааш аз назари қаҳрамони марказӣ - акаи Барака менигарад. Вай қаҳрамони худро дар тамоми асар шахси ба ҷамъият нафъовар ба қалам медиҳад. Баъзан, андешаҳои Бибиробиа, Гулбаҳор ва Петерс барин қаҳрамонҳои асар дар ҳалли бадеии мавзӯи повест ба кӯмаки акаи Барака меоянд. Касби устоӣ ба вай солорию ботамкинӣ ва нисбат ба беадолатӣ, ҳаннотону мансабхоҳон беамонӣ парваридааст. Образи акаи Барака, ба фикри мо, комёбии эҷодии нависанда аст. Вай марди ҳақиқӣ ва инсондӯст аст. Бинобар ин, ӯ ба беадолатию ҳаромхӯрӣ, мансабхоҳӣ ва шуҳратпарастӣ бефарқ нест.

Чи хеле ки мебинем, Фазлиддин Муҳаммадиев дар қиссаи «Шоҳии япон» мавзӯи синфи коргари замонашро вобаста ба масъалаҳои ахлоқ ба миён мегузорад, ки чунин ҷасорати муаллиф, бешубҳа, қобили таҳният аст. Муҳим он аст, ки Фазлиддин Муҳаммадиев дар офариниши образ ва нишон додани хислату ҷаҳонбинии коргари тоҷик кӯшидааст. Қаҳрамонони қиссаи «Шоҳии япон» алалхусус Барака типи коргари муосири тоҷик аст, ки дар замони инқилоби илмию техникӣ умр ба сар бурда, чун тимсоли бадеии коргари муосир ба олами сиёсат, илм ва меҳнат дода мешавад.

Дар қисса ҳарбу зарби хислатҳо ҳоло ба дараҷаи ҷиноят, парокандагии оилаҳо ва корҳои ҷиддию ахлоқӣ ва этикӣ нарасидааст. Фазлиддин Муҳаммадиев меҳнатдӯстӣ, одамгарӣ, хушрафторӣ, босаводӣ ва дигар хислатҳои неки акаи Баракаро бо маҳорати баланд инъикос кардааст. Одаму одамгарӣ, дӯстию рафоқат барин беҳтарин хислатҳои инсонӣ дар ҳар як лавҳаи қисса ва муносибати акаи Барака бо Петерс Вебер, Гулбаҳору Бибиробиа, Равшану Сабина дар муносибатҳои неки ҳамаи қаҳрамонони мусбат ҳувайдо мегарданд.

Қиссаи «Шоҳии япон» аз ҷиҳати шаклу мазмун навоварона аст. Дар он сужаҳои батафсил ба таври эпикӣ нақл намешаванд, балки қаҳрамон саргузашти худро ба андеша мегирад, муносибатҳои шахсӣ ва ҷамъиятияшро дар вазъиятҳои масъулиятнок ва душвор таҳлил намуда, ақидаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқияшро месанҷад. Масалан, Барака дар давоми ду рӯз тамоми ҷараёни зиндагонӣ ва муносибати худро бо ҳамкорон аз лавҳи хотир мегузаронад. Ин аст, ки ҷанбаи равонӣ ва лирикии ин образ хеле пурқувват аст. Дар асар, дар тасвири нависанда акаи Барака ва устоди ӯ Петерс Вебер, ки ҳоло ҳарду устоҳои таҷрибадору номдори заводи семент ва дӯстони наздиктарину ҳамкорони содиқ мебошанд, воқеӣ инъикос ёфтаанд. Фазлиддин Муҳаммадиев дар рӯҳияю хислатҳои ин ду коргар, ки яке тоҷик ва дигаре немис мебошанд, ҳаммаслакӣ ва ҳамраъйии одамони замони навро хеле равшан тасвир менамояд.

Қиссаи «Шоҳии япон» аз ҷиҳати сужаи ғайримуқаррарӣ, банду басти бадеӣ ва офариниши хислатҳои нотакрор асари ҳақиқатан навоварона аст. Ин фазилати асар дар тасвири фаъолияти меҳнатӣ ва нуқтаи назари персонажҳо ба имрӯзу фардои ҷамъият низ хеле возеҳ ифода ёфтааст. Қаҳрамонони қисса одамони меҳнатию поквиҷдон ва инсондӯст мебошанд. Ин хислати онҳо моҳияти асарро пурқувват кардааст. Мундариҷаи асар, хатти сужа ва образҳо ба талаботи жанри қисса, бо мавзӯъ ва ғояи асар пурра вобаста гардидаанд. Образҳои асар, алалхусус образи қаҳрамони марказӣ акаи Барака, Петерс Вебер ва дигарон бо хусусияти талаботи мавзӯъ ва ҳадафи нависанда хеле олиҷаноб ва зебо ба вуҷуд оварда шудааст. Дар асар тасвири манзараҳои табиат, монологҳои ботинӣ ва роҳҳои гуногуни диалогсозӣ моҳирона ифода гардида, сабаби таъмин шудани ягонагию рабти мустаҳкам, мазмуну шакли асар шудаанд.

Идеали нависанда дар қиссаи «Шоҳии япон» акаи Барака аст, ки ӯ маҳз дорои хислатҳои хубу наҷиби инсонӣ мебошад. Қаҳрамони офаридаи нависанда ба маънои том коргари моҳир буда, ҳамеша барои дар сари вақт иҷро гардидани нақшаҳои давлатӣ кӯшиш мекунад. Акаи Барака мехост, ки аъзоёни бригадаашон бо меҳнати ҳалол дар корхонаашон сазовори ҳурмату эҳтиром бошанд. Барои ин вай бо коргарон муомилаи хуш намуда, аз онҳо иҷрои нақшаро талаб мекард.

Офариниши чунин асарҳо қимати калони тарбиявию эстетикӣ доранд. Нависанда дар фаъолияти меҳнатии акаи Барака диққати хонандаро барои интихоби дурусти ихтисоси оянда ҳидоят мекунад. Ҳамчунин дар зиндагӣ шахси бовиҷдону боинсоф ва ба ҳар кори фармудаи Ватан тайёр буданро талқин мекунад. Ба шахсони ҳаромхӯру молпараст нафрин мехонад, зеро ахлоқи ношоистаи онҳо ӯро ба ташвиш меорад: «Магар дар устохонаи либосдӯзӣ аз номи дигарон барои аз шоҳии япон, атласи намози шом курта дӯхтан, ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр карда, он молҳоро аз ғорат бурдан ба ахлоқи ҷамъияти мо, ба тарзи советии рӯзгор муносиб аст?» Ин гуна мисолҳо дар ҳаёти ӯ кам нестанд.

Маҳорати баланди насрнависӣ ба муаллиф имконият додааст, ки ҳангоми офаридани образи марказии асар - акаи Барака тамоми ҷиҳатҳои хислати ӯро ба хонандагон кушоду равшан нишон диҳад.

Фазлиддин Муҳаммадиев дар қиссаи «Шоҳии япон» образи намояндаи синфи коргар ва тақдири ӯро то ба дараҷаи ҷавобгарии шахс дар назди коллектив ва

ҷамъият, алоқамандии мустаҳками ҳамаи наслҳо бо сарварии чунин коргар инъикос менамояд. Вай ба мавқеи иҷтимоӣ ва олами маънавии инсон сар фурӯ бурда, моҳияти ҳастӣ ва амалиёти ӯро бо услубҳои реалистӣ, романтикӣ ва публитсистӣ таҳлил ва ҷамъбаст мекунад.

Дар асар Барака зиндагию кору хизматҳои ҳар як роҳбар, аз ҷумла худро бе халқ, бе мардуми меҳнаткаш тасаввур карда наметавонад. Дар хулқу атвор ва хислати худи ӯ ҷудоӣ аз одамон дида намешавад. Ӯ ягон хизматашро бе мададу ёрии доимии халқ, бе меҳнати якҷоя бо онҳо тасаввур намекунад.

Ба қисмҳо ва ҷузъҳо тақсим кардани воҳидҳои архитектоника, устухонбандӣ ва сужа дар ин услуб хеле васеъ паҳн гардидааст. Гарчанде дар насри муосир ба ҳиссаҳо ҷудо намудани қиссаю романҳоро на ҳама нависандагон дастгирӣ мекунанд, вале чунин тарзи тасвир имтиёзи калон дорад. Чунин равияи тасвир барои кушодани моҳияти масъалаҳо, нишон додани неку бад, дастгирӣ кардани хайр ва мазаммат намудани кирдори шар ҳам мадад мерасонад. Масалан, ба воситаи истифодаи чунин навъи тасвир дар мисоли ба шуъбаи корҳои дохилӣ даъват шудани акаи Барака, ба фикру андеша афтодани ӯ образҳои нав ба нави қисса пурқувваттар мегарданд. Чунончи: «Чӣ айбе аз ӯ гузаштааст, ки имрӯз ШКД даъват мекунад?

Ин хабар ба корхона расад, хуш аз сари ёронаш хоҳад парид. Акаи Барака дар завод яке аз одамони баобрӯй ва шуҳратманд аст. Шаш сол аст, ки комитети партиявии завод аст.

Не, гуноҳе надорад акаи Барака» [8,52].

Муаллиф то охир ин гуна тасвирҳоро ба ҳисса-ҳисса ҷудо мекунад. Акаи Барака ба фикру андеша ғӯта зада, гузаштаву имрӯзаи худаш ва ҳамсараш Бибиробиаро ҷо-ҷо ба хотир меорад: ҳангоми кор, ҳангоми суҳбат ин ё он лаҳзаи аз сар гузаронида ва ё шунидаашро.

«Дар ин қарибиҳо ба ҷанҷоле шарик нашудаам, -аз дил мегузаронд ӯ. Ҳатто шоҳиди хархашае набудам, ки номам ба ҳуҷҷате зикр шуда бошад ва милитсия барои шаҳодат ҷеғ занад.

Эҳтимол ин даъват ба автомобил вобаста бошад…» [8,23-31].

Бояд гуфт, ки ҳангоми мутолиаи ҳар як асар диққати хонанда пеш аз ҳама ба ҳаёт ва фаъолияти образҳои мусбати он нигаронида мешавад. Ҳар як нависанда хусусияти хоси қаҳрамонофарии худро дорад. Дар асарҳои адибони муосири мо образи ҷавонмардоне, ки аз табақаи аҳли меҳнат ва соҳиби дили бузург, некхоҳу ростқавл бошанд, кам нестанд. Акаи Барака, Петерс Вебер, Гулбаҳор, Бибиробиа ва Элза барин шахсон образҳои мусбати асар ба ҳисоб мераванд.

Образи марказии қиссаи «Шоҳии япон» акаи Барака низ бо бисёр хислатҳояш образҳои намояндагони аҳли меҳнатро аз асарҳои устод Айнӣ, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Юсуфҷон Акобиров, Муҳиддин Хоҷаев, Ҷумъа Одинаев ва бисёр дигар нависандагон ба хотир меорад. Нависанда кӯшиш кардааст, ки дар ҳар лаҳза хонандаро бо ягон ҷиҳати хислати қаҳрамони худ шинос гардонад. Ин аст, ки нависанда дар қисса қаҳрамони марказиро хеле хуб ва моҳирона ба қалам додааст.

Акаи Барака дар оилаи деҳқони камбағал тарбия ёфта, ҳангоми ҷавонӣ азобҳои бисёре кашидааст. Барака аз падару модар дар бачагӣ ятим монд. Шояд азобу ранҷҳои кашидааш буд, ки ӯ дар зиндагӣ шахси ҳалолкору поквиҷдон шуда, ҳамеша баҳри беҳбудии ҳаёти халқаш хизмат мекунад. Чунонки қайд кардем, акаи Барака дар қисса инсони комил, шахси меҳнатдӯст ба қалам дода шудааст. Акаи Барака марди ҳақиқӣ ва пеш аз ҳама ғамхори одамон аст. Ӯ баръакси хислатҳои ношоями писараш дар бораи тақдири минбаъдаи одамон фикр мекунад.

Дилписанд будани ҳамаи хислатҳои акаи Барака ба ҳамкорон ва наздиконаш аз самимияти худашон сар мезанад. Аз хислатҳои неки худашон ибтидо мегирад, ки барҷастатарини он кӯшиши ба рафиқон ва ҳамкорони пиру ҷавон ҳарчи бештар некӣ кардан аст. Маҳз ҳамин сифат боис шудааст, ки ӯ муддати дарозе дар як корхона кор карда, аз корҳои ҷамъиятӣ, аз адои супоришҳои серташвишу заҳматталаби иловагӣ боре рӯй натофтааст.

Мисоли дигари инсони нек будани ӯро баҳри беҳбудиҳои ҳаёт муборизаи бурданаш исбот мекунад. Акаи Барака аз моликияти ҷамъиятӣ сарфакорона истифода мебурд. Нисбат ба онҳо худро ҳамчун як шахси масъул медонист.

Ҳамин ҷиҳатҳои образи акаи Барака бо образҳои Зиёбобо ва Ахрор-амак аз қиссаи «Одамони кӯҳна» мувофиқат мекунад. Нависанда дар ин асар ҳаёти

Зиёбоборо бо ҷузъиёти ибратбахш нишон дода, диққати хонандаро асосан ба тафаккуру тааммули ӯ ҷалб мекунад ва таъкид месозад, ки вай бо вуҷуди нафақахӯр буданаш аз ҳаёти мамлакат дар канор намондааст. Вай одамро ободкунандаи ҷаҳон мешуморад. Ҳатто ба нақшаи меъмории як гӯшаи шаҳр муқобил мебарояд ва муваффақ мешавад, ки дар як қисми майдони он ба ҷойи майхона боғчаи бачагон созанд.

Беҳтарин хислатҳои Зиёбобо дар образи Аҳрорамак такмил ва таҷассум ёфтаанд. Ба ибораи дигар, Аҳрорамак низ монанди Зиёбобо марди меҳнатдӯсту хоксор, поктинату қавиирода аст, вале доираи назараш нисбатан васеътар, амалиёташ фаъолонатар, муҳокимаронияш ҷиддӣ ва ҳукмаш қатъӣ мебошад. Вай ҳамчун коргари пешқадами пункти пахта типи иҷтимоиест, ки муҳимтарин хислатҳои коргаронро муҷассам намудааст. Тамаллуқ, фиребгарӣ ва хиёнат на фақат ба Аҳрорамак бегона аст, балки ӯ нисбат ба чунин одатҳои бад нафрат дорад. Баъзан ӯ бар зидди онҳо ҷасурона муборизa мебарад, дуздию қаллобӣ, ошнобозию бемасъулиятии баъзе роҳбарони ноҳияро фош менамояд.

Бо ҳамин восита, Фазлиддин Муҳаммадиев Зиёбобо ва Аҳрорамакро ҳамчун қаҳрамонони замони худ хеле бомаҳоратона ба қалам додааст. Бо мурури замон қаҳрамонҳои баъдинаи асарҳои нависанда вобаста ба замони зиндагии хеш шахсони ҳамаҷиҳата ташаккулёфта тасвир мешаванд, ки мо инро дар образи акаи Барака ба зуддӣ ҳис кардем.

Наздикии образи акаи Баракаро бо образи Саидбек аз қиссаи дигари нависанда «Варта», ки соли 1983 чоп шудааст, дида метавонем. Ҳар ду қаҳрамон ҳам одамони бомаърифатанд. Барака марди миёнасоли соҳибтаҷриба, Саидбек мутахассиси ҷавон аст. Ҳарду ҳам ба ҷараёни ҳаёти ҷамъият, мавқеи одамони нав дар он, аз рӯйи принсип ва идеалҳои олии инсонӣ муносибат мекунанд. Сифатҳои олии синфи коргар, боғайратӣ, поктинатӣ, аҳлӣ, меҳнатдӯстӣ, роҳбарии беминнат ба хидмати ҷамъият дар симои онҳо таҷассум ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки онҳо ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти бад, бадахлоқӣ ва беадолатӣ муборизa мебаранд, яке аз дигаре зиёдтар ба ташвиш меафтад. Андешапарварию худтаҳлилсозӣ, нигоҳи танқидӣ ба аъмоли хеш ва ибратомӯзӣ аз ёру дӯстони ҳамкор онҳоро аз роҳи ҳақиқату адолат ва оштипазирӣ бо разолат ҳидоят мекунад. Зиддиятнокии фикру ақидаҳои Равшан, беадолатии домоди акаи Барака ва монанди инҳо ба нависанда имкон додаанд, ки падару писарро ҳамчун типҳои реалию ҳаётӣ инъикос намояд. Акаи Барака дар охири асар чунин хулоса мебарорад: «То худ зиндаӣ, бояд ҳолдони пайванди худ бошӣ». Фикри асосии нависанда гӯё дар ҳамин хулоса ифода шудааст.

Дар асар образи устоди Барака Петерс Вебер низ хеле диққатҷалбкунанда мебошад. Аз рӯзи аввали ба кор омадани акаи Барака Петерс бо ӯ ҳамчун дӯсти ҳақиқӣ муносибат мекард. Дар давоми чандин соле, ки онҳо дар як ҷо кор мекарданд, бо якдигар хеле наздик шинос буданд. Ин ду оилаи гуногунмиллат, ки яке немис асту дигаре тоҷик ҳамеша ва дар ҳама ҳолат шарики ғаму шодии якдигар буданд. Ӯ дар корхона яке аз коргарони пешқадам буда, садҳо Барака барин шогирдонро ба воя расондааст.

Нахустин шахсе, ки дар заводи семент ба ӯ меҳрубонӣ ва парастории карда, сонитар ҳунари сементпазиро низ бо майли тамом ва дили кушод ба ӯ омӯзонидааст, ҳамин Петерс буд. Петерс низ дар корхона ҳамчун коргари пешқадам дар байни коллектив обрӯ дошт. Ӯ ҳамчун устои ҳақиқӣ бо тамоми қуввааш барои пеш аз муҳлат иҷро кардани плани корхонаашон кӯшишу ғайрат мекунад.

Нависанда дар асар Петерсро низ нисбат ба Барака шахси хеле ғамхору меҳрубон нишон додааст. Петерс низ баробари акаи Барака барои ислоҳи фарзанди ӯ кӯшиш мекунад ва барои тарбияи инсони ҳақиқӣ муборизa мебарад.

Дар тамоми эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев зан ҳамчун як олиҳаи ҳусн, як олиҳаи латиф, ҳалиму инсондӯст, шахси поку вафодор ба қалам дода мешавад, фарди ҷамоатчӣ ва бо мардон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти моддӣ ва маънавӣ баробарҳуқуқ низ инъикос меёбад, ки дар ин масъала муаллими ӯ устод Айнӣ ва Ҳаким Карим аст. Дар офариниши образи Бибиробиа низ тамоми ин хислатҳо аз тарафи нависанда равшан нишон дода шудааст. Бибиробиа аз хурдӣ бо аҳли оилаи акаи Барака зиста, аз ғаму андӯҳи якдигар огоҳ буданд. Бибиробиа ба хонаи онҳо омадурафт карда, ба модари пири Барака, ки хеле дардманд буд, ёрӣ мерасонад. Баъди хонадоршавиашон низ адиб Бибиробиаро ҳамчун зани ҳалиму меҳрубон тасвир кардааст.

Образи дигаре, ки ҳангоми мутолиаи асар диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад, образи келини акаи Барака - Гулбаҳор мебошад. Аз саҳифаҳои аввали асар Гулбаҳор ҳамчун зани меҳнатдӯсту бомаърифат ва ҳалиму меҳрубон ба қалам дода шудааст. Ӯ занест, ки ҳурмату эҳтироми аҳли оилаашонро вазифаи аввалиндараҷаи худ мешуморад. Ӯ ҳамеша мекӯшад, ки дар оилаашон хушбахтиву оромӣ ҳукмфармо бошад. Ҳамин хислатҳои хуби ӯянд, ки акаи Барака ва занаш ӯро хеле дӯст медоранд. Образи Гулбаҳор ҳамчун образи зани хушахлоқи замон нишон дода шудааст. Хонанда бовар мекунад, ки Гулбаҳор дар кадом шароит бошад, аз роҳи худ пас намегардад. Ин сифати хислати қаҳрамон дар меҳнати фидокорона, дар муносибати фарзандӣ нисбат ба Бибиробиа ва акаи Барака зоҳир гаштааст.

Дар қиссаи «Шоҳии япон» нависанда дар баробари офаридани образҳои шахсони меҳнатдӯсту ватанпарвар, хоксору қавиирода дар бораи одамоне низ сухан меронад, ки боиси ақибмонии ҷомеа мегардиданд. Ҳангоми офаридани образҳои ин гуна шахсон муаллиф пеш аз ҳама кӯшидааст, ки ҷиҳатҳои ба мардум ва ҷамъият зараровари онҳоро нишон диҳад.

Равшан дар асар аз қабили ашхосест, ки ба шахсияти инсон иснод меоварад. Вай гарчанде дар оилаи шахси поквиҷдони меҳнатдӯст ба воя расида бошад ҳам, баъзан корҳоеро аз падараш пинҳонӣ анҷом медиҳад.

Аввалин рафтори ношоистае, ки аз тарафи Равшан содир карда мешавад, маст ба хона омада, бо занаш ҷанг кардани ӯст. Вале маҳорати баланди нависандагӣ имкон додааст, ки адиб бо нишон додани манзараи суҳбати падар бо писар ин камбудии Равшан ислоҳ шавад. Нависанда қаҳрамонашро дар ҳолати рушду камоли маънавӣ нишон дода, масъалаи муносибати ҷиддӣ ба зиндагӣ, масъалаи масъулиятшиносии маънавии шахсро пеш гузоштааст. Дар асар идеали нависанда акаи Барака аст, ки хислати ӯ ба ҷиҳатҳои асосии қаҳрамонони нависанда умумият пайдо кардааст.

Бояд гуфт, ки мундариҷаи қиссаро воқеаву рӯйдодҳое ташкил додаанд, ки онҳо дар фаъолияти акаи Барака ва муносибати ӯ ба кору рафтори одамони гирду атроф ва оилаву ҳамкоронаш сар задаанд. Ин ҷо пеш аз ҳама оҳанги нақли нависандаро таъкид кардан лозим аст, ки дар он ба ҳам омехтани овози нависандаю қаҳрамон ва мустақилият пайдо кардани садои қаҳрамон ҳис мешавад. Яъне, роҳи тасвир аз нигоштани рафтору амалиёт ба андешаву муҳокима ва баръакс сурат гирифтааст. Ин имконият додааст, ки нависанда амалу андеша ва ҷунбишҳои рӯҳии қаҳрамони асосӣ Баракаро баробар ба тасвир гирифта, образи Петерс Веберро бо сифатҳои асосиаш намоён созад. Хусусан, нақши Барака бо тамкини хоси падарона, иродаи қавӣ ва хусусиятҳои калонсолонааш, ки табиӣ баромадааст, аз комёбиҳои муаллиф маҳсуб меёбад. Нависанда дар образи ин қаҳрамони худ шахсеро, ки бо тамоми ҳастӣ ба номи пуршарафи инсонӣ лоиқ аст, нишон додааст.

Образҳои дигари асар, чун Петерс Вебер, Элза-хола, Гулбаҳор, Бибиробиа низ аз тарафи нависанда чун шахсони намунаи ибрат дар зиндагӣ, чун одамони ба ҷамъият даркорӣ ба қалам дода шудаанд.

Фазлиддин Муҳаммадиев нависандаест, ки дар тамоми асарҳояш ба масъалаи инсону инсонгарӣ диққати ҷиддӣ медод. Инсонро шинохтан кори душвор аст. Барои ин нависандаро лозим меомад, ки ба ботини одам сар фурӯ барад, зеро намуди зоҳирии одам баёнгари чӣ гуна инсон будани он шуда наметавонад, аммо дар ботини инсон ҳама сирру асрори одамиро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Аз ин назар, як ҷиҳати асарофарии Фазлиддин Муҳаммадиев дар одамшиносии ӯ будааст, ки дар мисоли акаи Барака дар қисса ба мушоҳида мерасад. Барои акаи Барака ҳар як пешравию муваффақияти корхонааш бахти баландест. Дар ин ҳангом ӯ худро озод, рӯҳбаланд ҳис мекард. Акаи Барака ҳамчун образи бадеӣ ба талаботи таърифи инсону инсонгарӣ ҷавоб дода метавонад. Пеш аз ҳама ӯ худ инсони поктинат аст. Ҳамин ҷиҳатро дар фарзандон низ тарбия карданӣ мешавад.

Фазлиддин Муҳаммадиев дар қисса ҳамчун нависандаи рамузфаҳму рӯҳшинос ба рӯҳия ва ҷаҳони ботинии одамон - қаҳрамонони худ бештар диққат медод. Қимати калони ғоявию асосии муайянкунандаи симои ҳар як қаҳрамонро дар муносибаташ ба инсони дигар, ба меҳнат, ба коллектив муайян мекард.

Ҳамин тариқ, Фазлиддин Муҳаммадиев дар қисса қаҳрамонҳои худро ҳамаҷиҳата таҳлил намудааст. Нависанда ба воситаи таҳлили равонӣ на танҳо ҷиҳатҳои муҳимми хислати образҳоро таъкид намудааст. Инчунин, ба воситаи

тасвири ботинии ҷузъҳо ва тағйироти рӯҳӣ манзараи зиндаи вазъияти қаҳрамонро пайдо кардааст. Танҳо як хусусияте, ки ба назари мо он қадар кушода нашудааст, образҳои манфӣ мебошад.

Нависанда дар характери ин образҳо баъзе камбудиҳои давронашро, ки аз тарафи ҷавонон содир мешуданд, нишон додаст, вале доираи амалиёти ин образҳо хеле маҳдуд аст. Нависанда танҳо бо ду-се лаҳза ҷиҳатҳои бади образҳои манфиро нишон медиҳад. Аз тақризҳои чопшуда низ танҳо дар навиштаи мунаққид Соҳиб Табаров ба таҳлили ин образҳо диққат дода шудаасту халос. Дар бораи образи домоди акаи Барака низ ҳамчунин. Мо наметавонем аз тасвири нависанда дар бораи сабабҳои сар задании ахлоқи бади ин қаҳрамонон маълумоти пурра гирем. Чуноне ки қайд кардем, образҳои манфии асар танҳо дар андешаҳои қаҳрамонҳои марказии асар нишон дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, Фазлиддин Муҳаммадиев бо асарҳои баландғояи худ дар адабиёти тоҷик мақоми арзанда дорад. Яке аз хусусиятҳои хоси эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев диққат додан ба маънавиёти бойи инсон ва гузориши масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мебошад. Ҳар як асари офаридаи ин нависандаи боистеъдод дар инкишофи насри муосири тоҷик мавқеи калон дошт.

Фазлиддин Муҳаммадиев дар асар сарчашмаи ҳама гуна хушиҳои ҳаёт будани меҳнат ва пеш аз ҳама меҳнати ҳалолро нишон дода, бо ҳамин хонандаро барои дар оянда бо меҳнати ҳалол, виҷдони пок кор карда, соҳиби ҳурмату эҳтиромӣ умум гардидан ҳидоят мекунад. Танҳо бо меҳнати ҳалол инсон метавонад, дар шоҳроҳи зиндагӣ осудаҳолона зиндагӣ кунад. Маҳз ба воситаи меҳнати ҳалол инсон ба ҳурмату эҳтиромӣ одамон сазовор мегардад.

Қиссаи «Шоҳии япон» порае аз ҷаҳони фикру андеша ва орзуву омоли нависанда аст. Хонанда онро хонда, ба худ чашми таҳлил медӯзад, сабақи тозаи ахлоқӣ мегирад, муттакои рӯҳӣ пайдо мекунад, доротару поктар мегардад ва ӯро ҳиссиёти хушнудиву илҳом муддатҳо тарк наменамояд ва мехоҳад, ки ба он баргардад.

Хулоса, арзиши баланди қиссаи «Шоҳии япон»-и Фазлиддин Муҳаммадиев дар замони мо ҳам кам нагардидааст. Он ҳоло ҳам дар тарбияи маънавии инсонҳо кӯмак мерасонад, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят месозад. Ин аст рисолати ҳар як асари бадеӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бақозода Ҷ. Рӯйдоди зиндагӣ ва маънавиёти инсон/ Ҷ.Бақозода //Тоҷикистони советӣ. 1983. – 13 ноябр.
2. Битов А. Баландиву паҳнои сухан/ А. Битов // Садои Шарқ. – 1973. – № 1. – С. 126-128.
3. Брил Я. Қаҳрамон ва персонажи ёрирасон/ Я.Брил //Садои Шарқ. – 1973. – № 1. – С. 110-112.
4. Демидчик Л. Сафарномаи дили инсон/ Л. Демидчик // Садои Шарқ. – 1973. – № 1. – С. 125-126.
5. Муллоҷонов М. Тирамоҳи боровар/ М.Муллоҷонов //Садои Шарқ. – 1982. – № 1. – С. 105-111.
6. Мусулмонқулов Р. Падар бузургвор аст/ Р.Мусулмонқулов //Тоҷикистони советӣ. – 1983. – 20 феврал.
7. Муҳаммадиев Ф. Оид ба баъзе масъалаҳои насри муосир/ Ф.Муҳаммадиев // Садои Шарқ. – 1971. – № 7. – С. 86.
8. Муҳаммадиев Ф. Шоҳии япон/ Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе, 1982.
9. Муҳаммадиев Ф. Варта/ Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе, 1983.
10. Оскотский В. Сюжетҳо ва характерҳо/ В.Оскотский // Садои Шарқ. – 1973. – № 1. – С. 120-124.
11. Сайфуллоев А. Сухан ва камолоти инсон/ А.Сайфуллоев //Маориф ва маданият. – 1983. – 1 июл.
12. Сайфуллоев А. Моҳияти ҳастии инсон/ А.Сайфуллоев //Адабиёт ва санъат. – 1986. – 16 январ.
13. Суровтсев Ю. Салосати насри реалистӣ/ Ю. Суровтсев// Садои Шарқ. – 1973. – № 1. – С. 131-136.
14. Табаров С. Бақои услуб/ С.Табаров //Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 22 ноябр.
15. Табаров С. Вафодорӣ ва усбуб/ С.Табаров // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 2 июл.
16. Тилавов Б. Дарёи дил/ Б.Тилавов // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 6 август.
17. Шукуров М. Дили меҳрпарвар ва ситезаандеш/ М.Шукуров // Садои Шарқ. – 1975. – № 1. – С. 130-143.

ИДЕЙНОЕ СОДЕРЖАНИЕ ПОВЕСТИ ФАЗЛИДДИНА МУҲАММАДИЕВА «ЯПОНСКИЙ ШЁЛК»

Фазлиддин Мухаммадиев входит в число выдающихся таджикских писателей. Благодаря своему таланту и высоким идейным содержанием своих произведений он занял достойное место в современной таджикской литературе. В числе его разножанровых произведений повесть «Японский шёлк» является самым читаемым и неувядаемым произведением таджикской литературы. Фазлиддину Муҳаммадиеву удалось создать весьма реалистичный образ рабочего цементного завода – Барака. Анализ повести показал, что Фазлиддин Муҳаммадиев уделяет особое внимание не образованию и профессии человека, а его душевным качествам. С этой позиции Барак являющийся главным героем произведения выступает как полная противоположность своему сыну Равшану, у которого высшее образование и специальность, но нет

душевных человеческих качеств. Иследователь данного произведения на основе анализа положительных и отрицательных героев – Барака, Петерса Вебера, Гулбахора, Бибиробии и Равшана – даёт высокую оценку литературному таланту Фазлиддину Мухаммадиева.
Ключевые слова: таджикская литература, повесть, японский шёлк, образ, положительные и отрицательные образы, главный герой.

THE PLOT OF THE STORY "THE KINGDOM OF JAPAN" BY FAZLIDIN MUHAMMADIEV

Fazlidin Muhammadiev is one of the famous Tajik writers, who could portray himself as creators of books with high plot in the contemporary scene of literature.

Among his written widely works the legend of "The kingdom of Japan" is one of the unforgettable and readable works of the well known Tajik writer. Fazlidin Muhammadiev could portray the character of the worker of the cement plant Barak very vividly. He revealed Barak very truthfully. According analyzing book, we can notice that Fazlidin Muhammadiev stressed person's growing not in the education, but he stressed it in his humanity. From his point of view Barak is the main character who was in struggle against his educated, skillful and experienced son - Ravshan. The realist could draw his countless readers into impressive events, appealing their interest to positive and negative characters as Barak, Peters Veber, Gulbahor Bibirobia and Ravshan. The legend of "The kingdom of Japan" was depicted with high expressions of views and ideas by the famous writer Fazlidin Muhammadiev after real analyzing.
Key word: Tajik literature, story, Japanese silk, character, positive and negative characters, main character.

Сведения об авторе: ***Ёрова Зебуннисо*** – ассистент филологического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 98-104-59-85**

МАВҚЕИ РУБОӢ ВА БАЙТ ДАР ҶАШНИ АРӮСИИ ТОҶИКОНИ ВОДИИ ҲИСОР

Рустам Ҷумъаев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фолклор сарвати бебаҳои маънавӣ ва модари адабиёти ҳар як миллат мебошад. Аҷоиботи каломи бадеъ, анъаноти адабӣ ва истеъдоди эҷодии халқ маҳз дар эҷодиёти даҳанакии ӯ ба шакли назму наср зуҳур меёбад. Тавассути фолклор мардум умдатарин ақоиди худро нисбати давру замон, орзую омол, кинаву адоват, муҳаббат, ранҷурию машаққати зиндагӣ ё бо ибораи дигар хотирнишон созем, дарди дил изҳор менамояд, ки ин асосан ба сурати рубоиҳо мунъакис мегардад.

Дар бахши мазкур ба таври мисол ба таҳлили рубоиҳое аз осори шифоҳии мардуми тоҷики водии Ҳисор мепардозем. Дар назми шифоҳии ин воҳа жанри рубоӣ бештар паҳн гаштааст ва мавқеи муҳиммеро ишғол менамояд. Онҳо ба андозаи бузург ба бошандагони ин мавзеъ наздик буда, ҳаёти гузаштаю имрӯзаи мардумро инъикос менамояд ва асосан дар мавридоти ғарибӣ, ҷудоӣ аз ёру диёр, муҳаббати пок, бевафоии маҳбуба, интихоби оила ва ғайраҳо эҷод гардидаанд. Умуман, рубоиҳоро дар чорчӯбае аз рӯйи мавзӯи инъикосашон мураттаб сохтан корест мушкил, зеро мавзӯъҳо хеле гуногунранганд. Бамаврид аст қайд намоем, ки яке аз ҷабҳаҳои рубоиҳо ин рамзият дар онҳост. Ин ҷабҳа дар монографияи академик Р.Амонов хеле моҳирона ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст ва ин ҷо оид ба ин масъала истода намегузарем [1].

Кори худро танҳо дар як тартиби муайян вобаста ба мавқеи рубоиҳо дар ин ё он лаҳзаи ҷашни арӯсӣ дида мебароем.

Яке аз лаҳзаҳои ҷашни арӯсӣ интихоби ҳаётӣ мебошад. Он чизе, ки моро ба фикр кардан водор менамояд, пассивии духтарони маҳалла аст. Онҳо барои бахту саодати худ, соҳиб шудан ба шавҳари лоиқу бовафо ва баҳри баробарҳуқуқии хеш муборизa намебаранд. Баръакс, ҳамаи инро ба ихтиёри тақдири хештан ҳавола медиҳанду халос:

Аз хона буромадум ҷунбон-ҷунбун,
Нумоли сарум ғалтид, баргуш марҷун.
Очам мега: Кичо мерай духтари ҷун?
Ай бахти сиёҳ, оча шудум саргардун.

Ин севаки сурх дастниҳоли падарум,
Ғелун-ғелун омаду зад дар бағалум.
Тақдири худум бад будай рӯзи азалум,

Тақдирма ҷидо карда натонист падарум [2,72].

Ӯ хуб медонад, ки зиндагиаш душвор аст, ба он лаънат мехонад, бо вуҷуди он расму оини авлодиро риоя менамояд:

Бодом, бодом ҳазору як гул дора,
Гуфтум биравум қонун намебардора.
Худо бъгира хонаи душмандора,
Солои дуроз ғаму балоҳо дора [2,72].

Аммо рубоиҳое дучор меоянд, ки дар онҳо, хушбахтона, духтарони фаъол вомехӯранд. Онҳо аз рӯйи фаҳмиши худ мехоҳанд, ки беҳтарин ҷавононро рафиқи ҳаётии худ интихоб намоянд:

Худум гулуму дар остинум гул дорум,
Ин бачаи регарӣ шидай хушдорум.
Эй очаи ҷон, ай рангӯ руш безорум,
Ман бачаи ҳисорира дӯст медорум.

Малима намегирум, муйсар дора,
Милиса намегирум, шавка дора.
Колхозчӣ намегирум, пул дӯст дора,
Шаҳрӣ мегирум, ки зан дӯст дора.

Олуча нахр, ки дандонот кунд меша,
Инжинера нагир, ки ҷигарот хун меша.
Артиста нагир, ки нозош бисёрай,
Шофира бигир, ки левакош даркорай.

Рав очама гӯ муллора домод куна,
Як даста гули сафеда савгот куна.
Як даста гули сафед дар навдаи бед,
Раҳ гаштани домулло ларзидани бед [2,72-79].

Чунончи дар рафти инъикоси раванди ҷашни арӯсӣ хотирнишон намуда будем, ки ҳангоми домодро ба хонаи арӯс овардан, одатан бо асп мебурданд. Барои арӯс савора омадани домод обрӯ ва қадршиносии домод дониста мешуд. Дар рубоиҳои зер ин мазмун равшан инъикос мешаванд:

Шоҳи зарнумол, чашмонут хумор,
Мо орзу дорем шаҳ биёя сувор.
Ин кутали ало дорем, дил ошуқи зор,
Говони ало дорем, дил ошиқи зор.

Отата бигу, мара гира панҷяккор,
Шав дар суҳбатут бошум, рӯз дар пайи кор.
Шоҳи зарнумол чашмони хумор,
Мо орзу дорем шаҳ биёя сувор [3,40].

Зиндагӣ, албатта, сурур дорад ва дар навбати худ ғаме низ инсонро думболагир аст. Баъзе рубоиҳое пайдо мешаванд, ки касро хеле маъюс менамоянд. Чунончи, дар як рубоӣ духтаре ҳолати худро ба гӯсфанд баробар донистааст:

Ай Балх омадем, мо Бухоро мерем,
Ҳазрати Амира тамошо мерем.
Ҳазрати Амира тамошо нашуд,
Гуспанд шидем, охир ба савдо мерем.

Ё модаре аз тақдири духтари худ норозӣ месарояд:

Оча мега духтаракум садбаргай,
Оё ба кадом насибаи тармаргай…?

(Қайдҳои сафар, 1990-91).

Аммо тарафи дигари зиндагӣ, ки хурсандиву нишот, муҳаббати пок, зебоиҳои ҷисмонию рӯҳонии инсонӣ низ мебошад, дар мазмуни рубоиҳои сершумори мардум инъикос шудаанд. Рубоиёти арӯсӣ, асосан, маҳз ҳамин мазмунро фаро гирифтаанд. Дар рафти пажӯҳиши саҳроии худ мо миқдори зиёди рубоиҳоро аз мавзеъҳои мухталифи тоҷикнишини водии Ҳисор хатнавис намудем. Дар онҳо меҳру муҳаббат ҳамидагиву зебоии арӯс, зебоии ҳаёт, табиат ва ғайра тасвир ёфтаанд. Рубоиҳои ин

маҳал як назокати тасвир ва волоияти назмиро молик буда, хеле суфтаву равонанд. Бештарин рубоиҳо муколамаи ғоибонаи ҷавондухтару ҷавонписарро тартиб медиҳанд. Азбаски афкори омма ва қоидаҳои ҷамъиятӣ имкон намедод, ки ҷавонҳо ошкоро вохӯранд, арзи муҳаббат намоянд, ҳиссиёташонро дар рубоиҳо баён намудаанд ва ин ҳиссиёт хеле чуқур ва самимона тасвир шудаанд. Чунончи, дар рубоии зер ҷавонписар ба духтар мегӯяд:

Аз нигои чашми мастат фитна пайдо мешавад,
Ман ба ту ошиқ шудам, албатта, ғавғо мешавад.
Як шабе пешат равам, эй нозанин дардат ба ҷон,
Рози дилро ба ту гӯям қулфи дил во мешавад.

Муаллифи рубоии дигар баргузидаи худро ба моҳи тобон ташбеҳ додаст. Аз хандаи духтар фаровонии анвои ширинӣ ва аз нури ӯ табдили санг ба ҷавоҳирот ба амал ояд, мегӯяд:

Эй моҳи баланд, лаби ту хандон гардад,
Қанду асалу набот арзон гардад.
Ҳар лаҳза, ки нурҳои ту ояд ба замин,
Сангҳо ҳама лаълу дуру марҷон гардад.

Дар рубоии зер ҷавон аз дилдодаи худ узр мехоҳад, аз низояшон малӯл аст ва хоҳиши оштӣ шудан дорад:

Як даста гули сафеди ночидаи ман,
Биё, оштӣ кунем, дилбари ранҷидаи ман.
Он ҷо дили ту хароб, ин ҷо дили ман,
Аз ду дида об гардам худи ман.

Рубоиёти зиёди муколамавии дилдодаҳо таровати хосаеро бархурдоранд. На танҳо ҷавонписарон, балки ҷавондухтарон низ дархост ва майлу хоҳиш ва мақбулияти худро сурудаанд. Чунончи, дар рубоиёти поён мо суханро аз даҳони духтарон мешунавем:

Алвонҷи баланд аҷаб шамоло дора,
Ин саллакабуд аҷаб нигоҳо дора.
Эй саллакабуд, саллаат боз равад,
Дар гӯшаи салаат маро хоб барад.

Каллапӯш кундаву як даста нозбӯяш шумо,
Абрӯҳо пайвастаю ду тори мичгонаш шумо.
Орзу дорам, ки сар монам дар болини шумо,
Шоми рангин шаваму шинам ба суҳбати шумо.

Чашмам мепараду чашми чапу абрӯи рост,
Дилам вас-вас мекунад, ки ёрам дар куҷост.
Ёрам дар куҷо, ки ман ба вай нон барам,
Ду коси чинӣ тухмбирён барам.

Дар байни мардуми кӯҳистони водии Ҳисор никоҳи маҷбурӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Як қатор дубайти вомехӯранд, ки ин амали ношоямро таҷассум менамоянд:

Ман месӯзаме, дигар насузоне мара,
Ман меравуме, дигар нагардоне мара.
Ин хонаи ру ба рута руфтум оча,
Ай рафтани ман дигар насузӣ оча.

Пудинаи лави ов намебуя мана,
Он ҷойе падар додай, намефора мана.
Он ҷойе падар додай регистонай,
Нисфи ҷигарум кабоби гунҷишконай.

Мегум биравум хонаи очаҷонум,
Очам нестай намешкана армонум.
Мардумо меган очат сайл рафтай,
Фандум накуне, очам ҷоша ёфтай.

Ҳамин тариқ, мазмуни рубоиҳо, дар вижаҳои муҳаббат, зебоӣ, хушбахтӣ, нокомии ошиқ, никоҳи маҷбурӣ ва ғайра ҷой мегиранд. Рубоиҳои маросими арӯсӣ

хеле сершуморанд ва роҷеъ ба таҳлили чандинтарафаи онҳо пажӯҳиши ҷиддӣ гузаронидан зарур аст. Чанд сухане, ки ин ҷо гуфтем, ҳаҷми андешаҳои моро перомуни рубоиҳо дар бар намегиранд ва мо танҳо тибқи ҳаҷми таълифоти тадқиқотии хеш чанд андешае иброз доштему халос.

Байт жанри қадимии адабӣ ба шумор меравад. Дар эҷодиёти шифоҳии мардум низ байт хеле сершумор мебошад, аммо дар мавзеъҳое, ки пажӯҳишро бар ухда доштем, мувофиқи мавзӯи тадқиқотии мо байт камтар дучор омад. Бештар дар мавриди ҷашни арӯсӣ рубоӣ ва суруд сароида шуданд, зеро онҳо бештар имконияти инъикос намудани ин ё он таомулро доро мебошанд. Акнун ба қадри тавонист ба таҳлил байтҳое, ки дар рафти пажӯҳиш дастнавис намудем ва аз ягон тараф ба маросими арӯсӣ алоқаманд, мепардозем.

Маълум аст,ки никоҳи байни миллатҳо баъзе монеаҳоро ба миён меоварад. Ин мазмун дар байти зер хеле равшан таҷассум ёфтааст:

Ёри ман туркай, ман туркӣ надонум, чӣ кунум?
Ӯ бигӯяд: «мунда кел», ҳайрон бимонум чӣ кунум?

Ошиқи дигаре аз гули нумоли маъшуқа болида эҳсосоти худро баён месозад:

Ҳар кас, ки ба румоли ту гул андохтай,
Гӯё, ки мара ба дарди дил андохтай.

Дигаре аз хеҷ гоҳ таскин нашудани дили ошиқон месарояд:

Ситораи рӯз пеш мебарояд ё Парвин,
Ҳаргиз дили ошиқон намеша таскин.

Ҷавони дигар аз он ки дӯстдоштааш ба шавҳар баромадааст, бо дарди дил мегӯяд:

Дар гӯшаи боми мардумони олам,
Ёрам, ки арӯс шудай, худам менолам.

Байте, ки аз ду мисраъ иборат аст ва аз ин ҷост дар онҳо маънои зиёдеро ҷой додан ғайриимкон аст ва мо инро хеле хуб шоҳид мешавем. Дар байтҳо асосан маъноҳои кӯтоҳ таҷассум ёфтаанд. Чунончи, дар байтҳои поён маънӣ хеле равшан намоён мегардад:

Аз хона баромадам, ёр қаҳрӣ гузашт,
Дилпурсӣ кунед, аз мо чӣ кутоҳӣ гузашт.

Як ханда кунӣ дили мана шод кунӣ,
Гар гиря кунӣ, хоки мана бод кунӣ.

Дар байте таъкид мешавад, ки «девонагони ишқ» «савдозадагон» дар ишқу ошиқи ҳеҷ гоҳ ба мақсад намерасанд:

Савдозадаи ишқ ба ҳомун нарасад,
Лайлӣ сӯзад ба кӯйи Маҷнун нарасад.

Гарчанде байт ҳамчун жанри назмӣ аз ҷиҳати ҳаҷм маҳдуд бошад ҳам, дар онҳо ташбеҳ ва истиора вомехӯранд. Чунончи, дар байти зер ҷавоне худро ба дарахти бурс ташбеҳ дода, аз раҳгузарон пайғом аз ёрро пурсон мешавад:

Қад-қади Тагоб ман ниҳоли бурсам,
Ҳар кас, ки Тагоб равад, зи ёр мепурсам.

Дар байти дигар ҷавон, ки қасди сафар дорад, аз падар хоҳиш дорад, ёри ӯро нигаҳбон шавад. Маънӣ хеле рамзӣ баён ёфтааст:

Ман ку мерам, дуо куне, падарҷон,
Як гул дорум нигоҳ куне, падарҷон.

Як қатор байтҳое вомехӯранд, ки бевосита ба лаҳзаҳои ҷашни арӯсӣ мутааллиқанд. Чунончӣ байти зер аз тарафи ҷавонписар сароида мешавад:

Рав очата гу, мана домод гира,
Як даста гули сафеда савғот гира.

Дар байти дигар ҷавонписар аз бахти баланди худ болида ба фахр мегӯяд:

Ё арбоби диёр духтарта ба мо додӣ,
Поям ба замин намерасад аз шодӣ.

Арӯс шуда ба хонаи домод рафтан як имтиҳони ҷиддӣ барои духтар мбошад. Ӯро дар хонаи бегонагон дар дигар маҳал чӣ интизор аст, дар байте маънӣ медиҳад:

Сабзина занак қадат ниҳоли гандум,
Ҳолат чӣ шавад дар диёри мардум.

Чуноне ки дидем, дар байтҳо ба мисли суруду рубоӣ лаҳзаҳои таомулии маросими арӯсиро дучор намеоем ва дар онҳо маънӣ хеле маҳдуд бошад ҳам, вале ба ҳар ҳол ин жанри назмӣ ба маросими арӯсӣ шукӯҳу назокате мебахшад.

А Д А Б И Ё Т

1. Амонов Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ/ Р.Амонов – Душанбе,1987.
2. Ҷумъаев Р. Инъикоси вазъияти иҷтимоӣ дар рубоиёти мардумӣ/ Р. Ҷумъаев //Дар ҷустуҷӯи фарҳанги водии Ҳисор.– С.71–75.
3. Мардонова А. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор/ А.Мардонова, Р. Ҷумъаев // Дар ҷустуҷӯи фарҳанги водии Ҳисор. – С.24–59.
4. Чумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор/ Р.Ҷумъаев.– Душанбе, 2000.–128с.

РОЛЬ ЧЕТВЕРОСТИШИЙ И ДВУСТИШИЙ НА СВАДЬБАХ ТАДЖИКОВ ДОЛИНЫ ГИССАРА

Четверостишие и двустишие в определённом количестве используются на разных церемониях свадьбы. Хотя в них описательное значение ограниченно, использование этих поэтических жанров встречается на свадьбах. В настоящей статье определяется роль четверостиший и двустиший на свадьбах таджиков долины Гиссара. Автор четко и детально описывает роль этих жанров в разных процессах свадьбы.

Ключевые слова: четверостишие и двустишие, поэтический жанр, церемония свадьбы, роль четверостиший и двустиший на свадьбах, таджики долины Гиссара.

ROLE OF QUATRAIN AND DISTICH IN WEDDING CEREMONY OF TAJIKS OF HISSOR VALLEY

The quatrain and distich are used in many period of wedding ceremony. Although in them the meaning is limited the quatrain and distich widely are used in wedding ceremony. In article the author considers of role the quatrain and distich in wedding ceremony of tajiks of Hissor valley. The author in detail and clear describes the role of quatrain and distich in different period of wedding ceremony.

Key words: quatrain and couplet, poetic genre, the wedding ceremony, the role of the quatrains and couplets on weddings, Tajiks Gissar valley.

Сведения об авторе: ***Рустам Джумъаев*** **–** кандидат филологических наук, Таджикский национальный университет. Телефон: **(+992) 93 581 70 44**

МАҲКУМИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР НАЗМИ СОЛҲОИ 90-УМИ ТОҶИК

Д. Ҳ. Қулов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муноқишаҳои сиёсии поёни садаи ХХ мавзӯест, ки дар маркази эҷоди адабиёти солҳои 90-ум қарор гирифта буд. Қариб кулли соҳибқаламони тоҷик ин мавзӯъро дар эҷодиёти худ мавриди тасвир қарор додаанд. Назму наср ва драматургия ин мавзӯъро дар худ инъикос намуда, ба ин васила дарди ҷомеаро нишон медоданд.

Назми тоҷик масъулияти ба дӯши худ доштаро ба хубӣ эҳсос намуда, тамоми кӯшишу рағбати худро новобаста аз рӯзгори сангину дар гурезогурезии шоирон, ба он равона намуда буд, ки хонандаи худро аз ҳақиқати ҳоли ин рӯйдод ва нобасомониҳои рӯзгор огоҳ намояд.

Машаққати эҷоди шеър дар ашъори шоирони индавраина дар сарсухани маҷмӯаи «Зодрӯзи дард»-и Гулрухсор (1994) чунин тасвир шудааст, ки ин рӯзгори на танҳо шоира, балки боз чандин қаламкашонест, ки фоҷиаи миллӣ онҳоро ба ин варта тела дода буд: «Ин китоб дар заҳхонаҳо, таҳхонаҳо, тайёраҳои ҳарбӣ, ҳуҷраҳои сафоратҳои хориҷӣ, дар беморхонаи дил, дар ғурбату заҳмати худкорӣ, дар шабҳои бехобӣ иншо шудааст. Ин китоб айбнома, дарднома, зулматнома, зулмнома, суолномаи беҷавоб, ҳасратномаи эҳсоси ҳолати ғайритабииест, ки бидуни хоҳишу ихтиёр арзи вуҷуд кардааст» [3, 9].

Шеъри паси симхори зиндон эҷоднамудаи Бозор Собир низ дар баробари инъикоси рӯзгори шоир, тасвири даҳшатзои он айёмест, ки ҷомеаро фаро гирифта буд.

«Вале боз ҳам хубтару беҳтар дарди рӯз, орзӯю ормони миллатро адибони шинохтаи тоҷик Муъмин Қаноат ва Лоиқ ба қалам додаанд. Муъмин Қаноат дар мавзӯи ҷанги бародаркуш достони «Ҳамосаи дод»-ро эҷод кард. Адиб ба тарзи тамсил ва хеле моҳирона ҳодисаю воқеоти дардомези он рӯзҳоро ба қалам дода, парда аз рӯйи душманони бадхоҳи халқи тоҷик бар мегирад» [9, 249].

«Ҳамосаи дод» яке аз беҳтарин офаридаҳои назми тоҷик дар солҳои 90-ум аст, ки ба мавзӯи муноқишаҳои сиёсии поёни садаи бист дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Муъмин Қаноат - шоири достонсарои тоҷик, достони «Ҳамосаи дод»-ро аз рӯйи анъанаи достонсароии классикӣ эҷод намудааст ва он аз оғоз, ҳафт дард ва хотима иборат аст. Достон соли 1995, ҳангоми ҳиҷрати шоир ба шаҳри Алма Ато нигошта шуда, равиши воқеаҳои хунини Тоҷикистонро аз оғоз то анҷом дар худ ҷой додааст:

Чунин размі беназмро кас надид,
Ва тасвири онро набояд кашид.
Зи тифлони гаҳвора то пири кор,
Бишуд сайди ин ҷангу тири шикор…
Аҷаб разме рамузаш интиқом аст,
Қиёмаш ханҷари кинро паём аст. [6, 221].

Шоир хостааст дасти унсурҳои бегонаро дар ин муноқиша нишон бидиҳад ва ин матлаби худро дар тасвири лаҳзае, ки мардуми оворавў бепаноҳ аз сарҳадбонони рус имдод металабанд, чунин тасвир намудааст:

Даромад халоиқ ба ин марзи «рус»,
Зи Қумсангару Панҷу аз шаҳри Тус.
Ду се рӯз орому осон гузашт,
Ба тақсими як пораи нон гузашт.
Ба рӯзи дигар ҳамлаи вопасин,
Чу оғоз шуд аз ҳавову замин,
Гулӯла биборидуборони тир,
Ки аз синаи модарон ҷои шир,
Равон гашт сад чӯй хун лолагун,
Бишуд одаму одамӣ сарнагун [6, 222].

Маълум аст, ки ҳамла аз «ҳавову замин» ба ин марзи «рус» ба тавассути танку чархболҳои сарбозони рус сурат гирифтааст, ки дар натиҷа:

Заноне, ки нагзашта аз оби ҷӯ,
Ба дарёи Ҷайҳун шуда мӯ ба мӯ,
Зи абри сияҳ тир боранда буд,
Шафақ ранг дар об афканда буд.
Зи хун нимаи об сурхоб шуд,
Ва оби равон бистари хоб шуд [6, 223].

Ҳангоми ҳуҷум ба манотиқи Рашт, ба ин маконе, ки ба ҷуз занону кӯдакон ва мӯйсафедон каси дигаре набуд, дастаҳои «турку тоҷик» ба тавассути танку чархболҳои худ хоки ин диёрро мебехтанд ва «чунон карданд, ки чашми кас надида»:

Дар ин ҷо не силаҳдору силаҳ буд,
Ҷамеи пиру тифли бегунаҳ буд.
Валекин дастаҳои турку тоҷик,
Ба рӯзи равшану имони торик,
Касеро аз касе озод мекард,…
Дар ин ҷо охират эҷод мекард [6, 233].

Дар қисмати охирини достон шоир ҳамаи ҷангҷӯёнро сари андешаи он мехонад, ки набояд умри кӯтоҳи одамиро сарфи ҷангу муноқиша созем ва баҳри хандаи кӯдакону ободии ҷаҳон ҳамагонро ба сулҳу дӯстӣ даъват менамояд.

Достон арзиши баланди маърифатӣ, адабӣ, таърихӣ, тарбиявӣ ва эстетикиро доро буда, дар он сабабҳои сар задани муноқишаҳо, зуҳур кардан, паҳн гаштан ва омилҳое, ки равиши воқеаҳои хунинро метезонданд, огоҳона ва ошкоро тасвир шудаанд.

Лоиқ Шералӣ шоири маҳбуби халқи тоҷик ба мавзӯи воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ як маҷмӯаи пурраи ашъори худро бахшидааст, ки таҳти унвони «Фарёди бефарёдрас» соли 1997 дар нашриёти «Адиб» рӯйи чопро дидааст. Маҷмӯа бардошти он ҳама бархурди хунинест, ки шоир шоҳиди бевоситаи он гардида, онро ба риштаи назм кашидааст.

«Ин китоб фақат шеър нест, ин китоб таърих, таърихи даҳ соли охири зиндагии мо, балки волотар аз ин, таҷассуми воқеияти рӯзгори даҳшатзои миллати мост. Шоир тавонистааст фоҷиаи зиндагии як миллати бадбахтгаштаро ба ҳама фарозу фурудҳояш ба ҳадди шеър авҷ диҳад» [1, 9].

Шоир бо андӯҳ ва ҳасрати бузург ба вазъи пешомада муроҷиат карда, тоҷиконро ба ваҳдату сарҷамъӣ даъват менамояд. Оҳу фиғони Лоиқ дар шеъри ӯ аз он иборат аст, ки миллати ба гузаштаи пурифтихори худ, бо Рӯдакиву Фирдавсиву Синову Хайёми худ машҳур гашта, имрӯз камон ба даст гирифта паси сангари муқобил қасди куштори бародари ҳамхуну ҳамзабону ҳамдини худ дорад. Тасвири манзараҳои хунини ин рӯйдод, махсусан дар шеърҳои «Ману ту», «Илтиҷо аз камонмардон», «Падарам, во падарам», «Баҳона чист? Номи халқ!» ва ғазалҳои «Ин чӣ рӯзу ин чӣ рӯзгорон аст», «Чунин ки гашта макони ман ошёни камон», «Кай ҳама ҷангу моҷаро гузарад», «Ҷон ба қурбони ту эй меҳани хунинкафанам», «Шабонрӯзон зи ҳар ҷониб садои тир меояд» ва дигар рубоиву дубайтиҳо барҷаставу шоирона ва бо як оҳанги ҳузнангезу дардолудона тасвир шудааст.

Ноогоҳӣ аз таърих, фарҳанг ва тамаддуни оламшумули хеш тоҷиконро ба парешонӣ ва хусумати байни ҳамдигарӣ оварда расонд. Сабаби асосии ҷанги бародаркуш ҳам ҳамин камогоҳӣ аз таърих, беномусӣ, бедонишӣ, надоштани фахру ифтихори миллӣ ва ғурури ватандорист, ки оқибат ба силоҳ гирифтану паси сангари муқобил пайи қасди ҷони бародар қарор гирифтан оварда расонд:

Баски фарҳанг надорем, амон аз ману ту!
Номусу нанг надорем, амон аз ману ту!
Ману ту ҳавсалатангем, амон аз ману ту!
Ману ту даббаву дангем, амон аз ману ту!
Ту аз ин сӯ, ман аз он сӯй чу сангар кардем,
Мулки ғоратзадаро ғорати дигар кардем! [8, 32]

«Осори индавраинаи шоир саросар лабрези ҳасрату дард аст аз хориву афтодагӣ, забунию бечорагии миллати точик, аз хештан- ношиносӣ, аз пора-пора шудани он ба маҳалҳо, аз вайронию ноободии кишвар, аз он ки ин сарзамини замоне ободу ором имрӯз ба маргистон, ба кушторгоҳ, ба мурдахона, ба ошёни камону камонгарон табдил ёфтааст. Шоир бо як андӯҳи бузург гуфтааст, ки имрӯз аз хоки меҳан бӯйи гӯр меояд ва оби он таъми маргро дорад. Гӯяндае, ки замоне аз гузаштаи пурифтихори миллати хеш ва кишвари бостониаш меболид ва шеърҳо мегуфт, имрӯз бо нафрат бо алам аз ҷанги миллаткуши тоҷикон қиссаҳои ҷонгудоз мекард» [107, 87].

Ҷанги бемаънӣ ва оқибатҳои мудҳиши он ва аз асари чунин ҳодисаҳо ба кӯйи қашшоқиву бенавоӣ афтодани аксари ҳамватанон, коҳиши қадри сухан ба қалби шоир таъсири манфии калон расонд. Ин ҳама нобасомониҳои дардоварро дида шоир ғам мехӯрад, ғуссаманд мешавад, дилаш ба ҳоли зори ҳамватанонаш, қисмати халқаш, фарҳанги миллаташ месӯзад. Ӯ дар симои ҳар фарзандгумкардае, ҳар ҷабрдидае, ҳар афтодае худро тасаввур мекунад ва ин аламу озорашро рӯйи қоғаз меорад:

Бар сабзае, ки медамад дар пуштаҳои гӯр,
Аз хати сабзи навхатон фарёд мекашам.
Бар синаҳои чок-чок аз тиру теғҳо,
Бар қатли тифли безабон фарёд мекашам [8, 120].

Инъикоси воқеаҳои сиёсии поёни садаи 20 дар шеъри Лоиқ Шералӣ хеле рӯшану равон ва бе пуштибонӣ аз қавмеву гурӯҳе тасвир шудааст, ки арзиши калони тарбиявӣ ва таърихӣ дорад.

Баёни шоиронаи шоира Гулрухсор дар инъикоси воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ хеле дардолуда ва риққатовар аст. Шоира бо услуби ба худ хосси эҷодаш тавонистааст воқеаҳои нангини тоҷиккушии поёни садаи бистро хеле эҳсосона ва бо як дарди занона тасвир намояд. Офаридаҳои ба ин мавзӯъ бахшидаи ӯ дар маҷмӯаҳои «Зодрӯзи дард» (1994), «Дар паноҳи сояи худ» (1998) ва чанд китоби дигари ӯ ҷамъоварӣ шудаанд. Дар сароғози китоби «Зодрӯзи дард» Гулрухсор овардааст, ки: «Бешубҳа «фоҷиаи точик» баъди аз даст рафтани салтанати Сомониён, пурхунтарин, даҳшатноктарин ва печидатарин фоҷиаҳои миллии мост.

Шояд баъди гузаштани садсолаҳо, пас аз сари мо, оламу одам ба дарки он бирасад, сабабҳои дардноки онро таҳлилу таҳқиқ кунанд, ба дарки ваҳшати чашмнодиду гӯшношуниди бародар алайҳи бародар бирасанд… Бигузор ин фоҷиаи хунин, ин дарди гирёни миллат, ақалан барои дигарон дар оянда сабақ гардад» [3, 6].

Дарвоқеъ, шеъри ӯ назми ин гуфтаҳои ӯст. Тасвири воқеаҳои хунин ба мақсади ифшои ҳақиқати ҳол ва ба хотири сабақи ояндагон дар шеъри ӯ хеле ибратомӯзона

тасвир шудааст. Ин маъниро, махсусан, дар шеърҳои «Зодрӯзи дард», «Шаби гирифтани моҳ», «Нур аз нори ту будам орзу», «Сангар», «Назми сармо», «Марсияи нави куҳнаалам», «Баъди ҳазор сол», «Тоҷикистон сӯхт», «Барф месӯхт», «Манзумаи сиёҳу сафед», хеле рӯшану равон метавон бархонд:

Ёрон чу ба ҷаҳл ҳамзабонӣ карданд,
Сангони Ватан марсияхонӣ карданд!
Занҳои фусурда гӯрковӣ карданд,
Тифлони гурусна мурдабонӣ карданд [4, 243].

Тасвироти ноби шоирона дар ҳар яке аз мисраъҳои ин рубоӣ ба назар мерасад, ки маромі шоираро хеле рӯшан баён намудааст. Чунончӣ, «ба ҷаҳл ҳамзабонӣ кардан», «сангҳо марсияхонӣ кардан», «занҳо гӯркобӣ кардан» ва «тифлон мурдабонӣ кардан» бадеияти офаридаи шоира аст, ки дар тасвири мавзӯъ ба ӯ мадад расонидаанд.

Шоира боварӣ дорад, ки ҷанги байни тоҷикон, ҷанги худогоҳӣ ва худшиносии ин миллат аст ва ин набарди нангин хасми ӯро бар ӯ шиносонд:

Ҷанги тоҷик буд,
Ҷанги худхалосӣ
Ҷанги тоҷик буд,
Ҷанги худшиносӣ
Ҷанги тоҷик
Миллати садпораи тоҷикро,
Бар алайҳи хасми тоҷик,
Ҷовидон кафшер хоҳад кард,
Ҷовидон пайванд хоҳад кард [4, 79].

Тасвири ин мавзӯъ дар шеъри Бозор Собир, ки шоҳиди бевоситаи ин рӯйдод гаштаву чархи ҳаводис ӯро ба кӯйи ғурбат ҳаво додаст, хеле риққатовар қаламдод шудааст.

Бозор Собир ҳамчун узви қувваҳои зиддиҳукуматӣ дар майдоншинӣ ва роҳпаймоиҳои оғози солҳои 90-ум иштирок намуда, шеъри дар ин айём эҷод намудаи ӯ оҳанги шиор ва даъватро дорад. Намунаи ин шеърҳо «Майдони Шаҳидон», «Ҳайкали Фирдавсӣ», «Майдони Озодӣ», «Дев» ва чанде дигар мебошад. Аслан шеър инъикоси ҳолатест, ки шоирро фаро гирифтааст ва ин аст, ки Бозор Собир низ дар чунин ҳол наметавонад аз дигар чизе сухан гӯяд:

Мебора борон, эй Худо, мебора борон,
Насли ҷавонам, эй Худо, шуд тирборон.
Боғи дилам зард, эй Худо, доғи дилам сурх,
Дил лолазорон, эй Худо, дил лолазорон
Борони шир аст, эй Худо, борони раҳмат,
Борони хун аст, эй Худо, гулӯлаборон [14, 23].

Дар шеъри «Чашмҳои дурбинҳо кӯр бодо!» шоир бо як андӯҳу дард тасвири манзараҳои хунини ҷанги бародаркушро мекунад, ки ҳамагон аз ин рӯйдод ба худ озоре гирифта ошуфтаву парешон дур аз хонаву дар ва зодгоҳи хеш қарор гирифтаанд. Пурдаҳшаттарин лаҳзаи тасвир дар ин шеър ҳамоно убури сарҳад ба тавассути дарёи Панҷ аст, ки шоир онро чунин тасвир намудааст:

Мекашад дарёи Панҷ аз банди гесӯи найистон,
Мӯйи занҳои муҳоҷир чун раҳид аз панҷаи он.
Як найистон нолаам ман, як найистон печу тоб,
Як ҷигар дарёи хунам, як ҷигар дарёи об [14, 25].

Ин тасвири ғамолуда як пораи зиндагии нангини мост, ки солҳои 90-ум моро ба коми худ фурӯ кашида буд. Кӯшиши Бозор Собир дар огоҳ намудани хонандаи худ аз бозингарони паси пардагии ин фоҷиаи тоҷиккуш возеҳу равшан аст, ки онро касе аз шоирони дигар чунин фошофош баён насохтааст. Ин матлаб дар шеъри «Дар ҷилди сурх» бо нишон додани исми қаҳрамонон баён гаштааст ва дар ҳоле ки ҳар сухан арзиши ҷонро дошт ин ҷасорати шоирро гувоҳ аст:

– Дар сараш сарбанди сурхи коммунистӣ кист?
– Пантуркист! Пантуркист!
Пантуркисти террорист!
– Чист дар дасташ навишта?
– Номи тоҷикҳои кушта ё накушта;

Аз бадахшониву аз ғармиву дарвозӣ
Пушта-пушта, кушта- кушта,
Дар хати махфии ӯ кам монда нокушта [15, 18].

Шоир Русияро низ ҳамчун як кишвари дастгири пантуркистон, ки мақсади ниҳоияшон дар Осиёи Миёна сохтани давлати ягонаи туркӣ мебошад, мешиносад. Ин андешаҳои Бозор Собирро имрӯзҳо матбуоти даврии озодбаён дар нигоштаҳои Нуралӣ Давлат, Султон Ҳамад ва чанде дигарон метавонад тасдиқ созад:

– Кист ин аз бӯсаи шайтон ба ҷои мор
Рӯида дар китфаш ситора?
– Руссия!
Шефи ин террори туркист [15, 18].

Бадтар аз ҳама чун шоир мебинад, ки дар дохили кишвар низ унсурҳои моҷароҷӯйи худӣ алангаи оташи тоҷиккӯшро меафрӯзанду боиси азобу машаққат ва оворагии ҳаммиллатони хеш мегарданд, садо баланд мекунад. Даъват ба иттиҳоду якдигарфаҳмӣ мекунад, баҳри пойдори миллат ва давлати тоҷикон:

Дасту бағал кушода биёед,
Аз пӯстҳои хеш бароем,
Дар пӯстҳои ҳамдигар бидароем,
Аз ҷилди танг ҷанг бароем,
Ҷилди ору нанг дароем…
Бо ҳам намози тавба гузорем,
Бо ҳам намози сулҳ бихонем [15, 27].

Маълум аст, ки Бозор Собир нисбат ба шоирони дигар дар ин айём шеъри камтаре гуфтааст, аммо дар ин миқдор шеър мазмунҳои нозуки иҷтимоӣ, ошкоро баён намудани ҳақиқати воқеӣ, мавқеи устувори шоир возеҳ ба чашм мерасад ва ба қавли адабиётшинос Раҳими Мусулмониён: «…на танҳо баҳои баланди шеърро сазоворанд, балки якҷоя шояд дар манзалати номаи аъмоли аср қарор бигиранд» [12, 120].

Тасвири манзараи ҷанги бародаркӯш дар шеъри шоирони дигар низ ҳамин гуна бо лаҳни дардолудаву ғамангез тасвир шудааст, ки ҳар яке мехоҳад бо қалами худ оташи ҷанги бародаркушро хомӯш намуда, гунаҳкори асосии ин фоҷеаро ошкор намояд.

Дар шеъри «Гиряи марде зи Вахш»-и Бӯрӣ Карим симои воқеии манзарае тасвир шудааст, ки ҷанги бародаркӯш ба бор овардааст:

Эй вой, на хона монда, не дар,
Не модару хоҳару бародар,
Аз дуди харич осмон пур,
Аз ашку зи хун шуда замин тар.
Куштанду бисӯхтанду бурданд,
Бишкаста миёну гардану сар.
Бар тифл набуд раҳму бар пир,
Рафтанд ба хоки тар баробар.
Таърих надида ваҳшат ин сон,
Аз давраи Чингизу Сикандар [7, 34].

Фоҷиаи тоҷикон бародарони ҳамхуну ҳамзабони афғону эронии моро низ бетараф нагузошта буд. Ин аст, ки шоири эронии сокини Париж Неъмати Озарм дар навиштаи худ аз вазъи Тоҷикистон афсӯс хӯрда, моро ба ваҳдату якдигарфаҳмӣ мехонад ва аз ҷумла чунин мегӯяд:

Магар дилҳои рӯшан гашта торик,
Ки бо тоҷик дар ҷанг аст тоҷик.
Ҳама аз як гилу як обу рангед,
Бародарҳо чаро бо ҳам ба ҷангед [11, 4].

Шеъри «Паём аз Тоҷикистон»-и Ширин Бунёд як навъ номаи ҷавобӣ ба мактуби Неъмати Озарм мебошад. Ширин Бунёд дар ҷавоб таъкид мекунад, ки дарвоқеъ имрӯз кишвари мо бо васвасаи душманон ба оташи ҷанги бародаркуш дармондааст:

…Ки мулки мо шуда имрӯз вайрон,
Зи фарёди камону тири сӯзон.
Ки рӯйи халқи мо сад ранг дорад,

Бародар бо бародар ҷанг дорад.
Сияҳ пӯшида мулки мо саросар,
Бародар ташнаи хуни бародар [2, 38].

Шоир боварӣ дорад, ки бадбахтиҳо мегузаранд ва субҳи саодат моро интизор аст. Аз ин рӯ орзу мекунад, ки:

Кашокашҳои бемаънӣ харобӣ ораду андӯҳ,
Агар дасте ба даст ояд, сафои рӯзгор орад.
Баҳори дӯстӣ хоҳам, ки аз нав дар сари як хон,
Парешон миллати тоҷикро аз ҳар диёр орад [2, 7].

Дар маҷмӯаи «Тоҷикистон беҳтар аз ҷон»-и Назри Яздон, ки бевосита ба муноҷишаҳои поёни садаи бистум дар Тоҷикистон нигаронида шуда таълиф гардидааст, чанд шеъре ҳаст, ки маҳз ба воҷеаҳои ҷанги шаҳрвандиро дар худ инъикос мекунанд. Шоир бардошти дардолудаи худро аз ин фоҷиаи худкушии тоҷикон чунин ба қалам додаст:

Як зарби ҷазо омаду ду сели ҷафо,
Оҳан ба фиғон омаду оташ ба ҳаво,
Як халқ ба ғам фитода ду деҳа ба хок,
Олам аламӣ шуд, одамӣ обу адо.
Ин зарби ҷафо шаҳра хабар карду гузашт,
Дар ними нафас зеру забар карду гузашт.
Ин сели бало ба бому дар шишту нарафт,
Мардум ҳамаро хокбасар карду гузашт [10, 15].

Ё худ дар шеъри дигар бардошти дардолудаи шоир аз ин фоҷиаи миллӣ, ба тавассути маҳорати баланди тасвиркории ӯ, бо истифода аз таззод ва муқобала дар шеър, хеле хубу шоирона тасвир шудааст. Ин порчаи шеъри таҷассумгари симои воҷеии рӯйдоди солҳои навадум дар Тоҷикистон мебошад, ки хондани ин шеър разолат ва ваҳшонияти он айёмро пеши назари кас ҷилвагар месозад:

Ҷонам таҳи хоку ормонам таҳи хок,
Як деҳи ҷавони гулфишонам таҳи хок.
Сад ҷомасафед пирамардон таҳи хок,
Сад куртасафед наварӯсон таҳи хок.
Тобути қатора бин таҳи хоки диёр
Гаҳвораи ларзони пур аз нақшу нигор
Оғӯши арӯса бин шуда тобути шаҳ
Оғӯши шаҳа бубин тобути нигор [10, 16].

Ҳамин тавр, дар ашъори солҳои 90-уми шоирони тоҷик шеърҳои зиёдеро метавон бархонд, ки муноҷишаҳои солҳои навадум дар Тоҷикистонро маҳкум намуда онро чун як амали разилона тасвир намудаанд. Ба қавли Низом Қосим:

Ҷанг ҳар ҷанге, ки бошад, ҳаққӯш асту ноҳақ аст.
Ҷангҷӯ ҳар кас, ки бошад, ноҳақ асту аҳмақ аст [7, 61].

Аслан шеъри асил моли абадият аст ва ворисони ин мол онро ба хотири сабаки зиндагӣ мепазиранд. Умед аст, ки шеъри ба ин мавзӯъ офаридаи қаламкашони тоҷик низ қарнҳо чун тарбиятгари роҳи ростӣ, ваҳдат ва ягонагӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарғибгари дӯстӣ ва рафоқату якдигарфаҳмӣ хизмат хоҳад кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулло С. Виҷдони бедори адабиёт/ С. Абдулло // Марсияи Хуршед. – М.: 2001. – С. 7- 40.
2. Бунёд Ш. Шерозаи ваҳдат/ Ш.Бунёд. – Душанбе: Адиб, 2003. – 160 с.
3. Гулрухсор. Зодрӯзи дард/ Гулрухсор. – М.: Семетей, 1994. – 128 с.
4. Гулрухсор. Дар паноҳи соҳи худ/ Гулрухсор. – М.: Академия, 1998. – 256 с.
5. Каримов Б. Таневу Ватане/ Б.Каримов. – М.: ГИП, 1996. – 168 с.
6. Қаноат М. Оинаи беғубори манн/ М.Қаноат. – Душанбе: Хазинаи адабиёти Тоҷикистон, 2002. – 240 с.
7. Қосим Н. Қаламҳой/ Н.Қосим – Душанбе: Интишороти «Чархи гардун». 1998. – 158 с.
8. Лоиқ. Фарёди бефарёдрас/ Лоиқ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 237 с.
9. Мирзод Т. Адабиёти тоҷик (Китоби дарсӣ барои синфи 10)/ Т.Мирзод. – Душанбе: Саҳбо, 2004. – 310 с.
10. Назри Яздон. Тоҷикистон беҳтар аз ҷон/ Назри Яздон. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 80 с.
11. Неъмати Озарм. Паём ба Тоҷикистон/ Неъмати Озарм // Адабиёт ва санъат. – 1993. – 27 май. – №22.
12. Мусулмониён Р. Ҷаҳонро ба бад наспарем/ Р.Мусулмониён // Садои Шарқ. – 1991. – №5. – С. 119-125.

13. Сайфуллоев А. Уфуқҳои тозаи наср/ А.Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2006. – 768 с.
14. Собир Б. Шоиру шеъре агар ҳаст/ Б.Собир – Душанбе: Адиб, 2006. – 265 с.
15. Собир Б. Симхор/ Б.Собир. – М.: Трансдорнаука, 1999. – 78 с.

ОСУЖДЕНИЕ ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В ПОЭЗИИ 90-ЫХ ГОДОВ

Политические противостояния конца XX века тема которая стояла во главе творчества литературы 90-ых годов. Почти все таджикские писатели и поэты отражали данную тему в своем творчестве. Ҡариб кулли соҗибҡаламони тоҗик ин мавзӯъро дар эҗодиёти худ мавриди тасвир ҡарор додаанд. Проза и поэзия и драматургия отражали данную тему и показали боль и страдания таджикского народа в своих произведениях.

Ключевые слова: гражданская война в Таджикистане, поэзия 90-ых годов, проза и поэзия, отражение войны, таджикская поэзия, драматические произведения.

CONDEMNATION of the CIVIL WAR IN the POETRY of the 90s

Political confrontation in the end of XX century theme that stood at the head of creativity literature 90s. Almost all Tajik poets and writers reflect this theme in his work. Ҡариб Cully соҗибҡаламони тоҗик Jn мавзӯъро gift эҗодиети hood мавриди тасвир ҡарор додаанд. Prose and poetry and dramaturgy reflect this subject, and showed the pain and suffering of the Tajik people in their works.

Key words: civil war in Tajikistan, poetry 90s, prose and poetry, a reflection of the war, the Tajik poetry, dramatic works.

Сведения об авторе: ***Кулов Д.Х.*** **–** кандидат филологических наук, преподаватель кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ. Телефон: **918 82 61 29**

АВЗОНИ ҒАЗАЛИЁТИ ҶАМОЛУДДИНИ ИСФАҲОНӢ

Н.А. Ширинов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Роҷеъ ба моҳияти истилоҳии шеър чун ҷузъе аз каломи бадеъ дар таърихи афкори адабии форс-тоҷик дар осори зерин баҳсҳо қобили вуқӯъ шудааст: муаллифони осори қомусгуна, мисли: «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва ғайра.

Дигар муаллифони осори назарии адабиётшиносӣ, мисли «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашидуддини Ватвот, «ал-Муъҷам фӣ маойир-ил-ашъор-ил-Аҷам»-и Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ ва дигарон.

Сеюм олимони адабиётшинос, муаллифони тазкираҳо, мисли: «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон.

Чаҳорум шеър аз нигоҳи файласуфон-ҳакимон, мисли: Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ…

Панҷум довариҳои шоирона, ки ғолибан дар бахши фахрияҳои онон изҳор шудааст.

Шеър аз назари олимони фавқуззикр бояд мавзун, муқаффову мураддаф ва мухайял бошад. Хосса дар осори назарии адабиётшиносӣ вазн аз аносири меҳварӣ маърифат карда мешавад. Фарзан, Шамс Қайс бо манзури қазовати фавқуззикр менависад, ки: «Шеър аз таркиби вазни хушу лафзи ширин ва қофияи матин иборат аст» [11,162]. Дар ин фармуда аввалан вазн, баъд интихоби алфоз ва солисан қавофӣ таъкид мешавад, ки хеле ҷиддӣ аст. Воқеан қазовати мазкур ҷолиб аст, ки барои исботи он байте аз Ҷалолуддини Балхиро зикр намуда, мебинем, ки то чӣ андоза нақши се унсур дар он саҳм дорад. Чунончи:

З-аҳмақон бигрез чун Исо гурехт,
Суҳбати аҳмақ басе хунҳо бирехт.

Дар байти мазкур вожаҳои **гурехт** ва **бирехт** муқаффо буда, ҳуруфи қофия …**рехт** аст, ки айнан такрор шудани қисме аз калимаҳост ва онро решаи қофия низ мегӯянд. Дар калимаҳои муқаффо ҳарфи **т** равӣ буда, ҳарфи охирини решагии қофия, ҳарфҳои **х** – ридфи мураккаб ё зоид, **е**- ридфи муфрад ё аслӣ, **р** – дахил ном дорад ва ғайра.

Дар байти боло калимаи аҳмақ меҳварӣ буда, ҳадафи шоир нишон додани кирдори ҳамнишин аст. Агар мо ба ҷои **аҳма**қ вожаи **ҷоҳил**ро монем, мантиқу

моҳияти шеър тағйир намеёбад, вале оҳангнокӣ, равонӣ, муназзамӣ, алҳону гӯшнавозии он, вазни он халалдор мегардад.

Ё худ Ибни Сино дар қисмати мантиқи «Китоб-уш-шифо» мегӯяд, ки: «Шеър суханест хаёлангез, ки аз суханҳои дорои оҳанги бо ҳам мувофиқу мусовӣ сохта шуда» [7]. Дар ин қазоват асосан дарунмояи шеър – хаёлангезии он маҳаки марказӣ буда, ҳадаф аз оҳанги мувофиқ ва мусовӣ будани алфоз ҳамоно вазн аст. Зеро дар шеъри тоҷику форс воҳиди асосии вазн ҳиҷо маърифат мешавад. Яъне бунёди вазн бар асоси ҳиҷо ва асоси ҳиҷо на танҳо ҳарфҳои садонок ва ё ҳамсадо, балки беш аз он дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳо низ мебошад.

Аз тарафи дигар, вазн яке аз нахустин аносири марказӣ ва фарқкунандаи каломи манзум аз мансур аст. «Назм сухани бонизом аст ва ин низомро се чиз оҳанги дилчаспу гӯшнавоз эҳдо мекунад: вазн, қофия, радиф ва ин се унсури шаклӣ бошанд ҳам, барои офаридани маънӣ, хаёлбофӣ, ҷавлони андеша нақши меҳварӣ доранд» [5,16].

«Ба андешаи мо, - менависад М. Солеҳов, - ягон унсури шаклии шеър ва умуман аз лузумоти шеър то ба дараҷаи вазн ҷузъи ҳалкунандаи шеър нест» [5,17]. Воқеан беҳуда нест, ки ҳанӯз донишманди асри XIII тоҷик Хоҷа Насируддини Тӯсӣ доир ба нақши вазн дар каломи манзум навиштааст: «Ба иттифоқ вазн аз фусули зотии шеър аст» [4].

Дар ҳақиқат нақши вазну қофия дар каломи мавзун меҳварӣ буда, ҳатто шеърро бидуни вазн наметавон тасаввур кард. Ба ин маънӣ олими Эрон Тақии Ваҳидиёни Комёр менависад: «Вазн ба шеър зебоии сеҳрангез мебахшад ва онро шӯрангез месозад. Агар вазни шеъриро барҳам бизанем, хоҳем дид, ки то чи мизон аз зебоию таъсири он дар нуфус коста мешавад. Масалан:

Дон чу тифлест дар огӯши хок,
Рӯзу шаб ин тифл ба нашъу намост.

Агар ба сурати бевазн дарояд, мебинем, ки чӣ қадар зебоию шӯрангезияшро аз даст додааст:

Дона чу тифле дар огӯши хок аст,
Ин тифл рӯзу шаб ба нашъунамост» (6,6).

Хосса дар шеъри асримиёнаги тоҷику форс нафаре аз арӯзи суннатӣ сарпечӣ накардааст ва дар маҷмӯъ 711 навъи вазн мавриди коргирӣ қарор гирифтааст.

Яке аз чунин шоироне, ки алалхусус дар ғазалсаройӣ ва коргирӣ аз арӯзи суннатӣ дар он тозакориҳо дорад, Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ мебошад, ки мо қаблан ғазалиёти ӯро бори аввал дар Тоҷикистон, соли 2011 ба табъ расонидем [10,201].

Яке аз ҷузъиёти ҳунарии Ҷамолуддин Муҳаммад, ки боиси хушоҳангии каломи ӯ, дилнишинӣ ва гӯшнавозию зебоии маънавӣ ё танаввӯъ дар мазмунсозӣ мегардад, ҳамоно интихоби вазни муқтазои жанр ва беш аз он тақозои мавзӯъ мебошад.

Чунончи, чанд байте аз як ғазали шоир, ки дар баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф эҷод шудааст:

Бо маҳ андар ҳусн паҳлу мезанад.
Ҷавр бо гардун баробар мекунад.
Ҷон зи дасташ дар рикоб овард пой,
Дил зи ҷавраш хок бар сар мекунад.
Ман ба рагми душманон гӯям ҳаме,
Ёрам акнун ҷавр камтар мекунад (2,383).

Яъне маҳбуба ҳусни қиёснопазир дорад ва ин боиси ҷобирии ӯст, ки ба ндозаи ҳусн ҷабрро раво дидааст. Барои мӯҳтаво ё дарунмояи шеър ва барҷастагии ифода бо манзури ҷилои ахлоқӣ-тарбиявӣ адиб баҳри Рамалро баргузидааст. Вазн дар ин ҳолат барои асарнокии ахлоқии мавзӯъ тақвияту таҳким бахшида, барои муассирии калом мусоидат мекунад. Барои арзи арзиши арӯз дар шеър Шафеъии Кадканӣ бо такя бар қазовати Абӯалӣ ибни Сино менависад: «Ибни Сино аз маҷмӯаи дониши мусиқии хеш, ки гоҳ вориди илми арӯз ва замоне вориди мабоҳиси марбут ба шеър мешавад ва арзишмандии арӯзро таъкид менамояд» [9,343].

Доктор Шафеъии Кадканӣ дар зерфасли «Аҳамияти вазн»-и китоби хеш, ки зикраш рафт, бисёр муфид таъкид мекунад, ки: «Аҳвоми ибтидоӣ, ки аҳли хондану навиштан нестанд, масъалаи ниёзмандӣ ба вазн бештар доштаанд» [9,31].

Пас, маълум мешавад, ки ниёз ба вазн ҳатто пеш аз хат иттифоқ афтода будааст. Аз ин хотир то замони Ҷамолуддин Муҳаммад хосса вазни арӯз марҳалаҳои баланди камолотро паси сар намуда, барои шуарои форс-тоҷик яке аз шартҳои ҳатмии маърифат дар каломи мавзун маҳсуб мебошад. Аз ин хотир, Ҷамолуддин Муҳаммад дар коргирӣ аз авзони арӯз ғолибан аз авзони солим бештар кор гирифта будааст. Чунончи ӯ дар баҳри Ҳазаҷ – 53 ғазал, дар баҳри Рамал – 54 ғазал, дар баҳри Мутақориб – 7 ғазал эҷод кардааст, ки хеле муҳим аст, зеро буҳури фавқуззикр аз бахши баҳрҳои солим буда, шоир тавассути баҳрҳои солим аз 173 ғазал, 114 ғазал эҷод кардааст, ки дар боло мо теъдоди ғазалҳо ва номи баҳрҳоро зикр намудем ва чуноне ки маълум аст, дар ҷои аввал баҳри Рамал ва Ҳазаҷ дар ҷои сонӣ аст ва тафовут низ чандон беш нест. Зеро Ҳазаҷ ҳиссиёту ҳаяҷонро андаке қавитар фаро гирифта, Рамал дар ҳамин андоза ҷанбаи дидактикӣ дорад.

Ҷамолуддин Муҳаммад аз баҳрҳои ғайрисолим низ хеле хуб кор гирифтааст. Чунончи, ӯ аз доираи аввали буҳури фаръӣ асосан аз баҳри Музореъ истифода бурда, дар ин баҳр ҳабдаҳ ғазал эҷод кардааст.

Аз доираи дуюми буҳури фаръӣ Ҷамолуддин Муҳаммад дар ду баҳр, яъне бештар дар баҳри Хафиф сӣ ғазал ва дар баҳри Муҷтасс се ғазал таъриф намудааст.

Аз доираи сеюми буҳури фаръӣ шоир бештар таваҷҷуҳ ба баҳрҳои Сареъ (панҷ ғазал) ва ба баҳри Мунсареҳ (се ғазал) эҳдо кардааст, ки ҳоло бо баъзе аз он буҳур ва мухтассоти коргирӣ ҳангоми таълифи маъруфтарин жанри адабӣ- ғазал намунаҳо зикр хоҳем кард.

Чунончи, намунае аз як ғазали шоир, ки бо истифода аз азоҳифи баҳри солими Ҳазаҷ иншо шудааст, зикр хоҳем кард:

В-он ҷо, ки ниҳӣ новаки гамза ба камон,
Маҳ кист, ки аз ту сипарафканда набошд.
Пеши лаби хандони ту гул гарчи бихандад,
Ҳуд донад, к-он ханда чу ин ханда набошад.
З-ин гуна ба хун рехтан ар даст барорӣ,
Тарсам, ки дигар сол касе зинда набошад.

Ғазали фавқуззикр бо истифода аз азоҳифи ахраб, макфуф ва маҳзуфу мақсур қобили вуқӯъ гардида, шакли саҳеҳи он чунин аст:

- - V/ V - - V/ V - -V/ V - -
- - V/ V - - V/ V - -V/ V - -

Унвони баҳри мазкур дар шакли баёни академикӣ чунин аст: ғазал дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани садр ва ибтидо – ахраб, ҳашвайни аввалу сонӣ – макфуф ва арӯзу зарб – маҳзуф иншо шудааст.

Дар ғазали фавқуззикр, ки бо манзури муқтазои тематикӣ – ишқӣ ва мушаххассоти ҷузъиёти тематикӣ – тавсифи аҷзои маҳбуба: ғамзаи ҷонгудозу пуриртифои ӯ, табассуми шаҳдогини маҳбуба, қиёси ин ду амали зоҳирии маҳбуба, ки ифшогари сирати ӯст, бисёр ҷолиб ва ҳатто нисбатан тозаву нобанд. Вале дар байти сеюм – кулминатсия ё худ авҷи ифодаи ғурури маҳбуба, ки ғазаб ном дорад, мавриди тасвир қарор гирифтааст. Чун ғазал дар баҳри Ҳазаҷ иншо шудааст, табиати вазн иҷозат надодааст, ки амал мисли табиати баҳри Мутақориб сурат бигирад. Аз ин хотир баён оҳанги хуш ва ҳаяҷонбахш гирифтааст ва ин ҷузъиёт ғулувомез ва муканно мавриди баён қарор гирифтааст, ки маҳз тобиши ҳунарӣ дорад.

Ё худ ғазали дигаре, ки дар баҳри Рамал иншо шудааст:

Бе маҳи рӯйи ту чашмам ҳамчу абри баҳман аст,
Бе шаби зулфи ту розам ҳамчу рӯзи равшан аст.
Наргисат аз голия сад тир дорад дар камон,
Лоҷарам гулбарги ту дар зери мушкин ҷавшан аст.
Зулфро гӯ пойбозӣ бар гулу савсан макун,
К-ат аз ин бозича хуни сад чу ман дар гардан аст.

Ғазали мазкур муқаффою мураддаф буда, қофияи он муқайяд ва радифи ғазали фавқуззикр сода мебошад. Ғазал дар баҳри Рамали мусаммани мақсур иншо шудааст, ки шакли афоъилии он чунин аст:

- V - - / - V - - /- V - -/ - V ~
- V - - / - V - - /- V - -/ - V ~

Яъне: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилон буда, хеле ҳунармандона таълиф гардидааст, зеро маҳи рӯй, шаби зулф, ғолияи наргис, пойбозии зулф ва ғайра аносири шеъри тасвир мебошанд, ки хеле нозук пайдо карда шудаанд.

Умуман шоир ба ғазалиёти хеш андаке табиати зарифӣ эҳдо намуда, ғолибан ба авзони кӯтоҳ рӯ овардааст. Аз ин ҷост, ки шоир дар авзони кӯтоҳ 108 ғазал, дар авзони миёна 56 ғазал ва дар авзони баланд 9 ғазал эҷод кардааст.

Ӯ дар авзони тоза ё худ нав, ки тозакориҳо кардааст, миқдоран панҷто буда, бештар таваҷҷуҳ ба авзони кучак дорад.

Ҳадафи шоир ба намоиш гузоштани ҳунар хеш дар заминаи устувортарини суннати адабиёти боғановати форс-тоҷик низ ҳаст. Зеро марбут ба коргирии вазн дар ғазал ҳамчунон ки Парвиз Нотили Хонларӣ низ таъкид кардааст, ҷилои эстетикии ҳунари адиб ҳам мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Девони комили устод Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ/ Бо тасҳеҳу ҳавошии Ҳасан Ваҳиди Дастгардӣ. – Теҳрон, 1320 ш.
2. Девони Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ/Бо тасҳеҳи Ҳасан Ваҳиди Дастгардӣ ва бозбинии Сайид Ваҳиди Самнонӣ. – Теҳрон, 1390 ш.
3. Хонларӣ Н.П. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал/ Н.П. Хонларӣ.– Теҳрон, 1338.
4. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор/ Насируддини Тӯсӣ; таҳияи У. Тоиров.– Душанбе: Ориёно, 1992.
5. Солеҳов М. Арӯз ва омӯзиши он/ М.Солеҳов. – Душанбе, 2005.
6. Тақии Ваҳидиёни Комёр. Фунун ва саноеи адабӣ/ Тақии Ваҳидиёни Комёр; таҳияи У. Тоиров.– Душанбе, 1993.
7. Фанни шеър/ Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов.– Д.: Ирфон, 1985.
8. Шарифов Х. У. Тоиров. Назмшиносӣ/ Х.Шарифов У. Тоиров.– Душанбе, 2005.
9. Шафеъии Кадканӣ. Мусиқии шеър/ Шафеъии Кадканӣ. – Теҳрон, 1367.
10. Ҷамолуддини Исфаҳонӣ. Ғазалиёт/ Ҷамолуддини Исфаҳонӣ; бо эҳтимоми Н. Ширинов.– Душанбе: Ирфон, 2011.
11. Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ. «ал-Муъҷам…»/ Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ; муаллифони сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. –Душанбе: Адиб, 1991. – С. 162.

МЕТРИКА ГАЗЕЛИ ДЖАМАЛАДДИНА ИСФАХАНИ

В данной статье в основном рассматривается литературно-эстетическое мастерство Джамаладдина Мухаммада ибн Абдарразака Исфахани. Метрика является основой в творении художественной поэзии и в средневековой литературно-эстетической мысли занимает первое место. В связи с этим в литературной среде Исфахана, в которой Джамаладдин Мухаммад был одним из представителей школ, неполадки в метрике почти не встречаются. Наоборот, в его произведениях встречается много газелей, которые написаны в несколько метриках и с большим мастерством.

Ключевые слова: метрика, газели, литературно-эстетическое произведение, Исфахан, творения, мастерство.

METRIC GAZELLE JAMALADDIN ISFAHAN

This article mainly deals literary and aesthetic mastery Jamaladdin Muhammad ibn Abdarrazak Esfahani. Because the metric is the basis in the creation of art and poetry in medieval literary and aesthetic thought , ranked first. Therefore, in the literary environment of Isfahan, which Jamaladdin Muhammad was one of those instrumental schools, problems in the metric is almost never. On the contrary, his works are a lot of gazelles, which are written in several metrics , and they are written with great skill.

Key words: metric , gazelles , literary, aesthetic , Isfahan, creation, skills.

Сведения об авторе: ***Н. А. Ширинов***- аспирант кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета.Телефон: **(+992) 999 99 99 71.**

САРШОРИ ЗИНДАГӢ

З.П. Иноятова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар кас ки осори Фазлиддин Муҳаммадиевро нахонда бошад, бо адабиёти муосири тоҷик шиносоии амиқ надорад. Чаро чунин мегӯям? Вай мисли дӯсти деринаш Чингиз Айтматов романҳои оламшумул нанавиштааст, аммо дар он чи ки ӯ ба мерос мондааст, тамоми олами ҳодисаю воқеаҳои асри ХХ (хоси як насли бисёр боҳунари мардуми мо) осори амиқи хешро гузоштааст. Барои ин фақат хондани як

романи «Палатаи кунҷакӣ» ё қиссаи ҳуҷҷатии «Писари газета» басанда аст. Зимнан, ҳарчанд шубҳанок аст (ба тарсу будани муаллиф) қиссаи номбурда лавҳаро мисол оварданиям, сардор (муқаррар) ба мухбир (Фазлиддин Муҳаммадиев) фармуда буд, ки бахшида ба ҷашни Москва дар бораи яке аз нахустин Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Раҳмон Ҷабборов маводе нависад. Мухбир бо дилгармӣ аз паи супориш шуд. Аммо баъди он ки ҳуҷҷати сафар ва рӯҳияи мухбир ба рафтан омода шуд, «як одами миёнасоли табиатан мулоимхунук» бо ӯ вохӯрда, баъди аҳволпурсӣ гуфт: «… Наравед, уко. Дар он ҷоҳо якта-нимта одамони нобоб ҳастанд».

Фазлиддин Муҳаммадиев табиатан одами тарсу набуд. Вале ҳисси кунҷковиаш ӯро водор кард, ки барои аниқ кардани масъала ба чандин кормандони редаксия муроҷиат кунад. Ҷунайдулло Исоев, Мурод Боғиров, Юлдош Зиёев аз пурсишҳои ғайриодии мухбир китф дарҳам кашида, шубҳанок будани сухани «одами миёнасоли мулоимхунук»-ро ба зери шубҳа мегирифтанд. Нависанда ин ҳолатро хеле муассир, бафурҷа, аниқу дақиқ тасвир карда, вазъи зиндагии ҳамсолон ва журналистони солҳои панҷоҳумро ба хонанда шарҳ дода, аммо дасисаи «одами миёнасоли мулоимхунук»-ро сарфи назар накарда, бо худ тезинае ҳамроҳ гирифтанӣ шудааст.

«… Понздаҳ-бист сол қабл аз ин ба мухбирон сӯиқасд мекарданд, ҳатто мекуштанд онҳоро. Лекин ин корро душманони халқ, душманони рӯзгори нав мекарданд. Ҳоло ин душманон нест шудаанд. Ғайр аз ин, ман чӣ кор кардам, ки ба ман қасди бад кунанд? Найранги киро фош кардам? Баръакс, ба ин ҷо омадаам, ки раиси колхозро, худи колхозро таъриф кунам».

Фазлиддин Муҳаммадиев қиссаи ҳуҷҷатии «Писари газета»-ро бо усули хоси хуб, вале бо риояи услуб ва забони журналистикаи солҳои 50-ум, бо фазлу мутоибаҳои хоси худ таълиф кардааст. Дар он вазъи газетаҳои он солҳо, фидокорию ҷоннисории кормандони матбуоти давр хеле батаъсир тавсиф ёфтааст. Дар бораи эҷодиёти ин марди шариф, ки ба гуфта ва навиштаи ҳамкорону муҳаққиқони нависанда, як инсони зарифу борикбин, ҳалолкору некандеш будааст, ёддошту таҳқиқоти бисёре вуҷуд дорад. Вале ин ҷо мо аз сирф ҳама сарфи назар карда, аз ҷузъи ҳаёти пурбаракати нависанда ҳикоят кардани ҳастем. Ӯро ҳам сардори дӯстрӯяш, ҳам коркунони аз наздик шиноси вай «писари газета» меномиданд. Зеро вай барои омода кардани материали зарурӣ ҷоннисориҳо мекард. Шабро шабу рӯзро рӯз, бевақту барвақт нагуфта, аз паси сафару суҳбат бо «қаҳрамонони худ» мешуд, гоҳ дар саройҳою анборҳои колхозҳо хуфта, гоҳ дар ҳабсхонаҳои муваққатии милисаҳо зиста, гоҳ бо поезди камбар, «гоҳ ба пешу гоҳ ба қафо» ҳаракат карда, гоҳ бо як бурда нону як коса ҷурғот соатҳо интизори «калонҳои бедимоғ» шуда «супориши давлат»-ро иҷро мекард. Барои вай хурду калон, «мансабдору кулӯхзан» фарқ надошт, зеро ҳама барои ӯ «ҳамшаҳрӣ, ҳамватан» буд.

Фазлиддин Муҳаммадиев аз ҳама бештар ҷавононро дӯст медошт. Дар китоби «Дӯстон тоҷи сар» даҳҳо мақола, ҳаҷвия, очерку эссеҳое гирд оварда шудаанд, ки аз «мамлакати ҷавонон», аз бахти тобноки ҷавонии бехалал, навниҳолони боғи шӯравӣ нақл мекунанд. Аммо чунин инсони беамсол, чунин шахсе, ки тамоми вуҷудашро сарфи шукуфоии на танҳо боғи адабиёт, балки ҷавонию ҷавонони саодатманд карда буд, моҳи июни соли 1986 дар маркази Душанбе бо ҳамлаи яроқноки гурӯҳи ҷавонон мувоҷеҳ шуд. «Аз захми кордҳои беҳисоби ҷавонони ноҷавонмард, сахт захмин шуда, дар ҳолати вазнин ба шифохона бурда шуд. Чанде гузашт ва рафтори ноадолатонаи судро шунида, дасту дил аз дунёи дӯстдоштааш шуст».

Фазлиддин Аминович Муҳаммадиев (15.06.1928-16.10.1986) нависандаи қаторӣ набуд. Ӯ Нависандаи халқии Тоҷикистон, корманди шоистаи Тоҷикистон, узви Раёсати Иттифоқи нависандагон, узви Иттиҳодияи киногарон, дорандаи ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи устод Рӯдакӣ буд, ҳамчун публисист, драматург, сенарист обрӯю нуфузи баланд дошт. Адабиёти муосири тоҷик очеркҳои беамсоли «Раиси нав» (1955), «Муҳоҷирон» (1956), «Фаттоҳ ва Музаффар» (1958), қиссаҳои аз нигоҳи мавзӯю услуби хоси ӯ «Таркише, ки ба амал наомад», «Писари газета», «Қиссаи Зайнаббиби»-ро ёд доранд. Повестҳои марғуби «Одамони кӯҳна» (1963), «Дар он дунё» (1965), романи «Палатаи кунҷакӣ» (1974), «Шоҳии япон» (1982), «Варта» (1983), ҳикояҳои намакини ӯ «Даъво»; «Созе Мунаввар»; «Арзамас»; «Рӯзи дафни усто Оқил» ва ғайраро ёд дорад. Тарҷумаҳояш аз осори А. Чехов, Т. Драйзер, А. Стил, Ч. Айтматов, А. Қаҳҳор ва чанди дигар дар рафи китобҳои ҳаррӯза қарор доранд.

Эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев баҳри беканор аст ва дар бораи он ҳарф задан ба он монанд аст, ки баҳрро дар пиёла биғунҷонем ва ба пиёла чун баҳр арзиш диҳем. Бинобар ин, аз баҳри ин калонтарошӣ гузашта, ба як қираи асарҳои нависанда арзиш медиҳем.

Насри мустанад, насри ҳуҷҷатӣ, омиёна ё чи тавре, ки мегӯянд, насри тасвири воқеияти ҳаёт, як бахши муҳими фарҳанги тоҷикӣ дар асри ХХ мебошад. Вай дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст ва таърихи тӯлоние дорад. Дар гузашта насри мустанад бо ифодаҳои илмию ихтисосии мактуб, мақола, сафарнома, воқеънома, солнома, ахбор, ҳадис, таърихнома, муросила, асарҳои тарҷумаиҳолӣ ва ғайра ёд шудааст. Аломатҳои умумии насри мустанади тоҷик, аз рӯйи қайди муҳаққиқи насри ҳуҷҷатӣ А. Саъдуллоев ҳанӯз дар асри Х ва пеш аз он ба мушоҳида расидааст.

Аз ҷумла, ҳатто повесту ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев низ бо нақши образ саршор бошад ҳам, таъсири воқеият дар онҳо бузург аст. Ӯ асосан роҳкушои жанри очерки проблемавӣ ва бадеист. Вале қиссаю эссеҳои пурмуҳтаво, публисистикаи бадеӣ низ дорад. Қиссаҳои «Зайнаббибӣ», «Писари газета», эссеҳои «Меҳри диёр», «Марди фозил», мақолаҳои публисистии «Сабақ», «Мо накунем, кӣ мекунад?» ва ғайра на танҳо бо муҳиммияти мавзӯъ ва фаррохии диду мушоҳида, балки бо ҳусну баёни образнок, ҷузъҳои барҷастасозии воқеа ва симоҳо, лаҳни гуворою дилнишини ноқилу қаҳрамонон дар хотири хонанда нақши амиқе мегузоранд.

«Зайнаббибӣ» яке аз аввалин қиссаҳои Фазлиддин Муҳаммадиев мебошад, ки дар соли 1964 ба табъ расидааст ва аз рӯзҳои аввали чоп таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба худ ҷалб намудааст.

Дар ин қисса ба мисли Зайнаббибӣ, Санъат, командир-Карабоев, командир Васильев, Умар як қатор персонажҳо ширкат меварзанд, ки аксаран образҳои мусбат мебошанд. Персонажҳои манфии қисса Эшонқул, Иброҳимбек, Асадуллобек, Ҳоҷитӯра бо фаъолияти худ тезутундии нақлро таъмин кардаанд.

Образи нависанда-ноқил аз аввал то ба охири қисса фаъол буда, дар ҳама ҳолат гоҳ тавассути амалиёт ва мулоҳизаҳои образҳои мусбату манфӣ ва гоҳ бевосита фикру андешаи худро ба хонанда иброз мекунад.

Нависанда дар қиссаи худ замони баъди Инқилоби Шӯравӣ ва Ҳокимияти Советиро бо зиндагии кӯдаке, ки бо азобу машаққати зиёд умр ба сар мебарад, ончунон инъикос кардааст, ки ба хонанда ба борикбинию мушоҳидакории адиб ҳасанот мегӯяд.

Вақтҳои охир нақли рӯзгори гузашта, таассуроти журналистон ва кормандони газетаҳо, радиою телевизион бисёр мушоҳида мешавад. Аммо ба гумони ман, ҳанӯз асарҳое, ки ҳам баёни образнок дошта бошанду ҳам реалияти зиндагиро (хоҳ мусбату хоҳ манфӣ) дурусту бекаму кост нишон диҳанд, арзи вуҷуд накардаанд. Аз ин хотир, мехоҳам қиссаи «Писари газета»-ро махсус таъкид кунам.

Ҳеҷ як инсон ва ҳеҷ як воқеа бе истифодаи тахайюл тасвир намеёбад. «Писари газета» ҳам чунин лаҳзаҳо дорад. Аммо хонанда ҳис мекунад, ки гуфтаву навиштаҳои ӯ хеле воқеӣ манзур мешаванд. Чаро? Содиқ Арабов, Самад Ғанӣ, Ҷунайдулло Исоев, Мурод Боғиров, Мустафо Шарқӣ, Омина Қаҳҳорова, Юлдош Зиёев, Тоҷӣ Усмон, Юҳай Аминов, Ҳалолиён Аскар аз аввалин журналистонанд, ки дар бунёди бинои мухташаме бо номи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») саҳми ногусастанӣ гузоштанд. Ман дар идораи газетаҳо кор накардаам, вале аз рӯи нақли қиссадонон рамуз мегирам, ки мухтавои кор- набори матн навбатдорӣ, тарзи фаъолият дар редаксияҳо, сафарҳои эҷодӣ (аксар омехта ва ангезаи воқеаҳо) ҳамон монда бошад ҳам, ҳаёт ба моли матбуот бисёр дигаргуниҳои бемисл дохил кардааст. Мошинҳои чопу чиниши мавод билкул дигар шудааст, ба ёрии журналистон ёрдамчии беминнат- Интернет омада, тарҳрезии газетаҳо техникӣ ва технологӣ шудааст. Ҳамаи ин тағйирот дер не, дар давоми понздаҳ-бист сол рӯи кор омадаанд. Вақте ки «Писари газета»-ро мехонем, як олами фусункоре пеши назар меояд. Ноқилу образи асосии воқеа Фазлиддин Муҳаммадиев ҳамкорони худро тарзе муаррифӣ мекунад, ки чун сутунҳои боҳашамат ҳамеша дар ҷои худ, бо мақоми худ ҳастанд, ҳаётро бениҳоят дӯст медоранд, дар ҳар факти оварда, ҳар мусоҳиби журналист, тасвири реалии ҳар воқеа худро масъул меҳисобанд. Забони онҳо, гарчи баъзан хушк, вале расмию замонист, муҳимтарин ҷиҳати хислати онҳо дастгирию сарпарастии доимии онҳо ба ҷавонони навкор мебошад. Қиссаи ба кори эҷодӣ қабул шудани як ҳисобчии колхоз, меҳрубониҳои бародарвори Мурод Боғиров, сахтгирию

раҳмдилии аҷоиби Юлдош Зиёев, пурсишҳои мухбири навкор бо раисҳои овозадори замон бисёр ҷолиб ва шавқованд ва чун асари оригиналии адабиёт пазируфта мешаванд.

Инак, чанд лаҳза. Баъди се маротиба ариза навишта, ҳаҷми онро ба понздаҳ варақ расондан, муҳаррир (Самад Ғанӣ), аризаи ӯро ба як бурҷи столи кориаш мондаву худ баромада рафт. Мухбир ҳайрон-ҳайрон ба ходими шуъбаи мактубҳо дида духт «-Муҳлати имтиҳонотон тамом шуд.- гуфт мудири шуъба Хосият Эшмуродова

- Акнун чӣ мешавад?

- Аз рӯйи қоида муҳаррир ба наздаш ҷеғ зада саволу ҷавоб мекунад.

- Сонӣ?

- Сонӣ одатан ё ходими адабӣ таъин мекунанд ё ҷавоб медиҳад».

Аз ин муколама ӯ ҳайратзада шуд. Зеро аз саволу ҷавоб ба навъе қимоб буд. Ӯ ҳангоми ба комсомол қабул шудан ба саволҳои беохири аъзои бюрои комсомолӣ се - чор «саволи дандоншикан»-и «духтараки маҳмаддоно» ҷавоб наёфта, «ба обу арақ ғарқ» шуда буд. Биноан дандон ба дандон монда бе обу нон то соати панҷи бегоҳ ба муҳаррир интизор шуда нишаст. Аммо Самад Ғанӣ ба наздаш хонда саволе надод, ба соаташ нигоҳ карда гуфт:

« – Соат панҷ. Ҳозир ба музей бирав. Бодиққат тамошо карда сонӣ ба хонаатон рафта, ҳар чиро ки лозим донӣ, навис. Пагоҳ ба дасти ман месупорӣ. Шарт ҳамин ки материал соати нӯҳ тайёр бошад».

«Писари газета» қиссаи онҳоест, ки кохи азими сухани воқеъгароёнаи публисистиро бунёд гузоштаанд, таъкид ва мо бо миннатдории бепоён бунёди гузаштаи начандон дурамонро пеши назар меоварему ба бобою бобокалонҳои худ сипоси бепоён изҳор менамоем.

Ин ҷо мо фақат аз як қиссаи муқаррарии Нависандаи халқии Тоҷикистон Фазлиддин Муҳаммадиевро ёдовар шудем. Боғи сарсабзи адабиёти мо бо шукуфаи даҳҳо асарҳои хурду бузурги бадеӣ-беллетристӣ, публисистӣ, журналистии ӯ саршор аст. Онҳо ба мо рӯҳу илҳом, тавону қувват мебахшанд.

Ҳаргиз намурад, он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб иборат аз ду ҷилд/ Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон: 1978.– С. 515.
2. Муҳаммадиев Ф. Дӯстон тоҷи сар/ Ф.Муҳаммадиев – Душанбе, 1985.– С. 515
3. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт/ А. Саъдуллоев. – Душанбе, Адиб: 2000.– С. 18
4. Муҳаммадиев Ф. Зайнаббибӣ. Асарҳои мунтахаб /Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1978.– С.476.–510
5. Муҳаммадиев Ф. Писари газета. Асарҳои мунтахаб / Ф. Муҳаммадиев. –Душанбе: Ирфон, 1978.– С.514.

ТВОРЧЕСТВО ПОЛНОЕ ЖИЗНИ

В данной статье говорится о художественным мастерстве Ф. Мухаммадиева и особенно о его повести «Сын газеты». Фазлиддин Мухаммадиев является мастером прозаических произведений. В его романе «»Угловая палата» и многих других сочинений и публицистических статях отражена современная действительность со всеми атрибутами художественного образа. И поэтому Ф. Мухаммадиев был и остается самым востребованным писателем современного периода, ибо в его произведениях мы встречаемся со многими нашими современниками, художественными образами, где реально и прямолинейно художественно отображена наша действительность. Его герои живут, мыслят, работают вместе с нами, в их облике мы находим героев наших дней. Борцов за справедливость умеющих всегда бороться и побеждать.

Ключевые слова: Фазлиддин Мухаммадиев, художественное мастерство Ф. Мухаммадиева, мастер прозаических произведений, отображение действительности.

CREATIVITY FULL OF LIFE

The article is devoted to his journalistic skills and a special school for writers and particularly it analyses a part from “The son of newspaper”.Fazliddin Muhammadiev is considered to be one of the best tajik writers, a master of prose in the modern literary world. His works: novels, essays, stories, pamphlets, make a masterpiece and are valuable contribution in tajik literature of the 20-21 century. The heroes of his works show nowadays life and reality. The works created by Muhammadiev like a school teach young writers to achieve necessary skills and abilities.

Key words: Fazliddin Мухаммадиев, artistic skills F. Мухаммадиева, master of prose works, the reflection of reality.

Сведения об авторе:: ***З.П. Иноятова*** – соискатель Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 93 515 11 88.**

СОХТ ВА МУНДАРИҶАИ «АЛ- ФЕҲРИСТ»-И ИБН АН-НАДИМ

Меҳровар Раҳмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«ал-Феҳрист» китоби муаррих, феҳристнигор, адабиётшинос ва нависандаи асри 10 -и араб Муҳаммад Исҳоқ Ибн ан- Надим мебошад.

Ин асар бо сарсухани муаллиф, ки ба гуфтаи А.Метсу [1,147] дар рӯҳияи замона навишта шуда буд, оғоз меёбад: «Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон. Худоё, кӯмак аз ту мепурсам! Ба Худои якто ва тавоно рӯй меорам. Худоё, арвоҳи моро ба раҳматат гирифтор кун! Он касонеро, ки ташнаи натоиҷанд, на муқаддима онҳо дар ҳоли ба мақсадашон расидан қонеъ мегарданд. Аз ин сабаб дар муқаддима бо ин калимаҳо суханро кӯтоҳ мекунем ва Худо агар хоста бошад, баъди таълифи он китоб нишон медиҳад, ки мо чӣ мехостем. Мо аз Худо ёри талаб мекунем ва ба ӯ намоз мегузорем барои ҳамаи паёмбарон, бандагони содиқ ва фармонбардори вай. Ҳеҷ қудрат ва тавоноие нест ба ҷуз Худои бузург».

«ал-Феҳрист» муаррифномаи фарҳангу адаби халқҳои арабу аҷам ва китобҳое, ки аз ҷониби намояндагони халқҳои дигар ба арабӣ дар бораи улуми мухталиф то соли 377 ҳ. таълиф шуданд [2,2]. Баъд аз чунин як сарсухани кӯтоҳ муқаддимаи китоб меояд, ки дар он аз даҳ мақола ё боб иборат будани «ал-Феҳрист» маълум мегардад. Мо дар ин ҷо бобро истифода мебарем, ки боз ҳар яки он дар навбати худ ба фанҳо тақсим мешавад. Шумораи он ба 33 мерасад. Мақола ё бобҳои асар ба тартиби зерин ҷойгир шудаанд:

Боби якум аз се фан иборат буда, хусусияти муқаддимавӣ дорад ва мисли 9 боби дигар сарлавҳаи махсус надорад. Вай дар бораи расмулхати халқҳо ва табақаҳои динии гуногун ва ёдгориҳои хаттии баъзеи онҳо маълумот медиҳад [2,8].

Фанни аввал. Дар васф ва хусусияти забон ва хатти халқҳои мухталиф. Дар ин фан дар бораи пайдоиши хат ва алифбои арабӣ, хусусияти хоси хатти шумерӣ қайд шудааст. Инчунин дар бораи шакл ва услуби хатти арабӣ номи он шахсоне, ки то замони ислом хат навишта метавонистанд, аввалин котибони «Қуръон», саҳҳофон, мураттибони дастхатҳо инчунин, оид ба ҳунари хаттотӣ ва китобнависӣ дар байни арабҳо маълумот дода шудааст. Баъд аз ин маълумоти мухтасар дар бораи забон ва хатти ғайриарабӣ: суриёнӣ, набатӣ, форсӣ, яҳудӣ, юнонӣ, лангобардӣ, саксонӣ, чинӣ ва суғдӣ оварда шудааст. Инчунин дар бораи халқҳои африқоии бехат, ки баъзеяшон барои корҳои диннӣ хатти суриёнӣ, римӣ ё қибтиро истифода мебурданд, иттилоъ дода, сипас, дар бораи хатти ҳабашиён зикр шудааст. Тибқи маълумоти «ал-Феҳрист» булғориҳо ва тибетиҳо хатти чиниро ва хазарҳо хатти яҳудиро истифода мебурданд. Баъд аз ин маълумоти кӯтоҳе оид ба хатти русҳо, франкҳо ва арманиҳо меояд. Ин боб бо маълумот оид ба навъҳои гуногуни варақ ба поён мерасад.

Фанни дувум. Дар ин фан дар бораи номҳои китобҳои муқаддасе, ки бар мазоҳиби мусулмонон ва динҳои дигар фиристода шудаанд таваққуф шудааст.

Фанни савум. Дар бораи «Қуръон» ва таърихи нузули он. Дар ин қисмат «Қуръон» шеърҳо дар бораи он, тарз ва навъҳои хондани он аз тарафи қориён ҷо дода шудааст. Асосан, дар ҳамин ҷо маводи библиографии «ал-Феҳрист» шурӯъ мешавад, яъне номбар кардани шахсоне, ки фаъолияти онҳо ба мавзӯи мазкур алоқаманд буд ва дар ин ҷо муфассал оид ба тафсири «Қуръон», фазоили «Қуръон», пораҳои он ва оятҳои он инчунин, оид ба дигаргунии нусхаҳои «Қуръон» маълумот дода шудааст.

Боби дувум. Дар бораи забоншиносон ва наҳвиён, ки аз се фан иборат аст.

Фанни аввал Дар бораи забоншиносон ва наҳвиёни мактаби филологии Басра шурӯъ аз нақши Алӣ ибни Абутолиб ва Абу-ласвад ад-Дуалӣ дар ташкилӣ илми наҳви араб [2,70].

Фанни дувум: Дар бораи забоншиносон ва наҳвиёни мактаби филологии Кӯфа ва номи кутуби онҳо.

Фанни савум: Дар бораи забоншиносон ва наҳвиёне, ки дар таълифоташон ҳам раъйи басрагиён ва ҳам раъйи куфагиёнро истифода бурданд.

Боби чорум. Ахбор оиди ровиёни таърих, шаҷарашиносон ва солномановисон, ки аз се фан иборат аст [2,150].

Фанни аввал: Ба муаррихон, шаҷарашиносон, солномановисон, тарҷумаи ҳолновисон ва таълифоти онҳо бахшида шудааст. Мавод ба мисли дар боби пешбуда бо овардани маълумоти биографии кӯтоҳ ва таълифоте, ки ба муаллиф маълум буд, таркиб ёфтааст. Баъзе аз қайдҳо ба мисли дар бораи Хишом ибн ал-Калбӣ ҳаҷман калон буда, номгӯйи таълифоти ӯ ба гурӯҳи махсус тақсим карда шудааст.

Фанни дувум: Дар бораи подшоҳон, котибон, хатибон, коркунони андоз ва дастгоҳи давлатӣ, ки ба таълиф машғул буданд.

Фанни савум: Ба надимон, ҷолисон, адибон, ҳофизон, мазҳакачиён ва таълифоти онҳо бахшида шуда, бо овардани маълумоти каме дар бораи шатранҷбозоне, ки баъд аз худ таълифот боқӣ гузоштаанд, ба анҷом мерасад.

Боби чорум: Дар бораи шеър ва шоирон, ки аз ду фан иборат аст [2,259].

Фанни аввал: Дар бораи шоирони давраи ҷоҳилият, ки дар давраи ислом аз дунё гузаштаанд ва номи таълифоти онҳо.

Фанни дувум: Дар бораи шоирони давраи ислом ва шоирони «нав» то асри муаллиф, шурӯъ аз Башшор ибни Бурд (96-167/714-783) то Абунуввос (145-198/762-813).

Боби панҷум: Дар бораи калом ва мутакаллимон, ки аз панҷ фан иборат аст [2,289]:

Фанни авал: Оиди ахбори калом ва мутакаллимон аз муътазила ва мурҷиа ва номи кутуби онҳо.

Фанни дувум: Дар ахбори мутакаллимони шиа, имомия, зайдия ва номи кутуби онҳо.

Фанни савум: Дар бораи мутакаллимони муҷбира ҳашвия ва таълифоти онҳо.

Фанни чорум: Дар бораи мутакаллимони хаворич ва таълифоти онҳо .

Фанни панҷум: Аз ахбори ҷаҳонгардон, зоҳидон, обидон, суфиён ва ононе, ки дар васвасаи авҳом сухан мегуфтанд ва номи китобҳои онон.

Боби шашум: Дар бораи фиқҳ, фақеҳон ва муҳаддисон, ки аз ҳашт фан иборат аст [2,368]:

Фанни аввал: Дар бораи Молик ибни Анас, асҳоби ӯ ва китобҳои ӯ.

Фанни дувум: Дар бораи Абуҳанифа ан-Нуъмон ва асҳоби ӯ ва кутуби вай.

Фанни савум: Дар бораи Имом аш -Шофеӣ, асҳоб ва кутуби вай.

Фанни чорум: Дар бораи Довуд, асҳоб ва кутуби вай.

Фанни панҷум: Дар бораи фуқаҳои шиа ва номи кутуби онҳо.

Фанни шашум: Дар бораи фуқаҳое, ки аҳли ҳадис буданд ва муҳаддисон, номи кутуби онҳо (мисли Суфён -ас- Саврӣ, Аҳмад ибни Ҳанбал ал-Бухорӣ ва дигарон).

Фанни ҳафтум: Дар ахбори Абӯҷаъфари Тибрӣ, асҳоб ва номи кутуби вай.

Фанни ҳаштум: Дар бораи фуқаҳои аш-Шурот (хаворич), ки дар Уммон, Сиҷистон ва Озарбойҷон ва дигар вилоятҳои хилофат зиндагӣ мекарданд.

Боби ҳафтум: Оиди фалсафа ва улуми қадим, ки аз се фан иборат аст [2,434].

Фанни аввал: Дар бораи файласуфон, мантиқдонон ва номи кутуби онҳо, тарҷумаҳо, шарҳҳое, ки доштанд ва аз дастхатҳое, ки ба Ибн ан- Надим маълум буд. Ба ғайр аз маводи шарҳиҳолӣ инчунин, якчанд намунаи асарҳои тарҷумашуда аз забонҳои дигар, инчунин номи якчанд тарҷумонҳое, ки асарҳоро аз забонҳои римӣ, суриёнӣ ва форсӣ ба забони арабӣ тарҷума карда буданд, зикр гардидааст .

Фанни дувум: Дар бораи олимони риёзидон, ҳандаса, мусиқидонҳо, ситорашиносон ва шахсоне, ки асбобу ашё месохтанд. Инчунин, номи олимони Рим ва Ҳинд, ки дар ин самтҳо олим буданд ва номи кутуби онҳо. Баъд аз он дар бораи олимони хилофат мисли Муҳаммад, Аҳмад ибни Ҳасан, фарзандони ибни Шокир, Собит ибни Қуро ал-Фарғонӣ ва дигарон.

Фанни савум: Дар бораи пайдоиши тибби қадим, табибони қадим ва муаллифоне, ки дар бораи тиб китоб навишта буданд. Қисми дуюми боб дар ахбори табибон ва муаллифоне, ки дар асри хилофат зиндагӣ карданд. Инчунин, таълифоти тиббие, ки аз забонҳои ҳиндӣ ва форсӣ ба забонӣ арабӣ тарҷума шуда буданд.

Боби ҳаштум: Дар бораи афсона, ҷоду, сеҳр ва чашмбандӣ, ки аз се фан иборат аст [2,540].

Фанни аввал: Дар бораи ровиён ва афсонагӯён. Бояд зикр кард, ки жанри афсона ба арабҳо аз халқҳои ҳамсоя- эрониён ва ҳиндиён, ки аз қадим ба ин жанр

эҷод мекарданд, гузаштааст. Ибн ан -Надим дар ин ҷо таърихи гузариши афсонаи машҳури форсӣ «Ҳазор афсона»-ро ба арабӣ аз шиносоии хонандаи араб ба он ба тариқи тарҷумаи он ба арабӣ, оиди тағйири он дар вақти тарҷума ва дигар маълумот меорад. Инчунин, дар поён номи афсонаҳо ва ё маҷмӯаи афсонаҳо, ки бо фаслҳои форсӣ, ҳиндӣ, римӣ, вавилонӣ ва ғайра тақсим карда буд, оварда шудааст. Маълумоти Ибн ан-Надим дар бораи ошиқон навиштаи муаллифони араб мисли Ҳишом ибн ал-Калбӣ, аш-Шарқи ибни Қутамӣ ва дигарон, ки дар давраи ҷоҳилият ва ислом таълиф шуда буданд, аҳамияти бузурги адабиётшиносӣ дорад ва ин фан бо зикри номи 12 асар дар бораи занҳои нозу карашмадор, 40 асар дар бораи ишқу ошиқӣ, 16 асар дар бораи ҷинҳо, ки ба одамон ошиқ шуда буданд ва баръакс, 4 асар дар бораи муъҷизаҳои баҳрӣ ва ғайра ба охир мерасад.

Фанни дувум: Дар бораи фусунгарон, ҷодугарон, фиребгарон, найрангбозҳо, соҳирон ва номи китобҳои онҳо.

Фанни савум: Дар бораи таълифоти мухталиф, ки қисме аз он ба ду фанни гузаштаи ин боб алоқамандӣ дорад. Дар он 25 қиссаи таърихӣ, 9 қисса дар бораи паҳлавонон, 9 қисса дар бораи одамони содда. Дар давом номҳои таълифот арабӣ ва тарҷумашуда аз забонҳои форсӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, ки ба мавзӯоти мухталиф бахшида шуда буданд оварда шудааст. Дар ҳамин боб дар бораи яроқҳо ва маҳорати ҷангӣ, дар бораи табобати ҳайвонҳо мисли асп, таъбири хоб, дар бораи маҳорати ошпазӣ, оиди туморҳо ва ғайра низ таваққуф гардидааст.

Боби нуҳум: Оиди мазоҳиб ва эътиқодот, ки аз ду фан иборат аст [2,565].

Фанни аввал: Дар бораи чигунагии мазоҳиб, ки маъруф дар ин аср ба собиа, мония ва асарҳои таълифшуда дар ин бора ва марқуния, ки ба яҳудия наздик буд, маълумот медиҳад. Дар ин ҷо қиссаи бутпараст Ҷанҷӣ, ки асосгузори мазҳаб буд, зикр гардидааст ва ӯ муътақид буд, ки ҳеҷ чиз то рӯшноӣ ва торикӣ вуҷуд надошт. Инчунин, номи мазоҳибе, ки дар байни асарҳои Исо ва Муҳаммад вуҷуд доштанд, сабт шудааст. Баъд аз он дар бораи ҳурмия ва маздакия ва мазҳабе, ки Абӯмуслим пайравӣ карда буд ва яке аз шоҳаҳои бутпарастӣ, ки халқҳои Осиёи Миёна парастиш доштанд, хабар дода шудааст.

Фанни дувум: Маводро дар бораи мазоҳиби Ҳиндустон, Чин ва номи бутҳое, ки онҳо парастиш мекарданд, дар бар гирифтааст.

Боби даҳум: Дар бораи файласуфони нав ва кимиёгарон, ки ҳамагӣ аз як фан иборат [2,628] ва он дар бораи илми кимёгарӣ ва ашхосе, ки ба сохтани ашёҳо аз тиллову нуқра машғул буданд, тавзеҳ ёфтааст. Ба қавли Ибн ан- Надим асосгузори он донишманд ва файласуфи бобулӣ Ҳарамас мебошад, ки ҳангоми пароканда шудани мардум аз Бобул вай ба Миср рафта, дар он ҷо ба ин санъат дастрасӣ пайдо кард ва доир ба он китобҳо навишт .

Аз таҳлили мухтасари сохт ва муҳтавои «ал-Феҳрист» маълум мегардад, ки ин асар аз ҷиҳати сохтору устухонбандӣ ва мазмуну мундариҷаи худ беназир буда, муаллифони пас аз ӯ дар феҳристнигорӣ китоб таълиф намуда, ба асари Ибн ан-Надим пайравӣ карданд. Ҳамчунин, аз муҳтавои асар маълум мешавад, ки он яке аз маъхазҳои муҳимму муътамади назму насри арабиву форсӣ, афсонаву устура, қиссаву ривоёт ва суханҳои шифоҳии мардум ба ҳисоб меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Меца А. Мусульманский Ренесанс / А.Меца. – Москва, 1973.
2. Ибн ан - Надим ал- Феҳрист. (Тарҷума аз арабӣ, Муҳаммад Ризо Таҷаддуд)/ Ибн ан - Надим. – Теҳрон, 1381ҳ.

СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ «КИТАБ АЛЬ-ФИХРИСТ» ИБН АН-НАДИМ

Данная статья посвящена изучению структуры и содержания труда багдадского книготорговца Ан-Надима «аль-Фихрист». Данная книга представляет собой свод сведений о литературе на арабском языке первых четырёх веков ислама, включая переводы произведений иноземных авторов. В ней Ан-Надим сообщает о книголюбах своего времени и их библиотеках, а также об истории книги и письменности

Ключевые слова: библиографическая литература, Труд ан-Надима «аль-Фихрист», структура и содержание книги, арабизированный вариант книги.

STRUCTURE AND CONTENT OF THE «KITAB AL-FIKHRIST» IBN AN-NADIM

This article is devoted to the study of the structure and content of work of the Baghdad bookseller An-Nadeem «al-Fikhrist». This book is a collection of information on literature in Arabic the first four centuries of Islam, including translations of foreign authors. It An-Nadim tells about bibliophiles their time and their libraries, and about the history of book and writing

Key words: bibliographic literature, the Work of An-Nadeem «al- Fikhrist», the contents of the book, арабизированный version of the book.

Сведения об авторе: ***Рахмонов М.А.***- аспирант заочной формы обучения филологического факультета Таджикского национального университета.Телефон: **(+992) 918-95-95-53.**

МАХСУСИЯТИ НАСРИ ФОРСИИ ДАРӢ ДАР АВВАЛИ ҚАРНИ ХХ

Дино Мӯҳсинӣ
Донишгоҳи давлатии забонҳои тоҷикистон ба номи С.Улугзода

Адабиёти ҳар миллат дар ҳар вақт ва замон бояд монанди оина авзои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро инъикос намояд. Аз ин хотир, дар ин марҳила дар адабиёти форсии дарӣ номанависӣ, рӯзноманигорӣ, таҳқиқот ва таълифоти таърихӣ, тарҷумаи осори адибони Аврупо ва Русия дар наср ба шукуфоӣ мерасанд. Мавзӯи истиқлоли сиёсӣ, озодӣ, адолати иҷтимоӣ ҷойи мавзӯи адабиёти классикиро гирифта, даричаи навинеро бар адабиёти форсии дарӣ боз менамояд. Адабиёти дарӣ аз адабиёти нави Аврупо ва насри машрутаи Эрон таъсир пазируфт, яъне соданависӣ дар баёни матолиби илмӣ барои ниёзи ҷомеа ба кор рафт. Наср аз нигоҳи мавзӯъ, муҳтаво ва шакл дар ду даҳаи аввали қарни ХХ дар адабиёти форсии дарӣ ба дигаргунӣ дучор гардид. Яке аз омили дигари тағйирот дар насри дарӣ ин таъсиси «Сироҷ-ул-ахбор» мебошад, ки дар он достонҳо, мақолаҳо, осору таълифот, намунаи ашъору тарҷумаҳои навтарин ба чоп мерасид ва тавассути тарҷумаҳо аз бозтоби воқеаҳои муҳимми дунё мардуми кишвар огоҳ мегардиданд.

Нависандагони машрутият «Сироҷ-ул-ахбор»-ро барои муҳтавои ҷадид ба кор мебурданд ва пайваста ҳама кӯшидаанд, то мазмунҳои ҷадидро дар асарашон инъикос намоянд. Ин равиш аз ҷониби суннатгароён мавриди интиқод қарор мегирифт, аммо назди нависандагони насли ҷадид маҳбубияти хос дошт, зеро онон таъсири ин гуна насрро бар сурати зинда ба мардум медиданд. Нависандагон бахусус, Маҳмуди Тарзӣ дар осорашон илму фанро инъикос медоданд. Дар асл, Маҳмуди Тарзӣ бо таъсирпазирӣ аз андешаҳои Номики Аднонбек аз Туркияи Усмонӣ истилоҳи адабиёти фанниро дар адабиёти дарӣ ба армуғон оварда буд [3, 106].

Маҳмуди Тарзӣ борҳо дар ашъору осори насрии худ аз падидаҳои санъатии мисли барқ, радиё, телеграф ва почта ёдовар шудааст. Тарзӣ қабл аз модерн шудан, омадани технологияро дар кишвар вазифаи худ ва соири қаламбадастон медонист ва дар ашъори худ низ аз ин ёд мекунад:

Биё бубин, ки дар чаҳон чӣ гуна гашта корҳо,
Ҷаҳон ҷаҳони рил шуд, замон замони торҳо.
Чӣ баҳрҳо, ки бар шуда, чӣ хушкҳо бухорҳо,
Чӣ кӯҳҳо шигоф шуд, гузашт аз он қаторҳо [2,21].

Аз ҷумлаи нависандагони муосири Афғонистон Маҳмуди Тарзӣ тавонист, насри муосири кишварро поягузорӣ кунад ва тахаллуси падари насри муосири Афғонистонро бигирад [1,631].

Нависандагони шеваи нигориши сода ва илмиро барои баёни ниёзҳои инсони ҷомеаи нав муносиб медонистанд. Дар давраи машрутият суннатгароён боис шуданд, то дар лавҳаи баёни мазомин таъсири суханварони гузашта боқӣ бимонад.

Дар ин аҳд адабиёт дар хидмати инқилоби фарҳангӣ қарор дошт. Нависандагони машрутият дар «Сироҷ-ул-ахбор» аз адабиёти бумии ҳатто сад сол қабл ёдоварӣ мекарданд ва ин кор нишон медод, ки онон ба адабиёти бумӣ арзиш мегузоштанд [4,107].

Наҳзати машрутият (аввалу дувум) бо чопи сармақолаҳо, ашъору достонҳо бо меъёрҳои ҷадид эҷодгардида вазъи адабиву фарҳангии классикиро дигаргун мекарданд ва тарҷумаи осори аврупоӣ гунаҳои нави адабиёти Мағрибзамин монанди роман, достони кӯтоҳ, мақолаҳои адабиву амсоли он барои мардум муаррифӣ менамуданд.

Ошноии зиёиёни Афғонистон бо намунаи достони аврупоӣ бо тарҷума ва интишори достонҳо дар «Сироҷ-ул-ахбор» пеш аз ҳама тавассути Маҳмуди Тарзӣ оғоз мегардад. Дар ин давра бо тарҷумаҳо ва тамос бо осори Ғарб Маҳмуди Тарзӣ

бо шарҳи тафовутҳои сохтории осори нависандагони Ғарб ва Шарқ пардохт. Ӯ дар муаррифӣ ва пайдоиши гунаҳои ҷадид ва тағйири шаклҳо дар адабиёти форсии дарӣ нақши бориз дошт. Шеъру достони Афғонистон низ аз ин пас рӯ ба тағйир гузошт.

Қабл аз ин достони манзуму мансур марбут ба номи классикӣ маъмул буд. Тарзӣ нахустин нависандае буд, ки достонро ба ҷойи афсона қарор дод ва онҳоро бо ҳам муқоиса кард [4,24]. Тарзӣ бо сабки хоси худ дар «Сироҷ-ул-ахбор», ки шакли миёни достону шеъри мансур дошт ва бо доштани гуфтугӯҳои пуршумор монанд ба намоишнома, кушид то нависандаҳои кишвар ба фаро гирифтани ин гуна тарҷумаҳои нав тарғиб ва ташвиқ шаванд. Вай бар иловаи адабиёти нави Аврупо аз насри машрутаи Эрон ҳам таъсир пазируфта буд, яъне истифода аз соданависӣ дар баёни матолиби илмӣ барои ниёзи ҷомеаи нав. Нависандаҳои машрутият адабиётро дар хидмати мардум қарор дода буданд. Маҳмуди Тарзӣ дар канори нависандагон ва шуарои дигар дар «Сироҷ-ул-ахбор» адабиёти минтақа ва ҷаҳонро муаррифӣ менамояд, то мардумро огоҳ намояд. «Сироҷ-ул-ахбор»-и аввал, ки дар соли 1905 мелодӣ, мутобиқи 1284 хуршедӣ нашр гардид, давлати Афғонистон монеи чопу нашри он шуд, зеро боиси нороҳатии давлати Англия шуда, мавриди интиқоди онҳо қарор дошт. Давлати Англия ҷаридаи «Сироҷ-ул-ахбор»-ро на танҳо хатаре барои худ медонист, балки онро боиси ба вуҷуд омадани наҳзат ва ҷунбиши озодихоҳӣ дар Ҳиндустон тасаввур мекард. Дар ҳаққиқат, ҷунбиши аввали машрутият аз лиҳози фикрӣ бо дигар ҷунбишҳои ҷаҳонӣ иртибот дошт [3, 94].

«Сироҷ-ул-ахбор» аз оғози пайдоиш адабиёти минтақа ва ҷаҳонро мунъакис сохтааст. Маҳмуди Тарзӣ бо ҳамкорони худ Абдурраҳмони Лудин ва Абдулҳодии Довӣ ба тарҷумаи осори нависандагони дигар аз забонҳои фаронсавӣ, англисӣ, туркию урду ба забони форсӣ мепардохтанд. Нуфузи «Сироҷ-ул-ахбор» на танҳо дар дохили кишвар, балки дар хориҷ аз кишвар низ асаре аз худ ба ҷо гузошта буд. Чунонки асароти он болои озодихоҳони Ҳинд, Эрон ва Туркия махсус будааст [4,97].

Дар ин давра падидаи вожаи адабӣ (достонӣ) низ ба чашм мехӯрд, ки дар натиҷаи тарҷима аз достонҳои Ғарб вориди адабиёти форс гардида, тарҷумаҳои достонӣ ба хотири танвири афкори омма буд, то мардум бо таҷаддуд ва илму санъат огаҳӣ ёбанд [6,70-72]. Ҳадафи ин тарҷимаҳо ин аст, ки мардуми Афғонистон аз инкишофи ҷаҳони Ғарб огаҳӣ ёбанд ва бояд чархи таҷаддуд ва тараққиро ба пеш ронанд. Барои ҳамин тарҷумаҳо аз дигар забонҳои дунё, мисли Фаронса, Туркия ва ғайра ба забони сода ба кор мерафт. Чун «Тасвири Ғарб» аз Абдулқодир, «Лавҳаи вафо» аз Мирғулом Ҳазрати Шоиқӣ Ҷамол ва «Ҷашни истиқлоли Афғонистон дар Булуё» аз Муртазо Аҳмади Муҳаммадзоир ва «Нидои талабаи маориф», ки ин асар нахустин замон тартибе дар адабиёти дарӣ шуморида мешавад. Дар аксар достонҳо забони шеъру наср бо ҳам омехтааст. Дар ин давра сохти номанависӣ (сафарноманависӣ) ва тарҷумаи сафарномаҳо низ ба вуҷуд омада, дар ин сафарнома ӯро ба донишҳои муосиру техник ва санъат барангезад.

Навиштаҳои наҳзати машрута бисёр ба шеваи сода ва қобили фаҳми авом буд. Аз ин рӯ, беҳтар азҳони мардумро равшан месохт. Соданависӣ дар насри замонӣ ба адабиёти кишвари мо роҳ ёфт, ки шеъри Ғомиз аз Ҳинд (сабки ҳиндӣ) ба Афғонистон омада буд. Пешгоми насри сода Мирзо Асадуллоҳхони Ғолиб аст, ки шеъраш печида, аммо насраш сода аст. Маҳмуди Тарзӣ шеъри сабки ҳиндиро аз таҳаррук бозмононд. Сабки ҳиндиро дар «Сироҷ-ул-ахбор» инъикос надод ва мавзӯи шеърро аз ғазал ба шеъри иҷтимоӣ дигаргун кард [4,100]. Дар даврони машрутият анвои наср аз нигоҳи шакл иборат буд, аз насри таърихӣ, достон, мақолаи адабӣ, ёддоштҳо ва хотирот, порчаҳои адабӣ ё насрҳои шоирон, нигоришҳои омиёна, нигоришҳои интиқодии дорои мафоҳими ҷиддӣ, нигоришҳои рӯзноманигорӣ, анвои гуногуни тарҷума аз забонҳои мухталифи шарқӣ ва ғарбӣ, накду насрҳое барои навҷавонону кӯдакон ва репортаж ташаккул меёбад [8,30]. Аз сӯйи дигар, бо офариниши осори мансур таҳаввул дар нависандагӣ ба вуҷуд оварданд, ки наҳзати машрутият зодаи фикри ҳамин равшанфикрон буд. Дар давраи иқтидори Амир Шералихон нашри ҷадидаи «Шамс-ул-наҳор» оғоз барои дигаргунии нисбатан бориз ва барҷаста дар шакли насри форсии дарӣ се даҳаи пасини садаи Х1Х буд. Гироишҳои соданависӣ дар насри форсӣ ва ҳатто

муқаддамоти насри муосири форсӣ пас аз нашри ҷаридаи «Шамс-ул-наҳор» сурат гирифта буд.

Баъд аз шикасти Амир Шералихон тавассути ҳукумати Англис ва нуфузи беш аз ҳадди ҳукумати Англис дар Афғонистон, иҷозати нашри асарҳои тараққихоҳони Афғонистон дода нашуд. «Шамс-ул-наҳор» аввалин ҷаридаи Афғонистон аз нашр боз монд. Баъд аз ҳукумати Амир Шералихон зимомдороне, ки ҷонишини ин амир шудаанд, ҳеҷ кадом таваҷҷуҳ ба нашри китоб ва ҷарида нишон надоданд, балки монеи интишорот низ мешуданд, то ин ки машрутахоҳони аввал дар замони зимомдорони Амир Ҳабибулохон кӯшиданд, то ин холиро пур созанд. Касоне, ки ҷунбиши машрутиятро ба ҳаракат овардаанд, худ шоирон ва нависандагон буданд, балки рози муваффақияти онон ба инкишофи кишвар иборат буд аз чопу нашри ҷаридаи «Сироҷ-ул-ахбор» [3,2].

Бо нашри ин ҷарида ҷунбише дар шеъру адаби форсӣ падид омад ва шакл гирифт, ки дар ду се қарн қабл назир надошт ва аз лиҳози адабӣ ҷаридаи «Сироҷ-ул-ахбор» дар таърихи адабиёти муосири Афғонистон арзанда ва пурбаҳост [6,67]. Нахустин ва барҷастатарин самараи коркардҳои дурахшони машрутахоҳони нашри ин ҷарида буд. Шоирон ва нависандагон аввалин бор мутаваҷҷеҳи ҷаридае шуданд, ки бештар ва беҳтар метавонист афкори онҳоро дар миёни ҷомеа мунъакис созад ва ҳам талоши тоқатфарсои нашри асари қаламиро аз дӯши онҳо бардоранд.

Яке аз шоирон ва нависандагоне, ки афкори худро василаи ҷаридаи миёни мардуми ҷомеа нашр ва инъикос менамуд, Муҳаммад Сурури Восиф буд, ки билохира ҷонашро дар роҳи машрутият аз даст дод.

Дар аҳди машрутияти аввал таваҷҷуҳ ба илму дониш вуҷуд дошт. Шоирон ва нависандагон аз тамаддун ва ҷаҳони пешрафта огоҳ буданд ва ба ҳамин лиҳоз, аз миллат мехостанд даст ба кӯшишу талош зананд ва кишварро ба тарафи тараққӣ равона намоянд. Дар ин давра вуҷуди мактаби Ҳабибия қобили таваҷҷуҳ аст, зеро ин мактаб қонуни парвариши нависандагон, адибон ва наҳзатталабон ба ҳисоб мерафт [1, 48]. Дар ин замон чанд мактаб таъсис шуд, ки дар он бо равияи ҷадиди аврупоӣ тадрис сурат мегирифт. Муаллимони ҳиндӣ бо тадриси улуми иҷтимоӣ аҳзони шогирдонро бедор месохтанд. Таълифи таърих ба шеваи илмӣ аз сӯйи Файзи Муҳаммадкитоб бо вуҷуди сахтгириҳои амир роҳро барои мутолеа, чигунагии вазъи иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Афғонистон тағйир медод. Дар ин давра нависандагон фазои озод барои баёни афкор ва таҷрибаҳои хеш надоштанд, зеро Амир Ҳабибуллохон худ сахт таҳти таъсири давлати англис буд ва агар навъи озодӣ ва қонунхоҳиро аз гулӯи нависандагон ва шоирон мешунид, бидуни мутталеъ ба куштан ва зиндонӣ намудани онон иқдом мекард [5,57-59]

Наҳзати машрутият зодаи фикри ҳамин рушанфикрони кишвар буд, ки ҳама шоир нависанда ва қаламбадаст буданд. Нависандагони наҳзати аввали машрутият иборат буданд аз Мирқосимхон, Мавлавӣ Абдулвосеъи Охунзода ва Мавлавӣ Абдулраббии Охунзода фарзандони олими мутабаҳҳир Мавлавӣ Абулрауфи Қандаҳорӣ, Саидаҳмадхони Лудини Қандаҳорӣ, Ҳофизи Абдулқаюм, Қайси Муҳаммадкитоб, Муллоабдулҳақ ва иддае дигар. Бояд хотирнишон сохт, ки бар иловаи эшон як теъдод муаллимони ҳиндӣ, дар мактаби Ҳабибия низ ба ин гурӯҳ шомиланд, аз ҷумла доктор Абдулғанӣ, шоир ва нависандаи ҳамфикр, ҳамгоми рӯшанфикрони Афғонистон буд. Доктор Абдулғанӣ, илова бар он ки фаъолиятҳои мусаммари фарҳангӣ анҷом дода буд, дар инкишофи мафкураи машрутаталабӣ дар Афғонистон саҳм ва ҷойгоҳи барҷастае дошт.

Дар ин давра мақола ва асарҳои нависандаҳо ба насри шево ва латиф ва қобили фаҳм навишта мешуд. Сабки наср сода ва дур аз такаллуф буд. Нависандагони барҷастаи машрутияти аввал Муҳамадсурури Восиф, Мирқосимхон, Муҳаммад Анвари Бисмил, Саидаҳмадхони Лудини Қандаҳорӣ ва Файз Муҳаммадкитоб маҳсуб мегарданд.

Аз барҷастатарин нависандагони наҳзати машрутияти давраи дувум метавон инҳоро ном бурд: Маҳмуди Тарзӣ, Абдулҳодии Довӣ (Парешон), Абдурраҳмони Лудин, Мирғулом Муҳаммади Ғубор, Мирёрбеки Хонии Дарвозӣ, Ғуломаҳмади Эътимодӣ ва Саидқосимхон [2,128]. Давраи машрутияти дуввумро метавон аз ҳайси пешрафт дар соҳаи матбуот ва интишорот бесобиқа донист. Нақши нависандагони мазкур дар нашри ҷаридаи «Сироҷ-ул-ахбор», ки дар давраи Амир Амонуллохон ба номи «Амони фиғон» ёд шуд. Аз нашрияҳои дигаре, мисли «Сироҷ-ул-атфол»,

«Иршот-ул-нисвон», «Оинаи ирфон», «Анис», «Ситораи афғон», «Насими саҳар», «Муаррифии маориф» метавон ном бурд, ки дар Кобул ва вилоёти Афғонистон нашр мешуд. Дар маҷмӯъ, бештар аз 50 номгӯйи китобу рисола дар заминаҳои гуногун тадвин ва чоп шуд [6, 68].Теъдоди зиёде аз машрутахоҳони дувум бо ҳунари нависандагӣ масруф буданд ва ба таҳқиқ низ мепардохтанд. Ҳадафи онон дар маҷмӯъ ошно сохтани мардум бо адабиёти ҷаҳон ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии онон аз пешрафтҳои ҷаҳон буд. Равшанфикрон бо муборизоти мудовиму фишорҳои мустақиму ғайримустақими амир ва атрофиёнаш таҳмил намуда, то заминаи эҳё намудани фарҳанги миллиро дар кишвар намуданд. Таъсиси мактаби Ҳабибия яке аз муроҷеи муҳимми парвариши нависандагон, шуаро ва донишмандон маҳсуб мегардид, будааст.

Нахуст, дар аҳди машрутияти аввал таваҷҷуҳ ба илму дониш вуҷуд дошт. Шуаро ва нависандагон аз тамаддун ва ҷаҳони пешрафта огоҳ буданд ва ба ҳамин лиҳоз аз мардуми Афғонистон мехостанд, ки кишварро ба тарафи тараққӣ раҳнамоӣ намоянд. Барҷастатарин падидаи матбуотии ҷунбиши машрутияти аввал нашри ҳамин ҷарида («Сироҷ-ул-ахбор») буд, ки нақши ин ҷарида дар ба вуҷуд овардани ҷунбиши ислоҳталабӣ ва таҷаддудхоҳӣ дар кишвар қобили аҳамият аст.

Ҳамин тариқ, осори нависандагон дар танвири азҳони омма нақши муҳим ва боарзиш дорад. Нависандагони ҷунбиши машрутият нахуст тавассути осорашон аҳзони чун руҳияи зиддиистеъморӣ ва озодихоҳӣ, қусури истиқлоли аздастрафтаи кишвар ва дигар масоили дар кишвар мавҷудбударо, ки аз ҷумлаи дастовардҳои адабиёти муосир шумурда мешуданд, ба намоиш гирифтанд.

Нависандагон дар ҷунбиши аввали машрутият фазои бозу озодии воқеии баён надоштанд, зеро амир сахт тахти назорати давлати Англия қарор дошт ва амир худ нависандагонро таҳти назорат қарор дода буд. Шуаро ва нависандагон ҳама бо осорашон навои озодихоҳӣ, мустлақилият ва қонунмадориро дар кишвар баланд месохтанд.

Дар давраи машрутият нависандагон фазои озод барои баёни афкору таҷрибаҳои хеш надоштанд, зеро Амир Ҳабибуллохон худ сахт таҳти назорати давлати Англис буд. Амир ҷунбиши аввали машрутиятро бо куштану зиндонӣ сохтани машрутахоҳон мунъадам сохт ва «Сироҷ-улахбор»-ро низ аз нашр бозмонд. «Сироҷ-ул-ахбор» пас аз муддате барои бори дувум тавассути Маҳмуди Тарзӣ ба нашр оғоз кард. «Сироҷ-ул-ахбор» боиси эҳёи ҳаракати машрутияти дувум дар Афғонистон шуд. Аҳди машрутияти дувумро метавон аз ҳайси пешрафтҳо дар соҳаи матбуот ва нашриёт бесобиқа донист.

Нависандагони ин давра бо забони сода таҳаввулоти муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро тавъам бо пешрафт дар улуми технологӣ шарҳ медоданд, ки ин гуна адабиёт дар ҳар замон арзиши босазо дорад. Зеро мавзӯоти навинро ироа медорад ва тобеи дастури суннатгароӣ нест. Дар ниҳоят, ҳадаф аз иҷтимоӣ шудани адабиёт ин буд, ки мардумро барои худшиносии миллӣ ва дарки озодихоҳи баҳри мустақилияти Афғонистон роҳнамо менамуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Оҳанг Муҳаммад Козим. Ҳамоссаҳо аз қаҳрамонони сиёсату фарҳанг/ Оҳанг Муҳаммад Козим. – Кобул: Фаҷр, 1382.
2. Ҳабибӣ, Абдулҳай. Ҷунбиши машрутият дар Афғонистон/ Ҳабибӣ, Абдулҳай.- Кобул: Интишороти матбааи давлатӣ, 1367.
3. Саховарз Башир. Чанд мақола/ Саховарз Башир; ношир Салим Аюбӣ.- Деҳлӣ, 1386,
4. Саховарз Башир. Тарзӣ ва «Сироҷ-ул-ахбор»/ Саховарз Башир.- Теҳрон: Ношир Муҳаммади Иброҳими Шариатӣ, 1386.
5. Шаҳристонӣ, Шоҳалии Акбар. Адабиёти забони форсии дарии муосир дар Афғонистон.-Хати савум/ Шаҳристонӣ, Шоҳалии Акбар//Фаслнома.- 1382.- №1.
6. Фориёбӣ Пуё. Сабку мактаб дар адабиёт ва панҷ навиштаи дигар/ Фориёбӣ Пуё //Анҷумани нависандагони Афғонистон, матбааи давлатӣ.- Кобул,1367.
7. Қавим, Абдулқаюм. Муруре бар адабиёти муосири дарӣ/ Қавим, Абдулқаюм.- Кобул,1385.
8. Накҳати Саидӣ, Муҳаммаднасим. Матнҳои қадими насри форсии дарӣ/ Накҳати Саидӣ, Муҳаммаднасим, Кобул: Матбааи дифои миллӣ, 1342.

СВОЙСТВО НОВОЙ ПЕРСИДСКО – ДАРИЙСКОЙ ПРОЗЫ В НАЧАЛЕ XX В.

Данная статья посвящена изучению истории развития литературных процессов в персидско-дарийской прозе начала XX века.

Ключевые слова: содержание, проза, формы прозы, виды прозы, революция в цивилизации, перевод, научные цели.

PROPERTY NEW PERSIAN - DARI PROSE IN THE EARLY TWENTIETH CENTURY
The article is about the history of evolution of literary process of Persian-dari prose of the beginning of XX century.
Key words: content of prose, form of prose, types of prose, revolutions and civilizations, translation, scientific aim.

Сведения об авторе: ***Дино Мухсини***- аспирант кафедры теории и истории таджикской литературы ТГИЯ им. Сотима Улугзаде. Телефон: (**837) 2325005, 2370144.**

НИГОҲИ ФИРДАВСӢ БАР АДАДИ ДУВОЗДАҲ

Муҳаммад Юнуси Тугёни Сакоӣ
Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Дар мавриди ададҳо дар «Шоҳнома» ва баъзе махсусиятҳои қадимии он дар таҳлил ва баррасии муҳаққиқони эронӣ ва арабӣ андешаҳои зиёде ба чашм мерасад. Солҳои пеш аз ин дар бораи як байти мансуб ба Фирдавсӣ баҳсҳои бенатиҷае идома меёфт:

Кафи шоҳ Маҳмуди олитабор,
Нуҳ андар нуҳ омад се андар чаҳор [4,244].

Ин байт дар ҳаҷвияи мансуб ба Фирдавсӣ омадааст ва ҳарчанд имрӯза андешае вуҷуд дорад, ки ин ҳаҷвия моли Фирдавсӣ нест. Аммо ҳамин байт моро водошта буд, то дар бораи аъдод ва таваҷҷуҳи Фирдавсӣ ба бархе аз онҳо бипардозем. Ҳоло ки қарор аст, дар бораи достони «Дувоздаҳ рух» тадқиқоте анҷом шавад, лозим аст, то дар бораи чигунагӣ ва мавқеи ададидувоздаҳ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ баҳсе дошта бошем. Аммо нахуст бубинем, ки ин адад дар фарҳанги кӯҳани сарзамини мо ва дар назди милали дигар чи ҷойгоҳе доштааст.

Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия»-и худ овардааст, ки «Эрониён ва маҷус умри ҷаҳонро бинобар бурҷи дувоздаҳгона дувоздаҳ ҳазор сол донистаанд …» [1,20] ва шояд ба ҳамин хотир ададидувоздаҳ дар назди эрониёни бостон дорои таҳаддуси хосе будааст. Дувоздаҳ бурҷи фалакӣ дар истилоҳи нуҷум, дувоздаҳ моҳ, дувоздаҳ баҳр, дувоздаҳ улум, ки марбут ба илми адаб буда, дар мадориси қадим тадрис мешудааст, дувоздаҳ мақом дар истилоҳи мусиқӣ, дувоздаҳ имом дар мазҳаби ташайюъ, дувоздаҳ рӯз дар бозаргонӣ низ дар тӯли қарнҳо, як суди шаръӣ маҳсуб мешудааст» [4,244].

Дар Юнони қадим мардум бар дувоздаҳ эзиде эътиқод доштанд, ки дар назди лотиниён ин адад низ дорои рамзе будааст. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки онҳо ҷанги афзорҳои ганиматгирифташудаи душманро ба дарахти булуте меовехтанд ва зарферо, ки аз дувоздаҳ ҷой фурӯ суфта буд, аз он тандиса ба нишонаи пирӯзӣ устувор медоштанд [5,408]. Ва боз пас аз набарди дувоздаҳ рӯз дар оромиш даст аз пайкор боздоштанд (5,413).

Дар «Достони Рустам»-и Иззатулоев, шоири қазоқ, пас аз ин ки гурге ба Золи раҳошуда, дар ҷангал шир медиҳад, симурғ аз баландии кӯҳи Қоф меояд ва кӯдакро ба лонаи хеш мебарад. Аз ӯ мувозибат мекунад ва дувоздаҳ илму 73 забонро ба ӯ омӯзиш медиҳад. Бинобар ин достон Сом дар дувоздаҳумин сол фарзандаш Золро аз лонаи симурғ дубора ба хонаи хеш меоварад [6,176]. Дар ҳамин достон Манучеҳр Золро ба ҷанги шоҳи Кобул бармеангезад, аммо Зол бар он мешавад, ки ба Кобул на бо лашкар, балки бо дувоздаҳ ҳаким биравад [6,176].

Ҳамин тариқ ададидувоздаҳ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дорои махсусияти хоси худ мебошад. Истифода аз ададидувоздаҳ нахустин бор дар нахустин саҳифаи «Шоҳнома» ба мулоҳиза мерасад. Он ҷо ки Фирдавсӣ аз офариниши олам суҳбат мекунад:

Абр даҳу ду ҳафт шуд кадхудой,
Гирифтанд ҳар як сазовор ҷой [3,7].

Ва боз ҳамин маънӣ дар чанд ҷойи дигари «Шоҳнома» низ омадааст:

Бипурс аз шумори даҳу дуву ҳафт,
Ки чун хоҳад, ин кор бедод рафт [7,670].
Шумори ситора даҳу дуву ҳафт,
Ҳамон моҳи тобон ба бурҷе, ки рафт [7,775].

Мусалламан, ҳадаф аз ин ҳафт ахтар ва дувоздаҳ бурҷ аст, ки қудамо аз ин ёд кардаанд. Бингаред ба шеъри Низомии Ганҷавӣ:

Буд ҳафт ахтару дувоздаҳ бурҷ,
Пеши ӯ саркушода дурҷ ба дурҷ [7,775].

Дар «Менуи хирад» ба шакли зер омадааст: «Ҳар некиву бадӣ, ки ба мардумон мерасад, аз ҳафтону дувоздаҳон аст. Ва ин дувоздаҳ бурҷ дар дин ба манзалаи дувоздаҳ сипаҳбад аз ҷониби Урмузд ва ин ҳафт ситора ба манзалаи ҳафт сипаҳбад аз ҷониби Аҳриман ва ин ҳафт сайёраи таъйинкунандаи сарнавишт ва мудабирри ҷаҳон ҳастанд» [8,23].

Теъдоде аз лашкарҳое, ки дар «Шоҳнома» ороста мешаванд ва ба пирӯзӣ мерасанд, шумораашон дувоздаҳ ҳазор тан аст. Деви сапед, ҳангоме ки Ковусро асиру кӯр кард, дувоздаҳ ҳазор аз девонро ба нигаҳбонии ӯ гузошт. Афросиёб лашкареро, ки дувоздаҳ ҳазор тан будаанд ба роҳбарии Ҳумон ва Бормон ба кӯмаки Сӯҳроб фиристод, то ба Эрон юриш бубарад. Сиёвуш бо дувоздаҳ ҳазор марди ҷангӣ ба набарди Афросиёб рафт. Рустам ба кинхоҳии Сиёвуш бо дувоздаҳ ҳазор мард ба Тӯрон тохт. Гударз бо дувоздаҳ ҳазор тан аз мардуми ҷангии хеш, он гоҳ ки Тӯс валиаҳдии Кайхусравро инкор мекард, дар баробари ӯ саф орост. Дар ҷанги дувоздаҳ рух лашкари Эрон дар баробари Гударз низ дувоздаҳ ҳазор нафар буд. Исфандиёр бо дувоздаҳ ҳазор аз мардони ҷангӣ ба набарди Арҷоспи тӯрони шитофт. Яке аз лашкарҳое, ки Искандар аз миёни аъроб сохт ва ба ҷанги Фури ҳиндӣ равона кард, дувоздаҳ ҳазор тан буд. Ардашер бо лашкари муташаккил аз дувоздаҳ ҳазор сарбоз ба ҷанги Кирми Ҳафтвод рафт. Шопур подшоҳи сосонӣ бо дувоздаҳ ҳазор кас ба кини Хоҳёстиори араб пардохт. Хусрави Парвиз чаҳор сипоҳи дувоздаҳҳазорнафара зери роҳбарии чаҳор сипаҳсолор дошт, ки кишвари ӯро нигаҳбонӣ мекарданд.

Ҳангоме ки Баҳроми Чӯбинаро сипаҳсолорӣ доданд, ӯ дар ҷанг бо Совашоҳ як лашкари дувоздаҳҳазорнафарараро аз чиҳилсолагон омода кард. Шоҳ Ҳурмузд ба онҳо гуфт, ки Совашоҳ бо лашкаре гарон ба марзҳои мо таҷовуз кардааст, шумо ба ин лашкари кӯчак чӣ гуна дар баробари ӯ меистед? Баҳром чунин посух дод:

Ки чун бахти пирӯз ёвар бувад,
Раво бувад, агар ёр камтар бувад.
Ки Ковуси Кайро баҳамоварон,
Бибастанд бо лашкаре бекарон.
К-аз ин кард Рустам даҳу ду ҳазор,
Зи шоиста мардон гарду савор.
Биёвард Ковуси Кайро зи банд,
Бад-он номдорон наёмад газанд.
Ҳамон низ Гударзи Қашводагон,
Сари номдорону озодагон,
Ба кини Сиёвуш даҳу ду ҳазор
Биёвард бар гаствонвар савор
Ҳамон низ пурмоя Исфандиёр
Биёвард ҷанги даҳу ду ҳазор… [7,699].

Дар рӯзгори мо ҳам лашкарҳои бузурги низомӣ, ки дар Афғонистон онро фирқа мегӯянд, муташаккил аз дувоздаҳ ҳазор сарбоз мебошанд. Бидуни шак рӯйи ин тасомим, ки пойгоҳҳои низомӣ дорои дувоздаҳ ҳазор сарбоз бошанд, шояд коршиносони имрӯз фикрҳои бисёр карда бошанд. Аммо дидем, ки дар «Шоҳнома» ҳазор сол пеш чунин шевае вуҷуд доштааст. Дар «Шоҳнома» яке аз пайкорҳои эрониён бо тӯрониён ҷанги ҳафт гардон ном дорад. Достон чунин аст, ки Рустам мизбони паҳлавонони Эрон дар мақоме ба номи Навнад аст, ҷашне барпо карданд ва дар ин ҷашн афроди зер ширкат доранд:

Чу Тӯсу чу Гударзи Кашводагон,
Чу Баҳрому чу Геви озодагон.
Чу Гургину чун Зангаи Шоварон,
Чу Густаҳму Ҳарроди ҷанговарон.
Чу Барзини гарданкаши тегзан,
Гуроза, ки бувад афсари анҷуман.
Ки бо Рустам мешаванд ёр даҳ тан [7,106].

Ва боз аз матни достон номи Завораро меёбем, ки бо ӯ мешавад дувоздаҳ тан. Шояд ин ҷанг дар асл набарди дувоздаҳ паҳлавон будааст. Саройи ҳаммонандиҳоро

миёни ҳафт хони Рустам ва дувоздаҳ хони Ҳероклис дарёфта ва эҳтимол додааст, ки бо иноят адади дувоздаҳ, ки дар назди эрониён муқаддас буд ва набарди дувоздаҳ рух, ки аз талфиқи ривоёти куҳан дар «Шоҳнома» омадааст, баид нест, ки дувоздаҳ хоне ҳам падид оварда бошад [3,1039].Дар поёни ин баҳс қобили зикр аст, ки «Шоҳнома» худ дар дувоздаҳ ҳазору хафтсад рӯз суруда шуд.

Ҷанги «Дувоздаҳ рух» дар «Шоҳнома» яке дигар аз гувоҳиҳои маҳкам дар ин маврид аст, ки Ҳакими фарзонаи Тӯс дар бораи адади дувоздаҳ таваҷҷуҳ доштааст. Пардохтани дувоздаҳ қаҳрамон ба ҷанг аз ҳарифони худ аз ду кишвари мутахосим ба маънои ин аст, ки ҳама низомиён ба ҷанг бираванд, ки дигар сарзаминҳо ва мардуми аз ҷанги мутадовим ва хастакунандаи эшон раҳоӣ ёбанд. Ин ба маънии пирӯзӣ ё шикасти ниҳоӣ аст. Дар «Шоҳнома», воқеан набарди «Дувоздаҳ рух» ҷангест, ки бар муқовимат ва ҷангафрӯзиҳои Афросиёб нуқтаи поён мегузорад. Пас аз он Афросиёб дигар марди бузургу пирӯзбахт набуд,балки овора ва талоши зинда мондан буд, Тӯрониён худ гуфта буданд, ки пас аз Пирон чӣ Афросиёбу чӣ як мушти хок.

«Дувоздаҳ рух» яке аз достонҳои пурхонанда дар «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ аст. Муҳаққиқи муосир Холиқи Мутлақ онро дар ҷамъи панҷ достони бартари «Шоҳнома» маҳсуб медонад [9,53]. Дар нусхаҳои мухталифи «Шоҳнома» ин достон ба номҳои мухталиф омадааст:

1. «Достони Гударз бо Пирон».
2. «Достони ёздаҳ Рух».
3. «Гуфтор андар размии дувоздаҳ рух», ё «Гуфтор андар размии дувоздаҳ рухон», ё «Достони ҷанги дувоздаҳ рухон», ё «Достони ҷанги дувоздаҳ рух».
4. «Гуфтор андар достони рухон»[9,43].

Гударз ва Пирон дар ин пайкор даҳ-даҳ танро аз лашкарҳои хеш бармегузинанд ва дар охир худи онҳо ба набард мепардозанд, ки мешаванд ёздаҳ тан, аммо ин ки ин ҷангро дувоздаҳ рух номидаанд, бархе аз шоҳномапажӯҳон бад ин бовaранд, ки ҷанги Бежан ва Ҳомун дар оғози ин набард ҳисобро ба дувоздаҳ мерасонанд [10,228]. Аммо баъзеи дигар мегӯянд, ки дувоздаҳумин рух Кайхусрав ва Афросиёб ҳастанд, ки онон низ то поёни ин давра аз ҷангҳо бо ҳам ба пайкор саргарманд ва Кайхусрав саранҷом бо далериву ҳушёрии бисёр, Афросиёб ниёи худро дастгир месозад ва ба кайфари гуноҳонаш ӯро аз пой дармеоварад [4,11]. Ва аммо бояд дувоздаҳумин рух ҳамон набарди Густаҳам бошад бо Лаҳок ва Фаршердвар, бародарони Пирон, бо набарди ёздаҳ тани дигар анҷом меёбад. Дар ин ҷанг чунонки дида мешавад, аз ҷониби эрониён бештар Гударзиён иштирок доранд: Гев, Рухом, Бежан, Ҳаҷир ва Гударз ва аммо аз ҷониби тӯрониён танҳо ду тан аз хонадони Виса (Рӯй ва Пирон) дар ин ҷанг иштирок доранд. Чун Ҳумон ва Настибар дар оғози ин набард кушта шуданд, Пирон намехоҳад, ки дудмони ӯ дар асари ин ҷанг завол ёбад, ба ҳамин хотир онҳоро дар ҷанг шарик насохт ва таъкид кард, ки пас аз ӯ ба Тӯрон битозанд ва худашонро аз вартаи ҳалокат берун кунанд. Пирон ба бародарони худ гуфта буд:

Агар ман шавам кушта дар кинагоҳ,
Шумо кас намонед пеши сипоҳ.
Ки чун ман набошам бад-ин дашти кин,
Шавад танг бар номдорони замин.
На аз тухмаи Виса монад касе,
Ки андар сараш мағз бошад басе [7,331].

Ройи Пирон бар ин нест, ки бародарони ӯ монанди дигар афроди сипоҳ ба зинҳори Гударз бираванд ва хору забун шаванд. Ба онҳо гуфта буд, ки шумо роҳ сӯйи биёбон баред.Ҷолиб аст, ки Лаҳок ва Фаршедвард бо даҳ тани дигар, ки мешаванд дувоздаҳ, ба сӯйи Тӯрон мешитобанд. Ин даҳ тан дар бархӯрд бо талояи лашкари Пирон кушта мешаванд. Лаҳок ва Фаршедвар ба сӯйи Тӯрон мешитобанд. Густаҳам номзади ҷанг бо онон мешавад ва аз пайи онон меравад. Лаҳоку Фаршедвард дар ҷанг бо Густаҳам кушта мешавад. Аммо Густаҳам низ захмҳои бисёр бармедорад. Бежан аз пайи ӯ меравад ва танхаста Густаҳамро афтода бар хок мебинад. Густаҳам орзу дорад, ки зинда бимонад, то ки шоҳи худ Кайхусравро бубинад. Ҳадафи ӯ ин аст, ки дар канори он даҳ тан ёри дигар дар ҳузури Кайхусрав аз офарини ӯ бархурдор гардад. Вай Бежанро бармеангезад, то неши он ду танро бар аспҳояшон бубандад ва назди Кайхусрав бубарад, то дувоздаҳумин набард қабули хотири подшоҳашон гардад.

А Д А Б И Ё Т
1. Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия/ Абӯрайҳони Берунӣ. –Теҳрон:Амири Кабир, 1363.
2. Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. (Зери назари Муҳаммад Муин)/ Алиакбари Деҳхудо. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1351.
3. Қадамалии Саромӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор/ Қадамалии Саромӣ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1368.
4. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Ҳисоби суду зиён дар забони форсӣ/ Муҳаммадамини Риёҳӣ. Муҳаммадамини Риёҳӣ. –Теҳрон: Марворид, 1379.
5. Виржил.Тарҷумаи Мирҷалолуддин Казозӣ/ Виржил. Виржил. –Теҳрон:Марказ, 1375.
6. Булотбек Ботирхон. «Шоҳнома» ва адабиёти қазоқӣ/ Булотбек Ботирхон. –Теҳрон:Вожаоро, 1383.
7. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Теҳрон: Беҳзод, 1357.
8. Минуи Хирад. Тарҷумаи Аҳмад Тафсилӣ/ Минуи Хирад. – Теҳрон: Интишороти нав, 1364.
9. Холиқии Мутлақ. Суханҳои дерина/ Холиқии Мутлақ Ба кӯшиши Алии Даҳбошӣ. –Теҳрон: Афкор, 1381.
10. Ҷаъфари Маҳбуб. Офарин Фирдавсӣ/ Ҷаъфари Маҳбуб. –Теҳрон: Марворид, 1371.
11. Фисоии Мансури Растагор. Қиссаҳои «Шоҳнома»/ Фисоии Мансури Растагор. – Теҳрон: Мирошён, 1385.

ВЗГЛЯД ФИРДОУСИ НА ЧИСЛО 12

Данная статья повествует о взглядах Фирдоуси относительно числа 12. Автор подчеркивает, что число 12 имеет древный характер и имеет особое место в жизни иранцев.

Ключевые слова: полк, предшественники, двенадцатий рух, продалжающиеся войны, двенадцатая война.

LOOK FIRDAWSI 12 NUMBER OF

The article is devoted to the Firdawsi's point of view to ep number 12. The author emphasizes the number 12, which has ancient character and feature in the life of Iranians.

Key words: regiment, predecessor, twelfth spirit, processing war, twelfth war.

Сведения об авторе: ***Мухаммад Юнуси Тугёни Сакои*** - аспирант кафедры теории и истории таджикской литературы,ТГИЯ им. Сотима Улугзаде. Телефон: **(837) 2325005, 2370144.**

РАМЗИНАҲОИ ХАМРӢ ДАР РУБОИЁТИ МАВҶУД ДАР ОСОРИ АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ

Муҳаммадризо Ризаиян
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ

Ирфон ва адабиёт. Дар назари урафо, ки такомул ва расидан ба сарчашмаи ҳақиқат асоси мактабашонро ташкил медиҳад, «дар варои шариат ва он сӯйи таолими паёмбарон тариқате низ ҳаст, ки инсонро бе воситаи ғайр ба Ҳақ муттасил мекунад» [5, 34] ва аз ин роҳ маърифате мубтанӣ бар ҳолот ва таҷрибиёти рӯҳонӣ насиби ӯ мегардад, ки васфношуданист. Лизо, бо ин заминаи эътиқодӣ аз тариқи «дил» ва нерӯи ҷовидонаи «ишқ» сулукро меоғозад ва бо тӯшаи иштиёқу «мастӣ» ҳосил аз он ба шеваи кашфу шуҳуд ба тай намудани тариқ мепардозад.

Бад-ин гуна ба воситаи «дил» ва ҳаяҷонот, он ки хостгоҳи адабиёт маҳсуб мешавад, ибтидо бо адабиёт ва сипас, бо шеъру шоирӣ, ки аз ҳамин латифаи ниҳонӣ бармехезад, муносибати том меёбад. Ба баёни дигар «Тасаввуф» ҳамеша бо шеъру шоирӣ сару кор дошта, ҳатто таълифоти мансури сӯфия низ камобеш ранги шеър доштааст. Зеро суфӣ қабл аз ҳар чиз аҳли дил аст ва дар фазои завқу хаёл ва авотифу эҳсосот ва хобҳои хуши шоирона дар парвоз аст. Бадеҳист, беҳтар забоне, ки битавонад тарҷумони дил ва мубаййини эҳсосоти дарунӣ ва шӯру шавқ, ваҷду ҳоли ӯ шавад, забони эҳсосот, яъне шеър аст» [3, 479].

Урафо дар либоси назму наср афкори баланд ва андешаҳову таълимоти хешро баён мекунанд, то рӯҳи мухотабинро аз ишқ ва завқу шӯри «мастӣ» моломол кунанд ва таъсиру нуфузи бештаре, хусусан, дар ҷони омма бигузоранд. Чӣ басо то ҷое пеш рафтаанд, ки дар бархӯрд бо авом, ки аз дониши қуръонӣ бархурдор набудаанд, шеърро барои ҳидоят ва таълими онҳо дастовези худ қарор додаанд.

Шоёни зикр аст, ки онҳо мутақобилан бо халқи адабиёти ирфонӣ ва ба табъи он бо инъикоси мафоҳими динӣ дар қолаби шеър ва насри адабӣ, халқи мазомини нав ва масодиқ барои мафоҳими комилан муҷаррад ва моварои, ҳидояти афкори омма ба самти шеър хадамоти арзанда дар қиболи адабиёт ва шеър доштаанд ва Орифоне чун Боязиди Бастомӣ (вафот 261), Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ (вафот 309 ҳ.қ) ва

Абӯсаиди Абулхайр (вафот 440 ҳ.қ), Аҳмади Ғаззолӣ (вафот 520 ҳ.қ) ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ (492-525 ҳ.қ) бо осору ашъори худ бар ғинои адабиёт афзудаанд.

Рамз - забони мумкин барои ирфон. Сӯфия барои расидан ба сарчашмаи ҳақиқат бо мафоҳиме чун ишқ, мастӣ, висол, фано ва чанде аз ин қабил сару кор доранд, ки ба иқлими комилан муҷаррад ва моварои тааллуқ доранд.

Онҳо пас аз аввалин таҷаллӣ аз таҷаллиёти Ҳақ ба ҳолот ва таҷрибиёти ҳосил аз кашфу шуҳуд даст пайдо мекунанд ва по дар оламе мегузоранд, ки мардуми одӣ аз он бенасиб ҳастанд. Лизо, барои табйини чунин таҷрибиёти муҷаррад ва дар айни ҳол шахсӣ, ки албатта дар забони рӯзмарраи мардуми одӣ намегунҷад, ба забони «рамзӣ» мутавассил мешаванд, ки умуман аз киноёт, ташбеҳот, истиорот ва тамсилот моя мегирад.

Айнулқузот дар ин бора менависад: «Маърифате, ки аз роҳи басират ҳосил шавад, мавзӯи он азалист. Ҳаргиз таъбире аз он мутасаввир нашуд, магар ба алфози муташобеҳ» (18, муқаддимаи мусаҳҳеҳ, 109). Дар ин робита, агарчи мавориде чун пӯшонидани асрор аз номаҳрамон, дар амон мондан аз таъни қишригароҳо, суҳулат дар амри омӯзиш ва чанде дигар нақши муҳимме дар гироиши сӯфия ба рамз доштаанд, аммо масъалаи «ҳубби илоҳӣ ва мастии ҳосил аз он», ки гоҳ мунҷар ба шатҳиёт низ шуда, беш аз ҳар чизи дигар дахил будааст. Ба гунае, ки «бегумон борвартарин рамзҳо дар ҳавзаи дину ирфон ба зуҳур расидааст, то ҷое ки метавон гуфт, рамз моя мутуни динӣ ва ирфониро ташкил медиҳад» [28, 439].

Тасаввуф ва рубоӣ. Тасаввуф ба унвони мактаби мардумӣ ва сӯфия низ шахсе аз ашхоси ҷомеа гоҳ дар ҳайати як улгӯ ва муқтадо ҳаргиз аз мардум дур ё ҷудо набудаанд. «Онҳо ҳеҷ гоҳ бо адабиёти расмии дарборӣ, яъне қасидапардозии сирф ва маддоҳӣ коре надоштанд ва бештар ба ғазал ва рубоӣ мутамоил будаанд. Мухотабони онон мардуми кӯчаву бозор будаанд, ки махсусан ба маҷолиси сӯфиён дар хонақоҳҳо омадушуд доштаанд» [30, 45-46].

Ин таомули мавҷуди байни сӯфия ва мардум беш аз ҳар чиз назари сӯфияро ба рубоӣ маътуф доштааст. Ҳарчанд авомиле чун кӯтоҳӣ ва фишурдагии қолаб, бархӯрдорӣ аз вазну оҳанги муҳайиҷу таъсиргузор ва муносиб будан барои сабти лаҳазоту «ҳол»-от дар истиқболи сӯфия аз рубоӣ муассир будааст.

Ба ҳар тақдир, онҳо беш аз ҳар қолаби шеърии дигар, хусусан дар ҷиҳати тавҷид (ба вачд овардан) ва ташъифи шунавандагон дар маҷолиси самоъ ва басти ҳолоти хеш бад-он хӯ гирифта ва гоҳо иттифоқ афтодааст, ки барои омӯзиш, ҳидоят ва ошноии авоме, ки аз «Қуръон» баҳрае кофӣ надоштаанд, бар болои манобир ва маҷолиси ваъз рубоиро замзама кунанд.

Ҳузури рубоӣ беш аз ҳар чиз ва ҳар ҷо дар маҷолиси «самоъ»-и сӯфия маҳсус ва намоён будааст. Онҳо дар ин маҷолис чӣ басо бо хониши рубоӣ дигаргун ва аз худ бадар шуда, ҷазаба ва мастии орифонаашон дучандон мешудааст. Гоҳе, ҳатто мунҷар ба сароиши рубоиёти филбадеҳа низ мегардидааст. Бертелс дар ин бора менависад: «Маҷлиси сӯфия тавъам бо самоу тарона бар он буд, ки ширкаткунандагони маҷлисро ба суръат ба вачду ҳол даровард. Дар ин замон назми форсӣ дорои суннатҳои баъдӣ нашуда буд. Аз ин рӯ, машоихи сӯфӣ чорае надоштанд, ҷуз, ин ки ба ашъори мардум рӯй оварданд ва аз ҳамон ҷо рубоиро, ки шакли бисёр мавриди писанди шеъри форсӣ барои онҳо буда, баргиранд» [2, 82].

Баҳс ва баррасӣ

Айнулқузот ва рубоиёти рамзӣ. Яке аз орифони саромад дар осору ашъори рамзӣ Айнулқузот Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алии Миёнҷӣ (492-525 ҳ.қ) маъруф ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ аст, ки дар таъриху адабиёти «тасаввуф» саҳми басазое дорад.

Вай алорағми умри кӯтоҳе, ки дошта ба камолоту маорифи бисёр ноил омада ва натиҷаи он осори гаронбаҳоест, ки ба арабӣ ва форсӣ аз худ ба ёдгор гузоштааст. Аммо дар байни осори форсии ӯ се асари мансураш, яъне «Тамҳидот», «Лавоеҳ» ва «Номаҳо» намунаи аъло дар ҳавзаи ирфон ба шумор меоянд.

Аз ҷумлаи вижагиҳои боризи ин осори мансур музайян будан ба ашъор, хусусан рубоиётест, ки худ суруда ва ё аз дигар урафои шоир ба истишҳод овардааст, ки гӯё ин шеваи нигориш аз вижагиҳои сабки замони Айнулқузот будааст. Рубоиёте, ки бо бархурдорӣ аз вожагони рамзӣ, ҳукми мукаммили мабоҳиси мавҷуд дар ин осорро доранд, метавон онҳоро навъе ҳусни таълил қаламдод кард.

Бо баррасии ин осор метавон изъон дошт, ки «Айнулқузот, ки дар осораш барои таъкиди суханони пуршӯру орифонаи худ, ки ба басирати ботин дарёфтааст, пайваста аз шеър кӯмак меҷӯяд ва дар бораи шеър, дар посухи эҳтимолии мухотиби хеш, ки мумкин аст миёни шеърҳо ва суханони ӯ таваҳҳуми бегонагӣ кунанд, дар бораи шеър назаре иброз мекунад, ки шояд дар саросари адабиёти форсӣ беназир бошад. Ӯ менависад: «Ҷавонмардо! Ин шеърҳоро чун оина дон! Охир, донӣ, ки оинаро сурате нест дар худ, аммо ҳар ки дар ӯ нигарад, сурати худро тавонад дид, ки нақди рӯзгори ӯ бувад ва камоли кор ӯст ва агар гӯйӣ шеърро маънӣ он аст, ки қоилаш хост ва дигарон маънии дигар вазъ мекунанд аз худ. Ин чунон аст, ки гӯяд: «Сурати оина сурати сайқал аст, ки аввал он намуд».

Он чӣ дар ибороти фавқ зикр гардидааст, бар меҳвари иборати «ин шеърҳоро оина дон» мечархад. Лафзи «ин» дар суханони ӯ ишора ба шеърҳое дорад, ки барои баёни матолибе, ки ҳосил аз таҷоруби ирфонии вай аст, аз он суд меҷӯяд. Чунонки дида мешавад, ин назар нисбат ба шеър талақии Айнулқузот аз шеър як асари рамзӣ менамояд» [21, 80].

Яке аз муҳассаноти вай дахлу тасарруфи ғайримустақим дар ашъор аст. Бархӯрди олимона ва шоиронаи вай бо ашъор, хусусан рубоиёт, чӣ рубоиёте, ки аз они ӯ ё мунтасаб ба ӯст ва чӣ онҳое, ки ҳамроҳ бо номи сарояндагонашон зикр гардида, ба гунаест, ки метавон ин гуна бардошт кард,: «Айнулқузот ба шеър менигарад, на ба шоир.Аз ҳамин сабаб [ҳатто] шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакиро рамз талаққӣ мекунад [21, 82] ва он чӣ дар бархурд бо рубоиёти мазкур айнияти меёбад, ин аст, ки вай ин рубоиётро ба гунае дар хидмати афкору мабоҳиси ирфонии худ мегирад ва бар онҳо соя меяфканад, ки гӯйӣ онҳоро бо сарфи назар аз сарояндагони аслӣ ва ҳар мавзӯе, ки қаблан доштаанд, аз они худ намудааст. Аз ин сабаб ҳар гуна баҳс дар бораи масоиле чун сиҳат ё адами сиҳат нисбат ба сарояндагони ҳақиқӣ ва ғайриҳақиқӣ ва ё навъи адабии ашъор ғайризарурӣ менамояд.

Шабакаҳои рамзӣ. Урафо барои бархӯрдор шудан аз вожагони рамзӣ аз ҳар чизи мумкин ва мавҷуд дар дарун ё атрофи хеш баҳра мегиранд. Дар назари онон ҳар чӣ, ки битавон мавҷудаш номид, метавонад оинаи тамомнамо барои таҷаллӣ бошад. Аз ин сабаб онҳо аз шабакаҳое чун олами моддӣ ва табиат, инсонӣ ва ҳолоту мухтасоти ӯ, яъне ошиқонаҳо, хамриёт, мутааллиқоти андомӣ, равобити иҷтимоӣ ва шабакаҳои асотирӣ, адёни илоҳӣ, ғайриилоҳӣ ва ғайра дар ба даст овардани рамзинаҳои худ баҳра мегиранд, то илова бар баёни ногуфтаниҳо ба ганҷинаҳое аз луғоти рамзӣ низ ноил шаванд ва бо шарҳи онҳо мухотибонро дар ин водӣ сардаргум ё бехабар раҳо накарда бошанд.

Шабакаи хамрӣ

Пешинаи корбурди рамзинаҳои марбут ба шабакаи хамрӣ. Бо таваҷҷуҳ ба навъи биниш ва идроке, ки урафо аз ишқу маъшуқи ҳақиқӣ доранд ва ҳамчунин тариқате, ки бар мабнои ирфони шуҳудӣ поягузорӣ нумудаанд, бешак ишқ ва «мастӣ» ҳосил аз он, ки дарвоқеъ, мубаййини бехешӣ ва фаромӯшии мосиво Оллоҳ аст, аз асолати болое бархӯрдор аст ва яқинан, сайри сулуки онҳо ба меҳварияти ишқу мастӣ дар ҷараён аст. Лизо, бо нигоҳе ба адабиёт ва хусусан, ашъори орифона мешавад изъон дошт, ки урафо беш аз ҳар чиз аз вожагони мавҷуд дар шабакаи хамриёт ва ҳолоти мастӣ баҳра гирифтаанд.

Айнулқузот ҳам ба унвони орифе, ки ишқ ба Ҳақ дилашро дарёе ҷӯшон намудааст ва мастии ишқ вайро бехеш, дар табйини асрор ва кайфияти ҳолоти асили ишқ аз вожагоне чун бода, шароб, харобот, мастӣ ва ғайра баҳра гирифта ва дар рубоиёти худ мунъакис намуда, ба рубоиёти орифон ё шоироне, ки аз ин рамзинаҳо бархурдоранд, истишҳод кардааст.

Аммо он чӣ гуфтанист, ин, ки ин навъ вожагони рамзӣ қабл аз Айнулқузот дар осор ва рубоиёти орифони мутақаддим ва ҳамасрони ӯ, касоне чун Боязиди Бастомӣ (вафот 261 ҳ.қ), Абӯсаиди Абулхайр (вафот 440 ҳ.қ), Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (вафот 488 ҳ.қ), Муҳаммади Ғаззолӣ (вафот 505ҳ.қ) ва хусусан, Аҳмади Ғаззолӣ (вафот 520 ҳ.қ), ки «Айнулқузот аз муридон ва дилбохтагону сарсупурдагони хоси ӯ буд» [11, 37], ба хидмат гирифта шудааст, ки дар ин хусус метавон ба масодиқи зер ишора намуд:

Эй ишқи ту кушта орифу омиро,
Савдои ту гум карда накӯномиро.

Завқи лаби майгуни ту оварда бурун,
Аз савмаа Боязиди Бастомиро Боязиди Бастомӣ (19, 41)

Дар дайр шудам, моҳазаре оварданд,
Яъне зи шароб соғаре оварданд.
Кайфияти ӯ маро зи худ берун кард,
Бурданд марову дигаре оварданд Абӯсаиди Абулхайр (10, 33)

Масти туам, аз бодаву ҷом озодам,
Сайди туам, аз донаву дом озодам.
Мақсуди ман аз Каъбаву бутхона туӣ,
В-арна ман аз ин ҳар ду мақом озодам
Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (19, 46).
Мо ҷоманамозе ба сари хум бурдем,
В-аз хоки харобот таяммум кардем.
Шояд, ки дари ин майкадаҳо дарёбем,
Он ёр, ки дар савмааҳо гум кардем (19, 256).

Дар кӯйи харобот яке дарвешам,
З-он хум ба закот менаёрӣ пешам.
Ҳарчанд ғарибу ошиқи дилрешам,
Чун май бихӯрам зи оламе нандешам (11, 179).

«Гӯё пешинаи корбурди ин рамзҳо ба васфи шароби биҳиштӣ дар «Қуръон»-и маҷид мерасад ва бо ин ҳол набояд аз таъсири ашъори хамрии шуарои араб ва бавижа адабиёти муғона бар ин гуна рамзпардозӣ ғофил монд. Аттор дар зикри Боязиди Бастомӣ менависад: «Нақл аст, ки як рӯз сухани ҳақиқат мегуфт ва лаби хеш мемазид ва мегуфт: «-Ҳам шаробхорааму ҳам шаробу ҳам соқӣ». Ба ҳар ҳол мастӣ дар забони ирфон муҳаббат аст ва бар ин поя маст дар ин забон рамзи муҳиб хоҳад буд» [28, 464].

Рамзинаҳои хамрӣ дар рубоиёти мавҷуд дар осори Айнулқузот

Бода:

Гар ранги рухат ба бод бар дода шавад,
Бод аз тараби ранги рухат бода шавад
В-ар ту ба масал ба кӯҳ бар бӯса диҳӣ,
Кӯҳ аз лаби ту ақиқу беҷода шавад (18, 110).

Эй ҷони, шикаста дар миёни оташ,
Сармаст даро, бодаи ишқаш даркаш.
Чун маст шудӣ ту бо хаёли маъшуқ,
Парвонасифат рақс ҳамекун сарх(в)аш (16, 28).

Он чӣ урафо аз «бода» дар назар доранд, ишқест аз сӯйи солик нисбат ба Ҳақ аммо солике, ки ҳанӯз дар аввали роҳ мубтадӣ аст ва аз ишқи Ҳақ, ончунон ки бояд, ҳанӯз бархӯрдор нашуда бошад.

Лизо, урафо «ишқеро гӯянд, ки ҳанӯз иштидод наёфта бошад ва ин мартабаи муҳаббати мубтадиён аст (12, зайли «бода»).

Бехудӣ:

Маъшуқ маро гуфт, нишин бар дари ман,
Магзор дарун он, ки надорад сари ман.
Он кас, ки маро хоҳад, гӯ, бехуд бош,
Ин дархури кас нест, магар дархури ман (18, 228).

Хоҳам, ки зи сирри ишқ огоҳ шавам,
Бехуд биравам, ба назди дилхоҳ шавам.
Гар ӯ шавам, эй ягона бар халқи ҷаҳон,
Бе заҳмати бехудӣ ҳама шоҳ шавам (16, 57).

Дар назди сӯфия манзур аз «бехудӣ мақоми сукру валаҳ аст» (23, зайли «бехудӣ») ва бехудӣ дар мақоми сукр он гоҳ иттифоқ меафтад, ки орифи ошиқ аз фарти мастии ишқ худе барояш боқӣ намемонад ва бо нафйи сифоти хеш ҷуз Ҳакро намебинад.

Паймона:

Ишқи ту бисӯхт, эй санам, хонаи дил,
Бишикаст ғами фироқ паймонаи дил.
Дурдона зи дида з-он равон кардастам,
Зеро ки зи ман ҷудост дурдонаи дил (18, 243).

Сайёд ҳам ӯ, дона ҳам ӯ, сайд ҳам ӯ,
Соқиву ҳарифу маю паймона ҳам ӯ.
Гуфтам, ки зи ишқи ӯ ба бутхона шавам,
Дидам, ки бути ҳокими бутхона ҳам ӯ (16, 35).

Гирди дари мо чӣ гардӣ, эй девона,
Моно, ки туро тамом шуд паймона.
Чун менаравӣ ба офият вохона,
Ёдат н-ояд зи шамъу аз парвона (17, 2/ 474).

Бар мабнои шавоҳиде, ки урафо дар осори ирфонӣ аз «паймона» иброз доштаанд, аз он «дил»-и инсонро ирода кардаанд. Диле, ки маҳалли таҷаллӣ ва тобиши анвори Илоҳист ва бо илҳому маорифи ғайбӣ, ки бар он ворид мешавад, ҳар лаҳза бар мастиву бехешии ориф афзуда мегардад. З-ин сабаб урафо «бодаи ҳақиқат ва чизеро гӯянд, ки дар вай мушоҳидаи анвори ғайбӣ ва идроки маонӣ кунанд, ки дили ориф бошад (23, зайли «паймона»). Албатта, гоҳе ба расми маҷоз шароби маърифатро мадди назар доштаанд.

Ҷоми май:

Ногаҳ зи дарам даромад он дилбари маст,
Ҷоми майи лаъл нӯш карду бинишаст.
Аз дидану аз гирифтани зулф чу шаст,
Рӯям ҳама чашм гашту чашмам ҳама даст (18, 354).

Онон, ки зи ҷоми ишқ мастанд ҳанӯз,
Дар таҳти тасарруфи аластанд ҳанӯз.
Аз дуниву охират агар огоҳанд,
Дар мазҳаби ишқ бутпарастанд ҳанӯз (16, 18).

Урафо аз «ҷоми май» ҳамчун паймона дили орифро ирода кардаанд, аммо ин ориф «пир»-у «мурод»-ест, ки ба ниҳояти сулук расида бошад. Назди онҳо ҷоми май «дили шайх ва мурод [аст], ки пур аз бодаи маърифат ва маҳалли таҷаллиёти анвори Ҳақ аст (23, зайли «ҷоми май»). Тибқи ин таъриф мусалламан истеъдод ва гунҷоиши дили пире, ки тайи тариқ карда ва ба висол ноил омада, барои ҷазби иноятӣ Ҳақ ва кашфу шуҳуди бештар аз дили солик дар роҳ аст.

Ногуфта намонад, ки дар «Рафш-ул-алҳоз» вожаи «ҷом» ба танҳоӣ зикр шуда ва аз он барои зикри «аҳвол» ёд шудааст (27, зайли «ҷом»).

Харобот:

Рав, то ба харобот хурӯше бизанем,
Дар майкада дар шавему нӯше бизанем.
Дастору китобро фиристем ба гарав,
Бар мадраса бигзарему дӯше бизанем (18,341).

Дар мусҳафи ақл ҳарфи томот бубин,
Бар сидра барою пас харобот бубин.
Бигзар зи сифоти ӯву дар худ бинигар,
Бе воситае таҷаллии зот бубин (16, 65).

Асрори харобот ба дастон набарӣ,
То саҷда ба пеши бутпарастон набарӣ.
Покиза нагардӣ ту зи олоиши хеш,
То бар сари худ сабӯи мастон набарӣ (16, 102).
Гӯянд харобот бад аст, ин на равост,
Нек аст хароботу бадиҳо аз мост.
Аз дидаи баднамой бар бояд хост,
К-аз ростии мард шавад олам рост (17, 3 / 280).

«Харобот» фарохӯри таърифаш, яъне маҳалли бехешӣ ва харобии сабӯкашону ва майгусорон. Дар ирфон ибтидо муаррифии «харобии башарият» (27, зайли «харобӣ»), сипас «мақоми вахдат» аст, ки ориф бо фанои афъол ва сифоти башарӣ аз худ раҳоӣ ёфта ва фонӣ дар Ҳақ гаштааст.

Лоҳичӣ дар ин бора мегӯяд: «Харобот ишора ба вахдат аст, аам аз вахдати афъоливу сифотӣ, зотӣ ва хароботӣ он аст, ки аз худӣ фароғат ёфта, худро ба кӯйи нестӣ дарбохта» (23, зайли «харобот»).

Хуморӣ:

На даст расад ба зулф ёре, ки марост,
На кам шавад аз сарам хуморе, ки марост.
Ҳарчанд, ки бад-ин воқеа дар менигарам,
Дарди дили оламест коре, ки марост (18, 353).
Дар чашмам чеҳри чун нигори ту бимонд,
Бар рӯям ранги гӯшвори ту бимонд.
Мастӣ сипарӣ шуду хумори ту бимонд,
Хар рафту расан бибурду бори ту бимонд (17, 2 / 276).

Мутобиқи бардоште, ки метавон аз ҳолати хуморӣ, яъне касолату беҳолии баъд аз итмоми мастии шароб дошт, дар ирфон дур афтодани солик аз висол ва баргаштан ба олами башариро ирода кардаанд, ки боиси маҳрумияти ӯ аз мастии висол мешавад.

Албатта, ин ҷудоӣ ба маънии буридани ҳамешагӣ нест ва солик фурсати бозгашти дубораро метавонад дошта бошад. Лизо, назди урафо «хуморӣ рачъат [аст] аз мақоми вусул ва итлоқ ба олами башарият ва ифтироқ» (12, зайли «хуморӣ»).

Соқӣ:

Ӯро, ки бақои ӯ ба боқӣ бошад,
Баргӯй зи бандагӣ чӣ боқӣ бошад.
Ҳушёр чӣ гуна гардад аз мастии ишқ,
Чун подшаҳаш ба зот соқӣ бошад? (16, 43).

«Соқӣ» дар мабоҳиси ирфонӣ бо басомаде, ки дорад, аз ҷойгоҳи латифи волое бархурдор аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки соқӣ мустақиман майгусоронро аз шароб маст мекунад, аввалин бардошти ирфонӣ аз он ҳамоно «зоти ҳазрати Ҳақ» тавонад буд, бино ба фаёзи мутлақ будан ва муҳаббате, ки ба бандааш раво медорад. Аз ин сабаб, «соқӣ» ба «таҷаллии муҳаббате, ки муҷиби сукр аст», итлоқ меёбад (27, зайли «соқӣ).

Дар манзари дигар мурод аз он «инсони комил» аст, ки ба ҳеҷ воситае аз сарчашмаи шароби Хақ бархурдор ва баҳраманд аст. Пас, соқӣ, илова бар ин ки «киноя аз фаёзи мутлақ аст, гоҳ бар соқии Кавсар итлоқ шуда ва ба истиора аз он муршиди комилро низ ирода кардаанд» (23, зайли «соқӣ»).

Шароб:

Аввал бутам шароби софӣ бе дурд
Медод, дилам зи ман бад-ин ҳила бибурд.
В-он гоҳ маро ба доми ҳиҷрон бисупурд,
Бозор чунин кунанд бо ғарчаву гурд (18, 106).

Ҳамон гуна ки «шароб» мастиовар аст ва шорибро аз ақлу ҳавос ва шуур тиҳӣ мекунад, ишқ ба Ҳақ низ ошиқи соликро бо ҷӯшишу ғалаёни худ аз ҳар чӣ ғайри Худост, тиҳӣ месозад.

Лизо, манзури урафо аз «шароб» «ғалаботи ишқ ва махсуси комилонест, ки дар ниҳояти сулук ахассанд ва ба таври мутлақ киноя аз сукри муҳаббат ва ҷазабаи Ҳақ аст» (23, зайли «шароб»). Дар «Миръоти ушшоқ» навишта шудаст, ки шаробро «гоҳе бар завқ ва гоҳе бар муҷаллои таҷаллии зоте итлоқ намоянд, ки муқтазои он ихфои осор ва фанои солик бувад. Лекин ин таҷаллӣ махсуси солики маҷзуб бошад, чунончи май таҷаллии махсуси маҷзуби солик ва лиҳозо, онро бар оташи муҳаббат ва бар сафвати ишқи оламафрӯз ҳам итлоқ намоянд» (12, зайли «шароб»).

Қадаҳ:

Дар ишқи ту аз маломатам нанге нест,
Бо панҷаи он аз ин сухан ҷанге нест.
Ин шарбати ошиқӣ ҳама маҳрамрост,
Номаҳрамро дар ин қадаҳ ранге нест (16, 35).

«Қадаҳ» «дар луғат косаи гирди жарф аст, ки дар он шароб хӯранд, ки дар вақти шароб хӯрдан дар назари шориб олам мулавван ва рангоранг намояд. Бар ҳамин ҷиҳат «қадаҳ»-ро ба «вақти кашфи ҳақоиқ» ташбеҳ кардаанд» (12, таълиқот, зайли «қадаҳ») ва он замоне иттифоқ меафтад, ки дили ориф аз тамоми нуфузи афкору эҳсос тиҳӣ шавад.

Иззуддини Кошонӣ барои «вақт» се таърифи хос қоил шудаст, ки хулосаи он чунин аст: «1. Васфест, ки бар банда ғолиб мебошад, монанди қабз ё баст, ҳузн ё сурур; 2. Холест, ки бо ҳуҷум ва муноҷот аз ғайб рӯй намояд ва соликро дар тасарруфи худ гирад ва мунқод созад. Аз ин рӯ, гуфтаанд: «Ас-суфӣ ибн-ул-вақта». 3. Замони ҳол аст байни мозӣ ва мустақбал» (23, зайли «қадаҳ»).

Кӯйи харобот:

Дар кӯйи харобот басе риндонанд,
К-эшон кутуби вафо зи бар бархонанд.
Лекин чу ниҳоди макри худ медонанд,
Доман зи ҷафову аз вафо бифшонанд (17, 2/143).

«Кӯйи харобот» ба тариқи маҷоз бар харобот, яъне ҷое барои мастӣ ва бехудӣ аз хештан итлоқ мешавад. Лизо, он чӣ урафо аз он ироа мекунанд, ҳамоно «мақоми фано ва бехудӣ аст» (23, зайли «кӯйи харобот»).

Маст:

Ногаҳ зи дарам даромад он дилбари маст,
Ҷоми майи лаъл нӯш карду бинишаст.
Аз дидану аз гирифтани зулфи чу шаст,
Рӯям ҳама чашм гашту чашмам ҳама даст (18, 354).
Эй он, ки ба лутфи худ кунӣ дармонам,
Магзор маро ба ман, ки андар монам.
Аз ғояти мастӣ, эй, ки дар ишқ марост,
Хоҳам, ки зи ту нишон диҳам, натавонам (16, 96).

Дар чашмам чеҳри чун нигори ту бимонд,
Бар рӯям ранги гӯшвори ту бимонд.
Мастӣ сипарӣ шуду хумори ту бимонд,
Хар рафт, расан бибурду бори ту бимонд (17, 2 /276).

«Маст» бо бори маъноии хосе, ки дорад, ба ориф восили итлоқ мешавад, ки аз ишқи Илоҳӣ сармасту лабрез буда ва бо нафйи тамоми сифоти башарии худ дар мақоми фаноӣ дар Ҳақ дар бехешӣ ба сар бурда ва ҷуз Ҳақ барои худ ва ғайр вуҷуде қоил намебошад. Аз ин сабаб, дар истилоҳи ирфонӣ ҳамоно, «фурӯ гирифтани тамоми сифоти дарунӣ тавассути ишқ, яъне сукр аст, ки орифони комил аз бодаи ҳастии мутлақ сармаст шуда ва маҳв-ул-мавҳум гашта, аз худ бехуданд» (23, зайли «маст»). Лизо, маст орифи ошиқест, ки бе ҳеҷ унсеву ваҷҳе мустағрақ гаштааст ва аз ин ҳол бо унвони «масти хароб» ёд мешавад.

Май:

Шармат н-ояд, ки дар ғамаш хоб кунӣ,
В-он гаҳ зи ғамаш ду дида пуроб кунӣ.
Дар майкадааш агар биёбӣ боре,
Бояд, ки вузӯ ту аз майи ноб кунӣ (16, 71).
Гар бо дигаре маҷлиси май созаму боғ,
Охир наниҳам зи меҳри кас бар дили доғ.
Лекин чу фурӯ шавад касеро, хуршед,
Аз пеш ниҳад ба ҷойи хуршед чароғ (17, 1/ 22).

Бо таваҷҷуҳ бо эҷоди сукру бехешӣ «май» дар инсон он чӣ дар тариқат метавонад, чунон дар солик сорӣ шавад, то худӣ барояш намонад, Ҳақ, таҷаллиёти Ҳақ ва ғалабаи ишқи ӯст. Аз ин сабаб гурӯҳе аз урафо аз «май» «вуҷуди мутлақро, ки сорӣ бошад, нисбат ба ҷомеи мавҷудот» (27, зайли «май») дар назар доранд ва гурӯҳе «таҷаллёти илоҳиро гӯянд, аам аз он, ки осоре бошад, ё афъоле, ё сифоте, ё зоте ба қадри машраб» (12, зайли «май») ва гурӯҳе дигар «ғалабаи ишқ» (12, зайли «май»)-ро ирода кардаанд.

Майкада:

Рав, то ба харобот хурӯше бизанем,
Дар майкада дар шавему нӯше бизанем.

Дастору китобро фиристем ба гарав,
Бар мадраса бигзарему дӯше бизанем (18, 341).
Шармат н-ояд, ки дар ғамаш хоб кунӣ,
В-он гаҳ зи ғамаш ду дида пуроб кунӣ.
Дар майкадааш агар биёбӣ боре,
Бояд, ки вузӯ ту аз майи ноб кунӣ (16, 71).

«Майкада» ба ин муносибат, ки маконе барои мастӣ ва иброзу изҳори сархушист, дар назари урафо ба «илми ҷабарруту мақоми муноҷот итлоқ мешавад, ки сармастии ошиқон дар он ҷо ба зуҳур мерасад» (12, зайли «майкада»). Гунаи муъҷазтари ин таъриф ин гуна баён шудааст: «Мақоми муноҷотро гӯянд ба тариқи муҳаббат» (27, зайли «майкада»), аммо бемуносибат наменамояд, ин ки дар назди гурӯҳе , ба «маҷлиси унси дӯстон, хонақоҳ ва қалби муршиди комил итлоқ шудааст» (23, зайли «майкада»)

Бо таваҷҷуҳ ба мабоҳиси ёдшуда дар ин пажӯҳиш метавон навишт, ки сӯфия дар ҷиҳати тадвин, таълиму тарвиҷи афкор ва осори худ аз адабиёт, хусусан шеър бисёр баҳра гирифтаанд.

Онҳо, ки барои расидан ба сарчашмаи ҳақиқат тариқате тавъам бо кашфу шуҳудро аз тариқи дил дар пеш гирифтаанд, мусалламан бо ҳолоту мафоҳиме чун **ишқ, мастӣ, иштиёқ** ва ғайра сару кор доштаанд, ки ҳалқаи пайванд ва нуқтаи талоқии адабиёту ирфон талаққӣ мешаванд ва бад-ин сабаб, ибтидо бо адабиёт ва сипас бо шеър нисбати том меёбанд.

Дар ин раҳгузар аз қолабҳои шеърии мавҷуд, бахусус, аз рубоӣ, фарохӯри вижагиҳое, ки дошта, бисёр истиқбол кардаанд. Ба гунае, ки бештарини осори шеърии худро бад-он қолаб ихтисос додаанд.

Аз сӯйи дигар, барои таълими мабонӣ ва табйини таҷрибиёту ҳолоти ирфонии худ, ки моҳияти комилан муҷаррад ва моворо доранд, забони рамзиро ба хидмат гирифта, боиси таваллуди фарҳанги азим аз вожагони рамзӣ дар адабиёти ирфонӣ шудаанд.

Аз ҷумлаи ин сӯфиён метавон аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ ном бурд, ки дар осораш аз ашъор ва рубоиёти рамзии бисёр бархӯрдор аст.

Вай дар осори мансури худ, ки дар бораи ирфон ва фалсафа нигоштааст, дар ҷиҳати такмилу тасдиқи мабоҳиси онҳо аз ашъори бисёре баҳра гирифтааст, ки гӯё аз вижагиҳои асараш будааст.

Дар ин миён он чӣ чашмгиртар менамояд рубоиётест, ки худ суруда ва ё аз дигарон ба вом гирифтааст.

Ин рубоиёт бино ба муносибат ва синхияте, ки бо мабоҳиси ирфонии осори ӯ ёфтаанд, аз вожагони рамзии болое бархурдоранд, ки аз ҳавзаҳо ё шабакаҳои мухталиф гирифта шудаанд.

Тардиде нест, ки ҳамаи падидаҳои ҷаҳони перомун ва дунёи дарун саршор аз маънову паём ҳастанд ва барои сӯфие, ки ҷонаш бо ҷавҳари ҳақиқатҷӯйӣ аҷин шуда, падидаҳои маҳсусу номҳсуси олами ҳастӣ ва он чӣ дар ҷону афкори одамӣ ҷорист, метавонанд оинаи тамомнамо аз ҳақиқат ва муҷаллои Ҳақ бошад ва дар натиҷа, мунҷар ба халқи вожагони рамзӣ шаванд.

Лизо, ҳамеша шабакаҳое аз қабили олами моддӣ ва табиёт, инсонӣ ва ҳолоту мухтасоти ӯ чун ошиқонаҳо, хамриёт, равобити иҷтимоӣ ва ҳамчунин шабакаҳои адёни Илоҳӣ ва ғайриилоҳӣ ва маворидe дигар тавонистаанд манобее муносиб ва дархур дар ин хусус бошанд.

Бо таваҷҷуҳ ба биниш ва идроки сӯфия аз ишқ ба маъшуқи ҳақиқӣ ва асолати шавқу мастӣ дар назди онҳо, дар ин миён, он чи пуррангтар менамояд, ҳамоно басомади рамзинаҳои марбут ба шабакаи хамрист, ки дар ин рубоиёти мавҷуд дар осори Айнулқузот инъикос ёфтааст. Вожагоне чун **бода**, **беҳудӣ, паймона, ҷоми май, харобот, хуморӣ, соқӣ, шароб, қадаҳ, кӯйи харобот, маст, маю майкада** то битавонанд ба кӯмаки онҳо ба баёни асрор ва кайфияти ҳолоти асили сармастии ҳосил аз ишқи худ ба Ҳақ бипардозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аттори Нишопурӣ, Шайх Фаридуддин. Тазкират-ул-авлиё/ Аттори Нишопурӣ, Шайх Фаридуддин; бо муқаддимаи марҳум Муҳаммади Қазвинӣ. – Теҳрон: Манучеҳрӣ, 1374.
2. Бертелс Е.Э. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуфӣ / Е.Э.Бертелс; тарҷумаи Сируси Эзадӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1387. – Чопи чаҳорум

3. Ғанӣ Қосим. Таърихи тасаввуф дар Эрон/ Ғанӣ Қосим. – Теҳрон: Заввор,1388. – Чопи як.
4. Деҳқонӣ Муҳаммад. Васвасаи ошиқӣ/ Деҳқонӣ Муҳаммад. – Теҳрон: Ҷавонаи рушд, 1387.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия/ Зарринкӯб, Абдулҳусайн. – Теҳрон: Амир Кабир, 1387. – Чопи 13.
6. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон/ Зарринкӯб Абдулҳусайн.–Теҳрон: Амир Кабир, 1387. – Чопи ҳафтум.
7. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон/ Зарринкӯб Абдулҳусайн. –Теҳрон: Амир Кабир, 1386. – Чопи ҳаштум
8. Кошонӣ Шайх Абдурраззоқ. Истилоҳоти сӯфия / Кошонӣ Шайх Абдурраззоқ; тарҷумаи Муҳаммад Хоҷавӣ. – Теҳрон: Мавло, 1387.
9. Қубодӣ Ҳусайналӣ. Ойини оина/ Қубодӣ Ҳусайналӣ. – Теҳрон: Маркази нашри Донишгоҳи тарбияти мударрис 1388. –Майҳанӣ Муҳаммад ибни Мунаввар. Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти Шайх Абӯсаид/ Майҳанӣ Муҳаммад ибни Мунаввар; ба муқаддимаву тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ.–Теҳрон: Огоҳ,1388. – Чопи 8.
10. Аҳмади Муҷоҳид. Маҷмӯаи осори Аҳмади Ғазолӣ/ Аҳмади Муҷоҳид. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1370.
11. Миръот-ул- ушшоқ Истилоҳоти сӯфиён/ Муқаддима ва тасҳеҳи Марзия Сулаймонӣ. – Теҳрон: Илмӣ фарҳангӣ, 1388. – Чопи якум.
12. Муҳаббатӣ Маҳдӣ. Зулфи оламоро/ Муҳаббатӣ Маҳдӣ. – Теҳрон: Рушд,1379. – Чопи якум.
13. Нафисӣ Саид. Суханони манзуми Абӯсаиди Абулхайр/ Нафисӣ Саид. – Теҳрон: Китобхонаи Шамс, 1368.
14. Ҳалабӣ Алиасғар. Мабонии ирфон ва аҳволи орифон/ Ҳалабӣ Алиасғар. – Теҳрон; Асотир, 1385. - Чопи севум
15. Ҳамадонӣ Айнулқузот. Лавоеҳ/ Ҳамадонӣ Айнулқузот; ба тасҳеҳи Раҳими Фардманиш. –Теҳрон: Манучеҳрӣ,1379. – Чопи чаҳорум
16. Ҳамадонӣ Айнулқузот. Номаҳо 3 ҷилд/ Ҳамадонӣ Айнулқузот; ба тасҳеҳи Афифи Асирон.–Теҳрон: Асотир, 1387. – Чопи дувум.
17. Ҳамадонӣ Айнулқузот. Тамҳидот/ Ҳамадонӣ Айнулқузот; ба тасҳеҳи Афифи Асирон. –Теҳрон: Манучеҳрӣ, 1389. Чопи ҳаштум
18. Ҳидоят Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин/ Ҳидоят Ризоқулихон; ба тасҳеҳи Абулқосими Родфар ва Гито Ашидарӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1388. – Чопи дувум
19. Пурҷаводӣ Насруллоҳ. Айнулқузот ва устодони ӯ/ Пурҷаводӣ Насруллоҳ. –Теҳрон: Асотир, 1384. – Чопи дувум.
20. Пурномдориён Тақӣ. Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ/ Пурномдориён Тақӣ. – Теҳрон: Илмӣ фарҳангӣ, 1386. – Чопи шашум.
21. Розӣ Шамсиддин ибни Қайс. ал- Муъҷам фӣ маъойирил ашъорил Ачам / Розӣ Шамсиддин ибни Қайс; ба кӯшиши Сируси Шамиссо. – Теҳрон: Фирдавсӣ,1373. – Чопи як
22. Саҷҷодӣ Саййидҷаъфар. Фарҳанг ва истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ/ Саҷҷодӣ Саййидҷаъфар. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1386. – Чопи ҳаштум
23. Сатторӣ Ҷалол. Мадхале бар рамзшиносии ирфонӣ/ Сатторӣ Ҷалол.–Теҳрон, Марказ, 1386. – Чопи савум.
24. Сатторӣ Ҷалол. Рамзандешӣ ва ҳунари қудсӣ/ Сатторӣ Ҷалол. –Теҳрон: Марказ,1387. – Чопи дувум.
25. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон/ Сафо, Забеҳуллоҳ. – Теҳрон: Фирдавс, 1367. - Ҷилдҳои 1,2, Чопи ҳашту нуҳум.
26. Улфатии Табрезӣ, Шарафуддин Ҳусайн ибни Аҳмад. Рашф-ул-алҳоз фӣ кашф-ул –алфоз (Фарҳанги намодҳои ирфонӣ дар забони форсӣ)/ Улфатии Табрезӣ, Шарафуддин Ҳусайн ибни Аҳмад. – Теҳрон: Мавло, 1377. -Чопи дувум.
27. Фӯлодӣ Алиризо. Забони ирфон/ Фӯлодӣ Алиризо.–Қум: Фарогуфт, 1389. – Чопи дувум.
28. Шамисо Сирус. Анвоъи адабӣ/ Шамисо Сирус. – Теҳрон: Митро,1387. – Чопи се.
29. Шамисо Сирус. Сайри рубоӣ/ Шамисо Сирус.–Теҳрон: Илм,1387. – Чопи севум.

ВАКХИЧЕСКИЕ СИМВОЛЫ В ЧЕТВЕРОСТИШИЯХ, ИСПОЛЗОВАННЫЕ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АЙНУЛКУЗАТА ХАМАДАНИ

В статье анализируется одна из важных категорый суфийской поэзии – символы. Автор в частности прослеживает место символа в жанре рубаи, который до сих пор оставался неисследованным. В работе на основе многочисленных примеров из произведений Айнулкузота Хамадани автор утверждает, что поэзия являлась не только одним из важнейших способов выражения суфийских идей, но и способом познания исламских законов и самопознания людей.

Ключевые слова: суфийская литература, четверостишия, символический язык, вакхические символы, Айнулкузат Хамадан.

SYMBOLIC ANACREONTIC ENCODING IN THE QUATRAINS OF THE EINOLGHOZAT HAMADANI WORKS

From the context of literary works, especially the mystical poetry, it confirms that, the mystical inspiration comes from nature and taste, has of course, the total relationship with the poetry arise from jokes.Sofia believes that the best language that can translate and tellthe internal emotions is poetry. They utilized poetryspecially "quatrains", in the education dimension, and used them as symbol language, with the lyrics and quatrains, and scenarios, they have explained mystical experiences that are quite abstract and metaphysical concepts .

In this regard, Einolghozat Hamadani as the preeminent mysticin the mystical literature, has works that benefited much from poetry, what seems to attract the viewer is quatrains which he composedor borrowed from other Sufipoets.
Key word: The Mystical Literature, quatrains, Symbolic language, Anacreontic symbols, Einolghozat Hamadani.

Сведения об авторе: ***Мухаммадризо Ризаиян*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

ҶОЙГОҲИ ҚОФИЯ ВА РАДИФ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ТУҒРАЛ

А.А. Шоев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар шеъри суннатии мо қофия ва радиф мақоми хоса дорад. Ин маънӣ аз ҷониби муҳаққиқони гузашта ва имрӯза хеле хуб таъйид гардидааст.

Барои ба умқи масъала ворид шудан ва аз сари матлаб дур нагардидан лозим донистем, ки қофия ва радифро дар мисоли шеъри Туғрал ба таври алоҳида матраҳ намоем.

Ҳанӯз дар қуруни вусто Шамси Қайси Розӣ, Насриддини Тусӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайннӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ барин назариётчиёни шинохта перомуни қофия андеша ронда, аҳамияту вижагӣ, ҳарфу ҳаракот, истилоҳот, анвоъ ва дар маҷмӯъ ҳудуди онро дар шеър нишон додаанд. Бад-ин тариқ, эшон сухане, ки аз ин унсури муҳим бархурдор нест, шеър нашуморидаанд. Ҳарчанд имрӯз шеър ба таҳаввулоти мудерн, амсоли шеъри сафеду озод рӯ ба рӯ шуда бошад ҳам, андешаи назариётчиёни гузашта коста нашудааст. Баръакс, то он даме ки анвои адабӣ сухани бадеъро дар худ таҷассум менамояд, муҳимияти қофия дар шеър боқӣ хоҳад монд.

Бо назардошти ин, муҳаққиқони имрӯз низ қофияро дар таҳқиқи пайвастаи худ қарор дода, таҷриба ва андешаҳои назариётчиёни гузаштаро то андозае ҷамъбаст намуда, натоиҷи матлубе ба даст овардаанд. Аз ҷумлаи онҳо Б. Сирус, С. Шамисо, Ш. Кадканӣ, Р. Мусулмониён, Б. Гончаров, Б. Томашевский, В. Жирмунский, Л. Тимофеев, Х. Шарифов, У. Тоиров, М. Низомов мебошанд, ки қобили таваҷҷуҳу арзишанд.

Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки Туғрал ба қофия эътибори ҷиддӣ зоҳир намуда, қонуну қоида, ҳаракоту мушаххасоти муайяншудаи онро бо маҳорати том мавриди истифода қарор додааст. Адабиётшиноси маъруф Б. Сирус дар тадқиқоти худ 25 навъи қофияи пурбаҳоро аз миёни 35 навъи он, ки дар шеъри шуарои асримиёнагӣ назариётчиёни гузашта муайян сохтаанд мавриди баррасӣ қарор додааст [**1**]. Аз ин миқдор мувофиқи пажӯҳиши мо дар ғазалиёти Туғрал 19 навъи қофияи пурбаҳо истифода шудааст.Чунончи:

1.Қофияи муқайяд бо равӣ:

Ҳоҷати ман дар ду олам ҷуз гули рӯйи ту нест,
Равзаи ризвони ман ғайр аз сари кӯйи ту нест **(2, 47)**.41 ғазал.

2.Қофияи муқайяд бо тавҷеҳ ва равӣ:

Аз карам, ё Раб, муқими боғи ҷаннат кун маро,
Ташнаам яксар ғариқи баҳри раҳмат кун маро**(2, 7-8)**. 75 ғазал.

3.Қофияи муқайяд бо ҳазв, қайд ва равӣ:

Моҳи тамоми ман, ки манам мустаманди ту,
Мурғи дилам фитода ба доми каманди ту **(2, 202)**. 6 ғазал.

4.Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад ва равӣ:

Қадри Масеҳ**о** б**арад** лаъли сухандони ӯ,
Иқди Сурай**ё** д**арад** гӯйи гиребони ӯ **(2, 203).** 118 ғазал.

Қобили зикр аст, ки ин байт ду қофияи дигар низ дорад. Он дар калимоти «Масеҳ**о**ву Сурай**ё»** ва «б**ара**ду д**арад**» ҷой гирифтааст. Дар ҷуфти аввали калимаҳо ҳарфи «о» ва «ё» ба ҳайси равӣ омада, бинобар мухолифи ҳамдигар будан қофияи ноқис ва аз уюби икфо маҳсуб мешавад. Дар ҷуфти дуюм бошад, ҷузви «арад» қофияи мутлақ буда, «а»-ишбоъ, «р» равӣ, «а»-маҷро ва «д»васл аст. Шумораи чунин абёт дар ғазалиёти Туғрал ба се адад мерасад.

5. Қофияи муқайяд бо таъсису дахилу тавҷеҳ ва равӣ:

Шабе дар хотирам зулфи ту омад,
Хаёли нофа аз ёдам баромад**(2, 89)**. 2 ғазал.

Тавре ки мебинем, Туғрал аз 5 навъи қофияи муқайяд истифода кардааст. Анвои қофияи мутлақ бошад 2 баробар зиёд аст. Чунончи:

1.Қофияи мутлақ бо ишбоъ, равӣ ва васл:

Дорам ҳавои ишқи ту умрест бар саро,
Баҳри Худо, зи роҳи вафо ҳеҷ нагзаро **(2, 5)**. 4 ғазал.

2.Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ ва васл:

Яксар шарори ишқаму оҳам забона аст,
Оинадори дардаму ҳасрат баҳона аст**(2,59)**. 8 ғазал.

3.Қофияи мутлақ бо равӣ, васл, хуруҷ:

Нағмаи қонуни ҳастӣ сози мизроби фаност,
Қомати пирӣ зи умри рафта оҳанги садост **(2, 52-53)**. 9 ғазал.

4.Қофияи мутлақ бо равӣ, васл, хуруҷ ва мазид:

Агар ин аст бо хубони олам ошноиҳо,
Тавон кардан чу най фарёд аз дасти ҷудоиҳо **(2,8-9)**. 1 ғазал.

5.Қофияи мутлақ бо ишбоъ, равӣ, васл ва хуруҷ:

Набошад илтифоте бо ман акнун теғи қотилро,
Ки созад нохудо дар мавҷи хунам матлаби дилро **(2, 24)**.3 ғазал.

6.Қофияи мутлақ бо ишбоъ, равӣ, маҷро ва васл:

То хаёли абрӯяш кардам, сарам омад ба ёд,
Ёди мижгонаш намудам, ханҷарам омад ба ёд **(2, 106)**. 17 ғазал.

7.Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, маҷро ва васл:

Физояд ҷавҳари теғи забон аз исми Субҳонаш,
Кушояд махзани маънӣ зи номи поки Раҳмонаш **(2,142-143)**. 29 ғазал.

8. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, васл, хуруҷ, мазид:

Бурд зулфаш гарав аз мушкилам осониро,
Кард нақше ба дилам хатти парешониро **(2,12-13)**. 4 ғазал.

Бояд бигӯем, ки байти мазкур қофияи дигар низ дорад. Он дар калимаи «бурду кард», ҷузви «-урду - ард» ҷой гирифтааст. Дар ҳар ду ҷузв «д»равӣ, «р»қайд аст, аммо тавҷеҳ дар яке «у» ва дар дигаре «а» мебошад, ки аз қофияи ноқис ва айби «ақво» доштани худ шаҳодат медиҳад. Миқдори абёте, ки дорои ду қофияанд, дар ғазалиёти Туғрал ба 4 адад мерасад.

9. Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, маҷро, васл, хуруҷ, мазид:

Агар ин аст тунди тавсани ҷавлоншитобашро,
Ғубори хок шав, то вораси бӯси рикобашро **(2, 19)**. 3 ғазал.

10. Қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равӣ, маҷро, васл, хуруҷ, нафоз ва мазид:

Шаҳодатбисмилам аз як нигоҳи чашми мастасташ,
Аҷал дар хотирам н-ояд зи лаъли майпарастасташ **(2,143-144)**.1 ғазал.

11. Қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равӣ ва васл:

Дил ба тоқи абрӯи ӯ майпарастӣ мекунад,
Чун кабутар бар равоқи Каъба мастӣ мекунад**(2,100)**. 2 ғазал.

12.Қофияи мутлақ бо ишбоъ, равӣ, васл, хуруҷ ва мазид:

Бода риндонро шароби кавсарист,
Пардаи мино ба оғӯши парист **(2, 66-67)**. 1 ғазал.

13.Қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равӣ, маҷро, васл, хуруҷ, мазид:

Тире, ки аз нигоҳи камони ту ҷастааст,
Чун новаки фироқ дили мо шикастааст **(2, 68-69)**. 1 ғазал.

14. Қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равӣ, маҷро, васл:

Соғари айши абад гарчи ба дастам доданд,
Роҳи роҳат ҳама аз ҷоми аластам доданд **(2, 104-105)**. 3 ғазал.

Дар маҷмӯъ Туғрал 14 навъи қофияи мутлақро ба ваҷҳи аҳсан ба кор бурда, маҳорати волое нишон додааст. Зеро ӯ дар як байт тавониста, ки як, ду ва се қофияро ҷой диҳад, ки гувоҳи ҳунари шоир аст. Барои мушаххас шудани нишондоди боло ҷадвали зайл пешниҳод мешавад:

Т/р	Анвои қофия	Адади ғазал	Дарсад
1.	Қофияи муқайяд бо равӣ	41	12,5
2.	Қофияи муқайяд бо тавҷеҳ ва равӣ	75	22,9
3.	Қофияи муқайяд бо ҳазв, қайд ва равӣ	6	1,8
4.	Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад ва равӣ	118	36
5.	Қофияи муқайяд бо таъсису дахилу тавҷеҳ ва равӣ	2	0,6
6.	Қофияи мутлақ бо ишбоъ, равӣ ва васл	4	1,2
7.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ ва васл	8	2,4
8.	Қофияи мутлақ бо равӣ, васл ва хуруҷ	9	2,7
9.	Қофияи мутлақ бо равӣ, васл, хуруҷ ва мазид	1	0,3
10.	Қофияи мутлақ бо ишбоъ, равӣ, васл ва хуруҷ	3	0,9
11.	Қофияи мутлақ бо ишбоъ, равӣ, маҷро ва васл	17	5,2
12.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, маҷро ва васл	29	8,8
13.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, васл, хуруҷ ва мазид	4	1,2
14.	Қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, равӣ, маҷро, васл, хуруҷ ва мазид	3	0,9
15.	Қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равӣ, маҷро, васл, хуруҷ нафоз ва мазид	1	0,3
16.	Қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равӣ, ва васл	2	0,6
17.	Қофияи мутлақ бо ишбоъ, равӣ, васл, хуруҷ ва мазид	1	0,3
18.	Қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равӣ, васл, хуруҷ ва мазид	1	0,3
19.	Қофияи мутлақ бо ҳазв, қайд, равӣ, маҷро ва васл	3	0,9
	Ҷамъ:	328	100%

Туғрал дар ғазалҳояш баробари қофия ба радиф низ таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст. Ӯ ин унсури муҳимми шеъри форсии тоҷикиро дар 210 ғазали хеш мавриди истифода қарор дода, бо ин ҷаззобияти каломашро таъмин намудааст. Олимон радифро мутаваллиди шеъри форсии тоҷикӣ донистаанд.

Адабиётшинос М. Низомов афкори муҳаққиқони мазкурро дар тадқиқоти дар ин самт бурдаи худ хулоса намуда, менависад: «Як хусусияти забони форсу тоҷик ин аст, ки қариб дар ҳар ҷумла феъли робит (буд, шуд, кард) ё бандаки хабарӣ (аст) мавҷуд аст ва инчунин аз рӯйи тартиби калима дар ҷумла феъл ҳамеша дар охир меояд. Яке аз сабабҳои пайдоиши радиф дар шеъри форсӣ низ дар ҳамин аст» [4-111].

Радиф бо чунин табиат, ки хоси забони форсии тоҷикист, ривоҷу равнақ ёфта, дар каломи мавзун то дараҷаи ҳунари эҷодӣ расида, пас он дар шеъри халқҳои дигар интиқол ёфтааст. Радиф мусиқӣ, оҳанг ва маонии шеърро таҳвият медиҳад. Радифе, ки ин вижагиро дар шеър тавлид месозад, ғайритакаллуф ва ҳунарӣ буда, дар ҳолати аз шеър ҷудо кардани он маъно ва умуман, шеърият аз байн меравад. Чунин ҳолатро мо дар ғазалиёти мураддафи Туғрал мушоҳида кардем. Тасниф ва басомади таркибу калимоте, ки Туғрал ба ҳайси радиф истифода кардааст, ба таври зайл мебошад:

а. Таркиб ва калимоте, ки мансуб ба ҳиссаҳои номии нутқанд: он ҷо, туро 3 бор, мино, оинаро, маро 4 бор, мо 5 бор, бодо, дар об 2 бор, шаб, имшаб, андалеб 2 бор, абас, мавҷ 2 бор, субҳ, рух, сурх, густох, ноз, дигар, ҳанӯз 3 бор, нафас, рақс, файз, хат, чӣ ҳаз 2 бор, шамъ, чароғ 2 бор, ошиқ, ранг, дил, табассум, Туғрал, гул 3 бор, Бедил, дар бағал 2 бор, тағофул 3 бор, нолаам 2 бор, ман 3 бор, орзу, ӯ 6 бор, ту, дастат, лазиз, коғаз...чанд бор?

б.Феъл ва таркиботи феълӣ: кун маро, дорем мо 3 бор, биё, дорад ҳубоб, аст 19 бор, ту нест 2 бор, ман аст, ӯст, мост, афтодааст, гузашт 2 бор, гирифт, кист 4 бор, дорад қадаҳ, гардад 2 бор, оварад 3 бор, бурд, бас аст, нест 3 бор, карду рафт, бинамат, ошност, мекашад 4 бор, буд 2 бор, дорад 3 бор, шуд 5 бор, мекунад 5 бор мечакад, нашуд, диҳад, кард, омад, кунад 4 бор, шавад 2 бор, рехтанд, инчунин бояд, омад ба ёд, нигоҳ дор, дорад баҳор, асту бас 3 бор, дорад чароғ, дорад ақиқ, кардам, задам, кардаст, кунам, хоҳам шудан, 2 бор, кун, кардаӣ, шудастӣ, мегӯям, кардаанд 2 бор, зад, гирад, мегардад, ояд, бишканад, бошад 2 бор, афканад, надиҳад, мешавад, доданд, мапурс, навис, пурс, бош 4 бор, бинвисам, медоштам, мекардам, мехоҳам, месозам, ояд бурун, макун, карда, дошти, кистӣ, наёмадӣ ва ғайра

Тавре ки дар боло ишора шуд, 107 ғазали шоир тазминӣ буда, 106-тои он ба ғазалҳои Бедил ва 1-тои он ба ғазали Ҳофиз тазмин шудааст. Аз ин рӯ, табиист, ки радифи масореи тазминшуда бетағйир дар ғазали тазминӣ мегузарад. Радифҳои машҳури “он ҷо”, инчунин “бояд”, “дорад” “баҳор”, “андалеб”, “табассум”, “мекардам”… аз Бедил ва радифи «аст» аз Ҳофиз дар ғазалҳои мавриди назар интиқол ёфтааст.

Мутолиа ва таҳқиқи ғазалиёти мураддафи шоир нишон медиҳад, ки ӯ ин усули маъмулу куҳани классикиро мисли Ҳофиз бар ашъори Саъдӣ, Навоӣ бар ашъори Ҳофиз, Соиб бар ашъори Мавлоно ва ғайра моҳирона пайгирӣ карда, ҳунари волое аз худ нишон додааст. Чунонки аён мешавад, истифодаи радиф аз ашъори ҳамдигар пайванди адабии шуароро мустаҳкам намуда, дар омӯзиш имкон фароҳам меорад, ки ба ин ё он адиб таваҷҷуҳи вижа доштани ҳар шоири мавриди назар ба таври амиқ муайян гардад. Аз ҷумла, ин маънӣ дар ғазалиёти мураддафи Туғрал ба хубӣ татбиқ мешавад. Радифҳои «омад ба ёд”, “рақс” ва дар бағал»-ро аз ғазалҳои машҳури Сайидо ёдовар шудан кофист, ки ғазалҳои назиравии Туғралро тавлид сохтааст. Ин гувоҳи он аст, ки шоир танҳо ба тазмини ғазалҳои Бедил маҳдуд нест, зеро ӯ аз тариқи назира ашъори худро ашъори ба Саъдӣ, Камол, Ҷомӣ, Сайидо барин суханварони машҳур ҳамоҳанг ва пайванд намудааст. Туғрал дар радифбандӣ аз таҷрибаи устодони сухан, ки гуфтем, васеъ истифода карда, дар ин замина, радифҳои тозае чун «ошиқ″, “наёмадӣ”, “мечакад”, “мезанад”, “лазиз”, “коға”... офарида, сухани худро бо оҳангу мусиқӣ ва санъати волои бадеъ тазйин додааст.

Тавре ки аён гардид, қофия ва радиф дар ғазалҳои Туғрал ҳунармандона истифода шуда, ҷойгоҳи вижаро соҳиб гаштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳром Сирус. Қофия дар назми тоҷик/ Сирус Баҳром – Сталинобод, 1955. – 186 с.
2. Туғрали Аҳрорӣ Девони. Бухоро. Когон, 1916. – 288 с., рақами 48, захираи дастхатҳои шарқии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт/ Р Мусулмониён – Душанбе: Маориф, – 1990. – 240 с.
4. Низомов М. «Масъалаҳои поэтикаи ғазалиёти Фаридуддини Аттор». Рисолаи номзадӣ./ М. Низомов. – Душанбе, 2002. – 185 с.
5. Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор/ Ҳусайн Воъизи Кошифӣ; муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп У. Тоиров ва А. Ҳафизов. – Душанбе: Ҳумо, 2006. – 232 с.
6. Шамси Қайси Розӣ. «ал-Муъҷам/ Шамси Қайси Розӣ; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991.-464 с.
7. Шарифов Х. Назмшиносӣ/ Шарифов Х., Тоиров У. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.

МЕСТО РИФМЫ И РЕДИФА В ЛИРИЧЕСКОМ СТИХОТВОРЕНИИ (ГАЗЕЛЯХ) ТУГРАЛА

В статье автор на примере лирического стихотворения (газелей) Туграла проводит исследование рифмы и редифа, используемых в качестве элемента в стихотворении, даёт определение их видам и строению, определяет их место и важность в лирическом творчестве (газелях) поэта.

Ключевые слова: газель (лирическое стихотворение), стихотворение, поэт, талант, рифма, редиф, состав, вид, связанный, абсолютный.

THE ROLE OF THE RHUME AND RADIF IN THE TUGRAL POETRU

In the following article author takes rhyme arid radif from TUGRAL poetry as an example under the consideration, beside he focus on the role of the rhyme and radif (the couplets) in Tugral's ghazals.

Key words: Ghazal, poem, poet, experience, rhyme, radif, consist, type, tied, only.

Сведения об авторе: ***Шоев Абдухамид*** - аспирант ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон: **(+992) 93 536 43 03.**

ТАВОРУД, ИҚТИБОС ВА МАФОҲИМИ МАРБУТ БА ОН

Салоҳиддин Ҷомӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таворуд, тақлид ва иқтибос аз мақолот ва истилоҳоти адабие ҳастанд, ки аз дер боз адабпажӯҳон ва муҳаққиқони осори адабӣ ба онҳо пардохтаанд. Ба рағми таваҷҷуҳ ва иноятн зиёд пажӯҳишгарони адабӣ дар ин замина, мутаассифона, боз ҳам дар таъриф мушаххасу шинохти дақиқе аз ин мақулаҳо ба даст надодаанд. Бинобар ин, корбурди ин истилоҳот дар арсаи таҳқиқ ва баррасии мутун ҳамвора холӣ аз ишкол набудааст.

Ҳарчанд адами тафкик ва набуди марзгузории мушаххас дар миёни истилоҳоти улуми иҷтимоӣ амрест ом, ки танҳо мунҳасир ба донишҳои адабӣ намебошад, аммо мусаллам ин аст, ки дар ҳавзаи донишҳои адабӣ ва ҳар кадом аз шохаҳои он аз нақди адабӣ гирифта то сабкшиносӣ ва анвои адабӣ ва донишҳои балоғӣ ва …бо ин омезиши мафоҳим ва илтибосу нисбияти таориф мувоҷеҳем. Дар ин миён истилоҳоти марбут ба баҳси сирқоти адабӣ бо таваҷҷуҳ ба арзиш ва аҳамияти вижа ва корбурди фаровонашон дар пажӯҳишҳои матншиносӣ ва нақди татбиқӣ бештар омехта ба ҳам ва фоқиди ташаххуси лозим ва илмӣ ба назар мерасад. Мушкили асосӣ дар воқеъ, бештар ба равиши муаллифон дар заминаи корбурди истилоҳот вуҷуд дорад. Ба ин маъно ки ин корбастҳо аглаб салиқаӣ, вобаста ба нигоҳи муаллиф ва гоҳ бидуни иттилои илмӣ будааст.

Мабҳаси сароқат дар адаби араб ва табаи он дар адабиёти форсу тоҷик аз пешинаи тӯлонӣ бархурдор аст. Чунонки дар фосилаи қарнҳои аввал то панҷуми ҳичрӣ баҳс перомуни сирқатҳои адабӣ яке аз ҷиддитарин мавзӯот дар ҳавзаи адабиётшиносӣ ба шумор меояд. Ба тавре ки ин мабоҳис бахше аз ҳар асари муҳимми адабиро ба сурати баҳсе мустақил ва ё мундариҷ дар бахшҳои дигар ба худ ихтисос медод.

Дарвоқеъ, камтар китоби муҳимме дар заминаи адабшиносӣ ва ё нақди адабӣ дар ин фосилаи замонӣ вуҷуд дорад, ки холӣ аз мабоҳиси сарақот бошад, илова бар онҳо осори мустақиле низ дар адабиёти араб ҳаст, ки метавон аз «Сарақот-уш-шуаро»-и Ибни Сакит (234 м.), «Сарақот»-и ал-Бухтурӣ, Абулфазл ибни Тайфур (289 м.), «Сарақот»-и Абунувос Муҳалҳал ибни Ямут (334м.), «Сарақот»-и Бишр ан-Насибӣ ва … ном бурд [10, 291].

Илова бар ин баҳсҳо каму беш дар кутуби адабии дигар низ фаровон аст, чунонки Бишри Омадӣ дар «ал-Мувозина» ва Қозӣ Ҷурҷонӣ дар «ал-Восита» аз сарақот, маъно ва мабнои он сухан гуфтаанд. Абӯҳилоли Аскарӣ ду фасли муҳим аз боби шашуми «ас-Саноатайн»-ро ба ин мавзӯъ ихтисос дода ва Умари Родуёнӣ фасли ҷудогонаеро дар «Тарҷумон-ул-балоға» дар боби сирқат нигоштааст. Инчунин, Ибни Рашиқи Қайравонӣ дар «ал-Умда» ва Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам…» дар ин хусус суханҳо гуфтаанд. Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола»-и худ удабо ва шуароро ба хондани кутуби сарақот тавсия намуда ва Амир Хусрав шоири устодро аз шоири сориқ ҷудо мекунад [10, 293]. Вале бо ин ҳама мушкили асосӣ бештар дар ҳавзаи корбурди ин истилоҳот ба шеваи дақиқи илмӣ ва меъёрии он мебошад, ки инак бар онем, то дар ин мақола пас аз нақду баррасии мақулаҳои сирқат авомилеро, ки

бештар мучиби адами шинохту корбурди илмии ин мақулот гардида, ба сурати мухтасар ба баррасӣ гирем.

Таърифҳо ва таъбирҳое аз истилоҳоти марбут ба саракот. Дар мавриди мақулаҳои мавриди баҳс дидгоҳҳои фаровоне вучуд дорад, ки дар ин ҷо ба намунаҳое аз он мақулот пардохта меояд:

Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам» ба чаҳор гуна саракот ишора мекунад: «бибояд донист, ки саракоти шеър чаҳор навъ аст: интиҳол ва салх ва илмом ва нақл, аммо интиҳол сухани дигаре бар хештан бастан аст ва он чунон бошад, ки шеъри дигареро мукобира бигирад ва шеъри хеш созад бе тағйире ва тасарруфе дар лафзу маънии он ё бо тасарруфе андак… ва аммо салх пӯст боз кардан аст ва дар шеър ин навъи саракот чунон бошад, ки маъниву лафз фаро гирад ва таркиби алфози он бигардонад ва бар ваҷҳе дигар адо кунад… Аммо илмом қасд кардан ва наздик шудан аст ба чизе ва дар саракоти шеър он аст, ки маънӣ фаро гирад ва ба иборате дигар ва ваҷҳе дигар ба кор орад… ва аммо нақл он аст, ки маънии шоири дигар бигирад ва аз бобе ба бобе дигар барад ва дар он парда берун орад» [3, 469-471].

Воизи Кошифӣ дар «Бадоеъ-ул-афкор» илова бар бахшбандии саракот номҳои дигаре низ ба кор мебарад. Ӯ мегӯяд: «Мусолита нохуштарин айбе бошад дар шеър ва мусолита дар луғат сабқат гирифтан дар асп тохтан ва дар истилоҳ он аст, ки шоир шеъри дигареро ба тариқи мукобира дар ҳавзаи тамаллуқ ва чизи тасарруфи хеш орад, бе он ки дар лафзу маънӣ ҳукми тағйире бар он мутараттиб гардонад ва инро мусолата ба ҷиҳати он гуфтаанд, ки шоири сонӣ сабқат мегирад бар шоири аввал дар бурдани шеъри ӯ ва онро мансух месозад ва ба воситаи он аст, ки инро насх низ гӯянд. Насх зоил гардонидани ҳукми собиқ бошад ва саракa ва интиҳол низ хонанд ва интиҳол сухани дигаре бар худ бастан бошад.

Салх дар луғат боз кардан бошад ва дар истилоҳ он аст, ки шоир шеъри дигареро пеш гирад ва ба изои ҳар калима калимае дигар ба ҳамон маънӣ вазъ кунад ва ба изои ҳар лафзе лафзе дигар биёварад, пас кона, ки пӯст аз он шеър дармекашад

Масх дар луғат тағйир кардани сурате, ки қабеҳтар бувад; ва дар истилоҳ он аст, ки шоир байти дигаре фаро гирад ва маъниро ба ҳоли худ бигузорад ва дар баъзе аз алфози он тасарруф кунад, то сурати собиқа ба сурати лоҳиқа мубаддал гардад, агарчи сурати лоҳиқа беҳтар бошад, ҳамон аз қабили масх шуморанд.

Илмом дар луғат қасд кардан бошад ва дар истилоҳ иборат аз он аст, ки шоир қасди муайяне кунад, ки шоире дигар эроди он маънӣ карда бошад ва ҳамонро бо андак тасарруфе ба миёни шеъри худ орад ва ба иборате дигар истеъмол кунад ва инро нақл низ гӯянд ва арбоби маонӣ гуфтаанд: «Чун шоиреро маъние даст диҳад ва онро кисвате аз иборати нохуш бипӯшонад ва дигаре ҳамон маъниро фаро гирад ва ба лафзе писандида адо кунад, он маънӣ мулки ӯ гардад ва шоири аввалро фазл-ус-сабақ беш набошад» [7, 166-168].

Ҷалолуддин Ҳумоӣ фаслеро аз китоби «Санооти адабӣ»-и хеш ба баҳси саракот ихтисос медиҳад ва сипас, ёздаҳ асли куллӣ ба мабҳаси саракот бармешуморад. Инак, ба нақли бахшҳое, аз он ки бо ин мақола пайванди наздик дорад, мепардозем: «Ҳар гоҳ лафзу маънӣ ҳар дуро айнан ва бидуни тасарруф ва тағйир сирқат карда бошанд, онро насх ва интиҳол мегӯем ва ҳар гоҳ лафзу маънӣ ҳар дуро бурда, аммо дар он тағйиру табдил дода бошанд, масх ва иғора меномем ва дар сурате, ки танҳо маъниву фикр ва мазмунро фаро гирифта ва бо ҳифзи мавзӯъ онро ба лафзи дигар берун оварда бошанд, номаш салху илмом аст ва агар мавзӯъро ҳам тағйир дода бошанд, онро нақл мегӯянд ва ҳар гоҳ лафзу маънӣ ҳар дуро сабаби саракоти маохиз ва аснод рабуда бошанд, номаш шайёдӣ ва даҳалкорӣ ва дуздии бебарга ва беному нишон аст» [11, 358].

Иқтибос: дар асли луғат ба маънии партави нур ва фурӯғ гирифтан аст, чунонки порае аз оташро бигиранд ва бо он оташи дигар барафрӯзанд, ё аз шуълаи чароғе чароғи дигар равшан кунанд ва ба ин муносибат фаро гирифтани илму ҳунар ва адаб омӯхтани якеро аз дигаре иқтибос мегӯянд. Дар истилоҳи аҳли адаб, ки ҳадисе ё ояте аз Каломуллоҳи маҷид ё байти маъруферо бигиранд ва чунон дар назму наср биёваранд, ки маълум бошад, мақсад иқтибос аст, на сирқату интиҳол. Ҳар гоҳ дар гирифтани асаре аз назму наср нависандагони қарина қасди иқтибос маълум набошад, маҳалли туҳмати сирқат аст, бавижа ҳар гоҳ аз шоир ё нависандаи гумном ва ғайримаъруф иқтибос карда бошад…

Таворуд, ки онро таворуди хотирайн (ба сиғаи таснияи арабӣ) низ мегӯянд, дар асл ба маънии расидани ду нафар аст бо якдигар дар як ҷой ва аз як сарчашма об гирифтан ва дар истилоҳ он аст, ки ду шоир бидуни иттилоъ ва огаҳӣ аз ҳолу сухани якдигар шеъреро айнан мисли ҳам сохта бошанд, чунонки дар назари ашхоси ҷоҳил мавриди туҳмати сирқат бошад.

Таворуд дар як мисраъ бисёр иттифоқ меафтад ва дар як байти тамом низ мусаллам ва муҳаққақ аст, аммо дар беш аз як байт агар иттифоқ биафтад, сахт нодир ва шигифтангез аст ва дар аксар аз ду байт нагуфтаанд. Бояд гуфт, ки таворуди хотирайн бештар дар авзон ва қавофии маҳдуд ва радифҳои мушкил ва дар мавриде, ки майдони сухан танг бошад, иттифоқ меафтад ва дар фаррохӣ маҷоли таворуд камтар аст…

Татаббӯъ ва тақлид дар асл пайҷӯйӣ ва пайравӣ кардан аст ва ин ҷо мақсуд мумарисат ва бисёр хондани девони шеър ва пайравӣ кардан аз сабку услуби сухани яке аз шуарост. Ифрот дар ин кор низ мумкин аст ахёнан мунтаҳӣ ба амале гардад, ки муназзаҳи туҳмати сирқат бошад…» [11, 371-395].

Албатта, Ҷалолуддини Ҳумоӣ таъкид меварзад, ки он чи гуфта омада, талфиқе аз назари шахсии худаш ва навиштаи ҷумҳури удабои қадим, монанди Саккокӣ дар «Мифтоҳ-ул-улум», Хатиби Қазвинӣ дар «ал-Мифтоҳ» ва Тафтозонӣ дар «Мутаввал» будааст.

Абдулҳусайни Зарринкӯб дар китоби «Нақди адабӣ»-и худ баҳсе дар боби сирқоти адабӣ дорад ва дар он ҷо ба тавзеҳи истилоҳи таворуд, тақлид ва иқтибос мепардозад, ки бархе аз онҳоро дар ин ҷо меоварем: «Мақсуд аз таворуд он аст, ки ду шоир, бе он ки шеъри якдигарро дида бошанд, мазмуни воҳиде бисароянд ва басо, ки дар алфоз низ муштарак бошанд, дар чунин мавриде метавон гуфт, ки ин ҳар ду мазмуни воҳидро аз амсолу ақволи соир ва маонии мутадовил ва ҷории мардум иқтибос кардаанд ва агар ду шоир муосир бошанд, шояд ки шоири мутаахир маъниву мазмунро ба таври ғайримустақим ва маалвосита аз шоири мутақаддим ахз карда бошад. Бо ин ҳол таворудро ғолибан амре одӣ ва маъмулӣ шумурдаанд ва онро ҷиҳати баъзе аз сирқот узр ниҳодаанд» [6, 108].

Ба назари Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «тақлид иборат аз он аст, ки нависанда ва гӯяндае шеваи гуфтори гӯянда ва нависандаи дигареро пеш гирад ва бар тариқаву минволи ӯ сухан гӯяд ва тақлид, албатта, барои инсон, ки ба қавли Арасту аз ҳама ҳайвонот бештар ба муҳокот алоқа дорад, амре фитрӣ ва табиист. Аммо мақсуд аз иқтибос, ки гӯянда маънӣ ва мазмуни дигареро бигирад ва бо тасарруфи лоиқ ва муносибе онро ба сурате дигар нақл кунад ва бад-ин гуна мавзӯи иқтибос табъан ба масъалаи манбаъ ва сирқот бозмегардад» [6, 113].

Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» низ ба таърифи истилоҳоти таворуд, тазмин ва тақлид пардохта шудааст, ки қобили тааммул аст: «Таворуд (ба якдигар ворид шудан) яке аз айбҳо(норасоӣ) дар шеър аст. Як маънӣ ба хотири (дар зеҳни) ду шоир бидуни таваҷҷуҳ аз ҳолу сухани якдигар ворид шавад ва ҳар ду он маъниро дар қолаби алфози ба ҳам монанд эрод кунанд…

Бадеъшиносон сабабҳои асосии таворудро аз инҳо донистаанд: 1) дар таъсири мутолиаи девонҳо ва робитаи бевосита бо суханварон шоире шеъреро, ки дар ҷое хонда ё аз касе шунида, гоҳе ба таври нохудогоҳ ба сурати шеъри тозаи худ ҷилва медиҳад; 2) Дар таъсири табъ ва пайравӣ ба асарҳои шоирони дигар. Мисоли ин миёни шеърҳои Саъдии Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ ва Ҳофизи Шерозӣ зиёд ба назар мерасад.

Илова бар он ду далели боло таворуд дар шеъри шоирон аз ҳамфикрӣ, ҳамсабкӣ ё сабкшиносона ангезаи шабеҳ ва муҳити шабеҳ низ роҳ меёбад. Ин навъи таворуд дар шеъри муосири тамоми мардуми дунё ба назар мерасад. Ин амалро онҳо баъзан ба хотири тамомӣ бахшидан ба як маънии хуши шеъри нотамоми шоири дигар анҷом медиҳанд» [12, 153].

Тазмин (ар. дар зимн овардашуда) як тарзи санъати шеъргӯист, иборат аз иқтибоси порчаи асари муаллифе аз тарафи муаллифи дигар бо мақсади боэътимодтар кардани фикри бикраш ва ё барҷастатар намудани каломи бадеияш [12, 162].

Тазмин ба ду гурӯҳ тақсим мешавад (ҷузъӣ ва куллӣ):

Тазмини нопурра чунин навъҳо дорад:

Тазмини пурра - ин ҷо асари дигар (ғазал, қитъа, маснавӣ, қасида ва ғайра) пурра ва ҳатман тибқи низоми муайян иқтибос карда мешавад. Мисол: шоир се мисраъ худ мегӯяд ва байте аз шеъри дигар меорад (мухаммас) ё чаҳор мисраъ мегӯяд ва байте мегӯяд (мусаддас) ва ғайра. Ин навъ тазмин барои шоирон мактаби такмили маҳорат аст. Тазмин бештар чун далел барои таҳвияти фикру маромиҳ гӯяндаи асар оварда мешавад. Бинобар ин, аксари мутлақи тазминҳо мазмунан ибратангез ва аз нуктаи назари бадеӣ наву ҳайратовар мебошанд» [12, 162-163].

Тақлид - (ар. ба гардани касе гарданбанд андохтан) дар адабиёт пайравии ғайриэҷодкоронаи як шоир ё нависанда аз ҷиҳати сабку услуб, воситаҳои бадеӣ ва ғайра ба адиби дигар. Нависандаеро, ки ба эҷодиёти нависандаи дигар тақлид мекунад, муқаллид мегӯянд.

Тақлид дар адабиёти форсу тоҷик аз замонҳои қадим ба миён омадааст ва ҳоло ҳам ба назар мерасад. Ба тақлидкорӣ баъзан шоирону нависандагони ҷавон даст мезананд. Тақлид дар эҷодиёти шоирону нависандагон натиҷаи манфӣ медиҳад, симои эҷодии онҳоро аз байн мебарад. Муқаллидон ба эҷодиёти пешиниён танқидан назар мекунанд, талаботи замон, шароити иҷтимоӣ ва сиёсиву иқтисодии даврро ба назар намегирад, аз ин рӯ асари онҳо аз ҷиҳати ғоя ва мундариҷаву шакл ҳеҷ гуна навигарӣ ба адабиёт ворид намесозад.

Дар асрҳои 18-19 чанд шоири тоҷик моҳияти эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, сабку услуби ӯро нафаҳмида, ба эҷодиёти ӯ тақлид мекунанд. Ин гуна шоирон дар назм навигарӣ дохил карда натавонистаанд ва мавқеи пайдо накардаанд» [12, 185].

Нақд ва баррасии таориф ва таъбирҳо. Бо таваҷҷуҳ ба таориф ва тавзеҳот, ки дар бахши қабл ба гунаи намуна аз қудамо ва муосирин нақл гардид, инак ба сурати мухтасар ва ҷудогона ба баррасии ҳар кадом мепардозем.

Шамси Қайси Розӣ, ки бисёре аз суханонаш барои ноқидон ва шеършиносон қобили эътиност [2, 27], сарфан ба чаҳор гуна сирқот изъон дорад, дар ҳоле ки баъзе аз адабшиносон бо овардани исмҳои тоза ва бархурде мутафовит ҳавзаи баҳсро муфассал ва густурда намудааанд, чунонки дар ин замина метавон аз «Ҳулят-ул-муҳозира»-и Ҳотамӣ ва ал-Умда»-и Ибни Рашиқи Қайравонӣ ёд кард [6, 112]. Мулло Ҳусайн Воизи Кошифӣ чунонки мулоҳиза намудем, нахуст истилоҳи мусолита-ро бо муродиф бо насх, интиҳол ва сирқат ба кор мебарад, ки бо таваҷҷуҳ ба мафоди таъриф номе чандон мусаммӣ ба назар намеояд, сипас ба таърифи истилоҳи масх мепардозад, ки бо каме диққат мебинем, ҳамон тавзеҳи мафҳуми салх ва илмом аст, бад-ин маъно, ки ҳам дар салх ва ҳам дар илмом мурод табдили сурат ё лафз аст ва адами тағйири маъно.

Ҳамчунон Кошифӣ истилоҳоти илмом ва нақлро муродифи ҳам гузошта, дар ҳоле ки Шамси Қайси Розӣ муътақид аст, ки нақл бештар бурдани маънӣ аз бобест ба бобе дигар ва ҳатто бад-ин бовар аст, агар шоири дувум маъниро беҳтар ироа намуд, қубҳи сирқат дар он набуда, шоири аввалро ба имтиёзи фазл-ус-сабақ мешиносад. Ҳамчунон ки дида мешавад, нақлро бо он ки қабеҳ намедонад, аммо дар зери унвони сирқат ба баррасӣ мегирад, ки ин ҷойи тааммул дорад.Ҷалолуддин Ҳумоӣ, чунонки зикр шуд, фасле ба мавзӯи сирқат ихтисос дода, ки дар он аз ёздаҳ асли куллии сирқат ёд мекунад, дар ин миёна нуктаи қобили тааммул овардани мақулоте чун таворуд, тақлид ва иқтибос дар радифи интиҳол ва салху илмом аст, ҳарчанд нависанда низ ишорате бад-ин мавзӯъ дорад ва он ин, ки панҷ асли нахустро барҷаста намуда, бақияро аз тавобеу аркони он панҷ асл медонад [11, 357]. Вале пурсиши асосӣ ҳамчунон боқист, ки таворуд ва ё иқтибосро мешавад, зери унвони сирқоти адабӣ ба баҳс гирифт. Ба унвони мавзӯе дар ҳавзаи манбаи илҳоми шоир ҷойи баррасӣ дорад? Албатта, ба ин масъала батафсил пардохта меояд.

Дигар аз ноҳамгунии таорифи истилоҳот дар «Фунуни балоғат»- и Ҳумоӣ муродиф қарор додани ду истилоҳ - насх ва интиҳол аст ва ҳамчунон дар таърифи истилоҳоти масху иғора дар канори тағйир дар лафз аз тағйир дар маъно низ ёд мекунад, дар ҳоле ки Кошифӣ муътақид аст, ки дар масх маъно ҷойи худ мемонад. Ҳамчунон ӯ истилоҳоти салху илмомро низ дар асараш бар хилофи дигарон ба айни маъно ба кор мебарад. Нависанда баъд аз тавзеҳи чаҳор асл аз асле дигар ба номҳои ғулкорӣ, шайёдӣ ва дуздӣ ёд мекунад, ки боз чизе нест, магар ҳамон насху интиҳол. Нуктаи поён ин, ки дар тавзеҳи истилоҳоти салху илмом аз қоидае ёд мекунад, ки байни шуаро маъруф аст, ба ин маъно, ки ҳар гоҳ шоир фикру мазмунро беҳтару

шевотар аз гӯяндаи аввал ба назм оварад, аз туҳмати сирқат бароат дошта, шоистагии тасоҳуби ҳамон фикру мазмунро доро мебошад [11, 364]. Ин фарзияи ахир ба ҷойи худ ҷоизи арзишу аҳамият аст, чунонки дар нигоҳи имрӯзиён низ бештар дар шеър таъкид бар чи гуна гуфтан аст, то чи гуфтан.

Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» низ он ҷо, ки аз таворуд ёд мешавад, онро ба унвони яке аз айбҳо ва ё норасоиҳо дар шеър талаққӣ менамояд, дар ҳоле ки ҳамон ҷо ва дар ҳамон парогрофи нахуст ишора ба асли адами иттилоъ аз ҳолу сухани гӯяндагон мебошад ва сипас ба ташреҳи шароити эҷоди чунин ҳаммонандӣ дар шеъри ду сароянда мепардозад. Нуктаи қобили баҳси дигар низ овардани мақулаи иқтибос ба унвони ҷузъе аз тазмин мебошад, ки дар воқеъ акси он аз мисдоқи илмии бештаре бархурдор аст.

Бо баррасии ин таориф ва таъбирҳо ба ин натиҷаи дуруст мерасем, ки миёни таобири адабшиносон аз мақулаҳои сирқат тафовути дидгоҳҳои зиёде мавҷуд аст, ки ин амр муҷиби илтибос ва иғтишош дар ин таобир шудааст ва басо ки ин андешамандон дар таъбиру тафсирҳояшон низ дучори навъе таноқузгӯйи мегарданд. Ҳамин амр муҷиб шуда, то баррасии дуруст ва равшане аз мабоҳиси боло ба даст наёяд.

Тавзеҳи илмӣ ва ташхиси марзҳои истилоҳоти таворуд, таклид ва иқтибос. Бо таваҷҷуҳ баррасиҳои суратгирифта дар мавриди таорифи ин истилоҳот дар манобеи муътамад ва ишколу ихтилоти мисдоқҳои мафоҳими ёдшуда инак ба тавзеҳи асосии ҳар як аз ин истилоҳот пардохта, ҳудуд ва андозаи ҳар якро дар ҳадди лозим мушаххас ва муайян менамоем:

Таворуд. Тавре ки дар боло зикр гардид, пурсиши асосӣ дар хусуси таворуд ин аст, ки бо таваҷҷуҳ ба назарияҳои адабшиносон- гузаштагон ва муосирин доир ба таворуд, оё боз ҳам метавон, ки таворудро дар канори интиҳолу салху илмом асле аз сирқоти адабӣ бидонем. Ба унвони мавзӯе мустақил дар ҳавзаи баҳсҳои манобеи илҳом мавриди баррасӣ қарор диҳем ё на? Инак, ба сурати фишурда ба ин мақула мепардозем.

Замоне ки аз таворуд мегӯем, бештар баҳси маонии муштарак матраҳ аст, бад-ин маъно ки дар мақулае тадовули иштироки маонӣ дар шеър ҷумҳури гӯяндагон иттифоқи назар доранд. Аз ҳамин ҷост, ки дар нақду баррасии ашъор ба маворидi мушобеҳ бармехӯрем, ки ин маворид ағлаб аз мақулаи маонии муштарак аст. Чунонки мазмунеро шоире мегӯяд бо ин эҳсос, ки гӯё худ мубадеи он аст, вале ғофил, ки он мазмун дар шеъри қудамо низ омада ва ин дар ҳолест, ки шоири дувум аз он бехабар будааст. Зеро ҳамон гуна, ки мазмун дар зеҳну коргоҳи хаёли мутақаддим нақш баста, дар андеша ва тахайюли мутааххир низ ҷилва намудааст.

Бинобар ин, ба бовари мо ба ҳеҷ ваҷҳ дар чорчӯби мақулаи сирқат ва интиҳол ҷой намегирад. Дар басо маворид сарфан бо диди қаробатҳо ва мушобеҳатҳо наметавон ҳукм ба сирқат кард, чи басо, ки ин наздикиҳо ва ҳаммонандиҳо аз мақулаи таворуд бошанд. Абӯтайиб дар чунин маврид аст, ки ба гунаи тамсил мегӯяд: «Шеър ҷодаест ва басо, ки дар ҷодае касе қадам ҷойи қадами дигаре ниҳад» ва Зарринкӯб аз нақкоди фаронсавӣ нақл мекунад: «Касоне, ки дар як роҳ ба сайру сафар мераванд, басо, ки дар як раҳгузар ба якдигар бармехӯранд» [6, 108].

Абӯҳилол низ мисрае дар боби занон месарояд ва гумон мебарад, ки мабдаи он ташбеҳ сарфан худаш аст, вале замоне онро дар девони яке аз шуарои БаҒдод мебинад ва сипас, бо худ аҳд мекунад, ки бар ҳеҷ мутааххир ба сирқат аз мутақаддим ба сурати қатъу яқин ҳукм накунад. Биноан, ривояти таҷрибиёте аз ин даст дар таърихи адабии мо фаровон аст.

Аз манзаре дигар, ҳамчунон ки шароити муҳитӣ, иқлимӣ, иҷтимоӣ, адабу сунан ва муштаракоти фарҳангӣ муҷиби шабоҳатҳо дар шамоил, гуфтор ва ахлоқи афрод мегарданд, ба ҳамон паймона низ ин ягонагиҳои муҳитӣ ва иқлимиву фарҳангӣ дар эҷоди маонии муштарак дар каломи шуаро саҳме босазо доранд.

Имрӯз дар мабоҳисаи равоншиносӣ низ ба таворуд пардохтаанд, чунонки бо таваҷҷуҳ ба орои Юнг ва мафҳуми замири нохудогоҳ мақулаи таворуд ба сурати решае мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифт. Таворудро «хотираи пинҳон» ёд намуданд. Онон дар замина изҳор медоранд, ки мумкин аст, нависандае солҳо пеш асареро хонда ва фаромӯш карда бошад, вале баъдҳо он асар дар гуфтораш, бидуни он ки худаш бидонад, мутабалвир мегардад. Чунонки Нитеше дар асараш «Чунин гуфт Зардушт» матлаберо аз китобе, ки ним қарн қабл аз ӯ навишта шуда буд, ахз

карда, зоҳиран худаш бад-он вуқуф надоштааст. Сипас, Юнг бо хоҳари Нитеше гуфтугӯ мекунад ва ӯ таъйид мекунад, ки Нитеше он китобро дар кӯдакӣ хондааст [8, 167].

Дигар ин ки мо ба сабаби дарёфтҳои суннатӣ, ки дорем, бештар таворудро дар ҳавзаи мазомин медонем, дар ҳоле ки яке аз қавитарин ангезаҳои таворуд тадоиҳои вожагонист.

Ба ҳар ҳол шоирони рӯзгори мо дар ҳама забонҳо аз зарфиятҳои забонии наслҳои гузашта баҳра мебаранд. Ҳол он, ки қисмате аз ин кор самараи кунҷковии шоир дар осори қудамост ва қисме дигар аз мақулаи таворуд аст. Ба гуфтаи Соиб, «вале илоҷи таворуд наметавонам кард» [2, 672].

Бо таваҷҷуҳ ба дидгоҳҳои матраҳшуда ва бавижа таъкид бар адами иттилои шоир аз маворидиди мушобеҳ дар осори дигарон ва ҳамчунон мавҷудияти маонии муштарак ва мутадовил эҷоб менамояд, то таворуд ба унвони мавзӯе мустақил дар заминаи манобеи илҳом мавриди баррасӣ қарор гирад, на ба номи бахше аз сирқоти адабӣ, дар радифи салху интиҳолу илмом.

Тақлид: Тақлид низ, ки мурод ҳамон пайравӣ аз шеваи гуфтори нависандагони бузург дар офариниши калом аст, аз дигар мавзӯотест, ки ҷойи баҳси фаровон дорад. Ба ин маъно, ки бояд дида шавад, пайравӣ аз услубу сабке, ки мавриди тақлид қарор гирифта, то чӣ андоза тавъам аст, бо ибдооту халлоқияти ҳунарии пайрав. Албатта, дар хусуси тақлид ва арзиши он назароти зиёде аз ҷониби мунтаққидон матраҳ аст, ки худ баҳсе мустақил металабад, вале ба гунаи мисол иддае тақлидро ҷузъи вижагиҳои зотиву фитриии инсон медонанд, вале дар фароянди тақлид, чӣ тақлид аз табиату чӣ аз санъату ҳунар, таъкид бар тасарруфу ибдоъ низ доранд [6, 117].

Гоҳе назарот дар масири ифроту тафрит қарор мегирад, чунонки Футӯҳӣ дар балоғати тасвир муътақид аст: «Тақлид аз гузашта на тамоми гузашта, балки аз улгуҳои воло ва намунаҳои аълои он, улгу гирифтан аз шоҳкорҳое, ки дар хотираи таърих ҷовидон монда ва чандон мақбулияти ом доранд, ки ба сурати асл ва қоида даромадаанд. Нигоҳи инсони суннатӣ ғолибан ба гузашта маътуф аст, ҳам дар офаринишу халлоқият ҳам дар назарияпардозӣ ва қоидасозӣ. Гузашта барои ӯ сарчашмаи комилтарини улгуҳост. Дар адабиёти куҳан назирасароӣ ва иқтибосу улгубардорӣ аз намунаҳои аъло, бахше аз лавозими халлоқиятро ташкил медиҳад» [4, 85].

Худи Футӯҳӣ дар сабкшиносӣ чунин медорад: «Нависанда ва шоире, ки ба роҳи тақлид аз бузургон пеш меравад ва аз сабкҳои шинохташуда ва озмудаи пешин пайравӣ мекунад, дар воқеъ, ҷилваҳое аз шахсияти дигаронро ба намоиш мегузорад ва гом дар ҷойи гоми дигарон мениҳад. Ба ҳамин далел, дар таърихи адабиёт ҷойи пояш намемонад ва ё камранг аст» [5, 86].

Ин муаллиф дар ҷое дигар низ тақлидро монеи ҳар навъ ибтикору навоварии фардӣ медонад [5, 87].

Аммо он чӣ пазируфтанист, ин ки ҳар гоҳ шоире зимни тақлид аз услубу сабки дигарон маҷоли ибдоу халлоқиятро биёбад ва дар асараш ҷилваҳое аз рафтор, шахсият ва ба иборати беҳтар фардияти вай мушоҳида гардад, ҳосили кораш арзишманд ва ҳоизи аҳамият хоҳад буд.

Ба ҳар ҳол, акнун агар ба тафовутҳои таворуд ва тақлид бипардозем, бояд ишора намоем, ки байни таворуд ва тақлид ба рағми қаробатҳое, ки дар бино вуҷуд дорад, дар мабно аз ҳам комилан мутафовитанд. Чӣ дар таворуд баҳси ҷиддӣ адами иттилои шоир аз вуҷуди маворидиди мушобеҳе дар каломаш аст, ки ба сурати комилан иттифоқӣ шабеҳи онҳо дар осори қаблӣ ва ё муосираш вуҷуд дошта, бидуни шак, ин амрест иттифоқӣ ва нохудогоҳ, ҳол он ки дар тақлид усулан бо худи огаҳӣ мувоҷеҳ ҳастем, яъне шоир бо ашроф ба мавзӯъ ва бо ирода ба пайравӣ даст мезанад. Аммо ин ки тақлидро низ аз мақулаи сирқат бидонем, ҷойи тааммул аст, зеро дар тақлид аксар пинҳонкорӣ, ки лозимаи сирқат аст, сурат намепазирад.

Мавриди дигар, тафовут байни тақлид ва истиқбол ё назира аст, ҳарчанд пардохтан ба мавзӯи истиқбол ба унвони равиши хоси адабӣ баҳси муфассалро металабад, аммо бо ин кӯтоҳ басанда мешавад, ки тафовути ҷиддӣ байни тақлид ва истиқбол вуҷуд дорад, ба ин маъно ки дар истиқбол мо бештар бо навъе суннати ҳоким ва ё мусобиқаи адабӣ мувоҷеҳем ва эй басо шоире, ки ба суроғи истиқбол меравад, фазои ашъори мавриди истиқбол дар борвариии қувваи тахайюли шоир ва ҳамчунон пӯёиву ҷавлони он таъсири босазо мегузорад ва шоирро аз ҳолати инфиол

ба вазъияти фоилӣ ва офаринишгарӣ мубаддал месозад, дар ҳоле ки дар тақлид бештар баҳс аз камранг шудани фардияти нависанда аст. Бинобар ин, истиқбол ё назираро набояд бо тақлид як донист.

Иқтибос. Иқтибос низ аз тақлид тафовут дорад, тавре ки дар иқтибос шоир бештар ба хотири мустанад сохтану ба навъе озин бастан дар каломаш аз каломи дигаре суд мебарад, ҳол он ки дар тақлид бо гузиниши услуб ва сабки шоире дигар мувоҷеҳ мешавем. Аммо омезишу иқтибос бо ирсол-ул- масал низ қобили баҳс аст, чунонки барои ташхиси ин ду дида шавад, ки мавриди иқтибос агар масали машҳур бошад, ирсол-ул-масал ва ҷузъи саноати бадеист.

Мавриди дигар, омезиши талмеҳ ва иқтибос аст, ки барои бозшиносии ин ду аз ҳам ба ин нукта таваҷҷуҳ бояд дошт, ки дар талмеҳ бештар бо навъе ишораи латиф ба ояи «Қуръони карим» ва ё ҳадиси набавӣ ва ё масалу мақулаи маъруф ва ё ҳам достон мувоҷеҳем, ҳол он ки дар иқтибос маъмулан айни ҳамон иборати мавриди назар ва ё бахше аз он ки бар тамомии мафоди мавриди иқтибос далолат намояд, рӯ ба рӯ ҳастем.

Бо ҳамаи инҳо дар иқтибос низ таваҷҷуҳ ба мавҷудияти қарина, ки ҳамоно матни аслӣ ва машҳуди иқтибосшуда дар асар бошад, баҳси сирқат мантиқист, магар ин ки аз мутуни беному нишон ва бидуни нишона иқтибос гардад. Албатта, бархе мазмунҳои умумӣ бо корбурди ом истисно ҳастанд [11,386].

Инак, пас аз баррасии нукоти боло дар хусуси чигунагии иғтишош, илтибос ва адами ташаххуси мабоҳис ва истилоҳоти сирқоти адабӣ, ки дар осори адабшиносон ба назар расид, ҷо дорад, то нахуст ба тарҳи масоиле дар заминаи авомилу аносири таъсиргузор дар сароиши шеър ва манбаи илҳоми шуаро пардохта ояд, ба иллатҳое, ки монеи рӯйкарди илмӣ дар арсаи корбурди ин истилоҳот вуҷуд дорад, ишора гардад.

Ҳама ҳунарҳо дар марҳилаи эҷод ва офариниши худ аз ҷараёнҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ таъсир мепазиранд ва қатъан дар ин миёна мизони таъсирпазирии адабиёт бо таваҷҷуҳ ба моҳияти вуҷудиаш ва пайванди танготангаш бо таъриху иҷтимоъ бештар аст. Бинобар ин шеър дар камолу авҷи худ қатъан бениёз аз осори гузаштагон набуда ва ҳеҷ ибтикору офариниши замонӣ, ки битавонад мисдоқи боризи ибтикору офариниш бошад, наметавонад дур аз ҳавзаи нуфузи осори қаблӣ вуҷуд дошта бошад [9, 202].

Натиҷаи таҳқиқ ва мутолиоти мунтаққидон имрӯз баёнгари ин аст, ки тақрибан ҳеҷ асари адабие нест, ки мунҳасиран аз қаламу фикри нависандаи он таровиш карда бошад ва эй басо шоир, ки ибдоу эҷоди мутлақ ва бидуни пайванд ба гузашта амрест нодир.

Бо ин ҳама агар маҷмӯаи авомил ва аносиреро, ки ҷараёнҳои зеҳнии шоирро шакл медиҳад, баррасӣ намоем, дар канори хондаҳо ва шунидаҳои шоир, дар заминаи алфоз ва маонӣ, ки ҳамон фарҳанги шеърии ӯст ва муташаккил аз осори гузаштагон метавон аз маҷмӯаи иттилооти шоир аз гузашта, ҳол, муҳит то огоҳиҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва асотирӣ, илмиву фалсафии вай ном бурд. Таҷрибаҳои хусусии шоир низ дар тӯли зиндагӣ аз дигар авомили созандаи ҷараёни зеҳнии вай мебошад [9, 203].

Илова бар инҳо имрӯз дар баҳсҳои равоншиносӣ, бавижа баъд аз Фрейд ва дар дидгоҳҳои Юнг тарҳи масъала нохудогоҳи ҷамъӣ ба унвони яке аз манобеи илҳоми шоирона сахт мавриди таваҷҷуҳ аст, мавриде ки пешиниён ба он напардохтаанд.

Бо назардошти аносири таъсиргузор дар офариниши осори адабӣ ва пайванди танготанг бо гузашта ва бо таваҷҷуҳ ба орои забоншиносонаи садаи бистум ва тарҳи мақулаи «Мантиқи муколама» тавассути Бахтин ва сипас, вазъи истилоҳи «равобити байноматнӣ» аз сӯйи Шкловский [8, 168] нақду доварӣ дар хусуси баррасии мутун ба лиҳози ташхиси гунаҳои сирқат корест бас душвор ва печида, ки аз уҳдаи ин кор фақат мунтақиде басир ва босавод ва пур аз инсоф бармеояд.

Мақулаи сирқат бо таваҷҷуҳ ба арзишмандие, ки дар нақду таҳлили осори адабӣ дорад, дар нигоҳу таъбири адабиётшиносон ба сурати дақиқ ва равшан матраҳ нашудааст. Бештари таобире, ки аз ин мақула ва мафоҳим дар пайванд ба он баён шуда, бо навъе ноҳамгунӣ, парокандагӣ ва ҷобаҷоӣ дар номгузорӣ тавъам будааст. Дар ин миёна истилоҳоте чун таворуд, тақлид ва иқтибос низ дар ин дидгоҳҳо машмули қоидаи сирқат шинохта шудаанд, ки бо таваҷҷуҳ ба мафоди таърифшуда

дар ин истилоҳот ва аз тарафе моҳияти фароянди офаринишгарӣ бештар ин мақулот дар ҳавзаи манбаи илҳоми шуаро қобили баррасианд, то баҳси сирқот.

Баршумории вижагиҳои истилоҳоти таворуд, тақлид, иқтибос ва диққати лозим дар барҷастагии ташхиси марзҳояшон низ аз маворидиқобили эътиност. Дар ниҳоят, адами таваҷҷуҳи адабпажӯҳон ва тарҳи дидгоҳҳои ноҳамсон дар қиболи мақулаи сирқат муҷиб гардида, то корбарони ин истилоҳот дар нақду таҳлилҳо аглаб бо душворӣ мувоҷеҳ гарданд. Зеро аз тарафе баҳси офариниш амрест комилан зеҳнӣ ва интизоӣ ва эй басо, ки бисёре зеҳнҳо дар муҳити мушобеҳ ба таҷрибаи ҳамгун бирасанд. Дигар ин ки маърифати зеҳнии инсон ба сурати комил дар ҳамдигар таъсир ва таассур доранд. Бинобар ин, шинохти сарчашмаҳои ибдои ҳунариву адабӣ амрест сангин, ки мусталзими доноӣ, басират ва инсофи фаровон аст.

Бо таваҷҷуҳ ба баррасиҳои анҷомшуда ба ин воқеияти равшан даст меёбем, ки:

1. Таворуд ба ҳеҷ ваҷҳ аз мақулаи сирқат нест ва дар аксар маворид офаринишгари сонӣ бо қуввату қудрати бештару зеботар аз мутақаддими худ даст ба эҷоду офариниши мавзӯъ ва мазмуне ҳамгун зада бошад.

2. Истиқбол ҳарчанд дар сатҳи таворуд аз мақбулияти бисёр бархурдор нест, ҳаргиз дар мақулаи сирқат ба ҳисоб намеояд ва навъе нигоҳу алоқа ва таваҷҷуҳ ва озмунест, ки ҳунарманд ба асар ё осори моқабли худ дорад.

3. Иқтибос ҳеҷ гуна таъсири манфӣ ё мусбате ба кори офариниш ва ё зери суол бурдани қудрати офаринишгар надорад, балки шоир бо тавассул ба он мехоҳад, мавзӯи матруҳаи худро бо истиноди бештар ва мудалалтар баён намуда бошад.

4. Дар ин миён танҳо тақлид аст, ки бори офариниши он ба ҳадди ақалли тавоноӣ ва маҳорати офаринишгари он изъон дорад ва мақбули қабули ноқидону адабиётшиносон қарор намегирад ва қудрати хаёлу нерӯи офаринишгарии шоир ва ҳунармандро зери суол мебарад ва дар аксар маворид дар сояи қудрати офаринишгарии шоири мавриди тақлид қарор гирифта, ҳамеша гумном мемонад.

Дар ниҳоят, бар ин бовар мерасем, ки дар равшании чунин таобир шояд беҳтар битавон ба нақду баррасии мутуни адабӣ ва офаринишҳои шоирон даст ёзид ва ба натоиҷи ҷиддитар ва шинохти дақиқтаре роҳ ёфт.

А Д А Б И Ё Т

1. Имомӣ Насруллоҳ. Мабонӣ ва равишҳои нақди адабӣ/ Имомӣ Насруллоҳ. -Теҳрон: Интишороти Ҷомӣ, 1389.- 300 с.
2. Имомӣ Насруллоҳ. Забони шеър ва вожагони шеърӣ (Ёдномаи зиндаёд доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ)/ Имомӣ Насруллоҳ // Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишии Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад.- Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсӣ.- Пойиз ва зимистони 1369 ш., савум ва чаҳоруми соли бисту савум (шумораи мусалсали 90-91).- 859 с.
3. Розӣ Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайс. Ал-муъҷам фӣ маъойир-ил-ашъор-ил-Аҷам/ Розӣ Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайс; тасҳеҳи М. Қазвинӣ.- Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1935.- 565 с.
4. Рӯдмаъҷанӣ Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир/ Рӯдмаъҷанӣ Футӯҳӣ, Маҳмуд.- Теҳрон: Интишороти Сухан, 1389.- 458с.
5. Рӯдмаъҷанӣ Футӯҳӣ, Маҳмуд. Сабкшиносӣ/ Рӯдмаъҷанӣ Футӯҳӣ, Маҳмуд.- Теҳрон: Интишороти Сухан, 1391.- 461с.
6. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Нақди адабӣ/ Зарринкӯб, Абдулҳусайн..- Теҳрон: Интишороти Амири кабир, 1373.- Ҷилди аввал ва дувум.- 921с.
7. Сабзворӣ Кошифӣ, Камолуддин Ҳусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор/ Сабзворӣ Кошифӣ, Камолуддин Ҳусайн Воиз; виростор Мир Ҷалолуддини Каззозӣ.- Теҳрон: Интишороти Марказ, 1369.- 377с.
8. Шамисо, Сирус. Нақди адабӣ/ Шамисо, Сирус.- Теҳрон: Интишороти Митро, 1388.- 475с.
9. Кадканӣ Шафеӣ, Муҳаммадризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ (Таҳқиқи интиқодӣ дар татаввури имиҷҳои шеъри порсӣ ва сайри назарияи балоғат дар ислом ва Эрон)/ Кадканӣ Шафеӣ, Муҳаммадризо.- Теҳрон: Интишороти Огоҳ, 1389.- 732с.
10. Муҷтабо, Маҳдӣ. Аз маъно то сурат (Табақабандӣ ва таҳлилу решаҳо, заминаҳо, назарияҳо, ҷараёнҳо, рӯйкардҳо ва осори муҳимми нақди адабӣ дар Эрон ва адабиёти форсӣ)/ Муҷтабо, Маҳдӣ. – Теҳрон: Интишороти Сухан, 1388.- Давраи дучилдӣ.-1231с.
11. Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ/ Ҳумоӣ, Ҷалолуддин.- Теҳрон: Интишороти Ҳумо, 1371.- 424с.
12. Р. Ҳодизода Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ/ Р.Ҳодизода, М. Шукуров, Т.Абдуҷабборов. - Душанбе: Ирфон, 1966.- 160с.

ТОЖДЕСТВЕННОСТЬ, ПОДРАЖАНИЕ, ЗАИМСТВОВАНИЕ И ПОНЯТИЯ СВЯЗАННЫЕ С НИМИ

Тождественность, подражание и заимствавание являютя литературными приемами, изучением которых занимаются литературоведы и исследователи литературных произведений. Но до сих пор они не могут дать точного определения данным понятиям, что и рассматривается автором данной статьи.

Ключевые слова: терминология, литературная терминология, система терминов, тождественность, подражание, заимствования, перевод.

DENTITY, IMITATION, BORROWING AND CONCEPTS RELATED

Identity, imitation and borrowing are literary techniques, the study of which are engaged in literary critics and researchers of works of literature. But still they can't give a precise definition of the data, concepts, and is considered by the author of this article.

Key words: terminology, literary terminology, a system of terms, identity, imitation, borrowing, translation.

Сведения об авторе: ***Салохиддин Джами*** – соискатель Таджикского национального университета

ИШҚ ВА ТАОЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ НАЗАРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИН РУМӢ

Муҳаммад Ҷаъфари Шариатмадорӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ишқ, ки калиди шуури коинот ва таҷаллии партави зебоиҳо ва зоти тарбият аст, ба забонҳо ва замонҳои мухталиф баён шудааст, дар шеър ва мусиқӣ, дар ҳунар ва таълиму тарбият, дар ирфон ва дармон, дар маърифат ва ҳақиқат, дар маънавият ва ибодат, дар фалсафа ва каломи радипои ишқ, ки на худи ишқ ба чашм мехӯрад.

Ишқ бузргтарин рози ҳаёт аст, ки дар ҷаҳон зоҳир ба зери мусиқӣ дармеояд.

Сар пинҳон аст андар зеру бум,
Фош гар гӯям ҷаҳон барҳам занам.

(Маснавии маънавӣ, дафтари аввал, байти 341)

Аз ин ҷост, ки то ишқ аст, ҳастӣ ҳаст ва инсон ба дунболи ҳамзистии ишқ ва тарбияти мубтанӣ бар он кӯшиш мекунад: «Ба назар мерасад ҳалқаи муфақуда дар ҳукумати гумшудаи низомҳои таълим ва тарбият дар намуди ду чиз аст: 1 – ишқ, 2 – назар» [4,8].

Мавлоно осмонро кафе медонад дар баҳри ишқ, агар ишқ набошад ҷаҳон ва ҳар чӣ дар он аст аз ҳолу ҳаво меафтад ва инҷимоду афсурдагӣ ҳосил мегардад:

Ишқ баҳре, осмон бар вай кафе,
Чун Зулайхо дар ҳавои Юсуфе.
Даври гардунҳо замуҷи ишқдон,
Гар набуди ишқ бифисурди ҷаҳон.
Кай ҷамоди маҳв гаштӣ дар набот?
Кай фидои рӯҳ гаштӣ номёб?
Рӯҳ кай гаштӣ фидои он даме,
К-аз насимаш ҳомила шуд Маряме.
Зарра, зарра ошиқони он камол
Мешитобад дар улум ҳамчу ниҳол.

(Маснавии маънавӣ дафтари 5, абёти 3853 то 3859)

Мавлавӣ муътақид аст, ки: кӯшиши ишқ дар тамоми коинот дусӯя аст ва агар ошиқон баргиранд, вуҷуди майли ошиқон онҳоро заиф ва лоғар мекунад, аммо ишке, ки дар маъшуқ аст, ӯро хуш ва зарба менамояд.

Майли ҷон андар тарақиву шараф,
Майли тан дар касбу асбоби алаф.
Майли ишқи он шараф ҳам сӯйи ҷон,
Зин яҳиброву яҳуббунро бидон.
Бемуродон бар муроде метананд,
В-он муродон ҷазби эшон мекунанд.
Лек майли ошиқон лоғар кунад,
Майли маъшуқон хушу хуштар кунад.

(Маснавии маънавӣ дафтари 3, абёти 4439 то 4445)

Мавлавӣ ақида дорад, ки ишқ таърифпазирӣ нест, балки дастёфтанӣ ва таҷриба карданӣ ва манбеи он дарунӣ аст.

«Ҳар касе, ки ишкро таъриф кунад онро нашинохта ва касе, ки аз ҷоми он ҷӯръае начашида бошад, онро нашинохта ва касе, ки ман аз он об сероб шудам, онро нашинохта, ки ишқ серобе аст, ки касеро серобе накунад» [4,22].

Бо ишқ метавон ҳама чизро шинохт, густурдагии ишқ он қадар зиёд аст,ки наметавон онро васф кард. Ишқ зинда аст дар ҳама мавҷудот, дар равон ва дар назар:

Шарҳи ишқ ар ман бигӯям бардавом,
Сад қиёмат бигзарад в-он нотамом.

(Маснавии маънавӣ дафтари 1, абёти 218 то 219)

Ишқ ҷилвае аз зебоиҳост. Чун зебоӣ ва ҳусн вуҷуд дорад, ишқ ҳаст. Ишқ ба хотири зебоӣ ҷилва мекунад. Дар ҷилваҳои ҳастӣ, ишқ ва камол се шакли ҳастианд.

Яке аз асилтарин авотифи инсонӣ ишқ аст, шинохти ҳосил аз ишқ, зебоӣ аст, ва яке аз зебоиҳо зебоии маънавӣ аст, ки дар калом ва кирдор, яъне ахлоқ таҷаллӣ менамояд. Зебоӣ ва ахлоқ пайванди маҳкам ва пойдор дар арсаи таълим ва тарбият доранд.

«Бино ба таъбири Мавлоно чашми ақл ду бин аст ва он чиро ки дар воқеъ аст, якеро ду мебинад. Таҳлили ақлонӣ воқеъиятро ба ду бахш тақсим мекунад ва он гоҳ намедонад, ки чӣ гуна он дуро бо ҳам яке кунад. Аз ин ду, ишқ, ки тобеи асли ваҳдат аст, болотар аз ақл қарор мегирад».

Он яке з-он сӯйи васф асту ҳол,
Ҷуз дуе н-ояд ба майдони мақол.

(Маснавии маънавӣ байти 6 , абёти 2034)

Ишқ реша дар асилтарин авотифи инсонӣ дорад ва сабаби васл ба хештани хеш мегардад. Мавлавӣ дар бурузи ин эҳсоси бисёр зебо ва гӯё ба ҳолати отифӣ- ба ошиқӣ мепардозад, ва ба навъие ягонагӣ ва ҳамдилиро таҳти таъсири худ қарор медиҳад. Ҳуввиятталабӣ ва шӯру ибтиҳоҷ, ҳадафбандӣ ва эҳсосу дарки дуруст, ҳама аз бурузи авотифи поку солими инсонӣ аст.

А.Н. Маслов (1908-1970 мелодӣ) муътақид аст, ки инсон бо вуҷуд доштани ниёзҳои зистӣ замоне ба рушди комил мерасад, ки ниёзҳои равонии худро ирзо кунад. Вақте ки тавонист тавонмандиҳои худро шукуфо кунад, ба ҳадди халлоқият ва таолӣ меравад. Назари вай дар бораи ишқ дар афроди худшукуфо чунин аст.

Бино ба дидгоҳи Маслов, умури ҷинсӣ ва ишқ дар афроди худ шукуфо, ба таври комилтаре дар ҳам таркиб мешавад. Ҳарчанд ин мафоҳим, яъне ишқу лаззати ҷинсӣ аз ҳам қобили тафкик аст. Аммо ин ду мақола дар зиндагии ин афроди мутаолӣ, ба сӯйи таркиб ва мамзуҷ шудан бо якдигар гароиш доранд. Дар ин гуна афрод, лаззати ҷинси маъмулан дар шадидтарин ва вуҷудовардатарин ҳадди худ ёфта мешавад. Бо вуҷуд, ин авҷи лаззати ҷинсӣ дар афроди худшукуфо дар муқоиса бо афроди маъмули ба таври ҳам замони ҳам муҳимтар аст ва ҳам камаҳмияттар. Аз назари Маслов ин як таноқис ба шумор намеравад, балки аз назарияи ангезиши пӯё нашъат мегирад.

Маслов дар китоби хеш таҳти унвони «Ангеза ва шахсият» фаслеро ба ишқ дар афроди худшукуфо, яъне касоне, ки аз сатҳи ниёзҳои аввалияи, зистӣ ва ҳамчунин равонӣ фаротар рафтаанд, ихтисос дода аст. Вай дар ибтидои баҳс, ишкро чунин таъриф мекунад: «Ишқ асосан ибороте аст аз иштиёқ ва муҳаббат тавъам бо лаззати шодӣ, ризоят бо эҳсоси ғурур ва ҳатто вуҷуд ва шаъни ношӣ аз бархурдорӣ аз ин эҳсос». Дар ҳақиқат Маслов дар ташреҳи ишқ дар афроди худ шукуфо дар сатҳи равобити ошиқонае байни зану мард матаввақуф шуда, ба дигар анвои эҳсосҳои ошиқона ё ҳамон маротиб ва дараҷоти мухталиф ишқ напардохтааст.

Аз назари вай ишқ дар афроди шукуфо, танҳо дар ҳадди ишқи шаҳвонӣ ва ҷинсӣ боқӣ намонда, балки аз он фаротар меравад ва сурати равонӣ ва рӯҳии худро нишон медиҳад. Бино ба дидгоҳи ӯ, майл ба самимият байни завҷин на танҳо ҷанбаи ҷисмӣ, балки ҷамбаи равонӣ низ дорад. Ин майл мукаррараан ба унвони иштиёқи хосе ба хилват ва танҳоӣ дар назари завҷҳо ҷилвагар мешавад. Мозлу муътақид аст, ки дар афроди худшукуфо, тамоил ба шинохти комили якдигар, иштиёқ ба навъи самимияти равонӣ, маънавиёти рӯҳӣ ва муаррифии комили худ ба завҷ, бисёр роиҷ аст.

Маслов бар ин бовар аст, ки ишқ дар афроди худшукуфо мунҷар бар тақвияти идрок ва фаҳми онҳо мешавад. Ба баёни дигар, ёфтаҳои вай нишон додаанд, ки идроки афроди худшукуфо, ҳангоме ки ошиқ ҳастанд, коромадтар ва дақиқтар аз

ҳангоме аст, ки даргири ишқ намебошад. Ишқ метавонад, муҷиби дидани хасоисеро дар маъшуқ шавад, ки дигарон комилан аз он бехабаранд. Дар натиҷа рушан аст, ки ин ишқ дар баробари нақоис нобино нест, балки мумкин аст, ки ба содагӣ аз нақоис ва ишколоти маъшуқ чашм бипӯшад, ё ин ки аслан онҳоро нуқс қаламдод накунад. Маслов мегӯяд: «Барои афроди худшукуфо ба осонӣ мумкин аст, амиқан ошиқи афроде шаванд, ки аз зебоии зоҳирӣ бебаҳраанд. Дигарон инро кӯрӣ меноманд, аммо мумкин аст, ки бисёр беҳтар бошад, ки онро салиқа ё қудрати идроки олӣ биноманд» [4,110-111].

Дар таълим ва тарбият ишқро метавон ҳамроҳ ва равиш донист. Аз ин рӯ, тарбияти отифӣ ва ошиқӣ яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои тарбият мебошад. Дар ин росто ҳадафи умдаи таълим ва тарбият, яъне ёддиҳӣ – ёдгирӣ бар асоси фаҳми ақиқи одамӣ аст. Тарбияти маънавӣ ҳамроҳ бо тарбияти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ аст, ки муҷиби парвариши фарҳангии фард мегардад, чи аз тариқи ашъор ва адабиёт ва чи аз роҳи улуми иҷтимоӣ, ҳамаи роҳҳое ҳастанд, ки ба тарбият ва парвариши тамоми абъоди вуҷуди фард кӯмак мекунанд. Яъне тарбияти отифӣ бо рӯйкард ва марказияти ишқ дар низоми таълим ва тарбият аст, ки ин амрро муҳаққақ месозад.

Бинобар ин, тарбияти воқеӣ ҳамон тарбияти ишқ аст. Ва ин ишқ метавонад мабнои ангезиш ва нерӯи маҳракаи инсон маҳсуб шавад, ҳам метавонад ба худ ишқ биварзад ва ҳам метавонад ба дигарон ва ҳамнавъон ва ҳатто ба ҳамаи махлуқот ва тамоми мавҷудоти ҷаҳон ҳастиву ҳастиофарин, ки дар ниҳоят, зебоии комил аст маҳв гардад. Ин зебоии маънавӣ ва отифии ишқ фардро ба дарки дуруст ва фаҳми амиқ ва таҳаввули ботинӣ мерасонад, ки яке аз паёмадҳои тарбияти ишқ мебошад ва дар равондармонӣ ҳам мавриди истифода қарор мегирад.

Дар равондармонӣ ва ҳамчунин таълим ва тарбияти ирфонӣ, ишқ ҳам ҳадафи дармон ва тағйир аст ва ҳам равиш ва василаи дастёбӣ ба он. Дар ин дидгоҳ як навъ ваҳдат байни равиш, васила, мавзӯъ ва ҳадаф мушоҳида мешавад. Ва ин амр то ҳудуди зиёде ба дидгоҳи ваҳдатангоронаи ин мактаб бармегардад. Мавлоно ин воқеиятро чунин баён мекунад:

Шод бош эй ишқи хушсавдои мо,
Эй табиат ҷумла иллатҳои мо.
Эй давои нахвату номуси мо,
Эй ту Афлотуну Ҷолинуси мо.
Ҷисми хок аз ишқ бар афлок шуд,
Кӯҳ дар ракс омаду чолок шуд.

(Маснавии маънавӣ, дафтари аввал, абёти 23 то 25)

Бар ин асос яке аз абъоди муассири ишқ, дар тарбияти иҷтимоӣ аст, ки муъҷиби дарки саҳеҳ аз дигарон ва эҳсоси ҳамдилӣ дар фард мешавад.

«Яке аз вазоифи мадраса омода кардани наслҳои ҷадид барои пазириши масъулиятҳои худ ба унвони як шаҳрванд мебошад. Омӯзиши шаҳрвандӣ танҳо як навъ тарбияти иҷтимоӣ талаққӣ намегардад, балки фаротар аз он бо дигар фазоил ва арзишҳои ахлоқӣ, мутаносиб бо зиндагии ҷамъӣ ва ҳамчунин садоқат мавриди ниёз барои шаҳри мардумсолор, демократӣ шудан аст». Ҳарчанд ин навъ тарбият ба зерсохторҳои зиёд ниёз дорад, аммо бояд таваҷҷуҳ дошт, ки яке аз пеш- шартҳои бисёр муҳим ва асосии он омодагии фард барои дарки фарди муқобил ва тавонои эҳсоси ҳамдилӣ бо ӯ мебошад. Танҳо дар ин сурат фард ба таври ҳақиқӣ метавонад барои дигарон эҳтиром қоил шуда, ҳуқуқи онҳоро муроот намояд. Ҳолати дарку ҳамдилӣ танҳо ҳангоми ба вуҷуд меояд,ки агар он фард аз назари отифӣ тарбият шуда бошад. Ҳамчунон ки дидем, тарбияти отифӣ воқеан ниёзманди ишқпарварӣ ва таҷрибаи ишқ мебошад. [4,155]

Дарсҳое аз ишқ: Мавлоно муътақид аст, ки ишқ абзорест, ки ба василаи вай метавон ҳамаи чизро шинохт. Ҳақоиқи ишқ поённопазир аст. Агар ҳамавора ба шарҳи ишқ пардохта шавад, боз он нотамом мемонад, агарчи сад қиёмат аз он бигзарад:

Шарҳи ишқ ар ман бигӯям бардавом,
Сад қиёмат бигзарад в-он нотамом.

(Маснавии маънавӣ, дафтари панҷум, байти 2189)

Ҳатто на ин ки наметавонад шарҳ диҳад, балки наметавонад бишносад, он гоҳ шармандаи ишқ мешавад:

Ҳар чӣ гӯям ишқро шарҳу баён,

Чун ба ишқ оям хичил бошам аз он.

(Маснавии маънавӣ, дафтари аввал, байти 112)

Вай муътақид аст, ки ишқ васфнопазир аст, чаро ки ишқ васфи Эзид аст. Ӯ зебоии мутлақ аст ва камоли беинтиҳост:

Ишқ васфи Эзид аст, аммо ки хавф,
Васфи бандаи мубтало фарҷу ҷавф.

(Маснавии маънавӣ, дафтари панҷум, байти 2185)

1- Ишқ зиндакунандаи одамӣ аст. Мавлавӣ ишкро муҷиби пояндагӣ ва сарзиндагӣ медонад, ки марг дар ӯ роҳ надорад, вай дар интихоби ишқ мегӯяд:

Ишқи он зиндагузин, ки боқӣ аст,
В-аз шароби ҷонфизоят соқӣ аст.
Ишқи он бигузин, ки ҷумла анбиё,
Ёфтанд аз ишқи ӯ кору киё.

(Маснавии маънавӣ, дафтари панҷум, абёти 3863 ва 3864)

2. Ишқи муҷиби ахлоқ ва иттиҳоди ошиқ мегардад. Яке аз сафоти боризи ишқ, хунрезӣ аст. Ин сифати хунрезӣ сабаби хилват ва сафои ошиқ мешавад. Ҳар касе наметавонад иддаои ошиқӣ кунад, касоне, ки аз доираи ихлос ва сафои дил хорич шудаанд, наметавонанд даъвои ишқи воқеӣ кунанд. «Мавлоно ҷавҳари инсонро иттиҳоди ишқ ва ихтиёр медонад». [3, 67].

Ишқ аз аввал чаро хунӣ буд?
То гурезад он, ки берунӣ буд.

(Маснавии маънавӣ, дафтари саввум, байти 4715)

Ҳоло касе, ки дар ин роҳ ҷонбозӣ кунад дастмуздаш висоли маъшуқ аст:

Ошиқонро шодмониву ғами ӯст,
Дастмузду охират хидмат ҳам ӯст.

(Маснавии маънавӣ, дафтари савум, байти 4101)

Дар назари Мавлавӣ ошиқони ҳақиқӣ касоне ҳастанд, ки монанди – Ҷирҷис – ҳар лаҳза кушта мешаванд ва зинда мегарданд ва боз толиби захми дигар ва марги дигар аз дасти маҳбубанд [1,254]:

Мурда аз як руст фонӣ дар газанд,
Савфиён аз сад ҷиҳат фонӣ шуданд.
Ҳамчу Ҷерҷисанд ҳар як дар сарор,
Кушта гашта, зада гашта шаст бор.
Кушта аз завқи санони додгар,
Мебисӯзад, ки бизан захми дигар.
Валлоҳ аз ишқи вуҷуди ҷонпараст,
Кишта бар қатли дувум ошиқтар аст.

(Маснавии маънавӣ, дафтари шашум, абёти 1538 то 1541)

3. Ишқ муҷиби ҳифзи низоми ҳастӣ аст:

Ишқ дар ҳамаи аҷзои ҳастӣ ҷараён дорад, ҳамаи мавҷудот аз ишқ баҳраманд ҳастанд, ҷамодод, наботот, ҳайвонот ва хулоса инсонҳо ҳар кадом ба шакле аз ишқ баҳра мебаранд:

Ҳикмати Ҳақ дар фазову дар қадар,
Кард моро ошиқони ҳамдигар.
Ҷумла аҷзои ҷаҳон з-он ҳукми пеш,
Ҷуфт- ҷуфту ошиқони ҷуфти хеш.
Осмон гӯяд заминро марҳабо,
Бо туам чун оҳану оҳанрабо.
Осмон марду замин зан дар хирад,
Ҳар чӣ он андохт ин мепарварад.
Чун набошад гармияш, бифристад ӯ,
Чун намонад тариву нам, бидиҳад.

(Маснавии маънавӣ, дафтари саввум, абёти 4400 то 4405)

4. Ишқ ҳастиовар аст. Ҳама ҷазбу анҷазоб ба баракати ишқ ва қавому давоми онҳо низ аз ишқ мебошад:

Гар набуди ишқ, ҳастӣ кӣ будӣ?
Кай зади нон бар туву кай ту шудӣ?
Нони ту шуд аз чӣ? Аз ишқу иштиҳо,

В-арна нонро кай бадӣ то ҷон раҳо.
Ишқи нон мурдаро бейҷон кунад,
Ҷон, ки фонӣ буд, ҷовидон кунад.
(Маснавии маънавӣ, дафтари панҷум, абёти 2012 то 2014)

5. Ишқ зебоӣ ва ҳусн меофарад. Ҳама инсонҳо зеботалабанд ва ба дунболи зебоӣ ҳастанд ва ишқ маъдани зебоӣ аст. Конуни зебоӣ дар ишқ мутаҷаллӣ мекунад. «Зебоӣ қатрае аз афсонаи дарёи бекарон бо шиое аз нуре аст, ки бар деворе метобад. Зебоӣ ба тамом аз олами дигар нишот мегирад, аз ин рӯ, дар ин олам амре ориятӣ ва мувваҚатӣ аст. Зебоии ҳақиқи танҳо ба Худо тааллуқ дорад» [2,219].

Асли сад Юсуф ҷамоли Зулҷаллол
Эй кам аз зан шав фидои он ҷамол.
Ишқ бурд баҳсро эй ҷону бас,
Эй кам аз зан шав фидои он ҷамол.
Ҳайрате ояд зи ишқ он нуткро,
Зуҳра набуд, ки кунад ӯ моҷаро.
(Маснавии маънавӣ, дафтари панҷум, абёти 3239 то 3241)

Ба зебоӣ ишқ варзидан, ошиқи шоистае аст, ки ишқро пойдор мекунад, мондагории ишқ дар ишқ ба зебоӣ аст.

6. Ишқ ғайратофарин аст. Ишқ ғайримутлақ аст. Вуҷуди ошиқ ғайрнопазир аст. Эътибои ошиқ ба ишқ ғайратманди ӯст:

Ҷумла ошиқ з-он ғайюр омад, ки Ҳақ,
Бурд дар ғайрат бар ин олим сабақ.
Ӯ чу ҷон асту ҷаҳон чун колбад,
Колбад аз ҷон пазиру неку бад.
Ҳар кӣ шуд мар шоҳро ӯ ҷомадор,
Ҳашт хисрон, баҳри шоҳаш иттиҷор ...
(Маснавии маънавӣ, дафтари аввал, абёти 1763 то 1772)

7. Ишқ барои риояти адаб аст. Адаб муқаддима ва лозимаи ишқ аст. Беадабӣ муъҷиби дилмурдагӣ аст:

Бе адаб гуфтан сухан бо хоси Ҳақ,
Дил бимиронад сияҳ дорад варақ.
(Маснавии маънавӣ, дафтари дувум, байти 1740)

Адаб калиди ҳидоят аст. Яке аз лавозими баҳрамандӣ аз омӯзишҳои расулон алайҳи риояти адаб дар маҳзари онҳост, онон таолими нуронии худро ба беадабон арза намекунанд. Чаро ки арза ҳам кунанд, аз густохӣ ва беадабӣ, имкони истифода нахоҳанд дод. Мавлавӣ мегӯяд, ки анбиё аз манзали баланд ва хонаи осмонӣ ба сӯйи мо омадаанд, аз ин рӯ, бояд мақомашонро баланд дорӣ ва ниҳоли меҳрашон дар дил корӣ ва аз маҳсулашон бардорӣ.

8. Ишқ муҷиби идрок мегардад. Замоне ошиқ қобилияти дарк пайдо мекунад, ки ишқ биварзад. Ишқ ҳосили як идрок аст. Дарки ишқ, муҷиби идроки ҳақиқат мегардад, ҳарчанд худи ишқ як ҳақиқат аст, вале дарки ҳақиқат ишқ аст, ки ҷозибаи офарини ҳамаи мавҷудоти ошиқ Худоянд, пас шуури ошиқонаи онон муҷиби тасбеҳи ҷамодот аст:

Олим афсурдаст ва номи ӯ ҷимод,
Ҷомид, афсурда бувад эй устод.
Бош то хуршеди ҳашр ояд аён,
То бини ҷунбиши чашми ҷаҳон.
Аз ҷамоди олами ҷонҳо равед,
Улгуи аҷзои олам бишнавед.

9. Ишқ ҳаракатофарин аст. Яке аз аломати ишқ ҷунбиш аст. Ҳаракат замоне ҳосил мешавад, ки ишқ бошад. Чи ҳаракати ҳуббӣ ва чи ҳаракати ишқӣ ҳама муҷиби ҷунбиши мавҷудот ва махлуқот мегарданд:

Аз ҷамоди мардуму номӣ шудам,
В-аз намо мурдам ба ҳайвон сар задам.
Мурдам аз ҳайвониву одам шудам,
Пас чӣ тарсам, кай зи мурдан кам шудам.
Ҳамлаи дигар бимирам аз башар,
То барорам аз малоик болу пар ...
(Маснавии маънавӣ, дафтари савум, абёти 3901 то 3906)

10. Ишқ созандаи одамӣ аст. Инсон ҳамавора дар ҳоли бало ва сахтӣ аст. Ранҷ муъҷиби раҳо шуданӣ аст. Маъмулан, вуҷуди башар чизе ҷуз дарду ранҷ нест. Инсон то ба ин вуҷуд вобаста аст, ба мусоиб ва ранҷу бало ва сахтии он низ вобаста аст.

Ҳар кӣ ӯ бедортар, пурдардтар,
Ҳар кӣ ӯ огоҳтар, рух зардтар.

(Маснавии маънавӣ, дафтар аввал, байти 629)

11. Ишқ шаклдиҳандаи шахсият аст. Мавлавӣ муътақид аст, ки худи инсон сарчашмаи табиат аст, на ин ки маҳсули табиат:

Бода дар ҷӯшаш гирои ҷӯши мо,
Чарх дар гардиш асири ҳуши мо.

(Маснавии маънавӣ, дафтари аввал, абёти 1812 ва 1811)

Ҷовидонагии инсон аз тариқи нафси мутаолӣ, ки абадӣ аст, нашъат мегирад. Аз ин рӯ, ишқ аст, ки муҷиби бақои шахсият мегардад:

Ҳамчунин ҷӯёи даргоҳи Худо,
Чун Худо омад, шавад ҷуянда ло.
Андар ин маҳзар хурдҳо шуд зи даст,
Чун қалам ин ҷо расида шуд, шикаст.

(Маснавии маънавӣ, дафтари савум, абёти 4658 то 4660)

А Д А Б И Ё Т

1. Беҳномфар. Ваҳии дили Мавлоно/ Беҳномфар.- Теҳрон: Интишороти Беҳнашр. Чопи аввал, 1387
2. Читик, Вилёмин Сей. тариқи суфиёнаи ишқ/ Читик, Вилёмин Сей; мутарҷим Маҳди Сиришталорӣ. Интишороти Меҳрандеш. Чопи аввал, соли 1389.
3. Абдулҳаким Халифа. Ирфони Мавлавӣ/ Абдулҳаким Халифа; мутарҷим Аҳмад Маҳмадӣ ва Аҳмад Миралой.- Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. -Чопи шашум, 1389.
4. Шамшерӣ Бобак. Таълим ва тарбият аз манзари ишқ ва арафот/ Шамшерӣ Бобак.- Теҳрон: Интишороти Таҳурӣ. -Чопи аввал, 1384.
5. Фозилӣ Қодир. Тафсири мавзӯии «Маснавии маънавӣ»/ Фозилӣ Қодир.- Теҳрон: Интишороти Иттиллоот. - Чопи аввал, 1389.

ЛЮБОВЬ, ВОСПИТАНИЕ И ОБУЧЕНИЕ В ВОЗЗРЕНИЯХ ДЖАЛАЛАДДИНА РУМИ

Джалаладдин Руми считает любовь важнейшей проблемой суфизма В исламе и суфизме понятие любви трактуется иначе в отличии от его общего понимания и оно является одним из важнейших этических понятий в этике Руми, о чем говорится в данной статье. Также педагогические и дидактические идеи Руми имеют большое значение для воспитания подрастающего поколения и необходимы на всех ступенях обучения и воспитания.

Ключевые слова: взгляды Руми, понятие любви, педагогический потенциал «Маснави» Джалаладдина Руми, выражение взглядов, нравственные понятия, педагогические и дидактические идеи.

LOVE, EDUCATION AND TRAINING IN THE VIEWS OF JALALADDIN RUMI

Jalaladdin Rumi believes love is the most important problem of Sufism In Islam and Sufism concept of love is differently interpreted, unlike its common understanding and it is one of the most important ethical concepts in ethics Rumi, referred to in this article. Pedagogical and didactic ideas Rumi are of great importance for the education of the younger generation and are necessary at all levels of education and upbringing.

Key words: the views of Rumi, the concept of love, pedagogical potential «masnavi» Jalaladdin Rumi, the expression of views, moral concepts, pedagogical and didactic ideas.

Сведения об авторе: ***Мухаммад Джаъфар Шариатмадори*** – аспирант ТГПУ им.Садриддина Айни

УБАЙД РАҶАБ – ШОИРИ ЛИРИК

Ф. Ҳусейнзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тавре зикр кардем, Убайд Раҷаб ҳам барои калонсолон ва ҳам барои хурдсолон шеър гуфтааст. Шеърҳои барои калонсолон гуфтаи ӯ дар маҷмӯаҳои "Пайраҳа"(1967), “Илҳом” (1972), “Нимарӯз” (1977), “Рози обшор” (1979), “Дурдона” (1984), “Саррез” (1982), “Арчамайдон” (1982) дастраси ҳаводорони каломи бадеъ гардидаанд. Адабиётшинос Юсуфи Акбарзода нигошта: “Аз рӯзгоре, ки шеър ба ҳайси истилоҳ арзи вуҷуд кардааст, муҳаққиқон ва офарандагони он ба таври бинишу пиндошт ва дарку маърифати хеш тадбир мекунанду шарҳу эзоҳ медиҳанд ва шеър чун як ҷисм (организм)-и зинда мисли инсон ва зиндагӣ дар такмилу таҳаввулу

таҷаддуд будааст ва табиист, ки дар доира ё чорчӯбаи қавоиди маъмулӣ намеғунҷад. Шояд, ягон таърифи шеър, ки аз тарафи мутафаккирони қадиму имрӯз таъмин шудааст, тамоми паҳлӯву ҷузъиёт ва рангорангии онро ифода карда натавонад.

Пас аз он ки Худованд инсон офарид, барои тафовут додани ӯ аз кулли махлуқоту ҷонзоди олам сухан, ақлу идрок офарид ва он сухан шеър буд ва инсонро бидуни сухану тафаккур наметавон тасаввур кард. Ин аст, ки шеър ганҷи Худованд ва эҷодгару офаринандаи он – шоир, ганҷофарину расули Худованд аст. Биноан, мақому мартабаи шоир назди Худованд ва аҳли ҷомеа бисёр баланду муътабар аст.

Нахустин пайғамбари мо Зардушт шоир ва офарандаи табъу завқи самимии ӯ ба эътибору мазомини баланду зебояш шеър ё шеъргуна ва нахустин поягузори забону адабиёти форсӣ устод Рӯдакӣ шоир ва забони дарию форсию тоҷикӣ ё қанди порсӣ забони шеър будааст. Аксари осори шифоҳиву хаттии мардуми форситабор ва ҳатто илмҳои дақиқ ба шеър иншо шудаанд. Биноан, сухани шоирона, эҷодгарони шеър ганҷи ниёгон пеши мардуми мо бисёр болову азизу муҳтараму муътабаранд. Инак, аз дидгоҳи муҳаққиқин, уламову адибову шуаро шеър ба сурати куллӣ каломест, мухайялу мавзуну муқаффо. Маънии истилоҳии шеър ба забони арабӣ донистан, дарёфтан ва дарку кашф кардани чизе, андешае, бозёфтест. Чун дар ниҳоди шеър бозёфту камёфт ҳаст, пас, шеъри шоир қабл аз ҳама акнофи афкору андешаи тозаву амиқи хаёлолуду малеҳу зарифи моломоли эҳсосоти гарму нарм ва пуртуғёну шӯронандаи тӯфонаст. Аз ин рӯ, шоир ба ҳайси як суханвари асил, қабл аз ҳама, офаридаи даҳри давронсозу бунёдгар аст ва рисолати таърихии ӯ дар олами адаб тавассути сухан офаридани ҷаҳони наву зебову пурнақш, оламест, ки дар он ҳама чиз зиндаву зебову гуворову дилнишин ва хаёлангезу тасхиркунанда аст...”

Дар лирикаи Убайди Рачаб эҳё кардани анъанаҳои суннатӣ, умумибашарӣ, инсондӯстӣ барало эҳсос карда мешавад. Шоир ҳар нафас ва ҳар қадам дар назди виҷдонаш ҳисобот медиҳад ва виҷдону дил маҷбур мекунанд, ки қалам вазифаашро ба ҷо орад. Дар шеърҳои “ Дили мо, ки аз аввал буд моил”, “ Гар дилам ишқи туро набвад макон”, “Гуфтам бинишонам алави дил, ба абас рафт”, “ Зиндаам ба он, ки дорам дар дили худ боваре”, “Душмани мо дӯстрӯйи мекунад”, “ Зинда бош эй, дил, ки набзатро гаҳе ором нест”, “Дил магар дар синаи мо чашмаи шаффоф нест?”, “ Завқро гаҳ-гаҳ эй дил, тоза мебоист кард” ва чанде дигар гуфтугӯйи шоир бо дили одамӣ эҳсос карда мешавад. Ӯ шоири асилро ба суратканше монанд кардааст, ки на ба мӯқаламу рангҳо, балки тавассути сухани ғаниву олии дилнавозу зебо сурат мекашад ва ба ҷисми он ҷон рӯҳ ворид месозад, ки инсонвор ва чун тимсоли худи шоир кору пайкор ва зиндагӣ мекунад.

Ҷонон Бобокалонова дуруст қайд кардааст, ки “ Тавассути тасвири дил чашми қаҳрамони лирикӣ ба зиндагӣ боз мешавад, табиати дилоро ва зебогии рӯзгорро беҳтар мебинад. Ин ҷо ранҷи дигар - чашм бо дил ҳамраъйӣ мекунад, қаҳрамони лирикӣ ширинтарин лаҳзаҳои зиндагиро пай мебараду, аз ҳар як ҷилои табиат ба шавқ меояд. Вуҷуди ӯ аз шодию сурур саршор мегардад...” Барои тақвияти суханҳои фавқуззикр рӯ ба як ғазали шоир меорем:

Дил магар дар синаи мо чашмаи шаффоф нест?
Ҳарфи дил оё шунидан аз сари инсоф нест?
Ихтиёри ақлро мо бар кафи дил додаем,
Дар бисоти заршиносӣ дил магар сарроф нест?
Як назар бо чашми дил боист бар атроф кард,
Ҷуз талоши зиндагӣ шуғле дар ин атроф нест.
По бинеҳ аз хона берун, то бубинӣ оламе,
Оламе дар олам аст ин, қобили кашшоф нест?
Ҳарфи ҳақро лоф машмор, эй рафиқи сустрой,
Ҳарфи ҳақ гуфтан барои дӯст ҳаргиз лоф нест.
Дар замини дӯстӣ дил имтиҳоне медиҳад,
Пеши чашми дӯстон дил осмони соф нест? (8, 218)

Ин ихтиёри ақлро шоир ба кафи дил медиҳад ва таъкид мекунад, ки бо чашми дил ба олами акноф ва атроф назар мебоист кард. Пас, чӣ гуна дил аст он? Ба пиндори инҷониб дилест, ки аз кинаву кудурат, ҳилаҳои Заҳҳоку найрангҳои Хисрав

ва амсоли онон орӣ бошад. Яъне, зиндагӣ ва муҳити гирду атрофи мо сабурӣ, сидқу сафо ва сарбаландиро аз мо бо амри дил ва ғайрати зиёд нигарон аст:

Саъйро аз селбор омӯхтем,
Сабрро аз кӯҳсор омӯхтем.
Хандаро аз раъду аз барқи баҳор,
Навҳаро аз обшор омӯхтем.
Сидқи софу дидаи покизаро
Чун сабақ аз чашмасор омӯхтем,
Сарбаландиро на аз кӯҳи баланд,
Аз ғурури пири кор омӯхтем.
Кӯр бино кард гар чашмони мо,
Панди нав дар рӯзгор омӯхтем.
Ханда бар лаб тарк гуфтан умрро,
Аз гули фасли баҳор омӯхтем (8, 220).

Воситаҳои тасвир ба шоир имкон додааст, ки завқи дилро тоза кунад ва дар ҳалқаи дилмурдагон набз задаи дилро бо чашми бино ба қалам диҳад:

Завқро гаҳ-гаҳ, эй дил, тоза мебоист кард,
Шавқро бо пойи вақт андоза мебоист кард.
Аз паси тиреза дунё дидани мо хуб нест,
Тарки танҳоиву тарки тоза мебоист кард.
Бахт агар парварда бошад бо ду дасти коргар,
Дар сухан ин дастро овоза мебоист кард...
То набошӣ як замон дар ҳалқаи дилмурдагон,
Завқро гаҳ- гаҳ, эй дил, тоза мебоист кард (8, 222).

Убайди Рачаб шуҳрати шахсро дар ҳунари ӯ мебинад. Дар шеъри “Умед” шоир бунёди боғҳои гулбасарро заҳмати дастони боғбони пир меҳисобад, ки бо азобу азияти зиёде дар тори кӯҳ хонае сохта, бо ҳунари кандакорияш маҳсули дасти ҳунармандро нишон доданӣ мешавад, ки қодир аст аз харсангу бурси кӯҳӣ муъҷизае офарад. Дар қисмати охири шеър заҳмати ҳунари суханварро вазнин ҳисобида, доварии онро ба хонанда ҳавола мекунад.

... Наққош нақши тозае дар чӯб мекунад,
Бар чӯби хушк ҷон диҳад аз ақлу аз ҳунар.
Номи варо ба ҳурмате то бар забон баранд,
Боре ба шавқ мекунад ҳар кас ба он назар.
Ман ҳам ба ёди рӯйи ту шабро саҳар кунам,
Бо ёди рӯйи ту қалам кашам бар рӯйи дафтарам.
То баъди ман ба ҳурмате ёд оварӣ маро,
Байтам шавад зи баъди ман то умри дигарам (8, 205).

Шоир дар шеъри “Ранҷи такопӯ” бахти худро ситоиш карда, мехоҳад рози пинҳоншудаи дилро ҳар дақиқа рӯйи сафҳа орад. Лаҳзаи вазнин он аст, ки дар рӯйи қоғаз чизеро сабт карда натавонад, ё ба қавли шоир:

... Зиндагӣ гардад пурозор,
Гар қалам монад зи гуфтор.
Гар нагӯям ҳарфи дилро
Боли худро, мурғи табъам
Гар набикшояд дигар бор.
Ҳарф дар ҳукми чароғ аст,
То шавад равшан дили дӯст.
Ҳарфи ман роҳи суроғ аст,
Ҳарфи ман ранҷи такопӯст.
Ҳарфи ман, эй бахти бедор,
Чун сипаҳ дар хизмати туст!

Тавассути шеъри “Кистам?” шоир ба писараш Иқбол роз гуфта, эҷоди асарро кори саҳл напиндоштааст. Ӯ муваффақияти аҳли эҷодро мепазирад ва кӯшиш мекунанд, ки аз хомаи ӯ ихлосмандони боғи адабиёт баҳра бардоранд:

... Дафтари умри хешро кардам
Пеши чашмони ӯ варақгардон :
- Фикри шуҳрат набуд дар сари ман,

Дар ҳазар будам аз фиреби касон.
Ками худро зиёда донистам,
Аз ҳисоби касе набурдам хас.
Хам накардам сари баландамро
Бо тамаъ пеши ҳар касу нокас.
Хом буд, пухта буд, ҳар он чӣ буд,
Бо рафиқони худ ба ҳам дидам.
Дӯстонро ҳамеша беш аз худ,
Хештанро ҳамеша кам дидам (8, 123 – 124) .

Шоир ифтихор аз он дорад, ки ҳарчи дар ҷодаи эҷод ба даст овардааст, бо дасти худаш, бо дониши худаш ва бо қалами худаш пайдо кардааст:

... Ҳеҷам имрӯз, ё ки ҳар чизам
Кардаам бо ду дасти худ пайдо (8, 124).

Гӯянда тамоми умр бо виҷдони худ танҳо ба танҳо дар гуфтугӯ аст ва гапи ҳақро гуфта, виҷдонро азоб додааст, ки ба ҳар неку бад ҳисобот диҳад. Шуғли шеъру шоириро аз ҳама касбҳои дигар вазнину сангин меҳисобад. Дар ҳақиқат, пешаи суханварӣ ва заҳмати аҳли эҷод кори саҳлу осон нест.

Агар Унсурулмаолии Кайковус дар “ Қобуснома” омӯхтани суханро барои фарзанд беҳтарин ҳунар дониста, онро ба чор навъ ҷудо кунад, Мавлоно Ҷомӣ чунин ишора дорад:

Сухан мояи сеҳру афсун бувад
Ва ташхис, вақте ки мавзун бувад.

Адабиётшинос Абдунабӣ Сатторзода дуруст қайд кардааст, ки “қобилияти дарки тақозои зиндагӣ ва завқи бадеии замон дар шеъру шоирӣ имтиёзи барҷастаест ва ба ҳар кас муяссар намешавад. Вале барои офаридани шеъре, ки шоистаи давр ва завқи бадеии мардуми имрӯза бошад, ғайр аз ин бадеият ва маҳорати адабӣ низ лозим аст”.

“Агар маҳорат набошад нависанда нест, адабиёт ҳам нест”- таъкид намудааст устод М. Турсунзода. Шоир дар шеъри “ Баҳое ба шуғли ман арзон мадеҳ” мегӯяд:

Баҳое ба шуғли ман арзон мадеҳ,
Нахоҳам баҳое, ки арзон гирифт.
Ба ман чун ба деҳқон баҳое бидеҳ,
Баҳое бихоҳам чу деҳқон гирифт.

Аёнам бувад, марди деҳқон чӣ сон
Зи хоки сияҳ дона орад ба каф.
Азобаш на кам бошад аз он, ки ӯ
Бурун орад аз қаъри дарё садаф.

Ҳавое зи деҳқонӣ дорам ба сар,
Ки бидҳад маро рӯҳу тобу тавон.
Ба корат чу деҳқон камар бастаам,
Ман охир ҳамон зодаи деҳқон...

Ҳар он чӣ сазовори шуғли ман аст,
На бешу на кам хоҳам аз он гирифт.
Баҳое ба шуғли ман арзон мадеҳ,
Нахоҳам баҳое, ки арзон гирифт.

Деҳқони асил онест, ки бо замин сари кор дорад, онро нарм карда, қоидаҳои зироаткориро риоя мекунад. Шоири асил ҳам онест, ки мисли деҳқон дар ҷодаи офариниши шеър ва бадеияти он заҳмат мекашад. Некӣ ва накӯкориро аз заррахои офтобу мавҷи оби сард меомӯзад.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар лирикаи Убайди Рачаб мавқеи ашъори манзаравӣ назаррас аст. Ҷонон Бобокалонова хуб нигоштааст: “Дар ин ашъор низ маҳорати хосаи шоир дар корбасти воситаҳои тасвир ва образофарӣ мушоҳида мешавад. Ин ҷо низ қаҳрамони лирикӣ худро ҷузъи табиат медонад. Симои ӯ дар ҳамбастагӣ ва марбутии кулл бо табиат арзи иқдом кардааст. Инсон ва табиат яке аз

масъалаҳои умумибашарист, ки аз қадим дар офаридаҳои адабиёту ҳунар мақоми хос доранд. Қаҳрамон ба табиат назари нек дорад ва ҳастии хешро ба он марбут меҳисобад. Дар рафти дарки ҳодисаву воқеа худро мешиносад, хурдтарин ҷузъи табиат аз назари ӯ дур нест, маҳз ҳамчун ҷузъи табиати зинда худро дар ҳаводиси ҳаёт мебинад”:

Ин қадар ҳам хуб механдад саҳар боз ин саҳар.
Бо чунин хубӣ саҳар хандад магар бори дигар?
Тозатар шуд пардаи чашми саҳар дар чашми ман,
Шишаи чашмони ман ё ин саҳар шуд тозатар?
Моту маҳбути саҳар, ҳамранг бо ранги шафақ,
Шабнам андар мижагонам бо саҳар дорам гузар.
Аз нами шаб рӯйи роҳам ҳар чӣ мебинам, тар аст,
Сабза тар, себарга тар, гулбутта тар, гулхор тар.
Лола дар рӯйи камар базми ҷавонӣ мекунад,
Ё ҷавонони ман пайке дода бар рӯйи камар?
Субҳ пайке мебарад аз хуррамӣ бар рӯзи нав,
Меравам бо рӯзи хуррам то барам рӯзе ба сар.
Аз тамошои саҳар серӣ надорад чашми ман,
Ин қадар ҳам хуб механдад саҳар боз ин саҳар
(8, 216).

Дар ҳамаи давру замон зебоӣ илҳомбахши шоиру нависандагон буд. На ҳар кас қодир аст, ки ин зебоӣ ва хандаи саҳарро эҳсос кунад. Фақат шоир метавонад, ки тавассути тахайюли бадеӣ тасвирҳои ҷолиб офарида, пешкаши хонанда гардонад.

Аз таҳқиқ ва пажӯҳиш дар вақти омӯзиши эҷодиёти Убайди Рачаб маълум гардид, ки қариб дар тамоми шеъру достон ва қиссаву афсонаҳои шоир ҳам барои калонсолон ва ҳам барои хурдсолон нозукиҳои нотакрори табиати диёр эҳсос карда мешавад. Шеърҳои шоир аз хурӯши чашмаҳои ҷӯшон, нагмаи оби равони ҷӯйборон, суруди шаббодаи дараҳои ҳамешасабз, танини рӯҳбахши обшорон ва обилаи дастони кӯҳистониёни пуркор сарчашма мегирад. Ба қавли шоир “онҳо дар ин фан муаллими аввалин буданд ва ҳанӯз ҳам сабақомӯзи ӯ ҳастанд”. Дар эҷодиёти ӯ, тавре ки зикр кардем, бо силсилаи шеърҳое дучор шудан мумкин аст, ки дар онҳо табиати дилрабои Тоҷикистон хуб тасвир шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Рисолати шоир ва шеър/ Ю.Акбарзода - Душанбе: Адиб, 2009. – С.376.
2. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷикӣ/ Р.Амонов – Душанбе: Дониш, 1968. - С.412.
3. Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ/ Х.Асозода. -Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - С.208.
4. Бобокалонова Ҷ. Дар ғами айём бар сар мебарӣ айёмро/ Ҷ. Бобокалонова // То ҳаст оламе то ҳаст одаме. - Душанбе, 2012. – С. 97-102.
5. Маҳмадаминов А. Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ/ А. Маҳмадаминов– Душанбе: Эҷод, 2007. – С.100.
6. Насриддинов А. Шарҳнависӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик/ А.Насриддинов.– Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил. – Ҷилди 1. -С.253.
7. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ/ А.Сатторзода – Душанбе: Адиб, 2001. – С.144.
8. Убайд Рачаб. Саррез. – Душанбе: Ирфон, 1982.– С.272.
9. Файзуллоев Н. Шеъри атфол дар қарни бист/ Н.Файзуллоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – С.234.
10. Шарифов Х. Шоир ва шеър/ Х.Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – С.217.

УБАЙД РАДЖАБ – ПОЭТ ЛИРИК

В статье проводится анализ и интерпретация лирической поэзии известного таджикского поэта - Убайда Раджаба, посвященной красоте жизни, природе и культуре и народной традиции таджикского народа. В своей поэзии поэт воспевает дружбу, мораль и человечские ценности, ценности жизни, а также природу как божий дар людям. Наряду с этим поэт воспевает труд, посредством которого человек еще больше и лучше украшает свою жизнь, а также окружающую среду и природу. В статье отмечается, что творческая сила человека также подобно природе создает прекрасные творения и человек признан как созидатель прекрасной жизни на земле.

Ключевые слова: поэзия, лирика, творение, жизнь, природа, красота, ценности жизни, дружба и любовь, добродетель.

UBAID RAJAB – LIRIC POET

The article analyzes of lyric poetry famous Tajik poet - Ubaid Rajab, which devoted his poetry to the beauty of life, nature and culture and traditions of the Tajik people. Poet in his poetry sings of friendship, morality and human values, the values of life and nature as God's gift to the people. In addition, the poet sings of labor, by which a person has more and better decorates his life, as well as the environment and nature. The article notes that the creative power of man and nature alike creates beautiful creations and the man recognized as the creator of the wonderful life on earth.

Key words: poetry, lyrics, creation, life, nature, beauty and value of life, friendship and love, virtue.

Сведения об авторе: ***Ф. Ҳусейнзода-*** главный научный сотрудник кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы филологического факультета ТНУ. Телефон: **(+992) 927538765.**

СИМОИ ПАЁМБАРОН ДАР ДЕВОНИ ШОҲ НЕЪМАТУЛЛОҲИ ВАЛӢ

Ҳабиб Ҷадид ал-Исломӣ
Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Зоҳидон, Эрон

Ирфони исломие, ки бисёре аз мафоҳими он сарчашма аз фарҳанги қуръонӣ ва таълими исломӣ аст, ба гунаи адаби қуръонӣ аз мафҳумтарин осори адабии форсӣ ба шумор меояд. Дар адабиёти ирфонӣ дар канори мазомин, мафоҳим, истилоҳот ва таобири мухталиф, бисёре аз шахсиятҳои қуръонӣ бавижа паёмбарони Илоҳӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд ва ба унвони мисдоқ ва намунаи айни ҷиҳод ба нафс, сулук дар роҳи ҳақ ва тайи мадоричи камол муаррифӣ шудаанд ва ба ҳамин далел симои онҳо дар бисёре аз осори манзум ва мансури форсӣ бозтоб ёфта, ки гӯйё ирода ва алоқамандии нависандагони осор ба он анбиё (а) аст ва Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ аз ҷумлаи шоирон ва орифоне аст, ки бо ба тасвир кашидани симои паёмбарон дар шеъри худ ба ирфон ва шеъраш ҷилва ва ранги хосе бахшида аст ва онро гуҳарбортар кардааст.

Одам (а):

Маҷмаи маҷмӯи асмо одам аст,
Лоҷарам ӯ қутби ҷумла олам аст (Маснавиёт, 1 боби 7).

Инсон мазҳари исми аъзами Худованд ва ҷомеи тамоми асмои илоҳӣ аст ва Худованд нахуст асмоъро ба инсон омӯхт ва фаришта онҳоро аз инсон фаро гирифт ва «Қуръон» низ барои ин маънӣ гувоҳӣ медиҳад: «Ва аллама одама-л асмоа куллаҳо, сумма ъараза ҳум ъала-л- малоикати фа қола амбиуни биасмоиҳо улои ин кунтум содиқина» (Бақара/ ояи 31) «Он ки дар одам омӯхт номҳои ҳама чизро, он ки намуд он чизҳо фаро фариштагон ва гуфт эшонро: Хабар кунед маро ба номҳои он чизҳое, ки чист агар рост гӯяд, ки ба хилофат шумо сазовортаред аз вай» [13].

Одам (а) ва фурӯхтани биҳишт

Ҳангоме ки Худованд Одамро офарид ба малоика дастур дод то бар ӯ саҷда кунанд, пас ҳама фариштагон бар Одам саҷда карданд, магар Иблис « Ва из қулно лилмалоикатисҷуду ло одама фасаҷуду илло Иблиса …» (Исро/61). Иблис ба сабаби ин нофармонӣ муртад шуд ва кинаи одамро дар дил гирифта аз ин рӯй ба ёрии море ба биҳишт роҳ ёфт, Одам ва Ҳавворо бифирефт, то гандум, яъне меваи мамнӯъро, ки Худованд Одамро аз хӯрдани он барҳазар дошта буд, бихӯрд ва бад-ин сабаб аз биҳишт берун ронда шуд [6,68].

Одам биҳишт ҳишт, биҳишт аз барои дӯст,
Мо аз барои дӯст ду олам биҳиштаем (ғазали 1059/б.4).
Одам барои донаи гандум биҳишт ҳишт,
Ту боз хар нони ҷаве мубталои нон (ғазали 1278/б.4).

Иброҳим (а) Бутшикани таърих

Бутпарасте нестам, то будпарастам дар ҷаҳон,
Ман Халилуллоҳаму бошам ҳамеша бутшикан (ғазали.1214/б.7).

Иброҳим (а) ба бутшиканӣ дар таърих маъруф аст ва рӯзе аз рӯзҳое, ки мардуми шаҳр ба беруни шаҳр рафта буданд, ҳамаи бутҳои бутхонаро шикаст ва табарро дар дасти бути бузург қарор дод. Мардум пас аз муроҷиат ба ӯ бадгумон шуданд, Иброҳим гуфт: Ман бегуноҳам ва моҷароро аз бути бузург бипурсед ва чун мардум гуфтанд: Бут сухан намегӯяд. Иброҳим посух дод, ки он чӣ гуна худоест, ки ба такаллум қодир нест [6,80].

Чун Халилуллоҳ ҳама бутҳо шикаст,

То набошӣ бутпарасти Озарӣ (1475/ б.6).

Неъматуллоҳ шуҳрате дорад, ки ӯ,
Чун Халилуллоҳ ҳама бутҳо шикаст (ғ.337/.2).

Иброҳим (а) Халили Худо

Назди мо Халил ин аст,
Бахшиши Ҳазрати ҷамил ин аст.
Ҳақ таоло Халил хонд ӯро,
Ту Халилаш бигӯ далел ин аст (рубоӣ, 16/ 1-2)

Иброҳим (а) мулаққаб ба Халил ё Арраҳмон аст, тибқи ояти 125 Сураи Нисо «Ва атахазуллоҳа Иброҳима Халилан» «Ва Аллоҳ Иброҳимро дӯст гирифт» [13,707].

Ҳангоме, ки Иброҳим (а)-ро дар оташ меандохтанд Ҷабраил барои кӯмак ба ӯ омад, аммо Иброҳим (а) кӯмаки Ҷабраилро напазируфт Ҷабраил биёмад ва вайро андар ҳаво ёфт ва гуфт: Манам Ҷабраил, ҳеҷ ҳоҷат ҳаст туро ба ман, гуфт: «Илайка ло», яъне ба ту не ва ҳоҷати ман ба Худованди ман аст, ки ман ва ин оташ ҳар ду Худороем … ва чунин гӯянд, ки ба он соат, ки Иброҳим ин сухан бигуфт Худо вайро ба дӯстӣ гирифт, вайро Халили хеш хонд ва фармон дод мар оташро, ки ба Иброҳим сард гашт бо саломат [6,81].

Ҳазрати Идрис (а)

Ҳаст Идриси набӣ бар чархи чаҳорум муъатакиф,
Аз ҷамолаш офтоби нури Субҳон ёфтам (Қасида, 19/ б.24).

Ҳазрати Идрис (а) аз паёмбарони илоҳӣ аст, ки номи ӯ ду бор дар «Қуръон» зикр шуда, Худованд ӯро аз замини паст ба рафеъатарин маконҳо (биҳишти ҳаштум) боло бурд. Дар қасаси исломӣ ӯро дар миёни Одам (а) ва Нӯҳ (а) қарор медиҳанд ва муъатақиданд, ки ба ӯ ваҳӣ шуда ва соҳиби саҳифа будааст ва Паёмбар (с) ӯро дар Меъроҷ дидаанд [3,182]. Худованди мутаол аз ростгӯйи ин паёмбар сухан ба миён оварда ва ӯ ба васфи сиддиқин мавсуф гашта: «Вазкуру фил китоби Идриса иннаҳу кона сиддиқан набиян, ва рафаънаҳу маконнан алиян» «Дар ин нома Идрисро, ки ростгӯву рострав буд ёд кун, ростгӯй паёмбарро ба ҷойгоҳи баланд бардоштем» (Марям, оёти 56-57).

Гуфта шуд, ки Идрис (а) ҳам монанди Исо (а) дар ҳоле ки зинда буд, ба осмон рафт ва пас аз он ба биҳишт ва дигар аз биҳишт берун наёмад [4, 99].

Аюби Сабур (а)

Мо толиби балоем, аммо иноятӣ ӯ,
Дода бало ба Аюб ӯро сабур карда (ғазал, 1410/ б. 4).

Ҳазрати Аюб намоди сабр ва хушӯъ аст ва мазҳари таҳаммули балоё дар роҳи ишқ, висол аст ва мурод аз қиссаи Аюб (а) ин аст, ки ранҷ ва азоб ҳамеша нишонаи уқубат нест, балки гоҳе барои таҳзиби нафс ва имтиҳон аст. Худои таоло Аюбро ба бало мубтало сохт, то сабри ӯро биёзмояд. Ибтидо ӯро тангдаст гардонид ва сипас фарзандони ӯро бимиронид ва низ ӯро сахт бемор сохт, аммо Аюб (а) бар ин ҳама тоқат овард ва нанолид, аз ин назар меҳнати Аюб (а) ва хосса сабри ӯ (сабри Аюбӣ) маъруф аст. Саранҷом баъд аз имтиҳон кардани Худованд ҳазрати Аюб (а)-ро бахшид ва дар зери пояш чашмае (чашмаи аюбӣ) равон сохт Аюб худро бо он об шӯст ва аз беморӣ раҳоӣ ёфт [4, 232].

Ҳар балое, ки бошад аз маҳбуб,
Он бало худ маро буд матлуб.
Дар бало сабр кун, то бошӣ,
Мубталои балош чун Аюб (рубоӣ 14/ б. 1-2).

Хизри зиндаи ҷовид

Нӯш кун оби ҳаёти маърифат,
То чу Хизр зинда монӣ ҷовидон (ғазал 1241/ б.2).

Хизр номи яке аз анбиёе, ки ӯро муосири Искандари Мақдунӣ донистаанд ва гуфтаанд бо Искандар ба талаби оби ҳаёт рафт ва аз он ошомида ва умри ҷовидон пайдо карда ва гоҳе гумгаштагонро ёрӣ ва роҳнамоӣ мекунад [6,247]. Хизр марди комил ва валии Ҳақ аст, ки ба иллати сероб шудан аз чашмаи фаёзи ҳақоиқ дорои илми ладунӣ ва ҷисми намурданӣ шудааст ва метавонад ҷонҳои мурдаро дар гӯри ҷаҳли тан зинда намояд ва истеъдодҳои нуҳуфтаи соликинро бедор намояд [12, 115].

Ҳар зиндадиле, ки куштаи ӯст,
Чун Хизр ҳаёти ҷовидон ёфт (ғазал 23/5).

Довуд (а):

Савти Довуд асту мо хуш нағмае дорем аз он
Мурғи рӯҳи мо кунад тасбеҳ бо мо ҷовидон (Маснавиёт, 6/б.11).

Довуд (а) дар луғат ба маънои ишқи шадид ва маҳбуб аст. Номи Довуд 16- бор дар «Қуръон» омадааст. Ӯ кӯчактарин писари Ёсо (Ишоъ) ва падари Сулаймон (а) буд ва дар ҷавонӣ ба шӯбонӣ пардохта ба ривояти Аноҷил Исо (а) аз зуррияи Довуд будааст [3]. Довуд (а) ба хушовозӣ маъруф аст ва «Қуръони карим» бар ин маънӣ гувоҳӣ медиҳад: « Ва лақад отайно Довуда минно фазлай ё ҷиболу авви маъаху ва-т-тайра …» Довудро додем некӯйии афзун аз он ки дигаронро додем (гуфтем) эй кӯҳҳо овози хеш ба тасбеҳ бо Довуд мегардонед ва мурғонро гуфтем бо Довуд тасбеҳ боз гӯед (Сабо, ояти 10).

Сулаймон (а) Мантиқуттайр

Бо Сулаймон, агар ҳариф шавӣ,
Хотамаш бо нигин тавон дидан (ғазал, 1210/б. 6).

Ӯ соҳиби илм ва ҳикмат буда, ба ӯ Мантиқуттайр мегуфтанд, зеро забони парандагон ва ҳашаротро медонист ва ҷину инс, бод сар дар хати фармони ӯ доштанд [4,286]. Рӯзе Сулаймон (а) барои мутаваззо барои татҳир мерафт ангуштарро аз дасташ берун овард ва ба ходим супурд, деви шабеҳи ходим наздиктар буд, пеш рафт ангуштари ӯро гирифт ва бар тахти салтанати ӯ нишаст, Сулаймон (а) берун омад, талаби ангуштар кард, наёфт, деверо дид бар тахт нишаста, натвонист бигӯяд, ки ман Сулаймонам, зеро бунёди подшоҳӣ бар ангуштар буд ва номҳои Ҷалолуҳу ва исми аъзам бар он нақш буд. Сулаймон рӯй бар биёбон ниҳод ва дар канори дарё чиҳил рӯз ба муздурии саёдон пардохт. Баъд аз чиҳил рӯз Осафи вазираш фаҳмид, ки ӯ Сулаймон (а) нест ва дев аст, пас хост бо исми аъзам сирри ҳақиқатро фош кунад. Дев аз исми аъзам битарсид ва ангуштарро дар дарё андохт ва моҳие он ангуштарро бихӯрд ва сайёд он моҳиро дар ивази музди Сулаймон (а) ба ӯ дод. Сулаймон (а) шикамашро пора кард ва ангуштарро ёфт, дубора ба тахти салтанат нишаст [8,622].

Исо (а)

Кард Исо (а) мурдаро зинда ба дам,
Он дами мо буд он дам аз қадам … (қасида, 22/ б.3-4).

Ҳазрати Исо (а) муъҷизоти зиёде дошта, ки аз ҷумлаи онҳо яке зинда кардани мурдагон аст. Дар ин замина гуфтаанд: мардум даври Исо (а) ҷамъ шуда ва ба ӯ гуфтанд: мурдаи Сом бисёр қадимӣ аст, ӯро зинда гардон то ба ту эмон оварем. Онҳо ҳамроҳи Исо (а) рафтанд ва муқобили он мурда истоданд, ҳазрати Исо (а) фармуд ё Сом ибни Нӯҳ кӯҳ шикофта шуд ва Сом берун омад ва хок аз фарқи худ дур мегардонид, Исо (а) фармуд: «Эй Сом чаро ҳаросонӣ?» гуфт: гумон кардам қиёмат омада. Мехоҳӣ зинда бимонӣ? Сом гуфт: Охир чи хоҳад шуд? Исо (а) фармуд: Марг охири кор аст, Сом гуфт: Пас марг беҳтар аз зиндагӣ аст, ду ҳазор сол аст, ки мурдаам ва дигар зиндагӣ нахоҳам. Ҳамон ҷо бозгашт ва мурд [8, 733].

Уруҷи ҳазрати Исо (а). Гӯянд, Ҳазрати Исо (а)-ро бо ҳамин ҷисм ва ҷасад сӯйи осмон бурданд ва унсурест, зинда то зуҳури ҳазрати Маҳдӣ (аҷ) бар замин фурӯд меояд ва бо он ҳазрат намоз мехонад ва сунуни ҳазрати Иброҳим (а)-ро ичро мекунад [8,735]. Қуръони карим бар ин гувоҳӣ медиҳад: «Худованд гуфт: Эй Исо (а) ман рӯзии туро акнун аз замин сипарӣ хоҳам кард ва туро ба сӯйи худ бархоҳам овард ва туро аз кофарон боз хоҳам раҳонид» (Сураи Умрон/ 55) [13, 131].

Ҳазрати Муҳаммад (с)

Сурати ҳақ маънии ҳар ду ҷаҳон,
Он расулаллоҳ имоми инсу ҷон (маснавӣ, 13/ б.8).

Дар «Қуръон» ояте аст, ки дол бар имон овардани ҷиниён бар Расул (с) ва мусалмон шудани онҳо аст (Сураи Аҳқоқ, ояти 18-31; Ҷин 1-17) ва дар тафсирҳои «Қуръон» омадааст, ки: шабе аз шабҳое, ки Паёмбар (с) дар Макка буд Абдуллоҳ ибни Масъудро бо худ ба беруни Макка бурд ва гирди ӯ хат кашид ва ба ӯ фармуд, ки аз он хат пой берун наниҳад ва худаш андаке аз вай дур шуд ва бар пой истод, оғози Қуръон хондан кард ва ҷинниён ба сурати мурғон, каргасони бисёр, морони бешумор ва ашбоҳи фаровон даста - даста меомаданд, мусалмон мешуданд ва бо Расулаллоҳ (с) байат мекарданд ва ин амр то субҳ идома дошт ва он шаберо, ки пайёмбар (с) бар ҷинниён эмон арза фармуд лайлатулҷин гӯянд» [6, 526].

Шаққулқамар (с)

Яке аз муъҷизаҳои Паёмбар (а) шаққулқамар аст дар «Қуръони карим» сураи «Қамар» ояти 1 омадааст: «Растохез наздик омад ва моҳ боз шикофт» дар тафосир омадааст, ки кофари Қурайш мегуфтанд, ки Муҳаммад (с) ҷодугар аст ва ҳарчи мо аз корҳои замин мехоҳем бо саҳар анҷом медиҳад, акнун чизе, ки ба осмон талаққӣ дорад аз ӯ мехоҳем то тавонад. Бинобар ин, назди пайёмбар (с) омаданд ва аз ӯ хостанд то моҳи шаби чаҳордаҳумро ба ду ним кунад. Расули Худо (с) аз Худои мутаъол иҷоза хост ва Худои мутаъол моҳро ба ду ним кард, чунонки як нима аз ин ҷониб кӯҳ буд ва дигар нима аз он ҷониб ва Расули Худо (с) фармуд: «Аллоҳумул ашҳад» бор Худоё гувоҳ бош ва ин муъҷиза ба шаққулқамар маъруф аст [3,1326; 6, 523].

Набии Байтуллоҳ:

Агар дари хулқи Ҳақро наёбӣ,
Биёӣ хона, аммо дар наёбӣ.
Набӣ Байтуллоҳу бобаш Алӣ дон,
Агар аз дар наёӣ дар наёбӣ (Маснавиёт, 31/ б.1-2).

Ин байт ишора дорад бад-ин ҳадис, ки Пайёмбар (с) фармуд: «Ман шаҳри илмам ва илме дар он аст. Пас касе, ки хоҳони илмам аст, бояд аз дари он ворид шавад» [10,145].

Нури Набӣ:

Паёмбар (с) фармуд: «Аввала мо халақуллоҳа нуран» аввалин чизе, ки Худованд офарид нури ман буд» [10, 350] аз забони Ҷабраил нақл кардаанд, ки гуфт: Ё Раб пеш аз ман ҳеҷ бандае офаридаӣ? Худованд гуфт: «Бале фо (ба) пеш нигар», ба пеш нигоҳ кардам нуре дидам, чунонки хост, ки аз ҷамоли он басари ман бирабояд … гуфтам: Ё Раб он нур чӣ нур аст, ки ба ҷамоли он басарҳо дар меояд? гуфт: дар он нури ҳабиби ман Муҳаммади Мустафо ва набии ману гузидаи ман аст. Аз халқи ман он ки туро аз баҳри ӯ офаридам ва аршу курсӣ ва лавҳу қалам ва осмону замин ва ин ҷаҳон он ҷаҳон аз баҳри ӯ офаридам».

Валлоҳ, ки дидаи ман аз нури ӯст равшан,
Ҷони манасту ман тан, салавот бар Муҳаммад (с) (қасида, 7/ б.8).

Мӯсо Калимуллоҳ

Худованд бо ҳазрати Мӯсо (а) сухан гуфт ва ба ҳамин далел ҳазрати Мӯсо (а) ба Калимуллоҳ мавсум шуд [3, 2181]. «Қуръон» гувоҳӣ медиҳад, ки: «Ё Мусо иннаҳу анналлоҳу-л-азиз-ул-ҳаким» «Ё Мӯсо он чи аст, он манам тавонои доно».

Эй Мӯсо бини Умрон зоташ натвонӣ дид,
Дар айн ҳама бингар, асмо назаре фармо (ғазал, 18/ б.6).

Зоти Худоро ҳеҷ кас ҳаргиз наметавонад дид, зеро ҳазрати Мусо (а) дар кӯҳи Тур Худовандро муноҷот мекард, то ин ки ба Худованд гуфт худро ба ман бинамо, (арнӣ) то туро бубинам. «Лекин хитоб омад, ки ҳаргиз маро нахоҳӣ дид (лан таронӣ), пас Худованд бар кӯҳе таҷаллӣ кард, аммо кӯҳ тоб наёвард ва пора-пора шуд ва Мӯсо мадҳуш бар замин афтод» [6, 559].

Исои гардуннишин тобеи ту дар азал,
Мӯсои дарёшикоф уммати ту «Лам язал» (қасида, 18/б.1).

Байти фавқ ишора дорад ба муъҷизаи ҳазрати Мӯсо (а). Ҳангоме, ки Мӯсо ба фармони Худо бо қавмаш, бани Исроил мехост аз дасти зулму ситами Фиръавн аз рӯди Нил убур кунад ва ба Миср биравад, Фиръавн бо лашкараш онҳоро таъқиб кард, ҳазрати Мусо (а) ба фармони Худованд асои худро ба дарё зад ва гуфт: «Инна фалақа ё або Холидун». Оби дарё шикфот ва дувоздаҳ кӯча боз шуд ва ба хушкӣ пайваст. Ҳазрати Мӯсо (а) ва қавмаш аз дарё убур карданд ва Фиръавн бо лашкариёнаш вориди рӯдхонаи Нил дар пайи таъқиби онҳо шуд, аммо ба амри Худо дарё ба ҳам пайваст ва Фиръавн ва лашкариёнашро ғарқ кард [8, 530]. Саъдӣ дар ин бора гӯяд:

Гулистон кунад, оташе бар Халил,
Гурӯҳе бар оташ барад з-оби Нил.

Нӯҳ (а)

Нӯш кун ҷоми май, ки нӯшат бод,
То ҳаёте, чу Нӯҳат афзояд (ғазал, 245/ б.4).

Дар адабиёти форсӣ Нӯҳ ба дарозумрӣ маъруф аст ва воқеаи тӯфон ва достони киштии ӯ масдари иддае аз мазомини шеърӣ аст. Ӯ яке аз паёмбарони аввалулаъзам аст, дар сураи «Аҳзоб, ояти 7» мастур аст, ки ҳамчунонки аз паёмбари мо мисоқ гирифта шуда, аз Нӯҳ низ мисоқ ба амал омадааст [4, 641]. Нӯҳ ҷадди ҳафтумин аз бани Одам ва аз фарзандони Шис ибни Одам буд, ва Ваҳҳоб ибни Мунабеҳ гӯяд: Дар умри Нӯҳ ҳазор сол буд, зеро ӯ панҷоҳсола буд, ки ба сӯйи қавмаш маъбус шуд ва дар миёни онон 950 сол ба сар бурд ва ононро даъват кард ва ҷузъ иддае кам « وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحًا إِلَى قَوْمِهِ فَلَبِثَ فِيهِمْ أَلْفَ سَنَةٍ إِلَّا خَمْسِينَ عَامًا فَأَخَذَهُمُ الطُّوفَانُ وَهُمْ ظَالِمُونَ »«Фиристодем Нӯҳро ба қавми ӯ зиндагӣ кард дар миёни эшон ҳазор сол, кам панҷоҳ сол фаро гирифт эшонро тӯфон ва ситамгорон эшон буданд».

Яъқуб ва бӯйи пироҳан:

Бӯйи Юсуф зи Мисри ишқ омад,
Чашми Яъқуби ақл бино шуд (ғазал, 549/ б.2).
Як нафас Яъқуб бе Юсуф набуд,
Гарчи ҳиҷронаш ба зоҳир менамуд.
Ҳар киро дидӣ, намудӣ Юсуфаш,
Ҳар чи бишнидӣ зи Юсуф мешунуд.
То магар Юсуф дарояд аз дараш,
Дар бар рӯйи ҳар ки будӣ мегушуд.
Ҳар ки дар Канъон бидидӣ пеши ӯ,
Юсуфи мисрии худро месутуд. (Ғазал, 780/б.1-4)

Яъқуб (а) дар ғами гум шудани Юсуф (а) он қадар гирист, ки нобино шуд. Баъд аз гузашти солҳо бародарони Юсуф барои хариди ғалла ба Миср омаданд, Юсуф (а) онҳоро дид ва шинохт. Юсуф (а) пироҳани худро ба бародарон дод, гуфт: Бубаред, ки пироҳани Халилулраҳмон аст, то падар бар рӯй фурӯд орад ва бино гардад, ки аз биҳишт аст. Ҳар ки гуфт: Ман бубарам то аз ман шод шавад. Юсуф (а) гуфт: Он рӯз пироҳани хунолуди маро чи касе пеши падар бурд? Яҳудо гуфт: Ман бурдам. Юсуф (а) гуфт: Ҳамон савобтар, ки ту барӣ, то ин шодӣ кафоррати он будӣ. Чун Яҳудо аз Миср берун рафт, он пироҳанро боз кард. Боди шамол бӯйи он пироҳан ба машоми Яъқуб (а) расонид. Яъқуб (а) дар байтулхазон нишаста буд, наъра баровард, ки бӯйи Юсуф шунидам. Яҳудо даррасид ва Яъқуб пироҳан ба рӯй фурӯд овард, бино гашт [6, 622].

Юсуф (а):

Кай шавад моил ба султонии Миср,
Ҳар ки бо Юсуф дар чоҳ бувад (ғазал, 731/б.5).

Номи Юсуф (а) дар 29 оят аз «Қуръони карим» зикр шудааст, ки 24 оят танҳо дар сураи Юсуф (а) аст [8, 1376]. Маҳбубтарин писари Яъқуб Юсуф (а) аст, ки ӯ ва бародараш Ибни Ёминро модар Роҳила буда ва даҳ бародари дигар аз модари ҷудо буданд. Юсуф (а) бисёр зебо буд ва бад-ин далел ӯро ба моҳ ташбеҳ кардаанд. Дар хабар аст, ки нисфи зебоиҳо ба Юсуф (а) дода шуда ва нисфи дигари он ба бақияи мардум.

Мусҳафи рӯйи ту чу Юсуф бидид,
Хонд зери ояти ҳусну ҷамол (ғазал, 195/б.3).

Яъқуб (а) Юсуфро аз дигар писарон дӯсттар медошт ва бар он буд, то ӯро ҷонишини худ кунад. Бародарон бар Юсуф (а) ҳасад бурданд ва ба дастури Яҳудо (яке аз бародарон) ӯро дар чоҳе бо номи «Канъон» андохтанд ва пироҳани ӯро хунолӯда карда ва ба Яъқуб (а) намуданд ва гуфтанд, ки гурге ӯро даридааст [6, 629].

Биё бо Юсуфи Канъон ба сар бар,
Чу мо бо ӯ дар ин зиндон ба сар бар (ғазал, 987/б.4).

Молик Юсуфро аз даруни чоҳ пайдо кард ва ӯро дар Миср ба унвони банда ба азизи Миср фурӯхт. Юсуф (а) дар Миср бо иллати камолоти мутааддид, аз ҷумла: донистани хат, илми таъбири хоб… ба мақомоти олӣ расид ва саранҷом худ азизи Миср шуд.

Ишқи Зулайхо ба Юсуф:

Чун Юсуф бод дар чаман меояд,
Бӯйи Зулайхо сӯйи ман меояд (рубоӣ, 86/б. 1).

Достони ишқи Зулайхо ба Юсуф (а) маъруф аст. Зулайхо духтари шоҳи Мағриб ва ҳамсари азизи Миср мавсум ба Бутифор буд. Зулайхо ошиқи Юсуф (а) буд, аммо

Юсуф ба ишқи ӯ таваҷҷуҳ наменамуд. Саранҷом кор ба расвоӣ кашид ва боиси ба зиндон афтодани Юсуф (а) шуд [3, 116].

Азизи Мисри ишқам ай бародар,
Чу Юсуф чанд дар зиндон бимонам (ғазали 351, б.2).
Гар Юсуфи мисрӣ ба асириш бубаранд,
Ин Юсуфи ман бурд маро ҳам ба асирӣ (ғазали 1476,б.4).

Маҳдии Охирзамон

Омад нидо аз Ломакон, к-эй Саиди охирзамон,
Пинҳон шав аз ҳар ду ҷаҳон, то бар ту худ пайдо кунам
(ғазал, 766/ б. 7).

Маҳдӣ дар луғат ба маънои ҳидояткарда шуда аст, ки аз назар ғоиб аст ва дар охируззамон зуҳур карда ва ҷаҳонро пур аз адл ва дод мекунад. Ба ақидаи бархе ӯ дар атрофи Макка ва ба эътиқоди дигаре дар Эрон аст ва қабл аз қиёмат Даҷҷолро мекушад [6, 566]. Дар бораи ӯ овардаанд, ки: «Худои таъолоро халифае аст, ки дар рӯзгоре, ки саросар заминро ҷавр ва зулм фаро гирад, хурӯҷ кунад ва онро ба адлу дод устувор дорад ва агар аз умри дунё, ҳатто як рӯз боқӣ монда бошад Худои таъоло он рӯзро чандон тавил кунад, ки ин халифа зуҳур намояд». Шоҳ Неъматуллоҳ дар ҷойи дигар мегӯяд:

Дар нуҳсаду нуҳ ман ду «Қуръон» мебинам,
Аз Маҳдиву Даҷҷол нишон мебинам.
Дин навъи дигар гардаду ислом дигар,
Ин сар ниҳодан аст, айён мебинам (рубоӣ, 179/ б.1-2).

Натоиҷи ҳосил аз ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ яке аз орифони барҷаста буда ва девоне аз он ба мо ёдгор мондааст, ки аз шеваи дилпазири ин шоири нуктасанҷ ба мо дарак медиҳад. Шоёни зикр аст, ки вай дар ашъори хеш таваҷҷуҳи хосе ба талмеҳоти мазҳабӣ ва симои паёмбарон дошта ва ин нишондиҳандаи он аст, ки ӯ иттиллоти васее аз достонҳои динӣ дошта ва ҳамчунин ба маворидe аз аҳодиси анбиё дар шеъри ӯ бармехурем, ки бо таваҷҷуҳ ба намунаҳои мутааддид ва матнӯи шеърӣ дар девони Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ метавон таваҷҷуҳи воридоти ӯро ба дин ва паёмбарон дарёфт ва гуфт, ки ин шоир бо истифода аз зиндагонӣ ва суханони паёмбарон, ғаноёи хос ба шеъри худ бахшида ва онро мутабаррук сохтааст, ки боиси хулқи маонии фаровон, аз ҷумла орифонаи вай шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳақиқати Абдуррафеъ. Таърихи ирфон ва орифони эронӣ аз Боязид то Нуралишоҳ Гунбодӣ/ Ҳақиқати Абдуррафеъ.– Теҳрон, 1370.– Ҷ.1.
2. Ҳалабӣ Алиасғар. Ҷилваҳои ифон ва чеҳраҳои орифон/ Ҳалабӣ Алиасғар.– Теҳрон: Қатра, 1382.
3. Хуррамшоҳӣ Баҳовиддин. Донишномаи қуръонпажӯҳӣ/ Хуррамшоҳӣ Баҳовиддин.– Теҳрон, 1377.
4. Хазоилӣ Муҳаммад. Эъломи Қуръон/ Хазоилӣ Муҳаммад.– Теҳрон: Амиркабир, 1350.
5. Саҷҷодӣ Саидҷаъфар. Фарҳанги луғат, истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ/ Саҷҷодӣ Саидҷаъфар.– Теҳрон: Пирӯз, 1350.
6. Шамисо Сирус. Фарҳанги ишорот/ Шамисо Сирус.– Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1377.
7. Фарҳанги талмеҳот. – Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1375.
8. Имодзода Ҳусайн. Қасасуланбиё, Таърихи анбиё аз одам то Хотам/ Имодзода Ҳусайн.–Теҳрон: Салом, 1375.
9. Фарзом Ҳамид. Таҳқиқ дар аҳвол, нақд, осор ва афкори Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ/ Фарзом Ҳамид.–Теҳрон: Интишороти Суруш, 1374.
10. Фурӯзон Муҳаммад Ҳасан. Аҳодис ва қасаси маснавӣ/ Фурӯзон Муҳаммад Ҳасан; тарҷумаи комил ва танзими муҷаддади доктор Ҳусайни Довудӣ.– Теҳрон: Амиркабир, 1381.
11. Кирмонӣ Шоҳ Нуриддин Неъматуллоҳи Валӣ. Девони Шоҳ Неъматуллоҳ бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Саиди Нафисӣ/ Кирмонӣ Шоҳ Нуриддин Неъматуллоҳи Валӣ.– Теҳрон: Интишороти Пайк, 1380.
12. Гуҳарин Саид Содиқ. Шарҳи истилоҳоти тасаввуф/ Гуҳарин Саид Содиқ. – Теҳрон: Интишороти Завора, 1383.
13. Майбадӣ Аубулфазл Рашидуддин. Кашф-ул- асрор ва иддат-ул-аброр/ Майбадӣ Аубулфазл Рашидуддин. Майбадӣ Аубулфазл Рашидуддин; бо саъй ва эҳтимоми Алӣ Аскари Ҳикмат.– Теҳрон: Амиркабир, 1376.
14. Наср Саидҳасан. Фарҳанги истилоҳоти ирфони исломӣ/ Наср Саидҳасан. –Теҳрон, 1382.
15. Нурбахши Ҷавод. Гузидаи ғазалиёти Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ/ Нурбахши Ҷавод.– Теҳрон, 1378.
16. Ёҳаққӣ Муҳаммад Ҷаъфар. Фарҳанги асотир ва ишороти достонӣ дар адабиёти форсӣ/ Ёҳаққӣ Муҳаммад Ҷаъфар.– Теҳрон: Суруш, 1375.
17. Юсуфӣ Ғуломҳусайн. Чашмаи равшан (дидоре бо шоирон)/ Юсуфӣ Ғуломҳусайн.– Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1379.

ОБРАЗЫ ПРОРОКОВ В ДИВАНЕ ШОХНЕЪМАТУЛЛО ВАЛИ

В статье рассматриватеся наиболее полная существующая версия дивана «Образ пророков» Шахнеъматулло Вали под редакций Саида Нафиси. Целью настоящего исследования является анализ различных аспектов жизни поэта для лучшего понимания поэзии арифов и гностиков.

Ключевые слова: Халил, терпение, коби кавсайн, иннама, калимуллах.

IMAGES OF THE PROPHETS IN THE DIVAN OF SHOHNE, MATULON WALI

The articie deals with the review of the most complete version of the review of the most compiete version of SHohne ’ matuloh Wali’s divan under the edition of Sayyed Nafisi in order under the revision of various aspectics of the poet’s life to understand deeply and better the poetry of the arifs and Gnostics.

Key words: Khalil, iolerance, kobi qavsayn, innama, kalimullah

Сведения об авторе: ***Хабиб Джадид ал-Исломи*** – член научно-преподавательского состава Свободного исламского университета города Зохидон, Иран

ЗИДҚАҲРАМОНҲО ДАР «ШОҲНОМА» ВА МАНЗУМАҲОИ ПАҲЛАВОНИИ ЭРОН

Муҳаммадризо Мирӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Достон арсаи рӯёрӯйӣ ва тақобули шахсиятҳое аст, ки бо нақшофариниҳои худ бисёре аз андешаҳо, афкор ва эҳсосотро айният мебахшад. Бинобар ин, метавон гуфт: «Шахсият меҳваре аст, ки тамомияти қасду достон бар мадори он мечархад» [1,242]. Ба ҳамин далел, мо аз тариқи шахсиятҳо гоҳ лояҳои пинҳони зиндагӣ дар иҷтимое пур аз даҒдаҒаро ба тамошо менишинем ва гоҳ бунёни андешаҳо ва тафаккуроти гузаштагонро аз буни ҷон дармеёбем. Чунонки бун ки ҳамвора дар ҳоли ситезу корзоранд ва паҳнои гетӣ ва заминаи зиндагии одамӣ арсаи ин набарду майдони ин корзор [4, 96]. Достонҳое, ки дар онҳо арзишҳое чун некиву бадӣ, ному нанг ва доду бедод ва ё бунёдҳои хоси равонӣ чун меҳру кину далерӣ ва ҷавонӣ, ҳар кадом ё маҷмӯае аз онҳо дар ниҳоят ба сурати ялу паҳлавонӣ пайдо мекунад [4, 79].

Шоёни зикр аст, ки агарчи қаҳрамонон ва зидқаҳрамонони асари ҳаммоса унвони шахсияти достониро доро ҳастанд, аммо байни онҳо бо он чӣ, ки дар роман ва дар бораи шахсиятҳои онҳо матраҳ аст, тафовутҳои асосӣ вуҷуд дорад. Ин тафовутҳо худ ҳосили шеваи нигариши ҳамосаву роман ба ҷаҳон аст. Ба ин маъно, ки нигариши ҳамоса ба ҷаҳон нигариши куллӣ аст, ки дар он умури хурд ва ҷузъӣ вуҷуд надорад ва бо таваҷҷуҳ бо ин хасисаи шахсиятҳои матраҳ дар достонҳои ҳаммосӣ намунаҳои куллӣ аз саргузашт ва мазоҳири куллӣ ҳастанд, ки бо доштани хасоиси нек ва бади инсонӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Даргирии ин ду гурӯҳ боиси падид омадани моҷароҳои қиссаҳои ҳамосӣ ва афсона аст. Илова бар ин тазод худ ба худ байни нерӯи хайр (қаҳрамон) ва нерӯи шар (зидқаҳрамон) фурсати беназир ҷиҳати мушоҳидаи шар дар ҳама печидагиҳо ва чандгонагии он барои хонанда фароҳам меоварад [2, 43]. Дар ҳоле ки нигариши роман ба ҷаҳон ҷузъӣ аст ва ин ҷузъигарӣ ҳосили ҷудо шудани ҷаҳон байни инсон аз ҷаҳони байни қаҳрамон ва ворид шудани хусусиёти отифиву дарунӣ ва таҷзияву таҳлилҳо барои аввалин бор ва дар авохири қарни дар адабиёт аст [9, 389]. Решаи ин тағйири нигаришро метавон дар низоми арзиши масеҳият ба таври куллӣ ва протестантизм ба таври хос ҷустуҷӯ кард [8, 42-45].

Қобили зикр аст, ки агарчи ин шахсиятҳо ба сурати куллӣ ҷилвагарӣ мекунанд, аммо баррасӣ ва шикофтани лояҳои мухталиф ва диққат дар онҳо ин ҳақиқатро ошкор месозад, ки онҳо дар айни куллӣ будан танаввӯи чашмгир доранд. Ин танаввӯъ то бад-он ҳад аст, ки метавон онҳоро аз зовияҳои мутааддид табақабандӣ кард. Бар ин асос ва бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти аносири аҳриманӣ (зидқаҳрамон) ҳам аз назари мизони ҳузур дар достонҳои ҳамосӣ саҳми умдаи онҳо дар пайдоиши ин достонҳо ва ҳам аз назари танаввӯъ ва чандгонагии онҳо дар ин мақола, ки хулосае аз пажӯҳише бузургтар аст. Зидқаҳрамон дар ҳамосаи миллии Эрон баррасӣ ва аз ду дидгоҳ: куллӣ ва ҷузъӣ бар асоси ду меъёр «навъ» ва «куниш» тақсим шудаанд ва барои дастаҳои мушаххасу муҷаззо таърифҳое ироа гардидааст. Дар тақсимбандии зидқаҳрамон бар асоси куниш мумкин аст, ба далели мавқеиятҳои мухталифи достон

ҷобаҷоиҳое дар нақши зидқаҳрамон сурат гирад. Масалан, шахсияте, ки дар оғоз қаҳрамони аслӣ ва сипаҳдор аст, дар ҷое ҷидолгар-ёригар ва ё баръакс бошад.

Шахсият. Вожаи «характер» аз вожаи юнонии куҳан ба маънои ҳаккокӣ кардан ва амиқ харош додан гирифта шудааст ва ба тарҳҳои маншур аз типҳои мухталифи одамҳо, ки дар улгуи хосе гунҷонда шуда, гирди ҳам омада буданд, гуфта мешавад. Ин навъи навишта (тарҳҳои маншур) худ баргирифта аз «корректор»-ҳои Теуфростун (372 то 287 қ аз м) файласуфи юнонӣ ва шогирди Арасту буд [1, 249].

Арасту нахустин таърифро, ки мутаносиб бо жанри фоҷиа аст, ироа карда менависад: «Шахсият, моҳият ва табиати ширкаткунанда дар достони фоҷеа таъриф мекунад» [1,248]. Арасту шахсиятҳои намоишро муқаллиди аъмол ва рафтори қаҳрамонони воқеӣ медонанд ва ба ҳамин хотир онҳоро ба ду даста: хуб ва бад тақсим мекунад. Ӯ фоҷеа ва ҳамосаро намоишҳое медонад, ки дар бораи зиндагии мардумони бартар аз мардумони воқеӣ аст. Осори мазҳакавӣ аз назари ӯ онҳое ҳастанд, ки зиндагии афроди пасттарро ба намоиш мегузоранд [5, 540]. Ҳоло ба сурати гузаро ба таърифи қаҳрамон ва шахсияти муқобили ӯ, яъне зидқаҳрамон, ки зермаҷмӯаи шахсият аст, мепардозем.

Қаҳрамон. Қаҳрамон, ки онро шахсияти аслӣ мегӯянд, дар асари адабӣ ба фарде гуфта мешавад, ки дар маркази қонуни таваҷҷуҳи мо қарор гирад. Қаҳрамонҳо бо сифоти барҷаставу волои ахлоқӣ ва хусусиёти таҳсинбарангези ҷисмӣ мушаххас мешаванд [9, 217].

Дар фоҷеа маҷмӯаи каҳрамони инсонӣ беҳтар ва бартар аз инсони одӣ аст [3, 240].

Зидқаҳрамон. Таорифе, ки дар манобеи адабиёти достонӣ барои зидқаҳрамон баён шудааст, гирди ду меҳвари асосӣ мечархад: Дар меҳвари аввал зидқаҳрамон крикатураи қаҳрамон аст ва дар меҳвари дувум мухолифқаҳрамон. Дар зайл ба таърифҳои мутааддид, ки дар мавриди зидқаҳрамон шудааст, ба сурати мухтасар мепардозем.

Дар вожанома ҳунари достоннависӣ, зидқаҳрамонони фардӣ пиндошта шудааст, ки фоқиди хусусиёти қарордодӣ ва маҳосину фазоиле аст, ки қаҳрамон дорои он аст.

Шахсиятҳо ва биттабъ зидқаҳрамонон дар ҳамоса ва роман аз назари сифот, хусусиёт ва амалкард бо ҳам мутафовит ҳастанд. Чун таҳти таъсири нигариши ҳоким бар ҳамоса ва роман ҳастанд, тафовут миёни ҳаммоса ва роман на аз тамоюлоти дарунии нависандагони онҳо, балки аз воқеиятҳои таърихӣ-фалсафӣ реша мегиранд, ки бо онҳо мувоҷеҳ ҳастанд [6, 46]. Нигариш, ки дар ҳаммоса куллигароёна ва ормонист ва аз фардият дар он хабаре нест, ҳар кас дар ҳар гурӯҳ ба дастаи тамомии хасоис ва сифоти онро тамом ва камол дорад, имкони ҷобаҷоӣ ва тағйиру таҳаввул дар мавқеияти афрод ва пайвастани онҳо бо ҷиноҳи онҳо мухолиф вуҷуд надорад. Ба ибораи дигар, ҳама чиз дар он дар авҷи камол ва ё дар ҳади пастӣ асту аз ҳадди васат хабаре нест. Дар ҳоле ки роман нигариши чизе дорад ва шахсият дар он бо тамоми вижагиҳои худ хуб ё бад зоҳир мешавад ва бештар моҷароҳову ҳаводис дар ҳолате таомулӣ ва тақрибан дар ҳади васат ҷорӣ ва сорист.

Зидқаҳрамон. Зидқаҳрамон ё ҷиноҳи шарирон аз дидгоҳи мухталиф қобили тақсим мебошад. Дар ин мақом бар асоси ду меъёр «навъ» ва «куниш» дастабандӣ шудааст.

1. Зидқаҳрамони инсонӣ дастаи шахсиятҳои инсонӣ ҳастанд, ки бо ангезаҳои мухталиф, аз зиёдахоҳ, интиқомҷӯйӣ, қудратталабӣ ба муборизa бо қаҳрамон мепардозанд, дар бештари маворид шикаст меҳӯранд ё фирорӣ мешаванд. Албатта, гоҳ-гоҳе шояд пирӯзӣ касб кунанд, вале саранҷом пирӯзӣ аз они ҷиноҳи хайр хоҳад буд.

2. Зидқаҳрамони ҳайвонӣ- **о**н даста аз ҳайвоноти ваҳшӣ, ки ба муборизa бо қаҳрамон мепардозанд. Ин зидқаҳрамонон бар асоси кунише, ки доранд, ба се даста тақсим мешаванд.

3. Ҳайвоноте, ки қаҳрамон ба қасди шикор ва ё дафъи шар ва зарару зиёни онҳо аз сари мардум ба қаламрави онон ворид мешавад ва онон низ барои бақои вуҷуди худ бо каҳрамон даргир мешаванд. Шерҳо дар «Ҷаҳонгирнома» ва гурозҳо дар «Шоҳнома» аз ин даста ҳастанд.

Дастаи дувуми зидқаҳрамонони ҳайвонӣ онҳое ҳастанд, ки дар масири расидани қаҳрамон ба як ҳадафи муҳим қарор гирифтаанд ва ба унвони озмояндаи мизони

тавоної ва далерии қаҳрамон дар марҳилаи мушаххас бо қаҳрамон даргир мешаванд. Қаҳрамон бо пирӯзӣ бар онҳо аз як марҳила ба марҳилаи болотар сууд мекунанд ва дар ниҳоят ба ҳадафи аслии худ мерасанд. Шер, гург дар моҷарои «Ҳафт хони Рустаму Исфандиёр» дар «Шоҳнома» аз ин навъ ҳастанд.

Зидқаҳрамони ҳайвонӣ онҳое ҳастанд, ки дар майдонҳои ҷанг бар асоси коркард ва тавоноие, ки доранд, ба унвони як зидқаҳрамони абзорӣ барои ҳифозат аз сипоҳиён дар муқобили тири душманон пешравӣ ва торумор кардани сипоҳи қаҳрамон, хароб кардани девор ва ҳисори шаҳрҳову қалъаҳо ва ... аз он бахрабардорӣ мешавад. Филҳо дар ин даста қарор мегиранд.

Зидқаҳрамони табиӣ: Ончунон ки аз номи ин даста бармеояд, ба зидқаҳрамоне итлоқ мешавад, ки аз аносир ва падидаҳои табиӣ ҳастанд, падидаҳое ҳамчун сармо, гармо ва аносире ҳамчун биёбон, кӯҳ, абр ва ин навъ зидқаҳрамон ба ду дастаи муҷаззо тақсим мешаванд:

Дастаи аввали аносире, ки дар сари роҳи қаҳрамон қарор доранд ва ҳамчун зидди қаҳрамони ҳайвонӣ василае ҳастанд барои озмудани қаҳрамон ва монеаи дар сари роҳ расидани ӯ ба ҳадаф, ки расидан ба ҳадафи аслӣ мусталзами гузаштан аз онҳост. Аз ин даста ҳастанд, сармо ва гармо дар «Ҳафт хони Рустам» дар «Шоҳнома».

Дастаи дувум зидқаҳрамони табиӣ ҳастанд, ки ба василаи ҷодугарон ва аҳриманон бо анҷоми аъмоли ҷодуӣ падид меоянд ва қаҳрамону сипоҳиён ӯро дучори мушкил мекунанд. Аз намунаи ин маворид метавон ба сармое ишора кард, ки дар ҷанги Ҳамован ба василаи ҷодугари туронӣ, Бозур, бар сипоҳиён чира шуд, боиси нотавонӣ ва кушта шудани онҳо гардид. Дар «Ҷаҳонгирнома» ва дар масири рафтани Ҷаҳонгир ба сӯи дижи Ҷодарон низ чанд бор абру бод ва сармо ба василаи ҷодугар бар онҳо ғолиб мешавад.

Зидқаҳрамони моваро-ут-табиӣ. Манзури зидқаҳрамони моваро-ут-табиӣ онҳое ҳастанд, ки тавоноии хориқулодда доранд ва ба ин тавоної ба анҷоми корҳое мепардозанд, ки аз уҳдаи мавҷудоти инсонӣ хорич аст. Онҳоро метавон дар чанд даста тақсим кард.

Дастаҳои зидқаҳрамон бар асоси куниш ва амалкард. Дар ин дастабандӣ мо бо ёздаҳ дастаи зидқаҳрамон мувоҷеҳ ҳастем:

Зидқаҳрамони аслӣ фардест, ки аз назари андеша, сифот, аъмолу рафтор дар нуқтаи муқобил ва қутби манфии қаҳрамон қарор дорад. Ӯ ҳамвора барои кинае пойдор ва бо ангезаҳои мухталиф ва ба шеваҳои гуногун ба муборизаи қаҳрамон мепардозад. Ҷидол байни ӯ ва қаҳрамон ҷуз ба нобудии яке аз он ду ба поён нахоҳад пазируфт. Зидқаҳрамони аслӣ илова бар нақши худ, метавонад дар нақши зидқаҳрамони сипаҳдор, иғвогару ҷидолгар низ зоҳир шуда алайҳи каҳрамон иқдом намояд. Афросиёб дар миёни туроний, дар «Шоҳнома», «Барзунома», «Бонугашбнома» ва «Ҷаҳонгирнома» ин нақшро бар уҳда дорад.

Зидқаҳрамони мушовир. Фард ё афроде, ки дар набардҳои мухталиф зиддиқаҳрамони аслӣ алайҳи қаҳрамони ба тарафи машварати ӯ қарор мегиранд ва ба ироаи тариқ дар шеваҳои набард ва соир маворид ба ӯ ёрӣ мерасонанд, зидқаҳрамони мушовир номида мешаванд. Дар ҳамосаҳои миллии Эрон ин нақш дар ваҳлаи аввал ба уҳдаи вазирони зидқаҳрамон аст ва дар марҳилаи баъд ба уҳдаи бузургони кишварӣ ва лашкарӣ. Дар «Шоҳнома» дар миёни туроний Пирон ин масъулиятро ба уҳда дорад ва сипас, касоне чун Ҳумону Бормон ва Гарсеваз.

Зидқаҳрамони сипаҳдор. Зидқаҳрамоне, ки вазифаи лашкаркашӣ ва ҳидояти сипоҳиёни зидқаҳрамони аслиро ба уҳда дорад ва ба унвони сипаҳдори лашкар, сафорои лашкар, шеваи муборизаву таъйин ва фиристодани зидқаҳрамони ҷидолгар ва гузориш додан ба зидқаҳрамони аслӣ ба ифои нақш мепардозад. Дар миёни душманони сарсахти эрониён, яъне туроний дар аксари маврид Пирон ва гоҳе Ҳумон, Бормон, Шайда Гарсеваз ва дар бархе маврид худи зидқаҳрамони аслӣ (Афросиёб) ин вазифаро ба анҷом мерасонд. Агарчи зидқаҳрамони сипаҳдор ба нудрат ба ҷидоли мустақим бо қаҳрамон мепардозанд, аммо дар бархе маворид ҳам дар нақши зидқаҳрамони ҷидолгар зоҳир мешавад.

Зидқаҳрамони ҷидолгар. Фард, унсур ё мавҷудеро, ки бар асоси ангезаҳои дарунӣ ва фардӣ, ё ба дастури зидқаҳрамони сипаҳдор ё зидқаҳрамони аслӣ мустақиман ба набард бо қаҳрамон мепардозад, зидқаҳрамони ҷидолгар гӯянд. Ин навъ зидқаҳрамон дар ҳамоса бештарин теъдодро ба худ ихтисос додааст. Ба тавре

ки бидуни вуҷуди онҳо метавон гуфт, достони ҳамосӣ вуҷуд нахоҳад дошт. Аз ҷумлаи ин навъ дар «Шоҳнома» метавон Заҳҳок, Шаҳроб, Исфандиёр ва ғайраро ном бурд.

Ба таври куллӣ метавон гуфт зидқаҳрамони ҷидолгар дар ҳар чаҳор навъ зидқаҳрамони инсонӣ, ҳайвонӣ, табиӣ ва мовароуттабииро шомил мешавад.

Зидқаҳрамони иғвогар. Зидқаҳрамони иғвогар ё фиребанда фардест, ки бар асоси ангезаҳо ва хостаҳои даруниву фардии хеш ба фиреби ёрони худ мепардозад ва бар асоси фарде, ки тавассути ӯ фирефта мешавад, ба ду даста тақсим мешавад:1.Зидқаҳрамони фиребандаи қаҳрамон; 2. Зидқаҳрамони фиребандаи зидқаҳрамон.

Зидқаҳрамони ёригар. Фард, мавҷудот ё афродеро, ки ҳангоми ба хатар афтодани зидқаҳрамони ҷидолгар дар майдони мубориза бо қаҳрамон ба майдон тохта, ба ин васила имкони фирори зидқаҳрамони ҷидолгарро аз муҳлика фароҳам месозад ва дар сурати кушта шудани зидқаҳрамони ҷидолгар ба мубориза бо қаҳрамон мепардозад, зидқаҳрамони ёригар меноманд.

Зидқаҳрамони муттаҳид. Ба фард ё афроде, ки ба хотири татмеъ ва ё аз сари ночорӣ бо зидқаҳрамони аслӣ алайҳи муттаҳидшуда ӯро бо сипоҳи абзор ва васоили ҷангӣ ва ё аз ҳар назари дигар барои ҷидол бо қаҳрамон ва пирӯз шудани ӯ ёрӣ мерасонанд, зидқаҳрамони муттаҳид гуфта мешавад.

Зидқаҳрамони роҳнамо. Зидқаҳрамони ҷидолгареро, ки пас аз мубориза бо қаҳрамон ва гирифтор шудан дар банди ӯ, бо таҳдид ва иҷъоб қаҳрамонро дар расидан ба ҳадафи аслӣ ва мавриди назари ӯ ёрӣ мерасонад. Зидқаҳрамони авлод дар «Шоҳнома пас аз мубориза бо қаҳрамони ҷидолгар (Рустам) дар хони шашум ва асир шудани ӯ ба дасти қаҳрамон бо ваъдаву ваид ва таҳдиду иҷъоб, қаҳрамонро ба сӯйи макони зидқаҳрамони ҷидолгар (Дисапед) роҳнамоӣ мекунад ва дар ниҳоят ба ҳукмронии Мозандарон мерасад.

Зидқаҳрамони суварӣ. Фарде, ки қасди муборизаи хасмона бо қаҳрамонро надорад, балки ҷидоли ӯ бо қаҳрамон зоҳирӣ ва бо аҳдофи хосе аз қабили озмудани мизони тавоноии қаҳрамон, иғфоли душманон ва фиреби онҳо ва… сурат мегирад. Зидқаҳрамонони суварӣ бар асоси ҳадафе, ки доранд, ба ду даста тақсим мешаванд: Дастаи аввали зидқаҳрамони суварӣ, ки қасди озмудани тавоноии қаҳрамонро доранд. Рустам дар «Бонугашспнома» бо ҳадафи гушмолӣ додан аз як сӯ ва арзёбиву санҷиши мизони тавоноии ду фарзанди худ (Бонугашсб ва Фаромурз), аз сӯйи дигар, бо либосу зоҳири мубаддал ба мубориза бо қаҳрамонон мепардозанд.

Дар ниҳояти пора шудани зирех ва худи ӯ боис мешавад, ки фарзандони падари худро боз шинохта, даст аз ҷидол бардоранд.

Зидқаҳрамони ошиқ. Зидқаҳрамоне, ки пас аз дидани қаҳрамон шефтаву ошиқи ӯ мешавад. Ин ишқ мумкин аст, пас аз муборизаи зидқаҳрамон ва ё дар ҳолати дигар падид ояд. Мавориде, ки барои ин навъ аз зидқаҳрамон метавон зикр кард, иборатанд аз: ошиқ шудани зидқаҳрамони ҷидолгар, Суҳроб бар қаҳрамони ҷидолгар Гурдофарид, пас аз муборизаи он ду ва ошкор шудани рухсори қаҳрамон бар зидқаҳрамон. Ҳамчунин дар ҳамин манбаъ ва дар ин моҷарои ошиқ шудан ва хостгорӣ кардани зидқаҳрамони ҷидолгар Тамартош аз қаҳрамони Бонугашсб, ҳангоми рафтани ӯ ба ҷанги қаҳрамон аз ин намуна аст. Ниҳоят, ин ишқ ба кушта шудани зидқаҳрамони ошиқ ба дасти қаҳрамон (Бонугашсб) меанҷомад.

Зидқаҳрамони абзорӣ. Бо афроде итлоқ мешавад, ки сирфан ба манзалаи абзоре дар дасти зидқаҳрамони аслӣ ва сипаҳдор ҳастанд, ки дар ҷиҳати мубориза бо каҳрамонон аз онҳо истифода мешавад. Онҳо ҳеҷ гуна ихтиёре аз худ надоранд. Сипоҳиёнро метавон зидқаҳрамонони абзорӣ қаламдод кард. Ногуфта пайдост, ки ин мабҳас ҳама сипоҳиёнро шомил намешавад ва афсарони олирутба, ки мушовирони зидқаҳрамонанд аз ин қоида мустасно ҳастанд.

Ин зидқаҳрамонон пас аз ҷидол бо сипоҳи каҳрамон ё қаҳрамони ҷидолгар ва куштану кушта шудан, ё пирӯз мешаванд ва ба ғаноиме даст пайдо мекунанд, ё шикаст хурда фарор мекунанд ва дар ҳолати севум таслим шуда, зинҳорхоҳӣ мекунанд.

Бо диққат дар шахсияти достонҳои ҳамосӣ метавон онҳоро бар асоси меъёрҳои мухолиф табақабандӣ кард. Дар ин таҳқиқ табақабандии аносири аҳриманӣ (зидқаҳрамонон) бар асоси ду меъёр «навъ» ва «куниш» сурат пазируфтааст. Аз лиҳози «навъ» зидқаҳрамонон ба чаҳор дастаи куллӣ: зидқаҳрамонони инсонӣ, ҳайвонӣ, табиӣ ва мовароуттабиӣ тақсим мешаванд. Ҳар кадом аз ин дастаҳо дорои

зермаҷмӯаҳои дигаре низ ҳастанд. Аз назари «куниш» низ зидқаҳрамонон дар ёздаҳ гурӯҳ: аслӣ мушовир, сипаҳдор, ёригар, ҷидолгар, иғвогар, муттаҳид, роҳнамо, суварӣ, ошиқ ва абзорҳои қобили таъриф ва табақабандӣ ҳастанд.

Ин пажӯҳиш агар сирфан ба аносири, зидқаҳрамонон пардохтааст, аммо ин дастабандӣ ҷуз дар маворидиди андак масалан, дастаи зидқаҳрамонони табиӣ, дар соири маворидиди қобилияти татбиқ ва интибоқ бо дастаҳо қаҳрамононро, ки аносири хайри ҳамосаҳои миллӣ ҳастанд, дорост. Аз ин лиҳоз метавонад ёригари касоне бошад, ки дар ин роҳ қадам мегузоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бароҳанӣ Ризо. Қиссанависӣ/ Бароҳанӣ Ризо. –Теҳрон 1362. – Нашри нав. Чопи 3-юм.
2. Брайн Луронас. Адабиёти достонӣ, сохтор, садо ва маънӣ/ Брайн Луронас; тарҷумаи Ҳасан Сулаймонӣ ва Фаҳима Исмоилзода. –Теҳрон, 1378.
3. Дод Симо. Фарҳанги истилоҳоти адабӣ/ Дод Симо. –Теҳрон, 1371.
4. Саркороти Баҳман. Сояҳои шикоршуда/ Саркороти Баҳман. –Теҳрон: Қатра, чопи аввал. 1378.
5. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома (аз рӯйи чопи Маскав, ба кӯшиши Саид Ҳамидиён)/ Фирдавсӣ Абулқосим. –Теҳрон: Қатра, 1384.
6. Маҳмудиён Муҳаммадрафеъ. Назарияи роман, вижагиҳои романи форсӣ/ Маҳмудиён Муҳаммадрафеъ. Теҳрон: Нашри Фарзон., 1382.
7. Мирсодиқи Ҷамол. Вожаномаи ҳунари достоннависӣ/ Мирсодиқи Ҷамол, Мирсодиқӣ Майманат. – Теҳрон: Китоби Маҳноз, 1377.

АНТИГЕРОЙ В «ШАХНАМЕ» И БОГАТЫРСКИХ ПЕРСИДСКИХ ПОЭМАХ

Статья посвящена анализу некоторых приёмов изображения образа антигероев в «Шахнаме» А. Фирдоуси. По мнению автора большинство образов антигероев «Шахнаме» созданы на почве других богатырских поэм. Автором статьи образы разделены на отдельные группы. Каждой группе дана подробная характеристика.

Ключевые слова: эпос, личность, герой, антигерой, «Шахнаме».

ANTI -HERO IN SHAHNAMEH AND PALADIN SYSTEMS

The present article is to review the anti-heroes in the face of the Iranian national epic, The library is written practices and research findings and analysis are presented in descriptive form. What is important is in the Persian epic. Dvnyrvy war between good and bad. Expression and anti-heroes are heroes, they all look good at all bad. The anti-heroes of egoistic motives sometimes, and sometimes to reduce the power, ability and competence to be involved with their heroes This article reviews the anti-hero in the Persian national epic dedicated, the "type" in four main categories: human - animal - natural - supernatural place and role within the text of that event, the eleven main groups:. Consultant - Sepahdar - Jdalgr - seductive - help - United - Help - formal - love - and into the tool.

Key words: Saga - the character - the anti-hero - a hero, «Shahnameh**».**

Сведения об авторе: ***Мухаммадризо Мири*** – соискатель Таджикского национального университета.

МАРГ ДАР АДАБИЁТИ ҒАНОӢ БО ТАВАҶҶУҲ БА ОСОРИ СОДИҚИ ҲИДОЯТ

Маъсума Сомонӣ

Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Гармсор, Эрон

Дар таърифи адабиёти ғаноӣ сухан гуфтан аз эҳсосоти шахсӣ аст, ба шарте ки эҳсос ва шахсро мафҳуми васеътаре дар назар бигирем. Аввал манзур аз эҳсос танҳо эҳсосоти хушояндӣ мисли ишқ, таҳсин ё мадҳ ва маҷид нест, балки эҳсосоти нохушоянди назири андӯҳ, нафрат, дарду доғ, бадгӯйӣ тарсеро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, мафҳуми шахсиро низ метавон бисёр густурда тасаввур кард, зеро инсон дар эҳсосоти худ бо соири афроди башар шарик аст ва шояд, ин танҳо чизе бошад, ки пас аз гузашти ҳазорон сол дар афроди башар тағйир наёфтааст.

Бинобар ин, инсон дар эҳсосоташ бо соири ҳамнавъони худ шарик аст. Масалан, он чӣ маъмулан боиси хандаи як нафар мешавад, эҳтимолан дигаронро низ бихандонад. Дақиқан, ба ҳамин далел аст, ки мо аз хондани ашъори Саъдиву Ҳофиз пас аз қарнҳо лаззат мебарем, зеро ҳисси муштараке бо гӯянда ва сароянда онҳо пайдо мекунем.

Матлаби дувум ин аст, ки як мафҳуми собит мумкин аст дар давраҳои мухталифи таърихӣ ва адабӣ ба як шакл нигариста нашавад, яъне дар давраҳои мухталиф дидгоҳҳои мухталифе нисбат ба он вуҷуд дошта бошад.

Масалан, ишқ дар давраҳои мухталифи адабӣ дар сабкҳои шеъри форсӣ яксон нест. Мартабаи ишқ ва маъшуқ дар ин давраҳо тағйири зиёде мекунанд.

Ҳамин тавр, шуаро ва нависандагон бо масъалаи марг, ки мавзӯи мавриди баррасӣ дар ин таҳқиқ аст, бархурди яксоне надоштаанд. Бархе мисли Хайём онро поёни кори одамӣ медонанд, бархе мисли Мавлавӣ онро пурпарвоз ба сӯйи ҷаҳоне медонанд, ки ҳаёти асилу воқеии инсон дар он ҷараён пайдо мекунад.

Бинобар ин, мумкин аст арзишҳо ҳам гоҳе арзиш бошанд ва гоҳе зидди арзиш. Масалан, дар давраи мо марг ба шакли шаҳодат ва кушта шудан дар роҳи ормонҳои диниву инқилобӣ талаққӣ шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин маргро дар осори Содиқ Ҳидоят баррасӣ мекунем. Ин мухтасар бар асоси достонҳои «Буфи кӯр» «Се қатра хун», «Зинда ба гӯр», «Саги вилгард», …

Содиқ Ҳидоят… соли 1271 дар хонаводаи ашрофзода ба дунё омадааст. Ашрофияти пайвастае, ки ҳидоят то поёнии умраш ба қавонини он тан надод, дар соли 1330 дар Порис ба зиндагии худ поён дод. Дабистонро дар мадрасаи Алима ва дабиристонро муддате дар Дорулфунун ва сипас, боз дар мадраса гузаронид, ки Нимо Юшиҷ ҳам дар ҳамон ҷо дарс хонд ва бо адабиёти муосири Фаронса ошно шуд.

Ба назар мерасад, ки ошноии Нимо ва Ҳидоят аз адабиёти Фаронса сарчашма мегирад. Яке оғозгари шеъри нав, дигаре тасбиткунандаи достонҳои кӯтоҳи форсӣ.

Шояд, аз ҳамин ҷо бошад, ки Ҳидоят шефтаи Фаронса шуд. Пас аз поёни таҳсилоти дабиристонӣ ба унвони донишҷӯ таҳсили худро дар риштаи меъморӣ идома дод. Мегӯянд, ки ба воситаи Разморо нахуствазир, ки шавҳари хоҳари Ҳидоят буд, ба Белжик ва сипас, ба Фаронса эъзом шуд. Ба ҳар ҳол ӯ дар Фаронса низ дилбастагие ба риштаи таҳсилаш нишон надод.

Машоғили мухталиферо таҷриба мекунад, ки дар ҳеҷ кадоми онҳо давом намеоварад. Ӯ усулан, барои системаи муназзами зиндагӣ мисли соири одамҳо сохта нашуда буд ва ҳаргиз бо ин шеваи зиндагии маъмулӣ мисли дигарон канор наёмад.

Аз ин миён забони паҳлавиро омӯхт. Ӯ нусхаи дастнависи «Буфи кӯр»-ро дар Ҳинд бори аввал дар 50 нусха чоп кард, ки онро дар Теҳрон навишта буд. Аз ин нусхаҳо чантояшро ба дӯстонаш фиристод. Аз ҷумла, Муҷтабии Мину, ки он рӯзҳо дар радиои BBC суханронӣ мекард, таваҷҷуҳи чандоне ба он накард. Ҳамаи он дар вақте буд, ки шуҳрати Ҳидоят дар Эрон на чандон зиёд буд, ки осораш хонандае дошта бошад. Худи ӯ гуфтааст, ки Мину ва Фарзод дар ин айём ӯро даъват кардаанд, то Лондон биёяд ва мисли онҳо дар фаъолият бошад.

Содиқ нависандаи мутавозеъ буд ва худро дар муқобили нависандагони бузурги аврупоӣ ҳеҷ медонист ва шояд, худ намедонист, ки сарчашмаи таҳаввули бузурге дар ҷараёни адабиёти достонӣ хоҳад буд. Чун осорашро касе намехарид, ба ҳамин иллат худро муваффақ намедид, аммо баъд аз тарҷумаи «Буфи кӯр» дар Фаронса ва баъд аз марги ӯ рӯзномаҳо ва ҷароиди он рӯз чиҳое, ки дар барои ӯ нагуфтаанд.

Дар байни бархе аз қиболи африқоӣ афсонае вуҷуд дорад. Тибқи ин афсона Худованд баъд аз офариниши инсон ду пайк ба сӯйи ӯ фиристод. Яке пайки марг ва дигаре пайки ҷовидонагӣ ба инсон расид ва аз он пас инсонҳо мурданд.

Афсонаи дигаре мегӯяд, марг муҷозоти нофармонии башар ва кӯшиши бефарҷоми ӯ барои баробар шудан бо ҳулқ будааст, аммо гурӯҳи дигар мегӯянд, ки марг ҳамчун даричае аст, ки метавон аз тариқи он бо Худо ба гуфтугӯ нишаст.

Ҳақиқат ин аст, ки марг ва зиндагӣ дар ҳам печида ҳастанд ва ҳаргиз аз ҳам ҷудо набудаанд.

Аммо дар миёни мавҷудоти зинда танҳо инсон аст, ки аз воқеияти марг огоҳ аст ва ҳамин огоҳӣ аст, ки душмани шодиҳои ӯст.

Хаёйм мегӯяд:

Чун уҳда намешавад касе фардоро
Ҳоли хуш дор ин дили шайдоро!
Май нӯш ба моҳтоб, эй моҳ, ки моҳ
Бисёр битобаду наёбад моро.

Башар дар тӯли таърих ду дидгоҳ нисбат ба марг доштааст, ё онро инкор карда ва ё онро пазируфтааст.

Тадриҷан, амаи хонавода дӯстон ва атрофиёнаш мемиранд. Саранҷом,ӯ дигар ҳеҷ ошноеро дар атрофи худ намебинад. Эҳсоси танҳоӣ мекашад ва аз зинда будан хаста мешавад ва орзуи марг мекунад.

Соиби Табрезӣ мегӯяд:

Хабар зи талхии оби бақо касе дорад,
Ки ҳамчу Хизр гирифтори умри ҷовид аст.

Равоншиносон мегӯянд, ки марги ҳар инсоне беш аз ҳар чизи дигаре шабеҳ ба шахсияти худи инсон аст.

Мавлавӣ мегӯяд:

Марги ҳар як эй писар, ҳамранги ӯст,
Оини софе яқин ҳамранги рӯст,
Эй, ки метарсӣ зи марг андар фирор,
Он зи худ тарсонӣ, эй ҷон, ҳуш дор.

Ин суханҳо бо таолими исломӣ низ созгор аст. Он, ки нек будааст ва зистааст, Азроил ба сурати ҷавони хушсурат бар ӯ ҳозир мешавад, ҷонашро бо оромиву осонӣ мегирад. Он, ки сияҳрӯву сияҳкор будааст, Азроил мутобиқи аъмоли ӯ бар ӯ зоҳир мешавад ва ба сахтӣ ҷон медиҳад.

Дар гузашта дар қуруни вусто марг дарвозае буд ба сӯйи ҷовидон. Имрӯз шохае аз илми равоншиносӣ ё ҷомеашиносӣ маргшиносӣ ном дорад, ки нишонгари аҳамият ва таваҷҷуҳи башари муосир нисбат ба ин масъала аст:

Умр агар хуш гузарад, зиндагии ҳизр кам аст,
В-ар ба нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст.

Виктор Франкел мегӯяд: «Зинда будан, яъне ранҷ кашидан аст, аммо ранҷ барои хеш, барои идомаи ҳастӣ».

Назарҳои мутафовит ба марг. Дар ин нигориш марг як падидаи нохушоянд аст. Масалан, дар ҷомеаи ғарбӣ, ки умрҳо тӯлонитар шуда ва марг ба сурати механикӣ иттифоқ меафтад, ин гуна аст:

Нигариши муборизаҷӯёна дар баробари марг, нигариши муштоқона ба марг, нигариши пазиранда ба марг.

Бархе мисли Хайём хушбоширо таблиғ мекунанд:

Хаём агар зи бода мастӣ хуш бош,
Бо лоларухе агар нишастӣ, хуш бош,
Чун оқибати кори ҷаҳон нестӣ аст,
Ангор, ки нестӣ, чу ҳастӣ хуш бош.

Содиқ Ҳидоят ин хушбоширо омехта бо андешаи нестӣ медонад, вале мегӯяд, ки чун Хайём ҳангоми пирӣ ин фалсафаро интихоб карда, ба ҳамин далел хушаш омехта бо ноумедӣ аст.

Бархе ба дунё бо назари худ менигаранд. Масалан, дар тафаккури буддоизм чунин гуфта мешавад, ки хушбахтӣ саробе беш нест ва зиндагӣ чунон ранҷовар аст, ки марг камтар аз он хоҳад буд.

Дар «Қуръон» низ калимаи вафот ба кор рафтаву марг, яъне вафот на фавт, зеро фавт аз даст рафтану додан аст, аммо вафот аз миён рафтани тамоми вуҷуду ҳақиқати инсон тавассути маъмурони ҷони инсон ва интиқоли онҳо аз оламе ба олами дигар. Пас, бо марг чизе аз инсон кам намешавад, марг оғози сафари наве ба сӯйи мақсади ниҳоӣ аст.

Содиқ Ҳидоят ишқро ба унвони нерӯе, ки фардро ба ҷустуҷӯи дарунии ӯ медорад, то ба дарки тозае аз ҳақиқат бирасад, ситоиш мекунад. Ишқи Марҷон ва Дошукулро дар достони Дошукул аз тамоми булҳавасиҳо ҷудо карда, онро боҳадаф ва маънидор сохт, аммо Ҳидоят бо рӯ дар рӯ ниҳодани нақши иҷтимоии Дошокул ба унвони паҳлавони шаҳр ва амини мардум ба унвони фарди ошиқ марги фардиятро матраҳ мекунад, ки аз назари Ҳидоят ин аслан пазируфта нест.

Достони «Саги вилгард» бошад, аз ҷумлаи достонҳои бадбинона аст, мисли Довуди кӯзпушт» … Ин достон-достони бепаноҳӣ, ғарибиву ситам дидан аст, ҳарчанд ки бардоштеро баён мекунем, бо ақидаи Ҳидоят дуруст намеояд.

Аммо ба гумонам ин достон ҳамчун достони ҳаёти одам ба замин аст, ки бо як ғафлату нофармонии биҳишти абад аз дасти биҳишт ба замин омад. Инсоне, ки дар тӯли таърих дард, ранҷу маргро таҷриба кард, афсӯс, ки дар поён ва саранҷоми тираи аксари достонҳои Ҳидоят дарду ранҷ ҳеҷ самаре надорад.

Намоишномаи Парвин – духтари Сосон ва достони «Буфи кӯр. Дар ин намоишнома, ки дар соли 1309 навишта шудааст Ҳидоят тасвири Эрони пуршукӯҳро дар остонаи ҳамлаи аъроб ба тасвир мекашад. Ӯ дар ин давра таҳти таъсири натсионализми романтикӣ аст, ки таҳти таъсири таблиғоти расмии дарборӣ қарор дорад. Хонадони паҳлавӣ, ки номи хонадони Ризошоҳ аст, бозингарони ин давра аз

таърихи эрон ҳастанд, ки орзуи бозгашт ба шукӯҳу додгарии даврони Сосониро ба кӯмаки дониши маҳдуд ва орзуи фаррохи худ доранд.

Дар ин давра на танҳо саҳми ойини Зартушт дар таҳсили ҳуввияти эронии давраи Сосонӣ ва баъд аз он нақши муҳим дар якпорчагии Эрони давраи Сафавӣ нодида мегиранд, балки нақши аслии зидди натсионализми давронро ба мазҳаб вогузор мекунанд ва Ҳидоят, мутаассифона аз ин даста аст. Ин тафаккур таҳти таъсири шиори нажоди ориё дар Олмон шунида шуд, баъдан, дар Эрон густариш ёфт.

Намоишномаи Парвин - духтари Сосон драмае аст, натсионализмӣ, ки сояи аъроб ва бими вайронии Эрон аз оғоз бар он сангинӣ мекунад ва гӯшаву канори он аз ашкҳои Ҳидоят аст. Поёни достон бо марги Парвиз номзади Парвин ва сипас, дастаи арабҳо ба поён мерасад.

Нигоҳи Ҳидоят ба марг дар ин достон марги Эрони устураи рӯёӣ аст, ки он рӯзҳо дар зеҳни равшанфикрон сохта ва пардохта шуда буд. Эрони сосонӣ, ки дар баробари чашмони сугвори Ҳидоят аз по дармеояд.

Аммо дар достони «Буфи кӯр» мо дубора бо ҳамон шахсиятҳо рӯ ба рӯ ҳастем. Ҳатто либоси Фаришта дар бахши аввали достон шабеҳ ба Парвин аст.

Фаришта-Гулдон, Роға-шаҳри Рай, нақкошии рӯйи қаламдон, аммо ҳамаи инҳо ҳамроҳ бо Ҳидоят қарнҳои мутамодиро пушти сар гузоштаанд ва дар пӯшише аз гарду ғубор ба «Буфи Кӯр» расидаанд.

Шаҳри Рай, ки замоне онро арӯси шаҳрҳои дунё меномиданд, акнун дар «Буфи кӯр» ба деҳаи хурде табдил ёфтааст, қомати шикастаи ҳамаи ошиқони гузаштаи Эрон аст, ки дар зери кулборе аз Фурӯҳар ва таҳти Ҷамшед қувз кардаанд. Ҳидоят дар ин тасвир сурати худ ва рӯзгорашро ба ҷо меоварад. «Буфи кӯр» достони пуробичашми рӯёҳои барбодрафта ва ормонҳои бар об навиштаи даврони Эрони муосири асри Ризошоҳ аст.

Ҳамон тавр ки шукӯҳи салтанати Ризошоҳ бо як юриши мутаффиқин дар шаҳривари соли 1320 фурӯ рехт, Эрони ориёӣ ҳам дар назари равшанфикроне чун Ҳидоят фурӯ рехт ва фосилаи хаёлу воқеият ба дурустӣ муайян гардид. Марг дар ин достони Ҳидоят марги рӯёҳо, орзуҳои эрониёни равшанфикре аст, ки мехостанд Эронро чун гузашта бисозанд.

Достони «Се қатра хун» аз ҷумлаи достонҳои рӯҳиву равонӣ аст. Дар ин достон марг матраҳ шуда, аз навъи дигари куштан аст. Куштани гурба ба дасти Нозими девона. Нозими девона, ки равои достон ӯро муқассири ҳамаи шиканҷаҳо медонад, ки девонаҳо мекашанд. Он девонае, ки шиками худашро бо тила дарида пора карда, бо рӯдҳо бозӣ мекард, ё ин ки бо нохун чашми худашро тарконда буд ва дар охир Аббос ва Сиёвуш, ки ҳар ду инъикоси шахсияти худравоӣ ҳастанд. Равое, ки худро оқил медонад, ки дар девонахона нигоҳаш доштаанд.

Дар ин достон равои Аббосро зишту аблаҳ медонад ва духтари ҷавонеро ки ба дидани ӯ омадааст, мутамоил ба худи Сиёвуш мебинад. Сиёвуш баъдан, бемор мешавад. Достони «Се қатра хун» зоҳиран саросар достони нохудогоҳи ровӣ аст.

Девонагони ин девонахона ҳамаро ҷун худ девона мебинанд ва исрор доранд, ки девона нестанд, зеро он чӣ дар мағзи онҳо мегузарад, ба назарашон воқеӣ менамояд.

Ин достон достони ғамангези шикасти ошиқ ва пирӯзии рақиб, марги рӯҳи ошиқ аст. Рақиб ҳамон гурбае аст, ки канори Нозимро гирифта, Нозим ба интиқом барои ҳамаи гурбаҳо талаҳо мегузорад ва онҳоро мекушад. Ин дар воқеъ хости дарунии ошиқ аст, ки майл бо куштани рақиб дорад ва саранҷом, кораш ба ҷунунӣ мекашад. Ин гуна шикастаҳои ошиқиро дар чанд достони Ҳидоят метавон дид.

Достони «Зинда ба гӯр» аз ҷумлаи достонҳои рӯҳиву равонӣ аст. Дар ин достон марг аз навъи худкушӣ матраҳ мешавад. Ин марг, ки дар зиндагии худи Ҳидоят ҳам собиқа дорад, дар охир, бо ҳамин марги худхоста ба зиндагиаш поён медиҳад. Шояд, ҷузъи асрори зиндагиву афкори Ҳидоят бошад.

Аммо бо таваҷҷуҳ ба мавориде, ки Фарзона дар китобаш зикр мекунад, Ҳидоят дар рӯзҳои охири маргаш тамоми талоши худро кард, то дигар ба Эрон боз нагардад. Гӯё на ӯ таҳаммули фикрҳои пӯсида ва муҳити даҳалбози меҳанашро дошт ва на меҳанаш ӯро бо он афкор ва навиштаҳои бехонандааш мехост.

Агар ба достон диққат диҳем, шояд битавонем назари Ҳидоятро дар бораи зиндагӣ, сарнавишти марг дарёбем.

Достон аз ҷое шурӯъ мешавад, ки фарди девонае ба ҳолати беморӣ ёддоштаҳое менависад.

Қазовати куллӣ дар бораи достонҳо. Дар бештари достонҳои Ҳидоят марг ҳузур дорад. Ҳидоят худ як мақола дар бораи марг дорад, ки яке аз ҷумлаоташ ин аст: Мо ҳама бачаи марг ҳастем. Аммо ба назар мерасад, марге ки дар ҳар як аз достонҳои ӯ ба шакле матраҳ мешавад, ки марг яке аз ҷанбаҳои инсоният аст. Ба назарам, метавон дар достони «Саги вилгард», метавон гиряи Ҳидоятро бар марги инсоният мушоҳида кард. Ҳамчунин ин достон эътирози Ҳидоят ба сарнавишти худи башар, маҳкумияти абадии ӯ ба зистан дар дунёе аст, ки ҳамроҳ дар он маҳкум аст, маҳкуми қудратҳо ва дигарон.

Марг дар достонҳои ӯ марги отифа ва ишқ, марги садоқат марги ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ, марги озодиву марги ҳақиқат аст.

Ҳидоят бо марги худсохтааш ба зиндагии саросар ранҷ ва осебпазираш хотима дод. Рӯҳе, ки дигар тавони таҳаммули он ҳама риё ва тазвиру танҳоиро надошт. Ӯ дар миёни ҷамъ танҳо буд. Бархе пас аз маргаш ӯро бо нобиғаи даврон шабеҳ доданд, аммо дар замони ҳаёташ осорашро ҳатто як бор ҳам нахонда буданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мударрис Содиқӣ. Содиқ Ҳидоят достоннавис/ Мударрис Содиқӣ. -Теҳрон. -С. 1380.
2. Мир Содиқӣ. Ҷамол Достони Эрон/ Мир Содиқӣ. –Теҳрон. -С. 1381
3. Миробиддинӣ Ҳасан. Ҳаштод соли достони кӯтоҳи эронӣ/ Миробиддинӣ Ҳасан.. -Теҳрон.-С. 1384.
4. Ёварӣ Ҳуро. Достони форсӣ ва саргузашти мудерният дар Эрон/ Ёварӣ Ҳуро. –Теҳрон.С. 1388.
5. Фарзона М.Ф. Ошноӣ бо Содиқ Ҳидоят/ Фарзона М.Ф. –Теҳрон. -С. 1385.

ТЕМА СМЕРТИ В ЛИРИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ С АКЦЕНТОМ НА ПРОИЗВЕДЕНИЯ СОДИКА ХИДОЯТА

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению тема смерти в лирических произведениях иранских писателей. В основном делается акцент на произведения Содика Хидоята во многих из которых рассматривается данная тема. В своей лирике он стремился изображать не саму смерть, а те чувства, которые она вызывает. Но он был непризнанным гением своего времени и его произведения стали признанными после его смерти.

Ключевые слова: иранская лирика, лирические произведения, тема жизни и смерты, в лирических произведениях, произведения Содика Хидоята, изменчивость мира.

THE THEME OF DEATH IN LYRICAL WORKS WITH A FOCUS ON WORKS OF SODIK KHIDOYAT

In this article the author reviewed and studying the theme of death in lyrical works of Iranian writers. Mainly focuses on the works of Содика Хидоята many of which relates to the topic. In his lyrics, he strove to depict not death itself, but the feelings that it causes. But he was an unrecognised genius of his time and his works were recognized after his death.

Keywords: Iranian lyrics, lyrical works, the theme of life and смерты, lyrical works, works of Sodik Khidoyat, volatility of the world.

Сведения об авторе: ***Маъсума Сомони*** – член научно-преподавательского состава Свободного исламского университета города Гармсор, Иран

ШЕЪРИ МИЛЛАТГАРО ВА ДИФОЪҲОИ ХУДШИНОСИЮ ХУДШИКАНИИ ЛОИҚ

М.С.Назарова

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Миллатгароӣ ё худ миллатпарастиро, ки дар забонҳои аврупоӣ «натсионализм» мегӯянд, донишмандон ба таври куллӣ маҳкум накардаанд. Яъне, агар миллатгароӣ муҷиби ҳамбастагии бештару робитаҳои ҳасанаи бештар ва эҳсосу хидмати бештар ба касоне, ки ба онҳо зиндагии муштарак дорем, шавад, зидди ақлу мантиқ нест. Беш аз ин агар «миллатгароӣ як шакли таҷассуми манфиатҳои миллӣ бошад (Г.Зокиров) ва боиси эҷоди равобити хасмонае миёни қавму миллатҳои мухталиф нашавад, судманд аст ва бешак, ба худшиносӣ ва худогоҳии миллат суръат мебахшад.

Дар раъси ҳамин гуна ҷараёни адабии солҳои ҳафтод ва баъди он Лоиқ қарор дошт ва дар ин замина хидмати орзишмандеро анҷом дод. Лоиқ дар ҳамаи осоре, ки дар ҳимояи манфиатҳои миллат навиштааст, бо ҳеҷ қавму миллате равобити

хасмонае надоштааст, балки фақат аз ҳақиқати таърихӣ, аз «решаву бунёд»-и худ дифоъ кардааст.

Дар ин давра эҷодиёти Лоиқ агар дар худшиносии таърихӣ моҳияти маънавиятҷӯйӣ дошта бошад, солҳои навадуми асри гузашта масъалаи бохти миллӣ ба он афзуда шуд, ки ифодакунандаи ҷараёни миллатгарої дар шеъри он рӯзгор аст. Ҳадафи аслиашро шоир аз таъкиди «ҷабри таърих» дар пешгуфтораш ба китоби «Таърихи тоҷикон бо муҳри «комилан сиррӣ» бо рӯбоии зерини Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ равшан баён кардааст:

Ман бандаи он қавм, ки худро донанд,
Ҳар дам дили худро зи галат бирҳонанд.
Аз зоту сифоти хеш созанд китоб,
Феҳристи китобро «аналҳақ» хонанд [3,164].

Лоиқ таъкид карда буд, ки «… бидуни дифоъ аз ифтихорот ва муқаддасоти миллӣ, бидуни дифоъ аз ватан, модар, ору номуси миллӣ ва фарри ориёӣ наметавон худро соҳибватан хонд»[3,164]. Худшиносии миллӣ дар охири солҳои ҳаштод ва ибтидои навад эҳсосоти миллиро дар шеъри Лоиқ шиддат бахшид. Лоиқ дар ин рӯзгор беш аз пеш дар бораи миллат ва сарнавишти таърихию фардои он меандешид.

Солҳое, ки роҳҳои ифтихорот ва иҷозатҳо ба рӯйи миллат баста буд, Лоиқ аз чашми тафаҳҳус сӯйи гузашта доштани кишвараш ҳасрат мехӯрд. Шеъри «Оли Сомон» оинаи ҳасратнамои таърихи тоҷикон буд, ки бармаҳал афтоду шикаст. Бинобар ин, ҳасрати оинаи шикастаи таърих шоирро раҳо намекунад ва ба гуфтани шеърҳои дигар мепардозад, ки рангу намуди гузаштаро зинда медоранд. Ин мавзӯъ, яъне шинохти миллат ва қиёси сарнавишти он дар оинаи ҳаводиси даврони Шӯравӣ асоси андешаҳои миллатгароёнаи Лоиқро ташкил медиҳанд. Акнун дар шеъраш вай бо муонидони миллатфурӯш сухан мегӯяд. Аз бемориҳои худсӯзу худҷӯши миллат ҳарф мезанад:

Аламбардори миллат метарошӣ хешро ҳар бор,
Аламҳои Самарқанду Бухороро намедонӣ[7,399].

Ё

Ҳазрати Иқбол бар мо бад магир,
Мо агар дар хоби сакта андарем.
«Хез аз хоби гарон» - гуфтӣ,вале
Дар Самарқанд ончунон беминбарем.
Дар Бухорое, ки даргоҳи дарист,
Бо даригуфторӣ берун аз дарем.
Нест миллатро зи бас якпорчагӣ,
Пора – пора луқмаи шӯру шарем[7,403].

Вале воқеияти охири асри гузаштаи таърихи тоҷикон шоирро то ҷое ба шикасти маънавӣ рӯ ба рӯ кард. Оғози ҷанги шаҳрвандӣ–оғози марги пиндорҳо (иделҳо)-и қаблии шоир ба назар омад. Шоири мутафаккир ва ояндабин ҳанӯз то оғози ҷанги ҳамватанӣ аз тағйири авзои ҷомеа оқибати нохушеро пай мебурд. Ҳодисаҳое, ки дар ҷомеа ҷараён дошт, мисли мансабталошӣ, маҳалситезӣ, фасодии модиву маънавӣ ӯро ба оянда хушбин намекард.

Шеърҳое, ки шоир дар оғози даҳаи охири саддаи бист гуфт, ҳушдоре барои ҳаммилатонаш буд ва андешаи шоир реша дар муҳити хароби маънавии ҳоким бар ҷомеа буд. Лоиқ соли 1990 аз қаҳтии имон ва хушкии ғурури миллӣ сухан мегуфт. Агар замоне бар Рустаму Кова талмеҳ мезад, агар баробари Фирдавсӣ бар марги ҳаждаҳ писари Кова гирист, барои он буд, ки миллаташро ба роҳи шинохти хеш ҳидоят кунад. Акнун бо тааммуқ сари ҳаводиси замони Шӯравӣ дарёфт, ки кишвараш, сарвати моддию маънавии он ҳамталоши бегонагон аст:

Яшму лаълу мармари мо мезананд,
Порае аз пайкари мо мезананд.
Мушт агар пушти дари мо мезананд,
Рахнае бар масдари мо мезананд.
Мо зи кӯрӣ даст агар боло кунем,
По ба гӯри модари мо мезананд…
Кӯҳзодо, сангзодо, алҳазар,

Санги моро бар сари мо мезананд[7,402].

Мо агар гӯем, ки Лоиқ дар шеъраш аз пайи ниёзҳои моддии миллат набуд, ҳақиқатро инкор мекунем. Лоиқ медонист ва огоҳона аз он ки «махзани симу зари мо мезананд» ранҷ мебурд. Зеро медонист, ки яке аз бузургтарин неъматҳои офаридгори ҷаҳон зисти иҷтимоии инсонҳост. Инсон бидуни зиндагии иҷтимоӣ наметавонад ниёзҳои моддӣ ва маънавии худро бартараф кунад ва шароитро барои ибтидотарин дараҷаи камол ва тараққии худ муҳайё кунад. Ин вазъ дар ҷомеаи тоҷикони ибтидои соли навад барои шоири равшанбин сарҳалқаи фалокатҳои қарибулвуқӯъ менамояд.

Медид ва эҳсос мекард, ки ниёзҳои маънавӣ камтар аз ниёзмандиҳои моддӣ нестанд. Лоиқ дар шеъри хитобааш то замони шурӯи ҷанги шаҳрвандӣ ин мавзӯъро ба шеър кашид. Дар ин замина соли 1990 шеъри «Алорагми маҳалгаро́й»- ро навишт, ки ба навъе ранҷномаи ӯ дар боби нодониҳою худношиносиҳо, маҳалгароиҳову нотавонбиниҳои афроди миллат буд:

Гоҳ-гоҳе маҳалгароёне
«Аз куҷоӣ?» -суол меоранд,
Бо суоли маҳалгароишон
Баҳри миллат завол меоранд…[4,8].

(Миллати мо миллати яклахт нест, З-ин сабаб хушдавлату хушбахт нест). Шоир дар ин хитоба ба мухотабони ҳаммиллаташ умеди наҷод дорад. Ин яъсу навмедиҳо ҷойи бештарро дар ҷону зеҳни Лоиқ ишғол мекард. Бинобар ин, Лоиқ бо даврони романтикии умри худ видоъ гуфт ва баёни воқеияти мавҷуд ва талхи ҷомеаи тоҷикон рӯй овард ва ҳанҷараи қалам фарёди «Во падарам, во падарам», «О, ҷону ҷигар !», «Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам.», «Ватанам, о ватанам,о ватанам, о ватанам!» ва пардаҳои дилозори дигар нақш зад ва ба гӯши инсонҳои дур аз ҳам «бонги хатар» зад, то шояд аз хоби ғафлат берун оянд ва аз роҳи бегонагӣ бозгарданд, аммо нашуд ва Лоиқ дар охири умраш силсилаи шеъри газанда ва шавқорандаро аз зеҳдони зеҳнаш берун кашид. Ин шеърро М. Шакурӣ «Шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ» хонда, ки холати андеша ва эҳсосоти шоирии Лоиқро ифода мекунад.

Ашъори дар солҳои ҷанги шаҳрвардӣ сурудаи Лоиқ баёни дарди сарду талх ва сангину сиёҳи бегонагӣ аст. Дар ин замина бояд ба сароҳат гуфта шавад, ки китоби Лоиқ «Фарёди бефарёдрас» марсияи бегонагист аз ҳамватан, дурӣ аз арзишҳое, ки шоир барои имрӯзиён ба суроғи онҳо мегашт (Ҳайфи он афрӯхта фарҳанги олӣ, Шоирам дар хушксори мулки холӣ), таҳаммули пастиҳо (Кӯдакашро гар кушад дар батни модар, Чун тавон кард орзуи безаволӣ …, То абусе бар даюсе раҳнамун аст, Оҳу дод аз маснади соҳибкамолӣ…, (Байни ду санг орд гашта миллати мо, Оҳ, аз баҳси ҷанубию шимолӣ) ва фидо кардани андешаи асил дар пешӣ пои шаҳомот ва эҳтиёҷоти дунявӣ. Ашъори ин китоб долон аст, ки ҳар чӣ қадам пештар мегузорӣ, бар сиёҳӣ, торикӣ, бегонагӣ, сардӣ, ё рӯсиёҳиву худфурӯхтагӣ бештар сар ба сар мезанӣ ва дар ҳар қадам аз ҳилоли сатрҳо садои туфанда (ифодаи Лоиқ) ва сӯзону газандаи шоир ҳамоҳангтар, ҳаросонандатар ба гӯши ҳуш мерасад ва «Шоири шаҳри беситораи дунёнодидаҳо, Аз ҳар куҷо расида ба ҳам норасидаҳо» ҳамаро барои наҷоти миллат фаро мехонад:

Ҳиммате, эй корвонкаш, то мабодӣ корвонпӯш,
Аз ҳалокат деҳ амонам, роҳи ободӣ куҷоӣ [4,101].

(Тоҷике яғмогари тоҷик бошад, Гургӣ аст ин, рӯбаҳӣ, ё ки шаголӣ? Дар сиголи миллате чун мо набошад, байни ҳам бадтинатию бадсиголӣ. Аз чунин миллат, ки як бадбахти ӯӣ, Лоиқи хунинҷигар то кай бинолӣ) [4,77]. Танҳо чизе, ки барои муборизa бо ин бегонагии хонумонбарандоз, даъвати мардум, рафъи душманони меҳан дар тавони шоир аст, фарёде аст, ки аз ҳанҷараи қалам бармерезад, то магар хуфтагонро бедор кунад.

Академик М.Шакурӣ ин раванди эҷодиёти шоирро мушоҳида карда, онро «худтанқидии миллӣ» [5,449] унвон кардааст. Аз нигоҳи ин донишманд «унсурҳои интиқод аз миллат дар шеърҳои солҳои шасту ҳафтод ҳам ба дид меояд.

Дар адабиёти маорифпарварии даҳаи дувуми садаи бист гоҳ накӯҳиши сахти миллати худро мебинем, ки дар баъзе мавридҳо аз равияи шоири озорбойҷонӣ Алиакбари Собир, маҷаллаи озарии Ҷалили Муҳаммадқулизода «Мулло Насриддин» ва бархе дигар нашрияҳои туркии он замон таъсире дорад. Шикоят аз ғафлат ва ҳурофотзадагии мардум ва тангназарии иҷтимоии онҳо аз оғози қарни

бист ҳамаи кишварҳои исломиро дар бар гирифт ва дар бедории Афғонистон ва ҷунбиши машрутахоҳии Эрон низ мавқеъ дошта, адабиёти фарсӣ - тоҷикӣ аз он баҳра бардоштааст» [6,449].

Вале он чӣ Лоиқ дар охири қарни бист дар бораи Ватан гуфт, ба назари мо, дар адабиёти ҳеҷ халқе собиқа надорад. Чунки Гулназар мегӯяд, «ин шеърҳо», ки бозтоби бадбахтӣ, кулфат ва хонабардӯшии тоҷикон аст, воқеан фарёди ҷонсӯзест, ки бояд ба гӯши миллат бирасад. Ҳарчанд Лоиқ ҷо-ҷо «ман» ва ё «мо» мегӯяд, мухотабаш ҳамон халқ аст. Гоҳо ба назар мерасад, ки шоир аз андоза зиёд халқро мазаммат мекунад, аз ӯ норизо буданашро бо кароҳат иброз медорад, афсус мехӯрад, аз бефарҳангии хурду калон ба танг меояд» [2,60].

Гулназар ин ҷо «аз андоза зиёд халқро мазаммат» кардани Лоиқ норизост, вале онро шарҳ намедиҳад. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё ин кори Лоиқ дуруст аст? Оё андешаҳои танқидии ӯ заминаи иҷтимоӣ доштанд ва ё фақат маншаи эҳсосотӣ доштаанд?

Ба ин пурсишҳо академик М.Шакурӣ дар мақолаи «Шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ» ҷавоби саҳеҳ додааст, ки чунин аст: «Дар аҳолии имрӯз халқҳое ҳастанд, ки дар бадҳоҳии кунунии тоҷиконанд ва он айбҳои тоҷиконро, ки Лоиқ шумурдааст, ҳатто зиёдтар аз он доранд. Баъзеи онҳо монанди тоҷикон умри дарози таърихӣ дидаанд. Вале ба гумон аст, ки шоирашон онҳоро ба таън пири барҷомондаи нозукбин ва ҳофизи пири беовоз номида бошад. Ин ҳам бе гумон аст, ки як шоирашон гуфта бошад, ки дилам аз миллату аз Ватан монд. Хоҳ гуфта, хоҳ ногуфта бошад, дар адабиёти форсии тоҷикӣ гуфта шудани чунин сухани ҷонсӯз дар ҳаққи миллату ватани худ ҳаргиз тасодуф ё ноҷо нест» [5,450].

Воқеан ҳам, ҳисси худтанқидии миллӣ, ки бо шеъри Лоиқ дар адабиёти навини тоҷик саҳифаи тоза аст, бозтоби мавқеияти иҷтимоӣ, ҳунарӣ ва бозгӯйи миқёси андешаи миллӣ ва маҳаки ҳисси ватанхоҳиву худшиносӣ ва худогоҳии таърихӣ ва ҳуввияти миллат аст. Лоиқ, чунон ки худаш низ ишорае дорад, «На ёри Шаҳидон на озодихоҳон» буд. Вале Акбари Турсуни Набипур мегӯяд, ки «бетарафии сиёсии ӯро (Лоиқро Н.М.) нашояд ва набояд ба бепарвоии иҷтимоӣ баробар кардан. Рафтори рӯшанфикрон (бетараф), аз ҷумла Лоиқ ҳангоми рӯёрӯйии моҳҳои апрел-майи соли 1992 намунаи барҷастаи масъулиятшиносии фардӣ ва иҷтимоист» [1,49].

Ҳаргиз тасодуфӣ набуд, ки аввалин шоире, ки аз байни қаламкашони тоҷик «сулҳи деринтизори (ин ибора ҳам аз ҷумлаи ихтироъҳои гӯянда аст) тоҷикон ва аз нав ба якдигар наздик шудани ононро табрик гуфт, боз ҳам Лоиқ буд» [7,14].

Аз ин шеъре, ки бо байти

Имони ду тарафро мекунам табрик,
Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!

оғоз мешавад, барои Лоиқ амри сулҳ хотири сулҳ набуд, балки ба хотири онҳое буду ҳаст, ки аз ҷанг осеб дидаанд ва дар бораи сулҳ меандешанд. Кӣ ва аз куҷо будани ин афрод барои ӯ муҳим набуд. Бинобар ин ҳам, дар ин ва шеърҳои дигараш фарёди сулҳхоҳонаи шоир самимона қобили эҳтирому тамиз аст. Лоиқ аз сулҳи тоҷикон хушнуд буд ва умедвор буд, ки захмҳои дили миллат ва тани кишвар тадриҷан шифо меёбанд ва рӯҳи солим ва зиндагисоз лаҷоми зиндагии латмадидаи миллатро ба даст мегирад.

Дар он вазъи муҳлик умед дошт, ки сухан коргар меояд. Бинобар ин, ҳамин ҷасорати ҳунарӣ ба Лоиқ имконеро фароҳам овард, ки бо замон ва замондорон бепарда гуфтӯгӯ кунад. Шоир дигар фурсате надошт, ки дар зиндагӣ, ки пироя надорад, ҳарчанд сухан пироя хоҳад ҳам, бе пироя сухан гӯяд:

Сухан пироя мехоҳад, агар дар зиндагӣ пироя бошад,
Сухан дилмоя мехоҳад, агар дар зиндагӣ дилмоя бошад.
Дар ин даврон, ки ҷисми зиндагӣ урёну гирён аст,
Сухан нолон, сухан гирён, сухан ҳам низ урён аст[4,208].

Абдуннабӣ Сатторзода менависад, ки «муроди шоир аз урёнии суханаш дар солҳои навадум он нест, ки шеъри ӯ бепироя шудааст, яъне бе таъсир ва маъниҳои шоирона, балки он аст, ки дар шеъри ӯ бештар баёни ошкоро ва фошофоши воқеияти талхи давр мавқеъ пайдо карда буд»[7,22].

Ҳамин тариқ, воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии Тоҷикистони охири асри бист ва ибтидои асри бистуяк дар мисоли эҷодиёти индавраинаи Лоиқ шеъри

миллатгароёна ва дидгоҳҳои тозаи худшиносӣ ва худогоҳии миллиро ба вуҷуд оварда, ки Лоиқ дар ин равиш тавонист ҳарфи аввал ва боварибахше гӯяд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбар Турсун. Ҳамин як калби ман омоҷгоҳи тиратон бошад! –Марсияи хуршед/ Акбар Турсун. – Москва: Ориёнфар, 2001. – С.12-30.
2. Гулназар Келдӣ. Лоиқе чун Лоиқе/ Гулназар Келдӣ. – Душанбе: Сурушан, 2000. – С.80.
3. Лоиқ Шералӣ. Пешгуфтор ба китоби «Таърихи тоҷикон бо муҳри «комилан сиррӣ»/ Лоиқ Шералӣ. – Теҳрон, 2006 С.158. –164.
4. Лоиқ Шералӣ. Фарёди бефарёдрас/ Лоиқ Шералӣ. –Д.: Адиб, 1997. –237с.
5. Шарифов Худоӣ. Ҷавҳари завқу маромии шоир/ Худоӣ Шарифов // Садои шарқ. – 1984. – №8–1. – С. 154. –158.
6. Шакурӣ Муҳаммадҷон. Шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ. –М.Ш. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист/ Шакурӣ Муҳаммадҷон. –Душанбе, 2006. –С. 434. – 454.
7. Шералӣ Лоиқ. Куллиёт/ Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб,2008. – Ҷ. 2. – 559с.

НАЦИОНАЛИСТИЧЕСКАЯ ПОЭЗИЯ И ЗАЩИТА САМОСОЗНАНИЯ И САМОПОЖЕРТВОВАНИЕ ЛОИКА ШЕРАЛИ

В статье рассматривается действительная картина социально-политической жизни Таджикистана конца 20 – начала 21 века на примере творчества Лоика Шерали, создавшего национал-патриотические и новые взгляды в самосознании.

Ключевые слова: национальность, культура, взгляды, народ, Лоик Шерали, Оли Сомон, Кова, Фирдоуси, таджикско-персидский, национальный, стих, социальный.

THE NATIONALIST POETRY AND SELF-PROTECTION AND SELF-SACRIFICE LOIC SHERALI

The article deals with the actual picture of socio-political life of Tajikistan late 20th - early 21st century as an example of creativity Loic Sherali, who created national patriotic awareness and new perspectives aimed at the man.

Key words: Ethnicity, culture, attitudes, people, Loic Sherali, Oli Somone, Cova, Firdausi, the Tajik-Persian, National, verse, social.

Сведения об авторе: ***Назарова М.С.*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ. Телефон: (+992) **918391324.**

ВОСИФИ БОХТАРӢ - ҒАЗАЛСАРОИ ПЕШГОМИ ШЕЪРИ ФОРСИИ АФҒОНИСТОН

Холида Фурӯг

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Устод Восифи Бохтарӣ шоир ва суханвари бузурги муосири сарзамини мост, ки бо корномаҳояш дар арсаи шеър - виҷдони замонаҳо, барозандатарин будааст ва дар арсаҳои дигар (пажӯҳиши адабӣ, тарҷума) қомати баландтар доштааст. Ин шоири осмонандеш чун офтоб аст ва офтоб намемирад. Ӯ инсонест, ки дар раг- раги равонаш хуни дониш ҷараён дорад ва донишмандест, ки ҳамвора бо ҷаҳл дар ситез буда. Восифи Бохтарӣ шахсиятест, ки андешааш ҳамвора баҳорогин будааст, чаро ки дар канори дониши замон, гомҳои сабзашро гузоштааст ва уфуқҳои тозаву навини огоҳӣ ва бинишро тасхир кардааст. Шеъри Восифи Бохтарӣ сарзаминест, ки ҳар касе наметавонад дар он ҷо ба зистан бипардозад, балки ононе метавонанд дар ин сарзамини зебо, ки ба дарахтистоне бисёр **сабз** шабоҳат дорад, гом бигузоранд, ки худ низ ба биниши **сабз** ва огоҳии **сабз** расида бошанд. Шеъри Восифи Бохтарӣ шеърест душворфаҳм, шеърест, ки агар хонанда тавони бардошташро дошта бошад, аз ҳар сатр ва ҳар мисраи он фаровон дониш меандӯзад ва ба биниши ҷадид мерасад.

Шеъри Восифи Бохтарӣ ҳам таърих аст, ҳам муборизa аст ва муқовимат аст, ҳам дард аст, ҳам зиндагӣ аст, ҳам гузашта аст, ҳам имрӯз аст, ҳам омезиши гузашта ва имрӯз аст ва ҳам фардост, ки бо забони намодин ва ибҳомомез ироа мешавад. Ин ибҳом дар шеъри устод Восифи Бохтарӣ ба кӯчае табдил шудааст, ки шоир аз ин роҳ борҳо ба манзил мерасад ва боз ба роҳ меафтад ва боз ба манзил мерасад ва боз обири ҳамин кӯча мешавад. Ин ибҳом ва ибҳомгарӣ алифбои забони вижаи шеъри ин шоир ва адабиётшиноси гаронмояро ба вуҷуд овардааст.

Бисёре аз соҳибназарони арсаи шеър ва адабиёт ҳамвора чунин баён кардаанд, ки ин шоир дар шеърҳояш ба ин манзур бештар забони ибҳомомез ва намодин пардохтааст, то битавонад аз пушти ин ҳама намод ва ин ҳама ибҳом паёмашро ва суханонашро ба мухотаб бирасонад. Ин дуруст аст, аммо ҳамааш ҳамин нест. Шоир фақат ба хотири напардохтан ба мустақимсарой забони ибҳомомезро барангезидааст, балки ин забони намодин ва ибҳомомез аст, ки шоирро фаро гирифтааст ва яке аз вижагиҳои шеъраш шумурда шудааст, зеро аз ин тариқ забони дигаргунаро ба вуҷуд овардааст ва ба сиришту сарнавишти шеъраш табдил шудааст.

Вожаҳое, ки Восифи Бохтарӣ бо онҳо дар шеъраш сухан мегӯяд, аз бори маънои жарфе баҳра доранд. Забони шеъри Восифи Бохтарӣ ғаномандтарин забон аст ва тасвирпардозиҳояш дар шеър хонандаро вориди дунёи дигар месозанд. Дунёе, ки шигифтангез аст ва аз рамзҳову розҳо сохта шудааст. Дар айни ҳол ибҳом ҳунаре барои шеър лозимӣ аст. Ибҳоме, ки дар симои истиора, намод ва дар як шеър шакл мегирад ва хонандаро ба фикр во медорад, барои шеър на танҳо музоҳимат эҷод намекунад, ки арзиш ҳам пиндошта мешавад.

Восифи Бохтарӣ дар арсаи шеъри нимоӣ ва сапед бо пуштвонаи бузурге аз фитрати шоирона ва табъи вол ва замири дурахшон ва огоҳии дарёвор аз дониш ва тасаллути бемонанд бар мутуни гузашта ва падидаҳои дониши имрӯз ворид мешавад ва шеъри озоди нимоиро таҷриба мекунад ва шеъри сапедро таҷриба мекунад. Ӯ ба шоире мубаддал мешавад, ки дар ин аволими шеър шиноварӣ медонад ва шиноварӣ мекунад.

Восифи Бохтарӣ дар шеърҳояш ба бостонгароӣ гароиш дорад, ки имрӯз аз батни гузашта зода шудааст ва имрӯз тадовуми гузашта аст.

Дар шеъри Восифи Бохтарӣ гузашта ва имрӯз дасти ҳамдигарро мефишоранд ва бо ҳам самимианд. Дар шеъри Восифи Бохтарӣ пули имрӯзу гузашта бо нерӯи тахайюл бо ҳам мепайванданд.

Корбурди вожаҳои қадим ба сурати фаровон дар шеърҳои Восифи Бохтарӣ намоёнгари диққату таваҷҷуҳ ва огоҳии диёрвору шинохти ӯ аз мутуни куҳан ва адабиёти гузашта, бавижа шеър метавонад бошад.

Восифи Бохтарӣ бо вожагони куҳан забонаш бисёр самимӣ аст ва аз ин роҳ ба сӯйи ҳинҷоргурезии забонӣ меравад ва ба бостонгароӣ мепардозад. Яъне аз ҷодаи роҳ ва русуми забонӣ маъмул аст, дур мешавад ва бо забоне дар шеъраш сухан мегӯяд, ки мардумони рӯзгорони қадим ба он мепардохтанд:

Сипаҳбад ситабри синаи сипеҳр,
Ки дар камин ситода буд,
Ба сӯйи ёғиёни тундару тагарг,
Ҳазорҳо амуди оташин фиканд.
Пас аз гурези ёғиёни тундару тагаргу бод,
Ки бартарин чакод.
Саломи гарми офтобро пазира шуд,
Ҷавонае, ки аз тагаргу бод тозиёна хӯрда буд,
Ба шонаи насим сар ниҳоду гуфт:
Хушо, хушо, ки офтоб чира шуд (3,155).

Дар ин бахш аз як шеър шоир гузашта, аз ҳинҷоргурезӣ (бостонгароӣ) ба ҳинҷорафзоӣ низ пардохтааст. Аз он ҷо, ки медонем дар шеъри нимоӣ ё арӯзи шикаста сароишгар мукаллаф нест, ки дар баъзе аз мисраъҳо ва ё сатрҳои як шеъри нимоӣ корбурди қофияро риоят кунад, агар чунин чизе дар назар гирифта шавад, шоир қоидаеро дар шеъраш афзудааст, ки дар ин шеър низ ба чунин мавориде бар мехурем. Дар ин шеър ин ду сатр ҳамқофияанд:

Пас аз гурези ёғиёни тундару тагаргу бод,

Ки бартарин чакод...

Ҳамчунин ин сатри “Саломи гарм офтобро пазира шуд” бо сатри баъдии шеър, ки, албатта, ду сатри дигар фосила дар миёни ин ду сатр ва он сатри нахустин дида мешавад, ҳамқофияанд:

Саломи гарм офтобро пазира шуд,
Ҷавонае, ки аз тагаргу бод тозиёна хӯрда буд,
Ба шонаи насим сар ниҳоду гуфт:
Хушо, хушо, ки офтоб чира шуд.

Дар ин шеър қофияи дохилӣ низ нигариста мешавад, ки аз ҷамъи ҳамон ҳинҷорафзоӣ аст.

Ба ин мисраъҳо ё сатрҳои шеър бингарем:

Ҷавонае, ки аз тагаргу бод тозиёна хӯрда буд,

Ба шонаи насим сар ниҳоду гуфт:

Вожаҳои “бод” ва “ниҳод” дар ин ду сатр (қофияи дохилӣ) ҳамқофияанд, ки аз ҷамъи ҳинҷорафзоӣ дар шеър аст.

Устод Восифи Бохтарӣ дар сарзамини ҷодуии ғазал ҳам бо забони вижаи худ сухан мегӯяд. Дар рагҳои ғазалҳояш дарди муштараки инсонҳо ҷараён дорад ва гоҳе шоир орзуҳоеро тасаввур мекунад, ки дастнаёфтанӣ будаанд. Албатта, ин орзуҳо аз мани фардиаш оғоз шудаанд ва ба мо пайвастаанд, ки ҳатто риштаҳояш ба ҳама башарият мерасанд. Шоир он гоҳ, ки ишқро садо мезанад ва бо ишқ аз гум шудани насабномааш ҳангоми ҳангомаҳояш қисса мекунад, ин қисса, ки бо афсӯс омехтааст, ба мӯя табдил мешавад, ба он гуна мӯяе, ки гӯйӣ аз ниҳоди Исфандиёри гумшуда баланд шуда бошад.

Эй кош, эй ишқ, эй ишқ, моро зи мо мераҳонидӣ
В- аз хоки мо з- оташу хун фавворае меҷаҳонидӣ.
Ҳангоми ҳангомаҳомон гум шуд насабномаҳомон,
Худ кай сазовор будем, моро бар ин хон ту хондӣ(2,34).

Ин мӯя то ҷое идома меёбад, ки шоир худ ва инсонҳои сарзаминро ба гунаи хос ва ҳамаи башарро ба сурати ом зиндониёни қурун мехонад. Дар ҳақиқат, барои инсонҳо дар куллиёт аз гузашта то имрӯз ва шояд, то фардо чунин сифатеро бармегузинад, ки ҷилваи фалсафӣ дорад.

Мо хуфтагони фусунем, зиндониёни қурунем.
Эй кош, оташфишоне бар хоки мо мефишондӣ.

Шоир дар мисраи дувуми ин байт боз ҳам бо лаҳне, ки омехтаи афсӯс аст, бо ишқ орзуи оташфишонӣ шудани дили худро баён мекунад. Аммо ин орзу аз гулӯи **“эй кош...”** сар задааст.

Ин мӯя идома меёбад ва саранҷом шоир ба ин ҷо мерасад, ки мепиндорад инсонҳо ҳамсароёни лоланд ва онҳоро аз насли сангу сафол медонад. Пас, менигарем, ки ҳамин вопасин байти ин ғазал таносуби маноие бо нахустин байт мерасонад. Шоир дарди худро дар баробари ишқ мӯя мекунад ва бо афсӯс мегӯяд:

Эй кош, эй ишқ, эй ишқ моро зи мо мераҳонидӣ
В- аз хоки мо з- оташу хун фавворае меҷаҳонидӣ.

Аммо дар охир мегӯяд:

Мо ҳамсароёни лолем, аз насли сангу сафолем,

Дар вопасин мисраъ аз ниҳояти андӯҳ, андӯҳе, ки ба сабаби аз даст додани он чӣ, ки ба даст наёмадааст, дар шоир авҷ гирифтааст, ҳатто худро сароишгари ин шеър низ намедонад, зеро аз насли сангу сафол аст ва сангу сафолро бо тарона миёнаи хубе нест.

Мо ҳамсароёни лолем, аз насли сангу сафолем,
Аз сӯйи мо ин тарона ту худ набиштиву хондӣ.

Дар ин ғазал, ки ба рақси ором шабоҳат дорад, гоҳ қофияҳои дарунӣ ва гоҳ такрори калимаҳо ва гоҳ таркибҳои мутаносиб бо ҳолу ҳавои ин шеър, ки бӯйи фалсафӣ доранд, онро дилпазиртар менамоёнанд. Вазне, ки барои ин ғазал дар назар гирифта шудааст, ҳамроҳ бо тааннӣ ва тааммул аст, ки ҳамхонии комил бо фазои шеър дорад, зеро шоир андӯҳи худро барои ишқ ором - ором месарояд. Дар як сухан мумкин аст, ин ишқ ҳам мани бартарии шоир бошад.

Дар ғазали дигар Восифи Бохтарӣ бо дарёфтҳои дигаре даст меёбад. Дар ин ғазал байтҳоро мусиқии вожаҳо фаро гирифтааст, ки ин мусиқӣ дар қофияҳо, радифҳо ва такрори сомитҳо ва мусаввитҳо эҳсос мешавад.

Забони шеър, бо ин ки навмедворона аст, танзомез низ аст, аммо дар ин шеър танзе вуҷуд дорад ва ин танз бо коркардҳои ҷомеае дар пайванд аст, ки дар он ҷо сухан аз шаб аст ва қиссаи фонусу бод гуфтан ва зиндабод гуфтани чароғҳо. Ҳамчунин шиносномаи рӯйиши ба бод рафтан ва обҳо сухан аз инҷимод гуфтан, ки дар ҳар байт чунин танзе шеърро барҷастагии бештар бахшидааст.

Ҳоло нигоҳе ба ин шеър меафканем:

Шабе, ки қиссаи фонусу бод мегуфтанд,
Чароғҳо ҳамагӣ “зинда бод!”- мегуфтанд.
Ба ҷойи марсия дасти гарони бодияҳо
Сабуксарона ғазалҳои шод мегуфтанд.
Мунодиён, ки зи осеби санг тарсиданд,
Чаро чакомаи фатҳи чакод мегуфтанд ... (1,109).

Дар вопасин байти ин ғазал баёни шоир шиддат мегирад ва шигифтангезона авҷи азхудбегонагии одамҳоро ба тасвир мекашад. Такрори мисраи дувуми байти нахуст барои мисраи охир низ намоёни гароиши шиддат ва тааҷҷуб аст:

Шаби шикастани фонус дар таҳоҷуми бод,
Чароғҳо ҳамагӣ “зинда бод!” мегуфтанд.

Дар ғазали дигар аз ӯ низ пояи забони танзомез устувор аст, ки аз ҷомеаи нобасомон ҳикоят мекунад ва боз ҳам шоир ба фарёди дарде муштарак мепардозад. Шеър бо вожаи **ҷаҳаннам** оғоз мешавад, ки дар ин ҷо худ намоёнгари бедод аст ва бо **Нимрӯзон** пайванди мантиқӣ дорад, ки ин Нимрӯзон намоёнгари ақибмондагии инсонҳо дар чунин ҷомеаест. Дар ин шеър шоир корро аз кор гузашта медонад ва бо чунин боваре рӯзгори беотифаро месарояд. Ин ҷост, ки забони шеър бо танз омехта мешавад:

Ҷаҳаннам аст ҷаҳаннам, на Нимрӯзон аст,
Гулӯи кӯча чу дилҳои кинатӯзон аст.
Ба ҳар карона, ки бинӣ кафанфурӯшонанд,
Ки гуфтааст, ки ин шаҳри Ҷомадӯзон аст.
Либоси Зол сазовори пайкараш бодо,
Кунун ки Рустами мо зи аҷузон аст.
Салом бод, зи мо кошифони оташро,
Ки рӯзи аввали ҷашни китобсӯзон аст (1, 109).

Восифи Бохтарӣ ҳамон гуна, ки гуфта шуд, агарчи ба шеъри нимоӣ бештар пардохтааст, вале бо ҳузури ӯ навъи маъмулу машҳуру зебои шеъри дарӣ, яъне ғазал дар ин сарзамин авҷ гирифт ва ӯ шоирест, ки бо зарфияти бузурги тахайюл ва дониш тавонист, пешгоми шуарои муосир дар сароиши ғазал бошад.

А Д А Б И Ё Т

1.Афранд//Фаслномаи адабиёт, фарҳанг ва улуми иҷтимоӣ. – Пешовур, 1379. –№1.
2.Бохтарӣ, Восиф. Дебочае дар фарҷом/ Восиф Бохтарӣ. – Кобул, 1376.
3.Бохтарӣ, Восиф. Сафолинае чанд бар пешхони булӯрини фардо/ Восиф Бохтарӣ. – Кобул,1388.

ВОСИФ БОХТАРИ - ИСКУСНЫЙ СОЧИНИТЕЛЬ ГАЗЕЛЕЙ

Восифи Бохтари является поэтом, известным автором газелей на персидском языке как в Афганистане, так и за его пределами, в частности в Иране и Таджикистане. Газелям этого автора присущи спецфические особенности. В них он излагает боль и страдания человека, его мечты и чаяния, которые по мнению поэта, несомненно, сбудутся.

Ключевые слова: литература, современная афганская поэзия, газель, язык газели, тема стихотворения.

VOSIFI BOKHTARI-AFGHAN MASTER PERSIAN GAZELLES

Vosifi Bokhtari is the poet known for the author of gazelles in the Persian language both in Afghanistan, and beyond its limits, in particular in Iran and Tajikistan. Spetsfichesky features are inherent in gazelles of this author. In them he states pain and sufferings of the person, his dream and expectation which according to the poet, undoubtedly, will come true.

Key words: literature, modern Afghan poetry, gazelle, language of a gazelle, poem subject.

Сведения об авторе: ***Холида Фуруғ***- аспирантка ТГИЯ им.Сотима Улугзаде

АЗ ТАЪРИХИ ТАРҶУМАИ ОСОРИ ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

З.П.Бобоалиева

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар ҳавзаи адабиёти муосири тоҷик мутарҷимон осори Чингиз Айтматовро аз назари ковишҳои ихтисосӣ ва ё бахшида ба санаҳои таърихӣ - Даҳаи адабиёт, Рӯзҳои фарҳанги Қирғизистон дар Тоҷикистон, зодрӯзи адиб, нашр ва соҳиби ҷоизаву мукофот гардидани асарҳо ва худи нависанда тарҷума кардан, ки хислати тақвимиро касб намудааст ва дар ин самт мутарҷимин ба комёбиҳои назаррасе низ ноил шудаанд.

Нуқтаи ҷолиб ва далели шоеи дигаре, ки бояд зикр намуд, он аст, ки аз назари таърихӣ, вижагиҳо ва хусусиятҳои замон марҳилаи тарҷумаҳои осори Ч. Айтматовро ба забони тоҷикӣ бояд ба ду давраи комилан мустақил ҷудо намуд: давраи аввал замони Шӯравӣ (солҳои 1960 то 1990) ва давраи дувум замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон (аз соли 1991 то имрӯз) мебошад.

Дар Тоҷикистон ошноӣ бо осори Чингиз Айтматов аз асари машҳуру маъруф ва ба қавли нависандаи франсуз Луи Арагон "беҳтарин манзумаи ишқ", қиссаи "Ҷамила" шурӯъ гардидааст, яъне тарҷума гардидани асарҳои адиб ба забони тоҷикӣ аз солҳои 60-уми қарни гузашта оғоз мегардад. Дар ин ҷода метавон нависандаи шинохтаи тоҷик Ф. Муҳаммадиевро ба унвони соҳибибтикор дар ин самт шинохт.

Пӯшида нест, ки ба Чингиз Айтматов шуҳрати ҷаҳониро маҳз ҳамин асар овардааст. Ин қисса дар соли 1958 бо номи "Обон" ("Мелодия") нигошта мешавад, аммо бо маслиҳату пешниҳоди сармуҳаррири маҷаллаи бонуфузи ҳамон давра "Новый мир" А. Т. Твардовский номи қаҳрамони марказии он Ҷамила ба ҳайси унвони асар қабул мешавад ва он дар саҳифаҳои ҳамин маҷалла ба нашр мебарояд.

Чӣ тавре ки қайд намудем дар ҳавзаи адабиёти муосири тоҷик аввалин нафаре, ки ба тарҷумаи асарҳои Чингиз Айтматов мароқ зоҳир намуда, даст ба ин кор задааст, нависандаи бузурги муосири тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев маҳсуб меёбад. Бидуни шак, Фазлиддин Муҳаммадиев дар адабиёти муосири тоҷик бо офаридани асарҳои насри андеша ба унвони мубтакир дар ин самт шинохта мешавад. Ин нукта далели равшан ба табъи халлоқ ва ҳунари волои нависандагию тарҷумонии ӯ низ шуда метавонад, ки бо эҳтимоми вай ду асари Ч. Айтматов "Алвидоъ, Гулсарӣ!" (1968) ва "Дуроҳаи Бӯронӣ" (1984), ки намунаи волои насри андеша ҳастанд, ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст ва ба муваффақиятҳо низ комёб гардидааст.

Фазлиддин Муҳаммадиев қиссаи "Ҷамила"-ро соли 1960 ба тоҷикӣ тарҷума карда, дар маҷаллаи "Шарқи сурх" чоп менамояд, ки муҷаддадан дар соли 1961 он дар маҷаллаи "Занони Тоҷикистон" нашр мегардад. Асар дар шакли китоб соли 1961 дар Нашриёти Давлатии Тоҷикистон чоп мегардад. Тарҷумаи мазкур нахустин пайки тарҷумаи осори адиб дар афкори адабии тоҷик буд, ки ба хонанда имконияти бо забони тоҷикӣ мутолиа намудани асарро дод.

Дар тарҷумаи повести “Ҷамила” ҳамаи сифатҳои тарҷумаи хуб дида мешавад. Ҷамила зани ҷавон, аз авули дурдасти қирғизӣ, ба расму ойини куҳна ва қадимаи гузаштагон, қавонину қоидаҳои ҳамавулиён нигоҳ накарда, бе тарсу ҳарос ба пешвози ишқи ҳақикии хеш рахсипор мегардад. Дар шароити душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва бо ин ҳама монеаҳо ишқи поки Ҷамила ва Донёр завол намеёбад. Хамин вижагию романтизми асарро мутарҷим кӯшидааст, дар вакти баргардонидани он ба забони тоҷикӣ маҳфуз дорад, ки ба ин комёб низ гардидааст: “Чун Дониёр ба авҷи сурӯд расид, Ҷамила якбора сари худро афшонда, ҷаҳида ба бричкаи Дониёр савор шуд ва дар паҳлӯи ӯ нишаст... Ман дидам, ки дастони Ҷамила бемадорона ба зонуяш афтоданд ва ӯ ба Дониёр чафс шуда, сарашро ба китфи ӯ оҳиста такя дод. Овози Дониёр фақат лахзае ларзид, чунон ки аспи йӯрғаи ногоҳ камчинҳӯрда ҳамин гуна як таккон мехӯрад, аммо боз ба қувваи тозае мавҷ зада баланд шуд. Ӯ дар бораи ишқ месуруд! ” [2, 45].

Бояд зикр намуд, ки қиссаи “Ҷамила” дар миёни оммаи васеи хонандагони мамолики гуногун ва қитъаҳои дунё машҳуру маҳбуб шуда, дар шумори асарҳои беҳтарину машҳуртарини замони хеш қарор мегирад. Дар муддати кӯтоҳ ин повест ба зиёда аз сию панҷ забон тарҷума гардида, ним миллион нусха аз чоп мебарояд. Асар соли 1959 аз ҷониби адиби шинохтаи франсуз Луи Арагон ба забони франсавӣ тарҷума гардида, сазовори баҳои баланд мегардад, ки сарсухани бисёр ҷолиб аст: “Пеш аз он ки кулли андешаҳои хешро дар бораи Ҷамила иброз намоям, бояд қайд намоям, ки ин асарро беҳтарин манзумаи ишқ дар ҷаҳон мешуморам” [6,4].

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки агар қиссаи “Ҷамила”оливу ҳунарӣ намебуд, ҳеҷ гоҳ то ин ҳад мавриди алоқа қарор намегирифт. Нуктаи дигар, ин ки мутарҷимин низ дар тарҷумаи он ба забонҳои мухталиф заҳмати зиёде кашидаанд, ки наметавон аз ин далел сарфи назар кард.

Дар мавриди комёбӣ ва камбудиҳои тарҷумаи асар ба забони тоҷикӣ адабиётшинос, Соҳиб Табаров дар мақолаи “Қиссаи мусаввир”, ки яке аз корҳои беҳтарини мунаққидонаеро перомуни нақду баррасии қиссаи “Ҷамила” дар ҳавзаи адабпажӯҳии тоҷик ба сомон расонидааст, ақоидашро баён намудааст. Дар ин зимн Соҳиб Табаров назари мунаққидонаи хешро нисбати тарҷумаи қисса ба забони тоҷикӣ ва мутарҷими он Ф. Муҳаммадиев ироа намуда, дар самти тарҷумаи асар, ки дар афкори адабии тоҷик барои аввалин бор буд, чунин зикр мекунад: “Тарҷумаи “Ҷамила” аз бисёр асарҳои бадеии тарҷумашудаи солҳои охир ба куллӣ фарқ мекунад, чунки Фазлиддин Муҳаммадиев, ки худаш нависандаи соҳибзавқ мебошад, ба аксарияти хусусият ва нозукиҳои асари бадеӣ ва қонунҳои эҷодию тарҷума сарфаҳм рафта, онҳоро дар матни тоҷикии асар нигоҳ дошта тавонистааст”. [9, 316]

Далели шоеи дигар он аст, ки тарҷумони забардасти тоҷик Ҳабиб Аҳрорӣ низ ба эҷодиёти Ч. Айтматов таваҷҷуҳи хоса доштааст, ки дар ин самт корҳои тарҷумонии зиёдеро ба сомон расонидааст. Аз қиболи ин мутарҷим қиссаи “Рӯбарӯшавӣ” (1961), “Нахустин устод” (1965), “Чашми шутур” (1963) ва “Ниҳолаки рӯмолсурхаки ман” ба забони тоҷикӣ баргардон шудаанд.

Асари аввалинеро, ки Ҳабиб Аҳрорӣ аз осори Айтматов ба забони тоҷикӣ тарҷума намуд, ин қиссаи “Рӯбарӯшавӣ”буд. Мутарҷим соли 1961 асарро аз русӣ тарҷума намуда, дар маҷаллаи “Шарқи сурх” нашр менамояд. Муҷаддадан, он соли 1962 дар маҷаллаи “Занони Тоҷикистон” аз нашр баромада, соли 1965 дар маҷмӯаи “Роҳи каҳкашон“ интишор меёбад.

Тавассути ин асар носири қирғиз ба мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ амиқу жарф рӯ меоварад, ки баъдан ин ананаро дар бештари асарҳои худ идома медиҳад. Худи адиб низ ин падидаи навҷӯйии хешро эътироф намуда, дар ёддоштҳояш чунин зикр кардааст: “Ман бисёр мехостам, ки дар бораи ҷанг, дар бораи корнамоиҳои халқ дар солҳои ҷанг асарҳои пурқувват ва пуртаъсир навишта шуда бошад. Дар адабиёти қирғиз он замон мавзӯи ҷанг ҳанӯз дастхӯрда набуд. Мехостам, ки хонандаи қирғиз ҳам имконияти хондани беҳтарин асарҳои дар бораи ҷанг навишташударо дошта бошад” [8, 17].

Тарҷума ва ё худ тарҷумаи бадеӣ, воситаи беҳтарини ошноӣ, бардошт аз адабиёт, фарҳанг, расму ойини дигар халқу миллатҳо маҳсуб меёбад. “Ғолибан, тарҷума, хусусан, тарҷумаи бадеӣ амале буд, ки халқҳоро бо ҳам шинос мекард ва ба ҳам меовард. Осори тарҷума хоҳ илмӣ, бадеӣ ё таърихӣ бошад, танҳо барои ғано ва дарку қабули маърифат анҷом дода мешуд” [1, 236] .

Зимни тарҷумаи қиссаи “Рӯбарӯшавӣ” Ҳабиб Аҳрорӣ хусусиятҳои миллии асарро ба инобат гирифта, онро ба забони тоҷикӣ пешкаши хонандагон намудааст. Аз субҳ то шом кори сахти колхоз, нигоҳубини кӯдаки навзод, модаршӯи пир ва ҳамчунин бо баҳонаи ҳезум ба кӯҳу дашт рафтан, аммо аслан барои Исмоил хӯрду хӯрок бурдан ва ин ҳама мушкилотро хомӯшона таҳаммул намудани Саидаро, ки инро вазифаи занонаи хеш мешуморид, мутарҷим кӯшидааст, ба забони тоҷикӣ интиқол диҳад. “Бигзор вай хизматгурез бошад, майлаш!–гӯён дар рӯйи тахта хамирро боз карда истода худро таскин доданӣ мешавад. –Мард чӣ кор карданашро медонад… Бигзор, аз Чатқал ҳам дуртар равем, бо вай ба ҳар куҷое, ки бошад меравам, фақат вай дар пешам, ҳамеша дар пеши назарам бошад, бас...” [2, 410] Дар мисоли ин порча, ки хусусиятҳои миллӣ ва вижагии хислати зани шарқӣ, аз ҷумла зани қирғиз дар он тасвир гардидааст, мутарҷим муваффақ бар он гардидааст, ки онро бо услуби хоси хеш ба хонандаи тоҷик бирасонад.

Ба назари мо, дар миёни дигар тарҷумаҳои осори адиб дар даврони Ҳукумати Шӯроӣ, ки ба забони тоҷикӣ анҷом пазируфтаанд, корҳои зиёдеро нависандаи бузург Ф. Муҳаммадиев ва мутарҷими шинохта Ҳабиб Аҳрорӣ анҷом додаанд.

Соли 1965 дар нашриёти “Ирфон” осори Ч. Айтматов иборат аз тарҷумаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ (“Нахустин устод”, “Чашми шутур”, “Ниҳолаки рӯмолсурхаки ман” ва “Рӯбарӯшавӣ”) ва тарҷумае аз Бахтиёр Муртазоев ва Тойтура Ботурқулов дар шакли маҷмӯа бо номи “Роҳи каҳкашон “ нашр шуд. Бояд зикр намуд, ки осори то ин замон ба тоҷикӣ таснифгардидаи адиб куллан аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, ба ҷуз қиссаи “Роҳи каҳкашон”, ки бевосита аз забони қирғизӣ ба тоҷикӣ тарҷума гардидааст.

Ҳамин тариқ, бештари тарҷумаҳои анҷомёфта ё ба воситаи забони русӣ анҷом пазируфтаанд, ё худи адиб аввалан, онҳоро ба забони русӣ нигошта, баъдан, ба забони қирғизӣ тарҷума намудааст. “Ман асарҳои хешро ба забони қирғизӣ ва русӣ менависам. Агар асар дар аввал ба забони қирғизӣ нигошта шуда бошад, ман онро ба забони русӣ тарҷума менамоям ва ё баръакс. Ҳамин тавр ман аз ин кори дутарафа қаноатмандии беинтиҳое дарёфт менамоям” [3, 110] .

“Роҳи каҳкашон” аслан, ба забони қирғизӣ иншо гардида, он соли 1962 дар маҷаллаи “Алаатоу” таҳти унвони “Саманчини жулу” (“Роҳи каҳкашон”) нашр мегардад. Қиссаро аз забони асл мутарҷим ва нависанда Б. Муртазоев ва Т. Ботурқулов, ки мутахассисини хуби забонҳои тоҷикиву қирғизӣ маҳсуб мешуданд, бо тарҷумаи бисёр олӣ дар рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон”, соли 1963-1964 чоп менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар давраи аввали таърихи тарҷумаи осори адиб ҳикояи бисёр риқатовари нависанда “Дидор” (“Свидание с сыном”), ки мавзӯи он низ Ҷанги Бузурги Ватаниро дар бар мегирад, аз ҷониби Шамси Собир дар маҷаллаи “Садои Шарқ”, соли 1972 нашр мегардад. “Киштии сафед”ва “Баъд аз афсона” (“Белый пароход», “После сказки”) қиссаҳои машҳури дигари нависанда аст, ки дар он диққати бештар ба масъалаҳои муосири ахлоқию фалсафӣ дода шудааст, аз ҷониби нависандаи шинохта Сорбон тарҷума мешавад. Повест пора-пора аввалан дар рӯзномаи “Маориф ва маданият”, соли 1978 аз нашр мебарояд, ки баъдан, соли 1978 дар шакли китоб таҳия мешавад. Муҷаддадан бо таъғйиру иловаҳо ва таҳриру такмил дар соли 1984 чоп мегардад.

Марҳилаи дигари эҷодиёти нависанда аз таълифи романи нахустини вай “Дуроҳаи бӯронӣ” (“Буранный полустанок”) оғоз мегардад. Мавзӯи ин асар дидгоҳи назари нав ва масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосири тамоми сайёраро дар бар мегирад. Вай бо суҳбату сахнаҳои фавқулодда ҷадид ва дар худ синтез намудани насри ривоятӣ, воқеӣ ва фантастикӣ хонандаро ба худ ҷалб намуда, онро беихтиёр сари масоили ҷаҳони муосир андеша рондан водор менамояд. Романи мазкур дар Тоҷикистон хонандагон ва ҳаводорони зиёд дорад ва онро соли 1984 бо исми “Дуроҳаи бӯронӣ”, “Ва аз қарн ҳам тӯлонитар буд он рӯз” Фазлиддин Муҳаммадиев тарҷума менамояд. Асар аввалан, дар маҷаллаи “Садои Шарқ” ва баъдан, ҳамчун китоб соли 1985 дар нашриёти “Ирфон” чоп мешавад.

Қиссаи “Турнаҳои бармаҳал” (”Ранние журавли”) соли 1988 аз ҷониби мутарҷим Б. Абдураҳмонов тарҷума шуд, дар маҷаллаи бачагонаи “Машъал” порчае аз он нашр мешавад. Асар худи ҳамин сол бо қиссаи “Нахустин устод” дар як маҷмӯа бо номи “Нахустин устод”, дар нашриёти “Адиб” чоп мегардад.

Раванди тарҷумаи асарҳои нависандаи қирғиз, ки бештари онҳо бо забони русӣ иншо гардидааст, баъд аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қатъ нагардида, тарҷума ва таҳияи асарҳои адиб аз ҷониби мутарҷимин идома дорад. Марҳилаи дуюми таърихи тарҷумаи асарҳои адиб ба забони тоҷикӣ пас аз чаҳор соли таваққуфи хеш (аз соли 1990 то 1994) муҷаддадан аз соли 1994 шурӯъ гардид. Дар санаи 22-юми июли ҳамин сол дар рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" бобе аз қиссаи "Пораабри сафеди Чингизхон", таҳти унвони "Бандии №97" дар тарҷумаи Низом Қосим нашр мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон Низом Қосимро дар марҳилаи дуюми тарҷумаи осори адиб ба тоҷикӣ ба унвони соҳибиткор шинохт. Аммо дар ин миён боз даҳ соли дигар дар ин самт коре ба сомон намерасад ва баъд аз танаффуси дарозмуддати даҳсола, соли 2004 дар рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" пораи дигаре аз "Пораабри сафеди Чингизхон" дар тарҷумаи Н. Қосим ба ифтихори Рӯзҳои фарҳангии Қирғизистон дар Тоҷикистон аз чоп мебарояд. "Пораабри сафеди Чингизхон"-қисмате аз романи "Дуроҳаи Бӯронӣ" буда, он бо сабабҳои сиёсати даврони ҳукумати Шӯравӣ аз қисмати роман ихтисор гардида, бо тағйир ёфтани сохти ҳукмату ҷомеа он чун китоби мустақил соли 1990 аз нашр мебарояд. Асар дар Тоҷикистон соли 2004 дар нашриёти "Адиб" чоп мегардад.

Мутарҷимини тоҷик баъд аз таснифи ин китоб шурӯъ ба тарҷума ва таҳияи асарҳои адиб менамоянд. Романи "Қиёмат" ("Плаха"), ки соли 1986 чоп гардида буд ва он яке аз асарҳои шоёни диққати миёнаи солҳои 80-уми асри ХХ ҳисобида мешуд, дар маҷаллаи "Садои Шарқ"(2005) ба тарҷума ва бо муқаддимаи Истад Қосимзода, таҳти унвони "Қиёмат" интишор мешавад. Боиси тазаккур аст, ки асар бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2006 чун китоби мустақил ба табъ мерасад.

Шоир ва мутарҷими шинохтаи тоҷик Ҳикмат Раҳмат дар амри тарҷумаи осори адиб ба забони тоҷикӣ пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамаре анҷом додааст. Бо эҳтимоми ин адиб романи "Вақте ки кӯҳҳо суқут мекунанд", "Арӯси абадӣ" тарҷума гардидааст. Барои аввалин бор порае аз он таҳти унвони "Арӯси абадӣ" бо исми "Вақте ки кӯҳҳо фурӯ мерезанд" дар рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" соли 2008 ба табъ мерасад, ки он соле баъд (2009) бо такмилу таҳрир бо номи "Вақте ки кӯҳҳо суқут мекунанд"; "Арӯси абадӣ" дар маҷаллаи "Садои Шарқ" нашр мешавад. Бояд гуфт, ки асари мазкур ҳамчун китоби мустақил ва мукаммал дар нашриёти "Адиб" дар арафаи чоп қарор дорад.

Қисса аз "Киштии сафед"…, "Модаргавазн" ("Мать-олениха") ва "Чипалак" ("Мальчик с пальчик"), ки Чингиз Айтматов онҳоро дар пайравии афсонаҳои мардумӣ навиштааст, аз ҷониби тарҷумон Абдуғаффори Партав соли 2010 ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, дар як маҷмӯа "Чипалак-Модаргавазн" нашр мегардад.

Адабиётшиноси тоҷик Муртазо Зайниддинов соли 2010 китоби "Ёде аз бузургон"-ро тасниф мекунад, ки дар он тарҷума, таҳия ва мусоҳибаҳо бо шахсиятҳои шинохтаи муосир ҷой дода шудааст. Муаллиф қисмате аз хотироти адиб - "Ёддоштҳои ман"-ро аз забони русӣ тарҷума намудааст, ки дар шинохти шахсияти нависанда бисёр ҳам муҳим аст.

Рустами Ваҳҳоб дар китоби хеш "Адабиёт ва фарҳанги миллӣ", ки онро соли 2011 менигорад, мақолотеро оид ба шахсият ва ҳайсияти адабии Ч. Айтматов "Бедории виҷдони замон (ба муносибати даргузашти Чингиз Айтматов)" ва "Бозгӯ аз достони "Манқурт" аз романи "Рӯзест дарозтар зи қарне" ва ҷуз ин достони "Манқурт"-ро низ тарҷума намуда, ҷой додааст.

Дар таърихи 27. 07. 2013 бахшида ба 85-солагии адиб Чингиз Айтматов дар саҳифаи рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" ривояти "Акбара", дар тарҷумаи Ҳикмат Раҳмат ба табъ мерасад. Ҳамчунин, Ҳикмат Раҳмат маҷмӯаи "Ривоятҳо"-ро тартиб додааст, ки таркиби онро тарҷумаҳои ҷадид ва асарҳое, ки пештар нашр гардида буданд, дар бар гирифтааст. Дар он ривояти "Акбара", "Қарагул" ва "Арӯси абадӣ" дар тарҷумаи Ҳикмат Раҳмат, "Момогавазн" дар тарҷумаи Сорбон, "Ривоят дар бораи мурғи Доненбой" ва "Суруди ошиқона" дар тарҷумаи Ф. Муҳаммадиев ҷой дода шудааст. Маҷмӯа дар нашриёти "Маориф" дар арафаи чоп аст.

Аз ин тавсифот метавон чунин натиҷа гирифт, ки осори адиб ҳанӯз аз солҳои 60-уми асри ХХ ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, минбаъд чун ҷузъе аз афкори адабии тоҷик мақому манзалати вижа пайдо кардааст, зеро дар замони Шӯравӣ сатҳ

ва савияи робитаҳои адабӣ зиёд рушду нумӯ ва тараққӣ карда будааст ва ин далел омили муҳимме буд барои тарҷумаи осори бадеии адиб дар муҳит ва афкори адабии Тоҷикистон. Ҳамин тариқ, тарҷумаи асарҳои адиб, ки баъзе онҳо хусусияти тақвимиро доранд ва аҳли қалам аз ӯ ва осораш ҳамин тариқ таҷлил намудаанд, яке аз роҳҳои вуруди осори нависанда ба муҳити адабии тоҷик маҳсуб меравад. Дигар ин ки бо ташаббуси инфиродии баъзе аз адибони тоҷик то ба имрӯз хонандаи тоҷикзабон имконоти мутолиаи шоҳкориҳои носирро дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Давронов А. У. Равобити халқҳои тоҷику арман / А. У. Давронов– Душанбе: Адиб, 2008. – 328 с.
2. Айтматов Ч. А. Ҷамила: Повест / Ч. А.Айтматов – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. –70 с.
3. Айтматов Ч. А. В соавторстве с землею и водою… Очерки, статьи, беседы, интервью / Ч. А. Айтматов– Ф: Кыргызстан, 1978. – 408 с.
4. Айтматов Ч. А. Статьи, выступления, диалоги, интервью / Ч. А Айтматов. – М.: Изд-во Агенства печати Новости, 1988. – 384 с.
5. Айтматов Ч. А. Роҳи каҳкашон. / Ч. А. Айтматов– Душанбе: Ирфон, 1965. – 463с.
6. Арагон Луи. Самая прекрасная в мире история о любви: (Предисл.) // Ч.Айтматов “Джамиля” /Луи Арагон – Ф., 1988. – 340 с.
7. Гачев Г. Д. Чингиз Айтматов (в свете мировой культуры) / Г. Гачев Д. – Ф.: Адабият, 1989. – 488 с.
8. Зайниддинов. М. Ёде аз бузургон / М.Зайниддинов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 95с.
9. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С.Табаров – Душанбе: Ирфон, 1984. – 400 с.

ИЗ ИСТОРИИ ПЕРЕВОДА ПРОИЗВЕДЕНИЙ ЧИНГИЗА АЙТМАТОВА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Статья посвящена истории перевода художественных произведений известного киргизского писателя Чингиза Айтматова на таджикский язык. Автор разделяет периоды переводов произведений писателя на таджикский язык на два конкретно-исторические периоды: период Советского Союза и период после приобритения независимости Таджикистана.

Ключевые слова: Чингиз Айтматов, перевод, переводчики, период переводов, литературные взаимосвязи, русский язык, таджикский язык, качество перевода.

FROM HISTORYOF TRANSLATION OF CHINGIZ AITMATOV’S WORKS IN TAJIK LANGUAGE

The article is focused on history and particular events of translation of Chingiz Aitmatov’s popular work into Tajik language. The author divides history of translation of his work in two definite historic periods. These periods are the Soviet period and the post-Soviet period when his work was translated into Tajik language.

Key words: Literature, interrelated literature, translation, translator, writer, work, the Tajik Language, the Russian Language, accurate translation, comparison, the Soviet period and the Post-Soviet period.

Сведения об авторе: ***Бобоалиева З.П.***- аспирантка ТГИЯ им. Сотима Улугзода.
Телефон: **(+992 37) 2325000; 2325003; (+992) 93-409-81-91.** Электронная почта: **zebosh@list.ru**

ШАХСИЯТИ ИҶТИМОИИ ЗАН ДАР ҚИССАҲОИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Н.Шоева
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Ба назари мо Ҷалол Икромӣ ҳанӯз бо таълифи «Тирмор» (ин қисса нахустин бор солҳои 1931- 1932, 1934 дар саҳифаҳои маҷаллаи «Роҳбари дониш» ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шуда буд) мавқеияти иҷтимоӣ ва ҳунариашро дар масъалаи тасвири симои зан эълон дошта буд, ки намунаи «созиш додани истеъдоди фитрӣ ва талабҳои замон» [6, 128] мебошад.

Ҷалол Икромӣ дар аввалин қиссааш маҳораташро дар тасвири ҳусусиятҳои шахсӣ ва равоншиносии фардӣ зоҳир кард, вале равоншиносии иҷтимоии шахсиятҳои қисса (на фақат «Тирмор») дар сабки нигориши ӯ сирфан тобеи таблиғот ва идеологияи ҳизбӣ буд. Ба ин васила нависанда тавонист, масъалаи куҳна ва навро дар матни ҳузури зан дар ҷомеаи навин ба миён гузорад. Чунонки Абдухолиқ Набиев дуруст пай бурдааст, «Ҷалол Икромӣ боқимондаҳои замони гузашта (Қутбия, Камол, Ҳикмат) ва намунаи одамони нави муборизи ҷомеаи сотсиалистӣ (Саида ва Сангин), дар маҷмӯъ ғалабаи «нав» бар «куҳна»- ро тасвир кардааст. Вале аз ин асар

на танҳо муборизаи табақот, балки такмили ҳунари нависандагии Икромӣ, бахусус дар тасвири хуву ахлоқи инсон ва ҷиҳатҳои равонии он ҷолиби диққат аст» [6, 128].

Қиссаи «Тирмор» соли 1934 чоп шуд, вале ин асарро Ҷалол Икромӣ хеле пештар навишта будааст. Ӯ менависад: «Дар Бухоро повести «Тирмор»- ро навиштам. Ин дар журнал чоп нашуд (худи журнал набуд, чоп нашуда монд), китоб шуда баромад» [5, 133].

Ҷалол Икромӣ дар замоне ба тасвири симои зан таваҷҷуҳ кард, ки масъалаи озодии занон ҷузъи муҳимми фаъолияти таблиғотии идораҳои давлатӣ, аз ҷумла Иттиҳодияи нависандагон, афроди ҷудогона ва адибон ба ҳисоб мерафт. Тасвири ин мавзӯъ як навъ зоҳирбиниро низ дар адабиёт ривоҷ дод ва боиси ба миён омадани асарҳои зиёди манзуму мансури шиоргуна гардид. Ин қабил адибон бештар зоҳири рӯйдодҳоро ба қалам медоданд. Ба ҷараёнҳои муҳим ва ботинии масъала диққат намедоданд ё вобаста ба вазъи идеологии ҳукмрон худро намехостанд дар бало бимонанд. Аз ин ҷиҳат нависандагони мо вобаста ба мавзӯи ҳузури зан дар адабиёт моҳияти замони таърихӣ ва фарҳангиро падид оварда натавонистанд. Ҳузури зани озод дар адабиёт ҷойи андеша ва ҷустуҷӯро барои тафаккури қолабию сиёсӣ холӣ кард.

Қалами Ҷалол Икромӣ дар солҳои сӣ ҳанӯз қувват нагирифта буд ва осори навқаламию камтаҷрибагӣ аз навиштаҳояш равшан ба назар мерасид ва нигоҳаш ба воқеият амиқ набуд. Бинобар ин, аксаран назари табақотӣ майдони озоди ҳунарро барои ӯ танг мекард. Бештар шахсияти иҷтимоӣ мавриди назараш буд. Ба ифодаи М.Шакурӣ: «Ангезаҳои фикру ҳисси инсонро танҳо аз иҷтимоиёт, танҳо аз манфиатҳои табақотӣ меҷӯст, монанди ҳама пайравони реализми сотсиалистӣ ва аксари нависандагони шӯравӣ ихтилофоти зиндагониро асосан, ихтилофоти синфӣ мепиндошт ва биниши яктарафа дошт» [10, 292]. Ин тамоюл дар тасвири симои зан низ имкониятҳои эҷодии нависандаро дар он солҳо маҳдуд карда, боиси яксӯнигарии ӯ шудааст. Ин сухан чунин маъно надорад, ки нависанда дар тасвири симои зан аз воқеият дурӣ ҷӯстааст. Не. Дар тасвири шахсияти зан Ҷалол Икромӣ асосан ба воқеияти сиёсию иҷтимоии он солҳо назар доштааст. Аз ҷумла, шахсияти зани қиссаи «Тирмор» низ маҳсули мушоҳидаҳои бевоситаи ҳаётии ӯ будааст. Дар ин бора Ҷалол Икромӣ навиштааст: «Ин асар натиҷаи муоина ва таассуроти ҳаётие, ки бевосита худам аз матбаа ва зиндагӣ гирифта будам, ба майдон омад» [4].

Воқеан ҳам, нахустин ҷойи кори нависанда чопхонаи Бухоро будааст ва дар навиштани қиссаи «Тирмор» вай аз воқеияти онзамонии кору зиндагиаш истифода кардааст. Як ишораи нависанда ба мо мегӯяд, ки вай дар офаридани шахсиятҳои асараш аз одамони воқеие, ки он замон дар матбаа бо ӯ кор мекардаанд, нусха гирифта будааст. Нависанда ба «одами нопок» будани мудири матбаа таъкид мекунад, ки ин мушоҳидаи табиист. Аммо дар тасвири бадеии ӯ ин «нопокӣ» ҷанбаи табақотӣ мегирад. Ин тарзи тасвир ва диди синфиятгароии нависанда дар тасвири симои занон низ барало зоҳир шудааст.

Ҷалол Икромӣ аз содиқтарин нависандагони тоҷик аст, ки ҳанӯз ибтидои солҳои сӣ бо тарсими дидгоҳҳои тозаи мувофиқ бо мавқеияти ҳизбу давлати шӯравӣ дар офаридани образи зан аз нависандагони комёб ҳисоб мешуд. Албатта, то нашри қиссаи дигараш «Зӯҳра» (1940). Бо эҷоди повести «Тирмор» нависанда «супориши иҷтимоӣ» - и ҳизбу давлатро иҷро карда, мазмуну муҳтавои қиссаи «Тирмор»- ро саршори «даъватҳои ҳизбӣ» кард. Ғояи асар аз мазмуни чунин «супориши ҳизбӣ ва иҷтимоӣ»- и ҳизб маншаъ мегирифт: «Ҳизб, ки аз манфиатҳои табақотӣ ҳимоя мекунад, дар матбуот он чиро чоп мекунад, ки ба хостҳои синфии вай зиён наоварад. Бадбахт касест, ки ба тарзи дигар меандешад. Шикасти иҷтимоии ӯ, барои ҳар касе, ки бо ин андеша ошност, таъмин аст» [1, 533].

Ҷалол Икромӣ ба тасвири симои занон дар қиссаи «Тирмор» яке аз супоришҳои иҷтимоии ҳизб-таблиғи озодии занон, бахусус табааи пешқадами ҷомеа- занони коргарро амалӣ кард. Бинобар ин ҳам, он чӣ ки ба сари қиссаи «Зӯҳра» ва муаллифи он омад (поёнтар дар ин боб сухан хоҳем кард), ба сари «Тирмор» наомад. Қисса дар доираҳои расмӣ ва адабӣ истиқболи самимӣ ёфт.

Нависанда дар қисса симои занро дар заминаи ихтилофоти табақотӣ ба тафсири бадеӣ пардохта, аввалин бор образи зани коргари тоҷикро ба вуҷуд овард. Ин хости ҳизб буд, зеро синфи коргар поядори ҷомеа ба назар меомад ва маҳз синфи коргар коммунистонро сари қудрат овард. Бинобар ин, ҳизбу давлат ба табақаи коргар имтиёз қоил буд. Ҷалол Икромӣ ҳамин ормони ҳизбро амалӣ сохт.

Ҷалол Икромӣ дар тасвири симои инсонии зан танҳо нақши иҷтимоию ахлоқии онро маҳаки тасвир қарор дод. Назари ӯ оид ба ин масъала ба дидгоҳҳои сиёсии пайванди инсон бо воқеияти иҷтимоӣ такя дошт, ки инсони тасвиркардаи ӯ дар миқёси иҷтимоӣ чеҳраи иҷтимоӣ буд. Дар миқёси равоншиносӣ тип ё шахсият шинохта мешуд. Мутаассифона, дар таҷрибаи Ҷалол Икромӣ миқёси дуюм ба инобат гирифта нашудааст, ки боиси заъфи бадеии асар шудааст.

Қиссаи «Тирмор» аз чаҳор қисм иборат буда, қисми аввал «Ҷавонони меҳнатӣ», қисми дуюм «Оғоз», қисми сеюм «Кӯр кӯрро дар шаби торик ёфтааст» ва қисми чаҳорум «Ислоҳоти замин сар мешавад» номида шудааст.

Ҷалол Икромӣ дар асар ҷараёни ташаккули шахсияти типи нави зани тоҷикро, ки аз бандҳои куҳна озод шуда, баробари мардон дар истеҳсолот (чопхона) кор мекунад, бо камоли диққат офаридааст. Аз нахустин саҳифаҳои қисса нависанда ба шахсияти Саида таваҷҷуҳи хос дорад ва сурати Саидаро бо самимият чунин ба қалам медиҳад: «Саида як духтари бист ва ё бистуяксола ба назар менамуд. Дар аснои кор вай ногоҳ- ногоҳ мӯҳои парешони худро аз болои чашми сиёҳ ва ҷозибадор боло карда, мемонд ва боз ба берун кардани ҳарфҳои ғалат афтода ва дохил намудани ҳарфҳои матлуб мекӯшид. Ангуштони моҳири ӯ барои нигоҳ доштан ва гузоштани ҳарфҳои қурғошим бисёр тез ҳаракат мекарданд. Вай сабзина, пайвастаабрӯ ва миёнаҚад буд» [3, 27].

Ҷалол Икромӣ бо офаридани образи занон дар ин асар чанд ҳадафро дунбол мекард:

-«супориши иҷтимоӣ»- и ҳизбро иҷро карда, «даъватҳои ҳизбӣ»- ро ба воситаи хидмати адабиаш дар амал иҷро мекунад.

-масоили навини занон ва пойгоҳи онҳоро дар ҷомеа матраҳ ва муаррифӣ намуд.

-таҳаввулоти иҷтимоиро дунбол кард.

-Бо ироаи шахсияти иҷтимоии зан мавқеи онро пуштибонӣ намуд.

Майли синфиятгароии муаллиф гоҳ дар тасвири ӯ ба зеҳнияти қаҳрамон ба дараҷае нуфӯз мекунад, ки ҳама чиз дар нигоҳи шахсияти офаридаи ӯ тааллуқоти табақотӣ пайдо мекунад. Барои тайиди ин назар пораи зеринро иқтибос мекунем: «Саида ба осмон нигоҳ карда, баъд аз он назари худро ба сӯйи арк тофт: дар он шаб вай бо ҷасади пӯсида ва устухонҳои шикастаи худ ба назар равшан менамуд. Кунгураҳои чиркини ӯ, ки як вақтҳо ҷиноятҳои ҳокимияти амирро аз «поён» мепӯшид, акнун фатарот шуда, рехта, девори он «бинои» ваҳшат фурӯ рафта, чӯкида, умуман, ҳайати он муҷассама монанди каллае, ки дандонҳояш рехта бошад, ба назар менамуд. Саида аз он манзараи берӯҳ назари худро ба зуддӣ канда ба поён нигоҳ кард: дар поён бинои сангин- истгоҳи электрик баланд шуда буд, ки дар дар болои боми он як ситораи сурхи электрикӣ барқ мезад. Аз он садои гаштани мошинаҳо ва

қир- қири оҳан ва фӯлодҳо ба гӯш мерасид. Симҳои фӯлодин аз он бино берун ба чор тарафи шаҳр паҳн шуда буданд» [3,28].

Дар тамоми қисса, аз ҷумла тасвири сарнавишти занон нависанда ба бознамоӣ кардани аносири зоҳирии воқеияти зиндагӣ, кор ва робитаи ӯ бо атрофиён мепардозад. Шояд, яке аз сабабҳои сустии балоғат ва фасоҳати қисса дар ҳамин ниҳон бошад. Дар он рӯзгор, ки Ҷалол Икромӣ ин асарро навишт ва ба тасвири симои Саида - аввалин зани коргари тоҷик пардохт, танҳо тавонист, ки аксе аз воқеият таҳия кунад. Мо намегӯем, ки вай тафовути байни ашё ё воқеияти дунёи хориҷ ва тасвири бадеии онро намедонист. Шояд, инро нависанда дарк мекард, вале сиёсати воқеиятгароӣ дар адабиёт нависандаро аз кашфи дунёи дарунии инсон, таҷрибаҳо ва андешаҳои бадеъ канор медошт. Ҳол он ки «ҳунар» ба масобаи шакли хосе аз фаъолияти маънавӣ ва фикрии башар ва намоиши нерӯманде аз қудратҳои халлоқи одамӣ, бо ин ки дар ниҳоят аз воқеият муштоқ мешавад, то андозае аз он мустақил аст» [9, 128].

«Супориши иҷтимоӣ» ва «даъватҳои ҳизбӣ» тафаккури бадеии Ҷалол Икромиро дар шинохти сурат ва сиришти зан муайян кард. Саида ва Қутбияро ӯ аз матни таърих ва фарҳанги меросӣ бо хости худаш, ки тобеи дижи идологӣ буд берун овард ва шахсияти мақбули замон сохт. Бинобар ин, сабаб дар тарсими сурату сират ва шахсияти Саидаю Қутбия фақат аз шарҳ ва тавзеҳи мустақил ёрӣ гирифта, ба ин васила он чӣ ба худаш ва дижи идологӣ маъқул будааст, ҳамонро офаридааст.

Ҷалол Икромӣ зани тоҷикро аз муҳити таассуб ва ҷаҳолат берун. оварда, ӯро ба чопхонае бурд, ки худаш низ он ҷо кор кардааст. Дигар меъёрҳои суннатии «китоби офариниш, ки занро фармонбардор ва зердасти мард хостааст» [2, 239] ва калисо аз ин фаротар рафта, «занро бо мард шайтон баробар» [2, 239] кардааст, барои нависанда ва қаҳрамони ӯ - Саида ҳеҷ арзише надорад. Ормони нависанда, ки ормони қаҳрамонзани ӯ низ ҳаст, фақат ба нақши иҷтимоӣ ва иқтисодии зан- Саида таъкид мекунад.

Дар тасвири озодии амалу кирдори Саида, ки дар Бухорои ибтидои солҳои сӣ мегузарад, нависанда ба ҳадде озод аст, ки пораи зерро хонда гумон мекунӣ, ки нависанда муносибати танготанги духтарони рӯзҳои моро тасвир кардааст:

«Ӯ (Сангин - шарҳи мо) ба оҳистагӣ аз паси вай (Саида – шарҳи мо) омада, аз чашмаш маҳкам гирифт. Саида ҳарчанд зӯр зад, аммо чашми худро аз дасти Сангин халос карда натавонист ва ҳарчанд мегуфт, ки – Кист ин?..», ҳеҷ ҷавобе намешунид. Ниҳоят, милисае, ки дар он ҷо дар таҳти дар посбонӣ мекард, садо баровард:

- Худатон ёбед, канӣ кист? Саида камтар фикр карда:

- Ака Сангин!- гуфт. Сангин дасти худро аз чашми вай гирифт» [3, 28]. Баъд, нависанда чӣ гуна дасти Саидаро гирифта, аз зинаҳо фуруд омадани ин дуро тасвир мекунад.

Албатта, мо аз ин қиссаи Икромӣ, алалхусус ҳузури зан дар он чизеро интизор надорем, ки аз таърих ва шарҳиҳолнависӣ талаб карда мешавад. Меъёри санҷиши саҳеҳ ё нодуруст будани ҳаводиси қисса бо рӯйдодҳои таърихӣ, албатта, яксон нест, вале чун амиқтар таваҷҷуҳ кунем, дармеёбем, ки ҳақиқатмандӣ дар батни ҳаводиси қисса, бахусус сарнавишти Саида вуҷуд дорад, на берун аз он.

Воқеан ҳам, «ҳақиқати ҳунарӣ сирфан чизеро, ки вуҷуд дорад, баён намекунад, балки чизеро баён мекунад, ки ба унвони таҷаллии қавонини тағйирнопазири зиндагӣ метавонад вуҷуд дошта бошад. Ҳақиқати нуҳуфта дар имиҷи ҳунарӣ натиҷаи типсозӣ аст. Бидуни таъмим, ҳунар наметавонад бо зиндагӣ татобиқ дошта бошад, интибоқи натуриалистии имиҷ бо воқеият сабаб мешавад. Маънии амиқи ҳақиқат канор гузошта шавад, ҳақиқат аз даст меравад ва тақлиди ҳақиқат боқӣ мемонад» [7, 119].

Он чизе, ки чеҳраи Саида ва Қутбияро маҷҳул кардааст, кайфият аст, ки дар аъмол ва шахсияти онҳо вуҷуд надорад. Ба ифодаи М.Шакурӣ ин тарзи тасвир «гоҳ ҳаққонияти ҳаётии асарро кам карда, дар тасвир унсурҳои маснубият ворид овардааст» [10, 293].

Бо вуҷуди ин Икромӣ тавонистааст, пораҳое аз ҳақиқати сарнавишти занони тоҷикро дар симои Саида ва Қутбия таҷассум кунад. Ин ду зан дар сарнавишти худ фарозу фуруди зиндагии зани тоҷикро дар солҳои сӣ ифода мекунад, ки рӯ ба истиқлоли инсонӣ дошт. Ҳарчанд ғаразмандони сиёсӣ иҷоза надодааст, ки нависанда ба аъмоқи қалб ва ҳисси ин занони нав сар фурӯ барад, вале тавонистааст, «зисту маишати мардум, шароити кори онҳо дар чопхона, баъзе ҷузъиёти ислоҳоти замин дар деҳоти Бухоро, муомилаю муносибати одамон байни худ»- ро «хеле наздик ба ҳақиқат» тасвир кунад.

Рӯҳи замони дигаргуниҳо ва сарнавишти ҳанӯз бо пуррагӣ номаълуми занон дар шахсияти Саида ва Қутбия таҷассум ёфтааст. Нависанда аҳён - аҳён ба рӯҳи қаҳрамононаш, аз ҷумла занон нуфӯз пайдо мекунад ва ҳамроҳи онҳо, ба он чӣ ки аз сари занони коргар мегузарад, ҳамдилӣ мекунад. Ин ҳолати қаҳрамон дар бахши «Навиди хурсандӣ» бо камоли ҳунар тасвир шуда, нависанда бо роҳи нуфӯз ба рӯҳи қаҳрамон ба ошкор сохтани моҳияти шахсияти Саида ва Қутбия комёб мегардад. Чеҳраи иҷтимоии Саида дар муқобили Қутбия, ки «як савдогардухтар», «як духтари ҳарзагард» аст, равшантар зоҳир мешавад.

Ҷалол Икромӣ бо тасвири масъалаи озодии зан дар ин асар назарияи таҳқиромезеро, ки дар ноҳияи истеъдодҳои рӯҳонию маънавии зан вуҷуд дошт, пушти по мезанад. Нависанда интихоби озоди шавҳарро мекард, ки дар сарнавишти занон нақши муҳим дорад.

Чунонки ишора ҳам шуд, тафаккури бадеии ҳам Айнӣ ва ҳам Икромӣ дар дарк ва таҷассуми бадеии сарнавишти зан дар заминаи адабиёти фармуда шакл гирифта, ин ҳодиса дар баъзе мавридҳо рахна ба асолати офаридгории эҷодӣ ворид карда бошад ҳам, минбаъд ба рушди мусбати ин ҷараён мусоидат кардааст.

Муборизаи куҳнаву нав дар шинохти ҳуқуқи инсонии занро Ҷалол Икромӣ дар ин қисса асосан, ба василаи симоҳои Саида ва Қутбия нишон дода, ба ин васила ба моҳияти нобаробарии иҷтимоӣ талмеҳ мезанад, ки таъкиди шарофати инсонии зани тоҷик аст.

Устод Айнӣ ва Ҷалол Икромӣ ба василаи симоҳои занон дар қиссаҳои худ дар адабиёти тоҷик симои комилан нави шахсияти иҷтимоиро ба вуҷуд оварданд, ки минбаъд дар роҳи таҳаввули диди иҷтимоии нависандагони тоҷик камтаъсир набудааст.

Ба ин маънӣ дар мисоли қиссаҳои аввалини тоҷикӣ метавон хулоса кард, ки дар онҳо нависандагон дар баробари талошҳои табақотии гурӯҳҳои иҷтимоӣ аҳволи нафсонии зан, аз қабили ҳасодат, гумон, нафрат ва интиқомро низ тасвир кардаанд. Ҳам Айнӣ ва ҳам Икромӣ дар қиссаҳояшон тазодҳои ҷомеаи инсониро дар контексти бархӯрди ошкорои қувваҳои ба ҳам зидди ҷамъият нишон додаанд, ки гаҳ- гоҳ дар ин замина ба мураккабӣ ва зиддиятҳои ботинии занон, ки бештарин ҳолат ҷанбаи табақотӣ дорад, диққат додааст.

Ҷалол Икромӣ консепсияи тасвири шахсияти иҷтимоии занро идома дода, соли 1959 қиссаи «Тори анкабут»-ро навишт, ки дар бораи бадкирдориҳои душманони инқилоб нақл мекунад. Дар ин қисса Лутфия ҳамчун нақши меҳварӣ ҷойгоҳи хос дошта, нависанда ба воситаи ин образ тавоноии нерӯи ишқи занро бо сароҳат нишон додааст. Ин қисса ба замони таълиф дар қатори аввалин қиссаҳои тоҷик надарояд ҳам, бо мавзӯъ ва тарзи ҳалли он ба ҳамин силсила мепайванданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бабель А. Женщина и социализм/ А.Бабель. – Москва: Гос. издательство политический литературы. – Москва, 1959.
2. Ибн - ал -Муқаффаъ. Китоб -ул- адаб- ас- сағир ва китоб -ул-адаб ал-кабир. Бейрут, 1960.
3. Икромӣ Ҷ. Асарҳои мунтахаб/ Ҷ.Икромӣ,– Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷилди якум. – С. 25 –160.
4. Икромӣ Ҷ. Меҳнат ва коргарро мадҳ мекунем/ Ҷ.Икромӣ //Маориф ва маданият. – 1972. – 25 ноябр.
5. Икромӣ Ҷ. Он чи аз Сар гузашт/ Ҷ.Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009.
6. Набавӣ А. Марди ҳунар ва ҷомеаи худкома. Посдорони насри муосири тоҷик / А.Набавӣ // Маҷмӯаи мақолаҳо ба ифтихори 100-солагии Нависандагони халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил ва Ҷалол Икромӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.
7. Овенрзис. Пояҳои ҳунаршиносии илмӣ/ Овенрзис; тарҷумаи К.М. Пайванд. – Теҳрон, 1360.
8. Сатторӣ Ҷ. Симои зан дар фарҳанги Эрон/ Ҷ.Сатторӣ. – Теҳрон: Марказ, 1373.
9. Сучков Б. Таърихи реализм/ Б.Сучков; тарҷумаи Муҳаммадтақии Фаромарзӣ. –Теҳрон: Тундар, 1362. Ба нақл аз: Ҷамоли Мирсодиқӣ. Аносири наср. –Теҳрон: Шифо, 1367.
10. Шукурӣ М. Рӯҳшиноси ҳиссиётпарвар. Нигоҳе ба адабиёти тоҷик дар садаи бист/ М.Шукурӣ. – Душанбе, 2002.–С. 284 – 377.

ЖЕНЩИНА КАК СОЦИАЛЬНАЯ ЛИЧНОСТЬ В ПОВЕСТЯХ ДЖ. ИКРАМИ

Первые таджикские повести, в которых изображались образы женщин, отражали такие качества как трудолюбие, целомудренность, верность семейным традициям и т.д. В повестях Дж. Икрами эти образы описаны с большой любовью и симпатией.

Ключевые слова: Дж. Икрами, повесть, литература, контекст, общество, женщина

WOMAN AS A SOCIAL IDENTITY IN NOVELS OF J.IKROMI

The first novels Tajik portrayed images of women, reflected such qualities as generosity, chastity, faithfulness to family traditions, and etc. In the novels of J. Ikromi these images drawn with great love and sympathy.

Key words: J. Ikromi, novels , literature, context, community, a woman.

Сведения об авторе: ***Шоева-*** соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 919 02 63 12.**

НАЗАРЕ БА ВИЖАГИҲОИ АШЪОРИ АРАБИИ ХОҚОНӢ

М. Б. Шарифова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хоқонии Шервонӣ дар таърихи адабиёти форсию тоҷикӣ чун суханвари ихтироъкор бо шеваи баёни ба худ хос, ки собиқа надошт, шуҳрат дорад. Ӯ аз зумраи он суханворонест, ки аз улуми роиҷи замонааш вуқуфи комил дошт, донандаи хуби забони арабӣ ва адабиёти араб, улуми адабӣ, луғат, «Қуръон»-у ҳадис, достону қиссаҳои анбиё буд ва ҳамаи ин маърифатро ӯ назди амакаш Кофиуддин Умар ибни Усмон, ки марди ҳаким, табиб ва файласуф буд, фаро гирифтааст.

Тавре аз таърихи адабиёти форсиву тоҷикӣ маълум аст, аз нимаи дуюми садаи ёздаҳуми мелодӣ шеъру адаби форсӣ зери таъсири адабиёту балоғати арабӣ қарор гирифт. Табъозмоӣ бо забони арабӣ ва аз фарҳангу осори арабӣ истиқбол кардан як навъ фазилати суханварӣ маҳсуб мешуд. Худи Хоқонӣ дар қитъае шоири маъруфи аҳди Ғазнавиён Унсуриро барои бархурдор набуданаш аз фарҳанги арабӣ таъна задааст:

Адибу дабиру муфассир набуд,
На Саҳбон ба урфи забон Унсурӣ [8, 927].

Дар байти мазкур Хоқонӣ шоири маъруфи араб Саҳбони Воилро дар назар дорад, ки яке аз маддоҳони паёмбари ислом буд. Ё ҷойи дигар аз таҳсилаш назди амакаш Кофиуддин ёдовар шуда, менависад:

Чун дид, ки дар сухан тамомам,
Ҳассони ҷаҳон ниҳод номам [8, 13].

Ин ҷо ишора ба шоири араб Ҳасони Собит кардааст.

Чунин тамоюли шоирони форсигӯ ба адабиёти араб аз як тараф ба хотири табъозмоӣ бошад, аз дигар ҷониб таъсири ин адабиётро дар ташаккули адабиёти мо ошкор месозад, ки масъалаи мазкур то кунун дар илми адабиётшиносӣ таҳқиқ нашудааст.

Бо баррасии осори Хоқонӣ чунин дармеёбем, ки ӯ забон ва адабиёти арабиро хело хуб аз худ намуда, илмҳои арабиро ба дараҷаи аъло омӯхтааст ва дар осораш аз он мутаассир шудааст. Асарпазирии Хоқонӣ аз адабиёти арабӣ ба шаклҳои гуногун дар осораш ҷилвагар аст, ки хулосаи он чунин аст:

Бо баррасии дақиқ шумораи абёти арабии Хоқонӣ ба 547 байт мерасад, ки 484 байти онро маҷмӯаи ашъори арабӣ ташкил медиҳад ва 63 байти он дар хилоли ашъори форсӣ аст. Илова бар ин теъдоди 16 байти муламмаъ дар ашъори форсӣ дида мешавад [7, 13-18].

Намуна барои муламмаъ:

Яҳё сифот буд чу ёсин ва хасми ӯ,
Ман юнкирул-муҳаймин он юҳй ал-изом [8, 84].

Сурудани абёте, ки дар ду мисраи он танҳо як калимаи форсӣ вуҷуд дорад:

Қунути ман, ба намози ниёз дар ин аст,
Ки «офино ва қино шарра мо қазайта лано» [8, 103].

Сурудани абёте, ки дар ҳар байт нисфаш мисраи арабӣ аст:

Мурғи замири маро васият анқост,
Ё Лак мин булбулин Салои Сифаҳон [8, 254].

Истифода аз оёти Қурон, ки ба ду сурат дар ашъор дида мешавад:

а) талмеҳ:

Сухан бар бикри табъи ман гувоҳ аст,
Чу бар эъҷози Марям нахли хурмо [4, 64].

Ин байт ишора дорад ба оёти 23 то 25-и сураи 19-уми Қуръон

б) иқтибос:

Танг омада аст «зулзилатул-арз» ҳийн бихон
Бар молҳо «ва қола-ал инсону мо лаҳо»[8,560]

Истифода аз аҳодисе, ки ба ду сурат дар ашъор дида мешавад:

а) талмеҳ:

Бар номада сапедаи субҳи азал ҳанӯз.
Ку бар сияҳи сапедаи абад буда пешво [5, 13]

б) иқтибос:

«Ҳуффат-ул-ҷанна» ҳама роҳи биҳишт омад хор,
Пас хористон, гулзори таманно бинад.
«Ҳуффат-ун-нор» ҳама роҳи сақри гулзор аст,
Боз, хористон саросари саҳро бинанд [8, 304].

Дар ду байти мазкур сухане аз Расули акрам (с) гуфта шудааст, ки фармуд: «Ҳуффат-ул-ҷанна билмакориҳ ва ҳуффатуннор бишшаҳавот»

Истифода аз шеъри араб:

Зад «қифо набки»- ро қифои нек,
Ва Имрулқайсро фиканд аз кор [8, 589].

Ин байт ишора дорад ба байти оғози ин қасидаи Имрулқайси шоири ҷоҳилӣ:

Қифо набки мин зикри ҳабиби ва манзи ли,
Бисиқти лива байнад-Дахули фаҲавмали [2, 2].

Истифода аз зарбулмасалҳои арабӣ, мисол:

Кардам итноб ва гуфтанд мисол,
«Ҳотиб-ул-лайли мутнаб миксор».[8, 204]

Ишора дорад ба зарбулмасал: «ал-миксору ҳотибул-лайл» пургӯ монанди ҳезумкаши шабона аст, яъне ҳамон гуна, ки ҳезӯмкаш дар шаб хубу бад ва тару хушк ҳезумро намефаҳмад ва ҳар чи ки ба дасташ ояд, ҷамъ мекунад ва мебандад, пургӯй низ чунин аст, ки ба маъно доштан ва ё надоштани сухан таваҷҷуҳ надошта, ҳарчи ба забонаш ояд, мегӯяд.

Хоқонӣ дар ашъори форсии худ бисёр вожаҳои арабиро истифода кардааст. Бо далели ин ки бо забон, адабиёт ва фарҳанги арабӣ хуб ошно буд, бо боварии комил метавон гуфт, ки ин вожаҳо бе заҳмату мушкилие аз забонаш ҷорӣ шудааст.

Ашъори арабии Хоқонӣ аз ҷиҳати миқдору сифат дар ҳолате қарор гирифтааст, ки назари ҳар пажуҳишгареро ба худ ҷалб мекунад ва то андозае, ки онро нодида гирифтан, мавриди баррасӣ қарор надодан ва аз муҳтавои он бехабар будан ғайриимкон аст. Ашъори арабии вай ба сурати қасида, қитъа ва дубайтӣ аст. Ашъори арабии пароканда, ки дар ашъори форсӣ аст ва муламмаоте, ки дар дохили ашъори форсӣ медурахшад, ба гунае аст, ки зеҳни ҳар пажӯҳишгар ва

адабиётдӯстдорро ба сӯйи худ мекашонад. Ашъори арабии Хоқониро аз ду ҳайс баррасӣ кардаем:

1. Сифати ашъори арабии Хоқонӣ

Хоқонӣ дар сурудани ашъори арабӣ шоири тавил -ун-нафс ба ҳисоб меравад. Қасидаи 171 -байтаи ӯ дар мадҳи Ҷалолуддин ал-Хазорӣ беҳамто аст, зеро дар шеъри классикии арабӣ камтар қасидае ба ин теъдоди байт мерасад.

Ашъори арабии Хоқонӣ аз нигоҳи ягонагии банду баст ва сохтор парокандагӣ надорад. Ҳам қасоид ва ҳам муқаттаоти шоир аз лиҳози бофт якнавохтанд ва аз ҳайси баҳру қолаб халале дар онҳо ба мушоҳида намерасад. Бе шакку шубҳа метавон гуфт, ки дар сурудаҳои арабии шоир ранги сохтагӣ ва такаллуфу тасаннуъ мушоҳида намешавад [11, 36].

Аз нигоҳи ҷанбаи ҳунарӣ ашъори арабии Хоқонӣ дар истифодаи хаёлу тасвирсозиҳо содатар ва табиитар воқеъ гардидаанд. Мисли ашъори форсӣ дар шеърҳои арабӣ ҳам ӯ аз саноеи лафзию маънавӣ истифода кардааст.

Хоқонӣ дар мадоиҳи хеш бештар худро мавриди фахру мубоҳот қарор дода, дар бештари маврид дар хусуси худаш гап мезанад. Ғазал, луғзгӯйӣ, бозӣ бо калимот дар шеъри арабии ӯ фаровон дида мешавад. Инчунин васфҳои ӯ аз муболиға холӣ нест.

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки ашъори арабии Хоқонӣ дар сатҳи мутавассит қарор дорад ва аз назари адабӣ ва сохтор бемақсад дар он айбе пайдо карда наметавонем.

2.Мавзӯоти ашъори арабии Хоқонӣ. Ашъори арабии Хоқонӣ дар қолаби қасида, қитъа ва ё дубайтӣ қарор дорад. Мо мутмаин бар онем, ки ин шоири тавил ун-нафс беш аз ин шеъри арабӣ гуфтааст ва душвор аст қабул кунам, ки ашъори арабии Хоқонӣ то ба ҳамин миқдор бошад.

Ба таври куллӣ ашъори арабии Хоқонӣ дар хусуси мадҳи шахсиятҳо ва васфу мадҳи сарзаминҳост. Бақияи қитъаҳо ва дубайтиҳо низ дар партави ҳамин мавзӯъҳо аст.

Мадҳ. Ҳамон гуна, ки мадҳ дар шеъри форсии Хоқонӣ мақоми волое дорад, дар ашъори арабии вай низ ҳамингуна аст. Бо баррасии дақиқи ашъори арабӣ ба ин натиҷа расидаем, ки шоир мадҳро воситае барои баён кардани афкор ва нуқтаи назароти худ ба кор гирифтааст. Мадоеҳи арабии Хоқонӣ ба 6 қасида мерасад.

Мадҳи Ҷалолиддини ал-Ҳазорӣ. Ин қасида баландтарин шеъри арабии Хоқонӣ аст, ки шомили 171 байт аст. Матлаъи он чунин оғоз меёбад:

بكت الرباب فقلت ایّ بكاء
ابكاء عهد ام بكاء اخاء

[8, 1340]

Рубоб ба нола даромад, гуфтам ин чи нолаест?,
Магар ин нолаи аҳди вафост ё нолаи бародарист?.

Ин қасида аз ду матлаъ иборат аст. Дар матлаъи қасида шоир бо зикри тағаззул суханро аз рубоб оғоз мекунад ва бо садову нолаҳои он ҳолати равонии худро ошкор месозад. Аз ҳамдиёрон шикоят мекунад, аз дӯстону наздикон, ки нисбати ӯ бешафқат будаанд, сухан ба миён меорад ва баъди он ба мадҳи мамдӯҳ мегузарад:

فكذا الجلال يد علیّ بفضله
اعنی جلال الدين ذالعلياء

[8, 1344]

Ва ҳамчунин, Ҷалол бо фазлаш бо ман дастгир аст,
Дар назар дорам Ҷалолуддинро, ки бузург аст.

Аз абёти 96 мадҳ оғоз мешавад. Мамдӯҳро соҳиби карам ва валии неъмати хеш медонад. Ӯро сутуни дин, сурури мардум, фасеҳтарин афрод, шамшери ҳидоят, хизри дониш ва ҳаммонанди Мусои калим дар мулоқот бо Худо гуфтааст. Мамдӯҳ дар назари ӯ дар мақоме аст, ки дарахти тубо бояд ифтихор кунад, ки курсӣ такягоҳи ӯ аст ва инчунин, арш бар болои ӯ ҳасад меварзад.

Ногуфта намонад, ки шоире чун Хоқонӣ ҳарчанд ки мамдӯҳи худро ба авҷи фалак боло бурд, хештанро фаромӯш намекунад. Чунончи, дар байти 109 мегӯяд:

لما اتانی زائرا صادقته
مولی الفضائل سيد الفضلاء

Вақте ба қасди дидор назди ман омад,
Ӯро мавлои фазилатҳо ва сарвари фозилон дарёфтам.

Дар байти мазкур намегӯяд, ки ман назди ӯ рафтам, балки мегӯяд: Ҳангоме ки ӯ ба дидани ман омад! Дар байти охири матлаи аввал нури замири мамдуҳро ҳаммонанди нури ҳафт ситораи равшани осмон медонад.

Матлаи дувум аз байти 113 шурӯъ мешавад, ки дар ин бахш аз мадҳи худ мегӯяд:

انی لاخدم نلصح الخلفاء
فرد الائمة خاضع الحنفاء

Ман ходими касеам, ки пешвоёнро насиҳату мавъизакун аст,
Ӯ дар муқобили роҳбарону сарвари дини ҳанафӣ фурутан аст.

Мадҳи Муҳаммад ибни Яҳё. Ин қасида аз 14 байт иборат аст, ки матлаи он чунин оғоз мешавад:

يحيى شيخ الهدى فيحيى
يحيى بن محمّد يحيى

[8, 1347]

Яҳё шайхи ҳидоят аст, зинда бод!
Яҳё фарзанди Муҳаммад ибни Яҳё, зинда бод!

Шоир мамдӯҳи худро дар ин қасида тавонгар ва муфтии хулафо медонад. Ӯро ба ҳазрати Хизр, ки ҳамеша зинда аст ташбеҳ карда, мисли Юсуф, ки зиндагии ҳар мисриро ҳамвора аз сулҳу неъмат осоишта кардааст, ҳаммонанд медонад. Дар поён мегӯяд:

Ман бидуни ӯ ҳеҷ будам ва ҳама шудам,
Ҳамеша муштоқи дидори ӯ ҳастам.

Мадҳи Музаффар ибни Муҳаммад Мулки Бандар. Ин қасида 47 байт аст, ки чунин оғоз шудааст:

يا طيف ناضرة كصبح مصفر
سفر الصّباح فعم صباحاً و اسفر
يخفى و يبدى الصبح لونًا خاتلاً
كعذارها بخيالها المتنفر

[8, 1358]

Ай хаёли хушгувор ва ботаровате, ки монанди сапедаи субҳ ҳастӣ!
Сапеда дамид, субҳат ба хайр ва сафеду дурахшон бошад!
Субҳгоҳон бо ранги фиребанда гоҳ ошкор ва гоҳ пинҳон мешавад,
Ҳаммонанди чеҳраи маъшуқ ва хаёли ӯ, ки ҳар дам рахт мебандад.

Аз ибтидои қасида Хоқонӣ ба мамдӯҳи хеш пардохта аст. Ӯро монанди Юсуф дар зиндони торик дониста, худашро муштоқи рӯйи ӯ медонад ва ӯро дар ҷанг монанди шамшери Сайфуддин ва қутби ҳамаи фармонравоёни обрӯманд медонад. Инчунин, дар хусуси ӯ чунин изҳор менамояд: Ӯ дорои беҳтарин ахлоқ ва беҳтарин усулу насаб аст. Ӯ он чунон бахшанда аст, ки тилло наздаш ҳаммонанди коҳ аст. Хатиб бар минбар ба номи ӯ паноҳ мебарад ва чӯби минбар беҳтарин хатиби ӯст.

Хоқонӣ, гарчанде ки мамдӯҳи худро ба зинаҳои аъло расонидааст, дар ин қасида низ худро фаромӯш намекунад ва дар байти 36 мегӯяд:

يا جنة الدنيا فديتك فاسمعى
هذا الثنا عن شاعر متبحر

Ай биҳишти дунё, ҷонам фидоят!
Ин ситоишро бишнав аз шоири черадаст.
Дар бахши дигаре хитобам ба мамдӯҳ мегуяд:

Гарданкашон ва лашкардорон дар муқобилат ба саҷда афтоданд, гӯё ҷурмҳои осмонӣ низ барои ту саҷда мекунанд. Ҷовидон бош ва бо нуфузат дасти мардумро ҷовидона боз нигоҳ дор … Худованд ҳамеша нигаҳбони ту бошад ва ту низ мардумро ҳифз кун ва пирӯз бигардон.

Мадҳи маликул аъзам Алоуддин. Ин қасида аз 45 байт иборат аст, ки ибтидои он васфи Макка ва сарзаминҳои атрофи он аст. Байти ёздаҳуми мадҳи Алоуддин чунин оғоз мешавад:

لابهت الملك المعظم فوقها
تكاد الرواس دونها تتصدع

[8, 1361]

Шукӯҳ ва ҷалоли Малик Алоуддин аз дунё болотар аст.
Наздик аст, ки кӯҳҳои сарбафалак ва осмонҳо дар муқобили он дар рукуанд.

Дар байти дигаре ӯро Ҷоҳизи замон дониста, мегӯяд: «Ман ба тоҷе паноҳ мебарам, ки ҳамаи туркҳо ва арабҳо дар муқобили он фурӯтанӣ мекунанд» Дар идома мегӯяд:

«Ту нусрати дини Худо ҳастӣ ва ман ҳамвораи муштоқи дидори ту. Аз мухолифати рӯзгор бо ту ва ҳаводиси он метарсам, ки ин ҳаводис гоҳе инсонро аз ҳадафаш боз медоранд». Дар поён мегӯяд: «То рузгор боқӣ аст, боқӣ бимон ва рӯзгор таслими ту бигардад».

Мадҳи Иззуддин. Хоқонӣ се байт аз шеъри арабии худро ба мадҳи Иззуддин муносиб дидааст, ки байти нахусти он чунин аст:

رضى المولي غياث الخلق طرا
سيحمي الخلق عن سخط رفيع

[8, 1363]

Ӯ мавҷуди хушнудии Худованд ва фарёди ҳама одамиён аст.

Мардумро аз хашми Худованд нигаҳ медорад.

Дар ду байти дигар мамдӯҳро амалкунанда ба ҳақ ва дорои мақоми воло медонад, ки файзи бахшиши ӯ ба ҳамаи мардум мерасад.

Мадҳи Муҳаммади Самъонӣ. Хоқонӣ дар қолаби 14 байт Муҳаммади Самъониро мадҳ карда аст. Аз ҳамон ибтидои қасида бидуни ҳеҷ муқаддимае хитоб ба мамдӯҳ чунин мегӯяд:

احني لكنز الفضل اس مفانى
خضر العلوم محمد السمعانى

[8, 1367]

Ман дар муқобили ганҷи фазилат, хизри донишҳо, яъне Муҳаммади Самъонӣ сар ба саҷда мегузорам. Ӯ ҷойгоҳи гардиши фазилатҳо ва хуршеди фарози бузургвориҳо ва танҳо маркази нур ва дар хушнудиву боландагӣ аст.

Хоқонӣ мамдӯҳро ҷойгоҳи иршод, асоси дин, маркази дониш ва шамшери ҳидоят медонад. Дар бахши поёнӣ ба ӯ дуо мекунад ва аз Худованд мехоҳад ӯро кӯмак кунад ва гардиши рӯзгор ба ӯ зарар нарасонад.

Васфи сарзаминҳо. Ҳамон тавре ки Хоқонӣ дар шеъри форсӣ сарзаминҳоеро тавсиф ва мадҳ ё зам кардааст, дар шеъри арабӣ низ сарзаминҳоеро тавсифу худ ситоиш намуда, танҳо як шаҳрро мавриди мазаммат қарор додааст. Инак, ба васфи ҳар як шаҳр гузар хоҳем кард:

Хоқонӣ дар 14 байт Ироқро тавсиф карда, нисбат ба он шавқу рағбаташро арза мекунад. Матлаи қасида чунин оғоз меёбад:

سماء المجدلى ارض العراق
و اعضم مؤلي ارض العراق

[8, 1364]

Барои ман сарзамини Ироқ осмони маҷид ва бузургворӣ аст ва бузургтарин паноҳгоҳи ман аст. Ҳар гоҳ оинаи андешаам зингор гирад, беҳтарин василаи сайқали он сарзамини Ироқ аст. Беҳтарин саро барои ӯ сарзамини Ироқ аст. Беҳтарин обишхӯри об рӯдхонаҳои Ироқ ва сарзамини Ироқ беҳтарин ҷой аст, ки фикру андешаи ӯ шукуфо мешавад.

БаҒдод. Ҳарчанд васфи Ироқ, БаҒдодро низ шомил мешавад, аммо Хоқонӣ барои нишон додани иштиёқи хеш қасидае дар мадҳи БаҒдод сурудааст, ки дорои ду матлаъ ва 68 байт аст. Ин васф ҳарчанд ҳамроҳ бо муболиға аст, вале шавқу рағбати беандозаи шоирро нисбат ба ин шаҳр баёнгар аст. Матлаъи нахусти он чунин аст:

أمشرب الخضر ماء بغداد
و نار موسى لقاء بغداد

[8, 1354]

Оё оби БаҒдод оби Хизр аст, ки ин гуна гуворост ва оё ҷилваи БаҒдод оташе аст, ки Мусо дар кӯҳи Тур буд?

Ҳавои Кавсари мо маҳаллаи Карх аст ва чӣ хуш аст ҳавои БаҒдод!

Дар байти баъд БаҒдодро бо Миср муқоиса карда, Мисрро пасттар донистааст. Муътақид аст, ки на рӯди Нил зилоли Даҷларо дорад ва на Миср сафои БаҒдодро дорост.

Дар поён ёдовар мешавем, ки дар БаҒдод арабу аҷам, сиёҳ ва сафед тафовуте надоранд. Хоки поки ҷойи Имом сурмаи чашми рӯшанбинон ва кимиёи БаҒдод хоҳад буд. Ва байти охир чунин аст:

دعيت عبد الامام ثم غدا
على فرضا دعاء بغداد

[8, 1354]

Ман ба унвони ғуломи Имом хонда шудам, сипас дуои Бағдод бар ман воҷиб гашт.

Шарвон. Дар қитъаи шеърӣ бо ҳашт байт Шарвон, яъне зодгоҳи худро тавсиф кардааст , ки матлаи он чунин аст:

شروان امّ العلى لكلّ أب
و أخت روحى نسيمها بأب

[8, 1352]

Шаҳри Шарвон асл ва асоси бузургворӣ аст ва насимаш муносиб бо рӯҳи ман аст.

Дар ин шеър Хоқонӣ Шарвонро бо Бағдод муқоиса карда, онро аз Бағдод бартар шумурда аст ва чунин ишора кардааст:

Дар Шарвон ҳама бартариҳои арабу аҷам ҷамъ шудааст. Ва калимаи « Шарвон» ними аз он арабӣ ва нимаш аҷамӣ аст.

Табрез. Хоқонӣ дар ду байт Табрезро тавсиф ва мадҳ карда аст, ки ин ду байт ҳаммонанди аксари абёти арабии шоир бо тасҳеҳу ҳаракатгузории дақиқ ниёз дорад. Дар ин ду байт қалъаи Қоф, пероями тоҷи дин ва симурғи пинҳонӣ дониста шудааст ва онро фалак хондааст, ки хуршед дар он мечархад.

اَقلّة قافٍ صوْبُ تبريز قُلْتي
و حلية تاج الدّين عنقاء مغرب
فذا فلك و الشّمس ثمّ يدبّره
له مشرق ماء و هم بحر مغرب

Яман. Хоқонӣ дар қитъае иборат аз шаш байт Яманро мавриди ситоиш қарор додааст, ки матлаъи он чунин аст:

كم غزال فى حجال اليمن
مهجتى مرعى غزال اليمن

[8, 1368]

Чи бисёр оҳувоне, ки дар миёни кабкҳои Яман мехироманд. Ҷонам чарогоҳи оҳувони Яман бод! Дар идома ҷамоли Яман ва некӯиҳои онро меситояд.

Қазвин. Хоқонӣ дар ду байт Қазвинро дарвозаи биҳишт дониста, Идриси онро ноиб Имом Шофеӣ шумурда аст.

أرى أرض قزوين باب الجنان
ادريسه ناءب الشافعي

[8, 1380]

Қазвинро дарвозаи биҳишт медонам ва Идрисашро Имом Шофеӣ. Дар идомаи ин байт боз мегӯяд, ки ҳар касе қасди он дар кунад, дӯстӣ Бобуя ар- Рофеӣ мебошад.

Рай. Дар шеъри арабии Хоқонӣ васфи шаҳри Рай бо васфи сарзаминҳои дигар мутафовит аст. Ҳамон гуна ки мулоҳиза шуд шоир васфи сарзаминҳои дигарро бо мадҳу ситоиш ҳамроҳ карда буд, вале васфи Рай ҳамроҳ бо сарзаниш аст. Дар ҳақиқат, васфи шаҳри Рай , васфи бемории шоир дар он шаҳр аст ва сабаби асосии ин сарзанишу мазаммат беморияш аст.

Дар қасидаи 17-байта дар як-ду байте Райро накӯҳида аст ва матлаи қасида чунин мебошад:

مرضت بالرىّ ثمّ خامر لى
همّ عليه القلوب مطبوعة

[8, 1369]

Дар шаҳри Рай бемор шудам, сипас ғаме чеҳраи маро пушонд, ки дилҳо баён аз он доранд. Он ғами беморӣ дили маро ончунон аз ман ҷудо сохт ки гӯё донаи хурморо аз он ҷудо кунанд.

Дар байти баъд чеҳраи Райро нохушоянд дониста, дилаш намехоҳад дар он ҷо бимонад, вале беморияш идома ёфт ва аз ин рӯ табиберо барои муолиҷа ба суроғаш меоваранд. Хурдани доруворирo барояш тавсия мекунанд, ки барояш нохушоянд аст.

Гарчанде ки шоир ба забони арабӣ сарзамину билоди араб ва баъзе шахсиятҳои барҷастаи замони хешро мадҳу ситоиш кардааст, вале бояд гуфт, ки дар миёни удабо ва муаррихони адабиёти арабӣ таваҷҷуҳе нисбат ба Хоқонӣ нашудааст.

Дар бахши «Иълом ал-Мунҷид» танҳо дар як сатр Хоқонӣ маъруф шудааст: « Хоқонӣ, Ҳақоиқӣ, вулида фи Ғанҷа ва тувуффия фи Табрез. Ақома фи-л-Мавсил. Лаҳу «туҳфат ал-Ироқайн» ва ҳува васафа ҳаҷҷаҳу ила Макка» [3, 138].

Баъзе аз арабзабонон монанди Ориф аз-Зуғул бархе аз ашъори форсии Хоқониро ба арабӣ баргардонидаанд ва баъзеи онро ба шеъри арабӣ тарҷума кардаанд, вале аз ашъори арабии ӯ ёд накардаанд.[1, 244]

Чуноне ки аз ашъори арабӣ ва форсӣ-тоҷикии Хоқонӣ маълум мегардад, шоирро муяссар шудааст, то ба бисёре аз сарзаминҳо, алалхусус ба кишвару билоди араб сафар намояд, махсусан, Каъбаро ду маротиба зиёрат кунад. Доктор Маъсумаи Маъданкун дар асари худ «Базми деринаи арӯс» чунин иброз медорад, ки «Хоқонӣ сафарҳое чанд ба билоди дуру наздик, аз Раю Исфаҳон ва Арману Арҷишу Ироқ ва сарзаминҳои дигар мекунад, аммо яке аз иштиёқоти пуршӯри ӯ дар тамоми умр шавқи зиёрати хонаи Худост, ки саранҷом ду бор ба он ноил мешавад… Шоири баландпояи Шервон дар васфи Каъба ва маносики ҳаҷ ва шавқи зоирони хонаи Худо шаш қасидаи тобнок дорад, ки баҳақ зеботарин ва амиқтарин қасоиди адаби форсӣ дар ин замина аст» [6, 10]. Ҳайратовар ин аст, ки чаро Хоқонӣ ба забони арабӣ ашъоре дар васфу ситоиши Каъба насурудааст. Шояд аз ин беш сурудаасту то ба замони мо нарасидааст. Ҳарчанд мо муътақидем, ки аз ин шоири барҷаста беш аз ин шеъри арабӣ ҳосил шудааст.

Агар ашъори ӯ ба забони арабӣ ҳамин миқдор бошад, ки ба дасти мо расидааст, боз ҳам далолат бар табъи латиф ва қудрату маҳорати вай дар адабиёти арабӣ дорад.

Инчунин муътақид бар онем, ки Хоқонӣ дар майдони адабиёти арабӣ шоири моҳиру мумтоз аст. Сурудани қасида, қитъа ва дубайтии арабӣ хоси ӯст ва бе заҳмату такаллуф тавонистааст, шеъри арабиро ҳамон тавр бисарояд, ки шеъри форсиро гуфтааст. Бо баррасии ҳама ҷанбаҳои шеъри арабии Хоқонӣ ба ин натиҷа расидем, ки ӯ ашъори шукуҳманде ба забони арабӣ сурудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. аз-Зағул, Ориф. Мухтарат мин аш-ши’р ал-фарсий ал-манқула ила-л-арабия, соғаҳо ши’ран Мустафа Акрам ва Абдуннасир ал-Ҳамд. Би ишраф ва мушаракат Виктур ал-Кик/ аз-Зағул, Ориф.– Теҳрон: Дору ал-худа ли-н-нашр ва-т-тавзий’ ад-дували, 2000.
2. аз-Зувзанӣ Ҳусайн. Шарҳ ал-му’аллақат ас-саб’а/ аз-Зувзанӣ Ҳусайн.–Теҳран: ал-Ғадир, 1368.
3. ал-Мунҷид фи-л-луға ва-л-и’лом. – Бейрут: Дор-ул-машриқ, 1960.
4. Зарринкуб Абдулҳусейн. Дидор бо Каъбаи ҷон/ Зарринкуб Абдулҳусейн. – Теҳрон: Интишороти Сухан, 1378.
5. Каззозӣ, Мирҷалолуддин. Гузориши душвориҳои девони Хоқонии Шервонӣ/ Каззозӣ, Мирҷалолуддин. –Теҳрон: Сипар, 1380. – Ҷ.3.
6. Маъданкун, Маъсума. Базми деринаи арус: шарҳи понздаҳ қасида аз девони Хоқонӣ\ Маъданкун, Маъсума; таълиф ва шарҳи Маъсума Маъданкун. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1378. – Чопи дуюм
7. Саҷҷодӣ Саид Зиёуддин. Гузидаи ашъори Хоқонии Шарвонӣ/ Саҷҷодӣ Саид Зиёуддин. – Теҳрон: Сипеҳр, 1363.– Ҷ. 3.
8. Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор. Девони Хоқонии Шарвонӣ/ Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор; ба кӯшиши Зиёуддин Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Интишороти Заввор, 1378.
9. Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор. Девони ашъор. Виростаи Мирҷалолуддини Каззозӣ/ Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор. – Теҳрон: Нашри Марказ, 1375.
10. Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор. Маснавии Туҳфат ал-Ироқайн. Ҳавошӣ ва таълиқоти Яҳё Қариб/ Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷ. –Теҳрон: Амири кабир, 1357.
11. Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор. Муншаоти Хоқонӣ/ Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор; бо тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Равшан. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1349.

ОСОБЕННОСТИ АРАБСКИХ СТИХОВ ХАКАНИ ШИРВАНИ

Хакани Ширвани, знаменитый персидско-таджикский поэт XII-ого века, хорошо знал Коран, хадисы и арабскую литературу. Он сочинял и арабские стихи. В данной статье рассматриваются особенности арабских стихов Хакани. Содержание его арабских стихов составляли в основном восхваление великих людей эпохи и описание достопримечательностей исламского мира.

Ключевые слова: Хакани Ширвани, арабский язык, поэзия, панегирик, ислам.

PECULIARITIES WORKS OF KHAGHANI SHIRVANI IN ARABIC POEMS

Khaghani Shirvani, a famous Tajik-Persian poet who was living in 12th century had great extensive knowledge on Arabic literature. He has been composed several Arabic poems.

This article analyses themes and translation of sevral Arabic poems of this poet. The Arabic themes of these poems convey and describes Islamic honorable values.

Key words: Khaghani Shirvani, Arabic languags, poems, praise, islam.

Сведения об авторе: ***Шарифова Мавчигул*** – аспирантка Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 988354994.** E-mail: **mavluda-88@mail.ru**

НАЗАРИ АДАБИЁТШИНОСӢ БА ОСОРИ К. МИРЗО

Рисолат Зоирова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кароматуллоҳи Мирзо ба муносибати 70-солагиаш маҷмӯаеро бо номи «Чароғи раҳнамо» ба чоп расонда, он ҷо ҳарчи ки оид ба эҷодиёти ӯ дар тӯли 50 соли умри нависандагиаш навишта шуда дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд, ҷой медиҳад. Маълум мешавад, ки аввалин тақриз ба ҳикояи «Маоши аввал»-и ӯ ба қалами А. Раҳмонов тааллуқ доштааст, ки дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») зери рубрикаи «Фурӯғи субҳи дониш» чоп мешавад. Баъдан адабиётшиносон: Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, Р. Мусулмониён, А. Саъдуллоев, А. Абдусаттор, А. Афсаҳзод, Х. Асозода ва дигарон дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии К. Мирзо изҳори ақида кардаанд. Махсусан навиштаи Х. Шарифов ва А. Абдусаттор бо номи «Ҷилои ситораҳо», ки ба рисола монанд аст, дар боби таҳқиқи адабиётшиносии осори К. Мирзо мақоми хоса дорад. Дар ин рисола муаллифон ба саҳифаҳои зиндагиномаи адиб дахолат карда, ҳамзамон асарҳои К. Мирзоро дар жанрҳои ҳикоя, повест ва роман аз нигоҳи илми адабиётшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Муҳаққиқони номбурда таъкид карданд, ки нависанда баъд аз ин ки Институти педагогии шаҳри Душанберо хатм менамояд, ба фаъолияти рӯзноманигорӣ мепардозад. Касби рӯзноманигорӣ боис мешавад, ки ӯ дар навиштани ҳикояву очерк ва баъдтар повест ба муваффақиятҳои эҷодӣ ноил мегардад. Дар рисолаи номбурда таҳқиқи осори К. Мирзо аз нахустин ҳикояи ӯ «Айб аз худатон додар…», ки таърихи эҷодаш соли 1965 мебошад, оғоз мешавад. Ба андешаи Х. Шарифов ва А. Абдусатторов аз нимаи дувуми солҳои 60-уми асри XX «маҳорати нависандагии Кароматуллоҳи Мирзо зина ба зина, тадриҷан, аз сода ба мураккаб, аз хабару лавҳа то ҳикояву очерку повест ва роман сайқалу такомул ёфт» [1,5].

Бояд гуфт, ки аҳли таҳқиқро асосан мавзӯи эҷодиёти адиб, ки аз тарғибу ташвиқи одобу ахлоқи инсонӣ иборат мебошад, бештар ҷалб намудааст. К. Мирзо ҳам дар ҳикояҳояш ва ҳам дар повесту романҳояш ба инсонҳое сару кор мегирад, ки ба ӯ ошноянд ва нависанда онҳоро ба рафтору гуфтор ва ахлоқашон борҳо ба мушоҳида гирифтааст. Дар маҷмӯъ ҳикояҳои ӯ сужети мураккаб ва низои тезу тунд надоранд. Хонанда ҳангоми мутолиаи асарҳои К. Мирзо худро мешиносад ва гӯё дар байни қаҳрамонони нависанда қарор дорад, [1,56-57].

Муҳаққиқин нахустин повести К. Мирзо «Ситораи умед»-ро мисол оварда (1980), ба таҳқиқи дувумин асари калонҳаҷми адиб «Шабе дар Кабудҷар» мепардозанд ва ин асарро аз муваффақияти эҷодии ӯ медонанд. Ин повест ба мавзӯи ҳаёти муосир, одамони одии заҳматкаш, ронандагони як муассисаи нақлиётӣ бахшида шуда, нависанда симои ҷавонони софдилу некӯкор, матину қавииродаро меофарад [1,65].

Назар ба маълумоти нависанда повести мазкур «Аввали баҳор» номгузорӣ шуда будааст. Баъд аз ин, ки ин асарро нависандаи баркамол Ҷалол Икромӣ қабл аз ба чоп рафтанаш мехонад, онро бо номи «Шабе дар Кабудҷар» тавсия мекунад. Ҷалол Икромӣ дар номааш ба К. Мирзо менависад: «Гирифту гиратон, банду басти повест хуб аст… Шумо ба нависандагӣ маҳорат пайдо карда истодаед. Мавзӯатон ҳам бад нест. Ин то андозае ба мавзӯи Шиллер: «Макру муҳаббат» монандӣ дорад. Як тараф- ишқи ду ҷавон ба як духтар, як тараф- хиёнат, макр ва ҷиноятқорӣ…» Бинобар ин, Ҷалол Икромӣ ҳар асарашро натиҷаи мутолиаи асарҳои аврупоӣ медонад ва тахмин мекунад, ки К. Мирзо ҳам аз хондани асари Шиллер илҳом бардошта, ин қиссаро навиштааст. [1, 12].

Албатта, повести К. Мирзо ҳанӯз ба талаботи Ҷ. Икромӣ ҷавобгӯ нест, ки ба адиб чунин иброз медорад: «Гови илҳомро аз ду шохаш маҳкам дошта гирифтаед, лекин гов ҳанӯз пурқувват аст, таслим намешавад ва шуморо ба ҳар сӯ мекашад, мекаловонад».

Ҷ. Икромӣ образи Шафоатро ҳамчун шахси бадкирдор аз беҳтарин офаридаи К. Мирзо ҳисобида, ҳамзамон менависад: «Ин тавр одам, бе ҳеҷ як зарбаи сахт, худ аз худ тағйир намеёбад ва фақат барои хотири падараш аз роҳаш барнамегардад» [1, 13].

Ҷ. Икромӣ бар пайравӣ ба устод Айнӣ дар ҳошияҳои дастнависи «Шабе дар Кабудҷар» фикру мулоҳизаҳояшро қайд мекунад. Ба тарзи баёни асар эродҳо мегирад ва ғ.

Дар рисолаи номбурдаи Х. Шарифов ва А. Абдусатторов таъкид шудааст, ки «шуҳрати воқеӣ ва ҳамагонии Кароматуллоҳи Мирзо чун нависандаи баркамол ва тавоно бо таълифи повести сеюми ӯ – «Дарди ишқ» ба вуқӯъ пайваст ва ин асар барҳақ як зинаи тозае дар таҳаввули нависандагии ӯ буд» [1, 74]. Ҳамчунин ин асарро асари саргузаштӣ ҳисобида, то андозае шабеҳи «Шабе дар Кабудҷар» донистаанд. Баъд аз таҳқиқи осори К. Мирзо адабиётшинос А. Афсаҳзод ба ин хулоса омадааст, ки адиб «аз як асар то асари дигар аз ҷиҳати такомули маҳорати нависандагӣ сабзида, ҳунари хешро сайқал дода, торафт сабки хоси нигорандагии нависанда рушду зуҳур ёфта, хонанда пай мебарад, ки дар асарҳои ӯ ҷанбаи таҳқиқи бадеӣ ва майл ба тасвири рӯҳияи инсон афзуда, овози ӯ қавитар садо дода, қаламаш боварибахш ҷавлон намуда, забонаш бурротар мегардад…» [2,74- 75].

Адабиётшинос Х. Шарифов ва А. Абдусатторов қиссаҳои «Дарди ишқ» ва «Нишони зиндагӣ»-ро ба таҳқиқ гирифта, миёни ин ду асар умумиятҳоро ба мушоҳида мегиранд. Умумият дар мавзӯъ ва ҳалли бадеии он аст. Муборизаи некиву ростӣ алайҳи дассисаву дурӯғ. Дар «Нишони зиндагӣ» миёни Соҳиба – духтари собиқ директори мактаби деҳаи Чилчанор – Рабиӣ ва директори ба ҷойи Рабиӣ омада – Муҳриддин Ниёзов бархӯрде сар мезанад, ки аз воқеияти зиндагии давру замон шаҳодат медиҳад [2, 75- 79].

Ҷолиб аст, ки чи дар филмномаи «Дарди ишқ» ва чи «Нишони зиндагӣ» нақши шахси манфур – раиси хоҷагӣ – Калтаи Мансур ва директори мактаб – Муҳриддин Ниёзовро як актёр мебозад. Ин ҳунарманд гӯё маҳз барои иҷрои чунин нақшҳои манфур зода шудааст.

Асари дигари нависанда, ки боиси таваҷҷуҳи нақди адабӣ қарор гирифтааст, повести «Дар орзуи падар» мебошад. Муҳаққиқон ин қиссаро «достони меҳри писар» номидаанд [2,86]. «Дар орзуи падар» тасвири зиндагии афроди як оилаи дар муҳити иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосир буда, дар он моҷароҳои заношӯӣ, муаммоҳои оила ва тақдири фарзандон хеле муассиру боварибахш мавриди тасвир қарор гирифтаанд» [2, 86]. Ин асар сар то по фоҷиаи инсон аст. Нақши Нозимӣ ва писари ӯ Меҳрубон аз беҳтарин симоҳои бадеии адабиёти солҳои 80-уми асри гузашта хоҳад буд. Повести мазкур низ бо ба филмнома табдил ёфтанаш, асари дӯстдоштанӣ шуд. «Дар бораи завқоварӣ ва муассирии «Дар орзуи падар» танҳо ҳаминро гуфтан кофист, ки хонанда бо як бор ба даст гирифтани китоб то мутолиаи онро ба поён нарасонад наметавонад ва намехоҳад аз даст китобро бимонад», хулоса мекунанд Х. Шарифов ва А. Абдусатторов [2, 101].

Адабиётшинос А. Раҳмонов дар бораи асарҳои К. Мирзо изҳори ақида намуда, аз ҷумла оид ба повести «Дар орзуи падар» чунин менигорад: «Повест аз нигоҳи жанр повести ахлоқиву иҷтимоӣ аст. Нависанда ҳам мавзӯъ ва ҳам қонунмандии таркиби жанрро ба эътибор гирифта, тамоми сохтмони сужетро бо имконоти мавзӯъ ва жанр мувофиқ намудааст ва воқеияти рӯзгори зиёён ва сарнавишти инсони ҳамзамонро дар он ҳунармандона таҷассум гардондааст» [3,111]. Адабиётшинос С. Саидов дар бораи қаҳрамони «Дар орзуи падар» баҳс намуда, характери ӯро мураккаб муаррифӣ мекунад. Нозимӣ ба шуҳрат гирифтор шуда, ба роҳи бад меравад. Дар натиҷа на танҳо хонавайрон мешавад, балки аз фарзандони дилбандаш маҳрум мемонад. Муаваффақияти адибро дар он мебинанд, ки ӯ заминаҳои иҷтимоии низоъҳои қиссаро бо ҳама паҳлӯҳои мусбату манфиаш ба тасвир мегирад. Дар ин боб он чи К. Мирзо мавриди баҳс қарор медиҳад, аз зиндагии воқеӣ бардошта шудаанд.

Романи нави К. Мирзо «Марги бегуноҳ» унвон дошта, хеле зуд бо мавзӯву қаҳрамонҳояш мавриди баҳси адабиётшиносӣ қарор гирифт. Метавон мақолаи профессор Х. Шарифовро бо номи «Замони ноором ва марги бегуноҳон» [4, 4-5], яке аз беҳтарин таткиқот оид ба ин асар ҳисобид. Дар хатти сужаи роман нақши эшони Саидҷалолхон бисёр равшану возеҳ рӯйи тасвир омадааст. «Нақши эшон

Саидҷалолхон,- менависад Х. Шарифов,- таҷассуми шахсияти некандешу покдил аст, ки қурбони бадию ҷаҳолат мегардад. Куштани Саидҷалолхон дар ҳавлии худаш, ҳангоми хазонрез бо маънии харобию нестии як хонадон баробар аст». Ба қавли муҳаққиқ «Романи «Марги бегунох» саҳнаи кушторҳои беҳисоби бидуни мақсаду маъност. Романи Кароматуллоҳи Мирзо, «барои имрӯзу фардо хотирмони ҳамин ҳодисаҳои хуношом аст… Нависанда сахт пойбанди ягон мафкураи иҷтимоӣ, назари сиёсӣ ва ақидатӣ нест», менависад Х. Шарифов.

Профессор Х. Асозода дар мақолааш «Адибе, ки сарчашмаи эҷодашро муҳити фарҳангии деҳ медонад» [5,4] менависад, ки «Асарҳои К. Мирзо чи дар жанри ҳикоя ва чи дар жанрҳои калонтари насри бадеӣ повест, қисса ва роман, ҳамагӣ ҷанбаи ёддоштӣ ва тарҷумаиҳолӣ доранд. Шахсияти нависанда дар ин ҳама осор баръало ҳис мешавад…» Воқеан қисми зиёди маводи ёддоштии К. Мирзо дар заминаи гуфтаҳои ҳамдеҳагон ва шунидаҳои адиб ба вуҷуд омадаанд. Дуруст аст, ки нависанда воқеаҳои нангбори солҳои бисту сиро надидааст, аммо ҳодисаҳои замони баъди ҷангиро худ ба мушоҳида гирифтааст. К. Мирзо дар инъикоси воқеаҳои сужа аз тахайюли бадеӣ фаровон кор гирифта, онҳоро умумияти бадеӣ медиҳад. Ба таъбири Х. Асозода «нависанда дар чунин ҳолатҳо инсонро дар мадди назар мегирад ва панд медиҳад, ки инсонҳои бадро замона месозад. Ҳама муллову эшон ва саидзодаҳо дар осори К. Мирзо, тақрибан мусбат амал мекунанд». Ба ҳамин тариқ адабиётшиносон нависандаро дорои услуби хос медонанд, забонашро равон, шеваи баёни қаҳрамононашро шево меҳисобанд. Ҳамзамон менависанд, ки К. Мирзо дар сохтани таззод, низоъ ва характер маҳорати чашмрас дорад.

Гузашта аз ин, ба қавли Х. Асозода: «Адиб психологи хубест. Мавсуф чи психологияи фарҳангиён ва чи табақаи шахси кӯҳистонро олӣ меофарад ва ин ҷиҳатро дар кушодани характери қаҳрамонон бо маҳорати баланд инъикос медиҳад».

Вақте ки мо ҳама андешаву мулоҳиза, тақриз ва китобиётро оид ба осори К. Мирзо аз назар гузарондем, ҷойе эроде ба мушоҳида нарасид. Зиндагинома ва осори К. Мирзо таҳқиқи ҷиддии адабиётшиносиро тақозо мекунад ва ин кор бояд дар оянда сурат бигирад. Муҳим ин аст, ки К. Мирзо ба назари мо нависандаи воқеъбин аст ва адибест, ки маъниро бисёр хуб месозад. Маънисозӣ падидеаст, ки на дар эҷоди ҳар адиб онро ба мушоҳида гирфтан мумкин мешавад. Баъд аз мутолиаи ҳама маводи таҳлиливу таҳқиқӣ, ки номбар кардем, мо тасмим гирифтем, ки дар оянда ба таҳқиқи осори ин адиб ҷиддитар бипардозем.

А Д А Б И Ё Т

1. Шарифов Х. Ҷилои ситароҳо/ Шарифов Х., А.Абдусатторов// Чароғи раҳнамо.– Душанбе, 2012.– С.52.
2. . Афсаҳзод А. Бозтобии сиришти инсон/ Афсаҳзод А.// Чароғи раҳнамо.– Душанбе, 2012.–С. 74- 75.
3. Раҳмонов А. Такмили тасвирсозӣ дар шинохти маънавии инсон. – Чароғи роҳнамо, с. 111.
4. Адабиёт ва санъат.– 2012.– №42.– С. 4–5.
5. Адабиёт ва санъат.–2012. –№45.– С.4.

ЛИТЕРАТУРОВЕДЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ТВОРЧЕСТВА К. МИРЗО

В данной статье автор рассматривает мнения таджикских литературоведов относительно творчества современного таджикского писателя К.Мирзо. По их мнению творчество К.Мирзо характеризуется постановкой актуальных этических и духовных проблем человека и общества. Писатель в своих творениях выступает в качестве рассказчика события или происшествия, итоги и выводы предоставляет читателю.

Ключевые слова: особенности стиля К.Мирзо, литературный процесс, поведение и действие героев произведений, воспомининия, способы изложения, анализ, персонаж, герой, язык произведений К.Мирзо.

PHILOLOGICAL ANALYSIS Of CREATIVITY K. MIRZO

In this article the author considers the opinion of the Tajik literary critics about creativity of modern Tajik writer K.Mirzo. In their opinion creativity K.Mirzo characterized by staging relevant ethical and spiritual problems of man and society. The writer in his works acts as narrator events or happenings, results and conclusions gives the reader.

Key words: style peculiarities K.Mirzo, literary process, behaviour and action heroes works, воспомининия, methods of presentation, analysis, character, the hero, the language of the works K.Mirzo.

Сведения об авторе: ***Зоирова Рисолат*** - соискатель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета

ҶИЛВАҲОЕ АЗ УСТУРА ДАР АШЪОРИ МУҲАММАДРИЗО ШАФЕИИ КАДКАНӢ (М. СИРИШК)

А. Имомов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти форсӣ шавоҳиди зиёде дорем, ки аҳли шеъру адаб дар баробари эҷоду офариниши осори ҳунарӣ қисмате аз умри пурбаракати хешро дар роҳи пажӯҳиши осори дигарон сарф мекунанд. Агар ба таърихи адаби форсӣ назар афканем, мебинем, соҳибони аксари тазкираҳо ҳамзамон худ низ аҳли завқу эҷоданд. Ин яке аз суннатҳоест, ки дар адабиёти форсӣ собиқаи дурударози таърихӣ дорад.

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ аз зумраи ҳамон фозилонест, ки дар баробари эҷоди ашъори дилнишин ва рӯҳнавоз, дар бахшҳои гуногуни риштаи илм қаламфарсоӣ кардааст. Гоҳе исми ӯ рӯйи китобҳои пажӯҳишӣ дар риштаи таърих ва гоҳе рӯйи китобҳои тасҳеҳи осори ирфонӣ ба чашм мерасад. Ҳамчунин китобҳое тарҷумашуда аз арабиву англисӣ ба номи ӯ тааллуқ доранд, ки хабар аз мутарҷим будани ӯ медиҳанд. Аммо чизе, ки номи ӯро дар боғистони илму адаб баландовоза кардааст, ҳунару нубуғи шоирии ӯст. Ба таъбири пажӯҳандаи наҷиби адаби муосир Комёр Обидӣ: «дар зеҳнияти адабии муосири Эрон, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ (М.Сиришк) аглаб, ба ин вижагиҳо шинохта мешавад: шоире номвар дар насли дувуми шоирони нимоӣ, мунаққид ва пажӯҳандаи устод дар заминаи шеъри форсӣ, кушандаи барҷаста дар тасҳеҳ ва тавзеҳи матнҳои ирфони қадими эронӣ ва гузорандае тавоно дар баргардонидани чанд китоби адабиву таърихӣ ва пажӯҳишӣ» [3, 9].

Атрофи осори илмиву адабии М. Сиришк донишмандони зиёди дохиливу хориҷи пажӯҳишҳои судманд анҷом додаанд, ки ҷанбаҳои гуногуни осори ӯро барои мо равшан мекунанд. Аммо бо вуҷуди ин ҳама таҳқиқҳои анҷомшуда осори ӯ боз ниёз ба диди тоза аз зовияҳои гуногун ва баррасии амиқи илмӣ дорад.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар фанни шеъру шоирӣ матраҳ аст, масъалаи пуштувонаи фарҳангист (пешинаи фарҳангӣ). Маҳз ин вижагист, ки шоирро аз фақри андеша дар шеър раҳо карда ва ба сӯйи ғановати андеша савқ медиҳад.

Доктор М. Ш. Кадканӣ худ роҷеъ ба пуштувонаи фарҳангӣ дар шеър андешаронӣ карда, чигунагии истифода ва бархурдории шоирон аз ин ганҷинаи азим менависад: «Пуштувонаи фарҳангӣ мисли ҷараёни як рӯдхонаи маънавӣ аз дунёи наслҳо гузашта, ҳаракат мекунад ва ин ҷараён ба василаи ду қутби амиқи инсонӣ ва суди ҳунарӣ дар зоти шоир таҳвият мешавад. Зоти шоир монанди нерӯбахшест, ки ин ҷараёнро таҳвият мекунад ва ба ҷомеа месупорад ва боз худаш бахше аз пуштувонаи фарҳангиро барои шоирони насли баъд аз худ ба вуҷуд меоварад» [1,4].

Дар ин мақола қарор аст, роҷеъ ба бахше аз пуштувонаи фарҳангӣ устура ва нақшу таҷаллии он дар ашъори М. Сиришк ба таври умумӣ сухан дар миён ояд, зеро ҳар устура метавонад дар ашъори ӯ мавзӯи алоҳидаи як мақола бошад.

Устура пайванди амиқ ва ногусастание ба ҳунар, ба вижа шеър дорад. Решаҳои устураро метавон дар фарҳанг ва тамаддуни як миллат ҷустуҷӯ кард. Адабиёт яке аз омилҳоест, ки ба фарҳангу тамаддуни миллатҳо умри ҷовидона мебахшад. Шоирон устураҳо ва боварҳоро дар худ мепарваронанд ва дар натиҷаи як ҷараёни дарунӣ ба бозофаринии онҳо мепардозанд.

М.Ш. Кадканӣ шоирест, ки фарҳанги эронӣ-исломиро дар хеш ҷамъ карда ва ба василаи ашъори худ мунъакис кардааст. Пуштувонаи фарҳангии шеъри ӯ ҷанбаҳои мухталифро дар худ намоён кардааст, ки аз иқтибосу талмеҳ ба шеъри шоирони бузурги эронӣ то ишора ба асотири ориёӣ ва сомиро дар худ таҷассум мекунад.

Маҷмӯаи ашъори М. Сиришк саршор аз устура, боварҳо ва руъёҳост. Шеърест, ки фарҳангу тамаддуни қавму миллати форсро ба дӯш дорад. Дониши амиқ ва огоҳии ӯ аз вусъати мероси адабӣ ба шеъри ӯ ҳусну таровати тоза бахшидааст. Дар ин росто, метавон аз андешаҳои Рашиди Беҳзодиён кӯмак гирифт, ки мефармояд: «Шафеии Кадканӣ ангораҳои асотириро аз матни руъёҳо, хобҳову кобусҳои ҷомеа бармехезонад, онро мерӯёнад ва ниҳолашонро дар иртифои дидор ба гул менишонад. Вай бо баёни асотири ошнои қавмӣ ва пиндоштҳои азалии абадии ақидатӣ на аз фосилаи муҳоле, ки аз панҷараи тулӯи ҳамин фардо дар остонаи хоб зоҳир мешаваду сури растохези худро медамад:…

Озод кун аз даричаи фардо
Ин хостаи шаҳрбанди ғурбатро
Ҳон, эй Маздо!
Дар ин шаби деранд
Бикшой даричаи иҷобатро!» (2,289)

Ҳамин вусъат ва огоҳии М.Сиришк аз фарҳангу тамаддуни қавмҳои ориёӣ ва ҳамчунин фарҳанги ирфонӣ-исломӣ сабаб шуда, то устураҳо аз ин фарҳангу тамаддунҳо ба таври фаровон ба шеъраш роҳ пайдо кунанд. Аз ин лиҳоз, мо дар ин сатрҳо ба баррасии умумии устура дар ашъори ӯ дар ҳадди тавон мепардозем.

Нахустин устурае, ки дар ашъори ӯ зеҳни моро ҷалб кард, симурғ буд. Ин мурғи афсонавии шигифт қарнҳост дар ашъори шоирони бузурги эронӣ ба шеваҳои гуногун таҷаллӣ пайдо карда ва дар шеъри М. Сиришк низ борҳо ба забони рамзӣ аз ӯ ёд шудааст.

Шоир дар ҷое сояи ин мурғи саодат ва мададрасонро ҳатто мояи хушиву бадбахтӣ ва заҳмату сангинии қавм медонад, тавре ки арсаи зиндагиро барои дигарон танг кардааст:

Ҳолиё пур шуда ҳар сӯ зи ҳузури симурғ,
Зиндагӣ бар ҳамаи мурғон танг омадааст,
Низ бар мардуми шаҳр
Ва пару пайкари симурғ шуда лаҳзаи фазо
Ҳама мегӯянд: «Он рӯз чӣ рӯз мебошад,
Ки дигарбора сӯйи Қоф барояд симурғ
Қаҳтӣ овардаву бебаргиву тангӣ ба Сарой?» (6,156).
Дар ҷойи дигар шоир симурғро ҳамроҳи Ҷабраил овардааст:
Дар фазое, ки замон гум шуда аз вусъати он,
Меравам сӯйи қуруне, ки замон бурда зи ёд,
Гӯйӣ аз шаҳпари Ҷибрил даровехтаам,
Ё ки симурғ гирифтаст ба минқор маро (6,21).

Таҷаллии устураҳои миллӣ-қавмӣ, ки солиёни дароз ва фаротар аз таърих зистаанд, ҷойгоҳи намоён доранд. Асотири куҳани эронӣ монанди Сиёвуш, Бежан, Кова ва дирафши ковиёнӣ, Таҳамтан, Ковус, Зардушт, Аҳурамаздо, Монӣ, Афросиёб ва садҳо устураи дигарро дар ашъори ӯ метавон пайдо кард. Достони зиндонӣ шудани Бежан ва ривояти Сиёвуш дар шеъри М. Сиришк, таҷаллии авзои ҷабр ва бедод ҷониби тозаест аз ҷониби Афросиёбе дигар, ки хуни ҷавонони Эронро бемуҳобо мерезад:

Ҳар гӯшае аз ин ҳисори пир
Сад Бежани озода дар банд аст,
Хуни Сиёвуши ҷавон дар соғари Афросиёби пир меҷӯшад,
Хуне, ки ҳар қатрааш сад субҳи пайванд аст (5,125) .

Дигар аз устураҳои маъруфи фарҳанги эронӣ дирафши ковиён, ки ба суратҳои мухталиф, монанди: «дирафши кобиён, кофиён, ковон, говон, ахтари ковиёнӣ ва низ бо номи алами Фаридун низ ёд шудааст» [4,85] дар шеъри ӯ ба чашм мерасад.

М. Сиришк бо ишора ба ин устураи куҳани эронӣ мегӯяд:
Пеши оҳанги сипоҳам
Сад ҳазорон гурди Руйинтан
Бо дирафши ковиёни ҷовидон пирӯз,
Теғҳошон баргузашта аз ҳарири абр
Сар ба сар рӯйи замин зери нигини ман (2,110) .

Агарчанде М. Сиришк дар ашъори худ аз устураҳои фаровони эронӣ кор гирифтааст, дар ин ҷо ба зикри мисолҳои боло иктифо мекунем.

Ишора ба достони паёмбарон дар шеъри шоирони порсигӯ собиқаи хеле тӯлонӣ дорад. Ин ишораҳоро метавон дар шеърҳои шоирони бузурги эронӣ ҳамчун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Хоқонӣ, Низомӣ, Саноӣ, Аттор Мавлавиву Ҳофиз ва дигарон ба вузуҳ мушоҳида кард.

Ошноии амиқи М. Сиришк бо қиссаҳои «Қуръони карим», «Таврот», «Инҷил» ва ривоёту тафсирҳои онҳо сабаб мешавад, ки баҳраи вофире аз достонҳои паёмбарон бигирад.

Яке аз маъруфтарин мисолҳо дар ин бахш ҳубути Одам (а) мебошад, ки шоирон онро ба шеваҳои гуногун тавзеҳ кардаанд, аммо ин дар шеъри Шафеии Кадканӣ

мазмуне барои палидиҳову нопокиҳои ин дунёи ноҳамвори хокии паст аст, ки аз аввали офариниш бар ойини кач бунёд шудааст.

Ғуборолуду
Зишт
Омад замин
Дар дидаи Одам,
Чу чашми хештан бикшуду рухсори заминро дид (6,363).

Ҳар чое ки номи Аюби паямбар ба забон ояд, бешак дунболаи он сифати сабурии ӯ низ ёд мешавад. Касеро наметавон пайдо кард, ки аз ибораи «сабри Аюб» бехабар бошад. Ишора ба «сабри Аюб» низ дар шеъри М. Сиришк бо бозтобе дигаргуна бо ҷанбаи танз ва ришханде ба самараи шикебоиву сабру таҳаммул дар ин даврон аст, ки дар ниҳоят ҳама чисму чони Аюб (а) пӯсида ва табоҳ мешаваду чизе ҷуз мушти кирме бар ҷой намемонад:

Ин бор ҳам ноогоҳ
Заринмалах борид
Оре,
Аммо на бар Аюб
Бар мушти кирме дар канори роҳ
Зеро ки баъд аз ҳафт солу ҳафт моху ҳафтаву соат,
Чандон, ки ҳафт андоми худро чӯст,
Дид ,эй дареғо!
Ҳеҷ пайдо нест
Яъне,
Анбӯҳе аз кирм асту Аюбе дар он ҷо нест (6,368-369).

Ба ҷуз аз устураҳои ёдшуда дар ин қисмат дигар достонҳои паёмбарон, мисли Иброҳим (а) ва бурдани фарзандаш ба қатлгоҳ, Мусо, Исо, Хизр, Сулаймон (а) ва дигарон аз қалами М. Сиришк бо шеваву авотифи дилангез ва мазмунҳои тоза ба рӯйи мисраҳои шеърӣ мечакад ва ҷаззобияти шеърашро зиёд мекунад, ки овардани онҳо саҳифаҳои зиёде мехоҳад.

Дар ин росто, ишора кардан ба шахсиятҳои ирфонӣ, ки дар адаби форсӣ намунаи инсони комил ва ишқи воқеӣ ҳастанд зарурист. Дар ашъори М. Сиришк метавон номи Ҳаллоҷ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Сухравардӣ ва дигаронро мушоҳида кард. Шаҳодати Ҳаллоҷ ва суруди сурхи «аналҳак» яке аз устураҳоест, ки дар саросари адабиёти форсӣ бозтоби зебое ёфтааст:

Дар оина дубора намоён шуд
Бо абри гесӯвонаш дар бод.
Боз он суруди сурхи «аналҳаق»
Вирди забони ӯст.
Ту дар намози ишқ чӣ хондӣ?
Ки солҳост
Болои дор рафтиву ин шаҳнаҳои пир
Аз мурдаат ҳанӯз
Парҳез мекунанд
Хокистари туро боди саҳаргоҳон
Ҳар ҷо, ки бурд,
Марде зи хок рӯид (5,275).

Шеъри М.Сиришк шеърест, ки устураҳо, боварҳо, руъёҳо ва бори гарони таърихи қавмҳои эронӣ ва фарҳанги исломиро бар дӯш дорад ва ин гувоҳи он аст, ки шоир огоҳии амиқ аз ғановати фарҳангӣ дорад ва ба осори ниёгон ишқ меварзад.

Саранҷом, метавон ба ин натиҷа расид, ки ашъори М. Сиришк намоёнгари таърихи қавми ориёӣ ва фарҳанги исломист.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоҳ Ҳасанзода Миралӣ, Ризоқанбарии Абдулмаликӣ. Бозтоби ашъори суннатӣ ва муосири форсӣ дар шеъри Шафеии Кадканӣ/ Абдуллоҳ Ҳасанзода Миралӣ, Ризоқанбарии Абдулмаликӣ. – Пажӯҳишномаи адабӣ-ғиноии Донишгоҳи Сиистон ва Балучистон. Шумораи шонздаҳум.–1390.
2. Иззатуллоҳ Фулодванд. Аз чеҳраҳои шеъри муосир: Ахавони Солис, Шомлу, Сипеҳрӣ, Шафеии Кадканӣ ва … / Иззатуллоҳ Фулодванд. –Теҳрон,1387.
3. Комёр Обидӣ. Дар равшании боронҳо/ Комёр Обидӣ; таҳлил ва баррасии шеърҳои Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.– Теҳрон,1381.

4. Малиҳа Каримипаноҳ. Таҷаллии устура дар шеъри М. Сиришк (Шафеии Кадканӣ). Адабиёти порсии муосир, пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ/ Малиҳа Каримипаноҳ, Абулқосим Родфар. –Теҳрон, 1390.
5. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Оинае барои садоҳо/ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. –Теҳрон, 1376.
6. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Ҳазораи дувуми оҳуи кӯҳӣ/ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон, 1376.

МИФОЛОГИЧЕСКИЕ ЭЛЕМЕНТЫ В ПОЭЗИИ МУХАММАДРИЗО ШАФЕИ КАДКАНИ (М. СИРИШК)

Данная статья посвящена рассмотрению особенностей поэзии современного поэта Ирана М. Кадкани. Использование мифологических элементов является одной из отличительных особенностей поэта. Надо отметить, что в литературно-культурной среде Ирана М. Кадкани известен как исследователь и знаток литературы Ирана. Литературное творчество является другой частью его жизни.

Ключевые слова: литература, поэзия, поэт, миф, М. Кадкани, духовное наследие, исследователь.

МИФОЛОГИЧЕСКИЕ ЭЛЕМЕНТЫ В ПОЭЗИИ МУХАММАДРИЗО ШАФЕИ КАДКАНИ (М. СИРИШК)

This article is devoted to the peculiarities of modern poetry of Iranian poet M. Kadkani. The use of mythological elements is one of the distinguishing features of the poet.

It should be noted that in the literary and cultural environment of Iran M. Kadkani is one of the expert and researcher of Iran literature. Literary activity is the other part of his life.

Key words: literature, poetry, poet, myth, M. Kadkani, spiritual heritage, researcher.

Сведения об авторе: ***Имомов Аслиддин*** –аспирант Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 918 20 26 85**

ТАЗКИРАИ “МАЙХОНА” -И АБДУННАБИИ ФАХРУЗЗАМОНИИ ҚАЗВИНӢ ВА СОХТОРИ ОН

Ш. Р. Шарипов
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дар воқеъ, тазкираҳои шеъри тоҷику форс дар тӯли таърихи башарӣ ба “паногоҳ”-и рӯзгор ва осори ҳазорон шоирон-арзишҳои олии адабии мо табдил ёфта, дар як радиф ҷиҳати шинохти шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва завоёи пинҳони давру замони мухталиф мақоми шоистаеро дар рисолати худ ғунҷоиш додаанд. Ба он нукта бояд андешид, ки агар дар раванди тадвини таърихи адабиёти тоҷику форс мавҷудияти тазкираҳоро фаромӯш кунем ва хоҳем, ки бидуни онҳо таърихи адабиётро иншо намоем, он гоҳ пайдо хоҳем кард, ки ба чӣ гуна костагӣ ва нофаҳмиҳои тасаввурношудании адабӣ мувоҷеҳ шудаем. Яъне, тазкираҳо пуштувонаи ниҳоят арзишманд ва ғании адабиёти моянд, ки дар кушуди як қатор чигилҳои адабӣ ба сифати мадраки муҳим ва боэътимод арзи ҳастӣ доранд. Қадру манзалат ва арзишу вижагиҳои тазкираҳоро дар ашъори бемонанди адибонамон метавон бештар дарёфт, ки маҳз ба василаи ҳамин тазкираҳо аз рӯйи ҳастии онҳо ғубори нестӣ зудуда шудааст.

Яке аз ин гуна тазкираҳое, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик назир надорад, “Майхона”-и Абдуннабии Фахруззамонии Қазвинӣ, мутахаллис ба Иззатӣ ва Набист. Бори нахуст Фахруззамонӣ ба соқинома ҳамчун падидаи нави адабӣ таваҷҷуҳ намуда, тазкираи худро ба шоирони “соқиномасаро” бахшидааст [11,97]. Мутобиқи маълумоти муаллифи тазкира ва сарчашмаҳои дигари илмию адабӣ аҳли адаби асрҳои XVI-XVII-и доираҳои адабии Эрон ва форсизабони Ҳинд ба соқинома ниҳоят рағбат доштаанд ва дар ин давра соқинома ҳамчун падидаи адабӣ бештар ташаккул ёфта, ин раванд боиси ба вуҷуд омадани як зуҳуроти қавии адабӣ гардидааст [12,769; 1, 304].

Абдуннабии Фахруззамонӣ таълифи “Майхона”-ро дар вилояти Аҷмири Ҳиндустон оғоз намуда, дар муддати як моҳ қариб понздаҳ соқиномаро бо зикри шарҳи ҳоли муаллифони онҳо навиштааст [12,4-769] Муаллиф баъдан дар он айём хизмати ҳокими савбаи “Баҳор”-и Ҳиндустон Сардорхон Хоҷаёдгор-бародари Абдуллохони Фирӯзҷангро баргузида, тазкираи худро ба ӯ бахшидааст, ки дар он вақт аз ду боб(мартаба) иборат буд [12,771].

Мероси адабии Абдуннабӣ танҳо аз “Майхона” иборат набуда, дар тазкира роҷеъ ба китобҳои дигари худ низ сухан гуфтааст [12,769], аммо “Майхона” аввалин ва муҳимтарин таълифоти ӯст.

Нахустин манбае, ки дар бораи тазкираи “Майхона” маълумот додааст, “Шеър-ул-аҷам”-и Шиблии Нуъмонӣ мебошад. Шиблӣ дар дебоча ва ҷилди аввали рисолаи худ зимни шарҳи ҳоли Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ва Толиби Омулӣ “Майхона”-ро ба сифати мадраки боэътимоду муфассал пазируфтааст [7,151-169]. Шиблии Нуъмонӣ навиштааст:“Дар хазоини махтутоти Аврупо ва Ҳиндустон чандон, ки феҳраст дидем, номе аз “Майхона” бурда нашуда буд. Ба ҷуз ин ки дар феҳрасти Мунюх дар як нусхаи хаттии девони Урфии Шерозӣ “аҳволи Урфии Шерозӣ” аз “Майхона”-и ушшоқи Абдуннабӣ нақл шудааст, дигар дар ҳеҷ тазкира ё таърих китоб ва исми муаллифи он зикр нашудааст, ба ҷуз “Таърихи Муҳаммадшоҳӣ” маъруф ба “Нодир-уз-замонӣ...” [12,9].

Ҳамин минвол, Шиблии Нуъмонӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро бори аввал ба ин манбаи илмию адабӣ ҷалб кардааст. Чӣ тавре ки дар боло дарҷ шуд, маъхази дигаре, ки баъд аз “Шеър-ул-аҷам” оид ба Абдуннабӣ ва “Соқинома”-и ӯ маълумоти мухтасар додааст, таърихи Муҳаммадшоҳӣ маъруф ба “Нодир-уз-замонӣ”-и Хушҳолчанд мебошад, ки мутаассифона, дар ин асар низ оид ба шарҳи ҳоли Абдуннабӣ маълумоти мухтасар оварда шуда, танҳо ду байт аз “Соқинома”-и ӯ дарҷ гардидааст [12,9-10].

Бори аввал матни интиқодии тазкираи “Майхона” бо эҳтимоми профессор Муҳаммад Шафеъ дар соли 1926-и мелодӣ дар Лоҳур ба чопи сангӣ расидааст. Ин муҳаққиқ дар асоси ду нусхаи ноқиси қаламии “Майхона”, ки зери даст доштааст, матни интиқодии мазкурро тартиб додааст. Ҳамчунин, ин муҳаққиқ аз панҷоҳу панҷ сарчашмаи адабии аслӣ: девону маснавиҳо, тазкираю луғат ва фарҳангҳо истифода намуда, дар феҳристи матни интиқодияш ба онҳо ишора кардааст.

Баъдан, пас аз 35 соли матни интиқодии Лоҳурӣ донишманди эронӣ Аҳмад Гулчини Маонӣ дар асоси ду нусхаи нисбатан мукаммали қаламӣ: нусхаи хаттии китобхонаи Малик ва нусхаи мунҳасир ба фарди Абдулҳусайни Баёт ва муқоисаи ин нусхаҳо бо чопи лоҳурӣ матни интиқодие тартиб дода, онро се маротиба дар Эрон ба табъ расонидааст. Воқеан, кори муқоиса ва муқобила, бавижа тасҳеҳи китобҳои қаламии қадима ниҳоят амали сангин маҳсуб мешавад. Дар ин масир, адабиётшиносони маъруф Муҳаммад Шафеъ ва Аҳмад Гулчини Маонӣ низ дар муаррифии тазкираи “Майхона” ва муаллифи ӯ хизмати бузургеро ба сомон расониданд. Хусусан, муқаддимаҳои пурмуҳтаво ва матнҳои интиқодии онҳо барои шиносоии Фахруззамонӣ ва тазкираи “Майхона”-и ӯ “даричаеро ба рӯйи мо боз кардааст”.

Лозим ба ёдоварист, ки пешгуфтори Муҳаммад Шафеъ бо забони урду навишта шуда, дар он перомуни ҳаёту таълифоти Абдуннабӣ ва фарқияти нусхаҳои хаттии дарихтиёрашбуда, сухан рафтааст. Аҳмад Гулчини Маонӣ сарсухани навиштаи Муҳаммад Шафеъро тавассути тарҷумоне бо номи Ҳусайни Козими Покистонӣ ба забони форсӣ тарҷума намуда, шакли пурраи онро дар оғози матни интиқодии худ овардааст. Аҳмад Гулчини Маонӣ низ дар дебочаи худ роҷеъ ба тазкира ва муаллифи он, нусхаҳои қаламии зери даст дошта, равиши тасҳеҳ ва иловаҳо нисбат ба чопи сангии лоҳурӣ ҳарф задааст.

Баъдан, муаллифи “Таърихи адабиёт дар Эрон” дар такя бо матни интиқодии нашри теҳронии тазкира роҷеъ ба ҳаёт ва осори адабии Абдуннабӣ маълумоти мухтасаре навиштааст, ки мутаассифона, аз доираи маълумоти зикркардаи Аҳмад Гулчини Маонӣ берун нарафтааст [10,1735-1739].

Муаллифи “Луғатнома” низ зимни шарҳи вожаи “соқинома” аз “Майхона” ва муаллифи он ёд карда, дар таърихи фавти муаллифи тазкира ва шумораи шоирони он иштибоҳ кардааст [3,156].

Дар “Таърихи тазкираҳои форсӣ” ҳам оид ба “Майхона” сухан рафта, дар он танҳо аз сохтори матни интиқодии теҳронӣ ёдоварӣ шудааст [6,380].

Дар Фарҳанги адабиёти Ҳинду Форс низ оид ба Абдуннабӣ ва “Майхона”-и ӯ иттилооти кӯтоҳ сабт гардидааст [8,20].

Ҳамчунин, маълумоти мухтасаре роҷеъ ба рӯзгори Абдуннабии Фахруззамонӣ ва мероси адабии ӯ дар “Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик” навишта

шудааст, ки мутаассифона, иттилои мазкур такрори суханони муҳаққиқони пешин мебошанд [14,21; 15,136]. Дар сарчашмаи мазбур оид ба тахаллуси “Иззатӣ” ва асарҳои “Дастур-ул-фусҳо”-ву “Тироз-ул-ахбор”-и Фаррухзамонӣ ҳарфе гуфта нашуда, аз миёни шоирони “мартаба”-и аввал мулоқоти муаллифро танҳо бо Шикебӣ изҳор доштааст, ки албатта, саҳеҳ нест [15,136].

Дар “Осор-уш-шуаро”, “Энсиклопедияи советии тоҷик”, “Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX”, “Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ” ва “Паёми Суғд” низ маълумоти мухтасар оид ба “Майхона” сабт шудааст [9,450; 16,125; 13,4; 2,330; 5,75-82]. Сайтҳои махсуси интернетӣ низ маълумоти мухтасарро роҷеъ ба “Майхона” фаро гирифта, шакли PDF-и тазкираи мазкур дар интернет мавҷуд аст [18].

Донишмандони тоҷик У. Каримов, З.Аҳрорӣ, Р.Ҳодизода, С.Саъдиев, У.Назиров Т.Атахонов ва У. Тоиров дар солҳои 90-уми асри 20 роҷеъ ба ҳаёт ва осори адабии Абдуннабии Фахруззамонӣ маълумоти хеле мухтасаре навиштаанд, ки сарчашмаи иттилои онҳо низ аз матни интиқодии теҳронӣ “об менӯшад”. Адабиётшиносон М.Мулоаҳмадов, С.Имронов, С.Асадуллоев ва С.Воҳидов зимни иншои мақолаҳои илмии худ роҷеъ ба мавзӯъҳои гуногун тазкираи “Майхона”-ро истинод овардаанд. Маълумоти “Адабиёти тоҷик дар асри XVI” бошад, аз пешгуфтори Муҳаммад Шафеъ, ки дар матни интиқодии теҳронӣ сабт гардидааст, пурра бардошта шуда, дар он шумораи шоирони “Майхона” 71 нафар маҳсуб ёфтаанд, ки албатта, ин иттилоъ нодуруст аст [4,121-122]. Яъне, дар “Майхона”-шиносии тоҷик то ба имрӯз қадами ҷиддӣ гузошта нашуда, муаррифии устувори ин тазкира рӯйи кор наомадааст.

Бо вуҷуди пажӯҳиши арзишманди Муҳаммад Шафеъ ва Аҳмад Гулчини Маонӣ ҳанӯз ҳам дар шинохти тазкираи “Майхона” ва рӯзгори муаллифи он масъалаҳое арзи ҳастӣ доранд, ки баррасӣ ва тасҳеҳу таҳқиқро тақозо менамоянд. Дар ин қатор, омӯзиши пурраи рӯзгор ва осори адабии Абдуннабии Фахруззамонӣ ҳамчун муҳаққиқ ва мунаққиди адабиёт, пажӯҳиши тазкираи ӯ ҳамчун сарчашмаи афкори адабӣ ва муайян намудани нигоҳи муаллифи “Майхона” роҷеъ ба шеър, бавижа соҳинома аз зумраи он нуктаҳое ҳастанд, ки бояд, ба ҳалқаи таҳқиқ кашида шаванд.

Тазкираи «Майхона» дар солҳои 1022ҳ.к/1614м.-1028ҳ.к./1620м. дар марҳилаи рушди адабиёти форсии Ҳинд дар садаи аввали ҳукумати Темуриёни Ҳиндустон таълиф гардида, аз дебоча, се фасл, ки онҳоро худи муаллиф “мартаба”номидааст ва хотима иборат мебошад. Салтанати Темуриёни Ҳинд ба солҳои 932-1285ҳ.к./1526-1868м.рост омада, навиштани асарҳои адабию таърихӣ, бавижа тазкираҳо дар он марҳила ривоҷ ёфтааст, ки “Майхона” низ дар ҳамон марҳила зуҳур намудааст.

Унвони мартабаҳо дар тазкираи “Майхона” ба таври зерин навишта шудаанд:

Мартабаи аввал. Дар зикри суханвароне, ки доии Ҳақро лаббайки иҷобат гуфта ва сар дар ниқоби туроби тира кашидаанд.

Мартабаи сонӣ. Дар зикри суханвароне, ки дар ин айёми хуҷастафарҷом дар ҳаётанд ва иштиҳори саршор доранд.

Мартабаи савум. Дар зикри суханвароне, ки то ҳангоми мулоқоти ин заиф соҳинома нагуфтаанд ва камтарин бо эшон суҳбат дошта.

Донишманди эронӣ Муҳаммад Шафеъ таърихи оғози навиштани “Майхона”-ро ба солҳои 1023ҳ.к.-1024ҳ.к. баробар донистааст [12,15]. Аммо худи муаллифи тазкира дар ин бора “соли ҳиҷрати ҳазрати рисолат ба ҳазору бисту ду расида...”[12,2-3] гуфтааст, ки ин далел таърихи нишондодаи Муҳаммад Шафеъро рад менамояд. Ҳамчунин, Шиблии Нуъмонӣ соли таълифи тазкираро 1036ҳ.к. ҳисобидааст, ки дуруст нест [7,165]. Усмон Каримов низ таърихи анҷоми китобро тақрибан ба соли 1619м. баробар донистааст, ки албатта мо ба ин фикр низ розӣ шуда наметавонем [4,121-122]. Зеро муаллиф дар тазкира бештар аз даҳ маротиба таърихи анҷоми онро баробар ба соли 1028ҳ.к./1620м. нишон додааст [12, 504-589-617-642-662-671-738-805-846-876-898-916].

Моддаи таърихи анҷоми китобро низ дар мисраи “бода дар майхонаи риндонае” дарҷ намудааст, ки “ҳосил”-и он ба 1028 баробар аст [12,924]. Бар замми ин, соҳиби китоб дар вақти дарҷи рӯзгори ҳамшаҳрии худ-Мирмулкӣ гуфтааст, ки “*баъд аз сайри бисёр дар санаи тасъу ашрин ва алф(1029) ба балдаи Патна омад ва дар он айём муаллифи ин таълифи ҳаниф дар балдаи мазкур” Майхона“-ро ба итмом*

расонида буд ва як сол бар он гузашта...” [12,686-687]. Абдуннабӣ дар мавриди зикри Мирваслии Шерозӣ низ чунин навиштааст: “*Аз он таърих то лугоят, ки санаи суману ашрин ва алф(1028) дигар хабаре аз аҳволи он фарҳанги дониш ва нуктапарваре ба ин заиф нарасида*” [12,671]. Албатта, муаллиф соли 1028ҳ.қ низ ба тасвиди ин асари бузург машғул будааст, ки дар зикри Мавлоно Ҳайдари Хисолӣ чунин овардааст: “*ва аз он таърих то ҳол, ки мусаввади авроқ ба тасвиди ин таълиф машгул аст ва соли ҳиҷрати ҳазрати рисолатпаноҳ ба ҳазору бисту ҳашт расида”* [12,846]. Яъне, мешавад ба он хулоса омад, ки манзури Шиблии Нуъмонӣ он будааст, ки то ҳамон сол, яъне 1036ҳ.қ. тазкираи “Майхона” аз ҷониби соҳиби он-Фаррухзамонӣ пайваста такмил ёфтааст. Аммо таърихи анҷоми асари мазкур маҳз соли 1028ҳ.қ. мебошад. Дар китоби “Таърихи адабиёт дар Эрон” зикр шудааст, ки *“таърихи 1028 охирин таърихест, ки чанд бор дар “Майхона” мебинам...*” [10,1736], аммо ин навишта низ аз ҳақиқат дур аст. Чунки дар тазкира таърихи 1029ҳ.қ. охирин сана ба шумор меравад [12,459-686].

Аҳмад Гулчини Маонӣ низ дар ин маврид гуфтааст, ки: *“...таърихи 1029 дар ин китоб зиёд бачашм мехӯрад...”*[12,459]. Аммо дар “Майхона” ҳамагӣ ҳангоми сабти ду шоир: Ҳаким Фағфур ва Мирмулкӣ таърихи 1029ҳ.қ. дарҷ гардидаасту халос. Яъне, дарҷи соли 1029ҳ.қ. дар китоб зиёд набуда, сабти ин сана бозгӯйи такмилоти минбаъдаи асар пас аз таълифи он ба ҳисоб меравад.

Абдуннабӣ соқиномаҳои дар муддати панҷ сол ҷамъовардаашро дар “Майхона”ҷойгир намуда, ин китобро “ҳосили умр”-и худ донистааст [12,6-7].

“Майхона”-и ман, ки ҳосили умри ман аст,
Маҷмӯаи ахбору баёзи сухан аст.
Насраш ба маза ҳамчу кабоби маза аст,
Назмаш ҳама нофеъ чу шароби куҳан аст (12,924).

Дебочаи “Майхона” низ тибқи суннати деринаи китобнависӣ аз тавҳиди Офаридгор ва наъти Пайғамбари акрам(с) оғоз гардида, қисмате аз шарҳи ҳоли муаллифро дар бар мегирад. Як қисми воқеаҳои рӯзгори Абдуннабӣ, ки дар дебоча дарҷ шудаанд, дар хотимаи мартабаи дуюм низ ба такрор сабт гардидаанд. Ҳамчунин, дар ин ҷо дар бораи сохтори тазкира сухан рафта, феҳристи номҳои шоирон ҷойгир карда шудааст. Муаллиф тазкираи “Майхона”-ро бо байтҳои зерин оғоз намудааст:

Касе, к-ӯ шавад маст аз ҷоми дӯст,
Таровад зи ҳар мӯйи ӯ номи дӯст.
Маро аз тафи дил чу оташ сухан
Бурун ояд аз шоҳроҳи даҳан.
Аз ӯ зикри ӯ гашта вирди забон,
Вагарна киро ҳаст ёрои он
Сари хорҳои ҷаҳон тез аз ӯст,
Гулистони ҳар нор гулрез аз ӯст.
Аз ӯ дар сари мост савдои ишқ,
В-аз ӯ дар дили мост гавгои ишқ.
Хирад дар сари ҳушмандон аз ӯст,
Қалам дар кафи нақшбандон аз ӯст.
Аз ӯ ҷӯш дар хуми майхонаҳо,
В-аз ӯ шур дар магзи девонаҳо.(12,1)

Дар наъти Пайғомбари акрам(с) овардааст:

Муҳаммад подшоҳи ҳафт кишвар,
Равон фармони шаръаш бар сари ақл.
Тар аз номаш забони офариниш,
Ба ӯ дил зинда ҷони офариниш.
Гирифта сити ақлаш қофу ноқоф,
Ҷаҳонро карда пур аз адлу инсоф (12,2).

Тибқи маълумоти Аҳмад Гулчини Маонӣ дар оғози нусхаи хатти Баёт шарҳи ҳоли Мирабдулҳодии Мулҳами Кошонӣ ва дар интиҳои он соқиномаи Мирразии Артимонӣ илҳоқ шудааст, ки ин ду шоир муосири соҳиби “Майхона” буда, эътимоди моро роҷеъ ба нисбатан мукаммал будани нусхаи қаламии мазкур қавӣ мегардонад. Дар матни интиқодии Гулчини Маонӣ бошад, шарҳи ҳол ва “Соқинома”-и

Мирабдулҳодии Мулҳами Кошонӣ ва “Соқинома”-и Мирразии Артимонӣ дар интиҳои китоб оварда шудааст. “Соқинома”-и Мирабдулҳодии Мулҳами Кошонӣ иборат аз 207 байт буда, ба монанди мақтаи ғазал Мулҳам дар байти охири ин асараш зикри тахаллус намудааст.*Чу сармаст аз бани бода **Мулҳам** шавад/Даме фориг аз ҳумму аз ғам шавад(12,936).* Ҳамчунин, “Соқинома”-и Мирразии Артимонӣ бидуни тарҷумаи ҳоли шоир дар ҳудуди 161 байт суруда шуда, дар байти охири он низ номи шоир зикр шудааст. ***Разӣ** рӯзи маҳшар Алӣ соқӣ аст//Макун тарки май то нафас боқӣ аст (12,946).*

Дар матни интиқодии Аҳмад Гулчини Маонӣ навад шоир ҷой дода шудаанд, ки аз онҳо 33-тояшон соҳиби “соқиномаи басомон” ва чор соқиномаи ҳаҷман ноқис ворид карда шудааст. Сию ду шоир то интиҳои тазкира умуман, соқинома насурудаанд. “Соқинома”-ҳои 8 шоир аз таркиби асарҳои дигарашон ахз карда шудааст.Таркиббанд, тарҷеъбанд қасида ва силсилаи ғазалҳои 13 шоир “бар талофи соқиномаи онҳо” дарҷ гардидааст. Аммо адабиётшиноси тоҷик А.Абдуллоев шумораи муаллифони соқиномаи ”Майхона”-ро ба 57 нафар баробар донистааст [17,125]. Муҳаққиқ Рухшона Қаландарова низ шумораи шоирони соқиномасарои тазкираи “Майхона”-ро чил нафар гуфтааст [5,76], аммо бо назардошти тарҷеъбанд, таркиббанд ва ғазалҳое, ки Фахруззамонӣ соқиномаи як зумра шоирон хондааст, теъдоди соқиномаҳои “мартаба”-ҳои якум ва дуюми тазкираи “Майхона” 52 адад ва бо ҳисоби се соқиномаи чорбайтии шоирони “мартаба”-и сеюм маҷмӯи соқиномаҳои тазкира 55 ададро ташкил менамояд.

Агар Муҳаммад Шафеъ дар раванди таҳияи матни интиқодии лоҳурӣ аз 55 сарчашмаи муътамад ва дасти аввал истифода карда, онҳоро дар ҳошияи чопи сангиаш зикр намуда бошад, Аҳмад Гулчини Маонӣ дар матни интиқодии теҳронӣ аз 2600 девонҳо, ашъори мунтахаб ва сарчашмаҳои қаламию асрӣ, аз он ҷумла аз 171 маъхазҳои дасти аввал ва боэътимоду қаламӣ баҳрабардорӣ намудааст. Гулчини Маонӣ бо истифода аз сарчашмаҳои мазкур дар ҳошияҳои тазкираи “Майхона” дар 136 маврид аз тарҷумаи мухтасари 59 нафар шоирон ва воқеаҳои таърихӣ ва дар 168 маврид доир ба тавзеҳот ва изҳори назарҳо ҳарф задааст. Дар матни тазкира сарлавҳа, ному насаби шоир, тахаллус, зодгоҳи вай, номи шоҳон, вазирон ва сарлашкарон, сарчашмаҳои истифодашуда, шаҳру деҳот, исми ҷойҳои муқаддас ва пайғамбарон ва дар ҳошия низ номи шоирон, ашхоси таърихӣ, сарчашмаҳои адабӣ, шаҳру деҳот, аломатҳои ихтисорӣ ба ҳарфи сиёҳи андозааш дувоздаҳ дарҷ шудаанд. Дар интиҳои матни интиқодии чопи савум “такмили ҳавошӣ ва истидрокот”, зикри Шайх Аликулоҳи Шерозӣ, феҳристи номи ашхос ва хонадони онҳо, феҳристи маконҳо ва феҳристи китоб бо тартиби алифбоӣ оварда шудаанд.

Хуллас, ки тазкираи “Майхона” дар омӯхтани робитаи адабии шоирони Мовароуннаҳру Эрон ва Ҳинд ва аҳволу осор, бавижа соқиномаҳои як зумра шоирони асри 17 мадраки муҳим маҳсуб ёфта, тазкираи мавзӯӣ ва аз рӯи ифодаи матлаб асил аст, зеро аксари матлаби “Майхона” аз они худи муаллиф аст.

Дар ҳар як “мартаба”-и “Майхона” на танҳо истеъдоди тазкиранигории муаллиф, балки сатҳи баланди маърифати адабиётшиносӣ, ҳунари волои муҳаққиқӣ, табъи асилу зотии шоирӣ, нависандагӣ ва ҷаҳонбинии ниҳоят фарохи ӯ ҳамчун яке аз симоҳои адабии асрҳои 16-17 таҷассум ёфтааст. Ҳамзамон, ҷойи зикр аст, ки муаллифи китоб дар қатори зинда нигоҳ доштани соқиномаҳои шоирони дигар соқинома ва 27 байти худро низ аз газанди рӯзгор дифоъ кардааст.

Ҳамин минвол, ба андешаи мо Абдуннабӣ дар баробари таълифи “Майхона” на танҳо зуҳури ин падидаи адабӣ-соқиномаро рӯшан ва сайри таърихии онро бозгӯ намуд, балки тарзи нави тазкиранигорӣ, хоса бо усулу равиши тахрезишуда ва дар заминаи шинохт ва бархӯрдории комил ахз кардани як навъи адабиро аз ҷавҳари навъи адабии дигар асос гузошт, ки минбаъд дар пайравии он тазкираҳои дигар, минҷумла тазкираи “Паймона” ба вуҷуд омаданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод, Аълохон. Адабиёти тоҷик. (Китоби дарсӣ барои синфи 8)/ Афсаҳзод, Аълохон. – Pleiades publishing Inc,2001.– 304 с.
2. Атахонов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ/ Т. Атахонов–Душанбе: Шарқи озод, 2002.– 454 с.
3. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома/ Деҳхудо, Алиакбар; зери назари Муҳаммад Муин. – Теҳрон,1339.– Ҷилди 28. –400с.

4. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI/ У.Каримов.–Душанбе: Дониш,1985.–228с.
5. Қаландарова Р.Таҳлили қиёсии хамрияи ибни Фориз ва «Соқинома»-и Ҳофиз/ Р.Қаландарова // Паёми Суғд. –2013. – № 3. –108 с.
6. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ/ Маонӣ, Аҳмад Гулчин. –Теҳрон: Китобхонаи Синонӣ,1343. – Ҷ.1. –766с.
7. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон/ Нуъмонӣ, Шиблӣ; тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақии Фахруддоии Гелонӣ. –Теҳрон: Ошно. – Ҷилди аввал. – 1348.–250с.
8. Nabi Hadi. Dictionary of indo-persian literature. Foreword by Kapila Vatsyayan. India Gandhi National Centre for the Arts Abhinav Publication/ Nabi Hadi.–Dehli, 1995.–758p.
9. Осор-уш-шуаро.(Фарҳанги шуарои форсигӯйи Шубҳи Қорра аз асри Масъуди Саъд то асри аллома Иқбол)/ Тартиб ва тадвини доктор Сайид Муҳаммад Акрами Икром. –Исломодоб: Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 2008. –450с.
10. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон/ Забеҳулло Сафо. – Теҳрон, 1368.– Ҷилди5/3.-аз 1442 то 2012С.
11. Сӯфиев Ш.З.Низомӣ ва суннати соқиномасароӣ// Адаб. – 2012. – № 1-2. –152с.
12. Фахруззамонӣ, Абдуннабии Қазвинӣ. Майхона/ Фахруззамонӣ, Абдуннабии Қазвинӣ; бо тасҳеҳу танқеҳ ва такмили тароҷим, бо эҳтимоми Аҳмад Гулчини Маонӣ. –Теҳрон, 1340. –1000с.
13. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX/ Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. –Душанбе: Маориф, 1988. – 416с.
14. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душабе: Сарредаксияи илмии энсклопедияи советии тоҷик,1988. – Ҷилди 1. – С.544.
15. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик/ зери таҳрири Калим-Работ.-Душабе: Сарредаксияи илмии энсклопедияи советии тоҷик,1988. – Ҷилди 2. –560с.
16. Энсиклопедияи советии тоҷик/ Сармуҳаририилмӣ М.С. Осимӣ– Душабе: Сарредаксияи илмии энсклопедияи советии тоҷик, 1987. –Ҷилди 4. – 640с.
17. Энсиклопедияи советии тоҷик/ Сармуҳарири илмӣ М.С. Осимӣ– Душабе: Сарредаксияи илмии энсклопедияи советии тоҷик, 1987. – Ҷилди VII. – 640с.
18. *www.loot.ir/productresultNO-1270944-s.html..فخرالزمانی قزوینی عبدالنبی. Scan:http://www.new.dli.ernet.in/ PDF:http://www.KetabFarsi.com.mailto:info@persianbook.net.,www.icnc.ir/index.aspxpid=289., banoo.shahrmajazi.com/search [Электроний ресурс]*

СТРУКТУРА АНТАЛОГИИ “МАЙ-ХАНЕ” АБДУННАБИ ФАХРУЗЗАМОНА

Автор статьи на основе научно-литературных источников, опубликованных в Таджикистане и в Иране в 60-90-ые годы прошлого века и начале 21 века, а также из полученных в интернете материалов, постарался показать структуру анталогии “Май-хане” Абдуннаби Фахруззамона как литературного источника 17 века.

Ключевые слова: анталогия “Май-хане”, саки-наме, Абдуннаби Фахруззамона, персиязычная литература Индии, Иран, культура.

THE STRUCTURE OF THE ANTOLOGY «MAIKONA» OF ABDYNNABI FAKHRUZZAMONI

The author of the article on the base of the scientific-litrary materials wrich were published in Tajikistan and Iran on 60-90th years of the last centure at the begining of the 21 centure and also from the materials wrich he received from internet tried to show the structure of the antology «Maikona» of Abdynnabi Fakhruzzamoni as a litrary saurse of the 17 th centure.

Key words: Antology «Maikona», soqinoma, Abdynnabi Fakhruzzamoni, the literature of the persian langual of India, Iran.

Сведения об авторе: ***Шарипов Ш.Р.*** –аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 92 757 32 28.**

ТАЪСИРИ НАБАРДҲОИ ИТТИЛООТӢ БА АФКОРИ ФИРОРИЁНИ ИҶБОРӢ

Саидмуроди Хоҷазод
Донишгоҳи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Солҳои 1993-1997 дастёбӣ ба сулҳ ризоияти тарафайни- ҳукумат ва мухолифин буд, зеро собиқ мухолифин бар зидди ҳукумат на танҳо бо силоҳ меҷангиданд, балки муборизаи густурдаи иттилоотиро низ ба роҳ монда буданд. Аз он сӯйи дарё Иттиҳоди собиқи мухолифони тоҷик дар расонаҳои худ – садои «Тоҷикистони Озод», нашрияҳои «Садои муҷоҳид» ва «Пайки пирӯзӣ», ки дар соли 1993 таъсис дода буд, ҳукуматро ба бераҳмиҳои гӯшношунид ва *“поккории қавмӣ”* муттаҳам мекард [5]. Дар ин самт фаъолияти садои “Тоҷикистони Озод” нишонрас буд. Ин расонаи иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик 14-уми сентябри соли 1993 ба фаъолият сар карда, қароргоҳаш дар шаҳри Толиқони Давлати Исломии Афғонистон воқеъ буд. Тарғиби ғояҳои сиёсии мухолифин, ба роҳ мондани муборизаи идеологӣ ва набарди иттилоотӣ бар зидди ҳукумати вақти Тоҷикистон, бо иттилоъ таъмин намудани муҳоҷирони тоҷик, ки дар Афғонистон сукунат доштанд, баргардонидани гурезагон ба Ватан, комилсозии фазои иттилоотии минтақаи сукунати фирориён аз аҳдофи асосии он маҳсуб мешуд. Ҳарчанд дорои характери умумӣ буд, вале дар он ҷанбаҳои иттилоотӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва таблиғотӣ авлавият доштанд.

Жанрҳои хабар, гузориш, мусоҳиба, табсира зиёдтар истифода мешуданд. Барномаҳо ҳамарӯза се маротиба – субҳгоҳон аз соати 6-00 то 8-00, нисфирӯзӣ аз соати 12-00 то 14-00 ва шомгоҳон аз соати 20-00 то 22-00, дар маҷмӯъ ба муддати 6 соат рӯйи мавҷҳои дароз ва мутавассит пахш гардида, онҳоро сокинони манотиқи наздисарҳадии Тоҷикистон низ мешуниданд. Забони барномаҳо сирф тоҷикӣ буд. Гуфторҳо бо барномаи хабарӣ таҳти унвони «Пайки Хуросон» дар ҳаҷми се нашр (соатҳои 6-00 то 6-10, 12-00 то 12-10, 2-00 то 20-10) пахш гардида, барномаи таҳлилию ҷамъбастии ҳафта бо номи «Ойинаи Сикандар» муҳимтарин ҳаводиси ҳафтаи сипаришударо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медод. Муҳоҷирон аз тариқи барномаи «Юсуфи гумгашта» розу ниёз ва садои дилашонро ба пайвандони дар Ватан сукунатдошта иброз менамуданд. Барномаи мазҳабии «Нури ҳақ» рӯзҳои ҷумъа садо медод ва аз маҳбубияти зиёд бархурдор буд[4, 551].

Маҳз тавассути барномаҳои ин расона номаҳои муҳоҷирон қироат ва дар бораи рӯзгори онҳо маълумот дода мешуд. Чунончи, сокини ноҳияи Ёвон, Абдураҳмон Давлатов ба хотир меорад, ки ҳар бор садои радиоро шунавад, як лаҳзаи шодмонии худро ба ёд меорад. Баҳори соли 1994, вақте ки Абдураҳмон ҳамроҳи бародараш аз ноҳияи Ёвон ба вилояти Суғд фирор карда буд, аз барномаи шомгоҳии радиои “Тоҷикистони Озод” хабар ёфт, ки пайвандони гумшудааш зиндаанд ва дар “Кампи Сахӣ”-и Афғонистон панаҳ ёфтаанд: *«Ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, вақте ки то 200 хешу таборамон, аз писари амма то духтари тагоямро меҷӯстем ва хабаре аз онҳо набуд. Вақте ки аз радиои “Тоҷикистони Озод” номи онҳоро шунидем, ашк аз чашмамон равон гашт ва ин беҳтарин лаҳзаи умри мо буд”.*

Аммо танҳо ба воситаи радиои давлатии Тоҷикистон, ки зоҳиран тарафи муқобил бо радиои “Тоҷикистони Озод” буд, Абдураҳмон тавонист, бо наздикони худ робита барқарор кунад: *“Баъд аз тариқи барномаи «Хоки Ватан» мо барои онҳо нома менавиштем ва ҷавоб мегирифтем»* [5].

Барномаи «Юсуфи гумгашта»- и ин расона пурра қазияҳои муҳоҷиронро дар бар мегирифт. Дар барномаҳои солҳои 1993-1994 сиёсати ҳукумати вақти Тоҷикистон пурра зери тозиёнаи танқид гирифта мешуд. Тавре як нафар фирории ба Ватан баргашта ёдовар мегардад, *“...ҳам барномаи “Хоки Ватан”- и радиои Тоҷикистон ва ҳам «Юсуфи гумгашта» -и садои “Тоҷикистони Озод”-ро гӯш мекардем. Онҳо зидди ҳамдигар сухан мегуфтанд. Намедонистем ба сухани кадоме аз онҳо бовар кунем. “Хоки Ватан” моро ба Ватан даъват мекард, вале барномаи «Юсуфи гумгашта» дар бораи вазъи бади Тоҷикистон, одамкушию гуруснагӣ хабар медод. Ҳайрон мешудем ба кадомаш бовар кунем. Худи ман ду бор хостам ба Тоҷикистон оям, вале баъди шунидани хабарҳои садои “Тоҷикистони Озод” аз ниятам бармегаштам. Вақте мавҷи*

аввали гурезагон барои бозгашт ба Ватан омода мешуданд, садои "Тоҷикистони озод" шарҳи сиёсӣ шунавонд, ки онро мо фирориён якҷоя гӯш кардем. Баъди он қариб нисфи фирориён аз бозгашт ба Ватан худдорӣ карданд, ки ман низ аз ҷумлаи онҳо будам" [3].

Маълум мегардад, ки таъсиррасонӣ ба афкори фирориён як самти фаъолияти ин давраи расонаҳои давлативу мухолифин будааст, зеро маҳз таъсири системанок қодир аст мафкураи инсонро дигаргун намояд, онро ба таври дигар ташаккул диҳад. Ин як намуди муборизаи иттилоотӣ буд ва бино ба иттилои расонаҳои хориҷӣ ин ҳам дар ҳоле буд, ки зиёда аз 80 000 шаҳрванди Тоҷикистон дар Афғонистон паноҳанда буданд ва ҳар ду тарафи низоъ мехост, аз муҳоҷирон ба нафъи худ истифода кунанд.

Ҳукумат талош мекард, ки ҳарчи зудтар муҳоҷиронро баргардонад ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон диҳад, ки дар он тарафи дарё танҳо як гурӯҳи кӯчаки мусаллаҳ ва норозие ҳаст, ки мехоҳад, вазъро дар дохили кишвар ба ҳам бизананд. Дар матолиби радиову телевизион ва нашрияҳои ҳукуматӣ мухолифон ба ангехтани ҷанг айбдор мешуданд ва ибораи *"дасти онҳо то оринҷ дар хун оғӯштааст"* ҳамарӯза садо медод [5]. Сиёҳ намудани якдигар, душмантарошӣ дар симои ҳамдигар ба хусусияти воқеаҳои ҳамон давр вобаста буд. Ин идомаи ҷанги таблиғотие буд, ки баъд аз ишғоли телевизиони давлатӣ аз тарафи оппозитсия ва таъсиси "Телевизиони Мардумии Тоҷикистон" ва ҳам тахриби антеннаи мавҷпароканӣ дар наздикии Қурғонтеппа ва ташкили "Телевизиони Кӯлоб" ба авҷи худ мерасид. Ҳарду тараф кӯшиш мекарданд, хашму ғазаби пайравони худро ба ҷӯш оранд [5].

Новобаста ба муборизаи маслакӣ ва иттилоотӣ расонаҳои ҳарду тараф дар масъалаи фирориён беаҳамият набуданд. **Расонидани иттилоъ оид ба вазъи гурезагон, қироати номаҳо, пахши садои фирориён, ба зиндагӣ рӯҳбаланд кардани онҳо ҳадафи муштараки барномаҳои "Хоки Ватан" ва "Юсуфи гумгашта" буд.** Чунончи, Муҳаммади Навид, раиси вақти бахши фарҳанг дар Иттиҳоди мухолифон ва сарпарасти радиои «Тоҷикистони Озод» даврони муҳоҷирати худро ёдовар мешавад. Вақте аз рӯди Омӯ убур карда буд, хонавода ва падару модараш дар кишвар монда буданд. Дар он вақт хабаре пахш мешавад, ки ҳангоми аз дарё гузаштан ӯро як гурӯҳи силоҳбадастон ба қатл расондаанд. Навид мегӯяд: *«То пахши барномаҳои радиои "Тоҷикистони Озод" оилаи ман дар азо будааанд. Ҳеҷ хабар набуд ва касе ҳам наметавонист аз ин тарафи дарё дар бораи фирориёни он сӯ хабардор шавад, вақте ки садои маро аз ин радио шуниданд, бо шӯру валвала ҳамдигарро оғӯш мегиранд, ки "зинда будааст".*

Ин як мисол аст, ки ман овардаам. Садҳо нафар аз ин тараф ва садҳо нафар аз он тарафи дарё аз тариқи радио чунин мужданҳоро аз зинда будани наздикони худ мефаҳмиданд" [5].

Баъди соли 1995 дар фаъолияти ин расона тағйироти усулӣ ба вуҷуд омад. Сиёҳ намудани ҷониби муқобил тадричан кам шуд. Вобаста ба раванди сулҳу созгории миллӣ барномаҳои «Сафинаи умед», «Кайҳони дилҳо», «Тамошогаҳи роз» ба миён омаданд. Маҳаки аслии онҳо ба вуҷуд овардани афкори умум бобати таблиғи идеяҳои мухолифин, таҳкими сулҳ ва имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ дар Тоҷикистон буд. Фаъолияти радиои "Тоҷикистони Озод» баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ дар Тоҷикистон ва ба Ватан бозгаштани фирориён моҳи октябри соли 1997 қатъ гардид [4, 552] ва муборизаи иттилоотӣ низ аз байн рафт. Новобаста ба он ки ин расона хусусияти оппозитсионӣ дошт, аз фаъолияти чаҳорсолаи он метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- нерӯҳои зеҳнии мухолифинро дар як ҷо муттаҳид намуда, маркази ягонаи таъсиррасониро ба вуҷуд овард;
- дар тарғиби ғояҳои сиёсии мухолифон нақши ҳалкунанда бозид;
- муборизаи иттилоотиро бар зидди расонаҳои ҳукуматӣ роҳандозӣ кард;
- барои таъмини саривақтии иттилоъ ба аудиторияи муайян- фирориёни иҷбӣ мусоидати фаъол намуд;
- солҳои 1995- 1997 эътимод ва афкори умумии фирориёни иҷбориро барои бозгашт ба Ватан ба миён овард.

Барномаи дигаре, ки бозгашти гурезагонро ҳадафи аслӣ қарор дода буд, "Хонаи умед" ном дошт. «Хонаи умед» - барномаи сиёсӣ ва адабии идораи барномаҳои бурунмарзии радиои Тоҷикистон буд. 1-уми майи соли 1993 таъсис

шудааст. Ҳадафаш мусоидат ба бозгашти фирориён ба Ватан буд. Азбаски мавҷи идораи барномаҳои бурунмарзӣ қавӣ, доираи фарогирии он васеъ буд ва аксари мардуми мамлакатҳои ҳамҷавор ва хориҷӣ ба он дастрасӣ доштанд, дар муддати кӯтоҳ робитаи фирориёни хориҷ бо барномаи номбурда қавӣ гардид.

Танҳо соли 1993 аз ҷониби фирориёни дар Афғонистон, Эрон, Покистон ва Русия сукунатдошта, унвонии барнома беш аз ҳашт ҳазор нома расида, зиёда аз даҳ ҳазор корафтода муроҷиат намудааند. «Хонаи умед» ба сони пули иртибот миёни фирориёни кишварҳои дур ва пайвандони дар Ватан маскунбудаи онҳо хизмат намуд [4, 750]. Хабару мусоҳиба, суҳбат, гузориш, шарҳи номаҳо, табсира жанрҳои асосии барнома буданд. “Хонаи умед” ҳафтае ду маротиба рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа дар ҳаҷми аз 30 то 45 дақиқа садо дода, бо ором шудани авзоъи кишвар, моҳи декабри соли 1996 қатъ гардид [4, 750].

Барномаи таъинотӣ буд, таблиғи сиёсати ҳукумат бо назардошти роҳу равиши роҳбарияти давлатҳои хориҷ (Эрон, Афғонистон, Русия, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва ғ. роҳандозӣ мешуд. Ҳангоми таҳияи барнома ва қироати номаҳо мавқеи ҳукумат ифода мегардид. Аз ин рӯ, аксари номаҳо таҳрир, сӯҳбатҳо кӯтоҳ ва бо сиёсати вақт ҳамоҳанг мешуданд. Самти дигари барнома посух ба маводи радиоҳои хориҷӣ буд, ки оид ба вазъи фирориёни дохил ва хориҷи Тоҷикистон пахш мекарданд. Бо ин мақсад бахши «Тафсири сиёсии рӯз» таҳия мегардид. Мураттибони бахши мазкур мекӯшиданд, ба матолиби муғризонаи расонаҳои хориҷии «Озодӣ», «Би-би-си», «Садои Хуросон», ки дар фазои расонаии солҳои 1993-1996- и кишвар ҷойгоҳи фаъол доштанд, посух гуфта, вазъи воқеии фирориёнро ба ҷаҳониён бозгӯ намоянд.

Солҳои 1993-1994 лаҳни қироати табсираҳои сиёсӣ шадид ва баътар ором шуд. Борҳо ба тафсирҳои сиёсии садои «Тоҷикистони Озод», ки роҳбарияти мамлакатро ба «поккории қавмӣ», ва «коммунистмаобӣ» гунаҳкор мекарданд, аз тариқи ин бахш посух гуфта шудааст. Дар набарди иттилоотии солҳои 1993- 1994 ин ду расона барои сиёҳ ва гунаҳкор намудани ҳамдигар ва ҷонибҳои муқобил навъе сабқат доштанд. Садои «Тоҷикистони Озод» ибораву истилоҳҳои *«душманони ислом», «кофарон», «душманони Худо», «беимонҳо», «коммунистмаобон», «бародарони сурх»* ва «тафсири сиёсии рӯз» *«шахсони дасташон то оринҷ пури хун», «мансабталабон», «маҳалгароён», «хидматгузорони хоҷаҳои хориҷӣ», «омили асосии ҷанги ҳамватан», «сабабгори аслии бадбахтии Тоҷикистон»* ва ғайраро истифода мебурданд. Онҳо якдигарро барои таҳрифи воқеият гунаҳкор намуда, ба зикри асноду фактҳо худро ҳақ мешуморидند. Масалан, садои «Тоҷикистони Озод» соли 1994 дар яке аз нашрҳои барномаи «Юсуфи гумгашта» ҷониби ҳукуматро ба бесалоҳиятӣ барои ҷо ба ҷо намудани паноҳандагон гунаҳкор намуда, чунин муроҷиат кард: *«Расонҳои давлатӣ ҷор мезананд, ки гурезагон бо хуроки гарм ва ҷойи хоб таъмин мебошанд. Магар шахсеро, ки хонаву дараш, муҳимтар аз ин ёру пайвандашро аз даст додаст, бо хуроки гарму ҷои хоб тасаллӣ додан мумкин аст. Ҳаргиз не. Шахсоне, ки мӯҷиби бадбахтии онҳо шудааند, ба зуддӣ ба нафрати халқ ва газаби Худо гирифтор хоҳанд шуд…».*

«Тафсири сиёсии рӯз» дар робита ба ин матолиб чунин посух медиҳад: *«Магар дасти гариберо гирифтан, ба ӯ кумак расонидан, онро ба Ватан раҳнамоӣ кардан гуноҳ аст?. Агар не, пас чаро расонаҳои мухолифин ва хориҷӣ ҳамаи ин аъмоли некро нодида мегиранд?. Мӯҷиби бадбахтии фирориён на ҳукумат, балки худи онҳо ҳастанд, ки бо роҳи фиребу дурӯг ҳамватанони моро дар даштҳои ташналабу сарди Афғонистон сарсон кардааند…. Инсоф ҳам лозим аст…. Ҳукумати Тоҷикистон бузург аст. Шахсонеро, ки бо илтифоти шумо ранҷи гурбат мекашанд, ба Ватан бозмегардонад…»* [2].

Сиёҳ намудани ҳамдигар дар набардҳои иттилоотӣ ба хусусияти сиёсати вақт марбут буд, зеро ҳанӯз барои қатъи ҷанг ва барқарории сулҳ эътимоди ҷонибҳо ба вуҷуд наомада буд. Тадриҷан ба гуфтаи журналист Султони Ҳамад, ки бо Садои “Тоҷикистони Озод” ҳамкорӣ дошт, ҷонибҳо ба хулоса омаданд, ки аз тариқи расонаҳо айбҷӯйӣ, бадномкунӣ ва душмантарошии якдигарро поён диҳанд: *«Дар соли 1994 дар музокироти Маскав аз тарафи Созмони Милал ҳам ҳамин гуна пешинҳод шуда буд, ки аз тариқи расонаҳо танқиди якдигарро бас кунанд. Аммо ин чандон ба эътибор гирифта намешуд. Дар мулоқоти Хостдеҳ ин масъала ба таври ҷиддӣ дар миён гузошта шуд ва пас аз он лаҳни тунду ҳақорату дашном қариб, ки дида намешуд»* [5]. Зимнан ин нукта ба яке аз бандҳои Созишномаи сулҳи соли 1997 табдил ёфт ва аз

тарафҳо даъват шуд, онро муроот кунанд. Созишнома дар солҳои баъдӣ таъсири мусбати худро гузошт.

Зимни муқоиса ва натиҷагирӣ аз “набардҳои расонаӣ” барои бозгардонидани фирориёни иҷборӣ ба чунин натиҷа мерасем:

• барномаҳои “Хоки Ватан” хусусияти сиёсиву адабӣ, “Хонаи умед” ва “Юсуфи гумгашта” хислати сиёсиву таблиғӣ доштанд. Аз ин рӯ, сиёҳ намудани тарафи муқобил ва душмантарошӣ дар барномаи “Хоки Ватан” вуҷуд надошт.

• набарди расонаӣ дар барномаҳои “Хонаи умед” ва “Юсуфи гумгашта” бо ду мақсад- муборизa бар зидди нуқтаи назар ва тавассути факту рақам ботил кардани матолиби ҳамдигар роҳандозӣ шуда буд. Бо ин мақсад вожаву ибораҳои номатлуб, қабеҳ ва барои ВАО ғайри қобили қабулро истифода мебурданд;

• ҳар се барнома таъинотӣ ва фирориёни иҷборӣ объекти асосии мавриди таваҷҷӯҳи онҳо буданд. Таъсиррасонӣ бо объкт асосан тавассути жанрҳои хабар ва табсира ба роҳ монда мешуд;

• ҷонибҳо дарк намуданд, ки набарди иттилоотӣ ғолибу мағлуб надорад. Аз ин рӯ, солҳои 1995-1997 лаҳни барномаҳо ором ва наздикшавии мавқеъҳо мушоҳида шуд. Ба Ватан боз гардонидани гурезагон, барқарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар меҳвари асосии барномаҳо қарор гирифт. Ба ин санадҳои имзогардида дар натиҷаи раванди музокироти байни тоҷикон ва мулоқоти Хосдеҳ мусоидат кард;

• ҳарчанд аз лиҳози идеологӣ, жанрӣ ва мавзӯӣ барномаҳои мазкур тафовути куллӣ доштанд, аммо расонидани хабар оид ба вазъи гурезагон, қироати номаҳо, пахши садои фирориён, ба зиндагӣ рӯҳбаланд кардани онҳо ҳадафи муштараки барномаҳои “Хоки Ватан”, “Хонаи умед” ва “Юсуфи гумгашта” буд.

Пажӯҳиш нишон дод, ки таъсири барномаи «Хоки Ватан» нисбат ба барномаҳои ба ин мавзӯъ бахшидаи расонаҳо бо чунин омилҳо бартарият дошт:

• меҳвари аслии барнома ифодаи афкори солим, даъвати фирориён ба Ватан, барпо намудани сулҳ ва муттаҳид намудани миллат буд;

• дар замони муқовиматҳои дохилӣ манфиатҳои ҳукумат ва фирориёнро ифода мекард;

• барномаҳои расонаҳои дигар дорои хислати таблиғоти сиёсӣ буданд, аммо матолиби “Хоки Ватан” характери даъвату хоҳиш ва хусусияти иҷтимоӣ касб карда буд.

Ба андешаи мо, ҳамраъйии умумимиллӣ пайдо кардани барнома низ ба ҳамин омилҳо сахт марбут буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бойгонии Кумита. Ҳисоботи солонаи Кумита ба ҳукумати Тоҷикистон.–1996. 20.12.
2. Идораи барномаҳои бурунмарзии радиои Тоҷикистон. Хонаи умед. – 1994. 27.11.
3. Радиои Тоҷикистон. Барномаи умедворон. – 2008. 29 – 03.
4. Хоҷазод С. Донишномаи радио ва телевизиони Тоҷикистон/ С.Хоҷазод. –Душанбе: Деваштич, 2009. –С. 750.
5. Захму шифои сухан дар ҷанги Тоҷикистон. –2012.17- 06. www.ozodi.org/ [Захираи электроникӣ].

ВОЗДЕЙСТВИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ВОЙН НА МЫШЛЕНИЕ ВЫНУЖДЕННЫХ ПЕРЕСЕЛЕНЦЕВ

Автор на примере радиопередачи «Хоки Ватан», «Хонаи умед» и голос «Свободного Таджикистана» показывает влияние информационной войны на мысли вынужденных переселенцев и приходит к такому заключению, что для психологического влияния в основном использован жанр комментария. На конкретных примерах показаны особенности этих радиопередач, их различия и схожесть.

Ключевые слова: средство информации, информационная война, «Хоки Ватан», голос «Свободного Таджикистана», внутренние противостояния, политическая пропаганда, вынужденные переселенцы.

THE IMPACT OF INFORMATION WARS ON THE THINKING OF THE IDPS

The author on the example of the radio programme «the hokey Vatan», «Хонаи Umed» and voice of Free Tajikistan» shows the impact of the information war on the thoughts of the IDPs and comes to the conclusion that for psychological influence mainly used genre comment. It shows the examples of the features of those broadcasts, their differences and similarities.

Key words: media, information war, «the hokey Vatan», the ' voice of Free Tajikistan», internal confrontation, political propaganda, the IDPs.

Сведения об авторе: ***Саидмурод Ходжазод*** **-** кандидат филологических наук, доцент ТГИИ им. М. Турсунзаде. Электрони почта: **Saidmourod70@mail.ru.**

ҶУСТУҶӮИ ЭҶОДӢ ДАР САНЪАТИ СИНАМОИ ПАС АЗ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК

Д. Бобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ дар санъати синамои ҷавони тоҷик бо роҳҳои гуногуне пешрав буд. Хатти санъати тарғибу ташвиқотӣ, ки бо намоишҳои тарғиботии аввалин вобастагӣ дорад, дар чунин коллективҳое ҳамчун телевизиони тоҷик арзи ҳастӣ дошт. Дар як қисмат вай муайянкунандаи тарзи гузориш дар синомогарии тоҷик, манзур киностудияи Тоҷикфилм низ буд.

«Устод Осимӣ» филми мустанади Саъдулло Раҳимов, наворбардорон М. Нуъмонов, О. Макаров, А. Пиримқулов ва васлгар Р. Атоева буда, яке беҳтарин филмҳое аст, ки дар бораи як нафар донишманд, як нафар сиёсатмадор, як нафар сари олимон нақл менамояд. Аммо муҳтавои филм ин назар нест. Дар филм аслан инсонияти устод Осимӣ, ҳамроҳ бо мардуми илм ва берун аз илм, яъне мардуми одӣ будани вай дар ҷойи аввал аст. Фалсафаи инсон будан ва он инсон пайвастагиаш ба зиндагие, ки аз сар гузаронидааст, дар филми Саъдулло Раҳимов дар ҷойи намоён ва ҳатто аввал меистад. Дар филми мустанад курсантҳои мактаби полис аз ҷониби коргардон, донишҷӯёни шуъбаи актёрии Донишгоҳи ҳунарҳои зебои ба номи М. Турсунзода хеле хуб истифода бурда шудааст. Дар баробари ин, филми мустанад дар асоси ҳаёт, фаъолият, фаъолияти илмӣ ва сиёсии ин донишманди тоҷик нақл мекунад. Камбудии асосии филм дар он ба назар мерасад, ки дар он асар гуфта мешавад, ки Осимӣ аз ҷониби кӯрдилон кушта шуд, аммо кӯшише аз ҷониби каргардон нашудааст, ки бигӯяд сабаби марги ин марди илм ва сиёсат дар чӣ буд ва бо касе аз барандагони парвандаи куштори Осимӣ, манзур пракратураи кишвар во нахӯрдааст ва ин бинандаро маҷбур менамояд, ки сари марги фарзанди барӯманди халқи тоҷик Муҳаммад Осимӣ андеша намояд ва фол занад, ки мақсади асосии филми мустанад фол задан ё фол андохтан нест ва он бояд реалӣ наворбардорӣ мегашт ва масъалаи болои рӯйи навор меомад, дар ин ҳолат филм пурра ва боз ҳам диққатҷалбкунанда мегашт.

Аз ин рӯ дар филми болоӣ, гуногунии ҷустуҷӯйи бадеиро, айнан дигаршавиҳои рӯзмарра дар ҳаёти мардумони тоҷик, ки ба бунёдкории ҷараёни сохтори навини пас аз сотсиализм вобастагӣ дорад, худи ҳақиқат муайян мекард, ки ин назарро филм фарогир аст. Нақши бузургеро дар ташаккули сабкҳои публитсистикаи саҳнавӣ пайдарпаии якҷоягии бадеият ва ҳуҷҷатият дар худи сохтори асарҳои саҳнавӣ ичро мекард. Маҳз нерӯи ҳақиқати ҳуҷҷатӣ, ки худ аз худ баъзан хеле муҳим ва сохта, ба мисли он ки бо камоне дар даст барои афкори озод будан, муборизаи бурдан буд, ёрдами сохтани филмҳои аз рӯйи характер публитсистӣ ва таъсири фаъолеро барои бинанда пешкаш мекард. Илова бар ин, дар солҳои ҷанги дохилӣ ҳуҷҷат, ки фақат собиткунандаи ҳолат буда, шаҳодати шоҳидӣ дошт, мавриди баррасии комил буд, лекин баъдтар вай хусусиятҳои алоқаҳои ҷудонашавандаи худро ба сохтори асарҳои бадеӣ доро гашт. Ин хусусиятҳо дар он шарҳи маҳдуди ҳуҷҷат дар саҳна аён гашт, ки имкони аз нав дида баромадани ҳақиқат, нишон додани оддият, воқеиятӣ ва ғайриқатъигии онро медоданд.

Дар баробари қаҳрамони нав асоси ихтилофи нави ҳуҷҷатият низ ҳамчун яке аз хусусиятҳои марказӣ баёнгари намоишҳои аввалии публитсистӣ мазмун ва хусусияти қаҳрамонона-достонӣ дошта, дар кинои пас аз истиқлолият, пас аз солҳои 1992 то ба имрӯз гашт, ки ин мероси аз театрҳо ва филмҳои мустанаду бадеии аз даврони шӯравӣ мебошад ва он дар филми мустанади “Устод Осимӣ” аз ҷониби коргардон хеле ҷолиб ба навор бардошта шудааст.

Дар ҳамин ҳол, агар ба мероси гузаштаи театри шӯравӣ бингарем, вақте, ки ҳайати театри МГСПС бори аввал бо песаи В. Билл-Белосерковский “Тиф”(номи аввалааш “Шторм”) шинос шуданд,бисёре аз актрёрон бо назари шубҳаомезе ба он назар карданд. “Хато намекунам агар гӯям, ки аз тамоми ҳайат фақат як ё ду нафар песаро қабул кард” [1,85] – навишта буд, режиссёри театр, басаҳнагузорандаи намоиш Е. Любимов-Ланской, ки ин назарро метавонем ба филмҳои мустанади пас аз истиқлоли тоҷик низ ташбеҳ бидиҳем.

Дар ҳақиқат филми мустанади “ Сомониён”, ки сенарияи онро Д. Раҳматов навишта, коргардони он М. Арабов ва наворбардор Г. Ортиқов аст, дар кинои телевизонии мустанади пас аз истиқлолияти тоҷик эҷодиёти ғайримуқаррарӣ буд, гарчанде дар он расмҳои тарғиботии маъмулӣ мавҷуд буд. Вай бо воқеияти худ ҳуҷҷатияти муқаррарӣ, рӯзмарраро тасхир ва маҳв мекард. Дар он гузоришҳои ҳуҷҷатиятҳои ҷудогона вуҷуд надоштанд. Тамоми мазмуни филм воқеаномаи фаъолияти давлатсозии тоҷикони асри пас аз истилои араб, он одамон буд, ки барои онҳо меҳнати рӯзмарраи бисёр душвори ба муборизa барои истиқлолият сарф кардаашон, ҳамчун корҳои муқаррарӣ ба ҳисоб мерафт. Онҳо худро берун аз муборизаи истиқлолиятхоҳона тасаввур карда наметавонистанд. Онҳо худро комилан дар қабои романтикии қаҳрамонҳо оро намедоданд, балки ба мисли ӯ зиндагӣ мекарданд. Гӯё аз пойҳои қаҳрамони театри тарғиботӣ, ки дер боз котурнаҳои (навъи пойафзоли пошнабаланд, ки артистони театрҳои қадимии Юнон ва Рим барои ҳашамат мепӯшиданд) қолибӣ доштанд, кашида шуданд. Филмҳои мустанади тарғиботии “Бист соли истиқлол” низ монанд ба ҳамин филми мустанади “Сомониён” аст, ки он ҳануз соли 1999 ба навор гирифта шуда, ба ҷашни 1100 солагии давлати нахустини тоҷикон Сомониён бахшида шуда буд.

Ин гуна намоишро аз рӯйи ғояҳои синамоӣ ба саҳна гузошта, ҳаяҷони дарҷкунии рӯзҳои муқаррарӣ ва кӯшиши расонидан ба аудитория ғайриодигии одиятро иҷро мекарданд. Аз фикри бофта ба хотири мақсади асосӣ гузашт карда - ифшои мазмуни қаҳрамонии қаторӣ дар мадди аввали назари ҳақиқати корҳои рӯзмарраи ҳизбии кумитаи ҳизб буд. Ҳанӯз С. Раҳимов дар ин бора навишта буд: “Тасодуфият, хроникавӣ, набудани дасисаи умумӣ, инкор аз қонунҳои умумии сохтори намоиш “дар маънои муқаррарии худ” дар ҳақиқат, дар филмҳои мустанади пас аз соли 1992 мавҷуд мебошад. Аммо агар ҳуқуқи доштани сабки воқеанигории қаҳрамониро ба ӯ диҳем ин маломатҳо дур мешаванд” [2,65].

Чунки худ аз худ сабки намоишӣ дараҷаи бадеие аст, ки новобаста бо идроки санъат вобастагӣ дорад, ё ташаккули сохтҳои сабкӣ дар бисёр мавридҳо аз талаботи тамошобин, яъне аз “супоришҳои” шартии ҷамъиятӣ, таърихии синамо вобастагӣ дорад.

Чунин низ толеи сабки саҳнавии киноҳои мустанади тоҷик сабки бадеиву публитсистии қаҳрамонии саҳнавӣ, ки пур аз эҳтирос ва қаҳрамонӣ, ки барои барпосозии ҷамъияти нав, муборизa барои мақсадҳои олии он мутобиқат мекард, гузошта шуда буд.

Танзимдарории бадеии филмҳои мустанад сохтори сабкии синаморо пурратар мекард, ки мо инро дар аксари филмҳои пас аз истиқлолият дида метавонем. Масалан, дар саҳна нақши ориёӣ ва нишони дини Зардушт уқоби болпаҳни нуқрафом- сафедии ба тарафи тамошобин рӯ ба кунҷҳояш истода буд. Чунин тарзи тартибдиҳӣ диққати тамошобинро ҷалбтар мекард. Гӯё ӯро муттамарказ мекард ва ҳамчун шуоъ ба сӯйи худи ҳаракат, ба амали иҷрошудаистода равона мекард. Дар экране, ки дар толор ҷойгир буд, номҳои ба тарзи зуд зуд ивазшавандаи расмҳои синамо пайдо мешуданд. Ҳамаи ин лаҳни публистикии синаморо, бисёрии нақлро дар бораи муборизаи мардум барои созандагӣ ифода мекард.

Фарқияти филм аз гузоришҳои тарғиботиву ташвиқотии солҳои аввал боз дар ҳаҷми он, мукаммалии характерҳо, ки он қадар ба намуди тез ба новобастагии фаҳмидани бинанда, ҳамчун элементи ташаккули саҳнавӣ дониста мешавад, низ буд. Ин гӯё ҳамчун бурриши намоён ва дақиқи дарёфти тавсиф, мукаммалӣ, таъсирбахшӣ, вале бе тобишдиҳии муфассали талаботи рӯҳӣ ва маишӣ буд.

Актиёри хурдсол ва баъдтар М. Шодиев нақши Исмоилро офаридаанд, ки амал аз рӯйи ҳуҷҷатҳои таърихӣ ба навор бардошта шудааст ва бори аввал дар кинои мустанади пас аз истиқлоли тоҷик актёр истифода гаштааст. Дар иҷроиши якумӣ вай шабоҳат ба машъал, алове, ки хомӯш кардан номумкин аст... вай қодир буд аз баҳри ҳама барои сохтани давлати эронӣ, даст кашад. Ин на он қадар муфассалии тинати фоҷиаовар буд, балки худрайии тинати як нафар ватандор буд. Дар намуди дигар

Исмоилро М. Шодиев бозида буд, лекин ӯ низ ҳам каме мулоим, каме ботамкинона, дар филм ҳамаи он хусусиятҳои типологии пешинаро пешниҳод карда буд.

Дар мавриди худ Исмоили Сомонӣ дар тамоми таҳлили саҳнавии худ қисман бо шакли плакатии синамои тарғиботӣ вобастагӣ дошт. Ин алоқа бо мизоҷи кушоди сиёсии ба тарзи хушобуранги ҳал ва муҷазбаёнии воситаҳои баён ифода меёфт. Хусусан, ин дар намоиши вақте ки тамошобин дар саҳна воқеаи ба худ хеле шиносро, монанди аз ҳаёти ҳақиқӣ гирфташудаи андомҳои инсонии яхкардаистодаи пӯишҳои нобоб дартандоштаи одамони мусаллаҳ бо афкори миллатсозӣ ва сурудҳои форсӣ-тоҷикӣ, ки ба муборизa, яъне ба ҷанг рафта истодаанд, намудор мешавад. Тарзи гузориши актёрон дар ин саҳна бо ҷобаҷогузории дақиқи хатҳо ва рафторҳо фарқ мекарданд, ки коргардонҳо аз ин намуди кори бадеӣ хеле хуб истифода намуда, онро аз ҷиҳате дакументалӣ намудаанд, ки дар таърихҳо ҷой дорад.

Муомилоти мустақим ва бевосита ба бинанда, ки дар ин синамо зоҳир буд ба ҷуз таъкиди шабоҳатии ҳақиқат бо тасвираҳо боз шиддати эҳсосотии хеле олиеро, ки бояд ҳуши бинандаро тасхир мекард ва алоқаи мустаҳкамеро байни бинанда, иштирокчиён ва тамошобинони филм муайян месохт, вуҷуд дошт.

Филм барои тамошибинони толор каломҳои гарму ҷӯшони даъватҳои созандагиро пешкаш карда, онҳоро дар зери таъсири филм ягона месохт, ки ҳамаи қисматҳои синамо: танзимот, шуоъ, мусиқӣ, режиссура, иҷроиши нақшҳо, ки ҳама тобеи як мақсад- якбора, куллан эҳсосот ва ҳуши бинандаро бо бомаънигӣ, рӯзмаррагии ҳодисаи баамаломада тасхир намояд, ба ӯ чунин нерӯи эҳсосотӣ диҳад, ки баъди тамошои филм тамошобин ифодаи онро дар меҳнатҳои бунёдкорона, дар амалҳои қаҳрамонона, дар тӯфони нави кушоишот пайдо хоҳад кард.

Одатан, синамои пулитсистӣ бо ҳуҷҷатият ва маълумоти худ на фақат дар асоси тасвири дақиқи муосирият ва баҳодиҳии он аз тарафи коргардон-нақкош сохта мешавад. Ҳуҷҷат метавонад ифодаи публитсистикаи эҳтимолӣ низ дошта бошад. Дар чунин мавридҳо нақкоши кино фақат ин имкониятро истифода барад, мазмуни онро ифшо карда бо воситаи шаклҳои саҳнавӣ онро дигаргун менамояд. Лекин ин тариқи ягонаи ба даст овардани тарзи публитсистӣ нест. Нақши асосиро дар ин мавридҳо мақоми ҳисси граждании режисёр-нақкош, ки на фақат интихоби масолеҳи ҳуҷҷатӣ аст, балки боз худи тарзи гузориши масъалаҳои публитсистӣ бозӣ мекунад.

Ҳамин тавр, публитсистикаи он як қисмати моҳияти ҷаҳонбинӣ, ки аз тарафи нақкоши кино дар асари санъатӣ гузошта шудааст, ташкил медиҳад. Ҳуҷҷатият ва публитсистикӣ бо ҳамдигар ҳамшабеҳ нестанд. Онҳо метавонанд нуқтаҳои баҳамрасандае дошта бошанд, лекин муҳим нест, ки мавҷудияти масолеҳи ҳуҷҷатӣ дар филм алоқамандие бо хониши публитсистии он дошта бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Образцова А. Шторм.- Спектакли и годы: Сборник / А.Образцова. – М., 1969г.
2. Раҳимов С. Режиссер Мейерхольд/ С.Раҳимов. – М., 1969г.
3. Муратов С.А. Документальный телефильм. Незаконченная биография/ С.А.Муратов. – М.: ВК, 2009.
4. Ильин Р.И. Телевизионное изображение/ Р.И. Ильин. –М., 1964г.
5. Кузнецов Г.В. Журналист на экране/ Г.В. Кузнецов. – М., 1964
6. Сагалаева Ю. Возвращение в Кучугуры/ Ю.Сагалаева. – Москва. 1999г.
7. Юровский А.Я. Телевидение – поиски и решения/2-е издания., доп.,/ А.Я. Юровский. – М., 1983г.

ТВОРЧЕСКИЙ ПОИСК В ТАДЖИКСКОМ КИНОИСКУССТВЕ ЗА ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье речь идет о проблемах и вопросах развития таджикского телевизионного киноискусства. Отмечается, что в последние годы на экраны таджикского телевидения были представлены такие телевизионные фильмы как «Устод Осими», «Сомониён», о которых как зрители, так и специалисты и ученые отозвались очень положительно и тепло. Наряду с этим на экраны таджикского телевидения выходят и другие телевизионные фильмы, которые как по содержанию, так и по оформлению и исполнению ролей не всегда выдерживают критики.

Ключевые слова: искусство, фильм, творчество, кино, экран, образ, изображение, сценарий, кинокритика, телевидение, содержание.

AN EXPLORATION IN THE TAJIK CINEMA SINCE INDEPENDENCE

The article focuses on the problems and the development of Tajik television cinema. It is noted that in recent years, the Tajik television were presented such television movies as "Ustod Osimї", "Somoniyon" to which the audience as well as experts and scholars have responded very positively and warmly. In addition, the some television films in content and in the design do not always stand up to critics.

Key words: art, film, art, film, screen, image, picture, script, film critic, TV.

Сведения об авторе*: Д. Бобоев-* кандидат филологических наук, доцент, ТНУ

МАВҚЕИ МУҚОБИЛГУЗОРИҲО ДАР САРЛАВҲАҲОИ МАТБУОТӢ

А.Ҷ. Сангов, Ҳ.О. Сафаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуот, умуман, воситаҳои ахбори омма, дар замони имрӯза дар ҳаёти ҷомеа, дар барқарорӣ ва устувории робитаи одамон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, болотар аз он дар шароити гуфтугӯйи тамаддунҳо ва тамоюли пуртӯғёни ҷаҳонишавӣ нақши ниҳоят бориз дорад. Ҳар як сухане, ки дар матбуот гуфта мешавад, метавонад, ки боиси дигаргунӣ, пешравӣ, пайдоиши андешаву назарҳои нав дар муносибати байни одамон гардад. Аз ин нуктаи назар сарлавҳа дар матбуот нақши асосӣ мебозад. Ороиши сарлавҳа на танҳо ба мазмун ва маънои бевоситаи калимаҳо, инчунин аз истифодаи санъатҳои бадеӣ вобастагии калон дорад.

Яке аз воситаҳои муассири луғавию услубӣ антонимҳо ба шумор мераванд. Бо таъсири муҳити беруна ва дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётӣ одамон аз қадимулайём барои возеҳ ва муассир ифода намудани фикри худ мафҳум ва маъниҳои ба ҳам зидро ба тариқи қиёс истифода кардаанд. Дар бисёр ёдгориҳои хаттии қадим, афсонаву ривоятҳои мардумӣ муқобилгузориҳо зиёд мушоҳида мешаванд: **Бой** ва **хизматгор, Хайр ва Шарр.** Аксар мақолу зарбулмасалҳои тоҷикӣ бо роҳи муқобилгузорӣ сохта шуданд, ки ин далели гуфтаҳои болост. Ба монанди: Поёни шаби **сиёҳ сафед** аст; Ҷорӯб **нав,** рӯфтанаш **кӯҳна.**

Муқобилгузории ҳодиса, воқеа, ҳолатҳои рӯҳии инсон дар тасвири бадеӣ санъати тазод (контраст) аст, вале муносибати антонимии калимаҳо ҳодисаи забонист. Дар маъноҳои ба ҳам муқобили калимаҳо аломату хусусиятҳои мухталифи шайъҳо, ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни воқеӣ акс ёфтаанд. Дар илми забоншиносии тоҷик масъалаи антонимҳо (мутазод) мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Дар баъзе асару мақолаҳои олимон М. Муҳаммадиев, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов ва тадқиқоти ба масъалаҳои услубиёти адибони ҷудогона бахшидаи Н.Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, А. Абдуқодиров ва дигарон баъзе паҳлӯҳои ин масъалаи муҳимми забони тоҷикӣ як дараҷа тадқиқ шудаанд.

Антонимҳо ҳамчун воситаи муассири баён барои равшан ифода кардани фикр ва таъмини балоғату фасоҳати сухан нақши калон доранд. Онҳо дар ҳолатҳои гуногуни нутқ зиёд истифода шуда, бештар дар як матни алоқаманд (одатан дар як ҷумла) дучор мешаванд ва ба аломату хосият, амал ва ҳолатҳои мухталифи объекти муҳокимашаванда далолат мекунанд. Бо истифода аз калимаҳои зидмаъно эҷодкор аломату хосият ва ҳаракати инкоршавандаро баён карда муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад.

Дар баробари дигар унсурҳои забон антонимҳо низ дар матбуот зиёд истифода мешаванд. Муҳаққиқон сабаби серистеъмол будан ва дар гуфтору муносибати одамон дучор гардидани антонимҳоро ба табиати ҳастии олам вобаста медонанд [1,17]. Муҳаққиқи рус Л.А. Новиков дар ин маврид чунин гуфтааст: *«Шарҳи илмии муқобилгузориҳо аз асоси фалсафӣ ва мантиқии онҳо бармеояд»* [2,38].

Аз ин воситаи муассири тарзи баён, яъне антонимҳо нигоранда бо мақсадҳои гуногун истифода мебарад. Ҳарчанд муқобилгузорӣ дар назм зиёд истифода гардида, боиси таъсирбахш ва пуробурангу ҷолиб ифода ёфтани фикр мешавад, вале наср низ аз ин истисно нест, зеро зиндагӣ худ аз тазодҳо иборат аст ва тасвири ҳамин тазодҳо нависандаро водор менамояд, ки аз калимаҳои муқобилмаъно истифода барад.

«Зидмаъноӣ бештар хоси калимаҳои ифодакунандаи аломату хусусият мебошад, вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки танҳо сифату зарфҳо антоним мешуда бошанд,

зеро калимаҳои ифодакунандаи амал ва ҳолатҳои мухталифи объект низ муносибати зидмаъноиро ифода карда метавонанд» [3,20].

Баррасии антонимҳо дар матбуот аз манфиат холӣ нахоҳад буд, зеро воситаҳои хабарӣ вазъи имрӯзаи забонро инъикос кунанд ҳам, дар осори ҳар эҷодкор нишонаҳои фардиро соҳиб мешаванд. Ҳар нигоранда ё эҷодкор вобаста ба сатҳи ғунҷоиши тахайюли образофаринии худ ин ё он аломат ва хусусияту мафҳумро ба ҳам зид мегузорад. Аз ҷониби дигар, мафҳумҳое, ки ба ҳам зид гузошта мешаванд, бо объекти тасвир ва мавзӯю мундаричаи ҳар мақола вобастагии устувор доранд.

«Ҷуфтҳои антонимӣ дар адабиёти бадеӣ ва навиштаҳои публитсистӣ ба сифати номи асар ва мақолаҳо низ зиёд истифода шудаанд. Адибон ва хабарнигорон ба ин восита маромии эҷодии худро ба сурати рехта ба қалам дода, тамомии мазмуну муҳтавои асар ва мақоларо барои ошкор сохтани зиддияти байни чиз ва аломатҳое, ки сарлавҳа фаро гирифтаанд, равона мекунанд. Достони Низомии Ганҷавӣ «Хайр ва Шарр», романи Л.Н. Толстой «Ҷанг ва сулҳ», як мақолаи публитсистии устод Айнӣ «Аз зулмот ба нур» мувофиқи ҳамин қоида ном гирифтааанд» [4,61].

Антонимҳо дар матбуот бо шаклҳои мухталиф ва тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мешаванд. Онҳо аксаран барои ифодаи тазоди бадеӣ хизмат карда, моҳияти тасвири предметро ба назари хонанда равшантар баён мекунанд. Масалан, калимаҳои антонимии **сиёҳу сафед**, **зану шавҳар, марду зан, некбахту бадбахт, наву кӯҳна** ва ғайраҳоро дар сарлавҳаҳо дидан мумкин аст.

Тавре гуфта гузаштем, ҷавҳари баъзе зарбулмасалу мақолҳоро антоним ташкил медиҳад. Масалан, дар мақоли машҳури «*Поёни шаби **сиёҳ сафед** аст*» калимаҳои *сиёҳ* ва *сафед*, ки ифодагари аломату хусусияти рангҳо мебошанд, мафҳумҳои ба ҳам зидро ифода мекунанд. Ин мақол аз тарафи хурду бузург истеъмол мешавад. Дар шумораи 21.03.2003-и ҳафтаномаи «Чархи гардун» он ҳамчун сарлавҳа истифода шудааст. Ин мақолро одатан мардум дар мавриди барор нагирифтани кор, ба мушкил рӯ ба рӯ шудан, ба умеди ояндаи нек ба кор мебаранд. Дар «Фарҳанги зарбулмасал мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ» муаллиф ин зарбулмасалро дар муқоиса ба зарбулмасали *«Аз пайи ҳар гиря охир хандаест»* меорад, ки маъноияш чунин аст: *Рӯзи сахт рӯзи беҳӣ, гиря хурсандӣ, ва гам шодӣ дорад* [5,70].

Дар сарлавҳаи *«Ҷорӯб **нав** – рӯфтанаш **куҳна**»* (Чархи гардун, 16.02.2001) сифатҳои наву куҳна антоним шудаанд. Сарлавҳа дар шакли мақол ифода ёфта, дар он ақидаҳои фалсафии ҳунарпешаи театр ва синамо Ҳошим Гадо оварда шудааст.

Сарлавҳаи *«**Девонаи** ба кори худ **ҳушёр**»* (Чархи гардун, 2.03.2001) низ мақол буда, ба тариқи шӯхӣ ба касе, ки дар суҳбат ва ё ҳалли масъалае худро ба нодонӣ мезанад ва ё ба касе, ки ба хилофи чашмдошти дигарон кореро хуб ба анҷом мерасонад, гуфта мешавад. Дар ин ҷо калимаҳои *девона* ва *ҳушёр* ба ҳам зид буда, хислати одамиро мефаҳмонад.

Бо ҷуфти антонимҳои сиёҳ ва сафед дар забони матбуот инчунин сарлавҳаҳои *«Пӯсти хирси **сафед сиёҳ** аст»* (Чархи гардун, 28.04.2000); *«Соҳиби **сиёҳи** кохи **сафед»*** (Миллат, 22.01.2009); *«Догҳои **сиёҳи** пахтаи **сафед»*** (Тоҷикистон, 27.10.2005) омадааст.

Зери сарлавҳаи *«Пӯсти хирси **сафед сиёҳ** аст»* сухан дар бораи хирсҳои сафед меравад, ки дар қутби шимол зиндагӣ мекунанд. Чунонки ҳамагон медонанд, пашми хирсҳои Қутби шимолӣ сафед аст, мақоларо мутолиа карда, мефаҳмем, ки пӯсташон сиёҳ будааст. Муаллиф сарлавҳаи ҷолиб ва ба матн мувофиқро интихоб кардааст. Сарлавҳа диққатҷалбкунанда аст, зеро кас гумон мекунад, он шояд ба сифати ягон мақол ба кор рафта бошад, аммо мақола ба маънии аслӣ кор фармуда шудани сарлавҳаро нишон медиҳад.

Сарлавҳаи *«Соҳиби **сиёҳи** кохи **сафед»*** бошад, дар хусуси президент интихоб шудани Барак Обама баҳс мекунад. Дар таърихи давлатдории беш аз дусадсолаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бори аввал аз қабилаи сиёҳпӯстони амрикоӣ, ки аҳолии бумии ин сарзамин мебошанд, роҳбари ин давлати абарқудрат интихоб шудааст. Кохи сафед қароргоҳи президенти Амрико мебошад. Соҳиби сиёҳи он бошад, киноя аз Барак Обама аст. Муаллиф бо ин сарлавҳа нахустин маротиба аз қабилаи сиёҳпӯстони Амрико интихоб шудани роҳбари ин давлатро таъкид кардааст. Азбаски калимаи *сиёҳ* ба маънои маҷозии *нопок* бисёр ба кор меравад, хонанда аввал гумон мекунад, шояд мақола дар хусуси ягон ҷиноят, кирдори ношоиста бошад, аммо чунин нест. Сарлавҳа бо матн мувофиқ аст ва хеле ҷолиб баромадааст.

Аммо дар сарлавҳаи *«Догҳои **сиёҳи** пахтаи **сафед»*** сухан дар бораи ранҷу заҳмати деҳқонон меравад, ки дар офтоби сӯзони тобистон кор карда, ҳангоми ғундоштани ҳосили пахта маоши ночиз мегиранд. Ин сарлавҳа низ ба мақсад мувофиқ буда, муаллиф онро дуруст ба кор бурдааст.

Чунон ки дар боло дидем, антонимҳо одатан аз калимаҳои гуногунреша ташкил меёбанд. Дар баробари ин ҳолати аз як реша сурат гирифтани онҳо низ мушоҳида мегардад. Дар ин маврид ҳиссаҳои мухталифи калимасоз истифода мешаванд. Префиксҳои **бе-** ва **но-** аз он ҷумлаанд: *Ӯзбекистон **чора** меҷӯяд,Тоҷикистон **бечоратар** мешавад* (Миллат, 8.07.2010), «*Зани ту **безеб**,зани ман **зебо»*** (Оила, 1.09.2000). Зери сарлавҳаи «*Ӯзбекистон **чора** меҷӯяд,Тоҷикистон **бечоратар** мешавад»* сухан дар бораи сохтани НБО-и «Роғун», бастани роҳи оҳан дар ҳудуди Ӯзбекистон ва монеаҳо эҷод кардан меравад. Муаллиф бо истифода кардани префикси **бе** аз калимаи чора ҷуфти антонимӣ сохтааст, ки сарлавҳа хеле ҷолиб ва мақола хонданибоб баромадааст. Сарлавҳаи «*Зани ту безеб, зани ман зебо»* низ дар чунин қолаб сохта шудааст ва баҳси ду рафиқ аст, ки яке ба дигаре ҳазл карда мегӯяд. Дар натиҷа рафиқи зудбовар зани дуюм мегирад. Дар ин сарлавҳа на ҳамаи калимаҳо хоси забони адабӣ мебошанд, аз ҷумла калимаи *безеб*, ки дар забони гуфтугӯйи корбаст мешавад. Шояд муаллифи мақола барои табиии зоҳир шудани матн аз забони персонаж ин калимаро овардааст.

Ташкили ҷуфтҳои антонимӣ бо префикси **но-**: «***Шод** бояд зистан, **ношод** бояд зистан»* (Чархи гардун, 14.02.2003), «*Ман **нодон**, **доно** ва хирадмандам»* (Тоҷикистон, 7.09.2005), ***«Ошнои ноошно»*** (Чархи гардун, 28.01.2000) Дар ин сарлавҳаҳо ихтилофи мантиқ дида мешвад ва хусусияти аксюморонӣ доранд. Сарлавҳаи аввал мисраи байти пандомӯз аст. Мақола аз саргузашти зане, ки се фарзандашро аз даст додааст, баҳс мекунад. Сарлавҳаи дуюм суханони намояндаи Созмони Милали Муттаҳид Вилям Пейтон аст, ки хабарнигори ҳафтаномаи «Тоҷикистон» бо ӯ мусоҳиба кардааст. Одатан дар мақолаҳои мусоҳибавӣ сарлавҳаро дар қолаби ҷавоб ба саволи хабарнигор мегузоранд ва чунин тарзи сарлавҳагузорӣ дар ҳафтаномаҳо маъмул аст. Сарлавҳаи *Ошнои ноошно* бошад, аксюморон аст, яъне маънои калимаҳои антонимӣ аз як реша бармеоянд. Сарлавҳа номи тарона буда, муаллифаш шоира бо тахаллуси Ишқия аст. Ба ин монанд сарлавҳаҳои «***Шавҳардори бешавҳар»*** (Чархи гардун, 4.02.2000), «***Мурад зиндагӣ»*** (Адабиёт ва санъат, 30.01.2004), «***Душманони дӯстрӯ»*** (СССР, 9.04.2009), «***Гунаҳкори бегуноҳ»*** (Чархи гардун, 10.02.2006), «*Туӣ **тафсири бетафсир»*** ё «**Саҳифаҳо аз китоби нав**» (Чархи гардун, 17.02.2006), «***Шӯдорҳои бева***» (Чархи гардун, 24.02.2006), «***Кампири ҷавон*** ё худ шавҳар рафт, эҳтирому давлат рафт…» (Чархи гардун, 5.05.2006) ва ғайраҳоро дар матбуот дидан мумкин аст.

*«Кӯлоб **мотам** дошт, мо – **ҷашн»*** (Озодагон, 12.05.2010). Дар ин ҷо калимаҳои *мотам* ва *ҷашн* антониманд. Мақола дар бораи офати табиии моҳи майи соли 2010, ки бо сокинони шаҳри Кӯлоб рух дода буд ва ҳамон рӯз дар Душанбе ҷашни Рӯзи ғалабаро ид мекарданд, баҳс мекунад.

*«Хирадмандро **сулҳ** беҳтар зи **ҷанг»*** (Зиндагӣ, 10.11.2005) дар бораи конференсия, ки дар Ҷумҳурии Қирғизистон гузаштааст, баҳс мекунад. Конференсия бо ташаббуси созмони ҷамъиятии Олмон баргузор гардидааст ва дар он аз таҷрибаи сулҳи тоҷикон маърӯзаҳо карданд. Конференсия дар рӯзҳое баргузор мегардид, ки дар Қирғизистон мардум дар ду майдон ҷамъ омада буданду бар хилофи талаботи якдигар суханронӣ мекарданд.

*«Ёдҳои **талху ширин»*** (Зиндагӣ, 26.05.2005). Мақола дар бораи зиндагӣ ва кушта шудани Сайф Раҳимзоди Афардӣ баҳс мекунад.

***«Некбахт** кисту **бадбахт** кист?»* (Чархи гардун, 28.01.2000). Дар мақола сухан аз ҳадису пандҳо меравад ва аз китоби «Танбеҳ-ул-ғофилин» 11 аломати некбахтӣ ва 11 аломати бадбахтӣ оварда мешавад.

Хулоса, антонимҳо ва муқобилгузорӣ дар сарлавҳаҳои матбуот яке аз воситаҳои муассиртарин ба шумор рафта, баракси воситаҳои дигари таъсирбахши луғавию грамматикӣ дар истифода хеле осон ва дар муқоиса бо воситаҳои дигар аз ҷониби рӯзноманигорон самарабахштар корбаст гардидаанд. Агар дар мавриди истифодаи воситаҳои дигари муассири луғавӣ муаллифон бештар ба ғалат роҳ дода бошанд, аз истифодаи муқобилгузорӣ онҳо тавонистаанд бештар ҳадафро нишонрас баён намоянд.

А Д А Б И Ё Т
1. Маҷидов Ҳ. Антонимҳои луғавӣ/ Ҳ. Маҷидов // Маърифат.– 1999.– №1 – 2.
2. Новиков Л. А. Семантика русского языка/ Л. А.Новиков. – М.: Высш. школа, 1982. – 150 с.
3. Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик/ Ҳ.Талбакова. – Душанбе, 2000. – 129 с.
4. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ: (Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11)/ Р.Ғаффоров, С.Ҳошимов, Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1995. – 192 с.
5. Удовик С.Л. – Глобализация: семиотические подходы/ С.Л.Удовик. – М.: Рефлбук, Ваклер, 2002. – 480 с.
6. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ/ – Душанбе, 1979. Ҷ. 1. – С. 70
7. Федотова Л.Н. Паблик Рилейшинз и общественное мнение/ Л.Н. Федотова. – СПБ: Питер, 2003. – 325 с.

МЕСТО ПРОТИВОПОСТАВЛЕНИЯ В ЗАГОЛОВКАХ ПРЕССЫ

В периодической печати отражается современная действительность и они играют очень важную роль в жизни общества. Они помогают ориентироваться в окружающей нас действительности и дают информацию о событиях и фактах. Также журналистское произведение должно быть ориентировано на определенный тип читателя, чтобы читатель смог адекватно воспринимать прочитанный им текст. В этом также важную роль играет заголовок статьи и употребление различных художественных приёмов, которые употребляет журналист.

Ключевые слова: периодическая печать, заголовки статей, СМИ, , глобализация, содержание статей, оформление заголовок статей, художественные приёмы.

PLACE OF PITTING IN THE HEADLINES

In periodicals is reflected contemporary reality and they play a very important role in the life of society. They help you navigate in the surrounding reality and provide information on events and facts. Also journalistic work should be focused on a specific type of reader, the reader is able to adequately perceive read them a text. This also plays an important role in the title of the article and use different artistic techniques, which uses a journalist.

Key words: periodic printing, headlines, articles, media , globalization, the content of articles, decoration of the title of the articles, artistic techniques.

Сведения об авторе: ***А. Сангов*** – аспирант Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 907 37 38 69;**
Х.О. Сафаров- аспирант Таджикского национального университета**.** Телефон**: (+992) 907 51 21 21.**

ЧАШМАНДОЗЕ БА МАТБУОТИ ФОРСИЗАБОНИ ҚАФҚОЗ
(охири асри 19 ва ибтидои садаи 20)

Меҳрии Рафъатӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар охири садаи 19 ҳамзамон бо чопи матбуот дар Эрон рӯзномаҳои форсӣ ва ё чандзабона дар Ҳиндустон, Афғонистон, Туркияи Усмонӣ, Миср ва Британиё ба табъ расиданд. Аммо ба қавли Носируддини Парвин «ду минтақа аз манотиқе, ки забон ва адаби форсӣ ва фарҳанги эронӣ дар онҳо нуфӯз дошт, дар ин давра аз доштани рӯзномаи форсӣ бебаҳра мондаанд» [8,44].

Яке аз он ду минтақа Кафқоз ва дигаре сарзамини Фарорӯд аст, ки он рӯзгор Аморати Бухоро ё Туркистони рус хонда мешуд ва баъдҳо ба ҷумҳуриҳои алоҳида Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон тақсим шуд. Қафқоз то беш аз тасаллути истеъмори Русия бар ин сарзамин дар нимаи аввали қарни нуздаҳум дасткам бахшҳои Ховариии он, ки Эрон, Ширвон ва Доғистонро ташкил медиҳад аз, марокизи муҳимми порсинависӣ дар хориҷи Эрони кунунӣ буд [2, 55].

Пас аз шикасти низоми Эрон ва дастандозии истеъмори рус бар он низ чандин даҳа забони форсӣ, ҳамчун забони фарҳангӣ ва мазҳабии аҳвоми манотиқ, танҳо забони форсӣ будааст. Иқболи донишмандони эронинажод ва манзалати забони форсӣ то пас аз инқилоби болшевикӣ низ идома ёфт ва нафароне ҳамчун Аббосқулӣ Оқо Расулзода, Оқоиф, Осор Покихонов, Толибов, Охундзода таваҷҷуҳ ба ин забон намуданд ва дар шакли дигар ба ақоиди умумии эрониён муассир шуданд. Ба шарофати ин ва дигар ислоҳотхоҳон дар Кафқоз нашрияҳои форсӣ мунташир гардиданд ва матбааҳо таъсис ёфтанд. Матбуот ва нашриёти Қафқозро метавон ба тарзи зайл маънидод намуд:

Ҷойи шигифт нест, агар бигӯем, ки нахустин рӯзнома дар саросари Императори шоҳӣ ба забони форсӣ, ки мутадовил миёни мусулмонони он буд, чоп шуд. Бо иҷозаи

Борвин Рузин фармонравои Қафқоз ва Кант Наслрӯд вазири умури хориҷа, як корманди олирутбаи рус Синковский ба номи расмии «Тифлисские ведемости» («Ахбори Тифлис»), дар Гурҷистон рӯзномае мунташир сохт, ки он дар июни соли 1828 ба ду забон: русӣ ва гурҷӣ аз чоп баромад. Аз оғози 1830 (1245-1246 қ.) замимаи форсии он низ интишор ёфт. Нашри ин замимаи форсӣ то авоили соли1832-юм идома ёфт ва сипас, ба ҷойи он замимае ба забони туркии озарӣ мунташир шуд, лекин он беш аз чанд шумора давом наёфт.

Мақомҳои истеъморӣ ба таблиғ дар тӯдаҳои мардум бештар таваҷҷуҳ доштаанд, то ҷалби рӯшанфикрон ва толибилмон ба нашрияҳои форсӣ камтар бошад. Зеро чунонки гуфтем, дар он ҳангом забони форсӣ миёни толибилмон эътибори шоистае дошт. Аммо он тӯдаи мардуми мавриди назари истеъмор, хондан ва навиштанро намедонистанд ва ба зоҳир ҳамин муҷиби вазъи интишори замимаи туркӣ шуданд. Нигоранда низ ҳамчун нависандагони дигар бар асоси манобее, ки дар ихтиёр дорад бар замимаи форсии ин рӯзнома даст наёфт ва аз вижагиҳои фаннии он бе иттилоъ аст. Лекин бо таваҷҷуҳ ба номае аз ноибулсалтанаи Қафқоз муаррихи сеюми декабри соли 1831 маълум мешавад, ки рӯзнома дорои се бахш будааст: подошҳои додашуда ба мусулмонони Қафқоз, хабарҳои Русия ва хориҷ аз он кишвар, ки «муфид ба ҳоли Осиёиҳо» буд ва саранҷом мақолаҳое, ки «муҳаррики падид омадани майл ба пазириши тарбияти урупоӣ ва тавсеаи санъат дар андешаи сокинони ин сарзамин» бошад [1,23].

Бо дастури вазири хориҷии Русия, «Тифлисский ведемости» бояд холӣ аз «ҳар гуна хабари мухолифи ҳукуматҳои Эрон ва Туркия» мебуд. Дар айни ҳол фармондеҳи жандармии Санкт-Петербург-пойтахти вақти Русия нашри рӯзномаро ногузир месохт, ки як нусха аз шумораи чопшударо пеш аз тавзеҳ ба он шаҳр бифиристад ва ин рафту баргашт панҷоҳ рӯз ба тӯл меанҷомид.

Ба эҳтимоли бисёр, ишораҳое, ки ҳамзамон ба интишори бахши форсии «Тифлисские ведемости» дар навиштаҳои Аббос Мирзо ва Қоиммақом Фароҳонӣ ба рӯзномаҳои чопи Русия омада, дубора ҳамин рӯзнома аст. Бавижа, ин ишораи Аббос Мирзо ноибулсалтана дар номае дар таърихи зулқаъда*и 1246 бо мазмуни «гузориши вуру*д ва тавқифи ӯ (Императори рус) дар он ҷо аз рӯзномаи «Ахбо*рномаи Тифлис», ки назди Мирзому*исхон фиристодем, муфассалан маълум мешавад» [4, 99]. Бо таваҷҷуҳ ба ҳамин нома аниқ намедонем, ки номи замимаи форсии он рӯзнома «Номаи Тифлис» ё «АхборномаиТифлис» бошад.

Баъд аз 42 соли хомӯшии «Тифлисские ведемости» дуюмин нашрияе, ки дар ин минтақа ба забони форсӣ матолиб интишор менамуд, «Агитчӣ» буд ва ба соли 1292 ҳ. қ. (1875) бо ҳимояти фармондори руси Боку ба, ҳиммати Ҳасан Маликзода Зардобӣ, аз равшанфикрони он шаҳр, ба забони туркӣ ба чоп расид. Панҷ сол ва андаке баъд аз оғози интишори «Агитчӣ», яъне ба соли 1298 қ. рӯзномаи «Зиёӣ» - ро ду бародари аҳли Шамохӣ ба номҳои Ҷалолуддин ва Сайид Инсзодаҳо дар Тифлис интишор сохтанд ва як сол пас номашро ба «Зиёии Қофқосиё» тағйир доданд. Ин рӯзнома ба забони туркии адабӣ навишта мешуд, аммо он аз вожаҳои форсӣ, ҳамчунин мисраъҳо, байтҳо ва масалҳо ба ин забон пур буд. Андак замоне баъд «Зиёи Қафқоз» ба «Кашкӯл» тағйири ном кард ва ин бор илова бар шумора ва бахшҳои саросар форсӣ, ки аз онҳо сухан хоҳем гуфт, беш аз рӯзномаҳои пешин матолибе ба забони форсӣ дошт. Ин таваҷҷуҳ ба забони форсӣ аз он пас суннате дар миёни рӯзномаҳои туркии Кафқоз шуд ва рӯзномаҳое ҳамчун «Тозаҳаёт», «Қайюзот», «Қафқоз» ва «Иршод», ҳамчунин рӯзномаҳои урдузабони Ҳинд дар аксар шумораҳои худ шеър ё матолибе ба забони форсӣ нашр мекарданд.

Як суннати дигарро ҳам бародарон Инсзодаҳо дар рӯзномаҳои худ бавижа «Кашкӯл» бино ниҳодаанд ва он таваҷҷуҳи бисёр зиёд ва ҳатто дур аз қоида ба рӯйдодҳои Эрон аст. Метавон ангезаҳои мутаъаддиде ҳамчун муштарокоти фарҳангӣ, мазҳабӣ, ҳамсоягӣ ва ҳатто ҳамрешагиро барои тавҷияи чунин алоқа баршумурд. Вале яке аз омили бисёр муҳимро низ набояд аз назар дур дошт, он ин ки забони рӯзномаҳои чопи Императори Русияро бо зӯри сензура дар мавриди масоили дохилии он баста буданд ва инон, бавижа мусулмонон ногузир бо чопи хабар дар бораи ҳамсоягон ва пардохтан ба масоили иҷтимоӣ ва сиёсии онон худро дилхуш мекарданд ва умедвор буданд, ки он навиштаҳо масоили муштаракро барои раоёи мусулмонони тузор тадоӣ кунад ва бедории бахш бошад.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар бораи «Кашкӯл» ин аст, ки чунин масоилро дасткам берун аз Русия ва Қафқоз нахустин бор Александр Бениксин ёд кардааст ва манобеи эронӣ дар бораи он хомӯш будаанд. Аз шумораи ҳаждаҳум дар ин рӯзнома «Номаи хусравон» асари Ҷалолуддин Мирзо Қочор ба сурати поварақӣ ба чоп расид ва дар шумораҳои баъдӣ аз рӯзномаҳои «Фарҳанг»-и чопи Исфаҳон ва «Иттилоъ»-и чопи Теҳрон ва бавижа «Ахтар»-и Истамбул матолибе ба вом гирифтанд ва ба забони аслӣ чоп карданд. Дар ин шумораҳо ҳатто гузоришҳое низ ба форсӣ аз забони «мухбири махсус» - и рӯзнома чоп мешуд. Дар ин ҳангом Ҷалолуддин Инсозода ба танҳоӣ рӯзномаро мунташир месохт. Шумораҳои 32 (3-и рачаби 1303) то 36 (5-и рамазони 1303)- и «Кашкӯл» саросар форсӣ аст ва чоп ва ё бахши туркӣ надорад. Дар «арзи махсус» -и шумораи 32 чунин омада:

«Ба муҷиби таҳрирот ва муросалоти махсус, ки аз атрофи муштарикини киром ба идора расида ва мерасад, чун ҷамъе аз ҳаммиллат ва ҳамватанон бо завқ худро моили он дидем, ки мундариҷоти рӯзномаи «Кашкӯл» дар забони форсӣ табъ ва нашр шуд. Лаҳзае мо низ ин майл ва хоҳиши эшонро дар ҳаққи рӯзномаи «Кашкӯл» муҷиби мазиди пешрафту мадинат дониста ба нигориши он ба забони форсӣ шурӯъ намудем ва аз худованд мусаллат менамоем, ки моро ба адои хидмати муқаддас, ки дар назар дорем муваффақ фармояд». Бинобар ин, табдили забони рӯзнома аз туркӣ ба форсӣ ба дархости донишомӯзони мусулмони Кафқоз сурат гирифтааст. Дар айни ҳол аз шарҳе, ки дар охирин шумораи саросар форсии «Кашкӯл» ба чоп расида, пайдост, ки нашри он аз эрониён низ чашмдошти ҳамроҳӣ ё ташвиқ доштааст:

Ба истиснои бархе аз шумораҳо, ки саросар ба туркии озарӣ аст, «Кашкӯл» аз шумораи 35 рӯзномаи форсӣ –туркии озарӣ шуд ва ҳамвора бахши форсии рӯзнома муқаддам ба бахши дигаре буд. Дар шумораи 57, ки танҳо таърихи масеҳии 14 октябри 1887 дар он зикр шудааст, зери унвони «Ихтор» навиштаанд: «Бо ин ки дар мамолики Қафқоз забони форсиро чандон интишоре нест, боз аз тарафи соҳибони савод, ки майл ба хондани рӯзномаи «Кашкӯл» доранд, ҳамарӯза изҳори шавқ ба мутолиаи он ба забони форсӣ шудааст». Дар шумораи 59 (16 ноябри 1887) низ Инсзода ёдовар шуда, ки «умдаи мақсуди мо аз нашри як қисмати рӯзномаи «Кашкӯл» дар забони ширини форсӣ, ҷуз мулоҳизаи фоидаи Эрон ва эрониён набуда ва нест». Он гоҳ аз «донишмандон ва корогоҳон» -и эронӣ хоста шудааст, ки ахбор ва огаҳиҳои муфиди худро «ба соиқаи инсоният ва исломият» ба идораи «Кашкӯл» бифиристанд. Ин дархост дар баъзе шумораҳои баъдӣ низ такрор шудааст.

Охирин шумораи рӯзномаи «Кашкӯл» шумораи 113 аст, ки дар 19 –и сафари соли 1307 интишор ёфт. Се саҳфаи он ба забони форсӣ аст ва дар саҳифаи нахуст акс низ аз Мирзо Ризохон чоп шудааст. Аз он пас то нимаи соли 1309 –и қ., ки «Кашкӯл» аз интишор бозистод, бори дигар ба рӯзномаи туркизабон бадал шуд, ки гоҳе огаҳӣ ё матолибе ҳам ба забони форсӣ дошт. Муҳтавои «Кашкӯл»-ро хабар, мақола, поварақӣ ва огаҳӣ ташкил медод. Дар унвонияти он хусусият ва аҳдофи нашрия чунин тавзеҳ шудааст: «Ин рӯзнома ба табъи нашриёти худ дар забонҳои арабӣ ва форсӣ ва туркӣ мачоз буда, аз ҳар гуна вақоеъ ва ҳаводиси сиёсӣ ва адабӣ ва ғайра сухан гӯяд». Дар варианти туркии озарӣ низ айнан ин иборот ба он забон дида мешавад, аммо, бояд гуфт, ки «Кашкӯл» ҳаргиз матолибе ба забони арабӣ чоп накард.

Хабарҳои ин рӯзнома дар ду бахш-хабарҳои Қафқоз ба унвони «Дохила» ва хабарҳои хоричӣ ба унвони «Ҳаводиси телегроф» ё «Ҳаводис ба нудрати хабарӣ аз Русия» ё «Ҳаводиси хорича» танзим мешуд ва сарзаминҳои мутааллиқ ба он, минтақаи Қафқоз ба чоп мерасид. Мақолаҳо аксар ба сурати номаҳое буданд, ки хонандагон барои Эрон ва Усмонӣ мефиристоданд. Дар рӯзнома дар баробари руйдодҳои Қафқоз матолиби рӯзномаҳои форсӣ низ чоп мешуд. Илова бар он, тарҷумаи хабарҳо ва мақолаҳои рӯзномаҳои усмонӣ, арабӣ ва бавижа русӣ дар «Кашкӯл» фаровон аст. Ба интишори «Номаи хусравон» ба сурати поварақӣ ишора кардем. Поварақии дигари «Кашкӯл» «Тарҷумаи аҳволи Мирзо Фатҳалӣ Охунзода» мебошад, ки дар шумораҳои соли 1302-и қ. ба чоп расидааст.

Бахши кӯчаке аз сафҳаи охири рӯзнома ба огаҳӣ ихтисос меёфт. Огаҳиҳо аглаб ба туркии озарӣ ва гоҳе ба русӣ ё форсӣ ва муҳтавое ба нудрат мусаввар буд. «Кашкӯл» вижагиҳои идорӣ ва фаннии худро дошт. Вай фосилаи нашри худро эъҳом намедошт ва дар амал низ ба моҳона мунташир мешуд. Чопи он номуназзам ва наздик ба рӯзнома ба чопи ҳуруфӣ дар чаҳор сафҳа се сутунӣ ба қатъи 39 /5 Х 25

сурат мегирифт. Аз шумораи 42 андозаи он ба 34 Х 45 ва шумораи сутунҳояш ба панҷ афзоиш ёфт. Чопхонаи рӯзнома, ки пештар «Матбааи зиёӣ» ном дошт, андаке пас аз тағйири номи нашрия аз «Зиёии Қафқоз» ба «Кашкӯл» - «Матбааи кашкӯл» бадал гардид. Ин чопхона мутааллиқ ба Ҷалолуддин Инсзода мудири рӯзнома буд. «Кашкӯл» панҷ копеек (тин) такфурӯшӣ мешуд ва баҳои иштироки солонааш дар Тифлис ва соири шаҳрҳои Русия 4 манот (рубл), дар мамолики маҳрусияи Эрон 12 крон, дар мамлакати Усмонӣ 2 маҷидӣ буд.

Баъд аз замимаи форсии рӯзномаи давлатии «Тифлисские ведемости» ва нашрияи мустақили «Кашкӯл», ки ҳарду дар Тифлис маркази фармонравои ноибалсалтанаи Қафқоз мунташир мешуданд, бо бозгашти рӯзномаҳо ба туркӣ дар 19 – и сафари 1305 /23 меҳри 1268/ 15 октябри соли 1889, рӯзномаи форсии дигар дар саросари Императории Россия ва дастнишондагони он чоп нашуд. Ҳол он ки аҳамият ва пешинаи забони форсӣ назди мусулмонони эронитабор ва турктабори Қафқоз ва Туркистони рус иҷоб мекард, ки рӯзномае ба ин забон дар он манотиқ густурдаи нашр бошад. Аммо агарчи дар Қафқоз рӯзномаҳое ба туркии озарӣ интишор меёфт ва дар онҳо гоҳе навиштаҳо дар шакли шеър ва ё эълон ба забони форсӣ ба чоп мерасид, ҳеҷ рӯзномае ба забонҳои маҳаллӣ - туркманӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ ва монанди он дар бахшҳои Ховари дарёи Мозандарон мунташир нашуд. Ҳатто мардуми форсизабони Аморати Бухоро ҳашт сол дертар аз мардуми туркман ба рӯзномаи форсӣ (тоҷикӣ) даст ёфтанд.

Бо ин ҳол муҳоҷирони эронӣ, форсзабонон ва форсихонони сарзаминҳои мусулмоннишин ба рӯзномаҳои форсӣ таваҷҷуҳ нишон медоданд. Инро дар баррасии муҳтавои рӯзномаҳое чун «Ҳаблулматин» ва «Ахтар» метавон дид. Нишони дигари таъин баҳои иштирок барои Қафқоз ва Туркистони рус аст, ки аз ин давра ба баъд дар аксари рӯзномаҳои форсии чопи Эрон ва дигар ҷойҳо дида мешавад. Дар давраи Музаффарӣ ду рӯзномаи форсӣ дар Императори Русия ба чоп расид. Нахустини он ба намояндагони он давлати истеъморӣ дар Ашқобод вобастагӣ дошт. Вале он дигарӣ, ки як сол баъд ба чоп расид, органи форсии ислоҳталабони Қафқоз буд.

Бо он ҳама пешинаи фарҳанги эронӣ дар сарзаминҳои ҷануби императории тузориҳо ва ҳузури ин фарҳанг дар бисёре аз шаҳристонҳои пурҷамъият ин императорӣ, интишори китоб ва рӯзнома ба забони форсӣ бисёр маҳдуд буд ва таносубе бо аҳамияти таърихӣ, балки муосири он надошт. Забони расмии Аморати Бухоро форсӣ буд, вале дар он сомон рӯзномае ба ин забон ва ҳеҷ забони дигар ҷуз забони ҳомиёни рус интишор наёфт. Дар дигар бахшҳои Ховари дарёи Мозандарон низ, ки ба гунаи мустақим аз сӯйи русҳо идора мешуд, вазъ ҳамин гуна буд ва танҳо рӯзномаи давлатии дузабонаи «Маҷмӯаи Моварои баҳри Хазар» нашрашро идома медод.

Аммо кори рӯзноманигории маҳаллӣ дар Қафқоз равнақи бештаре дошт, зеро рӯзномаҳои мутаадиде ба гурҷӣ ва арманӣ ва туркии озарӣ дар он сарзамини кӯчак, аммо чандқавма интишор меёфт ва танҳо забони ду нашрия форсӣ буд. Дигар рӯзномаҳои мусулмонони Қафқоз низ ба фарҳанги куҳани худ авҷ мениҳоданд ва дар канори забони аслӣ огаҳӣ, номаи расида, мақола ё шеърҳоро ба забони форсӣ мунташир месохтанд. Аз он миён метавон аз «Иршод», «Тараққӣ» ва «Тоза ҳаёт» ёд кард, ки ҳар се дар Боку ба чоп мерасиданд ва афзун бар бозтоби бисёр густурдаи рӯйдодҳо ва масоили Эрон дар аксари шумораҳо як ё ду матлаб низ ба забони форсӣ доштанд. Илова бар туркии озари он рӯзномаҳо ҳанӯз пур аз вожаҳои форсӣ буд ва бегонагии хат низ мӯҷиб мешуд, ки эрониёни ошно ба он забон иртиботи маънавии пурдоманае бо соҳибқаламони он сӯйи арз дошта бошанд ва аз рӯзномаҳое, ки ёд кардем, бавижа «Мулло Насриддин»-и Тифлис баҳрабаранд ва таъсирпазиранд.

Нашрияи дигаре, ки дар охири соли 1905 /1286 ҳ. рӯйи чоп омад «Иршод» буд. Ин нашрияро Аҳмадбек Оқоюф аз рӯзноманигорон ва ислоҳталабони ҷавони Қафқоз ба забони туркии озарӣ дар Бодкӯба интишор дод. «Иршод» ба сабаби рӯҳияи озодихоҳӣ ва ислоҳталабӣ доштан мавриди таваҷҷуҳи мардуми он сомон қарор гирифт ва аз 16- и зулқаъдаи 1333 / 12-уми январи соли 1906, яъне дар моҳи сеюми интишор дорои замимаи форсӣ шуд, ки ҷудогона низ ба фурӯш мерафт. Ин замима то 25-и сафари 1324 /22-юми апрели соли 1906 дар сенздаҳ шумора мунташир шудааст. Замимаи рӯзнома «Варақаи форсии рӯзномаи «Иршод» хонда мешуд ва дорои хабар ва мақолаҳои равшангари иҷтимоӣ ва бархе матолиби адабӣ буд. Сардабири онро Мирзо Содиқхон Адибулмулки Фароҳонӣ -ноширии қаблии

рӯзномаҳои «Адаб»-и Табрез, Машҳад ва Теҳрон ва сардабири «Баъди маҷлис» ва ношири «Ироқу Аҷам» бар уҳда дошт ва ҳамонзамони рӯзномаи «Адаб» ӯ бо мудирияти «Муҷаллалислом» дар Теҳрон ба интишори худ идома медод. Аммо дар рӯзномаи «Иршод» номи Айсбек Ошӯрбеков ба унвони ношир зикр мешуд.

Пас аз он ки охирин шумораи «Иршод» -и форсии Бодкӯба дар 27-и сафари 1324 интишор ёфт, нашрияи форсизабони дигар дар Қафқоз ба чоп нарасид ва форсихонон ба рӯзномаҳои форсии Эрон ва Истамбул, Ҳинд, Қоҳира ва бахшҳои форсии рӯзномаҳои туркизабон таваҷҷуҳ мекарданд, то он ки маҷаллаи «Ҳақоиқ» аз ҳафтуми сафари 1325 баробар ба наврӯзи 1284 дар Бодкӯба оғоз ба нашр кард.

Охирин шумораи «Ҳақоиқ» шумораи ҳаштуми он баробар бо 12 муҳаррами 1329 аст, ки се моҳ пас аз шумораи ҳафтум мунташир шуд ва дар он ваъда дода шуда буд, ки аз он пас се шумора дар моҳ ё сафҳаҳои камтаре мунташир хоҳад шуд. «Ҳақоиқ» маҷаллаи мутанаввеъ ва мусаввар бо мавзӯъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, адабӣ, поварақӣ ва танз буд. Ва онро Мирзо Алимуҳаммади Уйсӣ (Исфаҳон 1283 ҳ-Теҳрон 1317ҳ.) ноиби «Кашкӯл» -и Эрон дар Боку мунташир месохт. Аз далоили баста шудани он нигоранда иттилооте натавонист касб кунад.

Ба тавассути бархе аз манобеъ рӯзномаи форсизабони дигар ба номи «Наврӯз» дар Боку ба соли 1325-қ. ба чоп расидааст ва иттилои дигаре дар бораи ин рӯзнома дастрас нагардид. Аммо ёдовар мешавем, ки дар ҳамон сол ва дар ҳамон шаҳр маҷаллаи Ҳақоиқ» ба чоп расид ва чун нашри нахустин шумораш ҳамзамон бо нашри Наврӯз буд, барфароз сарлавҳаи он «Наврӯзи султонӣ»- ро бо ҳошияҳои зиннатӣ навиштаанд. Илова бар ин, тарзи навиштани номи аслии ин маҷалла низ барои хонандаи одӣ номоённавис буд. Шояд, ин ду маврид ангезандаи иштибоҳ дар сабти номи нашрия ва таври рӯзномае бо номи Наврӯз шуда бошад.

Дар феҳристи рӯзномаҳои форсии китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон аз рӯзномае ба номи «Орӣ» низ ёд шудааст, ки гӯё дар Бодкӯба ба забони форсӣ дар соли 1328-и қ. ба дасти Алимуҳаммад Алиев ва Додош Бунёдзода ба чоп расидааст. Аммо пажӯҳиш нишон дод, ки ин рӯзномаи адабӣ – фукоҳӣ ба забони туркии озарӣ аст ва нависандагону идоракунандагонаш низ аҳли Қафқоз будаанд. Мутаассифона, хатои гирдовардаи он феҳраст ба бархе аз дигар китобҳои чопи Эрон низ роҳ ёфтааст.

Ҳамин тавр, то инқилоби ибтидои садаи 20-и рус дар Қафқоз бо таъсири матбуоти Ҳиндустон нашрияҳои умумифорсие мунташир гардидаанд, ки на танҳои рӯйдодҳо ва масъалаҳои мубрами ин минтақа, балки қазияҳои тамоми манотиқи форсинишин, аз ҷумла Эронро инъикосу баррасӣ намуда, ба ин васила дар огоҳии мардум ва бедории фикрии форсизабонон таъсир гузоштаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Bennigsen A. Ch. Lemercier-Quelquejay. *La presse et le 269ovement national chez les Musulmans de Russie avant 1920 /* A. Ch. Bennigsen.– Paris: Mouton, 1964.
2. Давлатободӣ Азиз. Сарояндагони шеъри порсӣ дар Кафқоз/ Азиз Давлатободӣ – Теҳрон:Бунёди таҳқиқоти доктор Муҳаммад Афшор, 1371.
3. Дуронт Вилям. Таърихи тамаддун, (Тарҷумаи Парвизи Марзбон)/ Дуронт Вилям.– Теҳрон:Катиба, 1385.– Ҷ. 6.– 1000 с.
4. Қоиммақом Ҷаҳонгирӣ. Номаҳои парокандаи Қоиммақом Фароҳанӣ, Бахши дуюм/ Қоиммақом Ҷаҳонгирӣ.- Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1359.– 397 с.
5. Қосимӣ Саидфарид. Таърихи рӯзноманигории Эрон/ Қосимӣ Саидфарид.–Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1379.– 928 с.
6. Матвеев О. М. Таърихчаи ҳузури эрониёни муҳоҷир дар Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми садаи 19 ва оғози садаи бистум / Тарҷумаи Муҳсин шуҷоӣ/ О. М. Матвеев // Мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз– 1371.– №3.–С 141.–145.
7. Одамият Фаридун. Фикри демокросию иҷтимоӣ дар наҳзати машрутият/ Одамият Фаридун.– Теҳрон, 1388. –Чопи 2
8. Парвин Носируддин. Таърихи рӯзноманигории эрониён ва дигар порсинависон/ Парвин Носируддин –Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1379.– 502 с.

ВЗГЛЯД НА ПЕРСОЯЗЫЧНУЮ ПЕЧАТЬ КАВКАЗА
(КОНЦА XIX - НАЧАЛА XX ВЕКА)

В статье исследуется процесс возникновения персоязычных газет на Кавказе и на основе анализа определяются их отличительные черты и содержательные особенности. Автор на основе научного анализа доказывает, что в конце XIX начале XX века среди регионов Российской империи по изданию периодической печати Кавказ занимает особое место. В этом регионе наряду с русскими и национальными

газетами, выпускали и персоязычные издания. В статье особое внимание уделяется изданиям, которые выходили на двух языках, а также персоязычному изданию «Кашкул».
Ключевые слова: информация, печать, Кавказ, отражение, газета, персоязычный, Кашкул, связь.

A LOOK AT THE PERSIAN PRINT CAUCASUS
(LATE XIX - EARLY XX CENTURY)

The paper explores the process of a Persian-speaking newspapers in the Caucasus and on the basis of the analysis are defined by their distinctive features and content features. Author on the basis of scientific analysis shows that in the late XIX - early XX century among the regions of the Russian Empire on the publication of periodicals Caucasus occupies a special place. In this region, along with Russian and national newspapers, produced and Persian edition. The article focuses on the materials that are coming out in two languages, as well as the Persian-language edition of " Kashkul.
Key words: information, printing, Caucasus, reflection, newspaper, Persian, Kashkul and communications.

Сведения об авторе:*Рафати Мехри* - соискатель Таджикского национального университета

ҶОЙГОҲИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР МАТБУОТИ ЛУРИСТОН

Рустами Киёнуш
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Жанрҳои хабарӣ

Хабар. Ҳангоми таҳқиқ ва арзёбии масъалаи ҷойгоҳи хабар ва тарзи таҳияи он дар матбуоти Луристон мо, аслан, доир ба ҷиҳатҳои хусусияти хабарҳо, тарзи таҳияи онҳо, авомили гузиниши хабар, маҳорати хабарнависӣ, истифодаи сабкҳои гуногун, хабар ва титр ва монанди ин таваҷҷуҳ намудем. Бинобар ин, ҳам лозим донистем, ки вобаста ба ҳамин масоил ҷойгоҳи хабар ва усули таҳияи онро дар рӯзномаҳову маҷаллоти мавриди назар муайян намоем.

Нуктаи тавзеҳпазир дар ин фароянд, қабл аз ҳама посух гуфтан ба суоли «хабар чист?» мебошад. Доир ба хабар таърифҳои мухталифе мавҷуд аст. Донишманди тоҷик И. Усмонов хабарро аз ҷумлаи жанрҳои сареи рӯзноманигорӣ дониста, навиро омили бавуҷудорандаи он медонад. Ин донишаманд хабарро жанри публитсистика дониста аз ҷумла менависад: «Хабар воқеаеро, ки аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра дорад, возеҳ месозад. Хабар бояд ба саволҳои чи рӯйдод, кай, дар куҷо, ба кадом сабаб, дар кадом шароит ба амал омад ва чӣ натиҷа дод, посух гӯяд»[1,13-14]. Ба пиндошти ин муаллиф навигарӣ, факт ва воқеа аз унсурҳои созандаи хабаранд.

Донишманди эронӣ Муътамадинажод хабарро ба сурати зайл таъриф мекунад: «Хабар эълом ва баёни воқоеи ҷолиби зиндагии иҷтимоӣ, нақл ва ақоид ва афкори умумӣ аст» [2]. Ба назари муҳаққиқи дигари эронӣ - Юнуси Шукрхоҳ «хабар гузоришест, ки дар он кӯшиш мешавад то вуҷуҳе аз тасвири ҷории як рӯйдод ва ё фароянд, ки мавриди таваҷҷуҳи мухотаб аст, фароҳам ояд» [3]. Аз ин таърифҳо бармеояд, ки ҳар воқеаеро наметавон хабар номид. Хабар паёме аст, ки эҳтимоли ҳақиқат ва дурӯғ дар он вуҷуд дорад, хабар рӯйдоде аст, ки ба вуқӯъ пайвастааст ва ё эҳтимолияти ба вуқӯъ пайвастан дорад.

Муҳаққиқон на танҳо ба моҳияти хабар, балки ба шеваҳои нигориши он низ аҳамият додаанд. Аз ҷумла, Ҳасани Қурбонӣ доир ба ин ҷиҳат таҳқиқот ба анҷом расонидааст. Ӯ менависад: «Шигирдҳои хабарнависӣ мафҳуми печида ва пинҳон дар аносири классикии хабарнависӣ аст, ки шиносоӣ ва дарки он ниёзманди таҷриба ва огоҳист» [4].

Дуруст аст, ки яке аз муҳимтарин аносири рӯзнома хабар аст. Усулан дар рӯзноманигорӣ ҳар чизе ки интишор мегардад, бо хабар дар иртибот аст. Ба қавли Наими Бадеӣ ва Ҳусейни Қандӣ: «Хабаре, ки аз тариқи васоили иртиботи ҷамъӣ ба иттилои мардум мерасад, бояд дуруст, равшан ва ҷомеъ бошад. Ин мафоҳим бояд аз марҳилаи гирдоварии иттилоот, дар ҳавли як рӯйдод то марҳилаи ироаи он дар назар гирифта шавад» [5].

Баъзе донишмандони аврупоӣ низ хабарро таъриф кардаанд. Аз ҷумла Lyelspencer (News weriting -1917) хабарро «шомили ҳар амал ва андешаи воқеӣ, ки барои иддаи касире аз хонандагон ҷолиби таваҷҷуҳ бошад», муаррифӣ мекунад. Мичел Вей Чорниле менависад, ки «хабар гузориши муносиб, хулоса ва дақиқи як рӯйдод аст». Рӯзноманигори дигари амрикоӣ В.Ҷ. Блоер дар китоби «Newspaper

writing and editing (1932) «хабарро ҳар мавзӯи ҷории рӯз медонад, ки ба иллати ҷолиб будан ва тарафи таваҷҷуҳ қарор гирифтани он аз тарафи хонандагон дар матбуот мунташир мешавад». Донишманди дигар Фернандотро дар китобаш ба номи «Хабар» ин таърифро баён мекунад: «Хабар иборат аз интишори мунтазами ҷараёни воқоеъ ва огоҳиҳо ва донишҳои инсонӣ ва нақли ақоид ва афкори умумӣ аст» [6].

Баррасии ин таърифҳо нишон медиҳад, ки нав, воқеӣ, ҷолиб, саривақтӣ будани воқоеъ мабнои асосии хабар аст. Ба иборати дигар, ҳама воқоеъ ба худи худ ҷанбаи хабарӣ надорад ва он чи арзиши хабарӣ эҷод мекунад аҳамият ва эътиборе аст, ки иҷтимоъ барои он қоил аст. Бинобар ин, тозагии рӯйдод ва ҷолиб будани он барои омма муҳимтарин меъёри арзёбии хабар ба шумор меравад. Бо таваҷҷуҳ ба суханони боло метавон гуфт, ки матбуоти маҳаллии Луристон тавонистааст, дар заминаи воқеияти ҷолиби зиндагии иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ақоиду афкори умумии кишвар хабарҳои ҷолиб ва пурмуҳтаворо таҳия кунад.

Албатта, тамоми хабарҳои матбуоти минтақаи мавриди назарро таҳлил намудан аз имкон хориҷ аст. Бинобар ин, мо аз миёни ҳудуди 45 нашрия 550 хабарро интихоб намудем, ки баррасии минбаъда дар заминаи онҳо сурат хоҳад гирифт.

Аз замоне ки нахустин рӯзномаи чопии «Коғази ахбор» дар Эрон мунташир шуд, хабар низ бо он ҳамроҳ буд, аммо бо мурури замон хабар шаклу шеваҳои тоза ва мутафовитро ба худ гирифт. Барои намуна бо таварруқе, ки аз матбуоти даҳаи 1320-и Луристон ба амал омад, ин тафовут комилан ошкор гардид. Масалан, ба титри хабари зер аз рӯзномаи «Пархош» (1325, 20 –уми озар) таваҷҷуҳ менамоем:

«Баёнияи ҷабҳаи муъталифаи аҳзоби озодихоҳ- номаи доктор Мусаддиқ». Чунончи аз иқтибос бармеояд дар ин титр феъл вуҷуд надорад ва он бе лид аст. Хабар бо аломати дефис ба ду қисм ҷудо шудааст. Ва ба ҷуз арзиши хабарии шуҳрат, аносири дигаре надорад.

Мисоли дигар аз «Фурӯғи Луристон». Унвони хабар «Шикоят аз маъмурини жандармерие» буда, факти он харобкорӣ ва зулми жандармҳо мебошад. Дар танзими ин хабар аз шеваи таърихӣ истифода шудааст. Яъне, аввал замон, таърих ва соати рӯй додани воқеа зикр шуда, пас аз он факти асосӣ ташреҳ ёфтааст. Титри ин хабар низ феъл надорад ва бидуни лид аст. Ин баҳсро бо намунаи дигари хабар собит мекунем:

«Вакил Ҳасан посбон соати 8-и баъд аз зуҳр 4-уми обон дар пиёдарӯйи хиёбони паҳлавӣ шурӯъ ба мастӣ намуда ва ҷанҷоли ғарибе роҳ андохта» («Роз», 1325, 18 шаҳривармоҳ).

Омӯзиш ва таҳлил нишон дод, ки қабл аз инқилоби исломии Эрон дар нашрияҳои Луристон, асосан, усули таърихӣ дар интишори хабар ҳукмрон будааст. Ахбори ин давринаи матбуоти мавриди таҳқиқ, аглаб сода ва баъзан бидуни титр ва дар ҳадди як ҷумла мебошанд. Барои далел чанд намуна: «Рӯзи якшанбе доктор Мусаддиқ барои дифоъ аз ҳуқуқи миллати Эрон ба Амрико хоҳанд рафт» («Талии Луристон, 1330, 13 меҳр).

Ахбори нашрияҳои даҳсолаи 1320 ҷанбаи хабариашон нисбатан заифтар буда, гузоришҳои касбии хабарӣ камтар ба назар мерасад. Бархе аз титрҳои хабарҳо ҳаҷман зиёд ва пурҳарф мебошанд. Масалан, «Истокс ба хаёлаш соли 1933 аст ва илло бо ин ҷасорат пешниҳодоти ҳаштгонаро таслим намекард, ки акнун бо паст гирифтани он ҳосил ҷуз варшикасти давлати Англия бошад» («Забони Луристон», 1330, 30 мурдод). Дарки ин хабар барои хонанда нисбатан душвор аст, зеро воқеа мушаххас нишон дода нашудааст ва лид бо тирт ба ҳам омезиш ёфтааст. Тавре Муътамаднажод қайд мекунад: «нигориши хабар бояд сода ва равон бошад, ба кор набурдани калимот ва ибороти душвор ва дур аз зеҳн, истифода аз ҷумалоти кӯтоҳ аз дигар вижагиҳои як хабари хуб аст» [7].

Хабарҳои матбуоти ин давра бештар воқеаҳои байналхалқӣ ва миллиро фаро мегиранд ва ахбори маҳаллӣ ками кам аст. Масалан, дар шумораи аваали «Садои Луристон» (1330, 16 –и тирмоҳ) аз 10 хабари истифода шуда, 7- тои он ба рӯйдодҳои хориҷӣ ва кишварӣ бахшида шудааст. Инак намунае аз он хабарҳо:

«Эътои дараҷаи докторӣ*»: Аз тарафи донишкадаи адабиёт дараҷаи докторҳои ифтихорӣ ба ҷаноби огои Абулкаломи Озод – вазири фарҳанги Ҳиндустон эъто гардид» («Сади Луристон», 1330, 23 тирмоҳ).*

Хабари дигар «Вазири умури хориҷии Туркия ба Порис рафт» унвон дошта, матнаш чунин аст: *«Вазири хориҷии Туркия барои ширкат дар Шурои вазирони*

кишварҳои гарбӣ, ки дар Истрасбург ташкил мешавад, ба Порис азимат намуд» («Забони Луристон», 1330, 9 мурдодмоҳ).

Тавре аз матни хабарҳо бармеояд, дар онҳо аносири хабар, аслан шуҳрат аст. Агар дар хабари аввал предмети инъикос вазири фарҳанги Ҳиндустон бошад, дар хабари баъдӣ аз вазири хориции Туркия аст. Чопи ин гуна ахбор, албатта, дар он замон, ки расонаҳои электронӣ кам ва дастраси ҳамагон набуданд, аз аҳамият холӣ набуд.

Пажӯҳиш нишон дод, ки умдатарин матолиби хабарии нашриёти маҳаллии Луристон пеш аз инқилоб дифоъ аз доктор Мусаддиқ ва миллӣ шудани санъати нафт, наҳзати машрутияти Эрон, озодӣ, иллати ақибафтодагии Луристон, фасоди идорӣ ва интиқод аз нерӯҳои интизомӣ будааст. Чунончи дар шумораи 1-и соли 1332- и рӯзномаи «Қиёми Лур»- и Бруҷерд 4 хабар доир ба фаъолияти доктор Мусаддиқ- нахуствазири вақти Эрон мебошад.

Хусусияти дигари хабарҳои нашрияҳои ин давра он аст, ки манбаи хабар ва номи муаллиф зикр нашудааст. Кормандони нашрияҳо ба ин талаботи хабарнависӣ камтар таваҷҷуҳ кардаанд.

Табиист, ки ин ё он жанр дар баробари қолаби муайн ва мушаххас доштан ҳамеша дар таҳаррик аст, яъне он тағйир меёбад, ганӣ мегардад, вобаста ба марҳилаҳои инкишофи журналистика, аз ҷумла нашрия кам ё зиёд мешавад. Ин қонуният дар матбуоти маҳаллии Луристон низ ба назар мерасад.

Аз таҳлили хабарҳои рӯзномаҳои ҷадиди ин минтақа, хосса «Садои миллат», «Уштуронкӯҳ», «Пайғоми Бруҷерд» ва «Бомдоди Луристон» ба чунин натиҷа расидем, ки пеш аз ҳама, ин нашрияҳо аносири муҳимми хабариро, ки таҷрибаи рӯзноманигории ҷаҳонӣ ба миён овардааст, риоя намудаанд. Бо қатъият метавон гуфт, ки дар нашрияҳои фавқулззикр аносири хабарии инъикоси воқоеъ нисбатан комил аст, бинобар ин, қиёфаи хабарҳои онҳо аз назари иттилооте, ки бояд ба мухотаб бидиҳанд, то андозае ҷаззоб ба назар мерасад.

Гумон мекунем, ки дар рушди хабарнигорӣ дар матбуоти ин минтақа вуҷуди теъдоде таҳсилкардагон дар ҳавзаи рӯзноманигорӣ, чопи китобу дастуроти зиёди касбӣ ва ташаккули хабаргузориҳои расмӣ боис гардидааст. Бо ин шароит вазъияти хабарнависӣ нисбат ба солҳои пешин беҳтар шудааст. Барои таҳвияти фикр чанде аз унвонҳои хабарҳоро мисол меорем. «Сӯгномаи камбуди дору ба Луристон ҳам расид», «Биринҷ дар бозори Луристон қад накашид» («Офтоби Луристон»), «Амалкарди шайхи боҳоли фарҳанг зери теғи нақд» («Иқтисоди Луристон»), «Маҳрумияти Луристон ношеъ аз сӯйи мудирият будааст» («Сеймаре»). Ҳамаи ин сарлавҳаҳо нисбатан кӯтоҳ буда, ба шеваи ғофилгирона эҷод шудаанд, ки бегумон диққати мухотабро ба худ ҷалб мекунанд. Аз тарафи дигар, дар онҳо мақсад мушаххас аст. Аз ин рӯ онҳо ҳам аз лиҳози сохтор ва ҳам аз назари шакл аз хабарҳои давраи пешин фарқ мекунанд. Агар дар нашрияҳои замони пешазинқилоби исломӣ сабки таърихӣ дар таҳияи хабарҳо маъмул бошад, дар нашрияҳои муосир сабки ҳарами воруна нисбатан ҷойгузин шудааст.

Хусусияти сабки ҳарами воруна дар ин аст, ки бар хилофи шеваи суннатии нигориши хабар чакидаи муҳимтарин матолиби рӯйдод дар ибтидои хабар ва камарзиштарини он дар интиҳои хабар қарор мегирад. Матолиби ҳар қисмат бо дар назар гирифтани иртиботи матолиб бо якдигар ва бо таваҷҷуҳ ба мизони аҳамияти онҳо аз боло ба пойин танзим мешавад. Сархати аввали хабарро дар ин сабк **лид** (Lead)-и хабар мегӯянд.

Сабки ҳарами воруна яке аз коротарин равишҳои интиқоли иттилоот дар матбуоти имрӯзаи Эрон аст. Ин сабк бо таваҷҷуҳ ба вижагиҳояш ба унвони муносибтарин тарзи нигориши хабар пешниҳод мешавад. Корбасти ин сабк дар рӯзномаҳои зикршуда чунин бартариҳоро ба миён овардааст:

- Дар лид чакидаи муҳимтарин матлаб ироа мешавад;
- Аз назари хонанда замони камтаре барои дарёфти паёми хабарӣ лозим аст;
- Хонандаро хаста намекунад;
- Ҳисси кунҷковии хонандаро аз ҷанбаи ниёзи хабарӣ фавран бедор мекунад;
- Матни хабар бар пояи арзиши матолиб танзим мешавад;
- Хонандаро ба хондани хабар беҳтар тарғиб мекунад.

Ин бартариҳо коройии сабки ҳарами ворунаро дар интиқоли иттилоот таъйид мекунанд. Бинобар ин, сабки мазкур дар фаъолияти хабаргузориҳои бузурги ҷаҳон

нуфӯз дорад. Гузоштани матолиб дар ин сабк ба аҳамияти он вобаста буда, аз боло ба поён танзим мешавад. Ин тарзи нигоришро рӯзноманигорони Эрон аз Ғарб гирифтаанд. Дар аксари хабарҳое, ки ба ин сабк дар нашрияҳои Луристон таҳия шудаанд, ғояи асосӣ ё хулосаи муҳим дар ибтидои мавод зикр гардида ҷумлаи аввал муҳтаво, шакл ва имтиёзи хабарро муайян мекунад, ки онро лид мегӯянд.Чунончи: «*Сӯгвории акси муҳаррам дар Кӯҳдашт баргузор шуд». «Сӯгвории акси муҳаррам дар Кӯҳдашт бо муаррифии баргузидагон ба кори худ поён дод».*

Ба гузориши хабаргузори «Сеймаре», дар ин сугворӣ, дар муҷтамеи фарҳангӣ-ҳунарии Умед идораи фарҳанг ва иршоди исломии шаҳристони Кӯҳдашт баргузор шуд, ба 5 нафар аккосони бартар, ки осори онҳо аз сӯйи ҳайати доварон интихоб шуда буд, эҳдо гардид.

Дар поёнии сугвории акси муҳаррами шаҳристони Кӯҳдашт аз Имомалии Амроӣ ва Ҳасанбеки Назарӣ, аз пешкисватони арсаи аккосии остон тақдир шуд. Ҳамчунин Фаршеди Гароване, Баёти Озодбахт, Заҳро Амроӣ, Нозмалики Ҷамбарнажод ва Муртазо Худойгон ба унвони нафарони бартари ин сӯгворӣ аз сӯйи ҳайати доварон интихоб ва муаррифӣ шуданд» («Сеймаре», 1391, 28 озармоҳ).

Дар ин намуна, ки бо сабки ҳарами воруна навишта шудааст, воқеаи асосӣ баргузории намоишгоҳи акс мебошад, ки ба муносибати моҳи муҳаррам рух додааст. Сарлавҳа нисбатан гӯё ва мушаххас аст, ки моҳияти матнро ифода мекунад. Вақеа дар се сархат бар асоси услуби ҳарами воруна ташреҳ шудааст. Аз ин рӯ, онро метавон хабари васеъ номид.

Омӯзиш ва шиносоии сатҳии нашрияҳои замони муосир нишон медиҳад, ки наздики 90% -и матолиби рӯзномаҳо дар шакли хабар нигошта шудаанд. Ин ба он маъно аст, ки нашрияҳои мазбур ба қолаби хабар бештар таваҷҷуҳ намудаанд, ҳарчанд, ки ахбори онҳо ағлаб ривоятмадоранд. Агар истифода аз сабки ҳарами ворунаро дар танзими ахбор ба монанди сабки муносиб дар рӯзноманигории ҳирфаӣ бипазирем, метавон гуфт, ки нашрияҳои мавриди баррасӣ аз ин ҷиҳат вазъияти нисбатан хубе доранд. Зеро беш аз 85 % - и матолиби мавриди баррасӣ дар шаш нашрияи фавқуззикр ба сабки ҳарами воруна танзим шудаанд. Дар наздик ба 70% аз титрҳо унсури хабарии «чӣ?» ва 15% унсури «кӣ?» ғолиб будааст. Ин дар ҳолест, ки унсури хабарии «чӣ гуна?» танҳо дар ҳудуди 5 % ва унсури хабарии «чаро?» дар ҳудуди 6 % - и титрҳо ғолиб будаанд. Ин вазъият нишондиҳандаи сатҳӣ нигаристан ва фосила доштан аз рӯзноманигории ҳирфаӣ аст, зеро аносири хабарии «чӣ?» ва «кӣ?» чандон қодир ба тавлиди шинохт ва огоҳӣ нестанд. Хабарҳое, ки дар онҳо унсури хабарии «кӣ?» бартарӣ дорад, аслан, нақли бавосита мебошанд, ки ағлаб аз забони давлатиён гирифта шудаанд. Дар сарлавҳаи аксари хабарҳое, ки дастраси мо гардид, ин арзиш марбут шудааст ба «ашхоси ҳақиқӣ ё ҳуқуқӣ, ки ба хотири фаъолиятҳояшон дар ҷомеа шинохта» шудаанд. Дар замина ба номи онҳое истинод шудааст, ки ҳам шуҳрати манфӣ ва ҳам мусбат домангирашон будааст. Дар ин маврид аксаран хабарнигорон ба сарнавишти шахсиятҳои мазҳабӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ё созмонҳо ва идороти давлатӣ ё хусусӣ такя додаанд, ки корҳо ё хадамоташон аз ҷониби мардум шинохта шудааст.

<u>Намунаи сарлавҳаҳое, ки арзиши шуҳрат дорад:</u> «*Устондор: Ҷозибаҳои мунҳасир ба фарди Луристон мақсади аслии гардишгарон мешавад», «Раиси додгустарии Луристон: Муҳимтарин авомили фасод дар ҷомеа» («Садои миллат», 1390, 13 тирмоҳ), «Имоми ҷумъаи Бруҷерд: Ҳафтаи давлат фурсати муносибе барои шиносоии нуқоти қувват ва заъфи мудирон аст», «Қолибоф: Чеҳраи воқеии Теҳронро ба меҳмонон нишон медиҳем» («Сафири қалам», 1391, 8 шаҳривар), «Мудири кулли фарҳанг ва иршоди исломии Луристон: Сандуқи қазулҳасанаи ҳимоят аз ҳунармандони Луристон таъсис мешавад», «Мудири кулли Садо ва симои маркази Луристон: Аз тарҳҳое, ки муҷиби ҳамкорӣ ва ҳамфикри расонаҳои остон шавад, ҳимоят мекунанд» («Шаҳоби осмонӣ», 1390, 11 баҳманмоҳ).*

Дигар аз вижагиҳои хабарнигорӣ арзишҳои хабарӣ мебошад. Дар ҳудуди 50% -и ахбори нашриёти маҳаллии Луристон арзиши хабарии шуҳрат яъне, чӣ касе будани манобеи хабар бартарӣ дорад ва саҳми дигар резишҳои хабарӣ чун тозагӣ (дар кадом вақт рӯй додани воқеа?), муҷовират (дар куҷо рӯй додан?) нисбатан поин аст. Ин ҳолат гувоҳи мақомзадагӣ дар матбуоти мавриди баррасӣ ва мушкилоти аксари нашрияҳо аст.

Хабарҳои матбуоти мавриди пажӯҳишро аз рӯйи тарзи таҳия ба ду гурӯҳ метавон ҷудо намуд: а) хабарҳои тавлидӣ; б) ахбори ғайритавлидӣ.

Хабарҳои тавлидӣ, ки аз ҷониби рӯзноманигорони худӣ таҳия мешаванд, чандон ҷолиб ва ҷаззоб нестанд. Дар ин гуна хабарҳо нигорандагон ба муҳтавои бумӣ ва маҳаллӣ, меъёри забонӣ, усули замонавии таҳияи хабар камтар аҳамият медиҳанд. Ба қавли Данис Маквел онҳо «таваҷҷуҳи нисбӣ ба ахбор ва мавзӯъҳои маҳаллӣ, истифода аз аъзои ҳайати таҳририяи худӣ, таваҷҷуҳ ба мабоҳис, нақдҳо ва афкори маҳаллӣ, пӯшиши хабарии фаъолиятҳои маҳаллӣ, таваҷҷуҳи нисбӣ ба ахбори мусбати маҳаллӣ ва пуштибонӣ аз манофеи маҳаллӣ ва машоқили маҳаллӣ» [8] надоранд.

Ахбори ғайритавлидӣ, ки аксар аз хабаргузориҳои «Меҳр», «ИРНА», «ИСНА», «ИЛНА», равобити умумии идороти давлатӣ ва сайтҳои интернетӣ гирифта мешавад, аз ҷиҳати нигориш нисбатан диққатҷалбкунанда мебошад. Аммо ин ҷаззобиро ба хабарҳои аз равобити умумии идороти давлатӣ гирифташуда нисбат додан дуруст нест. Дар матнҳои аз ожонсиҳо дастрасшуда арзишҳои хабарӣ ағлаб риоя шудаанд.

Яке аз донишмандони соҳа Филипп Гоёр дар заминаи сохтмони матлаб менависад: «Пас аз марҳилаи омодасозӣ дувумин қисмати кор (сохтмон) оғоз мегардад, яъне иттилоъ додан ва фаҳмонидан. Дастури куллӣ дар ин марҳила чунин аст, ки сохтмони матлаби рӯзнома бояд посухгӯйи ҳукми қатъӣ, яъне рӯшанӣ ва вузӯҳи матлаб бошад. Ба эътиқоди вай матолиби як рӯзнома бояд барои ҳамагон фаҳмиданӣ бошад, барои расидан ба ин ҳадаф рӯзномаҳо васоил ва имконоти содае дар ихтиёр доранд, ки ба кӯмаки онҳо метавонанд хондани мақоларо осонтар кунанд ва ба хонандаи шитобдида ин имконро бидиҳанд, ки бо нигоҳе сарсарӣ бо асли мавзӯъ ошно шавад» [9].

Аз ин назар, дар интиқоли матлаб ва дарки он аз тарафи хонанда сабки нигориш ва интишори хабар беш аз ҳар чизи дигар корсоз ва пураҳамият аст. Аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ҳадаф дар сабки нигориш ба ғайр аз интиқоли матлаб ва осонии дарки он аз тарафи хонанда, матбӯъ ва дилпазир сохтани мутолеа ва хонандаро ба шоҳиди мустақими воқоеъ табдил додан аст. Як нигоштаи хабарӣ набояд гузорише хушк ва берӯҳ бошад, балки навишторе бошад, ки то ҳадди имкон хонандаро дар батни рӯйдодҳо фурӯ барад. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби донишманди тоҷик И. Усмонов аст, ки гуфтааст: «Сохтори матни хабар аз ҳадафи жанр бармеояд. Яъне тез хабар додан, тарзе хабар додан, ки бо як хондан ё шунидан фаҳмида шавад. Воқеаро бе орову пардоз гуфтан ва сухани аслиро бурро баён кардан. Ҳамин мақсад талаб мекунад, ки матн бо забони адабии оммафаҳм баён шуданаш лозим аст, калимаву ибораҳо набояд духӯра бошанд, воситаҳои эҳсосии баёни фикр истифода нашаванд. Матн ва унвон пурра мувофиқат намоянд. Оғози матни хабар бояд ҷаззоб бошад. Албатта, ҷозиб буданро ҳар кас ҳар хел мефаҳмад. Масалан, матбуоти булварӣ ҷозиб буданро бо валвала ҳамсон медонад. Ҳол он ки ҷозиб будан танҳо маънои бо худ ҷазб карданро дорад. Ин корро бо воситаи ба ҷойи аввал овардани факти асосӣ низ иҷро кардан мумкин аст. Дар хабар бе мақсад овардани унвонҳо, вазифаҳо ва насабҳо, пайвастани факти асосӣ ба кадом як воқеаи дуюмдараҷа зарурат надорад, зеро ҳусни хабарро мекоҳонад»[10].

Аз таҳлили маводи хабарии матбуоти Луристон ба чунин натиҷа расидем, ки хабар дар кулли нашрияҳо дар муқоиса бо жанрҳои дигари публитсистика мавқеи бештар дорад. Тарзи нигориши хабарҳо дар матбуоти замони пеш аз инқилоби исломӣ ва пас аз он фарқ мекунад. Агар дар ахбори нашриёти қадимӣ, услуби таърихӣ, асосан, маъмул бошад, дар матбуоти феълӣ сабки ҳарами воруна бартарӣ дорад. Дар хабарҳои нашрияҳои муосир шахсиятгароӣ ва шуҳратзадагӣ, ғалабаи шадиди аносири хабарии «чӣ?» ва «кӣ?» ба аносири хабарии «чаро?» ва «чӣ гуна?», надоштани сутуни кӯтоҳи хабар аз ҷумлаи мушкилоти матбуоти маҳаллӣ дар таҳияи жанри хабар аст.

Мусоҳиба. Жанри дигаре, ки дар матбуоти минтақаи Луристони Эрон истифода мешавад, мусоҳиба мебошад. Мусоҳиба навъе аз иртиботи гуфторӣ аст, вале он бо иртибототи рӯ ба рӯ низ талфиқ мешавад. Таркиби ин ду навъи иртибот тафовуте миёни мусоҳиба ва дигар жанрҳоро падид меоварад. Дар ин навъи иртибот яке аз тарафҳо аз анҷоми гуфтугӯ ва дарёфти посухҳо ҳадафи хосе дорад ва зимни шарҳи суолот ва дарёфти посухҳо ё худ аксуламалҳо пеш меравад. Ин амр фаротар аз

суҳбатҳои рӯзмарра миёни ашхос аст. Анҷоми як мусоҳиба ҳатман бо нияти қаблӣ ва барномарезӣ сурат мегирад ва бояд ба мақосиди хосе анҷом пазирад. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки мусоҳиба як иртиботи тарроҳишуда, ҳадафдор, рӯ ба рӯ ва ниёзманд ба тасмимгирӣ аст[11].

Дар бораи мусоҳиба таърифҳои мухталифе вуҷуд дорад. Аз ҷумла, Маҳдии Муҳсиниёнрод менависад: «Мусоҳиба гузориш ва ҳосилест аз фарогирди иртибот миёни ду сӯйи иртибот ба манзари дастёбӣ ба воқеияте, ки дорои як ё чанд арзиши хабарӣ бошад. Ин гузориш зимни он ки таҳти таъсири вижагиҳои ду сӯйи ин фарогарди иртиботист, эҳтимолан аз авомили дарунсозмонӣ ва бурунсозмонӣ низ таъсир мепазирад» [12]. Дар тафсили Козимӣ Муътамаднажод, мусоҳиба яке аз анвои хабаргирии мустақим аст, ки ба василаи он ақоид ва афкори шахсиятҳои муҳимми ҷомеа ё назарҳои мардуми одии кӯча ва бозорро дар бораи мавзӯоти мухталиф бавижа масоили рӯз ба даст меоварад [13]. Бидуни таваҷҷуҳ ба таърифҳои мухталифи мусоҳиба ин воқеият мусаллам аст, ки дар ҷараёни мусоҳиба мубодилаи иттилоот сурат мегирад ва ҳар ду тараф мутақобилан дар ин ҷараён манфиатдор мешаванд.

Равиши таҳлил нишон медиҳад, ки мусоҳиба баъд аз хабар ва гузориш мавқеи сеюмдараҷаро ишғол мекунад. Мусоҳиба пурсидани ҳадафмандона аз як шахс ва ё ашхос барои касби иттилоот ва афкор ва забти посухҳо ба манзури интишори онҳо аст. Мусоҳиба пешинаи ҳампойи рӯзноманигорӣ дар Эрон, аз аҳди Муҳаммадшоҳи Қоҷор то кунун, ё бинобар нусхаҳои мавҷуди матбуоти он рӯзгор, дасти кам аз оғози солҳои асри Носирӣ, умр дорад. Ба мурур бо таваллуди рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои ҳирфаӣ, мусоҳибаи матбуотӣ дар Эрон ба булӯғ расид ва рушд кард.

Дар Луристон мусоҳиба пеш аз вуруди расонаҳои чопӣ ва интишори нашрияҳои маҳаллӣ ба вуҷуд омад. Нахустин мусоҳибагарон рӯзноманигорони муншиёни ҳокимони вақт будаанд. Дувумин гурӯҳ низ, ки дар Луристон мубодарат ба мусоҳиба карданд, хабарнигорони рӯзномаҳои чопи Аврупо будаанд. Пас аз ин ду гурӯҳ ба тартиб хабарнигорони чопи Теҳрон ва нашрияҳои маҳаллӣ мусоҳибаро ба унвони яке аз жанрҳои матбуоти худ баргузидаанд. Пурбортарин давраи мусоҳиба дар матбуоти Луристон ва бавижа нашриёти маҳаллии шаҳри Хуррамобод, солҳои 1380-1390 аст. Дар ин муддат афзун бар гуфтугӯҳои ҷории матбуотӣ анвои дигари мусоҳиба низ ба анҷом расидаанд, ки як гунаи он мусоҳибаи гузаштанигар аст. Дар ин навъи гуфтугӯ мусоҳибакунанда дар пайи мусоҳибашавандае аст, ки дар бархе аз рӯйдодҳо иштирокчӣ ва шоҳид будааст. Дар сароғози ин гунаи мусоҳиба Саидфариди Қосимӣ меистад, ки дар маҷаллаи «Хуррамободшиносӣ» интишор шудааст. Саидфариди Қосимӣ дар фаъолияти рӯзноманигории хеш мусоҳибаҳои зиёдеро ба анҷом расонида, дар ин жанр на танҳо маҳорат, балки таҷоруби арзандае дорад. Ин аст, ӯ дар ин хусус дар муқаддима бар китоби Масъуди Фарҷуллоҳӣ мегӯяд: «Фароянди мусоҳибаи буминависона дар диёри мо ба ҳар шакле, ки бошад бароянди мутафовите надорад, ба фарзи он ки дар гуфтугӯ чолише сурат пазирад, мусоҳиба дар нима раҳо мешавад ё гирифтори пеш аз чоп хоҳад шуд. Ба ҳар рӯй набояд аз ёд бурд, ҳар он чи ва бо ҳар кайфияте, ки дар ин қолаб сурат пазирад дарбардорандаи нуктаҳое аст, дар маҳмилҳои дигар қобили бозёбӣ нест» [14].

Мусоҳиба ҳамвора яке аз жанрҳои маъмул ва асаргузор дар матбуоти Эрон будааст. Аз шиносоии сарсарӣ бо матбуоти кишвар бармеояд, ки мусоҳиба ҳамеша мавриди истифода қарор доштааст. Дар қолаби ин жанр мавзӯъҳои гуногун баррасӣ гардидаанд, аммо мавзӯоти сиёсӣ бештар будааст. Рӯзноманигорон аз имкониятҳои ин жанр истифода намуда, тавассути мусоҳибони худ ба масъалаҳои сиёсӣ равшанӣ андохтаанд. Аммо аз он ҷое, ки мусоҳибашавандаҳо аксаран аз масъулони давлатӣ ҳастанд ва огоҳии зиёде дар заминаи корӣ ва ҳирфаии худ надоштаанд, баъзан тафсили воқеаҳо сатҳӣ монда, гуфтугӯҳо муассир набаромадаанд. Дар ин замина гуфтан ҷоиз аст, ки мусоҳиба, ҳарчанд дар зоҳир жанри осон менамояд, аммо ботинан мушкил аст.

Аксари мусоҳибаҳое, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои Луристон чоп мешавад, рӯҳи халлоқият ва навоварӣ надоранд. Мусоҳиба, аслан, барои се ҳадаф: дарёфти иттилоот дар мавриди рӯйдодҳои хос, огоҳӣ аз вокуниши афроди одӣ ва саршинос дар бораи рӯйдод ва инъикоси ақоид ва афкори шахсиятҳои хабарсоз ва мақомоти масъул истифода мешавад. Метавон гуфт, ки дар ҳоли ҳозир теъдоде аз нашрияҳои Луристон бо таваҷҷуҳ аз ин се вижа мусоҳибаеро бо афроди шохис ва хабарсоз ва дигар ақшори таъсиргузори ҷомеа ба анҷом мерасонанд. Дар ин ҷода хусусан

нашрияҳои «Иқтисоди Луристон», «Бомдоди Луристон», «Офтоби Луристон», «Сеймаре», «Сафири қалам» ва бартарӣ доранд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки мусоҳиба василаест, ки рӯзноманигор тавассути он иттилоот касб мекунад, аз байни мусоҳибаҳои дар матбуоти Луристон чопшуда ахбори муҳим ва даставвалӣ ба хонандагон ироа намешавад, ки ин маврид аз заъфҳои бунёдии матбуоти мавриди назар аст. Далели ин заъф ҳам ба набудани нерӯи касбӣ ва ҳам таҷриба мебошад. Ҳарчанд нашрияҳои Луристон ба дунболи гузоришнависӣ нестанд, аммо гароиш ба анҷоми мусоҳиба дар онҳо зиёд аст. Бо ин ҳол дар бештари маврид эҳсос мешавад, ки мусоҳибакунандаҳо ба одоби мусоҳиба чандон ошно нестанд. Ин аст, ки аксар маврид мусоҳибашавандаҳо аз фурсати бадастомада истифода намуда, доир ба мавзӯъ оморҳои росту дурӯғ ва берабтро мувофиқи хости худ ироа мекунанд ва ба ҷойи мусоҳиб ҷилави суҳбатро ба даст мегирад.

Аз назарияи ин жанр маълум аст, ки мусоҳибаҳо аҳдофи гуногун доранд. Мумкин аст як мусоҳиба бо мақсади ҷамъоварии иттилоот, арзёбии тарафи муқобил, роҳнамоӣ ва тавзеҳи бархе масоил ва ё ҷиҳати дигар бошад. Аз ин мавқеъ мусоҳибагар барои дастёбӣ ба аҳдофи пеш тарҳрезишуда талош меварзад.

Дар матбуоти Луристон қабл аз инқилоб жанри мусоҳиба аҳёнан ба назар мерасад. Аз он шумораҳое, ки дастраси мо гардид ва мавриди баррасӣ қарор гирифт, танҳо як мусоҳиба пайдо шуд, ки дар нашрияи «Забони Луристон» (1330, 9 мурдодмоҳ) ба табъ расидааст. Ин мусоҳиба бе сарлавҳа буда, гуфтугӯйи ҳазрати Оятулло Кошонӣ бо ҷаноби Ҳорименро фаро мегирад ва онро метавон аз қадимтарин мусоҳибаҳо дар матбуоти ин минтақа номид. Мусоҳибаи мазкур бидуни муқаддима ва ишора буда, мусоҳибакунанда якбора ба асли мақсад мегузарад. Аз мундарича ва сохти ин мусоҳиба бармеояд, ки дар он унсурҳои духурагӣ бартарӣ дорад. Зеро дар ин матн нигоранда танҳо гуфтугӯе, ки байни Оятулло Кошонӣ (яке аз роҳбарони мазҳабии вақти Эрон) ва ҷаноби Ҳоримен сурат гирифтааст, ба шакл даровардааст. Дар ин матн ҳамчунин унсурҳои мусоҳиба лавҳаро метавон мушоҳида кард. Чунончи «дар ин мавқеъ Оятулло сигоре оташ зад ва чунин ба сухан идома дод».

Маълум аст, ки мусоҳиба аз анвои гуногун иборат аст, ки хабарӣ-тавсифӣ, фардӣ-гурӯҳӣ, ҳидоятшуда ва озод, умқӣ ва густурда, ҳузурӣ ва ғайриҳузурӣ, конфронси матбуотӣ аз ҷумлаи он мебошад. Дар мусоҳибаи хабарӣ-тавсифӣ ҳадаф касби иттилооти дақиқ ва мушаххас аз манбаи хабар ҷиҳати равшан шудани мавзӯъ ё воқеаҳои нави рӯз аст. Мусоҳибашаванда дар мавриди ангезаи вуқӯи рӯйдод назари худро баён мекунад. Дар мусоҳибаи фардӣ-гурӯҳӣ як нафар ё зиёда аз он иштирок мекунанд. Мусоҳибаи ҳидоятшуда, ки бо унвони мусоҳибаи баста низ ба кор меравад, як навъ аз рӯйи саволҳои пешакӣ омодашуда сурат мегирад. Мусоҳибаи озод баръакси мусоҳибаи ҳидояшуда буда ҷилав дар дасти хабаргузор аст. Махсусияти мусоҳибаи умқиро гуфтугӯйи баробари дутарафа ташкил медиҳад, ки дар журналистикаи тоҷик бо номи суҳбат ёд мешавад. Аломати фарққунандаи конфронси матбуотӣ дар иштироки рӯзноманигорони зиёд бо ин ё он намояндаи мақомот аст.

Аз миёни ин анвои мусоҳиба дар матбуоти Луристон, се навъ: конфронси матбуотӣ, мусоҳибаи умқӣ ва мусоҳибаи ғайриҳузурӣ бештар истифода мешавад. Албатта, ин маънои аз истифода дур будани навъҳои дигари мусоҳибаро надорад. Аз ин се навъ боз мусоҳибаи конференсияи матбуотӣ ҷойгоҳи бештаре дорад. Зеро аксари нашрияҳои Луристон гузориш-огаҳиҳоеро бо номи конфронси матбуотӣ ба фаровонӣ интишор менамоянд, ки дарвоқеъ ироаи омор ва амалкардҳоест аз сӯйи мудирон ва масъулони давлатӣ. Дар ин навъ мусоҳиба хабарнигор низ гуфтаҳо ва назароти масъулонро бидуни каму кост ва ироаи назари худ чоп мекунад. Масалан, аз нишасти матбуотие, ки бо шаҳрдори Хуррамобод Масъуди Мухторӣ дар 16 –и мурдоди соли 1384 баргузор гардидааст, рӯзномаи «Садои миллат» дар чунин шакл матолиб интишор намудааст. Унвони мусоҳиба «Набуди воҳидҳои тавлидӣ ва ангезаи сармоягузорӣ мушкилоти Хуррамободро ташдид кардааст» буда, матн аз 6 қисмат иборат аст:

- аввал, шаҳрдор ҳозиронро хайру мақдам мегӯяд;
- дуюм, дар бораи рушди босуръати шаҳрнишинӣ дар даҳаи 50 ва мушкилоти он сухан мегӯяд;

- сеюм, дар хусуси қатъи дарахтони боғҳои Хуррамобод маълумот медиҳад;
- чорум, вазъи маҳаллот ва мушкилоти онро бозгӯ менамояд;
- панҷум, дар бораи мушкилоти иқтисодӣ ва набудани корхонаҳо дар ин шаҳр изҳори нигаронӣ мекунад;
- шашум, гуфтаҳои худро хулоса намуда, ба ширкаткунандагон сипос мегӯяд.

Навъи дигари нисбатан маъмули мусоҳиба дар предмети ин пажӯҳиш мусоҳибаи гуфтугӯ аст. Ин навъи мусоҳиба дар аглаби нашрияҳо ба назар расад ҳам, сабки нигориши онҳо ба ҳамдигар монанд аст. Барои таҳвияти ин гуфта рӯ меорем ба чанд намуна. Дар нашрияи «Иқтисоди Луристон» мусоҳибае интишор гардидааст, ки гуфтугӯйи хабарнигори нашрия Марями Меъморро бо мудири кулл ва муовинони идораи кулли навсозии мадориси Луристон Муҳандис Асадипур, Шаҳобиддини Ҳиҷозӣ, Муртазо Хуррамободӣ, Саидқосими Мустафӣ ва хонум Лак сурат гирифтааст. Мусоҳиба «Бо камбуди паймонкори ботаҷриба ва босавод рӯбарӯ ҳастем» унвон дорад. Мавзӯи он баррасии меъмории мадориси остони Луристон буда, аз 13 савол ва посух таркиб ёфтааст, ки бештари саволҳо ба мудири кулл унвон шудааст. Суолҳо ба ҳамдигар робитаи мантиқӣ доранд ва эҳсос мешавад, ки мусоҳибакунанда нисбатан фаъол аст. Масалан, агар саволи аввал дар мавриди меъмории сохтмони мадорис бошад, саволи сеюм доир ба ҳузур ва мушокирати мардум дар мадрасасозӣ мебошад, саволи ёздаҳ аз таҳаввулоти охири мадрасасозӣ ишора мекунад.

Ба назари мо ҳадафи мусоҳибаҳои мазбур аз он чӣ ишора шуд фарохтар меравад. Ҳадаф аз ин мусоҳиба танҳо огоҳии иттилоотӣ набуда, балки дар заминаи шарҳи масъала ба дарки мардум расонидани муҳимият ва аҳамияти мадрасасозӣ будааст. Аз ин рӯ мусоҳибон кӯшидаанд, ки мардум, хосса давлатмандонро барои мушорикат дар сохтани чунин муассисаҳо ҷалб намоянд. Зимни ин гуфтугӯ мусоҳибагар тавонистааст, ки ба василаи суолоти мушаххас вазъи воқеъбинона ва холисонаро ошкор созад. Суолҳоро мусоҳибагар тавре танзим кардааст, ки аз як тараф, ба ҳадаф расиданро таъмин, аз тарафи дигар, барои ба вуҷуд омадани ҳолати воқеӣ мусоидат намудаст. Суолоти матраҳшуда назарот, идрокот, мавзӯъ ва бардошти мусоҳибашавандагонро ба таври мушаххас фаро гирифтаанд. Мусоҳибагар воқеан, ашхосеро интихоб намуда бо онҳо гуфтугӯ анҷом додааст, ки дорои тахассус, салоҳият ва мавқеияти мутаносиб бо мавзӯи мусоҳиба доранд. Ин омил арзиши воқеии мусоҳибаро боло бурда, баъзе ҳолатҳои норавшани масъалаи ободкориро равшан намудааст.

Хусусияти дигари ин мусоҳиба он аст, ки мусоҳибагар қабл аз шурӯъ ба гуфтугӯ бо як муқаддима мақсадро барои хонанда мушаххас мекунад. Ин хусусият аз аносири муҳимми мусоҳибаорӣ аст. Тавре Козимӣ Муътамаднажод мефармояд: «Барои анвои мухталифи мусоҳиба, ки дар рӯзномаҳо чоп мешавад, қабл аз ҳар чиз бояд як муқаддима таҳия намуд ва мавзӯи мусоҳиба ва иллати онро ташреҳ кард»[15]. Аз матни мусоҳиба бармеояд, ки матлаби асосии арзиш ва баррасии мавзӯъ будааст.

Тавре ишора шуд, аксари нашрияҳои мавриди пажӯҳиш аз имконоти жанри мусоҳиба истифода мебаранд. Аз ҷумла, «Мубашири субҳ» дар ҳар шумора ҳадди ақал як ё ду мусоҳибаро интишор менамояд. Мусоҳибаҳо аглаб бо афроди мансабӣ ва баъзан бо ҳунармандон сурат гирифта, навъи диалогро доранд. Чунончи дар шумораи 15 озармоҳи соли 1321 ду мусоҳиба ба табъ расидааст, ки яке бо хонум Мусавӣ - муассиси аввалин ҳайати мазҳабии хоҳарон дар Хуррамобод ва дигаре бо оғои Гударзӣ – ҳунарманди карикатурист анҷом ёфтааст. Ин ду мусоҳиба, ҳамчунин мусоҳибаҳои дигари ин нашрия аз рӯйи хусусият ба ҳамдигар наздиканд. Ҳамаи онҳо бо як низом, яъне зикри мақсад дар шакли муқаддима ва инъикоси ҷараёни суҳбат таҳия шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои мусоҳибаҳои ин нашрия он буда, ки нигорандагон баробари инъикоси ҷараёнии мусоҳиба аз аксҳои ба мавзӯъ иртибот дошта низ истифода мебаранд. Масалан, дар мусоҳиба бо ҳунарманди карикатуранавис Гударзӣ 4 тасвири карикатурии ӯ дар канори матн омадааст, ки бегумон таъсири онро дучанд мегардонад. Ҳарчанд мусоҳибаҳои ин нашрия аз ҷиҳати касбӣ бад нестанд, аммо баъзе иллатҳо ба назар мерасад, ки такрори саволҳо, ибороти забонзада аз ҷумлаи онҳост. Масалан, дар оғози мусоҳиба истифодаи ҷумлаи «Лутфан худатонро барои хонандагон муаррифӣ кунед» ва дар охир таъкиди «Аз шумо ташаккур мекунам, ки дар ин мусоҳиба ширкат кардед» қариб дар аксари мусоҳибаҳо ба назар мерасад.

Баррасии матбуоти Луристон нишон дод, ки миёни нашрияҳои феълӣ «Сеймаре» дар корбурди жанри мусоҳиба мавқеи хос дорад. Аз 236 шуморае, ки дастраси мо гардид ва мавриди омӯзиш қарор гирифт, дар наздик ба 200 шумораи он мутуни дар шакли мусоҳиба интишоршуда, мушоҳида шуд. Ағлаби мусоҳибаҳо дар шакли гуфтугӯ, яъне саволу ҷавоб мебошанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди касбӣ зери рубрикаи «Гуфтугӯ» таҳия гардидаанд. Таркиби чунин мусоҳибаҳоро муқаддимаи муаррификунандаи матлаб, саволҳои бонизоми мантиқан ба ҳам иртиботдошта ташкил медиҳад. Дар бештари мусоҳибаҳои ин нашрия субтитр ва миёнтитр ба назар мерасад, ки боиси барҷастасозии ашколи гуногуни мусоҳиба гардидааст. Титрҳо аз гуфтаҳои мусоҳибон ҳосил шудааст, ки самимияти мусоҳибаро дучанд мекунад. Оғоз ва анҷоми мусоҳибаҳо ба ҳам дар алоқамандии мантиқӣ буда, ҷамъбандиҳо хеле муносиб аст. Барои таҳвияти фикр мехоҳем як мусоҳибаро ба таври муфассал таҳлил намоем.

Мусоҳибае, ки мавриди назари мо қарор гирифт «Ман камончаро бо дилам менавозам» унвон дорад, ки дар асоси гуфтугӯйи Ҳашматуллои Озодбахт бо Муҳаммадраҳими Боҷилованд –навозандаи камонча шакл гирифтааст. Муқаддима ё худ кушоиши мусоҳиба раҳнамои вуруд ба марҳилаи аслӣ ва омили ҳавасмандгардонии мусоҳиб гардидааст. Аз он маълум мешавад, ки мусоҳиба иттифоқӣ сурат гирифтааст. Аммо мусоҳибакунанда ба ҳунари мусоҳиб ошност, онро меписандад, дар бораш бо меҳр сухан меронад. Чунончи: «Дар Хуррамобод ва дар манзили оғои Амини Аббосиён аз ҳунармандони дӯстдоштанӣ ва соҳибназари мусиқии Луристон дидамаш. Қаблан садои зебои оршиашро шунида будам, ки мусиқиро дарк кардаанд. Чанд соат меҳмони навохтанаш шудам. Ҳоло ҳам мешунидам ва ҳам медидам, ки чӣ фурӯтанона ва беиддао ангуштҳояшро савори оршӣ мекунаду метозад…».

Суоле, ки мусоҳиба бо он шурӯъ мешавад, муаррифии самимонаест, ки бешак омили эҳсоси эътимод ва дӯстиву яктанайи ҷонибҳо шудааст, ки ин дар мусоҳибаҳо ба нудрат воқеъ мешавад, яъне муаррифии самимона шароитро барои иртиботи саҳеҳи мусоҳибагар ва мусоҳибдиҳанда муҳайё сохтааст. Ин суол ҳубби муҳаббат, ҳамгунӣ ва итминонро байни ду ҷониб таъмин карда, омили аслии «ифшои роз» ба маънии мусбати он шудааст. Барқароркунии чунин ҳолат калид будааст барои вуруд ба баҳси илмии мусоҳиба ва кушодани қулфи дил ва эҳсосу андешаи мусоҳибон. Саволҳо нисбатан эҷодкорона ва ғайриқолабианд. Инак, суоли нахустини муоҳиб:

«- Муҳаммадраҳими Боҷилованд аҳли дуруд ва мутаваллиди соли 1346 – ро мегӯям, ки бо ӯ ба гуфтугӯе нишастам. Акнун ӯ худаш ба шарҳи ҳол ва чигунагии камончанавозӣ мепардозад».

Муаррифии матлаб хеле кӯтоҳ, самимона ва воқеъбинона аст. Мусоҳибакунанда, ки аз пешинаи мавзӯъ бохабар аст, муҳити дӯстона ва ҳамроҳ бо тафоҳум эҷод карда, боиси дарёфти иттилооти қобили мулоҳиза гаштааст. Аз ин назар, мусоҳибагар ва мусоҳибашаванда дар ин гуфтугӯ баёнгар ва гирандаи хуби иттилоот шудаанд. Ин даъвиро посухи мусоҳибашаванда ба суоли аввал таъйид мекунад, ки иқтибосашро зарур медонем:

«Соли 1361 камончаро ба даст гирифтам. Устоди хосе надоштам, аммо бо гӯш супурдан ба наворҳои устодоне чун марҳуми Алиризо, Шоҳмирзо Муродӣ ва Алихон, ки бар камонча ҳам мусаллат буд, аммо садои сурнаяш бар камончааш мечарбид, идома додам. Ҳарчанд ба сурнай алоқаи зиёде доштам ва аз ин рӯ садои сурнаи марҳум Шомирзо низ вориди камончанавозии ман шуд..» («Сеймаре» 1391, 5 даймоҳ).

Аз рафти мусоҳиба ва ҷавоби иқтибосшуда маълум мешавад, ки мусоҳибагар қонеъ нест, бинобар ин саволи навбатиро дар шакли зер пешниҳод мекунад: «Дар ин минтақа шоҳномахонӣ ва ширину хусравхонӣ сабки хоси худро дорад. Оё ин сабк бар камончанавозии ту таъсир гузоштааст?». Бо ин оҳанги гуфтор мусоҳибагар мусоҳибро бармеангезад ва дар зеҳни ӯ андешаи тозаеро бедор кардааст, ки ӯ мегӯяд: «камончаи ман бо ин маворид форм гирифтааст. Илова бар инҳо ман камончаро бо дилам менавозам ва ҳамин боис шуда, ки дӯстон ва мухотабон аз рӯйи лутф бигӯянд, ман сабки хоси худамро дорам…»

Таҳлили ин ва дигар мусоҳибаҳои матбуоти Луристон нишон медиҳад, ки мусоҳибагарон дар тарҳи суолҳо шаш калимаи пурсишии маъруф – чӣ касе, кӣ, куҷо, чӣ, чаро, чи гунаро огоҳона корбаст кардаанд. Дар рафти мусоҳиба саволоти

аввалия, сонавия, ташреҳӣ ва кӯтоҳ ба таври мустақим матраҳ шудаанд. Масалан, вақте мусоҳиб зимни гуфтугӯ аз сабки хосаи худ дар ичрои мусиқии маҳаллӣ ҳарф мезанад, мусоҳибагарро андешаи дигаре ҳосил мешавад, суоли ташреҳии «Чаро мақомҳо ва овозҳои мусиқӣ дар тамоми Луристон мисли ҳам ичро намешаванд»-ро ба миён мегузорад.

Зимнан бояд гуфт, ки дар ҳар мусоҳиба илова бар ин ки мусоҳибагар мусоҳибашавандаро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад, худ низ аз ҷониби ӯ арзёбӣ мешавад. Аз рафти мусоҳибаи мазбур маълум мешавад, ки маҳз авомили арзёбии мутақобил мусоҳибагарро ба вокуниш во медорад ва дарёфтҳои дилхоҳ ба даст меояд. Дар замина бояд тавоноӣ ва таъсири мусоҳибагарро дар барқароркунии истеҳком ва тавозун дар ин мусоҳиба ва пешбурди он бисёр муҳим донист.

Омилҳои зикршуда боис шудаанд, ки дар ин мусоҳиба на танҳо ҳунари камончанавозии мусоҳиб, балки фазои мусиқии маҳаллӣ ва мақомии Луристон низ ошкор гардад.

Ҳангоми таҳлил ва арзёбии ин мусоҳиба ва муайян намудани хусусиятҳои он таваҷҷуҳи моро андешаи донишманди тоҷик И. Усмонов ба худ ҷалб кард. Ӯ навиштааст, ки «дар бораи хислати мусоҳиба ақидаҳои зиёду гуногуни олимон мавҷуд аст. Яке онро жанри хабарӣ мегӯяд, дигаре таҳлилӣ ва сеюмӣ ҷойи онро дар ҳардуи гурӯҳи жанрҳо суроғ мекунад. Ва чунин андешаҳо ба он асосанд, ки он аслан жанри хабаррасон аст, ҳамчунон таҳлили шахси ҳамсуҳбати мухбирро дорад. Ана ҳамин ҳолати охирин гумонеро бор овардааст, ки мусоҳиба жанри таҳлилӣ дониста шавад. Аммо ин саҳеҳ нест» [16, 51]. Баъдтар ин донишманд ба чунин хулоса меояд: «Воқеан мусоҳибаҳое ҳам ҳастанд, ки ба мавзӯъҳои таҳлилӣ дахл доранд. Дар онҳо факт ва навигарӣ муҳим нест, балки ақидаи шахс, муҳим аст ва ин воқеа ба ақл тааллуқ мегирад ва дар муайян кардани ҷои ин навъ калавишҳо мавҷуданд. Ҳатто назариёте ҷой дорад, ки онҳо бо истифодаи калимаи «суҳбат», ки дар реша ба мусоҳиба низ хеш аст, дар забони тоҷикӣ мулоқоти чанд нафарро бо ҳам ифода мекунад, дар забони форсӣ суханронии як касро низ мефаҳмонад, ин навъи мусоҳибаро дар жанрҳои таҳлилӣ ҷой диҳанд». Ба андешаи ниҳоии ин донишманд дар ин навъ мусоҳиба мақсади мусоҳибагар шиносондани ҳамсуҳбат ё шиносондан ба ақидаи ҳамсуҳбат аст ва ин хислати жанрҳои хабарист. Дар мавриди хусусияти жанрии мусоҳибаи боло метавон афзуд, ки вай навъи иртиботӣ буда, қаблан тарроҳишуда ва ҳадафдор мебошад. Шакли жанрии мусоҳибаи фавқро мубодилаи иттилоот таъйид ва таъкид мекунад.

Мусоҳибаҳои матбуоти Луристонро аз ҷиҳати мавзӯъ низ метавон гурӯҳбандӣ намуд. Агар дар «Иқтисоди Луристон» мавзӯъҳои иқтисодӣ бартарӣ дошта бошад, дар «Даргоҳ» мавзӯъҳои адабӣ, дар «Сеймара» фарҳангиву ҳунарӣ, дар «Бомдоди Луристон» масъалҳои ичтимоӣ, дар «Афлоки Луристон» ва «Офтоби Луристон» мавзӯоти сиёсӣ, аслан хос будааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин чанд мусоҳиба метавон яқин кард, мусоҳибаҳои матбуоти мавриди назар дорои арзишҳои аснодӣ, ичтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ буда, дар заминаи имконоти жанри мазбур таҳия шудаанд.

Бахусус мусоҳибаҳое, ки дар боло ҳамчун намуна баррасӣ гардиданд, хусусият ва аҳдофи умумии мусоҳиба: иттилооти собит, огоҳӣ додан, таҳрик ва шинохти воқеиятро фаро гирифтаанд.

Омӯзишу таҳлил ва баррасии мусоҳибаҳои матбуоти Луристон имкон медиҳад, ки чанд нуктаи муҳимро ҳосил намоем:

- мусоҳиба ҳампои матбуот будааст;
- дар мусоҳибаҳои матбуоти пеш аз инқилоб аносири мусоҳиба хусусияти омезишӣ дорад;
- ҳарчанд навъҳои гуногуни мусоҳиба ба назар мерасад, аммо мусоҳибаи гуфтугӯ мавқеи муҳимтаре дорад;
- аксари мусоҳибагарон мавзӯи мусоҳибаро фаҳмидаанд;
- дар ҳар гуна мусоҳиба маълумоти тозае ба назар мерасад;
- мусоҳибаҳо оғозу анҷоми хуб доранд, ки ба он хати самти мавзӯъ мусоидат кардааст;
- аксари мусоҳибон масъулони давлатианд;
- арзишҳои хабарии мусоҳибаҳоро ҳақиқати воқеӣ, бархурди сареъ ва воқеъбинона бо воқеият, шуҳрат, навӣ ва тавзеҳи иттилоот ташкил медиҳад.

Дар поёни ин фасл мехоҳем чанд нукта перомуни жанрҳои дигари ахборӣ – ҳисобот ва репортаж гуфта бошем, зеро ин жанрҳо бо табиати хоси худ дар матбуоти мавриди таҳлил низ ба назар мерасад. Ҳисоботро дар матбуоти Эрон, асосан, бо унвони гузоришҳои хабарӣ мешиносанд, ки аз ҳамоишҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳое, ки мавзӯяшон пешакӣ муайян аст, навишта мешавад. Ин навъи матн дар матбуоти Луристон корбуди бештар дорад. Аз ҷумла, дар нашрияҳои «Садои миллат», «Бомдоди Луристон», «Офтоби Луристон», «Фахри Луристон» матлаби дар қолаби ин жанр инъикосгардида бештар мушоҳида мешавад. Таҳлили ин гуна матолиб нишон медиҳад, ки бештари онҳо шарҳи амалкард ва гузориши кории идороти давлатӣ буда, аз ҷиҳати таъсиргузорӣ ба мухотаб чандон нестанд. Ин гуна матнҳо на танҳо ҷаззобият надоранд, балки мухотабони нашрияро аз худ дур мекунанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар нашрияҳои Луристон ҳисоботҳои ҷаззобу хонданӣ ва муфид мавҷуд нест. Матолиби нашрияҳои «Офтоби Луристон», «Баёни Лур» ва «Сеймаре» нисбатан хубу хонданӣ мебошад.

Жанри репортажро дар журналистикаи Эрон гузориши огаҳӣ меноманд. Ин жанр дар матбуоти Луристон ҷойгоҳи хосса дорад. Бештари репортажҳо бо тасвир ҳамроҳ ҳастанд ва дар нашрияҳо андозаи нисбатан бузургро ишғол мекунанд. Дар онҳо аслан, амалкарди бахшҳои давлатӣ ва гоҳе хусусӣ мунъакис мегардад. Дар ин гуна гузоришҳо ташреҳ, тавсиф ва таҷассум ба назар расад ҳам чандон ҷолиб нест. Дар ин мутун иттилооти хос камтар аст ва аглаби гузоришҳо мубтанӣ ба мусоҳибаҳои фардӣ мебошанд.

Умуман, дар матбуоти остони Луристон дар маҷмӯъ тамоми жанрҳои хабарӣ – хабар, мусоҳиба, ҳисобот ва репортаж истифода мешавад. Аммо ҷойгоҳ ва хусусияти онҳо яксон нест. Агар жанри хабар ва мусоҳиба нисбатан мавқеи намоён дошта бошанд, жанрҳои ҳисобот ва репортаж чандон мушаххас нестанд. Ин жанрҳо баъзан дар омезиши ҳамдигарӣ корбурд мешаванд. Аз ин рӯ, онҳоро ба сифати гузориш мешиносанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Усмонов И. К. Жанрҳои публитсистика/ И. К.Усмонов.– Душанбе, 2009.– С. 3-14.
2. Муҳтамадинажод К. Рӯзноманигорӣ: бо фасле ҷадид дар бознигарии рӯзноманигории муосир/ К.Муҳтамадинажод.– Теҳрон: Сипеҳр, 1368.– С.18.
3. Шукрхоҳ Ю. Хабар: Маркази мутолиот ва таҳқиқоти раоснаҳо, чопи нуҳум/ Ю.Шукрхоҳ–Теҳрон, 1385.– С.10.
4. Қурбонӣ Ҳасан Шигирдҳои хабарнависӣ/ Қурбонӣ Ҳасан.– Теҳрон: Суруш.– 1390.– С. 9.
5. Бадеӣ Наим, Ҳусейни Қандӣ Рӯзноманигории навин.- Теҳрон:Донишгоҳи аллома Таботабоӣ, 1382.– С.17.
6. Шукрхоҳ Ю. Авомили муассири баргузиниши ахбори хоричӣ // Рӯзноманигори ҳирфаӣ (Маҷмӯаи мақолот). Маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо.–Теҳрон, 1381.– С. 77.
7. Муҳтамаднажод Козим (бо ҳамкории Абулқосими Мунсифӣ) Рӯзноманигорӣ бо фасли ҷадид дар бознигарии рӯзноманигории муосир. –Теҳрон: Сипеҳр.– 1382.– С.93.
8. Маквел Д. Даромаде бар назрияҳои иртиботи ҷамъӣ (тарҷумаи Парвизи Иҷлолӣ).-Теҳрон:Маркази мутолиот ва тавсияи расонаҳо, 1376.– С.268.
9. Мирзоалӣ С. Равзанаи иттилоотӣ.-Душанбе, 2007.– С.47.
10. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика.– Душанбе, 2009.– С. 21. – 22.
11. Гумбол М.Т. Мусоҳиба: иртиботи рӯбарӯ ва ҳадафдор //Рӯзноманигории ҳирфаӣ (Маҷмӯаи мақолот): Маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо/ М.Т. Гумбол. – Теҳрон,1381.– С. 144.
12. Муҳсаниёнрод Маҳдӣ Равишҳои мусоҳибаи хабарӣ.– Теҳрон: Дафтари мутолеот ва тавсияи расонаҳо. – 13 82.– С. 36.
13. Муҳтамаднажод Козим Рӯзноманигорӣ бо фасли ҷадид дар бознигарии рӯзноманигории муосир.– Теҳрон: Сипеҳр, 1382. С.187.
14. Фараҷуллоҳӣ Масъуд Гуфтмони самимона бо асҳоби қалам дар оинаи матбуот.– Хурамобод:Шопурхост, 1391.– С.13.
15. Муҳтамаднажод Козим. Рӯзноманигорӣ бо фасли ҷадид дар бознигарии рӯзноманигории муосир/ Муҳтамаднажод Козим. – Теҳрон: Сипеҳр, 1382.– С.229.
16. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика/ И.Усмонов. – Душанбе, 2009.– С. 51.

МЕСТО ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ЖАНРОВ В ПРЕССЕ ЛУРИСТАНА

В данной статье автром подвергнуты рассмотрению и изучению различные публицистические жанры и их использование в прессе Луристана - одного из областей в Исламской Республике Иран. Автор выделяет три группы жанров: информационные, аналитические и репортаж. Информационным жанрам в большей степени присуща функция сообщения, тогда как аналитическим – функция воздействия. Газетно-публицистический стиль охватывает массовые, популярные политические тексты, воздействующие на актуальные общественно-политические процессы.

Ключевые слова: публицистика, жанры публицистики, Луристан, пресса Луристана, публицистический стиль, язык прессы, информация, публицистические статьи.

PLACE OF JOURNALISTIC GENRES IN THE PRESS LURISTAN

This article by author subjected to review and study of various journalistic genres and their use in the press Луристана - one of the areas in the Islamic Republic of Iran. The author distinguishes three groups of genres: informational, analytical and reporting. Information genres in more characteristic function of the message, while the analytical function of exposure. Newspaper-journalistic style covers mass, popular political texts, acting on topical socio-political processes.

Key words: journalism, genres of journalism, Luristan, press Луристана, journalistic style, the language of the press, information, publicistic articles.

Сведения об авторе: ***Рустам Киёнуш*** – соискатель Таджикского национального университета

ЭЪТИМОД БА АХБОРИ ШУЪБАИ ФОРСИИ РАДИО ВА ТЕЛЕВИЗИОНИ *BBC* ДАР ТОҶИКИСТОН

Муҳсин Ризоӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шуъбаи форсии Телевизиони BBC дар соли 2007 расман шурӯъ ба кор намуд. Бештари кори ин шабакаи телевизионӣ ба баҳси хабар ва масоили сиёсӣ, тафсирӣ ва таҳлилии кишварҳои форсизабон мебошад. Шурӯи бахшҳои хабарии ин телевизион дар Тоҷикистон аз соати 18^{30} -и дақиқаи аср ҳар як соат шомили як бахши хабарӣ аст, ки куллан панҷ бахши хабарӣ ва як хабари 60 дақиқаӣ барои бинандагони тоҷикзабон пахш мешавад. Ҳар шабакаи расонаӣ дар дунёи имрӯза барои расонаи худ ҳадафҳоеро тарсим карда, ин аҳдофро дунбол кунад, ки шуъбаи форсии телевизиони BBC ҳам бо ҳамин ҳадафҳои хос шурӯъ ба кор карда, ки метавонем ба онҳо ишораи кӯтоҳ кунем.

1. Ҳадафҳои баландмуддат ва пинҳон;
2. Ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва нимаошкор.

Фалсафаи вуҷудии шурӯъ ба кори шуъбаи форсии телевизиони BBC дар кишварҳои форсизабон тавассути мудирон ва масъулони кишвари Англия таъриф шуда, ин шабакаи хабарӣ бояд дар он чорчӯб ҳаракат кунад, то ин ки ҳадафҳои баландмуддат ва кӯтоҳмуддати ин телевизион амалӣ шаванд ва манофеи Англия таъмин шавад.

1. Ҳадафи баландмуддати ин телевизион ва масъулони пушти саҳнаи он эҷоди даргирии қавмҳои мазҳабӣ ва фирқаӣ ҳамроҳ бо эҷоди даргирии байни кишварҳои ҷаҳони савум ва бахусус форсизабонон бо ҳамсоягони худ барои доштани ҷонибҳо ва таъмини манофеи баландмуддати кишвари Англия ва қишрҳои худ мебошад.

2. Сиёсати кӯтоҳмуддат ва нимаошкори ин телевизион пахши ахбор бо ҷиҳатгирии хос, ки ин ҳам дар баландмуддат ҳамон аҳдофи баландмуддатро мунҷар мешавад.

Чун масъулон ва мудирони сиёсатмадори англис муъҳаҷид ҳастанд, ки офтоби императории Британияи Кабир ғуруб намекунад ва як мисоли маъруфи англисӣ, ки мегӯянд: «Тафриқа бияндоз ва ҳукумат кун», ҳамчунин, сензура кардани пешрафтҳо бартарии кор мебошад ва пахши хабарҳои даргирӣ, ҳаводиси ногувор, террор, бадбахтии кишварҳои ҷаҳони савум аз бартарии хабарҳои ин шабака мебошад ва дар садри хабарҳои сиёсии он ҷой дорад.

Вожаи эътимод. Эътимоди мухотабон ба як расона мутаасир аз эътимоди онҳо ба хабари расона аст. Соҳибназарони улуми иртиботот бар ин боваранд, ки эътимод ба расонаро бояд, бар асоси афзоиши эътимод ба хабар ва барномаҳои хабарии расона донист.

Расонаҳои хабарӣ дар фароянди иттилоърасонӣ бояд. ба муқобила бо чолишҳои эътимодсозӣ дар хабар бипардозанд ва зариби эътимоди мухотабони худро нисбат ба ахбори ироашуда афзоиш диҳанд. Мизони эътимод ё адами эътимоди мардум ба расонаҳо яке аз меъёрҳои аслӣ дар шинохти вазъияти расона буда, уфуқи диди барномарезонро васеътар мекунад. Аз он ҷо ки расонаҳо нақши воситаро дар интиқоли ахбор ва иттилоот ба уҳда доранд, ба навъи ҳалқаи иттисоли

давлатҳо ва мардум буда, дар ҳамгирой ва вогароии мардум ва ҳукумат таъсири босазое доранд.

Мавқеияти ҳар барномае вобастагии комил ба ҷалби эътимоди мардум дорад. Бинобар ин, ин осори расонаҳо бояд ба гунае бошад, ки зариби эътимод ва итминонро байни мардум ҳарчи бештар боло бибарад. Имрӯз дар мавриди ҳамаи масоили кишварҳои ҷаҳон, бузургтарин рисолати иттилоърасонӣ бар дӯши расонаҳои ҷамъӣ аст ва расонаҳо қудратмандтарин ахбор барои тағйири нигариши афрод маҳсуб мешаванд.

Дар асри мо ҳидояти афкори умумӣ аз вазифаҳои расонаҳо шинохта шуда ва эътимод ба расона ба унвони манбаи таъминкунандаи иттилооти мавриди ниёзи мардум ва сармояи аслии расонаҳои гурӯҳӣ маҳсуб мешавад, ки нақши таъйинкунандаи васоили иртиботи ҷамъӣ ва ба таври куллӣ низоми иртиботот дар зиндагии башари имрӯзиро ифо карда, чунон аз аҳамияти болое бархӯрдор аст, ки пажӯҳишгарони улуми иҷтимоӣ ва иртиботот асри кунуниро «Асри иртиботот ва доноӣ» ном ниҳодаанд.

Дар ин аср инсони муосир наметавонад худро бениёз аз ахбори муҳити зиндагиаш бидонад. Бинобар ин, ин касби иттилоот ва огоҳӣ аз аҳамияти вижае бархӯрдор аст. Коршиносони улуми иртиботот ҳамчунин муътақиданд, ки бепосух мондани ниёзи хабарӣ аз манобеи каналҳои расмии иртиботӣ ва иттилоърасонӣ сабаб мешавад, печи радиоҳои хориҷӣ ва каналҳои телевизионии моҳворай боз шавад ва бозори шойеа (дуруғгуйи дар мавриди мавзуе, ки ҳар касе онро ба дилхоҳ бо каму зиёд кардан таъриф мекунад ва дар асл он хабар вуҷуд надорад), ахбори фоқиди ҳуввият ва гоҳо иғвоангез дар ҷомеа доғ шавад. Мухотабоне аз тариқи анвоъ ва қисмҳои мухталифи каналҳои иртиботӣ дар муҳосирааанд «2000 канали телевизионӣ ва ҳазорҳо истгоҳи радиоии моҳварӣ» ногузиранд ба расона ба унвони пули иртиботи масъулини худ эътимод кунанд ва аз он барои касби хабар убур намоянд.

Расонаҳо наметавонанд дар фазои фориғ аз эътимоди мухотабон давом ва қавом дошта бошанд. Дарвоқеъ, бақо ва мондагории васоли иртиботи ҷамъӣ дар гарави ҷазби мухотаб ва ҳифзи онҳост. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки яке аз коркардҳои муҳимми расона ироаи ахбор ва иттилоот аст, агар расонаҳо натавонанд ба дурустӣ ба ин коркарди худ бипардозанд, паёмадҳои ношӣ аз он ба ашколи мутафовите буруз мекунанд.

Яке аз ин авориз шоеот дар ҷомеа аст. Дар ҳақиқат, шоеа ҷонишини як хабар аст, хабаре, ки аз маҷроҳои маъмулӣ ва ҳамагонии расонаҳо иқдом ба сензура, (пахш шудан ё пахш нашудани он) шудааст. Ба иборае муҳимтарин омили бурузи шойеа дар як ҷомеа, норасоиҳо, камбудиҳо ва ноқисиҳои дастгоҳҳои иттилоърасонӣ аст ва агар расона натавонад дараҷаи эътимод ва итминони мардумро нисбат ба худ боло бибарад, афроде, ки ҳамеша ба дунболи ирзои ниёзи хабарии худ ҳастанд, ба роҳҳои дигар мутавассил мешаванд.

Бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи расонаҳо дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоии мардум, эътимод ба ин расонаҳо метавонад табдил ба масъалаи муҳим гардад. Дар дунёе, ки шаклдиҳӣ ва ҳидояти афкори умумӣ ба манзури баҳрабардории сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бештарин сармоягузорҳои абзорӣ ва инсониро ба худ ихтисос додаст, эътимод ва мақбулият метавонад бар гироишҳои мухотабони расонаҳо таъсиргузор бошад. Расидан ба эътимод дар ҳавзаи хабар ниёзманди шинохти афкори умумӣ дар абъоди мухталифи он аст. Агар ин шинохт ба шакли саҳеҳ сурат гирад, ба роҳатӣ метавон ба роҳкориҳои таҳкими эътимоди умумӣ даст ёфт. Шинохти маҷмуаи омилҳое, ки бавуҷудоварандаи ин эътимод аст, дорои аҳамияти фаровоне мебошад.

Аз байни нақшҳо ва коркардҳои аслии шуъбаи форсии радио ва телевизионӣ BBC низ нақши расона дар заминаи иттилоърасонӣ ва хабарии барномаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, ҳаводис ва таҳлилҳои мавриди назар мебошад. Назарияпардозони улуми иртиботот барои расонаҳои гурӯҳӣ чанд нақши асосӣ ва аслро қоил ҳастанд: нақши хабарӣ, омӯзишӣ, роҳнамоӣ ва тафреҳию саргармӣ. Интисоби ин нақшҳо ба расонаи гурӯҳӣ беҷиҳат ва бидуни далел сурат нагирифтааст ва дақиқан бад ин иллат буда, ки расонаҳо ба тамоми ин ниёзҳое, ки таҳти унвони нақши расона аз он ёд шудааст, посух мегӯянд. Ба ибораи дигар, расонаҳо ба ниёзҳои огоҳиҷуйӣ, омӯзишӣ ва тафреҳии инсонҳо посух мегӯяд.

Ҷазби эътимоди мухотабон ҳамвора ҷузъ даҒдаҒаҳои аслии расонаҳои хабарӣ аст. Ба ақидаи коршиносон боэътимодии мухотабон ба расона ба иллате монанди зикр кардани манбаи хабар, надоштани тахассус ва бетаваҷҷуҳӣ ба ниёзҳои мухотабон ба вуҷуд меояд ва ин мавзуъ дар миёни мухотабони ҳамаи кишварҳо вуҷуд дорад. Аммо ин бэътимодӣ дар кишварҳои ҷаҳони савум ба иллати авзои таърихӣ, бештар ба назар мерасад.

Ба гуфтаи коршиносони расона амалкарди хабарии нодуруст ва ироаи иттилоъ ва ахбори иштибоҳ ба мухотаб, ба беэътимодии ӯ нисбати расона мунҷар мешавад. Мутолиот нишон медиҳад, ки беэътимодӣ ба расона дар миёни ҳар ду қишри омма ва нухба вуҷуд дорад. Аммо ин беэътимодӣ дар миёни нухбагон ба иллати номуносиб будани шароити кори рӯзноманигорӣ дар кишварҳо ва дар натиҷа, кайфияти поёнии ахбор, иттилооти тавлидӣ ва ҳамчунин тавоноии онҳо дар таҳлили ахбор ва иттилоот ва шароити бади иқтисодӣ бештар худнамоӣ мекунад.

Дар бақия, мардум беэътимодӣ аз бадии шароити набудани кор ва надоштани шуғли хос дигар вақти фикр кардан ба ахбор ва телевизионро ба оммаи мардум намедиҳанд ва таваҷҷуҳе ба ахбор ва телевизион надоранд.

Коршиносони иртиботот бар ин ақида ҳастанд: дурустии хабар, суръати иттилоърасонӣ ва посухгӯйӣ ба мавқеи ниёзҳои мухотаб, ҳатто дар сурати эҷоди ниёзи хабарӣ ба маънои амалкарди хабарии саҳеҳ ва муносиби расона аст. Дар канори ин амалкарди хабарии муносиб бо бартарият додан ба манофеи мардум ва таваҷҷуҳи камтар ба сиёсатҳо, манобеи расона ва сиёсатмадорон метавон эътимоди мухотабонро беш аз пеш ба хабар ҷалб кунад.

Коршиноси дигаре муътақид аст: «То замоне, ки расонаҳо мухотабмеҳвар нашаванд, нахоҳанд тавонист эътимоди мардумро ба худ ҷалб кунанд.

Ҳавзаи расонаӣ. Дар робита бо эътимод ба расона маҷмуаи омилҳое ҳастанд, ки ношӣ аз амалкарди худи расонаҳост. Аз ҷумла, ин фазо мафҳуми эътимод ба ахбори расона аст, ки бо се мафҳуми зер мушаххас шудааст:

1. Садоқат; 2. Бетарафӣ; 3. Ҷозиба.

1. Садоқат**,** паёмрасонии содиқонаи расонаҳо омили муҳиме дар шаклдиҳӣ ба фазои мафҳуми эътимод ва ахбори расонаҳост. Бо ин вуҷуд расонаҳо қасдан ё саҳван ба манзури дастёбӣ ба аҳдофи хос мумкин аст, иқдом ба тағйири баъзе аз хабарҳо кунанд, ки ин тағйирот ба суратҳои зер метавонад анҷом шавад.

а) ТаноҒузгӯйӣ, ба маънии ироаи хабарҳои зидди нақиз ба муболиҒа ва иҒроқ, бузург ҷилва додани баъзе аз хабарҳо ва қулф кардан дар хабарҳо фаҳмида мешавад.

б) Таҳрифи хабар, ҳар гуна дасткорӣ дар хабар ба наҳве, ки маънои аслии хабар дигаргун шавад, аст.

в) Сензура ба ҳамон мафҳуми роиҷи худ ба кор бурда шуда, яъне ҷудо кардани баъзе аз аҷзои хабар аз пайкараи аслии он. Ин тағйирот дар шакли васеъ ва густурда, ки тавассути расонаҳо анҷом мешавад, омили муҳим дар эъҷоди беэътимодии мухотаб ба ҳавзаи ахбори расона аст. Дар чунин шароит, он чӣ ки иттифоқ меафтад, ин аст, ки расона мухотабро мунфаил фарз кардааст.

2) Бетарафӣ**.** Ин вожа нуқтаи муқобили адами бетарафӣ дар ироаи ахбор аст. Адами бетарафӣ ба ду далел анҷом мешавад:

а) Чун шуъбаи форсии телевизиони BBC дар назорати давлати Британия мебошад, хабарҳои он давлатӣ аст, яъне давлат мустақим бар рӯйи бахшҳои мухталифи хабар назорат дорад ва бояд, расона танҳо сухангӯйи давлат бошад.

б). Хаттӣ будан. Вобастагии расонаҳо ба як гурӯҳи хос, ки натиҷаи он дастчин кардани ахбор ва иттилооте аст, ки таъминкунандаи он гурӯҳи хос мебошад ва боис мешавад ба ахбори гурӯҳҳои дигар таваҷҷуҳ нашавад.

3. Ҷозиба шомили омилҳое мешавад, ки расонаҳо бо бархурдории имконот, аз қабили таҷҳизоти муносиб, хабарнигор ва нерӯҳои мутахассис ахборро ба шакли ҷаззоб ироа медиҳанд, ки натиҷатан мизони иттикои мардум ба расонаҳои дохилиро афзоиш медиҳад. «Ҷозиба ё адами ҷозиба дар ироаи мавзӯи хабарӣ низ метавонад, қобилияти эътимодро афзоиш ё коҳиш диҳад». Ба ибораи дигар, ақидаҳои афрод таҳти таъсири касоне қарор мегирад, ки ҳам мутахассис ва ҳам қобили эътимод бошанд. Ҳамчунин қобилияти эътимод нисбат ба расона замоне афзоиш меёбад, ки афродро мустақиман таҳти таъсир қарор диҳад. Манобеи хабарӣ дар баёни «воқеаҳо» ва «ҳақиқатҳо» равияи яксоне надоранд ва мутаносиб бо аҳдофи маъмуриятҳо ва ангезаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фардӣ ва гурӯҳӣ, ё нигоҳи мутафовит ба

ҷараёни ахбор менигаранд ва дар чунин вазъият ташхиси «эътибори ахбор» барои мухотабон бисёр мушкил аст.

Эътибори манобеи хабарӣ мафҳуми чандбуъдӣ аст, ки дар даҳаҳои охир ба наҳваи густурдае мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарони мухталиф қарор гирифтааст. Ҳоло бояд дид бо тавзеҳоти боло мардуми Душанбе чӣ қадар ба ахбори шуъбаи форсии телевизиони BBC эътимод доранд. Оё аслан ба ахбори шуъбаи форсии BBC эътимод доранд ё не? Барои баррасии мизони эътимод ба ахбори шуъбаи форсии чанд мисол аз соли 2012 овардаем ва онро бо хабарҳои телевизионҳои дохилӣ муқоиса намудаем, то мизони эътимодро мушаххас кунем. Дар соли 2012 бозори «Корвон» дучори оташсӯзӣ шуд. Наҳваи пардохтани шуъбаи форсии телевизиони BBC ин гуна буд.

1.То ҷойе, ки тавонист хабарро бузург намуд ва теъдоди мағозаҳои оташгирифтаро 2500 адад зикр кард, ки аслан хабар саҳеҳ набуд фақат чанд мағоза шабона оташ гирифта буд ва субҳ бо фидокории маъмурони оташфишонӣ ва давлатӣ оташ хомӯш карда шуда буд.

2. Адами садоқат дар баёни ҳақоиқ дар ин масъала аслан риоят нашуд ва коршиноси хабарии BBC дар ин амр маъмурони давлатиро масъули аслии оташсӯзӣ муаррифӣ кард. Дар сурате, ки аслан дуруст набуд ва ҳамаи он дурӯғ буд.

3. Бетарафӣ. Дар ин хабар аслан телевизиони BBC бетараф набуд ва қасдаш ҳам ин буд, ки касонеро, ки мағозаҳояшон оташ гирифта буд, дар муқобили давлат қарор диҳад ва эҷоди буҳрон кунад.

4. Таноқузгӯйӣ. Барои даргир кардани мардум бо давлат BBC ҳар лаҳза дар гузоришҳои худ дучори таноқузгӯйӣ буд. Дар сурате ки ин хабар тавассути расонаҳои дохилӣ ба наҳви аҳсан пӯшиш дода шуд ва садоқати комил васли бетарафӣ, адами таноқузгӯйӣ вучуд дошт ва мардум эътимоди зиёде ба телевизионҳо ва расонаҳои дохилӣ доштанд. Аз тарафе бемавқеъ хабаррасонии расонаҳои дохилӣ ва сиёсати хуби давлат дар ин замина боис шуд, ки беэътибории BBC бештар мушаххас шавад.

Дар ҳодисаи террористии Бадахшон боз ҳам шуъбаи форсии телевизиони BBC барои эҷоди ҷанги дохилӣ дар ин шаҳр бо додани хабарҳое бо танофаровон ва риояти адами бетарафӣ ва таноқузгӯйӣ дар хабарҳо мехост ба оташи ҷанги дохилӣ домон бизанад, ки ин ҳодиса ҳам бо хабаррасонии бемавқеи телевизионҳои дохилӣ дар Тоҷикистон шуъбаи форсии телевизиони BBC-ро ҳам хунсо кард ва мардум, ки хотираи нохуш аз ҷангҳои дохилӣ доштанд, фаҳмиданд, ки ин телевизион дар пайи эҷоди даргирӣ дар ин кишвар аст ва эътибори ин телевизион боз ҳам коста шуд.

Аз тарафе бо сафари бомавқеи раёсати ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Бадахшон ва расидагӣ ба мушкилоти мардум ва пӯшиши бомавқеъ ва зиндаи ин сафар аз тарафи телевизион ва расонаҳои Тоҷикистон боз ҳам боис шуд, эътибори ин расонаҳои дохилӣ ҳарчӣ бештар афзоиш ёбад ва давлати муҳтарам бо сиёсати хуб ва бомавқеи баррасии мушкилоти мардуми Бадахшон ва намоиши он амри муҳим аз телевизионҳои шабакаи якуми Ҷоми ҷаҳоннамо ба эътибор ва эътимоди мардум ба расона афзуда шуд ва давлати муҳтарам ҳам як дасисаи бузургеро, ки расонаи форсии BBC дошт, бар он доман мезад, то оташе барпо кунад.

Хабари дигар, ки дар соли 2013 боз ҳам бӯйи дасиса аз он ба машом мерасад, гузоришҳое аст, ки аз Тоҷикистон дар шуъбаи форсии телевизиони BBC пахш мешавад. Мехоҳанд мардумро фақир ва иқтисоди кишварро бемор ва ақибмонда ҷилва диҳанд. Бо гузориши ин хабар, ки дахолати Шӯравии собиқ дар ҷанги Афғонистон иштибоҳ буда, мехоҳанд робитаи хубе байни давлати Тоҷикистон ва Русияро барҳам зананд, «монанди мусоҳиба ва гузориш бо сарбозони ширкаткунанда дар ҷанги Афғонистон ва илқои ин ки ҷанг дар Афғонистон иштибоҳ будааст».

Дар сурате ки муҳаққиқ бо ҳар кас мусоҳиба кардааст мегӯянд, мо замони шӯравии собиқ вазъи иқтисодии хубе доштем ва бо давлати Эмомалӣ Раҳмон ҳам ин кишвар ободонӣ дошта. Аз ҷумла, сохти пул, ҷода, корхона, ҷазби турист, ки барои ин кишвар карда ва ҳар рӯз гузориши ин корҳо аз телевизионҳои дохилӣ барои мардуми Душанбе пахш мешавад. Аммо дар шуъбаи форсии телевизиони BBC фақат даргирии Бадахшон, оташсӯзии «Корвон», ҷанги дохилӣ бо Афғонистон мушкилоти Русия бо Тоҷикистонро мунтақил мекунад. Дар сурате, ки агар расонаи бетараф дар

пайи ҷазби мухотаб бошад, бояд тамоми корҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлати Тоҷикистонро дар садри хабарҳои худ ҷой диҳад.

Дар поён ин суол матраҳ аст, ки оё бо ҳамаи ин тавзеҳот дар ин мақола мардуми Тоҷикистон бояд, ба расонае, ки ғаразона хабар медиҳад ва садоқатро риоят намекунад ва сензураи хабарӣ дорад, бояд эътимод кунанд?

Барои эътимод ба ахбори як расонаи иртиботии ҷамъӣ, монанди шуъбаи форсии телевизиони BBC мухотабро илова бар ҷазб бо мудирияти саҳеҳи расонаӣ нигаҳдорӣ кунанд ва ҳар лаҳза онро монанди инсони ташна ба об ба ахбори шабака ташна кунанд ва бар ахбор ҷаззобият ахбор афзоянд, то мухотаб лаҳзашумори кунад, барои замони пахши хабар. Вале шуъбаи форсии телевизиони BBC ба иллати надоштани садоқат, асли бетарафӣ, муғизона сензураи ҳақоиқ, эҷоди шуҳба ҳадафи пинҳон ва ошкори хабарӣ барои эҷоди даргирии фирқаӣ, қавмӣ, қабилаӣ ва даргирии байни кишварҳои истиқлолёфта ва интиқол надодани дастовардҳои азими иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳазорон корҳои хуб дар Тоҷикистон, мутаассифона, дар ҷазби мухотаб муваффақ набуда ва эътимод ва эътибори расонаро дар назди мардуми Душанбе бисёр поин овардааст.

Ҳатто метавон гуфт, ки мудирияти вақт Иноятӣ Фонӣ раёсати бахши ахбори форсӣ BBC ҳам муътақид буд, агар сиёсатҳои ин шабака ба ҳамин тариқи кунунӣ пеш биравад, эътибор ва эътимоди мардум ба шуъбаи форсии телевизиони BBC коста хоҳад шуд ва бо резиши мухотаб ҳамроҳ хоҳад гардид. Ҳоло бояд гуфт, кадом телевизионҳо тавонистаанд бо ахбори худ мизони эътимод ва эътибори зиёде дар Тоҷикистон ҷазб кунанд ва мухотабони фаровоне дошта бошанд. «Ҳатто бештар аз 80 %». Аз ҳама муҳимтар ва боэътимодтар метавон ба телевизиони Русия ишора кард ва дар марҳилаи дувум телевизиони «Сафина», телевизиони Шабакаи якум, «Баҳористон» ва «Ҷаҳоннамо»-ро баён кард. Иллати ин амр иборатанд аз:

1. Садоқат дар гуфтор дар амри хабаррасонӣ;
2. Бетарафии комил дар иттилоърасонӣ;
3. Надоштани сензураи хабарӣ;
4. Парҳез аз газоф ва бузургнамоӣ;
5. Бемавқеъ ва фаврӣ хабаррасонӣ намудан.

Ин масъалаҳо барои муҳаққиқ дар гуфтугӯҳои мустақим бо мардум, устодони донишгоҳ ва олимони барҷастаи Тоҷикистон ба даст омада, ҳамаи мардум ва устодон дар баёни худ пешрафти илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҷазби турист, ҷазби сармояҳои хориҷӣ ва тавсеаи иқтисодии кишварро эътироф кардаанд ва онро мадюни талош ва кӯшиши роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои кишвари Тоҷикистон донистаанд ва мегуфтанд, ки кишвари мо дар ҷаҳон шинохташуда набуд, вале бо кӯшиши раёсати ҷумҳурии муҳтарам мо дар ҷаҳон шинохта шудем ва рӯ ба пешрафт ҳастем.

Албатта, ин гуфта барои муҳаққиқ ҳам исбот шуда, чун дар тӯли ду сол иқомат дар ин кишвар нархи таваррум собит буд ва ҳатто арзҳои роиҷ дар кишвар ҳам дар фоизи бисёр ночизе болою поин мешуданд ва кишвар дар ҳоли тавсеаи иқтисодӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Эстрид Ҷон. Расонаҳои фарогир, сиёсат ва демократӣ/ Эстрид Ҷон; тарҷумаи Ҳабибуллоҳи Фақеҳинажод. –Теҳрон: Рӯзномаи Эрон, 2008.
2. Амиркофӣ Меҳдӣ. Эътимоди иҷтимоӣ ва авомили муассир бар он/ Амиркофӣ Меҳдӣ. –Теҳрон: Намоии пажӯҳиш, Шумораи 18, 2005.
3. Раззоқи Афшин. Назарияҳои иртибототи иҷтимоӣ/ Раззоқи Афшин. – Теҳрон: Осим, 2008.
4. Себилон Ардлистонӣ Ҳасан. Расона ва мудирияти буҳрон/ Себилон Ардлистонӣ Ҳасан.–Теҳрон: Кимоби меҳрубон, 2009.
5. Шоҳ Муҳаммад. Авомили муассир ба эътимод ба расона бо таъкид бар уфуқ/ Шоҳ Муҳаммад. – Теҳрон: Фаслномаи тахассусии идораи кулли омӯзишу пажӯҳиш.– 2011. –№ 69.
6. Фарачпур. Иттилоот/ Фарачпур. –Теҳрон, 2008. – 63.
7. Келмен Ҷейм. Бунёдҳои назарияи иҷтимоӣ. / Келмен Ҷейм; тарҷумаи Манучеҳри Сабурӣ. -Теҳрон: Най, 2008.
8. Мир Фахроӣ. Мабонии назарӣ ва амалии хабари телевизион/ Мир Фахроӣ.– Теҳрон: Суруш, 2010.
9. Ҳурмузи Меҳрдод. Муқаддимае бар назариёт ва мафоҳими иртибототи ҷамъӣ/ Ҳурмузи Меҳрдод. – Теҳрон: Форон, 2009.
10. www BBC Persetion.com [Захираи электронӣ]

ДОВЕРИЕ ПЕРСИДСКОМУ ОТДЕЛЕНИЮ РАДИО И ТЕЛЕВИДЕНИЯ BBC В ТАДЖИКИСТАНЕ

BBC Персидское отделение радио и телевидения BBC официально приступил к работе в 2007 году. Большинство программ данного отделения посвящены проблемам персоязычных стран. В данной статье автор рассматривает деятельность телевидения и радио **BBC** на территории Республики Таджикистан.

Ключевые слова: телевидение BBC, всемирная служба BBC, персидское отделение радио и телевидения BBC в Таджикистане.

TRUST PERSIAN DEPARTMENT OF RADIO AND TELEVISION IN TAJIKISTAN

BBC Persian Department of radio and television officially started to work in 2007. Most programs of this Department are devoted to the problems of the Persian-speaking countries. In this article the author considers the activities of television and radio BBC on the territory of the Republic of Tajikistan.

Key words: TV BBC world service of the BBC Persian Department of radio and television in Tajikistan.

Сведения об авторе: ***Мухсин Ризои*** – аспирант Таджикского национального университета.
Телефон: (+992) **919 80 70 56**

ЯК ПРОБЛЕМА АЗ ДУ НИГОҲИ ЖУРНАЛИСТӢ

Барно Соҳибова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аслан яке аз ҳадафҳои асосӣ дар журналистика новобаста ба жанре, ки истифода мешавад, ин гузоштани проблема ва пешниҳод намудани роҳи ҳалли он мебошад. Проблема (мушкилот) аз табиати худи навиштаҳои журналист бармеояд. Яъне агар проблема набошад, дар бораи ин ё он ҳодиса навиштан худаш маъно надорад. Бинобар ин, дар моҳияти ҳар навишта проблема меистад. Воқеа, ҳодиса ва ё ин ки мушкиле ҳаст, онро бояд журналист ба маърази баррасии ом гузошта, агар тавонад, дар бораи роҳи ҳалли он ва агар не, ақалан дар бораи мавҷудияти он сухан ронад. Поблемагузорӣ низ санъати бузургеро мехоҳад ва на ҳар журналист тавони онро дорад, ки чунин проблемаҳоеро, ки аз он ҳаёту зиндагии ҳазорон нафар вобаста аст ва мушкилоти рӯз аст, пайдо кунад. Дар ин ҷода танҳо онҳое муваффақ мешуданд, ки чунин дидгоҳ доштанд ва метавонистанд чунин проблемаҳои муҳимро аз байни ҳазорон проблемаҳои дигар ҷудо карда, дар бораи он нависанд. Масалан дар мақолаи профессор И. Усмонов «Знакомство с публицистикой Латифи» тарзи проблемагузории журналисти шинохтаи тоҷик Отахон Латифӣ таҳлил шудааст. Ӯ менависад: «Проблема аз як тараф дар заминаи идеаҳо ва мавқеи муайяншудаи журналист ва аз тарафи дигар ба туфайли образи барозанда ва истифодаи муассир тасдиқ мешавад. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки Отахон Латифӣ агар проблема набошад, навишта наметавонист ва худи проблемаро бошад, ӯ ҳал карда наметавонист, ӯ танҳо дар бораи он чизе менавишт, ки худаш дидааст ва дар навбати худ, хонанда он чизеро медид, ки ӯ навиштааст» [1].

Яъне тарзи масъалагузорӣ ва ё проблемагузории журналист аз оғоз бояд тарзе бошад, ки аз матлаб хонанда чӣ будани проблемаро ба пуррагӣ дарк намояд ва тарзи пешниҳоди он ҷолиб бошад. Аз ҳама муҳиммаш он аст, ки бояд роҳи ҳалли проблемаи дар миён гузошташуда нишон дода шавад. Он гоҳ муҳиммияти проблема ҳам барои хонанда ва ҳам барои журналистон масъулоне, ки бояд онро ҳал намоянд маълум мегардад ва журналист ба мақсади ниҳоии худ мерасад ва ҳадафаш мешавад. Пас, дарёфти дурусти проблемаи муҳим ва пешниҳоди ҳалли он асоси комёбии минбаъдаи муаллиф мегардад. Чунин як тарзи проблемагузорӣ ва роҳи дурусти ҳалли онро мо дар жанрҳои гуногуни телевизиони имрӯзаи тоҷик низ мушоҳида менамоем.

Ҳаракат, тағйири ҷою макони объект ва қаҳрамон, яъне инъикоси ҷараёни воқеа хоси публисистикаи телевизион асту ин хосият аз ҳама бештар дар репортаж ва очерк барин жанрҳо ба мушоҳида мерасад. Дар барномаҳои иттилоотии телевизион аксари кули навиштаҳо дар қолаби ҳамин жанранд. Зеро онҳо дида мешаванд, онҳо амаланд, онҳо воқеаи муайянеро нишон медиҳанд ва бинанда шоҳиди воқеа мешавад. Боз як бартарии ин жанр дар телевизион аз ин иборат аст, ки дар вақти пахши репортаж бинанда худро ҳамчун шоҳиди бевоситаи ҳодисаи тасвиршаванда эҳсос менамояд ва рафти ин ҳодисаҳоро гӯё чун шахси ширкаткунанда пеши назари худ таҳлил менамояд. Чунин тарзи пешниҳоди мавзӯъ ба бинанда вақеият будани

онро тасдиқ намуда, дар ӯ эҳсоси ширкаткунандаи ҳодиса ва воқеа буданашро бедор менамояд. Дар асл, ин тарзи пешниҳод бо тасири он сурат мегирад, ки худи журналист қабл аз бинанда шоҳиди он буд. Яъне гуфтор. Муаррифӣ кардани журналист хусусияти роҳбаладӣ пайдо мекунад. Ба ақидаи профессор А. Нуралиев пеш аз ҳама репортаж таърихи воқеае мебошад, ки онро репортёр дидааст. Асоси он ҳодисаи аҳамияти ҷамъиятидошта аст. «Хусусиятҳои репортаж-таъҷилӣ, инкишофи ҷараёни воқеа возеҳу равшан будан, тасвир, сухани фаъоли муаллиф мебошад» [2].

Пас, муаллиф ба мақсади дар пеш гузоштааш мерасад ва бинанда ҳам ин гузоришро қабул мекунад. Дар ҳамин қолаб, мо таъсири ду гузоришеро, ки дар онҷо як проблема, вале аз ду дидгоҳ ба бинанда пешниҳод гардидааст, муқоиса мекунем. Қабл аз ин мукоиса ёдовар мешавем, ки имкониятҳои пахш намудан ва ба навор гирифтани ин репортажҳо гуногун буданд ва андешаю тарзи пешниҳод ва ақидаи муаллифон низ куллан аз ҳамдигар фарқ мекард.

Дар шабакаи НТВ-и Русия дар барномаи «Профессия репортер», дар бораи вазъияти гӯё бади русзабонҳо дар шаҳри Чкалови Тоҷикистон гузорише бо номи «Родина мачеха» пахш шуда буд,ки чӣ аз нигоҳи касбият ва чӣ аз нигоҳи гузоштани проблема комилан ба жанри репортаж мувофиқ ва ба талаботи ҳамин жанр ҷавобгӯ буд.

Гузорише, ки Денис Арапов омода кардааст, 2 қаҳрамони асосӣ дорад, Иенесса ва Катя. Муаллиф дар оғози гузориш хабар медиҳад, ки Иенесса ба Тоҷикистон бармегардад ва ӯ мехоҳад хонаашро фурушад ва боз ба Ватан баргардад. Тавре, ки аз репортаж бармеояд, Иенесса ҳатто сабабгори марги падарашро Тоҷикистон медонад.

Муаллифи ин репортаж баъдан ҳаёти Катя, русдухтареро нишон медиҳанд, ки бо 2 фарзанд ва модари пир аз шавҳараш ҷудо шудааст ва мехоҳад ба ватан баргардад, зеро зиндагӣ дар инҷо вазнин аст. Муаллиф ин ҷо проблемаи ҳаёти русзбонҳоро дар як шаҳри музофотии Тоҷикистон баён намуда, бо ҳамин гуфтан мехоҳад, ки дар сар то сари ин кишвар мушкилоти русҳо мавҷуд аст ва ҳоло тамошобин яке аз чунин минтақаҳоеро дида истодааст, ки бозгӯи ин тарзи зиндагӣ аст. Пеш аз ҳама ӯ таъкид мекунад, ки дар ин шаҳр на газ ҳасту на барқ.

Ӯ ҳарчи бештар саргарми тасвири «зиндагии мушкили» русзабонҳо мешавад, ки аз қисмати мушкилоти иқтисодӣ ба қисмати мушкилиҳои муносибатҳои байнимиллӣ мегузарад. Ба суоли баранда, ки муносибати мардуми муқимӣ бо русзабонҳо чӣ гуна аст, ҷавоб медиҳанд, ки хеле бад аст, онҳоро таҳқир мекунанд ва онҳо хеле мехостанд ба ватан баргарданд. Маълум, ки мақсади асосии муаллифи репортаж пеш аз ҳама, паҳн кардани ҳамин ақида буд, ки муносибат бо русҳо дар ин ҷо хеле бад аст ва ӯ бо гирифтани ин ду ҷавоб ба мақсади худ, яъне ба нишон додани «проблемаи русҳо» муваффақ мешавад. Репортаи мазкур, ки дар иртибот ба мавзӯъ аз унсурҳои очерк ҳам бархӯрдор шудааст, мутаассифона инъикоси зиндагӣ дар оинаи каҷ аст.

Дар гузориш ду маротиба худи репартёр дар экран намоён мешавад ва андешаи дар репортаж баёнгардидаро таъкид мекунад.

Аввал, дар студия: «Фикр кунед, Шумо дар ҷое иқомат мекунед, ки на хона доред, на ҷои кор ва на эҳтиром, ҳатто чизи хурдан надоред ва шумо на гастарбайтер, балки русе ҳастед, ки дар Осиёи Марказӣ дар яке аз кишварҳои собиқ ИШ зиндагӣ мекунед. Имрӯз ягона орзуи Шумо ба Русия баргаштан аст» [3].

Мавзӯъ, проблема ва эҳсоси муаллиф дар орази намоиши аллакай муайяншуда, боғаразона аст ва дарк мешавад, ки ҳамаи мисолҳои оянда ҳамон идеяро бояд тасдиқ кунанд. Дар навишта хулоса аз таҳлили воқеаҳо барнамеояд. Балки воқеаҳо махсус интихоб ва барои тасдиқи фикри пешакӣ мувофиқ карда шудаанд. Дар ин пропагандаи сиёҳ нисбат ба публисистикаи бетараф бартарӣ пайдо мекунад. Материал аз хислати публисистӣ дида, зиёд хислати сиёсӣ мегирад. Ин албатта ба журналистика бегона нест, вале маъмулан хоси идеалогияҳои антогенистӣ аст ва ғалати журналист дар он аст, ки партнёри асосии сиёсӣ будани Россияро барои Тоҷикистон сарфи назар кардааст.

Давоми репортаж мазайкаи лавҳаҳо, воқеаҳо ва сюжетҳоеро дар бар мегирад, ки ҳамин равишро идома дода, қадам ба қадам ба кулминатсияе мебарад, ки низоъ ба вуҷуд оварданаш мумкин аст.

Бо ин баёни андеша муаллиф тамошобинро ба он даъват менамояд, ки ба фикри асосии ӯ ҳамраъй бошад.

Дар шаҳри Хуҷанд: Баранда дар назди бозори кӯҳнафурушии Хуҷанд истода мегӯяд: «Ин бозори шаҳри Хуҷанд аст ва дар ин ҷо русҳо зиёданд, онҳо кӯҳнафурӯшӣ мекунанд. Пизишкону муаллимон, муҳандисону коргарони касбу кори дигар, ки дар замони шӯравӣ омада буданд, акнун кӯҳнафурӯшӣ мекунанд» [3].
Чунин бозори фурӯши колои кӯҳна дар ҳамаи шаҳрҳо мавҷуд аст ва фурӯшандагони онро на ҳамеша русҳо ташкил медиҳанд, вале репортёр барои репортажи худ ва тасдиқи андешааш хеле моҳирона маҳз ҳамин ҷойро интихоб намудааст. Зеро дар чунин бозорҳо новобаста ба миллат аксар вақт онҳое савдо мекунанд, ғишри камбизоати аҳолиро ташкил медиҳанд.

Репортаж аз ҷиҳати режисура хуб сохта шудааст ва завқи ин гуна одамонро қонеъ мекунад. Дар экран бо мусиқии тоҷикӣ кадрҳое мераванд, ки Тоҷикистонро камбизоаттарин кишвари ҷаҳон ҷилва медиҳанд. Ҳама ҷо шикаставу рехта, талбандаҳо дар роҳҳо ва баранда мегӯяд, ки Тоҷикистон аз бозор сар мешавад ва бо он хотима меёбад, ягона ҷое, ки чизе кор кардан мумкин аст. Дар ин маврид ҳам ӯ муваффақ аст, ки ҷои серодамтаринро барои репортажи худ интихоб намудааст ва дар байни садҳо нафар ҳатман чанд нафареро пайдо намудан мумкин аст, ки камбизоат буданашон зоҳиран ҳам маълум мегардад.

Баранда ҳамингуна нишон медиҳад, ки ин мардум дар зери зулм қарор доранд ва онҳоро бояд наҷот дод, ҳатто динашонро ҳифз карда наметавонанд.
Дар ин репортаж натанҳо ҷузъиёти воқеа, балки муҳити воқеа, манзараи воқеа ҳам инъикос меёбад.

Ин гузориш, ки аз оғоз бо мақсади бадном намудани як кишвар ва як миллат таҳия гардида буд, Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистонро бетараф нагузошт ва Абдуғаффори Камол тасмим гирифт, ки барои равшан намудан ва баён намудани воқеияти проблемаи дар ин репортаж пешниҳодгардида дар ин мавзӯъ гузорише омода намояд. Дар ин гузориш низ мухбир дар ҷои ҳодиса аст ва наворҳои ӯ низ аз ҳамин шаҳр аст. Гузориш чунин оғоз меёбад:

«Ин шаҳри Чкалов аст. Шаҳре дар шимоли Тоҷикистон ва дар 15 километрии Хуҷанди бостон. Шаҳри начандон бузург, вале маъруфу машҳур. Чкалов бо ҳамон комбинати урантозакуниаш на танҳо дар собиқ ИҶШС, балки дар ҷаҳон ном бароварда буд. Ин шаҳр дар вақташ яке аз сермиллаттарин шаҳри Тоҷикистон буд ва имрӯз ҳам 25 дарсади аҳолии онро русзабонҳо ташкил медиҳанд» [4].
Муаллифи ин репортаж мақсади тамоман дигар ва мухолифи мақсади журналисти Россияро дорад. Дар ин гузориш аз зиндагии хуби русзабонҳо ва дил накандани онҳо аз ин шаҳр сухан меравад.

Баранда ба ҳамон расонае, ки репортажи иғвобарангезро аз ин шаҳр омода намуда буд, расонида мегӯяд, ки баъзе расонаҳои бегона аз вазъи бади мутахассисони рус ва умуман русзабонҳо дар шаҳри Чкалов сухан мегӯянд. Аммо ҳакиқати ин шаҳр дигар аст. Идеяи муаллиф хуб аст. Аммо рӯйрост иқрор шудани он ки ин репортаж ҳамчун ҷавоб ба репортажи НТВ навишта шудааст, таъсири онро кам мекунад. Худсафедкунӣ барин менамояд. Он ифодаро истифода накарда, гӯё як матлаби хоси ба чизе вобастанабударо нишон медод, муассиртар буд. Ҳамингуна, баранда дар мавриди мушкилиҳои русҳо ҳам мегӯяд, аммо ёдовар мешавад, ки аз мушкилии газу барқ мардуми тоҷик ҳам ранҷ мебаранд.

Дар гузориш яке аз оилаҳои муштараки тоҷикию русӣ (Абдуғаффор ва Зинаида) муаррифӣ мешавад.

Баранда чанд мусоҳибаи дигар мегирад ва дар охир боз ба экран мебарояд ва барнома чунин анҷом меёбад: «Дар ин миён набояд нодида гирифт, ки бо вуҷуди пайдо шудани марзҳо миёни кишварҳои собиқ Шӯравӣ ва мушкилоти шаҳрвандони як кишвар дар кишвар дигар, русзабонҳои сокини Чкалов дар миёни тоҷикон дар камоли осоиш умр ба сар мебаранд, ки ин далели бебаҳси фарҳанги ғанӣ, ҳисси башардӯстӣ ва маданияти баланди тоҷикони сокинони шаҳри Чкалов аст» [4].

Дар ин гузориш баранда бо зикри як нукта қонеъ намемонад ва вазъи зиндагии русзабонҳоро аз аввал то ба охир, аз чанд хонадон нишон медиҳад. Дар репортаж таҳлил нест, тасвири ҷараёни воқеа дида мешавад, ки бо андешаи муаллиф ва иштирокчиён пурра карда шудааст.

Донистани он муҳим аст, ки намоиши телевизиони НТВ дар бораи русзабонҳои шаҳри Чкалов ва муносибаташон бо тоҷикҳо омода шуд, ки худ ба худ фазои расонаиро нисбати кишвари мо ва аҳдофи мо тағйир дод. Яъне ба осиёби

душманонаи Тоҷикистон об рехт. Агар дар гузоришии «НТВ» бештар ин нукта таъкид мешуд, ки русҳо дар вақташ омада ин ҷоро обод карданду имрӯз рӯзи хуш надоранд, дар гузориши Абдуғаффори Камол бо русҳои ветеран сӯҳбатҳое гузашт, ки мегуфтанд, бо пироҳани дарида ба Тоҷикистон омаданду дар ин ҷо соҳиби чиз шуданд. Журналисти тоҷик ҳам аз ҳамкасби русаш дур нарафт.

Тавре мебинем, дар ин ҷо журналистҳо тавонистаанд ҳар кадоме бо истифода аз имконият ва донишу мақсади худ масъалаи матраҳшавандаро ба бинанда пешниҳод кунанд. Забони гузориш равон аст ва он хусусияти таблиғотӣ дорад. Мавқеи муаллифон низ дар гузоришҳо муайян аст. Аммо гап сари он аст, ки мавҷи телевизиони мустақими «НТВ» фарогири ҷаҳон аст, барномаи Шабакаи якумро бошад, ҳатто дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон намегиранд, пас он кӯшишҳо натиҷаи андак доранд ва таъсири гузориши НТВ бештар ба бинанда расидааст. Новобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки бе ҷавоб гузоштани чунин мавзӯъҳои муғризона пайгиришуда ба манфиати кор нест ва чунин кӯшишҳо бояд дар сатҳи гуногун ва дар шабакаҳои ватанӣ мавқеъ пайдо кунанд. Аз ҳама муҳим он аст, ки бояд мо журналистони хуби русидон дошта бошем ва намоишҳои хоса русӣ барои бинандагони ҳам кишварамон ва ҳам хориҷӣ дошта бошем, ки ҷавоб ба ҷояш расад. Дар ду репортажи фавқулода ҳунари хубу мукаммали эҷодӣ ҳаст ва ин далели ба камол расидани эҷодкорони хуб низ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Школа мастерства/ С. Гулов, Х. Атовулло. – Душанбе, 2009.– С. 132.
2. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот/ А.Нуралиев - Душанбе, 2006.– С. 97.
3. Профессия репортер ТВ НТВ. – 2012. – 6 ноябр
4. www.1tv.tj [Захираи элетронӣ]

ПОСТАНОВКА ПРОБЛЕМЫ, ПРЕДУСМАТРИВАЮЩАЯ СОПОСТАВЛЕНИЕ ДВУХ ПРОТИВОПОЛОЖНЫХ ТОЧЕК ЗРЕНИЯ

Журналистика имеет свои законы и стремится к классификации материала, который изучает. Специалисты теории журналистики занимаются разбором журналистских материалов, объединяя их в группы по жанрам. А журналисты-практики активно используют в своей работе эти многообразные жанры. В данной статье автор анализирует такой подход к постановке проблемы в репортаже, которая предусматривает сопоставление двух противоположных точек зрения алистике.

Ключевые слова: жанр журналистики, постановка проблемы, способ постановки проблемы, задачи журналиста в репортаже, жанровая форма, объем информативности, уровень обобщения фактов.

STATEMENT OF THE PROBLEM, PROVIDING A COMPARISON OF TWO OPPOSING POINTS OF VIEW

ournalism has its own laws and seeks to classify the material, which studies. Specialists of the theory of journalism are engaged in the analysis of journalistic materials, grouping them together by genre. And journalists practice actively use all these different genres. In this article the author analyzes this approach to the problem statement in the report, which provides comparison of two opposite points of view of the journalism.

Key words: genres of journalism, problem formulation, method of setting the tasks of the journalist in the reportage genre form, the volume of information content, level of generalization of the facts.

Сведения об авторе: ***Сохибова Б.Н.*** - аспирантка кафедры международной журналистики факультета журналистики ТҮУ. Телефон: (+992) 935573311.

МЕСТО РУССКОЯЗЫЧНОЙ ПРЕССЫ В СИСТЕМЕ СМИ ТАДЖИКИСТАНА

И.Х. Хужаназарова
Российско-Таджикский (славянский) университет

На протяжении многих десятков лет русскоязычные СМИ являлись одной из важнейших сфер культурной жизни Республики Таджикистан. С первых дней существования периодической печати Таджикистана русский язык по праву считался проводником передовых прогрессивных идей, просвещения, духовности и образования. Однако его появление в среднеазиатском регионе не принято воспринимать как элемент русской национальной экспансии и насильственное насаждение чуждого менталитета. Напротив, его внедрение во многом способствовало преодолению социальной и экономической отсталости Таджикистана и ликвидации негативных пережитков феодального прошлого.

В первые годы становления советской власти, когда осуществлялось комплексное решение сложнейших вопросов социалистического строительства в Таджикистане, некоторые лица из среды националистических элементов утверждали: «Мы и без русских сможем вырастить свои пролетарские кадры» [2]. В противовес этому мнению крупные общественные и литературные деятели, такие как С.Айни и М.Турсун-заде, приводили внушительные доводы, согласно которым «без помощи русского народа невозможно было бы создание кадров, способных решать проблемы экономического, социального и культурного характера» [3].

Следует отметить, что эти и другие деятели культуры, будучи в первую очередь талантливыми писателями, являлись активными популяризаторами русской литературы, как классической, так и новой советской, и во многом способствовали зарождению русскоязычных СМИ в Таджикистане. Существенным и важным подспорьем в их деятельности были тесные контакты с представителями передовой творческой интеллигенции Советского Союза.

Другим фактором популяризации русского языка был приезд в республику значительной массы русскоязычных специалистов различных сфер деятельности, благодаря которым преобразование Таджикистана шло ударными темпами. Для многих из них наша республика стала второй родиной, новым домом. Современные термины «национальная диаспора» или «национальное меньшинство» к ним вряд ли можно применить, поскольку в те годы существовало понятие «советский народ», и все, кто его составлял, ощущали себя принадлежащими единому великому братству.

Как известно, таджикская печать 20-30-х годов в основном освещала вопросы классовой борьбы и планы реализации культурной революции. Первые журналисты были и первыми агитаторами и всю свою деятельность направляли на то, чтобы активно участвовать в рождении новой жизни.

С появлением русскоязычных печатных средств массовой информации, таких как: «Коммунист Таджикистана», «Комсомолец Таджикистана», «Блокнот агитатора», «Сельское хозяйство Таджикистана», «Пионер Таджикистана», «Советский Бадахшан», «Ленинабадская правда», «Стахановец», «Ударник шелка», «Коммунист Пенджикента», и ряда других, привлечение молодых талантливых писателей, публицистов и журналистов в прессу стало более активно.

Заметим, что вышеперечисленные издания отнюдь не являлись проводниками пресловутых «русских идей и не возводили в доминантную степень менталитетную основу русского и европейского образа жизни. Напротив, тематическую основу этих газет и журналов составляли аспекты культурной и социальной жизни Таджикистана, население которого было частью большого братства народа. Новая жизнь, которая пришла в республику вместе с русским языком, резко контрастировала с темным, отсталым феодальным существованием, лишенным перспектив. И прогрессивные деятели это прекрасно видели и активно содействовали распространению русского языка, как языка межнационального общения. Этому способствовало также «фанатичное» безмерное поклонение вождю мирового пролетариата, главному «архитектору» революции, поэтому русский язык назвали «языком на котором говорит великий Ленин».

Русскоязычные печатные СМИ сыграли важную роль в деле проведения в Таджикистане национальной политики, развития и укрепления таджикской партийной организации, мобилизации и организации народных масс на социалистическое строительство.

С началом Великой Отечественной войны многие печатные издания Таджикистана были закрыты, а те, кто продолжал свою деятельность, были полностью подчинены нуждам военного времени. Газета «Коммунист Таджикистана» стала «флагманом» русскоязычных средств массовой информации и находилась в авангарде агитационной и пропагандисткой борьбы. С первых дней войны в ней систематически публиковались корреспонденции, очерки, зарисовки о подвигах бойцов и командиров Советской Армии. О жизни фронта и тыла она рассказывала в многочисленных материалах под рубриками: «Боевые эпизоды», «На фронтах Отечественной войны», «Тыл и фронт едины», «Изучай военное дело», «Наше дело правое, враг будет разбит» и др. С ее страниц с взволнованными, яркими очерками и рассказами, призывающими к защите социалистической Родины выступали видные таджикские писатели М.Турсун-заде,

М.Миршакар, С.Улуг-заде, А.Дехоти, Д.Икрами, Р.Джалил, Ф.Ниязи, Х.Юсуфи, М.Рахими и многие другие. Необходимо заметить, что эта газета является одним из старейших русскоязычных печатных изданий. Созданная 1 ноября 1925 года, она первоначально называлась «Советский Таджикистан», с 1930г. переименована в «Коммунист Таджикистана», а позже в 90-е годы пережила второе рождение и стала называться «Народной газетой».

История ее деятельности – это живое олицетворение истории русскоязычных СМИ Таджикистана и всей периодической печати нашей республики. В послевоенные, доперестроечные годы газета переживала период наивысшего расцвета, особенно с 1974-1985гг., в так называемую «эпоху» Б.Н.Пшеничного, главного редактора газеты на тот момент. Это было время творческих удач, высоких правительственных наград и массового читательского признания. Редакцию «Коммунист Таджикистана» представляла блестящая журналистская гвардия, команда единомышленников, настоящие профессионалы своего дела.

«Коммунист Таджикистана» ввел в практику выездные редакции в Нуреке, на строительство ТадАЗа, Яванского электрохимкомбината , Байпазинской ГЭС.

«Круглые столы» с ведущими специалистами, проводимые в стенах редакции, в известной степени помогали решению поднимаемых на них проблем. К голосу газеты чутко прислушивалось руководство республики. Достаточно сказать, что заседания бюро ЦК и Совмина руководители нашей республики нередко начинали с упоминания критических статей, публикуемых в русскоязычной периодики.

Примечательной особенностью «Коммуниста Таджикистана» была его нацеленность не только на освещение трудовых достижений, но и на повышение общеобразовательного уровня рабочих, расширение их кругозора, укрепление чисто человеческих, дружеских связей.

Более 14 000 писем в год получала редакция , черпая в них новые темы, помогая людям в возникших проблемах. Газете верили – и это было признанием силы печатного слова.

90-е годы стали периодом серьезных потрясений и упадком деятельности русскоязычных СМИ. На фоне падения великой державы, гражданской войны, хаоса, разрухи начался самый драматичный и тяжелый процесс и для республики, и для печатных изданий – массовый отток русскоязычных специалистов, в том числе и профессиональных журналистских кадров.

Прежняя советская система стала стремительно рушиться, на смену старым стереотипам и морали из хаоса начали рождаться новые убеждения, братские народы все разом заявили о суверенитете и перестали быть братьями. В этой атмосфере всеобщей неразберихи русскоязычная пресса пыталась остаться наплаву. Но без кадров, без финансовых средств, без полиграфической базы сделать это было очень сложно. Тем не менее, она смогла продолжить свое существование, но в новых условиях русскоязычная пресса – это всего лишь тень былого.

Хотя до сегодняшнего дня русский язык в Таджикистане по-прежнему остается в статусе языка межнационального общения, в эпоху суверенитета отмечено резкое сокращение его популярности в связи с оттоком из республики значительной части русскоязычного населения.

Что касается использования русского языка в печатных СМИ, следует отметить, что жанровые и тематические характеристики более тяготеют к передаче информации, заимствованной из интернета и других изданий. Все меньше становится оригинальных авторских материалов.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1.Мирзо Турсунзаде. Сухани мо дар ду джаб-ха/ Мирзо Турсунзаде// Комсомоли Тоджикистон.- 1932.- 10 апреля.
2. Мирузо Турсунзаде. Рох,и партия – рох,и дусти ватани пахновари мост/ Мирзо Турсунзаде// Комсомоли Тоджикистон».- 1932.- 5 мая.

МЕСТО РУССКОЯЗЫЧНОЙ ПРЕССЫ В СИСТЕМЕ СМИ ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена основным аспектам роли русскоязычных печатных средств массовой информации в Таджикистане. Автор уделяет особое внимание русскоязычным периодическим изданиям. На основе

исторических предпосылок, делается попытка провести параллель печатных СМИ того времени с сегодняшним.

Ключевые слова: язык, статус, журналистика, редакция, перспективы, популяризация, газета, читатель.

PLACE THE RUSSIAN-LANGUAGE PRESS IN MASS MEDIA OF TAJIKISTAN

Article is devoted the basic aspects of a role of Russian-speaking printing mass media in Tajikistan. The author gives particular attention to Russian use in the periodical press. On the basis of historical preconditions, attempt to draw a parallel of printing mass-media of that time with the today's becomes.

Keywords: Language, the status, the sovereignty, a brotherhood, prospects, popularization, the newspaper, the reader.

Сведения об авторе: ***И.Х. Хужаназарова*** **-** аспирантка кафедры истории и теории журналистики и электронных СМИ РТСУ. Телефон: **(+992) 90 550 31 13.** Электронная почта: **mukushlo_13@mail.ru**

ИНЪИКОСИ ВОҚЕОТИ СИЁСИИ МИСР ДАР ВАО-И ХОРИҶӢ

Фарзона Исмоилова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳама маврид новобаста ба вазъияту ҳолат ва ҳадафу манфиатҳо вазифаи аввалиндараҷа ва аслии тамоми журналистони олам ин ба аудитория расонидани иттилои дурусту воқеӣ ва беғаразона мебошад. Аммо хеле кам ва ҳатто ангуштшуморанд журналистоне, ки иттилои дурусту саҳеҳро ба мардум пешниҳод кунанд ва ба он муносибати бетарафона дошта бошанд. Иттилои созанда нерӯи пешбаранда дорад. Профессор Ҷ.Муқимов дуруст гуфтааст, ки иттилои дурӯғ ва барои тахрибкорӣ истифодашаванда метавонад, ҷомеаро аз раванди табиии пешрафташ берун кунад. Имрӯз бо рушди техникаву технологияи муосир, Интернет иттилоъро ҳамон лаҳза метавонад ба тамоми олам паҳн кунад. Ҳамин аст, ки як рӯйдодро дар як вақт қариб ҳамаи расонаҳои иттилоотии бузурги олам хабар медиҳанд, вале дар ҳамин ҳол тафсир ба ин рӯйдод аз ҳар яке ин расонаҳо гуногун хоҳад буд. Ҳар яке аз дидгоҳи худ ва пеш аз ҳама вобаста ба сиёсати давлати худ ба ин қазия баҳо хоҳад дод [1,5].

Дар қатори дигар давлатҳои араб охири соли 2010 ва ибтидои соли 2011 мавҷи инқилоб ба кишвари Миср низ омада буд ва он дуввумин кишвари арабие буд, ки ба гирдоби ин нооромиҳоғарқ шуд. Маълум аст, ки ҷое рӯйдод ё воқеае бошад ҷамъи рӯзноманигорон онҷоянд. Аммо иттилоъ дар бораи он воқеа аз нигоҳи ҳар расона ҳаргуна аст. Воқеаҳои дар кишвари Миср рухдодаро низ ҳар расона аз нигоҳи худ ва мувофиқба манфиатҳои редаксияи худ шарҳ дод. Масалан сомонаи «http://egy-by-stella.com» хабареро бо сарлавҳаи «80 миллион одамони озод» менависад, ки мӯҳтавои он чунин аст: «Истеъфои Ҳусни Муборакро 80 миллион одамони акнун озоди Миср ҷашн мегирифтанд ва ҳамагӣ шод аз он буданд, ки диктатураи Муборак барҳам хӯрд. Ӯ ҳатто то интихоботи президентие, ки моҳи сентябр баргузор хоҳад шуд, сари қудрат истодагарӣ карда натавонист ва тамоми салоҳиятҳои худро ба муовинаш Умар Сулаймон вогузор карду худ истеъфо дод. Аз истеъфои Муборак тамоми мардуми Миср шодӣ мекунад» [7]. Ин факт дурӯғ аст, ки тамоми аҳолии Миср, яъне 80 миллион одам аз сари қудрат рафтани Муборакро мехостанд ва ҳамаи он истеъфои ӯро таҷлил мекарданд.Ба ҳамин монанд сомонаи «Ozodi» навиштааст, ки «Саранҷом,Ҳусни Муборак пас аз 30 соли ҳукумат, дар 18-умин рӯзи эътирозҳои мардум аз қудрат канор гирифт. Ин дувумин ҳукумати арабӣ аст, ки дар камтар аз як моҳ фурӯ мерезад. Гузоришҳо ҳокӣ аз он аст, ки дар шаҳрҳои мухталифи Африқо ва Ховари Миёна мардум сарнагунии ҳукумати Муборакро ҷашн гирифтанд. Аз Бейрут то Ғазза мардум дар хиёбонҳо рехта бо оташбозӣ ва сар додани шиор ба истиқболи

пирӯзии мардуми Миср рафтанд. Дар Тунис, ки илҳомбахши ҳаракати эътирозии Миср будааст, мардум ба хиёбонхо рехта, фарёди шодӣ сар медоданд». Ин мақола хеле калон буда, нигоҳҳои коршиносони тоҷик ва чандин нафарони саршиноси ҷомеаиҷаҳониро овардааст. Аммо дар ин мақола муҳобот ва дурӯғ то ҳадде аст, ки гӯё Ҳусни Муборак як одами хеле бад, зулмкору беадолат, сабабгори бад шудани зиндагии мардуми Миср, бо роҳи демократия нарафтани ин кишвар ва боиси нооромиҳову инқилобҳо шудааст. Ба навиштаи «Ozodi» ӯ ин қадар шахси золиму хунхор будааст, ки бо сарнагун шудани ҳукумати Муборак тамоми мардуми олам табли шодӣ менавохтааст.

Бояд гуфт,Ҳусни Муборак, ки 30 сол вазифаи президентиро ба уҳда дошт, қабл аз ин 7 сол ба ҳайси муовини президенти собиқ Анвар Содот (1975-1981) фаъолият намудааст. Ӯ нахустин президенте буд, ки дар кишвараш қолаби ҳукмронии қабилавиро шикаста, соли 2005 интихоботи президентӣ гузаронид ва президентро бори нахуст дар таърихи Миср мардум интихоб карданд. Ҳамчунин қабл аз тазоҳурот ва нооройимиҳо Миср як кишвари рушдкарда ва ороме буд, ки нисбати аксар кишварҳоиҷаҳон дар ҳама соҳаҳо пешравӣ дошт. Дуруст аст, ки собиқ президент Ҳусни Муборак хеле пир шуда буд ва шояд, дигар қудрати идораи давлатро надошт, аммо агар ин нооромиҳо сар намезад аниқ буд, ки баъди чанд моҳ, яъне сентябри соли 2011 дар интихоботи президентӣ нафари дигар сари қудрат меомад.

Ин хабар дар ҳоле нашр шуд, ки 14 рӯз қабл маҳз ана ҳамин сомона худро «ғамшарику дардошно»-и мардуми Миср медонист ва Муборакро яке аз муҳимтарин ҳампаймонҳои арабии Амрико номида, навишта буд: «Нооромиҳо дар Миср Иёлоти Муттаҳидаро, ки солҳои зиёд аз роҳбарони минтақа ба ҷумлаи Муборак пуштибонӣ кардааст, дар вазъи ноҳинҷор қарор додаанд. Махсусан, ки Муборак яке аз муҳимтарин ҳампаймонҳои арабии Амрико ба шумор меравад» [8]. Аммо баъд аз 14 рӯз ҳамин сомона боз мақолаеро дар бораи аз сари қудрат рафтани Муборак ҷой дод, ки суханҳои ду ҳафта қабл гуфтаашро инкор мекунад.

Тибқи иттилое, ки бахши русии сомонаи BBC дар мавриди Миср додааст, ҳатто дар рӯзи даҳуми ин нооромиҳо ва як ҳафта қабл аз истеъфои Муборак шумораи зиёди ҷонибдорони ӯ низ ба майдон баромаданд, ҳарчанд ин сомона низ ҷонибдорони Муборакро ба таври худ муаррифӣ кардааст: «2-феврал ғайриинтизор гурӯҳи калони одамон ба майдон омаданд, ки инҳо ҷонибдорони Муборак буданд. Баъзе аз онҳо ба ҷониби оппозитсия тир кушоданд, ҳамчунин онҳо ғайр аз шӯришгарон боз ба ҷониби журналистон ва шаҳрвандони хориҷӣ низ тир кушоданд» [13]. Дар ҳоле ки чанд рӯз қабл ҷонибдорони Муборак ба майдон баромада бошанд, пас сухани «80 миллион аҳолии Миср аз сарангун шудани ҳукумати Муборак шодӣ мекарданд» то кадом андоза ба ҳақиқат наздик аст? Дар давоми ҳукмронии 30 солаи худ наход, Муборак кореро накарда бошад, ки ба 10-15 миллион аҳолӣ манфиат наоварда бошад.

Дар китоби «Даҳҳоидаи журналистика» оварда шудааст, ки принсипи муносибати бетарафона ба оқибатҳои амал онро мефаҳмонад, ки журналист бояд ба факт бетараф бошад [2,117]. Аммо муносибати бетарафона як тараф истад, журналистон бо супориши хоҷаҳояшон аз як факти кӯчак як мақолаи иғвоангез месозанд. Ҳамин аст, ки як хабарро даҳ расона ба даҳ тарз мегӯяд, зеро ҳар кадоме аз гуфтани ин хабар мақсад ва ҳадафҳои алоҳида дорад.

Дар давраи ҷӯшу хурӯши нооройимиҳои Миср офиси дар Миср будаи телевизиони «ал-Ҷазира»-ро маҳз барои он бастанд, ки ин шабака хабарҳои бардурӯғро дар бораи Миср ва нооройию вазъияти он медод. Аз сабабе ки ин

шабака дар байни мардуми араб хеле обрӯ пайдо кардааст ва дар рӯзҳои ҷангу нооромӣ телевизионҳои Миср наметавонистанд рӯйи мавҷ бароянд, мардуми ин кишвар аз тариқи моҳвора тамоми ҳодисоти дар ватанашон рухдодаро аз шабакаи «Ал-Ҷазира» тамошо мекарданд. Тамошои ин барномаҳо, ки аксари иттилоашон дурӯғ буд, сафи намоишгаронро дар майдони «Таҳрир» то рафт зиёд мекард. Бояд гуфт, ки телевизиони «ал-Ҷазира» баъди сар задани инқилобҳо дар Миср канали худро бо номи «ал-Ҷазира мубашир Миср» таъсис дод, аммо тибқи иттилои рӯзномаи «ал-Аҳрам»: «19-сентябр офиси дар Миср будаи «ал-Ҷазира»-ро кормандони ҳифзи ҳуқуқи кишвар кофтуков карда, фаъолияти онро қатъ карданд. Сабаби баста шудани канали мазкурро дар надоштани аккредитатсияи журналистон гуфтаанд. Ин мавзӯъ дар сомонаҳои арабӣ зиёд баррасӣ шуд. Яке мегуфт, ин таҳқир ба озодии баён аст, дувумӣ мегуфт, мисриён аз он тарсиданд, ки ин канал нишон медиҳад, ки режими Ҳ. Муборак пурра аз байн нарафтааст, дигаре мегуфт, «ал-Ҷазира» канали дурӯғгӯ ва иғвоангезе ҳаст, ки ҳама ҳодисоти бади дар давлатҳои араб рухдодаро ба хориҷиён мегӯяд,ба ҷуз аз воқеоти давлати Қатар» [4].

Аммо мардуми Миср бехабар аз он, ки «ал-Ҷазира» воқеоти кишвари онҳоро ба таври ҳақиқӣ баён намекунад ва боз ҳам ба муташаннӣҷ шудани вазъ мусоидат мекунад, ба ҳама хабарҳои ин шабака бовар мекарданд. Ба ҳамин монанд сомонаи «htt://vesti7.ru» менависад: « Дар як ҳафта се коргари шабакаи телевизионии Қатар «ал-Ҷазира» бо ихтиёри худ аз кор истеъфо доданд. Онҳо изҳор доштанд, ки дар шабакае, ки онҳо фаъолият доштанд, ҳодисоти Сурия ба таври объективона инъикос намешуд. Шабакаи «ал-Ҷазира» аз аввали ин воқеот шӯришгаронро ҷонибдорӣ мекард ва ба ягон хабар аз нооромиҳои Сурия муносибати бетарафона надошт» [10]. Ин нишони он аст, ки аксарияти рӯзноманигорон ва ҳатто редаксияҳои калоне, ки дар онҳо аз ҳазор нафар бештар кор мекунанд, наметавонанд ба факт ва воқеа муносибати бетарафона дошта бошанд. Ҳол он ки вазифаи аввалиндараҷаи журналист маҳз муносибати бетарафона ва ба таври воқеӣ пешниҳоди иттилои дуруст аст. Агар журналист нисбати ҳодисаҳо муносибати бетарафона надошта бошад, ҳамеша иттилои дурустро ба аудитория пешниҳод карда наметавонад. Ба қавли профессор И. Усмонов «Журналисте, ки ҳақиқатро намедонад ё гуфта наметавонад ва ё гуфтан намехоҳад, нигорандагиро тарк карданаш беҳтар» [3,318]. Аммо дар замони мо дурӯғ гуфтану иғво андохтан василаи пешравии касбӣ ё баланд бардоштани обурӯйи редаксия шудааст.

Рӯзномаи амрикоии «TheNewYorkTimes» воқеоти дар Миср баамаломадаро на бархурди ду қувва ё ду ҷониби муқобил медонад, балки менависад: «Вазъият дар Миср бисёр муташаннӣҷ аст. Дар ин ҷо ҳама бо ҳама ҷангида истодааст: мусулмонҳо бо христианҳо, ҳарбиён ва кормандони милиса бо демократҳо, либералҳо бо исломиён, хулоса ҳама бо ҳама бархӯрд доранд. Ин нооромиҳо натанҳо дар шаҳри Қоҳира аст, балки мавҷи он аллакай ба шаҳрҳои Искандария ва Суетс низ расидааст. Аз сари қудрат дур кардани Муборак барои мардуми ин кишвар танҳо қадами аввал дар роҳи пирӯзӣ буд, ҳоло инқилоби ҳақиқӣ дар пеш аст» [9].

Аммо баъди аз сари қудрат рафтани Муборак ва ба мансаби президентӣ нишастани намояндаи «ихвониҳо» вазъият дар Миср ором нашуд, баръакс ҳамонгунае, ки буд боз тазоҳурот идома дорад. Агар ба навиштаи рӯзноманигор «Аз сари қудрат дур кардани Муборак барои мардуми Миср қадами аввал дар роҳи пирӯзӣ» бошад ва ба сари қудрат омадани Муҳаммад Мурсӣ пирӯзии дувум бошад, пас ин «пирӯзиҳо» дар оянда ба мардуми оди боз чӣ мушкилиҳоро пеш меоварда бошад.

Дар болотар қайд намудем, ки хабари ду ҳафта қабл додаи сомонаи «Ozodi» хабари дигарашро инкор мекунад, аммо дар сомонаи дигар аз ин бадтарашро дидан мумкин аст, ки дар як хабарҷумлаи аввал ҷумлаи охирашро инкор мекунад. Сомонаи «www.lenta.ru» дар бораи ҳодисаҳое, ки дар Миср сар зада буд, чунин иттилоъ медиҳад: «Аз сабаби ҳодисоте, ки дар Қоҳира, дар майдони «Таҳрир» рух дод, Ҳукумати Миср, сарвазир ва аъзои он истеъфо доданд бо шиорҳои «Кишварамонро наҷот медиҳем» ба майдон баромадаанд. Соат ба соат сафи шӯришгарон зиёд шуда, истеъфои ҳукумат ва тамоми кормандони вазорати корҳои дохиларо талаб мекарданд» [6]. Дар аввали хабар дар бораи истеъфо додани ҳукумат ва сарвазир иттилоъ дода шудааст ва дар охир боз гуфта шудааст, ки шӯришгарон истеъфои ҳукуматро талаб доранд.

Дар истифодаи факт низ дар инъикоси воқеоти Миср сомонаҳо ба хато роҳ медиҳанд. Дар бораи баррасии навбатии суди Ҳусни Муборак тамоми расонаҳои ҷаҳон хабар доданд. Масалан агентии иттилоотии «Reuters» навиштааст: «Такрори суди Муборак ба моҳи июн гузошта шуд. Моҳи июни соли 2012 собиқ президенти Мисрро бо ҳукми даст доштан дар қатли 850 нафар иштирокчиёни ҳамоишҳои зидди ҳукуматӣ дар моҳи январи соли 2011 гунаҳгор мекунанад» [12]. Хабари мазкур дар бахши русии сомонаи BBC низ айнан ҳамингуна навишта шудаст.

Аммо агентии иттилоотии «Assocaitedpress» дар истифодаи факт каме муболиға кардааст: «Суд ҳукми гунаҳгор будани Ҳусни Муборакро дар ришваситонӣ рад кард, аммо ӯро бо гуноҳи даст доштан дар қатли 900 нафар иштирокчиёни тазоҳуроти зиддиҳукуматӣ дар моҳи январи соли 2011 гунаҳгор медонанд» [5]. Тибқи иттилои агентии Reuters, бахши русии BBC, ҳамчунин сомонаи «Газета.Ru» Муборакро бо даст доштан дар қатли 850 нафар тазоҳургарон гунаҳгор медонанд, аммо тибқи иттилоъи агентии Assocaitedpress ин рақам 50 нафар зиёд нишон дода шудааст.

Рӯзномаҳои мисрӣ низ дар ин бора иттилоъ додаанд, аммо дар бораи шумораи кушташудагон навишта нашудааст. Танҳо навишта шудааст, ки «Собиқ президент Ҳусни Муборакро бо гуноҳи даст доштан дар куштори тазоҳургарони инқилоби 25 январи соли 2011 гунаҳгор медонанд.»

Ба ҳамин монанд дар мавриди задухӯрде, ки ҳангоми футбол дар варзишгоҳи шаҳри Порт-Саид соли 2012 ба вуқӯъ омад, сомонаи Ozodi менависад: «Бархурд дар шаҳри Порт-Саид баъди он ба амал омад, ки Анҷумани футболи Миср дастаи «ал-Масрӣ»-ро ба ду соли оянда аз ҳаққи ширкат дар бозиҳои расмӣ маҳрум кард. Шоми якуми феврал дар варзишгоҳи шаҳри Порт-Саид, баъд аз бозӣ миёни дастаҳои «ал-Аҳалӣ» ва «ал-Масрӣ» бенизомиҳо рух доданд, ки дар натиҷа 74 нафар ба ҳалокат расид. Дар робита ба ҳаводиси рӯзи 2-юми феврал дар варзишгоҳи Порт-Саид 75 нафар, аз ҷумла 9 корманди полис ба додгоҳ кашида шуданд» [8].

Ҳамин хабарро сомонаи Wikipedia.ru чунин навиштааст: «Пас аз бетартибиҳое, ки ҳангоми футбол дар варзишгоҳи шаҳри Порт-Саиди Миср рух дод, се рӯзи мотам эълон шуд. Дар ин задухурд 70 нафар ҳалок шуда, қариб 1000 нафар маҷрӯҳ гардид, 47 нафарро ба додгоҳ кашиданд» [11].

Як воқеаро ҳар ду сомона ба таври худ навиштааст, аммо дар сомонаи Ozodi шумораи ҳалокшудагонро 74 нафар ва нафарони ба ҳабс гирифташударо 75 кас гуфтааст, аммо сомонаи «Wikipedia.ru» бошад, шумораи ҳалокшудагонро 70 нафар ва маҳбусшудагонро 47 нафар гуфтааст. Дар мавриди шумораи ҳалокшудагон, ки як сомона онро 70 ва дигаре 74 нафар гуфтааст, байни ду факт он қадар фарқи калон нест, аммо дар шумораи ба додгоҳ кашидашудагон аз 47 то 75 хеле фарқи зиёд аст.

Дар тамоми қазияҳое, ки дар кишварҳои гуногун мегузаранд, васоити ахбори омма нақши муайяне доранд. Ҳангоми сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишваре ё

ҳуҷуми абарқудрате ба кишвари дигар ва ё ба кӯчаҳо баромада зидди ҳукумат баромад кардани гурӯҳе дар он ҷо журналистон ҷамъ мешаванд ва ҳар кадоме кӯшиш мекунад, ки иттилои тозаеро дастрас кунад. Аммо на ҳамеша ба мардум иттилои воқеӣ ва беғараз пешниҳод мешавад.

Давлатҳои бузург ахборро аз тамомиҷаҳон ҷамъ намуда, онро аз диду назари худ боз ба тамоми олам паҳн мекунанд. Давлатҳо барои амалӣ гардидани сиёсати худ аз ВАО истифода менамоянд. Иттилоъ дар бораи таҳаввулоти сиёсии Миср дар расонаҳои хориҷӣ якранг нест. Ҳар кадом расона иттилоъро дар ин бора ба манфиати редаксия, ба манфиатҳои давлати худ мувофиқ пешниҳод мекард. Аз таҳлили хабару гузоришҳо дар ВАО-и хориҷа дар бораи таҳаввулоти сиёсии Миср ба хулосае омадан мумкин аст, ки аксарияти васоити ахбори оммаи хориҷӣ дар бораи воқеоти Миср иттилои дурустро ба аудитория пешниҳод намекарданд. Яке онро аз будаш даҳчанд зиёд нишон медоду дигаре камтар.

А Д А Б И Ё Т

1.Муқимов Ҷ. Сиёсат ва чанги иттилоотӣ: монография /Ҷ. Муқимов.– Душанбе: Деваштич, 2006.– 71 с.
2. Усмонов И. Журналистика. Қ. 3: дастури таълимӣ / И. Усмонов.– Душанбе:Мега–Принт,2008.– 400с.
3.Фихтелиус Э.Даҳқоидаи журналистика: монография. –Душанбе:МЕГА-БАСИН, 2010.–136 с.
4. [Захираи электроникӣ]. www.Al-Ahram.org.eg. (Реҷаи дастрасӣ: 20 сентябр, 2011).
5. [Захираи электроникӣ]. www.Assocated press .com. (Реҷаи дастрасӣ: 20 апрел, 2013).
6. [Захираи электроникӣ]. www.lenta.ru. (Реҷаи дастрасӣ: 10 феврал, 2011).
7. [Захираи электроникӣ]. http://egy-by-stella.com. (Реҷаи дастрасӣ: 12 феврал, 2011).
8. [Захираи электроникӣ]. www.Ozodi.org.tj. (Реҷаи дастрасӣ: 11 феврал, 2011-2011).
9. [Захираи электроникӣ]. www.The New York Times. (Реҷаи дастрасӣ: 21 ноябр, 2011).
10. [Захираи электроникӣ]. htt://vesti7.ru. (Реҷаи дастрасӣ: 18 март,2012).
11. [Захираи электроникӣ]. www.wikipeda.ru. (Реҷаи дастрасӣ:2. феврал, 2012.
12. [Захираи электроникӣ]. www.Reuters. (Реҷаи дастрасӣ: 11 май, 2013).
13.BBC в России.–2 феврал. 2011

ОСВЕЩЕНИЕ РЕВОЛЮЦИИ ЕГИПТА В ИНОСТРАННЫХ СМИ

В данной статье расмотрено освещение конфликтной политической обстановки Египта в иностранных средствах массовой информации, взгляд иностранных средств массовой информации на конфликт Египта. В данной статье подобраны примеры использования иностранными средствами массовой информации в своих освещениях целенаправленной, интригуюушей и дестабилизирующей информации.

Ключевые слова: политическая ситуация, корреспондент, иностранные СМИ, политическая система, цель.

LIGHTING REVOLUTION EGYPT IN FOREING MEDIA

This article describes the siuation of political conflict in Egypt regardaing the use of foreing mass media. It present the views of foreing mass media on the conflict. The article states example of Egypts manipulation of foreing mass media information to achive own golds.

Key words: political situation, correspondent, foreign mass media, the political system, the goal.

Сведения об авторе: ***Исмоилова Фарзона*** - аспирантка Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 93-524-24-02, (+992) 98-599-52-46.** Электроная почта: **farzibonu @mail.ru.**

М У Н Д А Р И Ҷ А - С О Д Е Р Ж А Н И Е

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ИЗУЧЕНИЕ РУССКОГО ЯЗЫКА ДЛЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ СОВМЕСТНЫХ ПРОЕКТОВ В СФЕРЕ ВЫСОКИХ ТЕХНОЛОГИЙ. ОПЫТ ТОМСКОГО НАУЧНО-ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО КОМПЛЕКСА И ПЕРСПЕКТИВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СОЛИДАРНОГО ПОТЕНЦИАЛА ДЛЯ РАЗВИТИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКО-ИРАНСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА
А.С.Ксенц, А.С.Дереникьян *3*

ИЗУЧЕНИЕ КАТЕГОРИИ РОДА ИМЁН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ РУССКОГО ЯЗЫКА В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ СТУДЕНТОВ - ТАДЖИКОВ НА ПОДГОТОВИТЕЛЬНЫХ ОТДЕЛЕНИЯХ
И.И.Гадалина, Х.Э. Исмаилова *7*

МАХСУСИЯТҲОИ ЗАБОНИ ШЕЪР
М. Саломов *10*

К ВОПРОСУ О КОМПРЕССИИ В ПОДЪЯЗЫКЕ КОМПЬЮТЕРНОЙ ИНФОРМАТИКИ
М. Бекмурадов *13*

РОЛЬ ЗАИМСТВОВАНИЙ В ФОРМИРОВАНИИ ФОНДА ЛЕКСИКИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА
К.Ш.Турахасанов *17*

НАЗАРИ ЗАБОНШИНОСОНИ РУСИЯВУ АВРУПО ДОИР БА ЗАБОНИ АДАБӢ
Г.Х. Шукуров *21*

УПОТРЕБЛЕНИЕ ПРЕДЛОГОВ В НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКЕ
З.И. Замонов *23*

ПОНЯТИЕ ЛИНГВИСТИКИ ТЕКСТА И ПРЕДМЕТ ЕЕ ИЗУЧЕНИЯ
С. Д.Алламуродова *26*

МУХОТАБИ БАВОСИТА ДАР ИФОДАИ МУНОСИБАТИ СУБЪЕКТИВӢ
Б. Ш. Бобоҷонова *29*

О ПАРАЛЛЕЛЬНОЙ СВЯЗИ МЕЖДУ ПРЕДЛОЖЕНИЯМИ
А. Д. Туйчиева *33*

КОНЦЕПЦИЯ ТЕМПОРАЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ
М.А. Абдувохидова *36*

О ДВУХ ЗНАЧЕНИЯХ ПРИТЯЖАТЕЛЬНОГО ПАДЕЖА АНГЛИЙСКИХ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ И ИХ ТАДЖИКСКИЕ СООТВЕТСТВИЯ
С.О.Ходжаева *39*

ВИДЫ ЗАНЯТИЙ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ В НАЧАЛЬНОЙ ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ
З. А. Абишова *42*

УСУЛҲОИ КОРБУРДИ МУРОДИФОТИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АСАРҲОИ АБДУЛҲАМИД САМАД
Нуралӣ Саидов *46*

ПОЭТОНИМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ НОМИ ПЕРСОНАЖҲОИ АСОТИРӢ ДАР *«ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ*
Сомон Қурбонмамадов *49*

БАЛОҒАТУ ФАСОҲАТИ СУХАН ДАР ТАСВИРИ ҲУСНУ ҶАМОЛ ВА ЛАТОФАТУ МАЛОҲАТИ ЗАН ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ
Г. Сафарова *52*

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГЛАГОЛОВ С ЯДЕРНОЙ СЕМЕМОЙ «ПРЕДСТАВЛЯТЬ» В РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
Ф. Давлатов *59*

ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАКУНАНДАИ БАЪЗЕ КАТЕГОРИЯҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР «СИЁСАТНОМА»-И НИЗОМУЛМУЛК
Ш.И. Ҳаитова *62*

ОНОМАСТИКАИ ТОҶИК - ҶАВОНТАРИН БАХШИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК
А.А. Нуров *66*

ПАРЕМИОЛОГИЯ КОНЦЕПТА «УМ» И «ГЛУПОСТЬ» В РУССКОЙ И КИТАЙСКОЙ КУЛЬТУРЕ
М.Дж. Мамедова *69*

ИДИОМАҲО БО УНСУРҲОИ СОМАТИКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФРАНСАВӢ
Фарзона Улфатшоева *72*

ВИЖАГИҲОИ МАФЪУЛ ДАР “КАЛИЛА ВА ДИМНА”
Ҷаъфари Рӯдсаробӣ *76*

ТАЪРИХ ВА ҲУВВИЯТИ МИЛЛИИ ЛУРҲОИ ЭРОН
Карами Алиризоӣ *79*

БАРРАСИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР АШЪОРИ НОДИРИ НОДИРПУР
Хадича Меҳдизода Номӣ *81*

КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИ ТАҲСИЛОТ
О.М. Қозихонова *85*

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВИИ ҚАСОИДИ АҲМАДИ УНСУРӢ
Истадой Гулова *88*

БАРРАСИИ СОХТВОЖАҲОИ ТАСРИФИИ ҚАЙД ДАР ГӮЙИШИ СИИСТОН ВА ТАТБИҚИ ОН БО ЗАБОНИ ФОРСИИ ЭРОН ВА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
Аббос Тирафкан *92*

ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ-ИСТОРИЗМЫ С ЛИНГВОКУЛЬТУРНЫМ КОМПОНЕНТОМ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ
М.Рахимов *96*

ПОВТОР КАК СРЕДСТВО УСИЛЕНИЯ ВЫРАЗИТЕЛЬНОСТИ РЕЧИ (*на материале таджикской художественной поэзии и прозы*)
Бекташ Локман *98*

ҚАБАТҲОИ ЗАБОНИИ ПОЭТОНИМИЯИ «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ (ҚАБАТИ ЭРОНӢ)
Сомон Қурбонмамадов 102

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ИШҚИ ИЛОҲӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИРСАЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ
К.Қодиров 109

ҚАСИДА ВА МАҚОМИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ АМИР ХУСРАВ
Р.Тагоймуродов 114

ҶОЙГОҲИ АДАБИЁТИ ИСМОИЛӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ В.А. ИВАНОВ
Ҳоким Қаландаров 120

НАҒМАИ АСБОБҲОИ МУСИҚӢ ДАР ДОСТОНҲОИ ИШҚИИ РОМАНТИКИИ АДАБИЁТИ АСРИ XV
С.Маҳкамов 126

ХУСУСИЯТҲОИ АДАБӢ ВА ТАСНИФИ ОЯТҲО ДАР «ТАЪРИХНОМАИ ТАБАРӢ»
Ф. Б. Бобоев 130

АҲАМИЯТИ ПЕДАГОГИИ РОМАНҲОИ ТАЪРИХӢ
Замирахон Ӯлмасова 136

МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҚИССАИ «ШОҲИИ ЯПОН»-И ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ
Зебуннисо Ёрова 140

МАВҚЕИ РУБОӢ ВА БАЙТ ДАР ҶАШНИ АРӮСИИ ТОҶИКОНИ ВОДИИ ҲИСОР
Рустам Ҷумъаев 147

МАҲКУМИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР НАЗМИ СОЛҲОИ 90-УМИ ТОҶИК
Д. Ҳ. Қулов 151

АВЗОНИ ҒАЗАЛИЁТИ ҶАМОЛУДДИНИ ИСФАҲОНӢ
Н.А. Ширинов 157

САРШОРИ ЗИНДАГӢ
З.П. Иноятова 160

СОХТ ВА МУНДАРИҶАИ «АЛ- ФЕҲРИСТ»-И ИБН АН-НАДИМ
Меҳровар Раҳмонов 164

МАХСУСИЯТИ НАСРИ ФОРСИИ ДАРӢ ДАР АВВАЛИ ҚАРНИ ХХ
Дино Мӯҳсинӣ 167

НИГОҲИ ФИРДАВСӢ БАР АДАДИ ДУВОЗДАҲ
Муҳаммад Юнуси Тугёни Сакоӣ 171

РАМЗИНАҲОИ ХАМРӢ ДАР РУБОИЁТИ МАВҶУД ДАР ОСОРИ АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ
Муҳаммадризо Ризаиян 174

ҶОЙГОҲИ ҚОФИЯ ВА РАДИФ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ТУҒРАЛ
А.А. Шоев 183

ТАВОРУД, ИҚТИБОС ВА МАФОҲИМИ МАРБУТ БА ОН
Салоҳиддин Ҷомӣ *187*

ИШҚ ВА ТАОЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ НАЗАРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИН РУМӢ
Муҳаммад Ҷаъфари Шариатмадорӣ *195*

УБАЙД РАҶАБ – ШОИРИ ЛИРИК
Ф. Ҳусейнзода *200*

СИМОИ ПАЁМБАРОН ДАР ДЕВОНИ ШОҲ НЕЪМАТУЛЛОҲИ ВАЛӢ
Ҳабиб Ҷадид ал-Исломӣ *205*

ЗИДҚАҲРАМОНҲО ДАР «ШОҲНОМА» ВА МАНЗУМАҲОИ ПАҲЛАВОНИИ ЭРОН
Муҳаммадризо Мирӣ *211*

МАРГ ДАР АДАБИЁТИ ҒАНОӢ БО ТАВАҶҶУҲ БА ОСОРИ СОДИҚИ ҲИДОЯТ
Маъсума Сомонӣ *215*

ШЕЪРИ МИЛЛАТГАРО ВА ДИФОЪҲОИ ХУДШИНОСИЮ ХУДШИКАНИИ ЛОИҚ
М.С.Назарова *219*

ВОСИФИ БОХТАРӢ - ҒАЗАЛСАРОИ ПЕШГОМИ ШЕЪРИ ФОРСИИ АФҒОНИСТОН
Холида Фурӯг *223*

АЗ ТАЪРИХИ ТАРҶУМАИ ОСОРИ ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
З.П.Бобоалиева *227*

ШАХСИЯТИ ИҶТИМОИИ ЗАН ДАР ҚИССАҲОИ ҶАЛОЛ ИКРОМӢ
Н.Шоева *231*

НАЗАРЕ БА ВИЖАГИҲОИ АШЪОРИ АРАБИИ ХОҚОНӢ
М. Б. Шарифова *236*

НАЗАРИ АДАБИЁТШИНОСӢ БА ОСОРИ К. МИРЗО
Рисолат Зоирова *243*

ҶИЛВАҲОЕ АЗ УСТУРА ДАР АШЪОРИ МУҲАММАДРИЗО ШАФЕИИ КАДКАНӢ (М. СИРИШК)
А. Имомов *246*

ТАЗКИРАИ “МАЙХОНА” -И АБДУННАБИИ ФАХРУЗЗАМОНИИ ҚАЗВИНӢ ВА СОХТОРИ ОН
Ш. Р. Шарипов *249*

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ТАЪСИРИ НАБАРДҲОИ ИТТИЛООТӢ БА АФКОРИ ФИРОРИЁНИ ИҶБОРӢ
Саидмуроди Хоҷазод *255*

ҶУСТУҶӮИ ЭҶОДӢ ДАР САНЪАТИ СИНАМОИ ПАС АЗ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК
Д. Бобоев *259*

МАВҚЕИ МУҚОБИЛГУЗОРИҲО ДАР САРЛАВҲАҲОИ МАТБУОТӢ

А.Ҷ. Сангов, Ҳ.О. Сафаров …… *262*

ЧАШМАНДОЗЕ БА МАТБУОТИ ФОРСИЗАБОНИ ҚАФҚОЗ
(охири асри 19 ва ибтидои садаи 20)
Меҳрии Рафъатӣ …… *265*

ҶОЙГОҲИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР
МАТБУОТИ ЛУРИСТОН
Рустами Киёнуш …….. *270*

ЭЪТИМОД БА АХБОРИ ШУЪБАИ ФОРСИИ РАДИО
ВА ТЕЛЕВИЗИОНИ BBC ДАР ТОҶИКИСТОН
Муҳсин Ризоӣ …….. *281*

ЯК ПРОБЛЕМА АЗ ДУ НИГОҲИ ЖУРНАЛИСТӢ
Барно Соҳибова …… *286*

МЕСТО РУССКОЯЗЫЧНОЙ ПРЕССЫ В СИСТЕМЕ СМИ ТАДЖИКИСТАНА
И.Х. Хужаназарова …… *289*

ИНЪИКОСИ ВОҚЕОТИ СИЁСИИ МИСР ДАР ВАО-И ХОРИҶӢ
Фарзона Исмоилова …… *292*

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Масъули чоп: **М. Ибодова**
Масъули бахш**: Г. Зоғакова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **И. Ҳакимова,**
М.Манонова

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии Филология: **Г. Зогакова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, И. Хакимова**
М.Манонова

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj